МУҲАҚҚИҚИ ҶАВОН ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

2019. №1

МОЛОДОЙ ИССЛЕДОВАТЕЛЬ ТАДЖИКСКИЙ НАЦИОНАЛЬНЫЙ УНИВЕРСИТЕТ

2019. №1.

YOUNG RESEARCHER TAJIK NATIONAL UNIVERSITY

2019. No 1.

МАРКАЗИ ТАБЪУ НАШР, БАРГАРДОН ВА ТАРҶУМА
ДУШАНБЕ – 2019

ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
МАҶАЛЛАИ ИЛМИИ «МУҲАҚҚИҚИ ҶАВОН»
Муассиси маҷалла:
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Маҷалла соли 2019 таъсис дода шудааст.
Дар як сол 6 шумора нашр мегардад.

САРМУҲАРРИР:

Хушвахтзода Кобилҷон Хушвахт	*Доктори илмҳои иқтисодӣ,, ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:

Сафармамадов Сафармамад Муборакшоевич	*Доктори илмҳои химия, профессор, муовини ректор оид ба илми Донишгоҳи миллии Точикистон*

МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:

Исмонов Кароматулло Бадридинович	*Номзади илмҳои филологӣ, дотсент, директори Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷумаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ

Шерматов Нурмаҳмад	*Доктори илмҳои техникӣ, профессор*
Солиҳов Давлат Қуватович	*Доктори илмҳои физикаю математика, профессор*
Сатторов Абдуманон	*Доктори илмҳои физикаю математика, профессор*
Файзуллоев Эркин Фатхуллоевич	*Нолмзади илмҳои химия, дотсент декани факултети химия*
Валиев Шариф Файзуллоевич	*Доктори илмҳои геологӣ-минералогӣ, и.в. профессор, декани факултети геологии ДМТ*
Расулиён Қаҳҳор	*Доктори илмҳои таърих, профессор*
Кучаров Аламхон	*Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, узви вобастаи АИ ҶТ*
Дӯстов Ҳамрохон Ҷумаевич	*Номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи забони адабии муосири тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*
Нағзибекова Меҳриниссо Бозоровна	*Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забоншиносии умумӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*
Муродов Мурод	*Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи матбуоти ДМТ*
Низомова Туҳфамо Давлатовна	*Доктори илмҳои иқтисодӣ,профессор*
Одинаев Фурқат Фарҳодович	*Номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент*
Сотиволдиев Рустам Шарофович	*Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор*
Сафарализода Хучамурод Қуддус	*Номзади илмҳои сиёсатшиносӣ, дотсенти кафедраи сиёсатшиносӣ*
Рачабов Имомиддин Ширинович	*Номзади илмҳои сиёсатшиносӣ, дотсенти кафедраи сиёсатшиносӣ*
НуриддиновРаймалихон Шаҳбозович	*Доктори илмҳои сиёсӣ, профессор*
Шарипов Фаридун Файзуллоевич	*Доктори илмҳои педагогӣ, дотсент*
Устоев Мирзо Бобочонович	*Доктори илмҳои биологӣ профессори кафедраи физиологияи одам ва ҳайвонҳо, факултети биологияи ДМТ*

Маҷалла дар Маркази табъу нашр, баргардон
ва тарҷумаи ДМТ барои нашр таҳия мегардад.
Нишонии Марказ:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
E-mail: molodoy.issledovatel@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41
ДМТ, 2019©

ТАДЖИКСКИЙ НАЦИОНАЛЬНЫЙ УНИВЕРСИТЕТ
НАУЧНЫЙ ЖУРНАЛ «МОЛОДОЙ ИССЛЕДОВАТЕЛЬ»
Учредитель журнала:
Таджикский национальный университет
Журнал основан в 2019 г. Издается 6 раз в год.

ГЛАВНЫЙ РЕДАКТОР ЖУРНАЛА:

Хушвахтзода Кобилджон Хушвахт	*Доктор экономических наук, ректор Таджикского национального университета (Душанбе, Таджикистан)*

ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:

Сафармамадов Сафармамад Муборакшоевич	*Доктор химических наук, профессор, проректор по науке Таджикского национального университета (Душанбе, Таджикистан)*

ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:

Исмонов Карорматулло Бадридинович	*Кандидат филологических наук, доцент, директор Издательского центра Таджикского национального университета*

РЕДАКЦИОННАЯ КОЛЛЕГИЯ:

Шерматов Нурмахмад	*Доктор технических наук, профессор*
Солихов Давлат Кувватович	*Доктор физико-математических наук, профессор*
Сатторов Абдуманнон	*Доктор физико-математических наук, профессор*
Валиев Шариф Нарзуллоевич	*Доктор геолого-минералогических наук, и.о.профессора*
Расулиён Ка́ххор	*Доктор исторических наук, профессор*
Кучаров Аламхон	*Доктор филологических наук, профессор*
Дустов Хамрохон Джумаевич	*Кандидат филологических наук, доцент*
Муродов Мурод	*Доктор филологических наук, профессор*
Нагзибекова Мехриниссо Бозоровна	*Доктор филологических наук, профессор*
Абдусатторов Абдушукур	*Доктор филологических наук, профессор*
Одинаев Фуркат Фарходович	*Кандидат экономических наук, доцент*
Сотиволдиев Рустам Шарофович	*Доктор юридических наук, профессор*
Сафарзода Бахтовар Амирали	*Доктор юридических наук, профессор*
Раджабов Имомиддин Ширинович	*Кандидат политических наук, доцент кафедры политологии*
Сафарализода Хучамурод Куддус	*Кандидат политических наук, доцент кафедры политологии*
Нуриддинов Раймалихон Шахбозович	*Доктор политических наук, профессор*
Шарипов Фаридун Файзуллоевич	*Доктор педагогических наук, доцент*
Устоев Мирзо Бободжонович	*Доктор биологических наук,*

Адрес Издательского центра:
734025, Республика Таджикистан,
г.Душанбе, проспект Рудаки, 17.
E-mail: molodoy.issledovatel@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41

© ТНУ, 2019

TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
SCIENTIFIC JOURNAL "YOUNG RESEARCHER"
Founder of journal:
TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
The magazine was founded in 2019. It is published 6 times a year.

CHIEF EDITOR:

Khushvaqtzoda Qobiljon Khushvaqt	*Doctor of Economics, Rector of the Tajik National University (Dushanbe, Tajikistan)*

DEPUTY CHIEF EDITOR:

Safarmamadov Safarmamad Muborakshoevich	*Doctor of Chemical Sciences, Professor, Vice-Rector for Science of the Tajik National University*

DEPUTY CHIEF EDITOR:

Ismonov Karomatullo Badridinovich	*Candidate of philological sciences, associate professor, director of the Publishing Center of the Tajik National University*

EDITORIAL BOARD:

Shermatov Nurmahmad	*Doctor of technical sciences,* Professor
Solihov Davlat Quvatovich	*Doctor of physical and mathematical sciences*
Sattorov Abdumannon	*Doctor of physical and mathematical sciences*
Fayzulloev Erkin Fathulloevich	*Candidate of chemical sciences, dean of the chemical faculty*
Valiev Sharif Fayzulloevich	*Doctor of geological and mineralogical sciences, Professor*
Rasuliyon Qahhor	*Doctor of historical Sciences, Professor*
Kucharov Alamkhon	*Doctor of Philology, Professor of the Department of Theory and New Persian-Tajik Literature of the Tajik National University*
Dustov Hamrokhon Dzhumaevich	*Candidate of philological sciences,*
Saidov Khalimdzhon Azizovich	*Doctor of Philology, Professor of the Department of English Language of the Tajik National University*
Murodov Murod	*Doctor of Philology, Professor of the Department of Printing of the Tajik National University*
Nagzibekova Mekhrinisso Bozorovna	*Doctor of Philology, Professor of the Department of General Linguistics and Comparative Typology of the Tajik National University*
Nizomova Tuhfamo Davlatovna	*Doctor of Economics, Professor*
Odinaev Furqar Farhodovich	*Candidate of Economics, assistant professor*
Safaralizoda Khudzhamurod Kuddusi	*Candidate of Politics, assistant professor of the department of the political science*
Sotivoldiev Rustam Sharofovich	*Doctor of law, Professor*
Safarzoda Bakhtovar Amirali	*Doctor of law, Professor*
Rajabov Imomiddin Shirinovich	*Candidate of Politics, assistant professor of the department of the political science*
Nuriddinov Raymalikhon Shahbozovich	*Doctor of politics, Professor*
Sharipov Faridun Fayzulloevich	*Doctor of pedagogical sciences, Professor*
Ustoev Mirzo Bobojonovich	*Doctor of Biological sciences, Professor*

Address of the Publishing center:
734025, Republic of Tajikistan,
Rudaki Avenue, 17. Dushanbe.
E-mail: ***molodoy.issledovatel@mail.ru***
Phone: (+992 37) 227-74-41
© TNU, 2019

ТАЪРИХ ВА АРХЕОЛОГИЯ – ИСТОРИЯ И АРХЕОЛОГИЯ – HISTORY AND ARCHAEOLOGY

УДК 327.7

САҲИФАҲОИ МУҲИМ ДАР РАВОБИТИ РОССИЯ ВА ТОҶИКИСТОН ДАР САМТИ МАОРИФ (СС.1991-2017)

Назаров Б., Мунавварова Т.З.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

Ибтидои солҳои 90-уми қарни XX бо сабаби буҳрони амиқи сиёсӣ, ки Ҷумҳурии Тоҷикистонро фаро гирифта буд, тамоми соҳаҳои хоҷагии халқи кишвар - иқтисодиёт, илм, маориф, фарҳанг ва дигар сохторҳо ба шароити мушкил ру ба рӯ гардиданд. Дар ҷараёни ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992-1997 бисёре аз биноҳои мактаб ба нестӣ рафта, молу ашёи онҳо ғорат карда мешуданд, ки ин боиси аз фаъолият бозмондани мактабҳои кишвар гардид. Танҳо системаи маорифи минтақаҳои шимолии ҷумҳурӣ аз ин гирдоби хароб ва таҳмили қисман эмин буданд.

Кишвари мустақили Тоҷикистонро интихоби конституцсионӣ, демократӣ ва тағйироти сохторӣ лозим омада буд. Дар шароити нави таърихӣ баъд аз ба охир расидани ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон қарори сиёсӣ таълимии он, ки дар оянда бояд ба ташаккули низоми нави сиёсӣ оид ба тарзи фикрронии хонандагон ва донишҷӯён дар асоси дониши илмии ҷаҳонӣ, мусоидат карда мешуд, қабул карда шуд.

Дар самтҳои ҳаётан муҳим барои Тоҷикистони навистиқлол муносибатҳо миёни кишварҳои ҷаҳон ба миён омаданд, ки дар ин росто метавон муносибатҳои шарикии стратегии Тоҷикистонро бо Федератсияи Русия ёдоварӣ намоем. Барои беҳтар намудани соҳаи маориф, низ Ҷумҳурии Тоҷикистон бо бисёр кишварҳои ҷаҳон қарордодҳо ба имзо расонид.

Имрӯз соҳаи маориф ба яке аз самтҳои ояндадори сиёсати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта рушди робитаҳои илмию гуманитарӣ бо Русия бошад яке аз ҷанбаҳои муҳимми сиёсати маорифпарваронаи роҳбарони ин ду кишварро дар бар мегирад.

Асосҳои ҳуқуқии муносибатҳои байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россияро дар соҳаи маориф як қатор созишномаҳо ва шартномаҳои байни ҳукуматӣ ташкил медиҳанд, ки иборат аст: Ҳамкории илмиву техникӣ (аз 25-уми майи соли 1993); Ҳамкориҳо дар соҳаи фарҳанг, илм, маориф, тандурустӣ, иттилоот, варзиш ва сайёҳӣ (аз 19-уми сентябри соли 1995); Таъсис ва фаъолияти Донишгоҳи (славянӣ) Россия-Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе (10-уми июни соли 1997); Созишномаи оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи маориф (аз 18-уми марти соли 1997); Барномаи ҳамкориҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Русия дар соҳаи гуманитарӣ барои солҳои 1999-2002; Созишнома дар бораи шароити таҳсилоти умумии миёна (аз 4-уми апрели соли 2007), ташкил ва фаъолияти Маркази тадқиқоти байналмилалии Помир-Чакалтай (29-уми августи соли 2008) ва ғ мебошанд [1, с 15,39,41].

Ҳуҷҷатҳои асосӣ созишномаҳо дар бораи “Дӯстӣ, ҳамкорӣ ва кӯмаки мутақобила байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Русия” (25-уми майи соли 1993) ва “Дар бораи Ҳамкории муттафиқин миёни Тоҷикистон ва Русия нигаронида ба асри XXI” (16-уми апрели соли 1999) ва ғайраро дар бар мегиранд.

Дар моддаи 11-уми қарордоди зикршуда (16-уми апрели соли 1999) гуфта мешавад, ки ҳар ду кишвар дар системаи маорифи миллӣ рӯҳбаланд бо ҳифзи фосилаи таълимӣ ва ақлонӣ умумӣ, аз ҷумла тавассути рушди барномаҳои омӯзишии

муштарак барои донишҷӯён ва хонандагон, тарбия ва бозомӯзии ҳуҷҷатҳо дар соҳаи маориф ва расидан ба рутбаҳои илмӣ ва унвонҳо, мусоидат хоҳанд кард [2].

Яке аз самтҳои афзалиятнок дар равобити миёни ду кишвар дар соҳаи маориф, ин ташкили донишгоҳҳо дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Русия мебошад. Муфассалтар, мехоҳем Донишгоҳи Славянии Русияву Тоҷикистон дар шаҳри Душанберо зикр намоем, ки 14-уми сентябри соли 1996 ифтитоҳ шуд, дар маросими ифтитоҳияи он Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зикр намуданд ки: *"Донишгоҳ танҳо маркази бузурги таълимоти илм нахоҳад буд, балки барои баланд бардоштани муносибатҳои фарҳангии байнихалқҳо дар сатҳи баланд, ва барои рушди нишондиҳандаҳои эҷодӣ, илмӣ ва фарҳангии Федератсияи Русияву Ҷумҳурии Тоҷикистонро низ таъмин менамояд".*

Донишгоҳи Славянӣ бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №141 аз 05.04.1996с таъсис дода шудааст ва ин қарор таҳти №604-аз 17.05.1997 дар бораи ташаккул ва татбиқи Донишгоҳи (славянии) Русия-Тоҷикистон қабул карда шуд [3].

Мақсади асосии ташкили Донишгоҳи (славянии) Россия-Тоҷикистон бо зарурати омӯзонидани мутахассисони соҳибихтисос барои соҳаҳои иҷтимоию иқтисодии Тоҷикистон, равона шуда буд. Дар «Созишномаи ҳамкории миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Русия, ки дар асри XXI равона шуда буд», моддаи 11-уми он изҳор медорад, ки барои дастгирии фаъолияти Донишгоҳи (славянии) Русия-Тоҷикистон дар Душанбе, аҳамияти махсус дода мешавад [4].

Мувофиқи моддаи 2-уми созишномаи байни Ҳукумати Русия ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи шартҳои таъсис ва фаъолияти Донишгоҳи (славянии) Руссия-Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе", 10 июли соли 1997 вазифаҳои асосии ин донишгоҳ оварда шуда буданд ки ба таври зайл аст:

1) омӯзиш, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси кормандони муассисаҳои олии таълимӣ ва кормандони илмию педагогии тахассусии олӣ;

2) мусоидат ба рушди захираҳои илмӣ ва кадрии ҳар ду кишвар;

3) истифодаи технологияҳои нав ва истифодаи таҷрибаи пешқадам дар соҳаи маориф ва илм дар Тоҷикистон ва Русия;

4) мусоидат намудан, нигоҳ доштан ва инкишофи мутақобилаи фарҳангҳо, забонҳо, анъанаҳои таърихӣ ва миллии халқҳои ҳар ду кишвар;

Тибқи таҳқиқоте ки гузаронида шуд назар афканем, ҳақиқтан ҳам ин донишгоҳ дар аввали солҳои душвори баъдиҷангӣ (ҷанги шаҳрвандӣ) аз паси мақсади худ гардида ба базаи илмии давлат кадрҳои баландихтисосро таёр намуда, равона кардааст.

Дигар аз саҳифае, ки дар ин замина дурахшон аст ин ифтитоҳ гаштани Филиали Донишгоҳи давлатии Москва дар Душанбе мебошад. Муфасаллтар роҷеъ ба таърихи филиали зикршуда, дар 24-уми феврал, соли 2009 ҳангоми сафари кории Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ба Русия дар музокироти сарони ду кишвар ба татбиқи амалии тавофуқоте, ки зимни сафари расмии Президенти Федератсияи Русия дар моҳи августи соли 2008 ба имзо расида буд, инчунин ҳолати кунунӣ ва дурнамои рушди тамоми маҷмӯи масъалаҳои дар муносибатҳои Тоҷикистону Русия, аз ҷумла сиёсӣ, иқтисодӣ, гуманитарӣ, низомии-техникии ҳарбӣ ва ғайра муҳокима гардиданд [5].

Роҳбарони ҳарду кишвар ҳавасмандии худро барои ифтитоҳи филиалҳои донишгоҳҳои Россия, аз ҷумла Донишгоҳи давлатии Маскава (МГУ) дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро низ иброз намуданд.

Мутобиқи нақшаи мазкур 14 сентябри соли 2009 кушодашавии филиали Донишгоҳи давлатии Москва дар Душанбе дар сатҳи баланди дӯсти баргузор гардид. Ва дере нагузашта дар 1-уми июли соли 2010 бо иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Эмомалӣ Раҳмон ва ректори Донишгоҳи давлатии Москва, В.

Садовничӣ бинои нав барои филиали мазкур кушода шуд. Филиали Донишгоҳи давлатии Москва, дар заминаи муносибатҳои Русия ва Тоҷикистон дар соҳаи маориф ва илм ба фаъолияти таълимии худ оғоз намуд.

Ҳангоми ифтитоҳи он Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон иброз намудаанд, ки: *"Саҳми Донишгоҳи давлатии Москва ба омӯзиши кормандони илмӣ, лабораторияҳои донишгоҳ ва марказҳои илмию тадқиқотӣ ин донишгоҳ бо ҳама чизҳои зарурӣ худ хеле муҳим ва айни замон беҳтарин аст. Илова бар ин, олимони Донишгоҳи давлатии Москва дар дигар донишгоҳҳои Тоҷикистон лексияҳои ҷолиби мароқовар мувофиқ ба илмҳои ҷаҳонӣ, механанд"* [6].

Инчунин дар ин замина метавон боз дигар донишгоҳҳо ва филиалҳои Русияро дар қаламрави кишвар зикр кард, ки ба базаи илмии кишвар кадрҳои баландихтисосро равона мегардонанд. Яке аз онҳо ин Донишкадаи энергетикии Москва (Донишгоҳи техникӣ) дар шаҳри Душанбе мебошад, ки дар таъмини кадр дар бозори илмӣ тоҷик нақши худро дорад. Боз метавон дар ин замина Филиали Донишгоҳи миллии тадқиқотӣ-технологии МИСиС-ро зикр кард, ки дар асоси фармони Президенти Тоҷикистон соли 2012 дар ш. Душанбе таъсис ёфтааст. Ин донишгоҳ барои рушди ҳамкориҳои дуҷонибаи Тоҷикистону Русия дар пешбурди соҳаи таҳсилоти олии касбӣ таъсис дода шудааст. Мақоми донишгоҳ мактаби олии касбӣ буда, дорои иҷозатномаҳои (литсензияҳои) давлатии Вазорати маориф ва илми Русия оид ба ҳуқуқи пешбурди фаъолияти таълимӣ дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ мебошад [7].

Дар марҳалаи ҳамкории Русия ва Тоҷикистон метавон дастгири Русия дар самти таъмин кардани адабиёти таълими ва бадеъи ба муасиссаҳои таълими кишвар зикр кард. Дар ин росто соли 2005, Сафорати Русия дар Тоҷикистон ба мактабҳо, донишгоҳҳо ва китобхонаҳои ҷумҳурӣ 59,3 ҳазор нусха адабиёти таълимӣ, методӣ ва бадеӣ таъмин намуд ки инро низ дастоварди ин соҳа мехонем. Аз оғози соли 2006, ҳазор нусхаи дигар адабиёти гуногунро ба муассисаҳои таълимии кишвар ирсол намуданд. Аз ҷумла 17 ҳазор китобҳо ва адабиётҳои дигар ба Консулгарии генералии Русия дар шаҳри Хуҷанди вилояти Суғд фиристода шуд. Соли 2002 дар нашрияи «Учебная литература»- и ш. Самара барои кӯдакон маҷмӯи афсонаҳои халқие, ки дар Тоҷикистон машҳуранд, аз ҷумла «Серебряный кувшин сказок», ба забони русӣ баргардонида шуда ба Вазорати маориф Ҷумҳурии Тоҷикистон чанд нусхаи онро тақдим намуданд, ки ин дар самти таъминоти адабиёти таълими ва бадеъи хеле муҳим мебошад [8].

Дигаре, аз самтҳои афзалиятноки ҳамкории ду кишвар дар соҳаи маориф ин таълими забони русӣ дар мактабҳои ҷумҳурӣ мебошад ва дар Конституцсияи (Сарқонуни) ҶТ, дар моддаи 2-уми он низ забони русиро ҳамчун забони муоширати байни миллатҳо эълон карда ва қабул кардааст.

Илова барин, дар ҳар як паём ва суханрониҳои худ, Пешвои миллат, Эмомалӣ Раҳмон зарурати омӯзиши забонҳои ватанӣ ва дигар забонҳои муоширати байнидавлатӣ, аз ҷумла русӣ ва англисиро таъкид мекунанд. Бо ин мақсад, Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷоя бо Маркази илми ва фарҳангии Русия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Сафорати Русия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, фаъолияти омӯзиши забони русиро дар ҷумҳурӣ давра ба давра анҷом дода ба анҷом расонида истодааст ва мавриди таваҷҷуҳи ҳамешагии роҳбарияти давлат ва ҳукумат қарор гирифтааст. Барои татбиқи ин 4-уми апрели соли 2003 Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудан, таҳия ва омӯзиши забони русӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 2-уми декабри соли 2003 барномаи амали гардонии фармони мазкур қабул карда шуд.

Бо дарназардошти он ки соли 2007 Соли байналмилалии "забони тоҷикӣ" дар Тоҷикистон эълон шуд, дар арафаи ин чорабинӣ як қатор чорабиниҳои фарҳангӣ-

илмӣ баргузор гардиданд. Шарикони асосӣ дар гузаронидани ин чорабиниҳо Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Донишгоҳи (Славянӣ) Россия-Тоҷикистон, Маркази илмии Русия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Шӯрои ҳамоҳангсозии Русия ва Ҷамъияти Пушкин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб мераванд.

Тақвияти мавқеи забони русӣ ва омӯзиши он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷаҳон тавассути таъсис додани Фонди Русия (аз 21-уми июни соли 2007) бо фармони Президенти Федератсияи Русия, ки лоиҳаи таъсиси шабакаи марказҳои Русияро бо номи «Русский мир» оғоз намуд, мусоидат менамояд. Пешниҳоди расмии фонд 3-уми ноябри соли 2007, гузаронида шуд [9]. Фаъолияти ин марказҳо барои ҳифзи фарогирӣ ва паҳн кардани забони русӣ ва фарҳангӣ рус равона шудааст.

Моҳи апрели соли 2008, директори барномаҳои ИДМ ва фонди «Русский мир», Максим Мейер ба Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ифтитоҳи марказҳои Русия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташриф оварданд.

Дар натиҷа марказҳои омӯзиши забони русӣ аз ҷониби фонди «Русский мир» бо номи "World Russia" дар як қатор донишгоҳҳои пойтахт кушода шуданд. Ба таври мисол, 10-уми июни соли 2008 дар шаҳри Душанбе ифтитоҳи аввалин маркази фонди «Русский мир» дар Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон баноми С. Улуғзода ва 18-уми сентябри ҳамон сол маркази он дар Донишгоҳи (Славянӣ) Россия-Тоҷикистон таъсис дода шуд. Моҳи октябри соли 2008 бошад дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ маркази сеюми Фонди «Русский мир» кушода шуд.[10]

Маркази бунёди фонди «Русский мир» на танҳо дар ҷумҳурӣ, балки дар кишварҳои ИДМ ва ҷаҳон низ фаъолият дорад. Ин фонд барои анҷом додани вазифаҳояш дар марказҳои худ дорои чунин имконот мебошад; аз ҷумла дорои адабиётҳои зиёди таълимию илмӣ, луғатҳо, адабиёти бачагона, барномаҳои таълимӣ, нашриёти ёррирасон (киноклассикӣ, китобҳои аудиоӣ, роҳнамоҳои омӯзиши электронӣ), барномаҳои таълимӣ, ки дар ҳаҷми калон бо забони русӣ пешниҳоди истифодабарандагон мегардад. Инчунин дорои як қатор имконоти дигар ба мисли, кор ба нақшаи марказҳои дигари «Русский мир»дар кишварҳои ИДМ ва иштирок дар намоишгоҳҳо, семинарҳо, мулоқотҳо, курсҳои забони русӣ ва ғайра мебошад.

Бояд қайд кард, ки фонди омӯзиши забони русӣ дар Тоҷикистон ҳадафаш на танҳо ҷалби забони русӣ, балки барои омӯзиши забони тоҷикӣ дар донишгоҳҳои Русия низ мусоидат менамояд. Дар ин замина шӯъбаи таърихи Институти тадқиқотии Осиё ва Африкои Донишгоҳи давлатии Москва (МГУ) дар соли 2009 як зумра донишҷӯёни курси 2-юм, ба мисли И. Рыскаль, Д.Еремеева, Д.Нафиков, Е.Соловьев ва ғайраро, барои омӯзиши забони тоҷики, ба сифати забонӣ хориҷӣ омӯзанд, ба роҳ гузошт.

Дар соҳаи маориф тарбияи ҷавонон ҳамеша яке аз ҷойҳои калиди мебошад. Дар ин замина бо ташаббуси сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Федератсияи Русия дар якҷоягӣ бо диаспораҳои Тоҷикистон дар Россия ба монанди «Осмон» дар Маскав мизи мудаввар дар мавзӯи «Национальные традиции Таджикистана и России как фактор воспитания молодежи», баргузор гардид [11]. Дар мизи мудаввар асосан аз ҷониби намояндагони диаспораҳои тоҷик, муаллимони тоҷик ва хатмкунандагони мактабҳои забони русӣ дар шаҳри Душанбе ва тоҷиконе, ки дар шаҳрҳо ва минтақаҳои Федератсияи Россия кору фаъолият доранд, иштирок намуданд, ки дар кори он мутахассисони муассисаҳои илмӣ ва таълимии Москва низ бо далелҳои ҷолиб ва андешаҳои хуб оиди зарурати беҳтар намудани тарбияи ҷавонон ба манфиатҳои ҳар ду кишвар суханронӣ намуданд.

Дар ин мулоқот, ки муносибатҳои дӯстона ва башардӯстонаи Тоҷикистону Русия ва имконияти истифодаи таҷрибаи мавҷуда дар тарбияи ҷавонон дар рӯҳияи

бародарӣ ва дӯстӣ иброзӣ андеша карда шуд, далели дӯстиву ҳамкориҳои васеи Тоҷикистону Русияро дар марҳалаи навин нишон медиҳад.

Дар ҳамкорӣ дар соҳаи таҳсилоти ду кишвар омӯзиши кадрҳо дар муассисаҳои олии таълимии Русия, расонидани кӯмаки таълимӣ ва методологии муассисаҳои таълимӣ дар Тоҷикистон низ ба назар мерасад.

Бо ин мақсад аз тарафи Сафорати Русия дар ҶТ, дар Донишгоҳи Славянии Русия ва Тоҷикистон курсҳои кӯтоҳмуддат барои такмили ихтисоси муаллимони забон ва адабиёти рус ташкил дода шуд. Соли 2006 бо дастгирии молиявии ҷониби Русия курсҳои соҳавӣ дар вилоятҳои Суғд ва Хатлон баргузор карда шуданд. Инчунин, лоиҳаи корҳои такмили ихтисос дар Вилояти Мухтори кӯҳии Бадахшон низ ин лоиҳа амали гашт..

Тавре сомонаи расмии Вазорати Маориф намунаи дигаре, аз ин ҳамкориҳоро зикр намуда қайд менамояд, ки дар соли 2017 Донишкадаи такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф бо 8 донишгоҳи олию, муассисаҳои такмили ихтисоси Россия шартномаҳои ҳамкорӣ дар бахши такмили ихтисос ва тайёр кардани кадрҳо, ба имзо расониданд [12].

Ҳамзамон вазири корҳои хориҷии Россия Сергей Лавров дар сафари корӣ ба Тоҷикистон дар соли ҷорӣ қайд намуданд, ки; “Ҳоло таввҷуҳи бештар ба таҳсилоти миёна ба забони русӣ зоҳир мегардад. Дар заминаи созишномаи роҳбарони ин ду кишвар дар Тоҷикистон беш аз 50 нафар муаллимони забони русӣ, физика, химия, математика, биология ва информатика дар Тоҷикистон фаъолият карда истодаанд ва ба пешрафти низоми таълимии Тоҷикистон дар асоси меъёрҳои Россия кӯмак мерасонанд [13].

Агар ба паҳлуҳо муфиди дигаре аз ҳамкориҳо миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия назар афканем, имрӯзҳо ҷавонони тоҷик дар зинаҳои гуногуни таҳсил, аз ҷумла донишҷӯён, аспирантҳо ва докторантҳо дар донишгоҳҳои гуногуни шаҳрҳои Россия ба мисли Москва, Санкт-Петербург, Воронеж, Владимир, Тула ва ғайра таҳсили илм карда истодаанд. Муфасаллтар дар ин бора метавон, аз суханронии Пешвои миллат, Эмомали Раҳмон дар кушодашавии бинои нави Донишгоҳи (славянӣ) Русияву Тоҷикистон иқтибос овард, ки ба таври зайл аст: “Ҷавонони Тоҷикистон ҳамасола барои таҳсил ба Русия фиристода мешаванд, имрӯз дар макотиби олии Русия беш аз бист ҳазор шаҳрвандони мо, аз ҷумла понздаҳ ҳазор дар асоси квота таҳсил мекунанд” [14].

Барои дастгирӣ ва ҳамгироии ҷавонон ва донишҷӯён аз Ҷумҳурии Тоҷикистон воқеъ дар Федератсияи Россия бо ташаббуси Иттиҳоди Русия ва Тоҷикистон соли 2009 “Кумитаи донишҷӯён ва ҷавонон” таъсис дода шудааст. Мақсад ва вазифаи ин кумита муттаҳид намудани тамоми донишҷӯёни тоҷикро ки дар манотиқи гуногуни Россия таҳсил мекунанд, мебошад. Ҳамзамон кумита дар назди худ вазифаҳои зеринро низ анҷом медиҳад. Аз қабили:

- гузаронидани конфронсҳо, мизҳои мудаввар, семинарҳо оид ба мавзӯъҳои марбут ба ҷавонон ва шиносоии ҷавонон бо халқҳои дигари дар қаламрави Федератсияи Россия буда, ва ба онҳо шинос намудани таърих ва анъанаҳои халқи тоҷик;

- додани иттилоот дар бораи чорабиниҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва гузаронидани чорабиниҳои фарҳангӣ ва таълимӣ барои муттаҳид шудан ва аз ҳоли якдигар хабардор будан;

- таъмини иттилооти зарурӣ ва кӯмак ба донишҷӯён;

Инчунин бо ташаббуси донишҷӯён ва ҷавонони ҶТ, ки дар шаҳрҳои Русия, таҳсил ё истиқомат мекунанд, идҳои Соли нав ва дигар идҳои ба миллати рус хос ва ғайра, ҳамчун идҳои дӯстии байни миллатҳо дар сатҳи баландӣ ҳамдигарфаҳмӣ ҷашн гирифта мешаванд.

Ҳамин тариқ, байни Федератсияи Руссия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон муносибатҳои соҳаи маориф дар соҳаи ҳамкории гуманитарӣ байни ду давлат ҷойгиранд.

Руссия дар майдони илмии Тоҷикистон ягона шарики хориҷиеаст, ки нақши асосиро дорад, дурнамои ин шарикии нишон медиҳад, ки агар Русия фаъолиятҳояшро дучанд накунад, дар ин майдон нақши асосиро аз даст хоҳад дод. Чи гунае, ки худи Сафири Россия дар Тоҷикистон, Игор Лякин Фролов гуфта буд, ки: "Забони русӣ дар Тоҷикистон ҷойгоҳашро аз даст медиҳад, агар дар ин самт чораҳои зарури андешида нашавад вазъият аз ин ҳам бадтар хоҳад шуд" [15].

АДАБИЁТ

1. Саидов, З., Внешняя политика Республики Таджикистан. / З.Саидов // Душанбе: Авасто. 2006. 559 с. (монография)
2. Договор о союзническом взаимодействие между РФ и РТ, ориентированном в XXI век, 16,04,1999, (манбаи электронӣ) http://www.mid.ru /foreign policy/international contracts /2 contract/-/storage-viewer/bilateral/page-214/46938
3. Пирумшоев, Х., Россия - Таджикистан: история взаимоотношений. / Х. Пирумшоев, М. Маликов // Душанбе.2009. 677 с.(монография)
4. Договор о союзническом взаимодействие между РФ и РТ, ориентированном в XXI век, 16,04,1999, (манбаи электронӣ) http: //www.mid.ru/ foreign policy/international contracts/2 contract/-/storage-viewer/bilateral/page-214/46938
5. Мулоқот бо Димтрий Медведев дар вилояти Твер, 2009, 24-феврал (манбаи электрони) www.president.tj/node/460
6. Суханронӣ ба муносибати ифтитоҳи филиали Донишгоҳи давлатии Маскав ба номи М.В.Ломоносов дар шаҳри Душанбе, 01.07.2010, http://www.president.tj/node/1819 (манбаи электронӣ),
7. Ифтитоҳи филиали МИСиС дар шаҳри Душанбе 17.04.2012 (манбаи электронӣ) www.president.tj/node/869
8. Сафаров, С.Г. Рука об руку с Россией / С.Г.Гафуров.- М., 2006. 239 с.(китоби тадқиқотӣ)
9. Фонд "Русский мир" создан во исполнение Указа Президента РФ, В,В, Путин от 21 июния 2007 года.(манбаи электронӣ) www.russkiymir.ru/fund
10. Каталог Русских Центров, Таджикистан, (манбаи электронӣ) www.russkiymir.ru /rucentr/catalogue.php
11. История таджикского народа. Новейшая история (1941-2010 гг.) Т.VI. Душанбе, 2011. Под общ. ред. акад. Р.М.Масова. 687с.(монография)
12. Такмили ихтисос: шартномаҳо ба имзо расиданд. 2017, 26-октябр, (манбаи электронӣ) www.maorif.tj/akhborot/takmili-ihtisos
13. Сергей Лавров: "Россия таваҷҷуҳи бетағйири Тоҷикситонро нисбат ба нигоҳдоштани мавқеи забони русӣ қадр мекунад" 2019, 5-феврал.(манбаи электронӣ) www.khovar.tj /2019/02/sergej-lavrov
14. Суханронӣ дар маросими ифтитоҳи бинои нави таълимии Донишгоҳи славянии Русияву Тоҷикистон, 2016, 30-август, (манбаи электронӣ) www.president.tj/node/12872
15. Лякин-Фролов; русский язык теряет позиции в Таджикистане 2017, 29-август. (манбаи элетронӣ) www.sputniknews.ru

САҲИФАҲОИ МУҲИМ ДАР РАВОБИТИ РОССИЯ ВА ТОҶИКИСТОН ДАР САМТИ МАОРИФ (сс.1991-2017).

Дар мақола оид ба самтҳои афзалятнок дар равобити Тоҷикистону Федератсияи Русия дар соҳаи маориф маълумоти мухтасар дода шудааст. Таҳлилҳо ва таҳқиқоти мо нишон медиҳанд, ки имкониятҳои бисёр хуб барои ҳамкориҳои минбаъда миёни ду кишвар, сарфи назар аз мушкилот ва норасоиҳои мавҷуда дар айни замон мавҷуд аст. Дар Федератсияи Русия, умедбахшҳои зиёд нисбат ба халқҳои Осиёи Марказӣ мантиқан дида мешавад, инро Руссия бояд нодида нагирад, ва дастгирии дучанди худро эҳё кунад. Тоҷикистон ва Русия ҳамкорӣ дар соҳаҳои маориф, ва илм дар солҳои истиқлолият, бо вуҷуди баъзе душвориҳо, бомуваффақият ва пурсамаранд, он ҳамчун ҳавасмандиҳои бузург барои рушди минбаъдаи дӯстӣ ва ҳамкории мутақобилан судманд миёни халқҳои Тоҷикистону Русия хидмат мекунад. Инчунин дар ҳоли ҳозир вобаста ба шароити глобали ва хатарҳои гуногуни ҷаҳони ба мисли тероризм ва экстримизм ё дар фазои давлатҳои пасошӯравии имрӯза, мӯҷиби шадиди аққалиятҳо ва баҳсҳои миллати-марзӣ вуҷуд дорад, ба назар чунин мерасад, ки Русия дар ҳалли ин вазифаҳои фавқулода нақши ҳалкунанда дорад.

Калидвожаҳо: Тоҷикистон, Россия, робита, маориф, илм, донишгоҳ, шартнома, сафорат, донишҷӯй, русӣ, тоҷикӣ.

ЗНАЧИТЕЛЬНЫЕ СВЯЗИ В РОССИЙСКО-ТАДЖИКСКИХ ОТНОШЕНИЯХ В СФЕРЕ ОБРАЗОВАНИЯ (1991-2017гг)

В статье даны краткие сведения о приоритетах в отношениях между Таджикистаном и Российской Федерацией в сфере образования. Настоящее исследование показывает, что существуют много возможностей для сотрудничества между двумя странами, несмотря на существующие в настоящее время трудности и недостатки. В начале независимости Российской Федерации было дано много обещаний странам Центральной Азии, и Россию не надо игнорировать, и она должна активизировать свою поддержку. Таджикистан и Россия сотрудничают в области образования, и науки в годы независимости, несмотря на некоторые проблемы, успешно и эффективно, что служит залогом дальнейшего развития дружбы и взаимовыгодного сотрудничества между народами Таджикистана и России. Важную роль в решении этих гуманитарных задач также могут сыграть в условиях глобальных рисков и опасностей, таких как терроризм и экстремизм, особенно на постсоветском пространстве в том числе и Таджикистан.

Ключевые слова: Таджикистан, Россия, взаимоотношения, образование, наука, университет, посольство, договор, русский язык, таджикский язык, студент.

IMPORTANT LINKS IN THE RUSSIAN AND TAJIKISTAN RELATIONS IN THE FIELD OF EDUCATION (1991-2017)

The article provides brief information on priorities in relations between Tajikistan and the Russian Federation in the field of education. Our study shows that there are many opportunities for cooperation between the two countries, despite the current difficulties and shortcomings. At the beginning of the independence of the Russian Federation, many promises were made to the countries of Central Asia, and Russia should not be ignored and it should increase its support. Tajikistan and Russia cooperate in the field of education and science in the years of independence, despite some problems, successfully and efficiently, which serves as a guarantee of the further development of friendship and mutually beneficial cooperation between the peoples of Tajikistan and Russia. An important role in solving these humanitarian tasks can also play in the context of global risks and dangers such as terrorism and extremism, especially in the post-Soviet space, including Tajikistan. Only with the assistance of the Russian Federation, the CIS will be able to preserve their scientific, cultural and intellectual potential in the context of today's main political players and global threats.

Keywords: Tajikistan, Russia, relationship, education, science, university, Russian language, Tajik language, embassy, contract, student.

Сведения об авторах: ***Назаров Бахриддин*** - магистрант Таджикского национального университета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки,17. E–mail: **bahriddinn1995@mail.ru**. Телефон: **(+992) 918 44 03 73.**

Мунавварова Тамара Зокировна - кандидат педагогических наук, доцент кафедры новой и новейшей истории зарубежных стран, Таджикский национальный университет. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки,17. Телефон:**(+992) 987 78 64 55**

Information about author: Nazarov Bahriddin – graduate student of Historical faculty of Tajik National University. Address: 734025, Republic of Tajikistan. Dushanbe, Rudaki Ave., 17, E–mail: **bahriddinn1995@mail.ru**. Phone: **(+992) 918 44 03 73**.

Munavvarova Tamara Zokirovna - Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor of the Department of New and Newest History of Foreign Countries, Tajik National University..Address: 734025, Republic of Tajikistan. Dushanbe, Rudaki Ave., 17, Phone: **(+992) 987 78 64 55**.

ДУРНАМОИ РУШДИ ҲАМКОРИҲОИ ГУНОГУНҶАБҲАИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БО ҶУМҲУРИИ ИНДОНЕЗИЯ

Соҳиби Баҳрулло
Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АИ ҶТ

Ҳамкориҳои гуногунҷабҳаро ба роҳ мондан бо кишварҳои ботаҷрибаву пешрафтаи олам ҳамеша манфиатовар ва ояндадор мебошад. Дурнамогӣ ва дурнамосозӣ як масъалаи хеле мураккабу андешамеҳвар буда, дар замони таҳаввулотҳои геополитикии ҷаҳон ва дигаргуншавии низоми муносибатҳои байналмилалӣ тавсифи он кори заҳматталаб мебошад. Ҷойгоҳи хосаи Тоҷикистон дар ибтидои асри ХХ1, яъне дар асри ҷаҳонишавӣ, асри минтақагароиву ҳамгирой, таҳаввулоти геополитикии олам, зуҳури хатарҳои ғайрианъанавӣ ва ҷиддӣ гаштани проблемаҳои умумиҷаҳонӣ бо ташаббусҳои беназири худ дар назди ҷомеаи ҷаҳон хеле назаррас мебошад. Ба ибораи дигар, Тоҷикистонро натанҳо бо ташаббусҳои байналмилалии худ, балки бо мавқеи хосаи географию транзитиро соҳиб буданаш дар олам шиноха шудааст. Илова бар ин, 93% ҳудудҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро куҳсор ташкил медиҳад. Тоҷикистон 60%-и захираҳои гидроэнергетикии минтақаро соҳиб мебошад, яъне иқтидори гидроэнергетикии он 527 млрд квт/соат дар як сол мебошад, ки аз ин лиҳоз ҷумҳурӣ дар ҷаҳон ҷойи чорум ҷойгир аст [4:72]. Тоҷикистон дар мавқеи хуби географиву геополитикии минтақаи Осиёи Марказӣ қарор гирифтааст. Тоҷикистони рушдгаро бо масоҳати 142 ҳаз.км^2 ва аҳолии 9 млн.нафар яке аз кишварҳои рӯ ба инкишоф ва ояндадори минтақа шуморида мешавад. Пас бо самаранок ва ба таври максималӣ истифода бурдани иқтидору имконоти табии худ метавонад ба кишвари пешрафтаи олам табдил ёбад. Дар ин радиф, дурнамои иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тавсеаи ҳамкориҳои худ бо кишвари бузурги Осиёи Ҷанубу Шарқӣ аз ҷумла, Ҷумҳурии Индонезия бо густариши якчанд соҳаҳои ҳаётан муҳим, ки шинохти иқтисодии кишвар аз онҳо вобастагӣ дорад, алоқамандӣ дорад, ки онҳо ба таври зайл ба назар мерасанд:

1. Истифода ва коркарди захираҳои куҳиву канданиҳои фойданок (махсусан зиёд кардани истеҳсол ва содироти семент, сангҳои қиматбаҳо) ;
2. Бо назардошти 4 фасли сол ва 300 рӯзи офтобии Тоҷикистони биҳиштосор талош варзидан баҳри густаришёбии соҳаи туризм, фазои сармоягузорони хориҷӣ дар ин соҳа, зиёд намудани минтақаҳои сайёҳӣ ва умуман табдил додани мамлакат ба яке аз кишварҳои сайёҳии олам бо истифода аз таҷриба муваффақи кишвари сайёҳӣ мувофиқи мақсад аст. Дар татбиқи ин ҳадафҳо асосан таҷрибаи самараноки Индонезия ва саривақтӣ мебошад;
3. Натанҳо баромадан аз бумбасти комуникатсионӣ, чи тавре ки Пешвои миллат мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид карда буданд, табдил додани Тоҷикистон ба кишвари транзитии минтақаи Осиёи Марказӣ, зеро Тоҷикистон пайвандгари Шарқу Ғарби шоҳроҳи Абрешим буд.
4. Дурнамои рушди ҳамкориҳои Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Индонезия ба омилҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, амниятӣ восбатагӣ дорад, ки бо назардошти рушди иқтисодӣ, устувории сиёсӣ ва таъмини амнияти миллӣ ва минтақавӣ ва дарёфти роҳҳои тавсеаи робитаҳо дурнамои ҷолибу самарабахшро интизор шудан мумкин аст.

Аз ин рӯ, Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур мешуморад, ки натанҳо дар рушди соҳаҳои номбурда талош варзаду роҳҳои боз ҳам рушди иқтисодиёти миллиро пайдо созад, балки бо кишвари бо суръати баланд инкишофёбандаи Индонезия махсусан дар соҳаҳои илму техникаву технология, сармоягузорӣ, туризму хизматрасонӣ, коркарди канданиҳои фойданоку имкониятҳои табиӣ ва ҷалби таҷрибаву ислоҳот

ҳамкориҳоро таҳвият бахшад. Зеро Ҷумҳурии Индонезия дар самтҳои номбаршуда хеле муввафаҳу омӯхташавандаанд. Дар ин хусус Пешвои Миллат мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон махсусан ба роҳ мондани ҳамкориҳоро бо кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ дар баромади худ дар вақти ифтитоҳи бинои нави Вазорати корҳои хориҷӣ таъкид карда, чунин ёдовар шудааст: “Давлати мо бо мақсади роҳ ёфтан ба бозорҳои босуръати инкишофёбандаи сармоя, технология, ашёи хом ва маҳсулоти саноатӣ рушду таҳкими ҳамкориҳои мутақобилан судмандро бо кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ, ба монанди Малайзия, Индонезия ва Таиланд аз самтҳои афзалиятнок меҳисобад. Бинобар ин, тавсеа бахшидани фаъолияти сиёсиву иқтисодии хориҷии мо дар доираи онҳо аз масъалаҳои рӯзмарра мебошад”.[1]

Имрӯз Индонезия дар асри илму инноватсия муваффақ мебошад, зеро ин давлат сатҳу сифат ва заминаи соҳаи маориф ва илмро аввалиндараҷа гузошта, ин соҳаро қавитару устувортар нигоҳ медорад, ки натиҷаи инро имрӯз мушоҳида мекунем. Инчунин, роҳи омӯзишу озмоиши таҷрибаву стратегияи давлатҳои абарқудрати муваффақи дунёро пеш гирифта аст.

Дурнамои ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Индонезия вобаста ба зарурат ва сатҳи самти сиёсати хориҷии Тоҷикистон тарҳрезӣ хоҳад гашт [10:1].

Воқеан, Ҷумҳурии Индонезия дорои иқтисодиёти баланди мӯъҷизавӣ буда, ҳар як рушди соҳаҳои он хусусиятҳои махсусро соҳиб мебошад:

1. Ҳамкорӣ дар соҳаи илм, маориф, соҳаи техника ва саноати электротехникӣ ва тайёр намудани мутахассисон дар ин соҳаҳо бештар хоҳад гашт. Махсусан дар сохтани филиали корхонаҳои муштараки техникаи маишӣ дар Тоҷикистон дар назар гирифта хоҳад шуд. Ва ҷалби сармояи хориҷии Индонезия баҳри таъсиси корхонаҳои муштарак;

2. Ҳамкориҳо дар самти омӯзиши таҷрибаи сайёҳӣ, кишоварзӣ махсусан дар кишт ва истеҳсоли шолӣ рушд зоҳад гашт;

3. Ташкили корхонаи муштарак оиди коркард ва истеҳсоли гиёҳҳои шифобахш;

4. Дар оянда истифодаи таҷрибаи Индонезия дар самти сохтмони неругоҳои обӣ-барқӣ, ташкили корхонаҳои муштарак оид ба коркарди канданиҳои фойданок, ҳамкорӣ дар соҳаи истеҳсоли абрешим, ташкили корхонаҳои муштарак оид ба истеҳоли маҳсулотҳои нассоҷӣ вобаста ба истеҳсоли пахтаи мамлакат, ташкили корхонаҳои муштарак оид ба истеҳсоли семент ва ғайраҳо ҷиддитар ва муҳиму мавриди амалигардӣ қарор хоҳад гашт;

5. Омӯзиш ва истифодаи таҷрибаи соҳаҳои муҳими Индонезия ба монанди қонунгузорӣ, андозбандӣ, тиҷорати қулай ва даромаднок, туризм ва роҳҳои ҷалбсозӣ ба он, хизматрасонӣ ва маркетинг ҷиддитар ва омӯзишёбадатар хоҳад гашт;

Ба ин мазмун Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди соҳаи маориф ва татбиқи барномаҳои ислоҳоти соҳаи маориф таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, қайд мекунад: “. дар ҷаҳони муосир кишваре ба дастовардҳои бузург ноил мегардад, ки ба баланд шудани сатҳи маърифат дар ҷомеа таваҷҷуҳи хоса зоҳир карда, техникаву технологияи навро ба таври васеъ дар амал ҷорӣ менамояд”.

Агар ба тадриҷ ба ин ҷанба назар афканем ин самти фаъолияти Индонезия ба ҳадафу мақсадҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ омада, аз ин рӯ таҳкими минбаъдаи ҳамкорӣ бо ин кишварро метавон ба назари нек нигарист.

Бо ин ҳол ба хотири таҳкими минбаъдаи ҳамкориҳо метавон пешниҳодҳои зеринро иброз намуд:

1. Омӯзиш ва истифодаи таҷрибаи Индонезия дар соҳаи кишоварзӣ;

---

[1]Суханронӣ дар вохӯрӣ бо кормандони дипломатии кишвар ба ифтихори ифтитоҳи бинои нави Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон., 15.03.2013 17:55, шаҳри Душанбе// **http://www.president.tj/node/4113**

2. Густариши ҳамкориҳои иқтисодӣ бо ҷалби сармояи хориҷӣ аз ҷониби Индонезия;

3. Ба роҳ мондани ҳамкории густурда бо барномаи Дармасисва оид ба мубодилаи бештари донишҷӯён;

4. Омӯзиши таҷрибаи Индонезия дар самти тартиб ва танзими воситаҳои нақлиёт;

5. Ифтитоҳи намояндагиҳои дипломатӣ дар кишварҳо, ба хотири мустақиман ба роҳ мондани ҳамкориҳо;

6. Табодули кадрӣ дар самти тайёр намудани мутахасисони соҳаҳои илм ва маорифу тандурустӣ.

7. Ташкили марказҳои тиҷоратии муштарак баҳри тақвияти табодули мол ва таҳкими робитаҳои доираҳои соҳибкорон;

8. Ташкили комиссияи муштарак ва ҷалби мутахассисон соҳа баҳри омӯзиши таҷрибаи сайёҳӣ ва дар соли сайёҳӣ истифодаи таҷрибаи он;

9. Тақвияти ҳамкорӣ дар соҳаи кишоварзӣ махсусан дар кишт ва истеҳсоли шолӣ;

10. Ташкили корхонаи муштарак оиди коркард ва истеҳсоли гиёҳҳои шифобахш;

11. Ҷалби сармоягузории хориҷии Ҷумҳурии Индонезия баҳри таҳкими соҳаи гидроэнергетика;

12. Ҷалби сармоя дар соҳаи сайёҳӣ ва махсусан дар инфрасохтори сайёҳӣ.

13. Ташкили корхонаҳои муштараки саноати сабук;

14. Таъсис додани корхонаҳои муштарак оид ба истеҳсоли матоъҳо ва коркарди ниҳоии он;

15. Пайдо намудни бозорҳои маҳсулоти зарурии кишварҳои ОҶШ ва таъмини маҳсулотҳо аз ҷониби Тоҷикистон;

16. Бартараф намудани монеаҳо ва густариш ҳамкориҳо вобаста ба имкониятҳои мавҷудаи ҷониби Тоҷикистон.

17. Ҳамкорӣ дар соҳаи техникӣ ва саноати электротехникӣ;

18. Рушди туризми табобатии табиӣ ва таъсиси минтақаҳои сайёҳӣ;

19. Таъсиси корхонаҳои муштарак дар соҳаи металҳои ранга;

20. Таъсиси корхонаҳои муштарак оид ба истеҳсоли саноати резинӣ;

21. Ташкили корхонаҳои муштараки саноатӣ вобаста ба соҳаи зарурӣ;

22. Сохтмони корхонаҳои хурди коркарди меваҳои тару тоза ва хушккардашуда;

23. Ташкили корхонаҳои муштарак оид ба коркарди пӯст;

24. Ҷалби сармояи хориҷии Ҷумҳурии Индонезия баҳри таъсиси корхонаҳои коркарди партовҳо.

25. Истифода бурдани таҷрибаи Индонезия дар самти сохтмони неругоҳҳои обӣ-барқӣ;

26. Ташкили корхонаҳои муштарак оид ба коркарди канданиҳои фоиданок;

27. Ҳамкорӣ дар соҳаи истеҳсоли абрешим;

28. Ташкили корхонаҳои муштарак оид ба истеҳоли маҳсулотҳои нассоҷӣ вобаста ба коркарди ниҳоии пахтаи мамлакат;

Зимни амалӣ гардидани чунин пешниҳодҳо Ҷумҳурии Индонезия бо Ҷумҳурии Тоҷикистон дӯстии бештарро ба роҳ мемонад. Байни ду кишвар дар соҳаҳои мухталиф, аз ҷ умла иқтисодиёт, тиҷорат, энергетика, саноат, маориф, фарҳанг, сохтмон ва меъморӣ ҳамкориҳо самарабахш идома доранд. Ҳамкорӣ ва дастгирии доимии ҳарду кишвар дар доираи созмонҳои байналмилалӣ ва форумҳо, хусусан дар доираи ҷаласаҳои Созмони Милали Муттаҳид мусбат арзёбӣ мегарданд [9:1].

Иқтисодиёти Индонезия дар зинаи мураккаби гузариш аз иқтисодиёти мутамарказ ба иқтисодиёти бозорӣ қарор дорад. Соҳаҳои тараққикардаи саноати Индонезия саноати истихроҷи маъдан (ангишт, хромит, мисс, бор), металлургия, нафт, бофандагӣ, озуқа ва сохтмон ба ҳисоб мераванд. Дар соҳаи кишоварзии Индонезия тамоку, пахта, зироатҳои ғалладона, зайтун, зироатҳои лӯбиёгӣ, ситруси, лаблабуи қанд парвариш меёбанд. Соҳаи чорводорӣ низ дар ин кишвар тараққӣ ёфтааст. Индонезия аслан эҳтиёҷоти дохилии худро бо озуқа таъмин намуда, маҳсулоти кишоварзиашро ба дигар кишварҳои ҷаҳон содир менамояд. Ин кишвар яке аз бузургтарин таҳвилгарони маҳсулоти бофандагӣ, либос ва техникаву технология, ба мисли яхдон ба кишварҳои Аврупо мебошад [1:21].

Индонезия дар бахши ҷалби сармояи хориҷӣ ба комёбиҳои зиёд ноил гардидааст. Бештар аз 300 ширкати хориҷӣ ба иқтисодиёти Индонезия маблағгузорӣ намудаанд. Соҳаҳои асосии маблағгузории имконпазир ва таъсиси корхонаҳои муштарак дар инкишвар энергетика ва телекоммуникатсия, кишоварзӣ ва истеҳсолоти агросаноатӣ, истеҳсолоти техникаи сохтмонӣ ва масолеҳи бинокорӣ, саноати электроника, фармасевтика, тибби хусусӣ ва туризм ба шумор мераванд. Бозорҳои молиявии Истамбул ба Аврупои Шарқӣ ва Осиёи Марказӣ хизмат мерасонанд.

Боиси хурсандист, ки айни замон Индонезия яке аз шарикони асосии тиҷоратии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, гардиши тиҷоратии байни кишварҳо сол то сол меафзояд. Ҳамзамон нишондодҳои иқтисодӣ сатҳи равобити кишварҳоро пурра инъикос карда наметавонад. Захираи зиёде баҳри фаъолгардонии ҳамкории иқтисодии дуҷониба мавҷуд мебошад. Умед карда шуд, ки сармоягузориҳои индонезӣ дар иқтисодиёти Тоҷикистон ба таври густурда пешниҳод мешаванд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон барои манфиатбахшу натиҷабахши шудани муносибатҳои худ бо Ҷуҳурии Индонезия месазад, ки чунин омилҳоро ба ҷо орад:

а). Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд дар ҷалби сармоя, грант, қарзҳои имтиёзнок ва ҷалби мутахассисони баландихтисоси ин давлат барои иншоотҳои стратегии худ фаъолтар бошад;

б). Намояндагони соҳаҳои маориф ва илм, соҳаи туризм, соҳаи саноат ва технологияи навин ва дигар соҳаҳои ҳаётан муҳими кишвар аз пайи омӯхтану аз худ намудан ва дар амал ҷорӣ намудани модел усул ва принсипҳои рушди иқтисодиёту иҷтимоиёт ва маънавиёти давлати Индонезия талош варзанд;

в). Ҷумҳурии Тоҷикистон мебояд муносибату таваҷҷӯҳи хоссаи худро ба соҳаи илм ва дастовардҳои илмии Индонезия равона намояд, имконияти амалигардонии онро дар шароити кунунии кишвар озмоиш намояд;

г). Ҷиҳати тақвияти равобити бисёрсамтаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Индонезия ифтитоҳи сафорат ва дигар намояндагиҳои кишвар дар ин минтақа аҳамияти муҳим дорад.

Ҳамин тавр, қавитар гардонидани равобит ва наздиктар шинос шудану омӯхтани кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ, махсусан, Ҷумҳурии Индонезия хеле судманду ояндадор мебошад. Бе баҳс интизор шудан мумкин аст, ки кишварамон дар пайравии ингуна давлатҳо талош карда, таҷрибаву модели рушди иқтисодии онро бо манфиат амалӣ мегардонад.

Ҷумҳурии Индонезия тавонистаст ба рушди баланди иқтисод ва саноат даст ёбад ва бо ин восита сатҳи камбизоатиро дар худ коҳиш диҳад. Хусусияти асосии рушди Ҷумҳурии Индонезия дар он аст, ки он ба истеҳсолоти рақобатпазир ва молҳои содиротӣ диққати асосиро равона намуда, раванди амалигардонии онро аз ҳисоби тиҷорати хориҷӣ ва сармояи хориҷӣ таъмин намуда аст.

Механизми муҳимтарине, ки раванди амалигардонии иқтисодиро суръат бахшид, сиёсати комплексии давлатӣ ва дар асоси он ҷамъ кардани сармоя барои

саноатикунонӣ буд. Маҳз бо рӯи даст гирифтани маҷмуи чорабиниҳо ва нақшаҳои мушаххас давлат тавонист имконоти худро истифода намуда, барои рушди дарозмуддат имкониятҳо фароҳам орад.

Модернизатсияи Индонезия ба самти истеҳсоли маҳсулоти содиротӣ равона шуда, дар раванди он мамлакат ба рушди инфрасохтор, густариш додан ва мустаҳкам намудани сектори молиявӣ, ҷалби сармоягузориҳо дар соҳаи технологияҳои навин ва ғайра ноил гардид.

Индонезия ба модели рушди иқтисодии давлатҳои пешрафтаи дунё такя мекард. Модернизатсияи Ҷуҳурии Индонезия дар асоси нақшаҳои панҷсолаи рушд, ки таъсиси соҳаҳои гуногун, рушди соҳаи кишоварзӣ ва роҳҳои рушди босуръати иқтисодиро дар бар мегирифтанд, амалӣ мешуд. Дар натиҷа иқтисоди Индонезия аз лиҳози рақобатпазирӣ ва истифодаи технологияҳои навин дар самтҳои гуногун дар ҷаҳон ҷои дуюмро соҳиб гардид. Имрӯз таваҷҷуҳи чӣ давлатҳои абарқудрат ва чӣ бузургу миёна ба минтақаи Осиёи Ҷанубу Шарқӣ, пеш аз ҳама ба Ҷумҳурии Индонезия зиёд аст. Ҷумҳурии Индонезия на танҳо аз нигоҳи бозори истеъмолӣ ва бозори содиротӣ ва дорои захираҳои ғанӣ буданаш, балки аз нигоҳи мавқеи таҷрибаи амалии рушди босуръати иқтисодӣ, ҷуғрофӣ, сиёсӣ, истиқрору субот ва ниҳоят шарики боэтимод буданаш диққати соҳибкорон ва инвесторҳои дунёро ба худ ҷалб месозад.

АДАБИЁТ:

1. Александров Ю. Г. Современная Индонезия. Аграрная политика 1965–1975. М., Наука, 1977
2. Андреев Г.А. Индонезийское государство: проблемы единства и автономии / Г.А. Андреев. – М.,1974.
3. Андреев М. А. Ликвидация экономических позиций голландского империализма в Индонезии. М.: Соцэкгиз, 1962.
4. Андрианов В. Д. “НИС в мировом капиталистическом хозяйстве”. - М.: Международные отношения, 1989.
5. Бандиленко Г.Г. История Индонезии. М., 1992
6. Берзин Э. О. Юго-Восточная Азия в 13-16 вв. — М., 1982. с.120
7. Бузов В.И. Новейшая история Азии и Африки (1945-2004).
8. ВКХ, Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
9. Сомонаи Asia-Plus, Индонезия ҳамкориро бо Тоҷикистон тақвият бахшиданист,02/10/2012
10. Ташрифи расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонов ба Ҷумҳурии Индонезия., Нашрияи расмии ҶТ “Ҷумҳурият”.,Шанбе, 1 ноябри соли 2003.,№124(20742). Саҳ.3
11. http://mfa.www.jumhuriat.tj// дастовардҳои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

ДУРНАМОИ РУШДИ ҲАМКОРИҲОИ ГУНОГУНҶАБҲАИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БО ҶУМҲУРИИ ИНДОНЕЗИЯ

Ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо яке аз давлатҳои пешрафтаи Шарқ- Ҷумҳурии Индонезия дар ҳамаи соҳаҳо хеле муҳим мебошад. Зеро асри XXI асри илму маориф ва технология мебошад ва ҳамқадами ин аср будан барои рушди ҳамаҷонибаи кишварамон зарур аст. Имрӯзҳо давлати Индонезия дар самтҳои гуногуни иқтисод муваффақ аст, зеро ин давлат аввал сатҳу сифат ва заминаи минбаъдаи соҳаи маориф ва илмро дар сиёсати худ аввалин дараҷа дониста, ин соҳаро қавитару устувортар нигоҳ намудааст, ки натиҷаҳои инро ҳоло барало мушоҳида мекунем. Дуввум роҳи омӯзишу озмоиши таҷрибаву стратегияи давлатҳои абарқудрати дунёро пеш гирифта, дар ҷалби сармояи ин давлатҳои бузург пайваста талош мекунад. Албатта, имконияти чунин гомҳоро гузоштан ва аз пайи чунин таҷриба ҳаракат намудани кишвари мо низ имконпазир мебошад.

Калидвожаҳо: Ҷумҳурии Индонезия, дурнамо, пешрафт, самт, раванд, оянда, таҷриба, ҳамкорӣ.

ПЕРСПЕКТИВЫ РАЗВИТИЯ МНОГОПЛАНОВОГО СОТРУДНИЧЕСТВА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН С РЕСПУБЛИКОЙ ИНДОНЕЗИЯ

Сотрудничество Республики Таджикистан с одной из ведущих стран Восточной Индонезии очень важен во всех областях, потому что XXI век – это век науки, образования и технологий, и его темпы необходимы для всестороннего развития нашей страны. Сегодня индонезийское государство является успешным во многих сферах экономики, поскольку в своей политике оно отдает приоритет уровню и качеству образования и науки и делает отрасль более сильной и устойчивой. Второй – это

способ изучения и экспериментов со стратегиями и стратегиями мировых держав, и он постоянно стремится привлечь капитал этих великих держав. Конечно, также возможно совершать такие ошибки и двигать нашу страну на основе такого опыта.

Ключевые слова: Республика Индонезия, перспективы, прогресс, направление, процесс, будущее, опыт, сотрудничество.

PROSPECTS FOR THE DEVELOPMENT OF MULTIFACETED COOPERATION BETWEEN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN AND THE REPUBLIC OF INDONESIA

Cooperation of the Republic of Tajikistan with one of the leading countries of East Indonesia in all areas is very important. Because the XXI century is a century of science, education and technology, and its pace is necessary for the comprehensive development of our country. Today, the Indonesian state is successful in many areas of the economy, because in its policy it gives priority to the level and quality of education and science and makes the industry stronger and more stable. The second is a way of studying and experimenting with the strategies and strategies of world powers, and he is constantly striving to attract the capital of these great powers. Of course, it is also possible to make such mistakes and move our country on the basis of such experience.

Keywords: Republic of Indonesia, prospects, progress, direction, process, future, experience, cooperation.

Сведения об авторе: ***Сохиби Баҳрулло.*** – магистрант Института изучения проблем стран Азии и Европы АН РТ, 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 33, Тел.: **(+992) 501 08 93 23**

Information about the author: ***Sohibi Bahrullo*** – Graduate student of the Institute of studying of the issues of Asian and European countries, 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue, 33, Phone.: **(+992) 501 08 93 23**

АЗ ТАЪРИХИ РАВОБИТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА КИШВАРҲОИ АРАБ (ДАР МИСОЛИ ҶУМҲУРИИ ХАЛҚӢ-ДЕМОКРАТИИ АЛҶАЗОИР)

Шозиёева Г.П., Саъдуллоев Б. Э.
Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АИ ҶТ

Ҳамкорӣ ва муносибатҳои байнидавлатӣ яке аз нишонаҳои муҳими дӯстӣ ва пойдории ин ё он давлат ба ҳисоб меравад. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ яке аз зумраи чунин давлатҳое мебошад, ки рӯз то рӯз ҳамкориҳои фарҳангӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷимоиро бо дигар давлатҳо ба роҳ мондааст ва дар тӯли 27 соли Истиқлолияти хеш ба бисёр дастовардҳои баланд ноил гардид. Имрӯзҳо Ҷумҳурии Тоҷикистон қариб бо 150 мамолики ҷаҳон муносибатҳои гуногунсоҳа, ба мисли иқтисодӣ-тиҷоратӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва дипломатӣ дорад [4; 4].

Дар баробари ҳамкориҳои судманди Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои ҷаҳон, ба мисли Иёлоти Мутаҳидаи Америка, Британиёи Кабир, Россия, Ҷумҳурии Халқии Чин, Ҳиндустон, Покистон, Туркия ва ғ. инчунин бо кишварҳои араб, ба вижа Алҷазоир низ робитаи дӯстона дорад. Бояд тазаккур дод, ки ингуна ҳамкориҳо вақте оғоз ёфт, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Халқӣ-Демократии Алҷазоир (соли 1997) сафорати худро таъсис намуд.

Ҳамкориҳои тарафайн байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Халқӣ-Демократии Алҷазоир Саидов З.Ш., дар китоб таҳти унвони “Внешняя политика Республики Таджикистан (1991-2017)” чунин шарҳ додааст: “Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои араб, ба хусус Ҷумҳурии Халқӣ-Демократии Алҷазоир назарҳои дӯстонаи миллӣ ва минтақавиро дорад. Дар маҷмӯъ робитаҳои қавӣ доштан бо ҷаҳони араб Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути созмонҳои минтақавӣ, Лигаи Давлатҳои араб ва дигар созмонҳои бонуфуз ба роҳ мондааст [6, 113].

Пас бояд қайд кард, ки робитаи дуҷонибаи кишварҳо пеш аз ҳама муносибати дипломатӣ, яъне ба расмият шинохтани дӯстии дутарафа дар арсаи ҷаҳон аз тарафи раисони давлатҳо анҷом меёбад. Дар робитаи хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯшиш ва талошҳои Асосгузори миллат- Пешвои миллӣ, Президеенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон хеле муҳим аст.

Агар ба таърихи муносибатҳои дипломатӣ ин ду кишвари ба ҳам дӯст, яъне Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Халқӣ-Демократии Алҷазоир назар андозем, бо боварии комил метавонем гуфт, ки дар 20 соли ҳамкории худ бисёр масъалахо дар самтҳои иқтисодӣ-тиҷоратӣ, илмӣ, фарҳангӣ ва сиёсиро анҷом додаанд. Ҷумҳурии Халқӣ-Демократии Алҷазоир истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистонро 10 январи соли 1992 ба расмият шинохт. Муносибатҳои дипломатӣ миёни кишварҳо 10 июли соли 1997 барқарор шудаанд. Сафорати он кишвар дар Ӯзбекистон пас аз барқарории муносибатҳои дипломатӣ робитаҳои худро бо Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон барқарор намуд. 22 ноябри соли 2010 Сафири Фавқулода ва Мухтори Ҷумҳурии Халқии Демократии Алҷазоир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Муҳаммад Рамазан Мекдуд ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон Эътимодномаи худро супорид.

ояд қайд намоем, ки ҳамкориҳои сиёсӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Халқии Демократии Алҷазоир ҳанӯз аз замони шӯравӣ ба вуқӯъ пайваст. Дар замони Шӯравӣ Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Халқии Демократии Алҷазоир намоишгоҳи комёбиҳои хоҷагии халкро гузаронидааст.

Дар иншоотҳои ҳамкории шӯравию алҷазоирӣ хатмкардагони шӯъбаи арабии Донишгоҳи Давлатии Тоҷикистон, шӯъбаи фаронсавии Донишгоҳи Давлатии Омӯзгории шаҳри Душанбе ба сифати тарҷумон кор кардаанд.

Пас аз пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳатто дар мушкилтарин ва мудҳиштарин рӯзҳои хеш имкон надод, ки ҳамкориву дӯстии худро бо кишварҳои хориҷӣ аз даст диҳад. Пас 2 апрели соли 2007 Сафири Фавқулода ва Мухтори Ҷумҳурии Халқии Демократии Алҷазоир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳасан ал-Аскарӣ ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон Эътимодномаи худро супорид.

Дӯстии тарафҳо аз ҳар ду ҷониб фазои софро фароҳам овард. Аз 10 то 12 марти соли 2008 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Ҷумҳурии Халқии Демократии Алҷазоир сафари расмӣ анҷом дод. Баррасии масоили муносибатҳои Тоҷикистону Алҷазоир нахуст дар мулоқоти хоссаи сарони ду давлат Эмомалӣ Раҳмон ва Абдулазиз Бутафлиқа ва сипас дар музокироти васеъ бо иштироки ҳайатҳои расмии ҳарду ҷониб сурат гирифт. Ҷонибҳо оид ба равандҳои рушди бонизому устувори иқтисодии Тоҷикистон ва дурнамои ҳамкориҳои босамар, ки дар соҳаҳои гидроэнергетика, саноат, бунёди инфрасохтор ва тиҷорати минтақавию байниминтақавӣ ба назар мерасад, гуфтугӯи судманд анҷом доданд. Баъди анҷоми музокироти расмӣ дар ҳузури Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Халқии Демократии Алҷазоир Абдулазиз Бутафлиқа 4 санади муҳимми ҳамкорӣ ба имзо расид. Ин 4 санади муҳим, ки заминаҳои ҳуқуқии ҳамкориҳои муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Халқии Демократии Алҷазоирро таъмин менамоянд, инҳоянд:

1. Созишномаи тиҷоратӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Халқии Демократии Алҷазоир;

2. Ёддошти тафоҳум дар бораи машваратҳои дуҷониба байни Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Халқии Демократии Алҷазоир;

3. Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Халқии Демократии Алҷазоир оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи фарҳанг;

4. Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Халқии Демократии Алҷазоир дар бораи ҳимоя ва ташвиқи мутақобилаи сармоягузорӣ;

Боиси зикр аст, ки то кунун ин аснод заминаи ҳуқуқии ҳамкориҳо ва муносиботи гуногунҷабҳаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Халқии Алҷазоирро ташкил медиҳад.

Албатта Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Халқии Алҷазоир дар арсаи байналмилалӣ ташаббусу пешниҳодҳои якдигарро дастгирӣ намуда, ҳаматарафа ҷонибдорӣ мекунанд.

Чи тавре, ки роҷеъ ба сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Ҷумҳурии Халқии Демократии Алҷазоир (10 то 12-уми марти соли 2008) қайд намудем, ин сафар аввалин бор ба самтҳои муносибати сиёсӣ ва иқтисодии ҳар ду кишвар такони ҷиддӣ бахшид. Ҷонибҳо оид ба равандҳои рушди бонизому устувори иқтисодии Тоҷикистон ва дурнамои ҳамкориҳои босамар, ки дар соҳаҳои гидроэнергетика, саноат, бунёди инфрасохтор ва тиҷорати минтақавию байниминтақавӣ ба назар мерасад, гуфтугӯи судманд анҷом доданд. (8:92)

Созмони исломии маориф, илм ва фарҳанг яке аз сохторҳои СҲИ мебошад, ки бо он Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкорӣ менамояд. Дар ҷаласаи 17-уми Кумитаи иҷроияи ИСЕСКО (моҳи декабри соли 1996) намояндаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аъзои Иҷроияи ИСЕСКО интихоб шуд. Натиҷаи ҳамкориҳои наздики Тоҷикистон бо ИСЕСКО пойтахти фарҳанги исломӣ дар қитъаи Осиё эълон гардидани шаҳри Душанбе дар соли 2010 мебошад, ки қарор дар ин маврид дар Конфронси 4-уми вазирони фарҳанги СКИ (Алҷазоир, 15-16 декабри соли 2004) қабул шуд. Маросими Пойтахти фарҳанги исломӣ эълон намудани шаҳри Душанбе бо иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат гирифт. Дар маросим Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Дабири кулли Созмони Ҳамкории Исломӣ оид ба маориф, илм ва фарҳанг Абдулазиз Усмон Алтвайҷирӣ суханронӣ намуда, сипас ду фармони ба тозагӣ имзошудаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қироат гардид ва Сарвари давлати Тоҷикистон шахсан Дабири кулли Созмони Ҳамкории Исломӣ Акмалиддин Эҳсоноғлӯ ва Дабири кулли Созмони исломӣ оид ба маориф, илм ва фарҳанг Абдулазиз Усмон Алтвайҷириро бо ордени “Исмоили Сомонӣ”-и дараҷаи 1 қадрдонӣ намуд.

Нуқтаи дигарро низ бояд зикр кард, ки самтҳои фаъолияти кишварҳоро таъмин месозад. Дар баробари 4 созишномаи дар боло оварда шуда чанд санади дигари ҳамкорӣ дар соҳаҳои сармоягузорӣ, савдо, парвариши занбӯри асал ва чорводорӣ байни мақомоти дахлдори ду кишвар ба имзо расидааст.

Муҳимтарин кор, ки барои ҳамкорӣ ва дӯстии кишварҳо зарур аст, масоили мулоқоту музокиротҳо дар сатҳи ҳукуматӣ мебошад, ки пайваста Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои пайдо намудани ҳамкориҳо чораҳои зарурӣ ва саривақтиро меандешад. Дар доираи мулоқоту музокироти сатҳи давлатӣ (10 марти соли 2008) дар Ҷумҳурии Халқии Демократии Алҷазоир истиқболи расмӣ дар назди Қасри Шоҳ самимона ва бо шукӯҳу шаҳомати хоса баргузор гардид.

Ногуфта намонад, ки баррасии маҷмӯи васеи масоили ҳамкорӣ байни Тоҷикистону Ҷумҳурии Халқии Демократии Алҷазоир дар мулоқоти хосаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Амири Ҷумҳурии Халқии Демократии Алҷазоир Шайх Тауба ибни Ҳамад оғоз гардида, дар музокироти сатҳи олӣ бо иштироки ҳайатҳои васеи ҳар ду ҷониб идома ёфт. Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон таъкид доштанд, ки муносиботи гуногунҷанба бо Ҷумҳурии Халқии Демократии Алҷазоир ҳамеша дар маркази таваҷҷуҳи сиёсати хориҷии мо қарор дорад ва барои рушду густариши ҳамкорӣ дар соҳаҳои маорифу тандурустӣ, фарҳанг, алоқаи ҳавоӣ, бонкдорӣ, саёҳат ва амният санадҳои нав омода шудааст.

Дар рафти ҳамкории дуҷониба дар бахшҳои гидроэнергетика ва об, нақлиёт, ҳамчунин таъсиси корхонаҳои муштараки коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, саноати сабук ва саноати истихроҷи маъдан дар Тоҷикистон шароиту имкониятҳои зиёди мусоид мавҷуд аст ва татбиқи лоиҳаҳои он барои ҳарду ҷониб судманд хоҳад буд.

Ҷонибҳо бо он ҳамфикр буданд, ки барои истифодаи имконоту зарфиятҳои мавҷуда ва густариши равобити иқтисодӣҷоннок кардани фаъолияти Комиссияи муштараки байниҳукуматии Тоҷикистону Ҷумҳурии Халқии Демократии Алҷазоир оид ба ҳамкориҳои иқтисодиву тиҷоратӣ ва техникиву илмӣ метавонад саҳми муносиб гузорад. Ба рушди бештари ҳамкориҳои иқтисодӣ, бахусус робитаи доимии доираи соҳибкорону тоҷирон ҳавасмандии зиёд зоҳир гардида, барои роҳандозии ҳамкориҳои манфиатбахш соҳаҳои гидроэнергетика ва об, нақлиёт, кишоварзӣ, бунёди корхонаҳои муштарак, саноати сабук, коркарди санг, металлҳои қиматбаҳо, металлҳои рангаву сиёҳ, иштирок дар бартарафсозии оқибатҳои офатҳои табиӣ дар Тоҷикистон ва ба роҳмондани ҳамкориҳои илмиву тадқиқотии байни олимону табодули донишҷуёну омӯзгорон пешниҳод карда шуд.Ба шарофати чунин созишномаҳои ҳамкориҳои соҳавӣ имрӯзҳо дар Тоҷикистон чор минтақаи озоди иқтисодӣ амал мекунад ва соҳибкорони алҷирӣ метавонанд бо бунёди корхонаҳои муштараки саноатӣ дар минтақаҳои мазкур фаъолияти судмандро ба роҳ монданд.

Барои беҳтару хубтар гардидани ҳамкории иқтисодию сармоягузорӣ ҳамчун қадами нахуст таъсиси Ширкати консталтингӣ, бонки инвеститсионию тиҷоратии Ҷумҳурии Халқии Демократии Алҷазоир Ҷумҳурии Халқии Демократии Алҷазоир дар Тоҷикистон ва таъсиси Бунёди молиявии кишварҳои исломӣ амали муҳим арзёбӣ гардид.

Дар ин замина таъкид гардид, ки ҷониби Ҷумҳурии Халқии Демократии Алҷазоир метавонад ба рушду густариши бештари муносибатҳои тиҷоратию иқтисодӣ бо Тоҷикистон тавассути дастгирии молиявии татбиқи лоиҳаҳои хурду миёна, маблағгузории лоиҳаҳои энергетикиву обии дорои аҳамияти миллию минтақавӣ, аз қабили сохтмони хатҳои интиқоли барқи баландшиддати фаромарзӣ, неругоҳҳои барқи обии бузургу миёна, зеристгоҳҳо, ба роҳ мондани парвариш ва истеҳсоли маҳсулоти хушсифати кишоварзӣ дар Тоҷикистон ва содироти он ба Ҷумҳурии Халқии Демократии Алҷазоир, ҳамчунин фароҳамсозии шароити мусоид барои содироти оби хушсифати нӯшокии кишвари мо ба давлати худ фаъолона иштирок намояд [2, с. 1].

Ҳар ду ҷониб рушди ҳамкорӣ дар бахши сайёҳӣ, ифтитоҳи хатсайрҳои ҳавоиро аз имконоти дигари густариши муносибатҳо маънидод карданд. Пешниҳод гардид, ки як гуруҳи муштарак барои таҳияи стратегияи ҳамкорӣ дар бахши саёҳат таъсис дода шавад. Ифтитоҳи хатсайрҳои ҳавоӣ байни ду кишвар бошад, иқдоми муассире дар самти тавсеаи имкониятҳои рафтуомади сайёҳон хоҳад шуд.

Ҳамкории илмиву тадқиқотии байни олимони ду кишвар, табодули донишҷуёну омӯзгорон ва барномаҳои фарҳангӣ низ аз самтҳои муҳими робитаҳои дуҷониба маънидод карда шуд.

Дар мулоқот инчунин масъалаҳои ҳамкории байниҳукуматӣ дар соҳаи таъмини амният, дастёбӣ ба созишу ризоият ва таъмини сулҳу субот дар кишварҳои мусулмонӣ, ҳалли вазъи мураккаби сиёсии Афғонистони ҳамсоякишвари мо, дар чаҳорчӯби ташкилотҳои байналмилалӣ, аз ҷумла Созмони Милали Муттаҳид ва Созмони ҳамкориҳои исломӣ, баррасӣ карда шуд.

Пас, бояд ёдовар шуд, ки маҳз бо шарофати соҳибистиқлол гардидани Тоҷикистон ва иқдомҳои президенти кишвар Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз бумбасти коммуникатсионӣ баромада, дар ҷаҳон шинохта шуд.

АДАБИЁТ

1. Пресс обзор, // Asia-Plus-Азия-Плюс, №57 29.12.07, 04.01.08.
2. http://www.mfa.tj/index.php?l=tj&cat=103&art=202

3. Архивные материалы. Текущий архив Министерства иностранных дел Республики Таджикистан. Отчеты о деятельности Министерства иностранных дел Республики Таджикистан за 1992–2016 гг.
4. Ваҳдат, давлат, Президент, Душанбе, 2007, - 112 с.
5. Назризода Д.Х. Становление и расширение заграничных органов системы дипломатической службы Республики Таджикистан в годы независимости // Известия Таджикского Национального Университета, №1/2017, с. 186.
6. Саидов З.Ш. Внешняя политика Республики Таджикистан (1991-2017), Душанбе: Контраст, 2017, 142 с.
7. Ҳудоал-ал -Миср. Сафири Тоҷикистон дар Қоҳира// Руз-ул-Юсуф, 10 сентябри соли 2016
8. 25 қадам дар паҳнои олам, Хайати тахририя: Н. Зоҳидӣ, В. Ниятбеков, А. Камолов Душанбе: Ирфон, 2016, - 220с.

АЗ ТАЪРИХИ РАВОБИТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА КИШВАРҲОИ АРАБ (ДАР МИСОЛИ ҶУМҲУРИИ ХАЛҚӢ-ДЕМОКРАТИИ АЛҶАЗОИР)

Дар мақолаи мазкур муаллиф ҳамкории байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлатҳои араб, бахусус Ҷумҳурии Халқии Демократии Алҷазоир, ки робитаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва дигар соҳаҳоро дар бар мегиранд, таҳлил намудааст. Бояд қайд кард, ки дар даврони истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таъсис додани муассисаҳои хориҷӣ, ки аз сафоратхонаҳо, намояндагиҳои консулии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа ва намояндагиҳои доимии ҷумҳурӣ бо ташкилотҳои байналмилалӣ иборат аст, анҷом додааст. Дар натиҷа, дар кишварҳое, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкории зич дорад, намояндагиҳои доимии ҷумҳурӣ мебошанд. Ҳамкории илмиву тадқиқотии байни олимони ду кишвар, табодули донишҷӯёну омӯзгорон ва барномаҳои фарҳангӣ низ аз самтҳои муҳими робитаҳои дуҷониба маънидод карда шудааст.

Калидвожаҳо: ҶумҳуриитТоҷикистон, Ҷумҳурии Халқии Демократии Алҷазоир иҷтимоӣ, робита, фарҳангӣ, созишнома

ИЗ ИСТОРИИ СОТРУДНИЧЕСТВА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН И АРАБСКИХ СТРАНОВ (НА ПРИМЕРЕ АЛЖИРСКОЙ НАРОДНО-ДЕМОКРАТИЧЕСКОЙ РЕСПУБЛИКИ)

В этой статье автор анализирует сотрудничество между Республикой Таджикистан и арабскими государствами, особенно Алжирской Народно-Демократической Республикой, которое охватывает экономические, социальные, культурные и другие сферы. Следует отметить, что за годы независимости Республики Таджикистан были созданы иностранные учреждения, в том числе посольства, консульские представительства Республики Таджикистан за рубежом и постоянные представительства Республики при международных организациях. В результате в странах, в которых сотрудничает Республика Таджикистан, действуют постоянные представительства республики. Научно-исследовательское сотрудничество двух стран, обмен студентами, преподавателями и культурные программы также входят в число важных направлений двусторонних отношений.

Ключевые слова: Республика Таджикистан, Алжирская Демократическая Республика, социальная, коммуникационная, культурная, договорная.

FROM THE HISTORY OF COOPERATION BETWEEN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN AND ARAB COUNTRIES (ON THE EXAMPLE OF THE ALGERIAN PEOPLE'S DEMOCRATIC REPUBLIC)

In this article, the author analyzes the cooperation between the Republic of Tajikistan and the Arab States, especially the people's Democratic Republic of Algeria, which covers economic, social, cultural and other areas. It should be noted that during the years of independence of the Republic of Tajikistan, foreign institutions were established, including embassies, consular missions of the Republic of Tajikistan abroad and permanent missions of the Republic to international organizations. As a result, permanent representative offices of the Republic of Tajikistan operate in the countries where the Republic of Tajikistan cooperates. Research cooperation between the two countries, exchange of students and teachers, and cultural programs are also important areas of bilateral relations.

Keywords: Republic of Tajikistan, Algerian Democratic Republic, social, communication, cultural, contractual.

Сведения об авторе: ***Саъдуллоев Б.Э.*** – магистрант Института изучения проблем стран Азии и Европы АН РТ, 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 33. Тел.: (+992) 917 67 67 10

Information about author: ***B. E. Saidulloev*** – Graduate student of the Institute of Asian and European studies of the Academy of Sciences of the RT, 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 33. Tel.: **(+992) 917 67 67 10**

ҲУНАРИ ЗАРГАРӢ ВА ҶАВОҲИРСОЗИИ МАРДУМИ ТОҶИК

ЭРАҶИ МЕЛИКИЁН
Институти давлатии саъати тасвирӣ ва дизайни Ҷумҳурии Тоҷикистон

Заргарӣ маҳорати тавлиди ҷавоҳироти ҳунарӣ (зеваролот, васоили рузгор, либосу силоҳи ҷангӣ аз филизот (тило, нуқра, мис, биринҷӣ, оҳан ва ғайра), сангҳои гарону арзон (алмос, лаъл, ёқут, фируза, зумруд, лоҷвард, ҷазъ, булури куҳӣ, ҷамаст, яшм, қаҳрабо, ақиқ, ва ғайра) ва ашёи органикӣ (устухони фил, садаф, марворид, чуб) сохта мешавад. Заргарӣ аз куҳантарин гунаи ҳунарҳои дастсоз аст. Бозёфтҳои бостоншиносӣ гувоҳи онанд, ки ҳунари заргарии тоҷикон таърихи тулонӣ дорад. Яке аз қадимтарин сарчашмаҳое, ки вуҷуди ҳунари заргариро байни мардуми Осиёи Миёна тасдиқ мекунад, “Таърих”-и Ҳеродот аст. Дар натиҷаи ковишҳои бостоншиносӣ низ дар гушаҳои гуногуни Тоҷикистон намунаҳои ҳунари заргарӣ ёфт шудаанд, ки гувоҳи тулонӣ будани таърихи онро доранд.

Дар замонҳои қадим услуби ҳунари заргарӣ ба тасвирҳои асотирӣ асос ёфта, зимни он шаклҳои ҳайвоноти тахайюлӣ, омезиши хаёливу воқеии ҷисмҳо ва ҳаракату ҳолатҳо таҷассум меёфтаанд. Масалан, васоили заргарии сакоиҳои Помири Ғарбӣ, намунаҳои ашёи Хазинаи Амударё, (асрҳои V-II то м.) суннатҳои ҳунари заргарии давраи Ҳахоманишиён, ҳунари маҳаллии юнону бохтарӣ ва бо истифода аз “услуби вуҳуши”-и скифиро дар худ таҷассум мекунад. Аз осори заргарии давраи бохтариён гушвораи нафисе (асри I то мелод) дастрас гардидааст, ки аз омехтаи тилло ва нуқра сохта шудааст. Бозёфтҳои осори заргарии ҳудуди Истаравшани қадим – гушвора, овеза, зеваролоти тиллоӣ низ ҷолиби таваҷҷуҳанд.

Дар навоҳии гуногуни Тоҷикистон инчунин абзорҳои аз сангҳои гаронбаҳо сохта шуда (шаддаҳои ақиқ, булури куҳӣ, фируза) ёфт шудаанд, ки аз рушду такомули ҳунари заргарӣ ва ҳаккокии ҷавоҳиру сангҳои гаронбаҳо (геммаҳо) гувоҳӣ медиҳанд. Зевароти заргарии Панҷакенти қадим, монанди шаддаҳо, (аз ақиқ, булури куҳӣ, марҷон), чалла, ангуштарин, овеза, гушвора, алангу (дастбанд ё дастпона) ва ғ. мебошанд.

Аз асрҳои IX-X анвоъи абзорҳои заргарӣ хеле афзуда, қариб ҳамаи паҳлуҳои зиндагии маиширо (зеварот, ороиши сару либос, васоили хона, манзилгоҳ) фаро гирифт. Дар ин давра тавлид ва коркарди филизоту сангҳои гаронбаҳо инкишоф ёфта аз лаъл, фируза, ақиқи яманӣ, булур сохтани зевароти зарандуд ва ҳаккокӣ маъмул гардид.

Осори заргарии он давра дорои сабки хос ва ҳунарнамоии баланд мебошад. Дар заргарӣ усулҳои рехтагарӣ кандакорӣ, ҳаккокӣ, зарробӣ, сайқалдиҳӣ, ҳаллоҷӣ, (тунуккунӣ) ва ҳалдавонӣ истифода мешуд. Ҳалқа, зеби гардан, қоши тило, ё қасаба, каҷак, бозубанд, ҳайкал, тумор, зевароти роиҷи занони тоҷик буданд. Қуштумор ва пешонабанд аз абзорҳои мураккаби кори заргарӣ ба шумор мерафтанд. Заргарони Бухоро дар сохтани камарбандҳои васеъи мардона, ки асосан бо фирузаву марворид хотамкорӣ мешуданд, шуҳрат ёфта буданд. Байни заргарон зангуласозон ҷойгоҳи махсусе доштанд. Зангулаҳои сохтаи онҳо – якказан, тосак, зонубанд, алафӣ, (зангулачаҳои хурд) ба гардану пойҳои шутурон, ҳайвоноту парандагони хонагӣ овехта мешуданд.

Баъдҳо коркарди тило, нуқра, ва сангҳои қиматбаҳо миёни заргарон тадриҷан доман паҳн кард. Маркази аслии ҳунари заргарӣ Бухоро ва Самарқанд ба шумор мерафтанд. Танҳо дар Бухоро бештар аз 400 заргар ба заргарӣ машғул буда, дуконҳои худро доштанд. Осори ҳунармандони Бухоро анвоъи зиёдеро дар бар мегирифт. Барои либоси идонаи амир ва ашхоси расмӣ камарбандҳо бо ошиқ-маъшуқҳои калони сернақшу нигор дуруст карда, руи онҳоро бо сангҳо ва саводкорӣ оро медоданд. Баъзан камарбандҳо аз силсила лавҳачаҳои ба ҳам пайвастаи шабакакории зариф иборат буданд. Даставу ғилофҳои шофу шамшерҳо, инчунин афсори аспро хеле зинат медоданд.

Дар Хуҷанд ва Истаравшан танҳо зеваролоти оддии ороишӣ – овезаҳои гуногун, зангула, гушвор ва ангуштар месохтанд. Сохти зеварҳои занона аз қабили зулф, қоши тилло, моҳи тилло, (шакли ҳилол дар ду ё се овеза), силсила, ҳалқа, гушвора, ва ғ. бахусус дар навоҳии ҷануби Тоҷикистон (Кулоб) равнақ дошт. Аз он пас байни мардум васоили заргарии фабрикӣ роиҷ шуд. Аксари косибон ва заргарони яккадаст дар натиҷаи муттаҳид шудани корхонаҳои заргарӣ ва такмили тавлидот дар иттиҳодияву корхонаҳо гирд омаданд.

Филизот ва сангҳои пурарзиш аз дербоз дар дастҳои моҳири башар ба шаклҳои ороишӣ ва ҳунарӣ даромада аст то чун зевари шахсӣ ё аз ҷиҳати ҳайсияти иҷтимоъӣ ва ё ниҳоятан дар роҳи ниятҳои оинӣ ба кор бурда шавад. Аз дер замоне чун панҷ ҳазор сол (пеш аз милод) дар Миср ва ҳудуди 2500 сол (п.м.) дар Миёнрудон (байнаннаҳрайн) ҷавоҳирот ва ороярҳои («ороя» - ороишдиҳанда) зебои дилангезе сохта мешуд.

Зинатолот ба вижа дар шарқ ҳамеша зебандаи андом ва ҷома будааст ва ҳам нишонаи ҳишмату обру. Ба ростӣ низ дурахшиши филизҳои гаронбаҳо, садои дастбанду ларзиши гушвора, махсусан агар мукаммили ҷомаҳои рангоранги суннатӣ бошад, бисёр дилфиреб аст. Дар Тоҷикистон ҳануз ҳам ҳунармандон васоили заргарӣ – қуфли гиребон, гушвора, холчуб, чолбанд, зира, нуқрапушак ва ғайраро бисёр моҳирона месозанд ва аз ин роҳи касбӣ даромад мекунанд.

Ёфтаҳои бостоншиносӣ ва тасовири барҷастаи куҳан нишон медиҳад, ки тоҷикон ҳамеша дар ин ҳунар завқи вижае доштаанд. Вале акнун дигар аз онҳо нишоне нест. Занони шаҳрӣ инак дунболарави мудҳои аврупоӣ ҳастанд ва камтар зеварҳои суннатӣ ба худ мебанданд, аз инру барои дидани зеварҳои асили тоҷикӣ бояд ба нуқоте рафт, ки мардумаш ҳануз аз фарҳанги бегона камтар таъсир пазируфта ва асолату одатҳо ва суннатҳои деринаи худро нигоҳ доштаанд. Бояд зикр намуд, ки ҳеч як аз қабилаҳои мардуми Осиё махсусан форсизабонҳо ба андозаи туркманҳо ҳунари ҷавоҳирсозиро ба пояи камол нарасонидаанд. Занони туркман аз

замони кудакӣ худро ба зинатолоти нуқраи зарандуд бо нақшҳои барҷаста ё сурохшуда, зеваролот дар фирузаи нимагаронбаҳо ва шишаҳои рангин ба тақлид аз ҷавоҳир ва гулмехҳои зарандуд меороянд. Истифода аз ороёҳо дар назди туркманҳо натанҳо ҷанбаи худороӣ ва тазъини дошта ва дорад, балки аз ҷанбаи иқтисодӣ ва фарҳангӣ низ ҳоизи аҳамият будааст. Аз назари фарҳангӣ зеваролоти туркманҳо ба воситаи овезаҳои мухталиф дар ҳангоми ҳаракат, эҷоди сару садо мекарда аст, ки баёнгари қисмате аз фарҳанги онҳо аст. Тилисмҳо ва туморҳое, ки ҳомили дуоҳо мебошанд ва қобҳои Қурон, ки ба гардан меовезанд, ҷанбаҳои эътиқодии истифода аз зеваролот назди туркманҳоро рушан месозад.

Дар гузаштаи начандон дур шеваи омузиш дар тиллосозӣ меросӣ ва ба сурати устод-шогирдӣ буда ва бисёр тул мекашидааст то коромузе битавонад ба унвони неруи моҳир машғул ба кор шавад, аммо дар солҳои охир омузишгоҳҳои хусусӣ ва давлатӣ мисли донишкадаҳо ва муассисоти дигар дар тамоми дунё дар хидмати алоқамандони ҳунари заргарӣ хидмати худро мерасонанд.

Имруз дар манотиқи кишвар заргарон баъзе аз анвоъи васоили заргарӣ – алангу (дастпона), қулфи гиребон, гушвора, холчуб, чолбанд, зира, нуқрапупак ва намудҳои онро месозанд. Ҳануз ҳам барои занони тоҷик дар канори ҷавоҳири сохти корхона ва муосир, сохти ҷавоҳири заргарони тоҷик роиҷ аст.

Ҷавоҳироти мардуми тоҷик. Зеваролот ё ороёҳо ҳамеша яке аз бахшҳои ҷудоинопазири занону духтарони тоҷик ба шумор мерафт. Онҳо ба чандин манзур ба кор бурда мешуданд, ки муҳимтаринашон зебоиро дар бар мегирифт. Дар ҳар ҷое аз дунё ин ороёҳо нишондиҳандаи зебоии табии ҷинси латифи зан будааст. Ба ҷуз ин, зеваролот баёнгари мутааллиқ будани занҳо ба фарҳангу мардуми хоссе аст. Аз тарафе ин амр метавонад сухан аз эътиқодоти мардумон, ки ҳатто реша дар аҳди бостон дорад, ба миён орад. Ҳифозат аз чашмзадагӣ, арвоҳи шарир (бад), назари зиёновари бадхоҳон аз муҳимтарин мавзуоти рузмараи осиёиҳо будааст, ки дар пушишу ороишоти ҳар гуруҳ аз мардуми ин минтақа ба таври хос инъикос меёбад. Ингуна аносури ба ҳам шабеҳи зиёде дар Осиё вуҷуд дорад, ки баёнгари иртиботи танготанги фарҳангиву иқтисодӣ ва масири муштараки таърихии ин милат маҳсуб меёбад.

Ҷинси аслӣ барои омода кардани ҷавоҳирироти ороишӣ дар ин маҳдудаи таърихӣ-фарҳангӣ, нуқра ба шумор мерафт. Онҳо бар ин бовар буданд, ки нуқра заҳри неруҳоро мегирад ва садои он арвоҳи шарирро мегурезонад. Санги фируза низ пуркорбурд буд. Тибқи боварҳои шарқӣ, фируза чизе нест ҷуз устухони афроди фавтида. Аз замонҳои қадим эътиқод бар ин буд, ки бисёре аз сангҳо ҳангоме, ки соҳиби онҳо аз дунё меравад, қудрати ҷодуии худро аз даст медиҳанд, аммо фируза бо тағйири ранг, рангпаридагӣ, доғгирӣ, аз обӣ ба сафед гузаштан, қодир ба ҳифзи хусусиёти ирфонии худ мебошад. Каҳрабо ва ҳамчунин марворидҳо, марҷонҳо ва

садаф низ дар баробари беморихо инсонро ҳифз мекардаанд. Меваи анор низ ба маънои фаровонӣ ва равнақ будааст.

Нақшҳои тасвир шуда, руи ороҳо бори маъноии муайянеро доштаанд. Аз ин ру бештар нуқуши растаниҳо мавриди истифода қарор мегирифт – шоха, барг, мева, ғаллот, - намоде аз борварӣ. Нуқуши аслии ороишӣ, ба вижа ромб (ҳамругуша, баробаргушае, ки ҳама барҳояш ҳамвор буда вале кунҷҳояш рост нестанд) тасвиргари сиришти занона буда, маъмулан руи либоси занон дар қисмати камари онҳо қарор мегирифт. Ин ба далели қасди муҳофизат аз пураҳамияттарин бахши бадан – нуктаи падидоии инсон аст. Имони ақвоми Осиёи Миёна ба қудрати борварии моҳу хуршед, инъикоси худро дар шаклу ҷинси ороҳо пайдо кардааст. Ба унвони мисол ороҳои пешонӣ – “моҳи тило” дар шимоли Тоҷикистон ва “моҳи ҷавон” дар ҷануби он вуҷуд дорад. Дар байни туркманҳо “амулет асик” аз аҳамияти болое бархурдор аст – як овез ба шакли дил, маъмулан ба андозаи як кафи даст, ки ё руи пушт пушида мешуд ва ё бар руи гесувон овезон буд. Шакли он бо оини илоҳаи

модар муртабит аст.

Қоши тилло.

Дар бисёре аз ороҳо парандаҳое во мехуранд, ки намоди неруи поккунандаи хуршед ҳастанд: дар гарданбандҳои тоҷикӣ, дар гарданбанди мурғаки узбакӣ, дар ороҳои атрофи гуш – каҷак, ки асосан аз руи шакл ёдовари абрувони пайваста ва ё парафшонии паранда мебошанд. Ороҳои нуқрагини пешонӣ – “қоши тило” ёдовари кокошники русӣ, ки бо тасовири сари парандаҳо ороста шудааст, ба таври густарда дар байни тоҷикҳо ва узбакҳои муқими Самарқанд, Хуҷанд, Тошканд ва Хуқанд истифода мешавад. Тафовутҳои қавмии мардуми Осиёи Миёна дар истифода аз ин ё он ороя нақш доштааст. Дар миёни мардумони муқимӣ (тоҷикҳо ва узбакҳо) пеш аз ҳама тазарв (мурғи даштӣ), товус ва хурус ба чашм мехурад. Қазоққо, туркманҳо ва қирғизҳо низ дар навбати худ, чуғз, шоҳин, боша ва уқоби тилоиро ном бурданд.

Ҳалқаҳо, ангуштарҳо, гушвораҳои кучак ва ангулаҳоро занон ҳамаруза ба тан мекарданд, бидуни онки ҳатто ҳангоми анҷоми корҳои хона онҳоро дар биёранд. Онҳо мекушиданд, ҳалқаҳоро аз насле ба насли дигар мунтақил кунанд, зеро эътиқод бар ин буд, ки бар ин далел аз неруи наслҳо пуштибонӣ хоҳад шуд. Тоҷикҳо ва туркманҳо ба таври густарда бовари роиҷе доштанд, ки як зан ҳатман бояд бо ангуштари нуқра хурокпазӣ кунад, дар ғайри ин сурат дастони у чиркин гуфта мешуд.

Ороии бозубанд (тумор). Эътиқод бар туморҳо, ҳифозҳо ва тилисмҳо барои мардуми шарқи наздик ба таври фавқулода прешрафт карда буд. Ҷавоҳирот бистари муносибе барои шаклгирӣ ва ҳифзи ин эътиқодот фароҳам карданд. Руи ин мавзуъ Н. Г. Борозна теъдоди сершумор вале парокандае аз шавоҳиди мардумшиносӣ гирд овардааст ва бо пажуҳишу баррасиҳои муфассал махсусан руи мавзуи ороя-ҳифозҳои тоҷикҳо ва узбакҳо кор кардааст. Дар робита бо ин масъала таклифи мо хеле осонтар хоҳад шуд: танҳо коре, ки бояд анҷом шавад, такмил додани ин шавоҳид ва нишон

додани нақши боварҳо ва аломатҳо дар робита бо ороя̆ҳо дар сохтори тасаввуроти зиндагии динӣ-ҷодуии мардуми тоҷик.

Агарчи таҷзия ва тавзеҳи гуруҳи ороя-туморҳо кори соддае набудааст. Дақиқан ҳар як ороя чӣ ба шакли комил ва чи ҷузъӣ, дар тафаккури мардуми тоҷик ба ягон тахаюли мустақиле муртабит буд. Ду навъ аз корбурдҳои тумор – ҳифоз ва “фазоянда” дар робита бо тафаккури борварӣ (ҳомилагӣ) – ин ороя̆ҳоро ба тан мекарданд. Бинобар ин дар оғоз созаҳои ҷавоҳириро баррасӣ мекунем, ки худи ҷинс ва шакли онҳо тибқи боварҳои суннатӣ дорои неруи ҷодуии ҳифозат будаанд.

Овезабандакҳо ва баҳрома – шакли бисёр куҳани туморҳо барои мардуми шарқи наздик (махсуси эрониҳои бостон, ва баъдҳо – арабҳо). Осори бар ҷой мондаи ин хурофотро дар русуми густардаи тоҷикон, ки домани пироҳани кудакро ба шакли нодухта раҳо мекунанд, метавон дунбол кард. Дар феҳристи ороя̆ҳои сар, руи сина ва бештар гушвораҳо метавон танаввуъи дарозӣ ва муҳтаворо мушоҳида кард. Вале шакли мутаносиби овезабандакҳо – бузургу кучак, як дона ва ё банча, як қатор ва ё чандин қатор, беш аз ҳама дар ороя̆ҳои кокул дида мешаванд: “чачпупак”, “чолбанд” “ҷамолак” ва амсоли он. Дар баробари ҳалқаҳо ва гушвораҳо, ороя̆и кокулҳо ба шакли кафи даст, ороя̆ҳои ҳамешагӣ ва ҳатмӣ дар тамоми умр барои занҳо будааст.

Анвои туморҳо ва тилисмҳо. Яке аз ҷолибтарин ва густардатарин ороя̆ҳои осиёи миёнагӣ – ҳифозҳо яъне туморҳо мебошанд. Тумор ғилофи нуқрагин ва гоҳе тилоӣ низ ҳаст, ки дар он тилисм қарор дода мешавад, то аз чашмзанӣ, бемориҳо, ноборварӣ ва аз неруҳои манфӣ фардро ҳифз кунад. Ин олати зинатӣ, инсонро аз рузҳои аввали чашмкушоӣ дар дунё ҳамроҳӣ мекард ва кудакон бо тумори дорои шакли секунҷа муҷаҳҳаз мешуданд. Туморҳои занона беш аз ҳама дар камарбанди онҳо, ки аз руи шонаашон мегузашт, овезон мешуд ва ё бандҳои печида шуда аз пашми шутур (бо ин роҳ усули муҳофизати чандгона ба кор бурда мешуд – пашм худаш ба унвони як тилисм амал мекард). Ашёи гуногуне ба унвони муҳтавои тилисм, ҳифозҳои нерумaнд дар сутуҳи мухталифе буданд. Бештарин бахши ин ашё ба забони ҷодуии бостон муртабитанд. Ба унвони мисол туркманҳо ба манзури тақвияти нақши муҳофизи тумор дар он тикаҳое аз ангишти чуб ва намак мегузоштанд. Боваре вуҷуд дорад, ки бар асоси он туморҳо сарчашмаи худро аз ғилофҳои пеш аз давраи пайдоиши ислом мегиранд, ки дар онҳо бутакҳои чубӣ ва гилӣ ҷой дода мешуд. Бо пазириши ислом дар тилисмҳо коғазпораҳое бо навиштаи оёти қуронӣ роиҷ шуд. Барои мардумони мусалмони ғайри араб, ҳар катибае, ки ба забони арабӣ навишта шуда бошад, муқаддас талаққӣ мешуд.

Тумор-ороя

Бо ин ҳол, шароити хоссе вуҷуд дошт, ки занони бузургсолро расму оинашон водор мекард, ки ба ҳеч ваҷҳ аз ороя̂ҳо ва ҳатто тумор истифода накунанд. Якумин суннате, ки монеи пушиши зеваролот мешавад, маросими сугвории фарди фавтида аст. Бевазан ва хешовандони у наметавонистанд, ки то як сол ороя̂ҳо ба бар кунанд. Мавриди дувум, ки намегузорад зан ороя̂ба тан кунад, чиҳил рузи аввали пас аз зода шудани аввалин фарзанд яъне “чилла” мебошад. Дар иваз дар давраи чилла, ҷое ки модару фарзанд онҷо буданд, бо гиёҳони “муқаддас” дудолуд мешуд ва ҳифозҳои сершумореро овезон менамуданд. Тафовути ҷавоҳироти ороишии занона дар ғанӣ будан ва танаввуи шаклҳо, услуби сохт ва короии таъйин шуда аст; онҳо мунъакискунандаи таҷрибаи азими ҳунарӣ аз тадовуми давраҳои мухталифи таърихӣ ва гуруҳҳои қавмӣ буданд.

Корбурди ҳифози ороя̂ҳо барои чандин қарн дар байни ақвоми Осиёи Миёна ҳифз шуда буд. Ба тадриҷ бархе аз корбурдҳои муҳофизатии онҳо аз байн рафтанд ва табдил ба васоили ороишӣ шуданд, аммо ба таври куллӣ, ҷавоҳироти Осиёи Миёна ҳануз ҳам маъонии муқаддаси худро пос медорад.

Бозбанд.

Ороя̂ҳои руи сар. Яке аз машҳуртарин ороя̂ҳои се даҳаи аввали асри XX “қоштило”- маҳсули нуқрагини зарандуд ба шумор меравад. Ин ороя марбут мешавад ба гуруҳи нақшӣ-услубии “қуроқҳои ҳамвор”. Асоси онро чанде аз баргаҳои (варақа) баромада ба пеш (миёнгини дарозӣ 30 см), қисмати поёнӣ ва ҳамвори кор бо нуқуш нақшкубӣ шудааст, ки ёдовари боли паранда мебошад, аммо баргаи болой як баргаи секунҷашакл бо шикофҳо ва суроҳҳои сершумор барои ҷогузории фируза, сангҳои рангаи шаффоф ва нимшаффоф ва муҳраҳо бо андоза ва шаклҳои гуногун мебошад. Аз қисмати поёни ин ороя овезаҳои кутоҳи ба ҳам зич (25-35 овеза) марворид ва марҷон ва ё баргаҳои муҳршуда ба шакли “баргак”-ҳо овехта шудаанд.

Қоштилои пешонӣ.

1. Гузораҳои “Қоштилло” дар андоза ва миқдори мухталиф байни мардуми муқимии тоҷик ва узбак дар шаҳрҳои Самарқанд, Хуҷанд, Тошканд, Қуқанд ва шаҳрҳои дигари маркази Осиёи Миёна ривоҷ дошт. Маъмулан қоштиллоро ҳамроҳ бо орояи овехтании "каҷак" мепушиданд.

2. “Болоабру” орояи пешонӣ, ки мутааллиқ ба Бухоро буда, аз лиҳози сохторӣ шабеҳи қоштило вале бидуни бахши бурида шудаи болоӣ ва андаке бо овезаҳои дарозтар (то 2-3 см) низ то ҷое шинохта шуда буд.

3. “Тиллобаргак” орояи пешонӣ, ки ба назар мерасад дар қарни XX бисёр зиёд байни тоҷикон ва узбакҳои шаҳрҳои дар боло зикр шуда мавҷуд буд. Ин зевар шакли нимтоҷро (юн. диадем) дошт, ки ҷавоҳирсозони бухорӣ онро яке аз куҳантарин навъи орояҳои мардуми тоҷик мешумурданд.

4. “Баргак” иборат буд аз ошиқ-маъшуққои ба ҳам пайвастаи ҳамандоза ва ҳамнақши чоркунҷаҳои филизӣ 13-17, бо доманакҳои начандон баланд. Дарозии куллии ин ороя маъмулан 30-35 см аст.

5. “Қасаба” ё “баргак” орояи пешоние, ки иборат аст аз 12-16 нишонҳои (медал) муҳрзада, ки бо услуби “сирешим-барга” (варақҳои ширешшуда, часпида) сохта мешуд. Собит шуд, ки ин навъи зевар дар ноҳияи Уротеппа ва Самарқанд мавҷуд будааст.

6. “Саракӣ”, “Гирд саракӣ”, “касаба”, “синсила” – номҳои гуногуни орояҳои нуқрагини ҷануби Тоҷикистон мебошанд, ки дар худ як ё ду қатор нишонакҳои нақшкубӣ шуда ба шакли уфуқӣ доранд (д= 1 см), ки ба 2 ё 3 занҷираи ҷой дода шудаи мутаҳаррики уфуқӣ васл шудаанд.

7. “Сарсузан” ё сузани сар, навъи қадимаи орояи тоҷикӣ барои зинати сар мебошад. Ин ороя иборат аст аз сузани филизӣ, ки аз тарафи кунди он нишонакҳо, баргакҳо, меваҳо, муҳраҳо ва ғ.-и дастсоз меовехтанд.

8. “Моҳи тилло” ва ё “бибишак” орояи овехтании пешонӣ, ки ба таври густарда дар Самарқанду Бухоро ва ҳамчунин анвои он дар Хуқанд ба чашм мерасад. Ин ороя аз се нишони яксон иборат аст, ки дутои он дар гушҳо ва якеаш дар пешонӣ овезон мешуд. Моҳи тило шакли нимамоҳро бо миёни кашида ба дарун дорад, ки баъзан аз поёнаш 9-11 марҷону баргакҳо меовехтанд.

Орояҳои гардан дорои наворе аст, ҷинси тасмашакл (бо паҳнои 1,5-3 см), ки маҳкам гарданро фаро мегирад ва аз тарафи пушт гиреҳ мешавад. Роиҷтарин навъи ин ороя гарданбандҳо бо муҳраҳои рангӣ (“хафабанд”, “гули бандак”, “кашеляк”, “кенҷак” ва ғ.). Танаввуъ ва ҳамхонии нуқуш руи гарданбанд, бандинаҳои муҳрай, нақши аслӣ миёни тоҷикони ҷанубӣ дорад, агарчи дар гузашта онҳоро дар шимоли Тоҷикистон ва махсусан дар рустоҳо истифода мекарданд. Орояҳо бештар барои худорӣ будааст, вале гоҳ решаҳои мазҳабӣ низ дорад, ҳамчун бозубандҳо ва ҷавоҳироте, ки гоҳ ба сурати орояҳои фирузаӣ ё обӣ ба кулоҳ ё шонаи кудак меовехтанд. Аз суи дигар бархе аз онҳо арзиши масрафӣ доштаанд, монанди

сузанакҳо ё мушкдон, мучин ва чубдандон ва гушпоккун, ки ҳар се ба овезае пайвастааст ва баъзе аз мардуми форсизабон онро “тоюк” меноманд.

Ҷавоҳироти умумитоҷикӣ. Тамаркузи асосӣ бар тафовутҳои ҷавоҳироти гуруҳоҳои минтақавии тоҷикон, набояд монеъ шавад, ки байни тоҷикони ҷанубу шимол ваҳҳҳои муштаракро нодида гирем.

Нахуст ин, ки дар тамоми навоҳии таҳти пажуҳиш қарор гирифта дар Тоҷикистон, бахши қобили таваҷҷуҳе аз ҷавоҳирот вуҷуд дорад. Ба ин ороядҳо метавон гушвораҳои ҳалқавие (“ҳалқа”, “нати”, “латибини”), ки аз онҳо муҳраҳоро гузаронидаанд, ворид намуд. Баҷуз ин тақрибан ҳамаҷо гушвораҳои ҳалқавии дорои панҷ ё ҳафт овезаи ҳамандоза ва гушвораҳои гунбаддори “кубу” шинохта шудаанд. Дар воқеъ сатҳи густариши тамоми гушвораҳои сабтшуда дар шимолу ҷануб тафовут доранд: “қафасӣ” ва “натӣ” дар ҷануб бартарият дошт дар ҳоле, ки дар шимол миқдори каме аз он вуҷуд дошт.

Дар канори гушвораҳо аз ҷавоҳироти умумитоҷикӣ, ангулаҳои борики тунук ва кушод бо нақшкубии начандон печида дар ҷануб ривоҷ дошт ва дар шимол камтар ба чашм мерасид, онҳам танҳо байни сокинони тангдасту фақир. Ҳамчунин гарданбанди “хафабанд” сохта шуда бо резмуҳраҳо дар тамоми Тоҷикикистон паҳн гардида буд, вале миқдор ва танаввуи намудҳои он бо наздик шудани мардум ба марзи ҷануб, афзоиш ёфт. Аз резмуҳра дар Тоҷикистон як навъи хосси гарданбанди печишдори руи сина бо номи “хазинагардан” месохтанд, ки барои тамоми тоҷикон дустдоштанӣ буд.

Дувум ин, ки чандин шакли ороядҳои мушобеҳ вуҷуд дорад, ки аз аҷноси мухталиф сохта мешуданд, монанди бозубандҳои (тумор) чармӣ, чубӣ, филизӣ ва порчагин. Севум, бахши бузурге аз ороядҳои руи синагии тоҷикони шимол (“зеби сина”, “нози гардан”) аз лиҳози сохторӣ дар маҷмуаи ороядҳои самти ҷануб “рохти муҳра”, ки иттифоқӣ нест шабоҳатҳои худро пайдо мекунанд. Дар мавриди ороядҳои кокул, ки ба шакли кафи даст ҳастанд низ метавон ишора кард, ки барои ҳамаи аҳвоми тоҷик роиҷ буд.

Барои тавсифи ҷавоҳироти умумитоҷикӣ бояд изофа кард, ки бахши азиме аз онҳоро натанҳо тоҷикон ба тан мекарданд, балки гуруҳҳои мухталифи узбак ва қирғиз, ва бахше ҳам туркману қазоқ аз онҳо истифода мекарданд. Бинобар ин вуҷуди ҷавоҳироти умумитоҷикон дар қазияи ду минтақаи дорои ҷавоҳири тоҷик; шимол ва ҷануб, тазод ба миён намеорад.

АДАБИЁТ

1. Л. А. Чвырь. Таджикские ювелирные украшения. Изд. «Наука». Москва 1977 саҳ. 15, 17, 95, 96, 100
2. Ҳамрохон Зарифӣ. Хазинаи тиллоии тоҷикон. саҳ. 35, 36
3. vostalk.net – ukrasheniya-narodov-sredney-azii

ҲУНАРИ ЗАРГАРӢ ВА ҶАВОҲИРСОЗИИ МАРДУМИ ТОҶИК

Дар мақолаи мазкур муаллиф дар бораи ҳунари заргарӣ ва ҷавоҳирсозии мардуми тоҷик сухан рондааст. Ёфтаҳои бостоншиносӣ ва тасовири барҷастаи куҳан нишон медиҳад, ки тоҷикон ҳамеша дар ин ҳунар завқи вижае доштаанд. Вале акнун дигар аз онҳо нишоне нест. Занони шаҳрӣ инак дунболарави мудҳои аврупоӣ ҳастанд ва камтар зеварҳои суннатӣ ба худ мебанданд, аз инру барои дидани зеварҳои асили тоҷикӣ бояд ба нуқоте рафт, ки мардумаш ҳануз аз фарҳанги бегона камтар таъсир пазируфта ва асолату одатҳо ва суннатҳои деринаи худро нигоҳ доштаанд. Бояд зикр намуд, ки ҳеч як аз қабилаҳои мардуми Осиё махсусан форсизабонҳо ба андозаи туркманҳо ҳунари ҷавоҳирсозиро ба пояи камол нарасонидаанд.

Калидвожаҳо: заргарӣ, ҷавоҳирсозӣ, бостоншиносӣ, зару зевар, зеварҳои асил, зеварҳои суннатӣ, мудҳои аврупоӣ.

ТАДЖИКСКОЕ РЕМЕСЛО ЮВЕЛИРНЫХ ИЗДЕЛИЙ

В данной статье автор рассказывает о таджикском ремесле и ювелирных изделиях. Археологические находки и старомодные изображения показывают, что таджики всегда проявляли

особый интерес к этому ремеслу. Но теперь они ничем не отличаются. Городские женщины долгое время следовали европейским традициям и стали менее обращать внимание на традиционные украшения. Чтобы увидеть подлинные таджикские украшения, мы должны прийти к народу, который все еще менее подвержен влиянию иностранной культуры и сохранил свои первоначальные обычаи и традиции. Стоит отметить, что ни одно из азиатских племен, особенно персоязычные народы, не развивали ювелирных навыков как туркмены.

Ключевые слова: ювелирные изделия, археология, ювелирные украшения, оригинальные украшения, традиционные украшения, европейская мода.

TAJIK JEWELRY CRAFT

In this article, the author talks about Tajik craft and jewelry. Archaeological finds and old-fashioned images show that Tajiks have always shown a special interest in this craft. But now they are no different. Urban women for a long time followed European traditions and began to pay less attention to traditional jewelry. To see authentic Tajik jewelry, we must come to a nation that is still less influenced by foreign culture and has preserved its original customs and traditions. It is worth noting that none of the Asian tribes, especially the Persian-speaking peoples, developed jewelry skills like the Turkmens.

Keywords: jewelry, archeology, original jewelry, traditional jewelry, European fashion.

Сведения об авторе: - ***Эрадж Меликиён***, магистр второго курса Государственного Института изобразительного исскусства и дизайна Республики Таджикистан, Телефон: **987 81 18 11**

Information about the author: - ***Eraj Melikiyon***, second-year graduate student of the State Institute of fine art and design of the Republic of Tajikistan, Phone: **987 81 18 11**

ОТРАЖЕНИЕ ИСТОРИИ ГРАЖДАНСКОЙ ВОЙНЫ В ВОСТОЧНОЙ БУХАРЕ И БОРЬБА С ОСТАТКАМИ БАСМАЧЕСКИХ БАНД В ЮЖНОМ И ЦЕНТРАЛЬНОМ ТАДЖИКИСТАНЕ В ИСТОРИЧЕСКОЙ НАУКЕ

Рахимов Ф. Р.
Российско-Таджикский (Славянский) университет

Политические меры советской власти привели к активизации басмачества. Прямой причиной формирования массового басмаческого движения в первые годы после Октябрьской революции послужил красный террор, который в среднеазиатском регионе включал в себя массовые расстрелы мирного населения, санкционированные советской властью, самоуправные расстрелы, то есть осуществлявшиеся на местах без соответствующих указаний из центра, а также институт заложничества.

Шевченко Д.В. отмечает что, по свидетельству одного из членов Революционного комитета Туркестана, только в период с 1917 по 1921 год в Средней Азии было уничтожено около 300 тыс. представителей коренных народов, в то же время в указанный период численность басмаческих отрядов в регионе не превышало 15 тыс. человек [11, 16].

Еще одной прямой причиной формирования массового басмачества была политика советской власти, которая была направлена на разрушение традиционных исламских институтов региона. Закрытие мечетей и медресе, репрессии советской власти в отношении духовных мусульманских лидеров привели к пополнению басмаческих отрядов дехканами и горожанами. Как косвенные причины развития басмачества можно назвать неудовлетворительное материально-техническое снабжение и финансовое обеспечение красноармейских частей, занятых в боевых действиях в Средней Азии. Красноармейские отряды были поставлены перед необходимостью заниматься самоснабжением, иначе говоря - грабить мирное кишлачное и городское население, чем инициировали вступление в ряды басмачей все новых и новых людей.

Необходимо указать, что еще во второй половине 1918 г. басмачи имели реальный шанс на получение желанной иностранной помощи.

Так, в своих докладах начальству английская агентура убеждала, что не существует препятствий для прямой вооруженной поддержки басмачей. 26 августа 1921 г. Эссертон писал, что у Шермата в Фергане есть 76000 последователей, из них 34000 вооруженных. Кроме того, Шермат, якобы уверял Эссертона, что он мог собрать и 100 тысяч бойцов, если бы не недостаток оружия. "Только недостаток вооружения и боеприпасов служит препятствием для очень быстрого всеобщего восстания русского Туркестана", - заключал свое донесение Эссертон [1, 132].

Иноятов Х. отмечает что, в 1918 г. в Ташкенте под английским патронажем функционировала белогвардейская подпольная организация под названием "Туркестанская военная организация" (ТВО), связанная со штабом омского правителя Колчака и местными басмачами.

По признанию самих белых офицеров, ТВО осенью 1918 г. была связана с представителями британской миссии Бэйли. Англичане обещали снабжать ТВО необходимыми денежными средствами, оружием, боеприпасами. Однако это соглашение не было осуществлено, так как ТВО была раскрыта ташкентской ЧК и многие члены ее были расстреляны, заключены в тюрьму. Так, антибольшевистское соглашение между басмачами, белогвардейцами и англичанами было расстроено [6, 321].

Тимошков С. отмечает что, тем не менее, колчаковцы не оставляли надежд и просили Англию «... на содержание отрядов открыть кредит 150 млн. рублей, место получения Кашгар, через посредство английского консула... доставить оружие в количестве 8-12 полевых орудий, 8 горных орудий, 40 пулеметов, 20 000 ружей и 10 млн. патронов" [10].

Осуществление этого предложения могло бы реально вооружить целую армию.

Историки Боброва В. В., Дробот Б. Г. отмечают что, кроме того, из Афганистана изгнанный эмир, которого всячески поддерживало британское правительство, оказывал помощь басмаческому движению. Без этой внешней помощи басмаческое движение не достигло бы такого размаха и не приобрело бы такого затяжного характера.

Главарям басмаческих банд удалось сколотить значительные боевые силы из представителей свергнутых классов, деклассированных элементов, а также угрозою и обманом втянуть часть трудового населения.

Так, еще в мае 1920 года, М.Фрунзе в одном из своих приказов по войскам Ферганского фронта, подчеркивал: «Басмачи не просто разбойники; если бы это было так, то, понятно, с ними давно было бы покончено» [2, 212].

Иркаев М. отмечает что, басмаческое движение имело ясную политическую цель - независимость Туркестана. У движения были свои руководители и идеологи, свои организационные институты-курултаи (съезды) курбаши, свое регулярное войско и даже правительство («Временное Автономное Ферганское правительство»). Военная организация движения, направленная на сплочение и централизацию руководства его боевыми силами, базировалась на строгой системе соподчинения.

Басмачество, начавшись в Ферганской долине, постепенно распространилось и на другие районы Туркестана, приобрело массовый характер на территории бывшего Бухарского эмирата и Хивинского ханства.

Наиболее массовым был первый период басмаческого движения - это 1918-1924 годы. В этот период басмачество в своем развитии прошло через 3 самостоятельных этапа (февраль 1918 г. - март 1920 г.; май 1920 г. - конец 1922 г.; 1923 - 1924 гг.), отличалось численностью участников движения, руководителями, тактикой и эффективностью борьбы [7, 501].

Иркаев М. так же отмечает что, Англо-американские империалисты с поражением военной интервенции, организованной ими на Севере, Западе, в Сибири, Закавказье и Прикаспии, усилили помощь контрреволюционным силам окраин России, особенно Средней Азии.

Правительства Англии и Америки и их вассалы на Востоке - реакционные круги восточных стран-считали, что я данное время для борьбы против Советов лучше всего сказать помощь путем выделения средств и вооружения и посылки разных авантюристов с небольшими армиями в помощь реакционным силам Средней Азии, чтобы они до перемены нынешней международной обстановки продолжали борьбу против Советской власти.

Только этим можно объяснить усиленную помощь иностранных государств контрреволюционным силам, руководителям басмачества в Таджикистане, Узбекистане, Туркмении и посылку ими разных авантюристов.

Конец 1921 г. и первая половина 1922 г. является одном из периодов наибольшего усиления контрреволюционных сил басмачества и продолжения тяжелых и кровопролитных боев на территории республик Средней Азии [7, 502].

Во второй половине 1921 г., когда в ряде вилоятов Узбекистана и Туркмении шла ожесточенная борьба против басмачества, на территории Восточной Бухары создаются разрозненные басмаческие шайки.

Историк Абдуллаев К.Н. отмечает что, весной 1921 г. в Восточной Бухаре (Гиссар, Курган-Тюбе, Куляб, Каратегнн) вспыхнуло восстание против Красной Армии и Бухарского правительства. Возглавило его духовенство и родовые авторитеты, которые призывали население поддержать муджахидов в их борьбе с "неверными", поднявшими оружие на мусульман и прогнавшими их со своих мест. Большинство отрядов группировалось вокруг племенных вождей и харизматических религиозных авторитетов. Отряды не были надежно связаны между собой, а тем более с пришлыми ферганцами, хотя последние, под командованием Нурмата, брата Шермата и прибыли в Восточную Бухару по просьбе Алим Хана. Особое сопротивление оказали племена Куляба и Балджувона, (узбекские племена, таджики, тюрки, туркмены), потерявшие в боях весной 1921 г., как сообщал Ф. Ходжаев, около 10 тысяч убитыми [1, 183].

Историки Князев А.А., Колесников А.А., Крумм Р. Отмечают что, в это время крупнейший авторитет кулябских повстанцев Давлатмандбий со своим отрядом напал на русский гарнизон в Кулябе. После его отступления, красноармейцы жестоко расправились с местным населением.

Информационная сводка представителя РСФСР в Душанбе сообщала, что Красная Армия творила при этом немало "безобразий" [9, 69].

This article analyzes the main international and regional initiatives of the Republic of Tajikistan in the Shanghai Cooperation Organization. From the author's point of view, Tajikistan is one of the initiative countries in solving socio-economic and political problems of the region. The author noted that one of the most important tasks of the SCO, according to article 1 of the SCO Charter, is considered to be "effective regional cooperation of the SCO member States in political, trade and economic, cultural, scientific and technical, educational, energy, transport, credit and financial and other areas". In this article the Republic of Tajikistan as an initiative of the SCO has very warm relations with the SCO countries, names of China today executed some projects between China and Tajikistan.

Keywords: Shanghai Cooperation Organization, international initiative, the Republic of Tajikistan.

Сведения об авторе*: Фозилов Комрон Джамолович* – Таджикский национальный университет, магистр факультета международных отношений. **Адрес:** 734025 Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 17. Тел: **93 737 66 96.** E-mail: **kom-9393fozilov@yandex.com.**

Information about the author*: Fozilov Komron Jamolovich* – Tajik National University, master of faculty of international relations. Address: 734025 Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. Tel: **93 737 66 96**. E-mail: **kom-9393fozilov@yandex. com**.

ФАЛСАФА – ФИЛОСОФИЯ – PHILOSOPHY

АСОСҲОИ КОРИ ИҶТИМОӢ

Мамадгулова Н.С.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Кори ичтимоӣ ҳамчун илм предмет ва объекти тадқиқотии худро доро аст. Вай муносибатҳои ичтимоӣ ва ҷараёнҳои баҳамтаъсиррасониҳоро ба мақсади ҳалли масъалаҳои мизоҷон, ки чун натиҷаи таъсири омилҳои гуногуни биологӣ ва иҷтимоӣ пайдо шудааанд, ҳаматарафа таҳқиқ менамояд. Хусусияти фарққунандаи назарияи кори иҷтимоӣ дар он аст, ки рушди он баъди эътироф шудани кори иҷтимоӣ ҳамчун касб инкишоф ёфтааст. Назарияи нави кори иҷтимоӣ ҳамчун натиҷаи талаботи рӯзмарраи инсоният ба тадқиқотои илмӣ-назариявии соҳаи рушди иҷтимоӣ ва баҳамтаъсиррасониҳои шахсу ҷомеа дар давраи нави рушди иҷтимоӣ-сиёси ва иқтисодии ҷомеа, инчунин талабот ва тавсияҳои илмӣ-амалӣ ва методологӣ оид ба расондани кӯмакҳои иҷтимоӣ ба одамони дар ҳолатҳои душвори зиндагӣ қарордошта, пайдо шудааст.

Дар байни масъалаҳои махсуси таҳқиқшавандаи кори ичтимоӣ таносуби кори иҷтимоӣ ва сиёсати иҷтимоӣ дар алоқамандӣ бо ҷараёнҳои иҷтимоӣ, масъулияти ҷомеа барои рушди муносибати шахс мақеи хоса доранд. Доираи мавзӯҳои таҳқиқшаванда хеле васеъ буда,чаҳорчӯбаи низоми мураккаби муҳити иҷтимоии инсонро фаро мегирад.

Методологияи кори иҷтимоӣ омӯзиши предмет, объект, субъект, муҳити иҷтимоӣ, баҳамтаъсиррасонии корманди ичтимоӣ ва мизоҷ, сохтори кори иҷтимоӣ ва принсипхои кори иҷтимоиро равшан месозад; дар кори иҷтимоӣ ба омӯзиш ва коркарди технологияи кори ичтимоӣ, яъне тарзҳо ва усулҳои кори амалии мушаххас гурӯҳҳои гуногун ва категорияҳои мизоҷони мӯҳтоҷи хизматҳои ичтимоӣ диққати калон дода мешавад. Хусусан, коркарди технологияҳои пешгӯикунанда ва ислоҳкунандаи мушкилоти иҷтимоӣ ва каҷрафториҳо мавқеи хоса доранд. Ба кори иҷтимоӣ ҳамчун соҳаи донишҳои илми ду тамоюли бо ҳам муқобили алоқаманд хос мебошад.Яъне,аз як тараф,назарияҳои илмӣ ва донишҳои назариявӣ, аз тарафи дигар амалия ва амалҳои иҷтимоӣ [1].

Дар кори иҷтимоӣ,аз рӯи ақидаи муалифони зиёди хориҷӣ, фаъолияти илмӣ-тадқиқӣ ва фаъолияти амалӣ новобаста аз ҳамдигар инкишоф меёбанд. Аммо аксарияти тадқиқотчиён дар он ақидааанд,ки ба муассисаи кори иҷтимоӣ ҳамчун ниҳоди иҷтимоӣ омилҳои ҷаҳонбинӣ, фаҳмиши илмии воқеияти иҷтимоӣ ва зиддиятҳои иҷтимоӣ таъсири аввалиндараҷа доранд. Донишҳои асосии назариявӣ қувватдиҳандаи ибтидоӣ буда, ҳамчун такягоҳи кори иҷтимоӣ ва илми иҷтимоӣ хизмат мерасонанд.

Равияи дигар исбот мекунад,ки нахустасоси кори иҷтимоӣ ин амалияи иҷтимоӣ ва амали иҷтимоӣ мебошаду донишҳои илмӣ дар ҷои дуввум меистанд. Як зумра олимон чунин фикр доранд, ки дар аксари ҳол назария аз амалия дур мешавад ва ба кормандони иҷтимоӣ барои ба мӯҳтоҷон ёрии пурсамар расондан ҳатто халал мерасонад. Агар нахустасоси номувозинатии иҷтимоии ҷомеа сохтори он бошад, пас дар ин сурат кори иҷтимоӣ пеш аз ҳама ба ислоҳоти ҷомеа ё тағйироти куллии ҷомеа нигаронида шуда аст.Агар нахустасоси масъалаҳои иҷтимоӣ шахсони алоҳида бошанд, пас барои ноилшави ба мувозинат зарур аст,ки на муҳити атрофи шахс, балки худи шахсро тағйир диҳед.Дар ин ҳол сиёсати иҷтимоӣ бояд ба рушди

муассисаҳои тарбиявӣ, иҷтимоишавӣ,офиятбахшӣ,яъне ба рушди кори иҷтимоӣ ва равоншиноси такя намояд.

Дар кори иҷтимоӣ барои пешбурди ҷомеаи муосир назарияҳои гуногунро пешниҳод мекунанд. Ба гуногуншаклии назарияҳои пешниҳодгардида нигоҳ накарда,бояд зикр кард, ки кори иҷтимоии амалӣ бояд дар ин ҳолат амалияи таҒйирдиҳии ҷомеа ва шахс, ноилшавӣ ба тавозуни муносибатҳои байни фардҳои алоҳида, байни фард ва гурӯҳҳои, иҷтимои фард ва сотсиум, муносибатҳои ҷамъиятӣ, таъмини некӯаҳволии шаҳрвандон,ташаккули ҳисси маъсулятшиносии шахсӣ барои некӯаҳволии умумӣ ва дурнамои рушди устувори низоми мушаххаси иҷтимоӣ, ифодаи худро ёбад.

Ҳамаи омилҳои зикршуда кори иҷтимоиро ҳамчун назарияи бисъёрҷанба тавсиф медиҳанд. Дар кори иҷтимоии муосир амсилаҳои гуногуни амалия вуҷуд доранд, ки онҳо асоси ин ё он ақидаи назариявӣ мебошанд. Масалан, агар сухан дар бораи кори иҷтимоии анъанавӣ ва дар сатҳи инфиродӣ равад,пеш аз ҳама амсилаҳои тамоюли равоншиносидоштаро,аз ҷумлаи фрейдизм, назарияи эгопсихологӣ,таҳлили трансаксионалӣ ва ғайраро номбар мекунанд. Ҳар як илм конуниятҳо, принсипҳо ва усулҳои худро дорад. Ба сабаби он ки ҷараёни ташаккулёбии кори иҷтимоӣ давом дорад ва оид ба ҳар як истилоҳи кори иҷтимоӣ фикрҳои гуногун баён карда мешаванд, мо бояд бахшҳои мавҷударо муайян кунем ва ақидаи худро дошта бошем. Дар адабиёти илмӣ нисбати кори иҷтимоӣ қонуниятҳои кори иҷтимоиро ба ду гурӯҳ ҷудо намудаанд:

1) Қонуниятҳои мавҷудият буда нисбат ба рушди субъекти кори иҷтимоӣ
2) Робитаҳои муҳим байни субъект ва объекти фаъолияти иҷтимоӣ ва диалектикаи онҳо.

Дар маводҳои семинарии методологӣ оид ба дастгоҳҳои категорияҳои кори иҷтимоӣ, чунин қонуниятҳои кори иҷтимоӣ қайд шудаанд:

- Алоқамандии ҷараёнҳои иҷтимоӣ дар ҷомеа, сиёсати иҷтимоӣ ва кори иҷтимоӣ;
- Вобастагии мундариҷа, шаклҳо ва усулҳои кори иҷтимоӣ аз ҳолатҳои мушаххаси ҳаёту фаъолияти умумиятҳо ва фардҳои гуногун;
- Ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ ба воситаи қаноатманд намудани талаботҳо ва манфиатҳои мизоҷон;
- Вобастагии самараи кори иҷтимоӣ аз сифатҳои касбӣ ва маънавии мутахассисон, имконятҳои низоми иҷтимоии давлат ва ҷомеа.
- Ҳангоме ки дар бораи принсипҳои кори иҷтимоӣ сухан меронем, мо бояд маънои мафҳуми принсипро аниқ намоем. Принсип-нуқтаи назари асосӣ, ибтидоӣ ягон назария таълимот, илм, ҷаҳонбинӣ ва ғайра мебошад. Азбаски кори иҷтмоӣ як намуди фаъолияти ҳамаҷониба, универсалӣ мебошад ва ҳамҷун илм ба маҷмӯи илмҳои дигар алоқаманд аст, пас гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ принсипҳои назарияи кори иҷтимоиро бояд номбар кунем:
- Принсипҳои умумифалсафавӣ (масалан, детерминизм, инъикос ва рушд);
- Принсипҳои илмҳои махсус (масалан, таърихӣ, вобастагии иҷтимоӣ ва аҳамиятнокии иҷтимоӣ);
- Принсипҳои мундариҷавӣ (масалан гумманизм, адолатпарварӣ, алтуризм, тавозун манфиатҳои ҷамъиятӣ гурӯҳӣ ва шахсӣ, худтаъминсозӣ);
- Принсипҳои психологӣ- педагогӣ (масалан, модалнокӣ, ҳамдардӣ, аттраксия (ҷаззобият), боварӣ ва ғайра);
- Принсипҳои ташкилӣ (масалан, умумият, маҷмӯӣ, ҳамрайъи, воситашавӣ, кумакрасонӣ ва ғайра).

Дар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ вобаста ба ҷамъбасти таҷрибаи кори иҷтимои принсипҳои зерини мушаххас қайд карда шудаанд:

- Риояи ҳуқуқи инсон ва шаҳрвандон дар соҳаи хизматрасонии иҷтимоӣ ва таъмини кафолатҳои давлатии онҳо:
- Имкониятҳои баробар барои шаҳрвандон ҳангоми гирифтани хизмати иҷтимоӣ;
- Розигии ихтиёрии шаҳрвандон барои хизматрасонӣ;
- Дастрасии хизматрасонии иҷтимоӣ;
- Риояи махфият дар кори иҷтимоӣ;
- Пайвастагии ҳамаи намудҳо ва шаклҳои хизматрасонии иҷтимоӣ;
- Нишонрасӣ, бартарии мусоидатнамоӣ ба шаҳрвандоне, ки дар ҳолати мушкили зиндагӣ қарор доранд;
- Равиши пешгиринамоӣ;
- Мусоидат ба офиятбахшӣ ва мутобиқшавӣ;
- Ташкили ҳудудии хадамоти иҷтимоӣ;
- Дастгирии давлатии ташкилотҳои ҷамъиятии худихтиёри барои расонидани хизматҳои иҷтимоӣ ба аҳоли.

Усулҳои кори иҷтимоӣ - ин намудҳо, маҷмӯи роҳҳо ва амалиётҳо дар кори иҷтимоӣ, роҳҳои ба мақсадрасӣ ва ҳалли ягон вазифаи мушаххасе мебошад. Усулҳои бисёре, ки дар кори иҷтимоӣ истифода бурда мешаванд, дар илмҳои дигар ҳам васеъ истифода мегарданд, зеро ки кори иҷтимоӣ характери универсалӣ дорад. Дар байни онҳо усулҳои иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, сиёсӣ, педагогӣ, психологӣ, тиббӣ-иҷтимоӣ, маъмури-идоранамоӣ, ташкилӣ ва ғайра мебошад. Усулҳои кори иҷтимоӣ аз хусусиятҳои абъект, тахассуси корманди иҷтимоӣ, соҳаи ҳаёт ва сохтори хадамоти иҷтимоӣ вобастагӣ доранд. Дар байни илмҳои гуманитарри кори ичтимоӣ яке аз илмҳои ҷавонтарин ба ҳисоб меравад.

Бояд қайд кард, ки усулҳои кори иҷтимоӣ бевосита ба мафҳуми умумитари «технология кори иҷтимоӣ» робита дорад. Ба маънои усулҳои истифодабарии хулосаҳои илмӣ барои ҳалли ин ё он вазифаи мушаххас, ҳамчун маҷмӯи тарзҳо ва усулҳои таъсирбахш, баҳри ноилшави ба ҳадафҳо ва соҳаи иҷтимоӣ, ҳалли ин ё он масъалаи иҷтимоӣ дохил мешавад. Он ҳамчун илм агар таърихи на он қадар тулони дошта бошад ҳам, аммо проблемаҳоеро, ки имруз фаро мегирад, хеле пештар аз пайдоиши ин илм мавриди таваҷҷуҳ ва баррасии олимону муҳаққиқон қарор гирифта буд.

Бояд қайд кард, ки кори иҷтимоӣ ҳамчун шакли фаъолияти амали дар шакли хайрия, кори савоб, кумак ба бечорагон, накӯкори дар тамоми марҳиллаҳои рушди ҷомеа вуҷуд дошт.

Кори иҷтимоӣ ҳамчун илм объекти омузиши худро дорад. Он механизмҳои иҷтимоӣ ва равандҳои ҳамкориҳои иҷтимоиро ба мақсади ҳалли мушкилоти муштариён, ки аз таъсири омилҳои гуногуни биологи ва иҷтимоӣ ба миён меоянд, меомузад.

Вазифаҳои муҳимтарини кори иҷтимоӣ ҳамчун илм таҳлили шаклҳои мавҷуда ва усулҳои кори иҷтимоӣ, коркарди усулҳо ва технологияҳои самарабахши ҳалли масъалаҳои иҷтимоии фардҳо, оилаҳо гуруҳо ва табақахои гуногуни чомеа маҳсуб мешавад.

Методологияи кори иҷтимоӣ омӯзиши предмет, объект, субъект, муҳити итҷимои, ба ҳам таъсиррасонии корманди иҷтимои ва мизоҷ, сохтори кори ичтимои ва принсипхои кори ичтимоиро равшан месозад.

Дар Тоҷикистони соҳибистиқлол кори иҷтимоӣ дар марҳалаи ташаккул ва рушд қарор дорад. Аз солҳои аввали истиқлолият, сиёсати иҷтимои ба рушди инсон,

баробаршавии имкониятҳои иқтисодии аҳолӣ барои дастрасӣ ба таҳсилоти муосир, тандуруст, ҳифзи иҷтимоӣ ва хадамоти иҷтимо равон карда шудааст, ки онҳо рушди ояндаи кишварро таъмин менамоянд.

Барои беҳбудӣ ва беҳдошти зиндагии мардум дар кишвари мо, некуаҳволии иҷтимоии шахс ва рушди ӯ ҳамчун мақсади асосии давлат дар соҳаи иҷтимоӣ муайян карда шудааст. Асосгузори сулҳу ваҳдати милли Пешвои миллат дар Паёми навбатии худ ба маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон иброз намуданд, ки нишондодҳои рушди инсон аз 3 самти асосӣ; дастраси ба таҳсилот,тандурустӣ ва дарозумриву некуаҳволии зиндагӣ иборат мебошад.

Ҳукумати Ҷумхурии Тоҷикистон тайи солҳои охир ба омода ва тайёр кардани кадрҳои соҳавӣ таваҷҷуҳи зиёд зоҳир мекунад. Барои беҳбудӣ дар ин соҳа, Хукумати кишвар барномахои давлатӣ ва тадбирхои иловагиро амалӣ намуда, имруз ба дастовардҳои назаррас ноил гаштааст.

Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ муҳимияти кори иҷтимоиро дарк намуда, аз соли 2004-ум инҷониб барои омода намудани мутахасисони кори иҷтимоӣ корҳои заруриро анҷом медиҳад.

Аз рӯи нақшаи муайян аз моҳи августи соли 2004 дар ҳамдастӣ бо Донишгоҳи Стокголм ва кумаки техникии ЮНИСЕФ дар шаҳри Душанбе курсҳои магистрии дусоларо дар шуъбаҳои рузонаву ғоибона ба роҳ монданд, ки дар онҳо профессорони Донишгоҳи Стокголм ба шунавандагон машғулиятҳои назариявӣ ва амал мегузарониданд. Нахустин маротиба тирамоҳи соли 2006 ҳамагӣ 14 нафар аз 35 нафар шунаванда соҳиби дипломи магистрии ин касб гардиданд.

Рушди кори иҷтимоӣ ҳамчун ихтисос ва самаранокии он аз таъмин бо мутахасисони баландихтисос вобаста аст. Барои амалӣ гаштани ин мақсади наҷиб аз моҳи сентябри соли 2008 қабули довталабон ба ихтисоси кори ичтимоӣ ва омодасозии мутахассисони ин соҳа дар шуъбаҳои рузона ва ғоибонаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оғоз ёфт. Моҳи майи соли 2009 байни Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон ва Фонди кудакони Созмони Миллали Муттаҳид дар Чумҳурии Тоҷикистон Меморандуми ҳамкори ба имзо расид,ки ҳадафи асосии он тайёр кардани кадрҳои баландихтисоси кори иҷтимоӣ мебошад.

Дар солҳои 2009-2012 корҳои методи-таълими ва илмии ихтисоси кори иҷтимоиро кафедраи сотсиологияи факултети фалсафа ба ӯҳда дошт. Бо кушишу ғайрати устодони кафедраи номбурда ва ҳамчунин бо дастгирии созмонҳои байналмиллалӣ бори аввал бо забони тоҷики дастуру маводи таълимии «Муқаддимаи кори иҷтимоӣ», «Кори иҷтимоӣ бо оила», «Роҳнамои донишҷӯ», «Кодекси ахлоқии корманди иҷтимоӣ» ва «Луғати мухтасари энсиклопедияи тоҷик бо русии кори иҷтимоӣ» нашр шудааст.

Дар доираи лоиҳаи «Баланд бардоштани ихтисоси касбии мутахассисони соҳаи меҳнат дар оила бо оилахо ва кудакон» аз 9 то 20 апрели соли 2010 як қатор омузгорони кафедраи сотсиологияи ДМТ бо роҳбарии дотсент Бахромбеков Д. дар якчояги бо кормандони Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таҷрибаомузи ба донишгоҳи давлатии Украина ба номи Борио Гринчанко сафар карданд.Онҳо аз фаъолияти маркази хизматрасонии иҷтимоӣ барои хонаводаҳо, кӯдакон ва ҷавонон дидан карда, ҳамчун бо кори кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва кори ичтимоии шаҳри Луганск шинос шуданд. Ҳамзамон устодони донишгоҳи Миллии Тоҷикистон дар як қатор семинарҳои омӯзиши ширкат варзида, соҳиби шаҳодатномаи курсҳои омӯзиши дар Украина гардиданд.[1]

Аз моҳи июли соли 2012 кафедраи кори иҷтимоӣ мустақилона фаъолият мебарад ва то имруз ба дастовардҳои назаррас ноил гардидааст. Ҳоло дар кафедраи номбурда 1 профессор, 3 номзади илм, 3 нафар ассистент ва 1 лаборант кор ва

фаъолият мекунанд. Муаллими калони кафедра Зваров.Х., мудири кафедраи кори ичтимоӣ Мулобоева Д., Гиёев К. ва муалимони чавон кору фаъолият доранд.

Кафедра бо мақсади омузиши равандҳои ташаккулёбии институтсионалии кори ичтимоӣ дар Чумҳурии Тоҷикистон дар мавзуи «Хусусиятҳои раванди ташаккулёбии ниҳоди кори иҷтимоӣ дар Чумҳурии Тоҷикистон корҳои илмӣ-тадқиқотӣ мебарад.

Чумҳурии Тоҷикистон, ки тибқи Конституцсия-давлати иҷтимоӣ мебошад, фаъолияти он пеш аз ҳама ба беҳтар кардани некуаҳволии мардум ва таъмини шароити арзандаи зисту зиндагонии шаҳрвандон равона гардидааст. Дар давлатҳои иҷтимоӣ, сиёсати иҷтимоӣ барои ноил шудан ба таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои инсон равона гардида, ин амал ба зиммаи ниҳодҳо ё субъектҳои иҷтимоии он вогузор гардидааст.

Аз ин лиҳоз, зарурати воқеии ислоҳот ё дигаргунсозии фаъолияти ниҳодҳои ичтимоӣ, манбаъҳои маблағгузори ва истифодаи оқилонаи буҷети давлати ба вучуд омада, дар ин замина тағйирдиҳии низоми ҳифзи ичтимоии аҳолӣ низ номгузори мегардад.

Кори иҷтимоӣ ҳамчун бахши ҷудонашаванда яке аз самтҳои муҳими низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар бисёр мавридҳо ҳамчун ниҳоди мустақими соҳа, ки сиёсати давлатиро дар самти ҳифзи иҷтимоии аҳоли таъмин менамояд, баромад мекунад. Аз ин лиҳоз, дар ҷаҳони муосир ба ташкили ниҳоди кори ичтимоӣ аҳамияти махсус дода мешавад.

Дар Ҷумхурии Тоҷикистон низ ба ташаккул ва рушди низоми кори иҷтимоӣ ҳамчун ниҳоди асосии сиёсати иҷтимоии давлатӣ таваҷҷуҳи хосса дода шуда, баҳри фаъолияти самаранок тадбирҳои муҳим андеша мешаванд.

Фаъолияти илмию тадқиқотии устодони кафедраи иҷтимоӣ дар аксар самтҳо; аз қабили нашри маводи илмӣ, ширкат ва маърӯза дар нишастҳои гуногуни сатҳи илмӣ, ҳамкориҳои дуҷониба дар соҳаи илм, тайёр кардани кадрҳои илмӣ, корҳои илмӣ ва мустақилонаи донишҷӯён фаъолияти маҳфилҳои илмӣ ва ғайра сол то сол инкишоф дода мешавад. Чунки кори ичтимоӣ ҳамчун касб бо тақозои ҷомеаи навтаъсисёфта, бояд ҷавобгӯ бошад.

АДАБИЁТ

1. Григорьев А.Д история социальной работы. В 2 ч. Ч.1. (до начала 20 в): учеб. Пособие для студентов высших учебных заведений / А.Д Григорьев – Мн Тетра ситемс 2006 – 464 с.
2. Муқаддимаи кори иҷтимоӣ (маводи таълими барои донишҷӯёни ихтисоси кори иҷтимоӣ). - С. 20-21.
3. Маводи Конфренсияи байналмилалии илмию амалии Ташаккули кори иҷтимоӣ ҳамчун касб дар Тоҷикистон: вазъи имрӯза, дастовардҳо ва дурнамои рушди соҳа. Душанбе 2019 саҳ. 17-18.
4. Основы социальной работы. Учебник / отв. ред. П.Д Повленек – М.: 2006. С. 6.
5. Ракитский Б. Социальная политика, социальная защита, самозащита трудящихся в обществе. Часть первая. Социальная политика. - М.: Институт перспектив и проблем страны. 1998. С. 232
6. Идиев Хайридин Усмонович. « Фалсафаи иҷтимоӣ». Душанбе, соли 2006 саҳ 21.
7. Основы социальной работы. Учебник /отв. ред. П.Д Павленек. - М.:2006. С.6.

АСОСҲОИ ИЛМИИ КОРИ ИҶТИМОӢ

Кори иҷтимоӣ ҳамчун илм ҳамон соҳаи фаъолияти инсонро таҷассум менамояд, ки вазифаи он коркарда баровардан ва ба низоми назариявӣ даровардани донишҳои объективӣ оид ба фаъолияти муайяни соҳаи иҷтимоии ҷомеа равона шуда аст Вазифахои муҳимтарини кори иҷтимоӣ ҳамчун илм-таҳлили шаклҳои мавҷуда ва усулҳои кори ичтимоӣ, коркарди усулҳо ва технологияҳои самарабахши ҳалли масъалаҳои иҷтимоии фардҳо, оилаҳо, гурӯҳҳо ва табақаҳои гуногуни ҷомеа маҳсуб меёбад. Маълум аст, ки илм ҳамчун соҳаи фаъолияти инсонӣ ба илмҳои табиатшиносӣ, ҷамъиятшиносӣ (иҷтимои, гуманитарӣ) ва техникӣ ҷудо мешавад. Кори иҷтимоӣ ҳамчун илми ҷамъиятшиносӣ пеш аз ҳама бо фалсафа, сотсиология, психология (равоншиноси), иқтисодшиносӣ, антропология ва этика алоқаи зич дорад. Дар байни илмҳои табиатшиносӣ кори иҷтимоӣ бо анатомия, биология,тиб, экология ва ғайра алоқаманд мебошад. Ҳар як илм аз маҷмӯи донишҳои назариявӣ ва амалӣ иборат аст ва усулҳо (техникаҳо ё методикаҳо)-и махсус коркардашудаи илмӣ дар амалия истифода бурда

мешавад.Кори иҷтимоӣ ҳамчун илм дар низоми донишҳо, малакаҳо ва қобилиятҳо вуҷуд дошта, дар ягонагӣ бо илм пеш меравад.Бояд тазаккур дод, ки илми кори иҷтимоӣ аз дигар илмҳо бо бартарии низоми донишҳои амалӣ (эмпирикӣ) ва илмҳои ёрирасон фарқ менамояд.

Калидвожаҳо: объект, офиятбахшӣ, мизоҷ, технологияи кори иҷтимоӣ, назарияҳои кори иҷтимоӣ, методологияи кори иҷтимоӣ, принсипҳои кори иҷтимоӣ, системаи ҳифзи иҷтимоӣ.

НАУЧНЫЕ ОСНОВЫ СОЦИАЛЬНОЙ РАБОТЫ

Социальная работа как наука относится к той сфере человеческой деятельности, которая ориентирована на функционирование и реализацию объективных знаний об определенной социальной активности общества. Важнейшими задачами социальной работы как науки являются анализ существующих форм и методов социальной работы, разработка методов и эффективных технологий для решения социальных проблем отдельных лиц, семей, групп и различных сообществ. Всем известно, что наука как сфера человеческой деятельности подразделяется на естественные, социальные (социальные и гуманитарные) и технические науки. Социальная работа как наука о социологии, прежде всего, неотделима от философии, социологии, психологии, экономики, антропологии и этики. Среди естественных наук социальная работа также тесно связана с анатомией, биологией, медициной, экологией и т. д. Каждая наука состоит из набора теоретических и практических знаний и применяется с помощью специальных научно разработанных методов и приемов. Социальная работа как наука в системе знаний, умений и имеющихся способностей развивается вместе с наукой. Следует отметить, что наука о социальной работе отличается от других наук своим превосходством в системе практических знаний (эмпирических) и вспомогательных наук. Опыт зарубежных стран показывает, что в обучении социальных работников важную роль играет практические функции социальных работников.

Ключевые слова: объект, реабилитация, клиент, технология социальной работы, теории социальной работы, методологии социальной работы, принципы социальной работы, система социальной защиты,

SCIENTIFIC FOUNDATIONS OF SOCIAL WORK

Social work as a science belongs to that sphere of human activity, which is focused on the functioning and realization of objective knowledge about a certain social activity of society. The most important tasks of social work as a science are the analysis of existing forms and methods of social work, the development of methods and effective technologies for solving social problem of individuals, families, groups and various communities. Everyone knows that science, as a sphere of human activity, is divided into natural, social (social and humanitarian) and technical sciences. Social work as a science of sociology, above all, is inseparable from philosophy, sociology, psychology, economics, anthropology and ethics. Among the natural sciences, social work also has a closes relationship with anatomy, biology, medicine, ecology, etc. Each science consists of a set of theoretical and practical knowledge and is applied through special scientifically-developed techniques and techniques. Social work, as a science in the system of knowledge, skills and existing abilities is developing along with science. It should be noted that the science of social work (empirical) and auxiliary sciences. The experience of foreign countries has shown that a different function of social work plays a role in the training of social workers.

Keywords: an object, rehabilitation, customer, the technology of social work, social work theories, social work methodologies, the prince of social work, social protection system,

Сведения об авторе: ***Мамадгулова Наботбегим Сарфарозовна*** - Таджикский Национальный университет, магистр второго курса кафедры социальной работы философского факультета. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **501 05 64 64**

Information about the author: ***Mamadgulova Nabotbegim Sarfarozovna*** - Tajik National University, second course graduate student. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **501 05 64 64**

МАФҲУМИ «НИЗОМИ НАВИ ҶАҲОНӢ» ВА МОҲИЯТИ ОН

Раҳмонов Ф.Н.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар соҳаи муносибатҳои байналхалқӣ, хосатан сиёсати ҷаҳонӣ ду тамоюли ба ҳам зид бештар аз худ дарак медиҳанд. Тамоюли аввал инъикоскунандаи ҳолати бенизомии олам ба ҳисоб меравад. Тамоюли дуюм бошад, банизомдарории кулли ҷомеаи башариро ифода менамояд. Вобаста ба тамоюли аввал метавон гуфт, ки асоси онро ноустувории системаи молиявии байналхалқӣ ва мушкилиҳои системаи глобалии сиёсӣ ташкил медиҳад. Моҳияти тамоюли дуюм бошад, дар устуворгардии баҳамалоқамандӣ ва баҳамтаъсиррасонии миллату давлатҳо, инкшофи босуръати институтҳои фаромиллӣ ва ташаккули ҷомеаи шаҳрвандии глобалӣ бараъло намоён мешавад. Маҳз аз кӯшишу талошҳои миллату халқиятҳо ва кишварҳои муосир ташаккули системаи босуботи байналхалқӣ ва ояндаи дурахшони инсоният вобаста мебошад.

Яке аз категорияҳои асосии назарияи муносибатҳои байналхалқӣ ин масъалаҳои вобаста ба низоми ҷаҳонӣ мебошанд. Дар доираи ин масъалаҳо мазмун ва принсипҳои баҳамтаъсиррасонии субъектҳои сиёсати ҷаҳонӣ аз дидгоҳи мактаб ва ҷараёнҳои гуногуни сиёсӣ мавриди баррасӣ қарор дода мешавад. Яке аз олимони шинохтаи соҳаи мазкур Ҷ. Айкенберри чунин ибрози назар менамояд: «масъалаи марказии муносибатҳои байналхалқиро низоми олам, чигунагии сохтори он, азбайнравии он ва эҳёи он ташкил медиҳад» [1, с.29]. То ба имрӯз нисбат ба мазмун ва моҳияти мафҳуми «низоми олам» фикри ягона дар байни олимон вуҷуд надорад. Бисёр вақт дар адабиёти илмӣ ин мафҳум бе маънидоднамоиҳои мазмунӣ мавриди истифода қарор дода мешавад. Зиёда аз ду даҳсолаи охир мешавад, ки категорияи «низоми олам» объекти асосии баҳсҳо дар доираи коршиносон ба ҳисоб меравад. Таърифҳои гуногун дар нисбати мафҳуми мазкур пешниҳод гашта, муносибати мактабҳои мухталифро дар ин масъала ифода менамоянд.

Чунин гуногунрангии бинишҳо ва таърифҳо вобаста ба моҳияти низоми олам дар омӯзиши ҳамаҷонибаи сиёсати ҷаҳонӣ метавонад монеаи ҷиддиро ба бор оварад. Чи гунае ки олими шинохтаи рус Э.Я. Баталов қайд менамояд, бе мавҷудияти таърифи муносиб нисбат ба мафҳуми «низоми олам» ба натиҷаҳои мусбати тадқиқотӣ расидан ғайриимкон аст. Зеро, агар як мафҳум аз тарафи олимон дар маъниҳои мухталиф фаҳмида шавад, пас натиҷаи мубоҳисаи онҳо ҳеҷ аст, чунки агарчанде як мафҳум ҳам аз ҷониби онҳо истифода шавад, вале ҳар яке маънии муайянеро аз он бардошт намудааст ва дар баҳс маҳз аз бардошти хеш муносибат менамояд. [2, с.44]

Мо дар ин қисмати кор кӯшиш хоҳем кард, ки муносибатҳои асосиро дар омӯзиши низоми олам дида бароем. Тибқи андешаи мо, фақат дар ин ҳолат мо метавонем асосҳои назариявию методологии масъалаи баррасишавандаро таҳлил намуда, моҳияти категорияи «низоми олам»-ро то андозае дуруст муайян карда бошем.

Мувофиқи таърифи васеи падидаи мазкур зери мафҳуми «низоми олам» маҷмӯи принсипҳо, меъёрҳо ва институтҳое фаҳмида мешавад, ки банизомдароварандаи рафтори акторҳои байналхалқӣ (давлатҳо, иттиҳодияҳои байнидавлатию байниҳукуматӣ, ташкилотҳои байналхалқӣ, ширкатҳои фаромиллӣ ва ғ.) мебошад. Сохтори муносибатҳои байналхалқӣ шакли ташкил, амалишавӣ ва натиҷаҳои раванди сиёсиро муайян менамояд. Чунин муносибатро дар нисбати моҳияти мафҳуми «низоми ҷаҳонӣ» муҳаққиқи варзидаи рус Э. Я. Баталов ҷонибдорӣ менамояд. Ба андешаи ӯ мафҳуми мазкур хеле васеъ буда, маҷмӯи андозанамоиҳои системаи муносибатҳоро, ки дар байни субъектҳои сиёсати ҷаҳонӣ ба миён меоянд, дар бар мегирад. Яке аз нуктаҳои муҳиме, ки ӯ баён медорад ин аст: таҳлили низоми

сиёсии олам имконият медиҳад, ки то қадри имкон робитаҳои байниҳамдигарии унсурҳои таркибии системаи муносибатҳои баёналхалқӣ вобаста ба омили замонӣ фаҳмида шавад [3, с.5]. Аз назари Баталов «ҳолати системаи муносибатҳои байналхалқӣ, то қадри имкон баҳри бехатарӣ, босуботӣ ва инкишофи минбаъдаи олам ба нақша гирифта шуда, он дар асоси меъёрҳое, ки ба талаботи ҳозираи субъектҳои бонуфузи ҷомеаи ҷаҳонӣ мувофиқанд, ба низом дароварда мешавад» [4, с.39].

Ҳамзамон муносибати дигар низ дар нисбати мафҳуми «низоми нави олам» вуҷуд дорад. Он асосан дар доираи муносибатҳои байнидавлатӣ маҳдуд мешавад. Мувофиқи назари олимоне, ки ин тарзи муносибатро ҷонибдорӣ менамоянд, субъектҳои низом иолам фақат ба таври истисно давлатҳо мебошанд, на дигар акторҳои сиёсати ҷаҳонӣ. Агар низоми олам фақат дар доираи сохтори муносибатҳои байнидавлатӣ фаҳмида шавад, пас метавон гуфт, ки он нисбатан фаҳмиши маҳдуди низоми оламро дар худ инъикос менамояд. Яке аз ҷонибдорони ин тарзи муносибат муҳаққиқи англис Х. Булл мебошад. Ӯ дар зери низоми олам ё худ низоми байналхалқӣ ҳолат ва ё самти фаъолии хориҷии давлатҳоро мефаҳмад, ки таҷассумгари ҳадафҳои муҳими ин ё он ҷомеа ба ҳисоб меравад. Ин ҳадафҳо аз як тараф ҳамчун унсури зарурӣ ва ҳаётан муҳим ва аз ҷониби дигар барои ҳамаи ҷомеа умумӣ маънидод мешаванд.

Тибқи назари Х. Булл иерархияи ин ҳадафҳо чунин аст:

- нигоҳдории худи система ва ҷомеаи давлат, бартарафнамоии таҳдидҳои мавҷуда ва эҳтимолӣ. Дар гузашта ин таҳдидҳо аз тарафи он давлатҳое ба вуҷуд оварда мешуд, ки кӯшиши ҳукмрониро доштанд;
- таъмини истиқлолият ва суверенитети ҳар як давлат;
- нигоҳдории сулҳ ва дар ҳолатҳои зарурат имконияти рӯ овардан ба ҷанг дар мувофиқа бо принсипҳое, ки аз тарафи ҷомеаи ҷаҳонӣ қобили қабул дониста мешаванд;
- мавҷудият ва амалишавии муқаррароти умумӣ барои соҳаҳои иҷтимоию сиёсӣ новобаста аз он, ки муносибатҳои байниҳамдигарии индивид, ҷомеа ва давлат ва инчунин муносибатҳои байниҳамдигарии давлатҳоро (маҳдуд гардонидани зӯрӣ, риояи қарордот ва шартномаҳо, устувории сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ, легитимӣ будани амалҳо дар арсаи ҷаҳонӣ) дахл менамояд [5, с.16-19].

Яке аз таърифоте, ки ба маънидоднамоии боло бисёр наздикӣ дорад, ин муайяннамоии мафҳуми «низоми олам» аз ҷониби донишмандони рус А. Д. Богатуров ва А. А. Галкин мебошад. Аз нигоҳи А. Д. Богатуров низоми олам ҳамчун системаи муносибатҳое манидод мешавад, ки аз тарафи кулли кишварҳои олам мураттаб мегардад ва дар маҷмӯъ таҷассумгари ҷомеаи ҷаҳонист. [6, с.10] А. А. Галкин бошад, онро тариқи зер муайян менамояд: «низоми ҷаҳонӣ ин, пеш аз ҳама, маҷмӯи муносибатҳои мутақобилаи кишварҳои мустақил ба ҳисоб меравад» [7, с.238].

Олими дигари шинохтаи рус К. С. Гаҷиев мафҳуми «низоми ҷаҳонӣ»-ро дар ду маънӣ баён менамояд. Аввал, маънои васеи он: «ҷомеаи ҷаҳонӣ дар томияти хеш тамоми акторҳоро бидуни истисно дар бар мегирад». Сониян, маънои маҳдуди он: «Системаи муносибатҳои байниҳамдигарии акторҳои нисбатан фаъоли ҷомеаи ҷаҳонӣ, ки ба маҷмӯи қоидаву меъёрҳои расмиву ғайрирасмии рафтор асос ёфта, дар ҳуқуқи байналхалқӣ ва фаъолияти иттиҳодияву ташкилотҳои гуногуни марбути он ифодаи худро меёбад» [8, с.12].

Дар заминаи таҳқиқи масъалаи низоми олам то андозае ба натиҷае расидан мумкин аст, ки он инъикоскунандаи акторҳои сиёсати ҷаҳонӣ ва муносибатҳои байниҳамдигарии онҳо мебошад. Ҳамзамон, масъалаи низоми ҷаҳонӣ бо мавқеъ ва манфиатҳои геополитикии кишварҳо низ, алоқамандии зич дорад. Агар ин масъаларо аз дидгоҳи мазкур баррасӣ намоем, пас мебинем, ки на ҳама субъектҳои муносибатҳои байналхалқӣ нақши фаъолро дар арсаи ҷаҳонӣ бозида метавонад. Бештари онҳо дар сиёсати ҷаҳонӣ нақши ғайрифаъол мебозанд. Аз ин хотир,

давлатҳои муосир бар он кӯшиш менамоянд, ки вобаста ба имконоти хеш ва қудратҳоеро, ки дар даст доранд, дар низоми навини олам нақши пешбарро соҳиб гарданд.

Баъзан дар адабиёти илмӣ мафҳумҳои «низоми байналхалқӣ» ва «низоми ҷаҳонӣ» ҳамчун мафҳумҳои ҳамрадиф муайян мешаванд. Олимоне, ки ин назарро ҷонибдоранд зери мафҳуми «низоми байналхалқӣ» муносибатҳои байнидавлатиро мефаҳманд ва дар маънои маҳдуд истифода шудани мафҳуми «низоми ҷаҳонӣ» онро бо мафҳуми боло ҳаммаъно мегардонад. Донишмандони дигар дар байни ин мафҳумҳо фарқият мегузоранд. Масалан, агар низоми байналхалқиро ҳамчун муносибатҳои байниҳамдигарии давлатҳо маънидод кунанд, пас мафҳуми «низоми ҷаҳонӣ»-ро васеътар мепиндоранд, яъне дар баробари давлатҳо акторҳои дигаре низ дар сиёсати ҷаҳонӣ вуҷуд доранд, ки дар амалишавии равобити мутақобилаи байни субъектҳо нақши назаррас мебозанд. Аз назари ин олимон мафҳуми «низоми ҷаҳонӣ» як навъ бартарияти ахлоқиро дар нисбати мафҳуми «низоми байналхалқӣ»-ро дорад. Зеро, низоми ҷаҳонӣ тамоми муносибатҳоро дар сатҳи мухталифи ҷомеа ба низом медарорад. Ин нуқтаи назар хосатан аз тарафи муҳаққиқони шинохтаи амрикоӣ, С. Хоффман ва Ҷ. Айкенберри ҷонибдорӣ мешавад [9].

Вале, бояд қайд намуд, ки ин мавқеи мантиқии олимони зикршуда агарчанде дуруст ҳам бошад, аксар вақт аз ҷониби худи онҳо низ ҳамаҷониба дастгирӣ намегардад. Ба андешаи мо, чунин ҳолат вобаста ба зиёд гаштани баҳамалоқамандӣ ва баҳамтаъсиррасонии давлатҳо ва минтақаҳои гуногуни рӯи олам, тамоми акторҳои сиёсати ҷаҳонӣ ва зиддиятҳои ғоявию фарҳангӣ, динию мазҳабӣ ва геополитикию геоиқтисодии онҳо мебошад.

Мо бар он андешаем, ки мафҳумҳои «низоми ҷаҳонӣ» ва «низоми байналхалқӣ» аз ҳам ҷудо маънидод шаванд. Зеро, пайваста мо шоҳиди он мегардем, ки фазои сиёсии байналхалқӣ боз ҳам мураккаб гашта, давлатҳои нав дар доираи он пайдо мешаванд, ки бештари онҳо дар сиёсати хориҷиашон айнияти муайянеро соҳиб нестанд. Ҳамзамон, теъдоди акторҳои ғайридавлатӣ низ зиёд гашта, ҳолати ба ҳам бархӯрди тамаддунҳо аз худ дарак медиҳад. Ҳар ду мафҳум аз нигоҳи мазмун як маъниро ифода намуда, талаботи ҷомеаи ҷаҳониро дар таъмини суботи глобаливу минтақавӣ ифода менамояд.

Дар заминаи таҳлили амалии воқеияти сиёсии байналхалқӣ се тарзи маънидоднамоии низоми ҷаҳонӣ мавриди истифода қарор дода мешавад: реалистӣ, конструктивӣ ва интитутсионалӣ.

Ҷонибдорони мактаби «реализми сиёсӣ» Г. Моргентау, Р. Арон, К. Уолтс ва дигарон андешаи зеринро исрор менамоянд: бояд таносуби иқтидори субъектҳои сиёсати ҷаҳонӣ хусусан қудрати давлатҳои абарқудрат ҳамеша бояд дар мадди назар қарор дода шавад. Муносибати реалистӣ ҳам дар илм ва ҳам дар сиёсат бештар ба солҳои муборизаи ду қутб (капитализм ва сотсиализм) муносибтар буд, зеро таваҷҷуҳи асосӣ ба мувозинати қувваҳо равона мегашт. Дар мувозинати қувваҳо бошад, унсури асосиро ҷиҳати ҳарбӣ ташкил медод. Чи гунае ки яке аз намояндагони муосири реализм Р. Арт қайд менамояд «сиёсати хориҷӣ наметавонад аз қудрати ҳарбӣ ҷудо бошад» [10, с.215].

Муносибати конструктивӣ бошад, аз ҷониби олимони амрикоӣ Р. Гилпин ва Л. Миллер, муҳаққиқи британӣ Р. Купер коркард шудааст. Мувофиқи назари ин олимон, аҳамияти аввалиндараҷаро эътирофи принсип ва қоидаҳое ташкил медиҳад, ки субъектҳои сиёсати ҷаҳонӣ дар муносибатҳои байниҳамдигарии хеш маҳз аз онҳо кор мегирад. Тағйири қоидаҳои рафтор, тибқи назари ин олимон, бо ҳолати гузариш аз як низоми ҷаҳонӣ ба низоми дигари олам пайвастагӣ дорад. Муносибати конструктивӣ дар маънидоднамоии низоми ҷаҳонӣ, хусусан баъди ба охир расидани «ҷанги сард» бо назардошти унсурҳои таҳлили сиёсии воқеӣ алоқаманд мебошад. Муҳаққиқи маъруфи амрикоӣ-неореалист Р. Гилпин ҳанӯз дар аввали солҳои 80-уми асри гузашта тезисро оид ба он, ки муҳимтарин принсипҳои амалнамоии системаи

ҷаҳониро кӯшиши давлатҳои абарқудрат дар таъмини назорати равандҳои баҳамтаъсиррасонии акторҳои дигар асоснок карда буд. Баъдан, ин тарзи муносибат аз тарафи Л. Миллер ва Р. Купер дар заминаи маводи дастарсшуда ҳаматарафа инкишоф дода шуд [11, с.177-180].

Дар фарқият аз реалистҳо Л. Миллер аломати муҳимтарини низоми байналхалқиро мавҷудияти принсипи ягонаи рафтор дар системаи ҷаҳонӣ меҳисобид, ки давлатҳо ба таври бошууронаву бешууронаи аз он кор мегирифтанд. Худи низом бошад, аз тарафи ӯ на ҳамчун «сохтор» ва «ҳолат», балки ҳамчун «тарзи амал» ва «раванд» фаҳмида мешуд. Р. Купер дар маънидоднамоии имконпазири низоми байналхадқӣ чунин ибрози андеша менамояд: аввалан, бартарияти навъи рафтори давлатҳо дар сиёсати хоричӣ новобаста аз таъсири банизомдароранда ва ё вайронкунанда расонидан ба система; сониян, сатҳи муайяни субот ва ягонагии система; сеюм, қоидаҳое, ки системаро идора мекунанад, маҳз онҳо таъминкунандаи суботи он мебошанд.

Тасаввурот дар бораи низоми байналхалқӣ ҳамчун маҷмӯи қоидаҳо ва меъёрҳои рафтори акторҳои асосии сиёсиро баъзе аз олимону маҳаққиқони рус ҳам ҷонибдорӣ менамоянд. Дар ин алоқамандӣ қисмате аз олимон диққати худро ба аҳамияти худро ба он меъёрҳои ҳуқуқие равона менамоянд, ки ташаккулдиҳандаи муносибатҳои байни субъектҳои сиёсати ҷаҳонӣ мебошанд.

Дар доираи муносибати институтсионалӣ, ки аз тарафи Ҷ. Айкенберри пешниҳод гардидааст, таваҷҷуҳи асосӣ ба системаи қабули қарорҳо вобаста ба масъалаҳои муҳим, механизмҳо ва воситаҳои амалисозии онҳо дар ҳамкориҳои байниҳамдигарии давлатҳо равона мегардад. Ӯ мафҳуми «конституцсионӣ будан»-и низоми байналхалқиро ворид намуд, ки моҳияташ дар фаъолияти ташкилотҳои байналхалқӣ ва дигар институтҳои баҳамтаъсиррасонии байнидавлатӣ ифода меёбад ва маҳз онҳо бояд таъминкунандаи намояндагии манфиатҳои ҳам давлатҳои пурқувват ва ҳам давлатҳои заиф бошанд. Асоси ин гуна фаъолиятро қарордод ва шартномаҳои мухталиф ташкил медиҳанд. Вобаста ба «конституцсионӣ будан» ва «ғайриконституцсионӣ будан»-и низоми байналхалқӣ Ҷ. Айкенберри бар ин назар аст: низоме, ки танҳои ба таносуби қувваҳо асос ёфтааст, он наметавонад конституцсионӣ бошад [1, с.9].

Ҳар се тарзи муносибат - реалистӣ, конструктивӣ ва интитутсионалӣ дар таҳлили воқеии равандҳои сиёсии байналхалқӣ аз ҳам комилан ҷудо набуда, аз ҷиҳатҳои гуногун якдигарро пурра мегардонанд. Нишонаҳои маънидоднамоии интегративии низоми оламро дар андешаҳои шахсияти маъруф, олими шинохтаи амрикоӣ Г. Киссинҷер мушоҳида кардан мумкин аст. Тибқи андешаи ин олим, сулҳи олам бе мувозинати қувваҳо ва адолат бе худмаҳдудкунӣ имконпазир нест. Ба қавли дигар, то вақте ки дар ҷаҳон дар байни давлатҳои пешрафта мувозинати қувваҳо муқаррар нагардад, дар бораи сулҳи умумиҷаҳонӣ сухан гуфтан бемантиқ аст. Ҳамзамон, то ҳангоме ки кишварҳо имконият ва қудратҳои худро дар масоили мухталифи глобалӣ ва минтақавӣ маҳдуд насозанд, оид ба адолати ҷаҳонӣ андеша рондан ва шартномаҳо имзо кардан бемаъност [12, с.55].

Аз нуқтаи назари методологӣ таърифи «низоми ҷаҳонӣ» дар доираи мактаби англо-амрикоӣ ба ду принсипи асосӣ бунёд меёбад, ки дар илми сиёсии Ғарб онҳо нақши муайяканандагӣ мебозанд: бихевиоризм ва функсионализми сохторӣ ва ё якҷояшавии ҳардуи ин принсипҳо. Бештари таҳлилгарон ҷиҳатҳои манфии низоми нави оламро сарфи назар намуда, вобаста ба мазмуни гуманистӣ бахшидан онро асосан хусусиятҳои мусбат мебахшанд. Масалан, Ҷ. Най чунин мегӯяд: «Низоми байналхалқӣ то андозае хайрияти ҷамъиятист – чизест, ки ҳар касе метавонад аз он истифода барад ва дигаронро низ аз истифодаи он маҳрум насозад» [13, с.61].

Муҳаққиқони маъруф ба масъалаи низоми ҷаҳонӣ аз нуқтаи назари арзишотӣ муносибат намудаанд. Бештари онҳо ақида доранд, ки низоми нави олам бояд дар асоси арзишҳои умумиинсонӣ, ки ҳамаи давлатҳо дар он саҳм гузоштаанд, ташаккул

ёбад. Тибқи андешаи Х. Булл яке аз арзишҳои нисбатан бунёдӣ дар ин масъала, ки дар низоми байналхалқӣ бояд амалӣ шавад, ин амният, бехатарӣ ва боварӣ дар риояи ӯҳдадориҳо ва ҳимояи моликият бошад. Барои самаранок будани низоми олам зарур аст, ки арзишҳои тамаддунҳои шарқӣ ва ғарбӣ ба ҳам омехта гардонида шаванд ва дар ин замина эҳтиром нисбат ба ҳуқуқи шахсият дар алоқамандӣ бо хайрияти умум воқеӣ гардад. Умуман, муносибати арзишотӣ нисбат ба низом иолам аз бисёр ҷиҳат хусусияти субхективӣ дорад. Зеро, он ба тасаввуроти гуногун оид ба арзишҳои бартариятдошта аз диди акторҳои мухталиф такя менамояд.

Мафҳуми «низоми ҷаҳонӣ» аз тарафи муҳаққиқони реалист ва либерали рус низ, ҳар хел фаҳмида мешавад. Масалан, реалистҳо низоми оламро, пеш аз ҳама, ҳамчун ҳолати муносибатҳои байнидавлатӣ маънидод менамоянд, ки сатҳи муайяни суботро дороанд. Принсипҳо, ҷиҳатҳо ва мазмуни системаи байналхалқӣ, ки ба сохтори он пайвастагии бевосита дорад, дар мадди назари реалистҳои қарор гирифтааст. Аз назари онҳо қутбият мансуб ба иқтидори низомии давлатҳост ва он бояд тавассути механизмҳои амнияти байналхалқӣ (институтҳо ва меъёрҳо) таъмин гарданд.

Агар барои реалистон низоми ҷаҳонӣ ҳамчун сохтори олам баромад кунад, пас барои либералҳо бошад, он ҳамчун воситаи танзими ҷаҳон арзи ҳастӣ менамояд, яъне чи гуна давлатҳо муносибатҳои байниҳамдигариро ба низом медароранд, чӣ тавр равобити онҳо бо субъектҳои дигари муносибатҳои байналхалқӣ барқарор мегардад ва чӣ ба рафтори онҳо дар арсаи ҷаҳонӣ таъсир мерасонад ва чӣ сарчашмаи ин таъсиррасониро ташкил медиҳад, ки ба василаи он як давлат дар нисбати давлатҳои дигар мавқеи назаррасро соҳиб аст.

Хусусияти муҳими муносибати либералиро дар нисбати масъалаи низоми нави ҷаҳонӣ дар тафовут бо реалистон шарҳи ҷамбаи субъективии масъалаи мазкур ташкил медиҳад. Агар барои реалистҳо низоми олам ҳамчун муносибатҳои байниҳамдигарии давлатҳо баромад намояд, пас барои либералҳо ин муносибатҳо фақат яке аз василаҳои андозанамоии сиёсати ҷаҳонӣ дар қатори дигар воситаҳои андозанамоӣ (акторҳои ғайридавлатӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ) баромад мекунад. Ғайр аз ин либералҳо диққати асосии худро ба гузариши ҳолати муосири муносибатҳои байналхалқӣ равона карда, қувваҳои демократиро барои ташкили низоми устувор ва боадолати ҷаҳонӣ сафарбар менамояд.

Ба сифати мафҳуми тазодии «низоми ҷаҳонӣ» мафҳуми «бенизомӣ» дар муносибатҳои байналхалқбаромад мекунад. Ҳолати бенизомӣ, ки таҷассумкунандаи мушкилиҳо дар системаи муносибатҳои байналхалқист аксар вақт аз тарафи олимон ҷиҳати маънидоднамоии назариявиро соҳиб нест. Фақат баъзе аз олимон зуҳуроти мушаххаси онро дар осори хеш ҳамчун намуна меоранд. Масалан Збигнев Бжезинский дар китобаш «Интихоб. Ҳукмронии ҷаҳонӣ ва ё сарварии глобалӣ» як боби алоҳидаро ба масъалаи «Бенизомии нави глобалӣ» бахшидааст [14]. Бояд гуфт, ки тадқиқот дар бораи масъалаҳои гуногуни сиёсии байналхалқӣ, коркарди сенарияҳо вобаста ба имконияти ба вуҷуд омадани бенизомӣ дар сиёсати ҷаҳонӣ бешубҳа аҳамияти назариявӣ ва амалиро соҳиб аст.

Таҳлил масъалаи низоми нави ҷаҳонӣ зарурияти ошкорсозии як қатор масъалаҳоро дорад. Дар ин алоқамандӣ андешаҳои яке аз олимони маъруфи тоҷик Г. Н. Зокировро овардан мумкин аст. Тибқи назари ин муҳаққиқи шинохта мафҳуми «низоми нави ҷаҳонӣ» ба умумиятҳои иҷтимоии глобалӣ тааллуқ дорад. Он дар шакли дастаҷамъонаи субъектон ё актороне, ки дар саҳнаи сиёсати ҷаҳонӣ амал мекунанд, баромад мекунад. Ҳамин тавр, низоми нави ҷаҳонӣ – инчунин сохтори байнлахалқӣ ва пеш аз ҳама, байнидавлатӣ мебошад, ки он баҳри таъмини талаботу манфиатҳои асосии давлатҳову институтҳои алоҳида, бавуҷудоварии шароити мусоид баҳри фаъолияти озоди онҳо, амният ва рушду инкишофи онҳо хизмат менамояд. [15, с.348]

Дар чунин ҳолат сухан оиди фаҳмиши институтсионалии он меравад, ки чи тавре маълум аст, наметавонад моҳияти пурраи онро арзёбӣ намояд. Дар адабиёте, ки ба мавзӯоти таҳлили муносибатҳои байналхалқӣ бахшида шудаанд, консепсияи муайяни умумиқабулшуда ва инъикоскунандаи тамоми паҳлуҳои ин масъала вуҷуд надорад.

Мувофиқи ақидаҳои муҳаққиқи амрикоӣ Т. Франк асоси низоми нави ҷаҳониро легитимӣ будани он ташкил медиҳад, яъне ин маҷмӯи қонуну қоидаҳо, ки дар асоси талаботҳои умумибашарӣ қабул гардидаанд ва бояд дар сиёсати ҷаҳонӣ ва консепсияҳои глобалӣ тамоми ҷузъияти он ифода худро ёфта тавонанд. Ба андешаи мо, ин нуқтаи назар наметавонад дар шакли ҷамъ тамоми қисматҳои ҷомеаи ҷаҳониро дар худ фаро бигирад. Зеро он масъалаи низоми нави ҷаҳониро танҳо дар доираи муносибатҳои байнидавлатӣ маънидод мекунад.

Олимон дар дарки таркиботи муайяни муносибатҳои сиёсии байналхалқӣ ва маҷмӯи муносибатҳои байниҳамдигарии давлатҳо ва субъектҳои ғайридавлатӣ, субъектҳои анъанавӣ ва навини муносибатҳои байналмилалӣ дар давраи муосири инкишофро муайян менамоянд. Низоми сиёсии байналхалқӣ ҳолати сифатии муайяни муносибатҳои сиёсати байналхалқиро дар давраи муайяни инкишофи таърихӣ фаро мегирад.

Одатан, гузаштан аз як навъи муносибатҳои байналхалқӣ ба навъи дигари он дар натиҷаи ҷангҳо ва ё инқилобҳои гуногуни иҷтимоӣ сурат мегирад. Аммо аз байн рафтани низоми пешин муносибатҳои сиёсии байналхалқӣ, ки солҳои 1945–1989-ро дар бар мегирифт, ба таври дигар воқеӣ гардид. Он ба таври осоишта ба амал омад. Муқовимати дуру дарози системаҳои байнлахалқиву блокҳои ҳарбӣ-сиёсӣ буҳрони шадиди муносибатҳои дохилии мамлакатҳои сотсиалистӣ ва омилҳои дигар, боиси аз байн рафтани муқовимати оштинопазири байни онҳо (ҷомеаи сармоядорӣ ва ҷомеаи сотсиалистӣ) гардид.

Ташаккулу инкишофи муносибатҳои нави байни мамлакатҳои бузург – ИМА ва СССР дар охири солҳои 80-уми асри гузашта сабаби ташаккули низоми нави сиёсии байналхалқӣ шуд. Ташаккули низоми нави ҷаҳониро авҷи баланди экстремизми сиёсӣ, миллатгароии канора, авҷи таассуботи динӣ, шиддат гирифтани моҷароҳои байналмилалӣ, авҷ гирифтани равандҳои бемайлони муҳоҷират ва ғайраҳо ҳамроҳӣ менамуданд. Низоми нави сиёсии олам таҷассуми муносибатҳои нави байналхалқӣ ва як ноифодаи бенизомиҳои олами муосир мебошад.

«Ғояи марказии низоми нави олам дар ҳар сурат мавриди баҳс ва радия қарор додани истиқлолияти миллии давлатҳо мебошад. Баъзан, дар андешаронихо чунон дур мераванд, ки аз ғоя ва принсипи истиқлолияти миллӣ даст мекашанд. Истиқлолияти миллии давлатҳоро ҳамчун ҳимояи манфиатҳои маҳдуди миллию давлатӣ ба зарари манфиатҳои стратегии инсоният маънидод менамоянд. Аз ин ҷост, ки онҳо вайрон намудани низоми моликияти миллиро пешниҳод намуда, онро ҳамчун захираҳо дар ҳудудҳои давлатӣ дониста, моликияти умумӣ ба захираҳоро беҳтар меҳисобанд. Мавҷудияти моликияти миллӣ ҳамчун манбаъ ва омили асосии зиддиятҳову муқовиматҳои байни халқҳо ва давлатҳо дониста мешавад. Умуман, истиқлолияти миллии давлатҳоро рад намуда, трансформатсияи тамоми захираҳои оламро дар заминаи принсипи «мероси умумии инсоният» шарҳ медиҳанд. Дар охир, истиқлолияти сайёравиро, ки тавассути фаъолияти институтҳои байналхалқӣ воқеӣ мешавад, тавсиф менамоянд» [16, с.312-313].

Олами муосир давраи махсуси инкишофи таърихиро аз сар мегузаронад. Он барои ҳар минтақаву кишварҳо ба таври гуногун арзёбӣ мегардад. Дар маҷмӯъ сатҳи инкишофи давлатҳо ва минтақаҳо ба ташаккул ва рушди равандҳои умумисайёравӣ таъсир мебахшанд. Дар кишварҳои гуногуни олам самти инкишофи стратегиро махсусан равандҳои трансформатсионӣ ва модернизатсонӣ ташкил менамояд. Қариб дар ҳар макон маъно ва моҳияти онҳоро аз як ҳолат ба ҳолати сифатан нав омадани

ҷомеа, муносибати байни одамон ва ҷомеаи сиёсӣ ташхиси самти стратегии инкишоф ва сатҳи воқеигардонии онҳо ташкил менамоянд.

Яке аз хусусиятҳои асосии инкишофи глобалии оламро маҳдуд гаштани фаъолияти давлатҳои миллӣ ва афзун гаштани мақом ва нақши иттиҳодияву созмонҳои байналмилалӣ дар низоми нави ҷаҳонӣ ташкил медиҳад. Махсусан, 40-60 соли охир дар бунёди низоми навини олам ва танзими муносибатҳои байналхалқӣ ва инкишофи глобалии олам тағйироти куллӣ ворид намуд. Системаи муносибатҳои байналхалқӣ тамоман тағйир ёфт. Муносибатҳои байниҳамдигарии давлатҳо, ки дар пояи ҳимояи манфиатҳои миллӣ ва амнияти давлатӣ қарор доштааст, тадриҷан мақоми дарк намудан ва ҳам масъалаҳои умумибашариро касб намуданд.

Дар бораи низоми нави сиёсии олам намояндагони ташкилоту созмонҳои гуногун андешаҳо иброз менамоянд. Онҳо аз ҷиҳати назариявӣ тарҳ ва пешомади инкишофи ҷомеаи ҷаҳониро баён менамоянд. Дар амалиёти мазкур нақши созмонҳо ғайриҳукуматии кишварҳои гуногуни ташкилотҳои байналхалқӣ тадриҷан барҷаста мегарданд. Ассотсиатсияи ёрӣ, СММ, Хазинаи Стенли, Ташаббуси стокголмӣ, Клуби римӣ, Институти байналхалқии тадқиқоти амалӣ (гурӯҳи парижӣ), Шуро оид ба омӯзиши инсон ва ғ.

Дар бораи пажӯҳиши масъалаҳои муҳимтарини рушди глобалӣ нақши фаъолро маҳз ташкилоту созмонҳои байналхалқии дар боло зикршуда мебозанд. Махсусан, эътибори Клуби римӣ ва Гурӯҳи парижӣ хеле назаррас мебошад. Таъсири ин ташкилотҳои ғайриҳукуматии байналхалқӣ дар ташаккули низоми нави ҷаҳонӣ ва хусусиятҳои навро касб намудани он бисёр зиёд ба мушоҳида мерасад.

Дар низоми нави ҷаҳонӣ давлатҳое, ки даъвои бузургдавлатӣ доранд, чандон кам нестанд. Агар ба воқеияти масъала назар андозем, пас маълум мешавад, ки на ҳамаи кишварҳои олам хосиятҳои давлати бузургро соҳиб мебошанд. Танҳо он кишварҳое метавонанд даъвои бузургиро дошта бошанд, ки 4 аломати зеринро доро бошанд: иқтидори бузурги ҳарбӣ; иқтидори назарраси иқтисодӣ, неъматҳо ва захираҳои фаровони моддӣ, захираҳои табиӣ ва фазогии кишвар; аҳолӣ ва ҳудуди барзиёд, ки дар ҳангоми зарурат теъдод зиёди одамонро ба ин ё он масъалаи муҳим, аз ҷумла ҳимояи хоку марзи Ватан аз душман сафарбар намояд [17, с.136].

Вале бояд гуфт, ки аксари кишварҳои даъвогари бузургдавлатӣ фақат аз ин ё он ҷиҳате пурқудрат гаштаанд, ки дар бештари ҳолатҳо давлатҳои дорои яроқи ҳастаиро бузургдавлат медонем. Аммо ин гуна давлатҳо чандон тамоми аломатҳои пурқудратиро надоранд. Бештари онҳо чандон иқтидори бузурги ҳарбӣ ва иқтисодиро наёфтаанд. Дар шароити ҳозира 10 кишвар соҳиби яроқи ҳастаӣ мебошад, ва чанд давлати дигар даъво дорад, ки чунин яроқро дар вақтҳои охир ва наздиктарин пайдо хоҳанд намуд. Умуман, на ҳама давлатҳои бузургманиш тамоми хосиятҳо ва маҷмӯи аломатҳоро дар худ таҷассум карда метавонад.

Дар низоми нави ҷаҳонӣ ва инкишофи глобалии олами муосир созмонҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ мақом ва нақши давлатҳои миллиро нисбатан маҳдуд мегардонанд. Созмонҳои минтақавию ҷаҳонӣ дар алоқамандӣ бо ҳадафҳои муайян ва принсипҳои мушаххаси дорои фаъолияти хеш як қатор вазифаҳоро иҷро менамоянд. Дар байни онҳо мақоми хосаро Созмоони Миллали Муттаҳид соҳиб мебошад. СММ масъалаҳои зеринро баррасӣ менамояд: ҳифзи сулҳ дар тамоми рӯйи олам; таъмини амнияти байналхалқӣ; ҳалли зиддият ва моҷароҳои байналмилалӣ; мусоидат намудан ба рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии кишварҳо; ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва амсоли ин масъалаҳоро тарҳрезӣ менамояд.

Ташкилоти мазкур асосан ҳамчун ташкилоти байнидавлатӣ ва байналхалқӣ арзи ҳастӣ намуда, мунуосибатҳои байни давлатҳоро ба низом медарорад. Новобаста за оне, ки давлату ҳукуматҳо нисбати халқҳо чӣ сиёсатеро воқеӣ мегардонанд, СММ нисбати онҳо чораҳои қатъиеро амалӣ накардааст. Аз ин хотир, яке аз самтҳои асосии фаъолияти СММ-ро таъмини баробарии байни мақсадҳои ҳимояи

манфиатҳои давлат ва ҳимояи ҳуқуқи инсон ва умумият, халқияту миллатҳои гуногуни олам ташкил медиҳад.

Дар қатори СММ ташкилоту созмонҳои байналхалқии ғайриҳукуматие низ ҳастанд, ки робитаҳои гуногунро на танҳо дар байни худ, балки дар байни давлатҳои муосир барқарор намуда, тибқи ҳадафу манфиатҳои хеш ба сиёсати кишварҳо таъсири назаррас мерасонанд.

Пас, гуфтан мумкин аст, ки дар шароити ҳозира таълимоти бузургдавлатӣ низ то андозае коҳиш ёфтааст. Чун солҳои пешин масъалаи мазкур чандон диққати муҳаққиқоро ба худ ҷалб наменамояд. Оиди бартарии бузургдавлате дар сиёсати кабир андешаҳо иброз дошта, муаллифон чунин нақшро гоҳе ба собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ва гоҳе ба ИМА ва дар баъзе маврид ба баъзе аз кишварҳои мутараққии олам мансуб медонистанд. Дар нимаи дуюми асри XX аксари геополитикон инкишофи бузургдавлатиро дар низоми ҷаҳонӣ тавсиф намдуа, оид ба мақом ва нақши ИМА дар назорати олам сухан гуфтаанд. Асоси чунин таълимот аз андешаҳои Николас Спайкмен бармеояд. Дар давраи «ҷанги сард» низ Амрико дар доираи консепсияи Спайкмен фаъолият менамуд. Аммо муҳаққиқони зиёде буданд, ки чунин мавқеъро хоси Иттиҳоди Шӯравӣ низ медонистанд, яъне мақом ва нақши он дар арсаи байналхалқӣ ҳам аз тарафи олимон пазируфта мешуд.

Қайд кардан зарур аст, ки дар фаҳм ва муносибат бо консепсияи бузургдавлатӣ назарияе дучор мегардид, ки махсусияти ИМА-ро дар мадди аввал мегузошт. Чунин муносибат то нимаи дуюми солҳои 70-уми асри XX идома дошт. Яке аз аввалинҳо шуда Д. Белл афкори ҷамъиятиро оиди таназзул ва поёнравии қувва ва гум шудани эътиқод ба абарқудратии Амрикоро тағйир дод. Андешаи мазкур дар солҳои баъдина низ идома ёфт. Муҳаққиқон бар ақидае мебошанд, ки ИМА низ ба монанди дигар давлатҳои муқтадир ба инкишофи ҷомеаи ҷаҳонӣ танҳо таъсиргузор асту халос. Нақши муайянкунандагиро он дар олам намебозад [18, с.209].

Ҳамин тариқ, бо шарҳу эзоҳ ва таърифҳое, ки дар нисбати мафҳуми «низоми нави ҷаҳонӣ» аз тарафи олимон пешниҳод гардидааст, ҳолати гузариши муносибатҳои байналхалқӣ, тазод ва рушди динамики равандҳои гуногуни дар таркиби сиёсати ҷаҳонӣ ифодаи худро меёбанд. Аз он хотире ки баъд аз замони дуқутбӣ низоми навини олам пайваста дигаргун гашта, хусусиятҳои нав ба навро ба худ касб менамояд, дарки ягонаи консептуалии он хеле мураккаб ба назар мерасад ва аз ин ҷост, ки низоми нави ҷаҳонӣ ба таври мухталиф маънидод мегардад. Новобаста аз ин, бо дастрасии донишҳои гуногун оид ба падидаи мазкур онро аз диди улуми сиёсӣ бо назардошти воқеияти муосири сиёсати ҷаҳонӣ метавон чунин маънидод кард: низоми нави олам ҳамчун маҷмӯи принсипҳо, меъёрҳо ва институтҳое мебошад, ки танзимкунандаи рафтори акторҳои сиёсати ҷаҳонӣ, хусусан давлатҳо мебошанд. Ин принсипу меъёрҳо ва институтҳои мавҷуда таъминкунандаи талаботи асосӣ ва мавҷудияти бехатари тамоми субъектҳо дар арсаи байналхалқӣ мебошанд. Ҳамзамон, онҳо бояд манфиатҳои кулли ҷомеаи башариро дар худ инъикос намуда, заминаи воқеии суботи системаи байналхалқӣ бошанд. Танҳо дар ин ҳолат мо дар бораи низоми нави ҷаҳонӣ сухан гуфта метавонем. Вагарна дар системаи муносибатҳои байналхалқӣ ҳамеша мушкилиҳо метавонанд вуҷуд дошта бошанд ва ҳолати бенизомии глобалиро боис гарданд. Вобаста ба ин гуфтаҳо, қайд кардан зарур аст, ки ҳама гуна принсипу меъёрҳои ҳуқуқи байналхалқӣ бояд аз воқеияти талаботу манфиатҳои давлату миллатҳои муосири олам сарчашма бигирад. Мушкилиҳо дар ин ҷода хеле зиёданд, пеш аз ҳама, дар амалияи сиёсӣ чунин ба назар мерасад, ки муқаррароти байналхалқии замони муосир бештар ба хотири амалишавии манфиатҳои давлатҳои абарқудрат ва пешрафта хизмат менамоянд. Бинобар ин, бояд низоми олам бояд комилан таҷдиди назар шавад ва олимон тарҳи самараноки низоми нави оламро аз лиҳози назариявӣ асоснок намуда, дар татбиқи амалии он дар доираи барнома ва лоиҳаҳои давлатӣ, минтақавӣ ва глобалӣ саҳми

назарраси худро гузоранд. Бе амалӣ гардонидани ҷиҳати мазкур моҳияти низоми нави олам зери суол меравад.

АДАБИЁТ

1. Ikenberry J. After Victory. Institutions, Strategic Restraint, and the Rebuilding of Order after Major Wars. Princeton, New Jersey, 2001.
2. Баталов Э. Я. О философии международных отношений. М.: Научно-образовательный форум по международным отношениям, 2005.
3. Баталов Э. Я. Мировое развитие и мировой порядок (анализ современных американских концепций). М.: РОССПЭН, 2005.
4. Давыдов Ю. П. Норма против сил. Проблема мирорегулирования. М.: Наука, 2002.
5. Bull H. The Anarchical Society. A Study of Order in World Politics. 3rd ed. Columbia Univ. Press, 2002.
6. Богатуров А. Д. Современный международный порядок // Международные процессы. 2003. Т. 1. №1.
7. Галкин А. А. Размышления о политике и политической науке. М.: Оверлей, 2004.
8. Гаджиев К. С. Геополитические горизонты России: контуры нового миропорядка. М.: Экономика, 2007.
9. Hoffman S. Primacy of World Order: American Foreign Policy since the Cold War. N.Y., 1980; Ikenberry J. After Victory. Institutions, Strategic Restraint, and the Rebuilding of Order after Major Wars. Princeton, New Jersey, 2001.
10. Art R. The Fungibility of Force // International Politics: Enduring Concepts and Contemporary Issues. 7th ed. / ed by R. Art, R. Jervis. N. Y., 2005.
11. Nye J., jr. Soft Power. The Means to Success in World Politics. N. Y.: Public Affairs, 2004.
12. Бжезинский Зб. Выбор. Мировое господство или глобальное лидерство. М.: Международные отношения, 2007.

МАФҲУМИ «НИЗОМИ НАВИ ҶАҲОНӢ» ВА МОҲИЯТИ ОН

Дар мақола таваҷҷуҳи асосӣ ба соҳаи муносибатҳои байналхалқӣ, хусусан низоми нави ҷаҳонӣ равона гардидааст. Муаллиф воқеияти олами мусирро дар ту тамоюли ба ҳам зид: ҳолати бенизомии олам ва банизомдарории кулли ҷомеаи башарӣ мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Вобаста ба тамоюли аввал дарҷ мегардад, ки асоси онро ноустувории системаи молиявии байналхалқӣ ва мушкилиҳои системаи глобалии сиёсӣ ташкил медиҳад. Моҳияти тамоюли дуюм бошад, дар устуворгардии баҳамалоқамандӣ ва баҳамтаъсиррасонии миллату давлатҳо, инкшофи босуръати институтҳои фаромиллӣ ва ташаккули ҷомеаи шаҳрвандии глобалӣ нишон дода мешавад. Зимни маънидоднамоии унсурҳои назариявӣ ва ҷиҳатҳои амалии низоми нави ҷаҳонӣ андеша ва муносибати олимони ватанию хориҷӣ, аз ҷумла Г. Н. Зокиров, К. С. Гаджиев, Э. Я. Баталов, Зб. Бжезинский, Ҷ. Най, С. Хоффман, Р. Арт, Р. Гилпин, Г. Киссинҷер ва дигарон оварда шудаанд. Дар асоси таҳлили ҳамаҷонибаи ақидаҳои ин донишмандон хулосаҳои илмӣ пешниҳод гардидаанд. Дар ниҳоят, моҳият ва хусусиятҳои асосии низоми нави ҷаҳонӣ муайян гашта, қайд мегардад, ки он бояд комилан таҷдиди назар шавад ва олимон тарҳи самараноки низоми нави оламро аз лиҳози назариявӣ асоснок намуда, дар татбиқи амалии он дар доираи барнома ва лоиҳаҳои давлатӣ, минтақавӣ ва глобалӣ саҳмгузор бошанд.

Калидвожаҳо: низоми нави ҷаҳонӣ, давлат, созмонҳои минтақавӣ, ташкилотҳои байналхалқӣ, интегратсияи байнидавалтӣ, сиёсати ҷаҳонӣ, рушди глобалӣ.

ПОНЯТИЕ «НОВЫЙ МИРОВОЙ ПОРЯДОК» И ЕГО СУЩНОСТЬ

В статье основное внимание напрвлено на сферу международных отношений, особенно на новый мировой порядок. Автор анализирует реальность современного мира на основе двух сущностно противоположных тенденций: состояние беспорядочночти мира и регулирование всего мирового сообщества. Относительно первой тенденции подчеркивается, что ее основой считается нестабильность финансовой международной системы и проблемы мировой политической системы. Сущность второй тенденции проявляется во взаимосвязях и взаимодействиях между государствами, в значительном развитии транснациональных институтов и формирование глобального гражданского общества. Основой определения теоретических и практических аспектов нового мирового порядка считаются мнения и отношения отечественных и зарубежных ученых, как Г. Н. Зокиров, К. С. Гаджиев, Э. Я. Баталов, Зб. Бжезинский, Ҷ. Най, С. Хоффман, Р. Арт, Р. Гилпин, Г. Киссинҷер и др. На основе всестороннего анализа мнений вышеназванных исследователей предявляются научные выводы. В конце, говориться о сущности и основных особенностях нового мирового порядка, и подчеркивается значимость его теоретического переосмысления. Для эффективного проявления нового мирового порядка нужна новая модель практического воспроизводства этого явления, которая реализовалась бы в рамках государственных, региональных и глобальных программ и проектов.

Ключевые слова: новый мировой порядок, государство, региональные организации, международные объединения, межгосударственная интеграция, мировая политика, глобальное развитие мира.

THE CONCEPT OF "NEW WORLD ORDER" AND ITS ESSENCE

The article focuses on the sphere of international relations, especially the new world order. The author analyzes the reality of the modern world on the basis of two essentially opposite trends: the state of the world's randomness and the regulation of the entire world community. Regarding the first trend, it is emphasized that its basis is the instability of the international financial system and the problems of the global political system. The essence of the second trend is manifested in the relationships and interactions between States, in the significant development of transnational institutions and the formation of global civil society. The basis for determining the theoretical and practical aspects of the new world order are the opinions and attitudes of domestic and foreign scientists, as G. N. Zokirov, K. S. Hajiyev, E. Y. Batalov, Zb. Brzezinski, J. Nye, S. Hoffmann, R. Art, R. Gilpin, H. F. Kissinjer etc. Based on comprehensive analysis of the views of the above researcher's necessary scientific insights. In the end, we talk about the essence and main features of the new world order, and emphasizes the importance of its theoretical rethinking. For the effective manifestation of the new world order, a new model of practical reproduction of this phenomenon is needed, which would be implemented within the framework of state, regional and global programs and projects.

Keywords: new world order, state, regional organizations, international unities, interstate integration, world politics, global development of the world.

Сведения об авторе: ***Рахмонов Ф. Н.*** – магистр второго курса по специальности Политика и государственное управление философского факультета ТНУ. Тел.: **907-00-14-40.**

Information about the author: ***Rahmonv F. N.*** – second course graduate student of Politics and state managment specialization at the faculty of philosophy of TNU. Phone: **907-00-14-40.**

ОМОДАСОЗИИ КОРМАНДОНИ ИҶТИМОӢ ДАР БРИТАНИЯИ КАБИР

Шарифов М. Х.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ҷараёни мураккаб ва номураттаби ҷараёни ислоҳоти иқтисодӣ дар Россия зиёд шудани бекорӣ, пайдо шудани гурезахо ва кӯдакони беназорат, зиёд шудани шумораи муҳоҷрон, пайдоиши гурухои зиддиҷтимоиро ба миён меорад. Ба пурзӯр шудани хадамоти ичтимои ва таъмин намудани онхо бо кадрхои сохибтахассус талабот пайдо шуд.

Дар айни замон манфиати тадқиқотгарон ба тачрибаи байналмилалии пайдоиш ва инкишофи кори ичтимои, омодакунии мутахассисони сохаи ичтимоӣ зиёд шуд. Ин тачриба, ки дар мамлакатхои гуногун чамъ омадааст арзиши умумиро ба худ касб намуда, омӯзиш ва истифодаи эчодиро дар шароити ватани объективан талаб мекунад.

Хамчунон то ин чониб низоми омода кардани кормандони ичтимои дар Британияи Кабир, ки дорои анъанаи қадима ва арзиши зиёди илмию тачрибави мебошад, тахлил нагардидааст.

Дар натичаи тахлили нашрияхои файласуфон, иқтисодчиён, чамъиятшиносон, психологхо, педагогхо ва хуқуқдонхои англис муқаррар гардида буд, ки олимон вазифаи хокимияти давлатиро дар банақшагири, идоракуни, маблаггузори ва идоракунии кори иитимои, дар ташкил ва омодакунии мутахассисон барои сохаи мазкури фаъолият мебинанд.

Тачрибаи инкишофи Британияи Кабир ба он бовар мекунонад, ки сиёсати ичтимои – омили таърихи мебошад. Он наметавонад барои даврахои гуногуни зиндагии чамъият хамон як хел бошад. Аммо бо хама гуногунии худ, сиёсати иҷтимои анъанахои таърихи ва холати муосири ичтимоию иқтисодиро ба инобат мегирад (Ш.Рамон, М. Пейн, М. Доэл ва диг.).

Тадқиқотгарон махсусан масъалахоеро чудо мекунанд, ки ба омодакунии кормандони сохибтахассуси ичтимои алоқаманд мебошад.

«Бисёрчабха ва бехамто будани мушкилоти ичтимои ва мутаносибан сиёсати ичтимои талаб намуданд, якум ташкили намунаи нави тарбияи ичтимои, яъне хал намудани мушкилоти илми-равони –педагоги, дуюм чустучӯи роххо ва воситаҳои самараноки омодакунии мутахассисони сохибтахассус барои кор дар мухити чамъият. Ин вазифаи мухимтарини сиёсати ичтимои, инчо ҳарф оид ба таъмули низоми омодакунии корманди ичтимоӣ меравад, ки уҳдадор аст ба талаботи баланди ҳаёти муосир ҷавобгӯ бошад (Г. Кейт, М. Доэл, Ш. Рамон, П. Ҷеймс ва диг.)» [1.с 50].

Чунин тасаввурот оид ба мақсад ва моҳияти кори ичтимоӣ дар рафти ҳама таърихи Англия, аз «Қонун дар бораи камбизоатон»-и соли 1598 машҳур сар карда вуҷуд дошт, ки дар давоми ҳама таърихи сиёсии Британияи Кабир ба тағйиротҳо рӯбарӯ шуда, танҳо дар соли 1918 бекор карда шуд. Дар ин ҳол муборизаи ду ҳизби сиёсиро (консервантҳо ва лейбористҳо) ба назар доштан зарур аст, ки манфиати табақаҳои гуногуни ҷамъиятро намояндагӣ мекунанд. ин хусусияти нахустини мухими сиёсати ичтимоии Британияи Кабир мебошад, ки дар даҳсолаи охир дақиқ мушоҳида карда мешавад.

Сиёсати ичтимоии Британияи Кабир ҳамеша ба таври маҳдуд бо сиёсати соҳаи таҳислоти ҳам умумӣ ва ҳам тахассусӣ алоқаманд буд. ин хусусияти дуюми ҳаёти сиёсии мамлакат мебошад (В. Саймон, 1989).

Яке аз самтҳои муҳими сиёсати ичтимоии Британияи Кабир сиёсати ичтмиоии ҷавонон мебошад. Ин мушкилоти бисёртарафа ва шадид барои Британияи Кабир асосан аз мавқеи ҷамъиятикунонии шахсиятҳо баррасӣ ва ҳал карда мешавад. Олимони англис (М. Янг, 1965, Г. Уайт, 1982 ва диг.) ҷамъиятикунониро чуни ваз шудани вазъи ичтимоӣ ва ворид намудани одмаи ҷавонро ба сохтори муносибатҳои ҷамъиятӣ муайян мекунад.

«Дар ҷанбаи таъсис ва худинкишофдиҳи ичтимоии шахсият ҷамъиятикунонӣро дарбар мегирад: фаъолияти мақсадноки равонию педагогӣ; таъсир расонидани институтҳои ичтимоӣ; таъсири фавқулодаи ичтимоӣ; фаъолнокии ичтимоии худи ичтимоӣ. Ҳама ин самтҳо дар вақти муайян намудани унсурҳои асосии сиёсати ҷавонӣ чун таркиби муҳими сиёсати ичтимоии давлат ба назар гирифта мешавад (М. Баш, 1965) ва ин хусусияти чоруми он мебошад» [1.с125].

Сиёсати ичтимоии Британияи Кабир ҳамин тавр дар худ хӯлаи хосро ифода мекунад, зеро дар он ҳама соҳаи ҳаёти ҷамъиятӣ якҷоя карда шудааст. он бо сохторҳои молиявӣ ва иқтисодии мамлакат, бо сиёсати маориф ва фарҳанг, демография ва тиб, фаъолияти экологӣ ва ҳифзи табиат зич алоқаманд мебошад. Соҳаи фаъолияти сиёсати ичтимоии Британияи Кабир дар худ дарбар мегирад: таъминоти ичтимоӣ, тандурустӣ, хадамотҳои инфиродӣ оиди ҳифзи шаҳрвандон, маориф, шуғл, сиёсати манзил.

Омӯзиши самтҳои асосии сиёсати ичтимоӣ асос медиҳад, ки ҳама кори ичтимоӣ дар Британияи Кабир дар таҷриба амалӣ намудани сиёсати мақсадноки давлат тасдиқ гардад. Мутобиқи ин низоми хадамоти ичтимоӣ ва низоми давлатии омӯзиш ва омодакунии кадрҳо барои фаъолияти соҳаи мазкур таъсис дода шудааст.

Дар инкишофи худ кори ичтимоӣ ва омодакунии тахассусии кормандони ичтимоӣ Британияи Кабир роҳи мушкил ва дурру дарозро тай намуд. Ин ду ҷараёни таърихи ба ҳам алоқаманд на танҳо дар санадҳои қонунгузорӣ оғоз аз асри XVI, дар асарҳои олимони маъруфи асрҳои XVII - XVIII низ (Р. Бойль, У. Пети, Д. Мильтон, Д. Беллер, Д. Локк, Р. Оуэн ва диг.) ифода ёфтанд. Омӯзиши асарҳои олимон-файласуфон, ҷомеашиносон, иқтисодчиён, педагогҳо нишон дод, ки ҳама онҳо пешравии давлатро бо беҳдошти моддии миллат, сатҳи таҳсилот, бо ғамхорӣ ба кӯдакон, ба беморон, ба калонсолон алоқаманд мекунанд. кори муташаккили амалии ичтимоӣ дар асри XIX аз ҷониби Ҷамъияти ташкилоти эҳсонкорӣ ва Коллонаи Барнетҳо, ки аъзоёнаш зарурати донистани асосҳои илмиро барои ташкил ва

гузаронидани кори иҷтимоӣ чун намуди фаъолияти мустақили ҷамъиятиро дарк кардаанд, оғоз гардид. Дар ин вақт ба муомилоти илмӣ чунин истилоҳ ба монанди ҷомеашиносӣ, дар оғози асри ХХ бошад психологияи ҷомеашиносӣ чун соҳаи илми психологӣ ворид гардид. Навкорон дар соҳаи кори иҷтимоӣ на танҳо ба амал баровардани ин фаъолиятро оғоз намуданд, балки онҳо ба саволи он, ки ин корро ба ки ва чигуна омӯзонанд ҷавоб гардонданд (Октавия Хилл, Тойнби Холл, Чарльз Локк, Хелен Боссан, Беатрис Уэбб, Мисс Сьюэлл, Генриетта Барнетт, Барнардо, сотрудники колонии Барнетт). Аввалан омӯзиш дар намуди шогирдии инфиродӣ ба амал бароварда мешуд. Омодакунии мутахассисон – кормандони иҷтимоӣ, омӯзондани онҳо, таҳсил ва тарбия ва додани таҷрибаи амалӣ аз соли 1895 оғоз гардид. Дар соли 1898 Кумитаи ҷамъияти ташкилотҳои хсонкор оид ба омодакунии кормандони иҷтимоӣ барои хонаи кӯдакон, мактабҳои табобатӣ барои кӯдакони нуқсони ҷисмонидошта, хонаҳои маъюбон таъсис дода шуд.

Маҳз дар ҳамин вақт принсипҳои илмӣ, мазмун, шакл ва усулҳои кори иҷтимоӣ, асосҳои этики он таҳия гардид (Барбара Роджерс, Олив Стивенсон, Филида Парслоу). Дар оғози асри ХХ дар Британияи Кабир мушкилотҳои иқтисодӣ, аз ҷумла масъалаҳое, ки бо оқибатҳои иҷтимоии бекорӣ ва зиёд шудани шумораи камбизоатон ва бехонаҳо хеле шадид гардиданд.

Таҳлили ҳуҷҷатҳои солҳои 20-40 асри ХХ, ки ба мушкилоти тадқиқоти мо таалуқ доштанд, нишон дод, ки дар ин солҳо фаъолнокии махсус дар соҳаи қонунгузории иҷтимоӣ изҳор гардида буд. Ин таъсис додани хадамоти васеъи хизматҳои иҷтимоии аҳолӣ ва барои ин мақсадҳо омодакуни мутахассисони соҳибтахассусро пешниҳод намуд.

Таҳлили ба амалбаровардаи ҳуҷҷатҳои таърихӣ нишон дод, ки таҳсили тахассусии кормандони иҷтимоии Британияи Кабир роҳи мураккабро аз курсҳои хурд, мактабҳои таҳсилоташон паст (дар назди ташкилотҳои хайриявӣ, ташкилотҳои динӣ, муассисаҳои тиббӣ, деҳа, ва ғ.), ба мактабҳои олии касбӣ тай намуд, ки дар он мутахассисони соҳибтахассусонро ба кори иҷтимоӣ омода мекунанд.

Ҳама низоми омодакунии кормандони иҷтимоӣ ба донистани чунин илмҳо ба монанди фалсафа, иқтисод, ҷомеашиносӣ, қонунгузорӣ, тиб, психология, омӯзгорӣ ва фарҳагшиносӣ асос меёбад. Ба дастовардҳои ин илмҳо такя намуда, олимони Британияи Кабир тавонистанд низоми илман асосноки омодакунии кормандони соҳибтахассуси иҷтимоиро ташкил намояд.

Мазмуни кори иҷтимоӣ дар ҳаракати доимӣ қарор дорад. Он шакл ифаз мекунад, мушкилотҳои нави иҷтимоӣ пайдо мешаванд. Дар робита бо ин вазифа ва функсияҳо, мазмун, шакл ва усулҳои кори иҷтимоӣ, инчунин низоми омодакунии кормадонии иҷтимоӣ васеъ гардида, шаклашонро иваз мекунанд. аммо мақсади таҳсили тахассусӣ-омодакунии кармутахассисони соҳибтахассуси ваколатдор бетағйир боқи мемонад.

Инкишофи ҳаёти иҷтимоию иқтисодии Британияи Кабир дар солҳои 60-80-ум ҷустуҷӯи олимонро фаъол гардонд, ки бояд асосҳои илмии кори иҷтимоӣ ва омодакунии мутахассисонро барои ба амал баровардани ҳама намудҳои кӯмакҳои иҷтимоӣ таъмин менамуд. Аз асосноккунии назариявии низоми хадамотҳои иҷтимоӣ дар амал амалӣ гардидани онҳо, инчунин мазмун, шакл ва усули омодакунии кормандони иҷтимоӣ вобаста буд. Ҳали ин мушкилотҳо дар охир сохтори давлатии кори иҷтимоӣ, принсипҳои амалкунии он, пешравии тараққиёт, инчунин низоми омодакунии мутахассисонро барои ҳама намудҳои кори иҷтимоӣ муайян намуд. «Шӯрои марказии омӯзиш ва омодакунии кормадони иҷтимоии (ШМООКИ) соли 1971 таъсисдода, маркази муҳимтарини ҳамоҳангсозанда гардид, ки дар мамлакат ташкилоти сохториро оид ба омодакунии кормандони иҷтиммоӣ таъсис дод, қоидаи ягона ва талабот барои кормандони иҷтимоии дипломдорро таҳия намуд. Дипломи корманди иҷтимоӣ ҳуҷҷати умумимиллие мебошад, ки тахассуси касбии корманди иҷтимоиро дар ҳама муассисаҳо ва ташкилотҳо – агентиҳои маҳаллии ҳифзи

иҷтимоӣ, хадамотҳои сарпаноҳӣ, тандурустӣ, муассисаҳои таҳсил ва адлияи ҳам давлатӣ ва ҳам хусусӣ тасдиқ мекунад» [2, 73].

Шӯрои марказӣ талаботҳои стандартиро таҳия намуд, ки дар вақти ташкил намудани ҷараёни таҳсил дар ҳама муассисаҳои таҳсиле, ки кормандони иҷтимоӣ омода мекунанд, риоя намудан лозим аст. Аммо ин қоидаҳо намунаи муайяни таҳсилро муқаррар намекунад; онҳо ба меъёрҳои аттестатсияи донишҷӯён ишора мекунанд. ҳамзамон мавқеи чандирро ба ташкили ҷараёни таҳсил, шаклҳои гуногун ва усулҳои таҳсилро истиқобол мегиранд. Шӯрои марказӣ инчунин шаш таркиби асосии ваколати тахассусии корманди иҷтимоиро муайян намуд: муошират ва коммуникатсия; дастгирӣ ва кӯмак ба муҷтарӣ; таҳлил ва банақшагирӣ; дахолат ба ҳаёти муштарӣ ва ба ӯ расонидани хизмати иҷтимоӣ; кор дар ташкилотҳо; инкишофи салоҳияти касбӣ.

Ҳамин тавр, салоҳияти касбӣ дар худ омодагии асосӣ ва махсуси назариявӣ, инчунин омодагии амалии асосиро дарбар мегирад. Дониш боғочи илмӣ мебошад, ки мутахассиси оянда азхуд мекунад ва дар сатҳи инфиродаияту шахсият ба ҳаракатҳои амалӣ мегузарад. Ин имконият медиҳад салоҳиятнокиро чун хусусияти сифатииинфиродии коргари иҷтимоӣ муайян намоем. Барои он, ки салоҳиятнокии касбии худро исбот намоянд, хатмкунандаи донишгоҳ бояд доштани арзишҳои умумифалсафавии кори иҷтимоӣ, донишҳои таҷрибавӣ ва назариявӣ, маҳоратҳои таҳлили танқидии фаъолияти худ, тавоноии итсифода намудани донишҳои қабулгардида, тавоноӣ ва маҳорат дар таҷрибаро исбот намоянд.

Олимон талабот ба низоми арзишҳои ахлоқии кормандони иҷтиморо, ки бе доштани он ГМУ-ро гирифта намешавад. Таҳия намуданд.

Пайдоиш ва инкишофи касбии корманди иҷтимоиро тадқиқ намуда, олимони Британияи Кабир қайд мекунанд, ки худ интихоб намудани касби мазкур аз ҷониби шахсият яке аз сарчашмаҳои худамалигардӣ, худтасдиққунии худ чун шахсият, мутахассис мебошад. Тахассусе, ки ба манфиат ва имкониятҳои шахсият мувофиқ интихоб гардидааст, аз ҷониби ӯ ҳиссияти беҳбудӣ ва қаноатмандӣ дар ҷои худ дар ҷамъиятдастгирӣ карда мешавад (Д. Секер, Н. Томпсон).

Дар адабиёти илмии британиёӣ якчанд намунаи касбият пешниҳод гардидааст, ки ба ҳар яке аз онҳо як қатор фаҳмишҳо оид ба табиати салоҳиятнокии касбӣ хос аст (касбияти амалӣ, касбияти ҷанбаи технологӣ ва таҷрибаомӯзи беихтиёрона). Ҳамаи ин намунаҳо ду ҳолатро муттаҳид мекунанд. Корманди иҷтимоӣ чун субъекти фаъолияти иҷтимоӣ баррасӣ мешавад, бинобар ин комилӣ ва самтнокии инкишофи касбию шахсии он зарур аст (С. Ҷоунс, Р. Ҷосс).

Омодакунии кормандони иҷтимоӣ дар Британияи Кабир бо нишона гирифтан ба одам чун ба арзиши олӣ, дарк кардан ва қабул намудани арзиши шахсият, фардияти такрорнашавандаи ӯ ва моҳияти эҷодии ӯ тавсиф карда мешавад.

Чунин нишонгирии корманди иҷтимоӣ ба инсон танҳо дар он ҳолате имкон дорад, ки агар омодакунии он хусусияти касбию шахсиятӣ дошта бошад. Шаш таркиби асосии салоҳиятнокии касбӣ метавонад дар он ҳолате амаи шавад, ки агар сохтори тавоноии шахсиятии корманди иҷтимоӣ дар худ инҳоро дарбар гирад: донишҳои касбӣ, тавоноӣ ва маҳорат (тавоноии касбӣ), қобилияти корӣ (тавоноии равонию ҷисмонӣ), қобилияти зеҳнӣ (тавоноии таҳсилотӣ), қобилияти креативӣ (тавоноии эҷодӣ), қобилият ба амали муштарак ва ҳамкорӣ (тавоноии коммуникативӣ) ва соҳаи арзишию ҳавасмандӣ (тавоноии ахлоқӣ).

«Омодакунии кормандони иҷтимоӣ дар Британияи Кабир дар донишгоҳҳо, доникадаҳо, мактабҳои олӣ ва коллеҷҳо ба амал бароварда мешавад. Муҳлати омӯзиш аз 2 то 4 солро вобаста аз сатҳи пеш аз таҳсилот, сину сол ва вазъи оилавӣ ташкил медиҳад. Сину соли камтарин барои дохил шудан ба муассисаҳои таҳсилотӣ (бе додани дараҷаи илмии магистр) – 20 сол. Комиссияҳои қабул интихоби довталабонро амалӣ намуда, меъёрҳои зеринро риоя мекунанд: хусусиятҳои академӣ, сину солӣ, мавҷудияти таҷрибаи амалӣ, фардӣ, равонӣ, шахсӣ. Маҳаки охирон бо

ёрии ташхис оиди коршоямии касбӣ ба кори иҷтимоӣ муайян карда мешавад (сатҳи баланди инкишофи зеҳнӣ, қобилият ба худтанзимкунӣ, қобилияти изҳор кардани сабр, устуворӣ, моҳирӣ, меҳрубонии ҳиссӣ, тобоварӣ ва диг)» [2, с 94].

Таҳлили аз ҷониби мо ба амал баровардаи ҳуҷҷатҳои барномавии Шӯрои марказӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки алакай дар сатҳи қабул намудан ба муассисаи таълимӣ, баъдан дар ҷараёни худи омӯзиш диққати махсус ба қисми шахсият ва пайдоиши чунин сифати фардии равонӣ ба монанди креативнокӣ, рефлективӣ, инноватсионӣ дода мешавад.

Дар айни замон дар Британияи Кабир ҷустуҷӯи фаъоли барномаҳои нави касбию таълимии омодакунии кормандони иҷтимоӣ рафта истодааст, кик и ҳам ба мазмуни таълим ва ҳам ба шаклҳо, усулҳо, технологияи омӯзиш ифода меёбад (Р. Барбус, М. Бэгинский, М. Доэл, Л. Сисон, С. Шардлоу).

Дар чорчӯбаи тадқиқотии мазкур мо барномаҳои таълимии омодасозии назариявӣ ва амалии кормандони иҷтимоиро дар низоми муассисаҳои олии таълимӣ таҳлил намудем (Донишгоҳҳои шаҳрҳои: Шеффилд, Бирмингем, Уорвик; мактаби иқтисодии лондон). Барои барномаҳои таълимӣ аз як тараф низомноккунӣ ва таҳияи илмии донишҳои пешниҳодшаванда аз соҳаҳои гуногуни илмӣ, аз тарафи дигар бошад якҷоя кардани донишҳо ва нишонгирии шахсиятии ҷараёни таҳсил хос мебошад. Ин ҳам ба асоси назариявӣ ва ҳам ба омодакунии амалии мутахассисони оянда дахл дорад.

Ба фарқиятҳо дар барномаҳои касбию таълимӣ нигоҳ накарда, метавон мавқеи умумиро қайд намоем: пайдоиши салоҳиятнокии илмию назариявӣ чун асосҳои фаъолияти касбии иҷтимоӣ. Мақсадҳо ва вазифаҳои омӯзиши махсус ба мақсадҳои асосӣ такя мекунад. Донишҷӯён бояд асоси тахассусро доро бошад, ки ба онҳо имкон медиҳад дар ҳама соҳаҳои махсус кор кунанд. Тахассуси корманди иҷтимоии Британияи Кабир ба доштани се сатҳи салоҳият асос меёбад: илмию методологӣ, касбию тамалӣ ва шахсиятӣ. Дар ҷараёни таълимӣ дар вақти омодакунӣ дар сатҳи тахассусӣ, фанҳои таълимии махсус хеле васеъ истифода бурда мешавад, ки интихобаш хеле сернамуна ва гуногун мебошад. Ҳамчунон стандартҳои давлатӣ барои ихтисос вуҷуд дорад, ки ин корҳоро дарбар мегирад: бо кӯдакон, наврасон, ноболиғон; бо ҳуқуқвайронкунандагон ва маҳкумшудагон; бо беморон; бо маъюбон; бо калонсолон; бо оилаҳо; бо хизматчиёни ҳарбӣ; бо қабила; дар низоми таъминоти иҷтимоӣ.

Дар ҳама муассисаҳои таҳсилоти олӣ, ки кормандони иҷтимоиро омода мекунанд, таълими седараҷавӣ ба амал баровада мешавад: назариявӣ, назариявию амалӣ ва амалӣ. Ташкилоти назариявии асосӣ омӯзиши илмҳои ҷамъиятӣ, психология (умумӣ ва махсус), илмҳои ҳуқуқӣ; сатҳи назариявию таҷрибавӣ дар худ омӯзиши назарияи кори иҷтимоӣ ва усулҳои он, асосҳои методологии мудохила дар кори иҷтимоӣ, ташкили кори иҷтимоӣ дарбар мегирад. Дар вақти амалигардонии нақшаи касбию таълимӣ ба шаш таркиби асосии салоҳияти касбии кори иҷтимоӣ, ки аз ҷониби олимони Шӯрои марказӣ коркард ва тасдиқ гардидааст, такя мекунанд.

Олимони Британияи Кабир дар якҷоягӣ бо омӯзгорони мактабҳои олӣ нуқтаи назари нави таълимиро таҳия намуданд, ки асоси онро ақидаи пайдоиши якҷоякардашудаи салоҳиятҳо ташкил мекунад. онҳо якҷоякуниро дар ҷараёни таълимӣ чун шакли олии ифодаи ягонагии мақсадҳо, принсипҳои мазмунҳо, шакли ташкил баррасӣ мекунанд, ё гуфтан мумкин аст, ки чун таъсис додани воҳиди ягонаи таълимӣ дар асоси робитаҳои мутақобилаи меъёрҳои гуногуни ҷараёни таълим баррасӣ менамоянд. Ақидаи якҷоякунӣ барои ҳама низоми омодакунии кормандони иҷтимоӣ хос аст. Ин мавқеъ махсусан дар доштани донишҳо оид ба инсон, инкишофи ҷисмонӣ ва рӯҳии ӯ, фарҳанг, рафтор, коммуникатсияи ӯ ифода мегардад. Ақидаи муҳоҷират асоси таъсис додан ва истифодаи фаъолонаи «технологияи намунавӣ»-ро дар ҷараёни таълим ташкил мекунад (М. Еллоли, М. Хенкел). Технологияи якҷоякунию намунавӣ дар омодакунии назариявии донишҷӯён ба ақидаи робитаҳои

байнимавзӯии фанҳои гуногуни таълимӣ асос ёфтааст. Ба мо намунае ҷолиб аст, ки дар он якҷоякунии донишҳои асосӣ аз соҳаҳои гуногуни илмӣ баромад мекунад, ки ба мушкилоти «инсоне, ки бояд ва ҳуқуқ дорад ёрии иҷтимоӣ, дастгирӣ ва мутобиқгардонӣ гирад» ворид мешавад, яъне оид ба мувофиқати намунаҳои якҷоякардашуда, аммо ҳамавақт ба як мақсад равонабуда – инсон ва ҳифзи иҷтимоии ӯ ҳарф меравад. Дар ин ҳол дар назар дошта шудааст, ки дониш оид ба инсон, шахсият, маъюбба ҳар як корманди иҷтимоӣ зарур аст, ҳамчунон ин донишҳо бояд аз соҳаҳои гуногуни илмӣ бошанд.

Дар таҷрибаи мактаби олии англисӣ дар вақти омодакунии корманди иҷтимоӣ намунаҳои касбию амалӣ фаъолона истифода бурда мешавад, ки дар худ усулҳо ва технологияи кори иҷтимоӣ, асосҳои идоракунии иҷтимоӣ, менеҷмент, мушкилотҳои амалия, тренингҳо, бозиҳои нақшӣ, таҷрибаи намудҳои гуногуни ёрирасониро муттаҳид мекунад. дар як қатор муассисаҳои таълимӣ намунаҳои касбию диагностикӣ ва баҳогузорӣ истифода бурда мешавад, ки мақсадашон ба амал баровардани баҳогузории экспертӣ мебошад тестҳоро истифода бурда таҳлили сатҳи дониш ва инкишофи худ, диагностикаи худва дигар чизе, ки ба тавоноии шахсият ва сифати касбию шахсиятии корманди иҷтимоӣ оянда таалуқ дорад мегузаронад.

Афзалияти нуқтаи назари таълимии номбаршуда аз он иборат аст, ки омӯзиш новобаста аз ихтисос, аз соҳаи маҳдуди таълимии фаъолияти кормандони иҷтимоии оянда ба роҳ монда мешавад, зеро салоҳиятнокӣ чун ташкилаи умумии шахсӣ – ин аз салоҳияти корӣ зиёдтар мебошад. Аз ҷониби мо тарафҳои мазмсунӣ ва мурофиавӣ, усулҳои омӯзиши намунаҳои омодагии назариявии асосӣ ба пуррагӣ баррасӣ гардидааст, ки дар ҷараёни омӯзгории Донишгоҳи Бирмингем истифода мегардад: «Инкишофи касбӣ», «Моҳияти кори иҷтимоӣ», «Қонунгузорӣ», «Ҷомеашиносӣ», «Психология», инчунин намунаи омодагии назариявию амалӣ: «Назария ва амалия, ки ба истифодаи хизматрасонӣ равона аст», «Траекторияи хадамот барои калонсолон», «Кӯдакон - оила».

Мавқеи якҷоякунии байнифаннӣ метавонад на танҳо дорои намуди модул бошад, вариантҳои дигар низ имкон доранд, ки дар Британияи Кабир «курсҳои омӯзишии якҷоякунӣ» меноманд. Инак, масалан дар Мактаби иқтисодии Лондон (МИЛ) таълим асосан аз рӯи фанни таълимии хусусияти асосӣ ва махсус гузаронида мешавад. Дар ин ҳол фанҳои асосӣ метавонад мустақилона ва ҳам дар якҷоягӣ бо дигар фанҳо омӯхта шавад.

«Чи тавре мо тавонистем мушоҳида намоем, ин муассисаи таълимӣ асосан мутахассисони дипломдор ба кори иҷтимоӣ барои ду минтақаҳои маъмурӣ - Кенсингтона ва Челси дар Лондон омода мекунад. Ин минтақаҳо Маркази зиддиятҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ мебошад. Дар ин ҷо мушкилотҳои шадиди манзилӣ пайдо мешавад, махсусан дар робита бо шумораи зиёди одамони муваққатан истиқоматкунанда» [3, 45]. Ин ва дигар ҳолатҳоро омӯхта МИЛ кормандони иҷтимоии соҳаи васеъро омода мекунад, ки барои кор кардан бо намояндагони аҳолии камтарин, дар хадамоти таъминоти иҷтимоӣ, таълим ва ғайра мутаххасис мегарданд. Ба соҳаи таъсири МИЛ инчунин минтақаи Брент дохил мешавад, ки дар он шумораи зиёди қабилаҳои осиёӣ ва африкоиву карибӣ, қабилаи калони ирландӣ зиндагонӣ мекунанд. Гуруҳҳои нажодӣ ва этникӣ қисми зиёди аҳолии ин ҷоро ташкил мекунанд. Гуногунии қабилаҳо, шумораи зиёди агентиҳои иҷтимоӣ, гуруҳҳои волонтёрӣ селаи доимии кормандони иҷтимоиро талаб мекунанд. Ҳамаи инро дар вақти омода кардани кормандони иҷтимоӣ ба назар гирифтан лозим аст, бинобар ин барномаҳои таълимӣ, барномаҳо ва технологияи таълимӣ дар ифодаи мушаххаси худ аз дигар муассисаҳои таълимӣ фарқ мекунад.

Мисоли оварлдашуда тасдиқи хулосаи мо оиди он, ки мазмуни барномаҳои касбию таълимӣ омили зудҳаракат мебошад, ки хусусияти ҳолатҳои ҷамъиятию таърихӣ, иқтисодӣ, демографӣ ва ғайраро дар мамлакат ифода мекунад, ба шумор меравад.

Дар ҳама муассисаҳои таҳсилоти олӣ, ки кормандони иҷтимоиро омода мекунанд, нақши муҳимро амалан омода будани мутахассис иҷро мекунад. Ҳама ҷараёни таълимии мактабҳои олӣ ба ҳамкорӣ ва шарикӣ байни донишгоҳҳо ва агентиҳои ҳифзи иҷтимоӣ асос ёфтаанд. Махсусияти хоси ташкили таҷрибаи истеҳсолӣ тартиб додани «Шартномаи меҳнатӣ» дар асоси сохиши сетарафа мебошад: тютор-донишҷу-дастурдиҳанда.

Тадқиқотгарони англис (Л. Сайсон, М. Брачински) тасдиқ мекунанд, ки барои ингуна намуди фаъолият чун кори иҷтимоӣ нақши басо муҳимро маҳз тавоноии таҷрибавӣ ва маҳорат мебозад, ки барои азхуд кардани он зарур аст, ки як вақти муайян мушоҳида намоӣ, ки инро чи тавр дигарон иҷро мекунанд ва кӯшиш намои, ки ба онҳо тақлид кунӣ. Танҳо дар шароити кори бевосита бо муштарӣ бдар зери роҳбарии дастурдиҳанда донишҷуён имконият мегиранд қоибилияти худро инкишоф дода, муккамал гардонанд.

Олимон ва омӯзгорони Британияи Кабир (К. Бревер, Б. Бутлер, М. Доэл, С. Шардлоу, Т. Сакко, Д. Бриҷ, Ш. Рамон, Д. Эванс, Д. Элиот ва диг.), мушкилоти амалан самаранок омодакунии донишҷӯён-кормандони иҷтимоии соҳибтахассуси ояндаро коркард карда шароити хуби омодасозии амалии донишҷӯёнро таъсис доданд. Омӯзгор (дастурдиҳанда) бояд худро маҳз ба сифати омӯзгор бинад, ки маҳз меомӯзонад ва тарбия мекунад, на ин ки беҳаракат амали донишҷуёнро мушоҳида мекунад; ӯ инчунин ҳама таҳсили зердастони худро бо ҷалби кормандони агентӣ агар лозим бошад ҳамоҳанг месозад; муносибати байни омӯзгор ва донишҷӯ бояд, ки ба принсипӣ эҳтиром ва боварии муштарак асос ёбад.

АДАБИЁТ

1. Доэл М., Шадлоу С. Практика социальной работы. – М., 1995.
2. Козлов А.А. Социальная работа за рубежом: состояние, тенденции, перспективы: Сб. науч. очерков. – М.: "Флинта", МПСИ, 1998.
3. Социальная работа как профессия: Учебное пособие. Сост. и общ. ред. проф. З.Х. Саралиева. Н.Новгород: изд-во ННГУ, 1996.

ОМОДАСОЗИИ КОРМАНДОНИ ИҶТИМОӢ ДАР БРИТАНИЯИ КАБИР

Сиёсати иҷтимоии Британияи Кабир аз маҷмӯи меъёрҳо ва арзишҳои умумии инсонӣ, принсипҳои ташкили истиқомати умумии инсонӣ, бо назардошти ҳама унсурҳои анъанаҳо, хусусиятҳои иқтисодӣ, этникӣ, минтақавӣ, динӣ, якҷоя карджани онҳо ба минтақаи ягонаи иҷтимоӣ бармеояд. Кори иҷтимоӣ чун ҷавобгарии фаъолияти касбӣ баррасӣ мегардад, ки ба фардон ва гуруҳҳо кӯмак мерасонад, ки шахсиятҳои мураккаб, хусусияти иҷтимоӣ ва экологие, ки ба онҳо таъсири манфӣ мерасонанд дарк намояд ва онҳоро бартараф намояд. Таҳлили назариявӣ нишон дод, ки сиёсати иҷтимоии Британияи Кабир ба ҳали чунин мушкилотҳои ҷаҳонии зерин равона аст: муборизаи бар зидди камбизоатӣ ва бекорӣ; устувор кардани саломатии миллӣ; баланд бардоштани сатҳи таҳсилоти умумии ҳама шаҳрвандон ва махсусан наврасон; омодакунии тахассусӣ ва додани имконияти аввалин барои иштироки фаъоли ҷавонон дар ҷараёни меҳнатии ҷамъият; расонидани дастгирии давлатӣ ва кӯмак ба ҳама категорияҳои эҳтиёҷманд; ғамхорӣ ба оила – чун ячейкаи ҷамъият, чун омили пешбарандаи ҷараёни ҷамъиятикунонии аввалин; ташкили фаъолияти иқтисодӣ, ҳифзи табиат, фарҳангию этникии аҳолӣ; профилактика ва ба тартиб даровардани рафтори чавонон.

Калидвожаҳо: кори иҷтимоӣ, офиятбахш, сиёсат, иҷтимоӣ.

ПОДГОТОВКА СОЦИАЛЬНЫХ РАБОТНИКОВ В ВЕЛИКОБРИТАНИИ

Социальная политика Великобритании складывается из набора общих человеческих норм и ценностей, принципов организации общей человеческой жизни, с учетом всех элементов и традиций, экономических, этнических, региональных, религиозных особенностей, объединяя их в единую социальную область. Социальная работа

рассматривается как обязанность профессиональной деятельности, которая помогает отдельным лицам и группам понимать сложные личности, социальную и экологическую природу, которые негативно влияют на них и устраняют их. Теоретический анализ показал, что социальная политика Великобритании направлена на решение следующих глобальных проблем: борьба с бедностью и безработицей; укрепление здоровья на национальном уровне; повышение общего образования всех граждан и особенно подростков; подготовка и предоставление основных возможностей для активного участия молодежи в трудовом процессе общества; оказание государственной поддержки и помощи всем нуждающимся категориям;
Ключевые слова: социальная работа, реабилитация, политика, социальное обеспечение.

TRAINING OF SOCIAL WORKERS IN THE UK

The social policy of Great Britain consists of a set of common human norms and values, the principles of the organization of a common human life, taking into account all elements and traditions, economic, ethnic, regional, religious characteristics, combining them into a single social area. Social work is seen as a duty of professional activity that helps individuals and groups understand the complex personalities, social and environmental nature that negatively affect them and eliminate them. Theoretical analysis has shown that the social policy of Great Britain is aimed at solving the following global problems: fighting poverty and unemployment; improving health at the national level; improving the General education of all citizens and especially adolescents; preparing and providing basic opportunities for active participation of young people in the labor process of society; providing state support and assistance to all;
Keywords: social work, rehabilitation, policy, social security.

Сведения об авторе: ***Шарифов М.Х.*** – магистр второго курса факультета философии Таджикского национального университета.

Information about the author: ***Sharifov M.H.*** – second course graduate student of t faculty of philosophy of Tajik National University.

МАФҲУМ ВА МОҲИЯТИ КОРИ ИҶТИМОӢ

Туймамадов С. О.
Донишгохи миллии Точикистон

Мафҳумҳои кори иҷтимоӣ фарогирандаи фаъолияти кори иҷтимоӣ маҳсуб меёбанд. Бинобар ин ҳам дар илмӣ кори иҷтимоӣ мафҳумҳои он нишондиҳандаҳои асосии кори иҷтимоӣ мебошад. Категорияҳои кори иҷтимоӣ мазмун ва мундариҷаи соҳаи фаъолияти илми мазкурро ифода мекунад.Чи тавре, ки маълум аст кори иҷтимоӣ ҳамчун фаъолияти амалӣ (ба шакли ёрӣ, дастгирӣ ва муҳофизат) аз аввали пайдошавии ҷамияти инсонӣ ҷой дорад ва дар давраҳои гуногуни рушди ҷомеа шаклҳои гуногунро гирифтааст. Дар Муқаддимаи кори иҷтимоӣ нишон дода шудааст. ки “ кори иҷтимоӣ асосан бо мафҳумҳои ҳифзи иҷтимоӣ, дастгирии иҷтимоӣ, кӯмаки иҷтимоӣ ва ғайра хеле монанд мебошад. Дар замони ҳозира дар тамоми дунё кори иҷтимоии касбӣ бо намудҳои муайяни фаъолияти ғайрикасбӣ (накӯкорӣ ва худихтиёрион) якҷоя истифода бурда мешавад” [3. с.7].

Доираи кори иҷтимоӣ васеъ буда ва тамоюли васеъшавӣ дорад. Барои мисол, 70- 80 сол пеш дар Шветсия кори иҷтимоӣ аввал ҳамчун ёрӣ дар кори хона, хоҷагии пиронсолон ва оилаҳои серфарзанд арзи вуҷуд кард. Баъдан хизматҳои барои кӯдакони касалманд, кӯдакони волидайнашон серкор ва дигар намудҳои хизматрасониҳо, мисли хариди хӯрокворӣ барои пиронсолон ва маъюбон, шустушӯи сару либос, рӯбучини хона, сартарошӣ дар хона, ташкили чорабиниҳои вақтхушӣ, варзиш, сайру гашт, бозиҳо, марказҳои рӯзонаи таъминоти гуногун (табобат,

варзиш, бозиҳо барои шахсони камақл, майпарастон, нашъамандон ва ғайра) илова шудааанд. Бинобар ин ҳам кори иҷтимоӣ ҳамчун фаъолияти касбӣ шинохта шуд. Барои он ки моҳияти кори иҷтимоиро дуруст дарк кунем, мо бояд ин фаъолиятро бо хайру эҳсон, накӯкории динӣ ва дунявӣ муқоиса намоем, яъне фаъолияти кормандони иҷтимоиро ҳамчун фаъолияти “касбӣ” бояд баррасӣ намуд. Маҳз калимаи “касбӣ” дар муайянсозии кори иҷтимоӣ вожаи калидӣ аст. Фаҳмиши муосири истилоҳи “ касб” мавҷуд будани доираи масъалаҳо ва маҷмӯи роҳҳоеро , ки ба воситаи онҳо мушкилотҳои ҷойдошта дар самтҳои гуногуни гӯруҳҳои иҷтимоӣ ва ҳалли он вуҷуд доранд, тақозо менамоянд. Ғайр аз ин, ҳар як касб низоми принсипҳои ахлоқии худ, яъне қоидаҳои муносибатҳои байниҳамдигарии кормандони иҷтимоӣ, мизоҷон, ҳамкорон ва мансабдорони берунаро дорад [5. с.56]. Муассисаҳои таълимӣ ва ассотсатсияҳо (иттиҳодияҳо)-и касбӣ риояи ин принсипҳоро назорат карда, онҳоро ба қоидаҳои рафтор табдил доданд. Хусусан, дар касбҳои ба иҷтимоиёт равонашуда робита байни ҷузъҳои амалиётӣ ва маънавии фаъолият назаррас мебошад. Дар касбҳои гуманитарӣ вазифаҳои муносибатҳои иҷтимоӣ гузошта мешаванд, аммо ҳадафҳои охирини онҳоро манфиатҳои мизоҷон муайян мекунанд. Донишҳо, лаёқатҳо ва меъёрҳои фаъолияти касбӣ ба воситаи низоми омодагии касбӣ аз насл ба насл мегузаранд. Пеш аз ҳама диққати асосӣ ба коркарди малакаҳои касбӣ ва интиқоли анъанаҳои касбӣ бевосита аз мутахассисони соҳибтаҷриба ба навомӯзандагон равона карда мешавад. Шахсияти мутахассис ва сифатҳои касбии ӯ дар ҷараёни интихоби бисёрзина дар зери таъсири ҷамъияти касбӣ ҳамчун гурӯҳи одамоне, ки манфиатҳо, ақидаҳои якхела ва ҳатто тарзи гуфтугӯ ва либоспӯшии монанд доранд, ташаккул меёбанд. Бо ёрии низоми равнақёфтаи мукофот ва муҷозот сохтори дохилӣ ва ягонагии касб сайқал меёбад. Устувории касб пеш аз ҳама бо таъмини тарзи самараноки ҳалли вазифаҳои махсус дар шароитҳои захираҳои маҳдудӣ алоқаи зич дорад. Барои фард ягон касби муайяни тааллуқ дошта , аз як тараф маънои монандсозӣ бо ягон мақсади наҷибе дошта бошад, аз тарафи дигар, аломати обективии комёбии шахсӣ мебошад.Аз ин рӯ нақши ташкилоти касбӣ дар ин ҷода хеле муҳим буда, онҳо манфиатдоранд, ки мутахассисони захираи кориро назорат кунанд ва бартариҳои онҳоро муқоиса намоянд. Аз ин рӯ, захираҳои касбӣ ҳамчун моликият маҳсуб меёбанд. Ҳар як касб доираи масъалаҳои салоҳиятмандии мутахассисро маҳдуд месозад.

Характери фаъолияти касбӣ аз корманди иҷтимоӣ талаб мекунад, ки ӯ бо доираи васеи муассисаҳо, мисли ташкили низоми таъминоти иҷтимоӣ, ҳифзи иҷтимоии қонунгузориҳои дахлдор, асосҳои ҷомеашиносӣ, иқтисодиёт, равоншиносии ёрирасон ва усулҳои кор бо мизоҷон шинос бошад. Ғояи “касбият”-и кори иҷтимоӣ боиси пайдошавии амсила ва намунаи рафтори корманди иҷтимоӣ гашта, ба тамоми ташкили кори иҷтимоӣ аз сатҳи поёнӣ то сатҳи болоӣ ва умумиҷаҳонӣ таъсири калон расонид. Бо гуногуншаклии соҳаи махсусгардонии кори иҷтимоӣ (намудҳои гуногуни мизоҷони корӣ, муносибатҳо ва услубҳои гуногуни назариявӣ) дар ҳамаи соҳаҳои кори иҷтимоӣ хусусиятҳои умумие муайян шудааанд, ки онро на танҳо рӯйхати вазифаҳои гуногун ва ташкилотҳои хизматрасони иҷтимоӣ, балки ҳамчун касбӣ мустақил ҳисоб мекунанд.

Бинобар ин ҳам ба одамони эҳтиёҷманд расонидани кӯмаки иҷтимоӣ ва ҳал намудани мушкилоти зиндагии онҳо хусусияти касбии кори иҷтимоиро нишон медиҳад. Касби корманди иҷтимоӣ бо дигар касбҳои иҷтимоӣ чунон робитаи зич дорад, ки баъзеҳо ба касб будани кори иҷтимоӣ шубҳа пайдо мекунанд, гӯё кори иҷтимоӣ дар байни касбҳои дигар мавқеи баробарро надорад. Бояд зикр кард, ки кори иҷтимоӣ аз дигар соҳаҳои анъанавии фаъолияти иҷтимоӣ бо таҳлилу ҳалли масъалаҳои инсонӣ (равоншиносӣ, ҷомеашиносӣ, ҳуқуқшиносӣ ва ғайра) машғул буда, бо характери интегралӣ доштанаш фарқ мекунад. Яъне корманди иҷтимоӣ ба

сифати ҳам равоншинос, ҷомеашинос, педагог, духтур ва ҳуқуқшинос амал мекунад. Корманди иҷтимоӣ усулҳои равоншиносиро ҳангоми ташхиси масъалаҳои шахсии мизоҷ ё бартараф намудани муқовимати ӯ ба амалиётҳои дармонбахшии иҷтимоӣ, усулҳои ҷомеашиносиро ҳангоми тартиб додани таърихи иҷтимоии оила ё омӯзиши ҷамоат, усулҳои педагогиро барои таъсир расондан ба майлу хоҳиш, талабот ва рафтори мизоҷ дар бобати қонунгузориҳо маслиҳат медиҳад. Ин наздики на танҳо дар васеъ истифодабарии истилоҳоти тиббии кори иҷтимоӣ (табобат, пешгирӣ, дармонбахшӣ ва ғайра) балки дар истифодабарии тиб дар кори иҷтимоӣ: офиятбахшии иҷтимоии бекорон, ёрии тиббии иҷтимоӣ, беҳдошти иҷтимоӣ, парасторӣ ва ғайраҳо мебошад.

Ҳамин тавр, корманди иҷтимоӣ ба як маъно мутахассиси ҳаматарафа ё ин ки унверсал аст, аммо доираҳои гуногунҷанбаи ӯро мундариҷаи масъалаҳои ҳаёти мизоҷ ва роҳҳои имконпазири ҳалли онҳо муайян мекунад. Корманди иҷтимоӣ ҳеҷ гоҳ пурра равоншинос, ҷомеашинос ё педагогро иваз карда наметавонад. Хусусияти дигари кори иҷтимоӣ ҳамчун касб ин характери сарҳадӣ доштани он аст. Яъне кори иҷтимоӣ ҳудуди касбҳои монандро фаро намегирад, балки ба онҳо дар мубодилаи иттилоот, воситаҳо ва технологияи навин фаъолона ёрӣ мерасонад.

Кори иҷтимоӣ ҳамчун илм. Кори иҷтимоӣ ҳамчун илм ҳамон соҳаи фаъолияти инсонро таҷассум менамояд, ки вазифаи он кор карда баровардан ва ба низоми назариявӣ ворид намудани донишҳои объективӣ оид ба фаъолияти муайяни соҳаи иҷтимоии ҷомеа ва кори иҷтимоӣ мебошад. Вазифаҳои муҳимтарини кори иҷтимоӣ ҳамчун илм- таҳлили ташкалҳои мавҷуда ва усулҳои кори иҷтимоӣ, коркарди усулҳо ва технологияҳои самарабахши ҳалли масъалаҳои иҷтимоии фардҳо, оилаҳо, гурӯҳҳо ва табақаҳои гуногуни ҷомеа маҳсуб шудаанд [1. с.33]. Маълум аст, ки илм ҳамчун соҳаи фаъолияти инсонӣ ба илмҳои табиатшиносӣ, ҷамъиятшиносӣ (иҷтимоӣ, гуманитарӣ) ва техникӣ ҷудо карда мешавад. Кори иҷтимоӣ ҳамчун илмӣ ҷамъиятшиносӣ пеш аз ҳама бо фалсафа, сотсиология (ҷомеашиносӣ), психология (равоншиносӣ), иқтисодшиносӣ, антропология ва этика алоқаи зич дорад. Дар байни илмҳои табиатшиносӣ кори иҷтимоӣ бо анатомия, биология, тиб, экология ва ғайра алоқаманд мебошад.

Ҳар як илм аз маҷмӯи донишҳои назариявӣ ва амалӣ иборат аст ва усулҳо (техникаҳо ё методикаҳо) –и махсус коркардашудаи илмӣ дар амалия истифода бурда мешаванд. Кори иҷтимоӣ низ ҳамчун илм дар низоми донишҳо, малакаҳо ва қобилиятҳо вуҷуд дорад. Бо ин ягонаги илм пеш меравад. Бояд қайд кард, ки илми кори иҷтимоӣ аз дигар илмҳо бо бартарии низоми донишҳои амалӣ (эмпирикӣ) ва илмҳои ёрирасон фарқ менамояд. Таҷрибаи мамлакатҳои ғарбӣ нишон медиҳад, ки дар омодагии касбии кормандони иҷтимоӣ шаклҳои гуногнӣ амалияи кори иҷтимоӣ нақши калонро иҷро мекунад.

Кори иҷтимоӣ ҳамчун илм предмет ва объекти тадқиқотии худро доро аст. Он муносибатҳои иҷтимоӣ ва ҷараёнҳои ба ҳамтаъсиррасониҳоро ба мақсади ҳалли масъалаҳои мизоҷон, ки чун натиҷаи таъсири омилҳои гуногуни биологӣ ва иҷтимоӣ пайдо шудаанд, ҳаматарафа таҳқиқ менамояд. Хусусияти фарққунандаи назарияи кори иҷтимоӣ дар он аст, ки рушди он баъди эътироф шудани кори иҷтимоӣ ҳамчун касб сурат гирифтааст. Назарияи нави кори иҷтимоӣ ҳамчун натиҷаи талаботи рӯзмарраи инсоният ба тадқиқотҳои илмӣ- назариявии соҳаи рушди иҷтимоӣ ва баҳамтаъсиррасониҳои шахсу ҷомеа ддар давраи нави рушди иҷтимоӣ-сиёсӣ ва иҷтисодии ҷомеа, инчунин талабот ва тавсияҳои илмӣ- амалӣ ва методологӣ оид ба расониданӣ кӯмакҳои иҷтимоӣ ба одамони дар ҳолатҳои душвари зиндагӣ қарордошта пайдо шудааст.

Кори иҷтимоӣ ҳамчун назария дар чорраҳои равияҳои илмҳои иҷтимоӣ, фалсафа, сотсиология, психология, антропология, тиб, иҷтисод ва этика ҷой

гирифтааст. Дар байни масъалаҳои махсуси таҳқиқшавандаи кори иҷтимоӣ ва таносуби кори иҷтимоӣ ва сиёсати иҷтимоӣ дар алоқамандӣ бо ҷараёнҳои иҷтимоӣ, масъулияти ҷома бдарои рушди муносибати шахс мавқеи хоса дорад. Доираи мавзӯҳои таҳқиқшаванда хеле васеъ буда, чорчӯбаи низоми мураккаби мӯҳити иҷтимоии инсонро фаро мегирад [1. с.45-47].

Дар кори иҷтимоӣ, аз рӯи ақидаи муаллифони зиёди хориҷӣ, фаъолияти илмӣ-тадқиқотӣ ва фаъолияти амалӣ вобаста аз ҳамдигар инкишоф меёбанд. Аммо аксарияти тадқиқотчиён дар он ақидаанд, ки ба муассисаи кори иҷтимоӣ ҳамчун ниҳоди иҷтимоӣ омилҳои ҷаҳонбинӣ, фаҳмиши илмии воқеияти иҷтимоӣ ва зиддиятҳои иҷтимоӣ таъсири аввалиндараҷа доранд. Донишҳои асосии назариявӣ заминаҳои ибтидоӣ буда, ҳамчун такягоҳи кори иҷтимоӣ ва илми иҷтимоӣ хизмат мерасонанд.

Равияи дигар исбот мекунад, ки нахуст асоси кори иҷтимоӣ ин амалияи иҷтимоӣ ва амали иҷтимоӣ мебошаду донишҳои илмӣ дар ҷойи дуввум меистанд. Як зумра олимон чунин фикр доранд, ки дар акси ҳол назария аз амалия дур мешавад ва ба кормандони иҷтимоӣ барои ба мӯҳтоҷон ёрии пурсамар расондан ҳатто халал мерасонад. Агар нахустасоси номувозинатии иҷтимоии ҷомеа сохтори он бошад. Пас дар ин суръат кори иҷтимоӣ пеш аз ҳама ба ислоҳоти ҷомеа ё тағйроти куллии ҷомеа нигаронида шудааст. Агар нахустасоси масъалаҳои иҷтимоӣ шахсони алоҳида бошанд, пас барои ноилшавӣ ба мувозинат зарур аст, ки на муҳити атрофи шахс, балки худи шахсро тағйир диҳем. Дар ин ҳол сиёсати иҷтимоӣ бояд ба рушди муассисаҳои тарбиявӣ, иҷтимоишавӣ, офиятбахшӣ, яъне ба рушди кори иҷтимоӣ ва равоншиносӣ такя намояд.

Дар кори иҷтимоӣ назарияҳои гуногун вуҷуд доранд. Ҷомеаи имрӯза барои пешбурди кори иҷтимоӣ назарияҳои гуногунро пешниҳод мекунанд. Ба гуногуншаклии назарияҳои пешниҳодгардида нигоҳ накарда, гуфтан мумкин аст, ки кори иҷтимоии амалӣ бояд дар амалияи тағйирдиҳии ҷомеа ва шахс, ноилшавӣ ба тавозуни муносибатҳои байни фардҳои алоҳида, байни фард ва гурӯҳҳо, фард ва сотсиум, муносибатҳои ҷамъиятӣ, таъмини некӯаҳволии шаҳрвандон, ташаккули ҳисси масъулиятдрии шахсӣ барои некӯаҳволии умумӣ ва дурнамои рушди устувори низоми мушаххаси иҷтимоӣ ифодаи худро ёбад.

Ҳамаи навиштаҳои болоӣ кори иҷтиммоиро ҳамчун назарияи бмсёрҷанба тавсиф медиҳанд. Дар кори иҷтимоии муосир ҳамсилаҳои гуногуни амалия вуҷуд доранд, ки онҳо асоси ин ё он ақидаи назариявӣ мебошанд. Масъалан, агар сухан дар бораи кори иҷтимоии анъанавӣ ва дар сатҳи инфиродӣ равад, пеш аз ҳама ҳамсилаҳои таимоюли равоншиносӣ доштаро, аз ҷумлаи фрейдизм, амсилаи эгопсихологӣ, таҳлили трансаксионалӣ ва ғайраро номбар мекунанд. Ҳаряк илм қонуниятҳо, принсипҳо ва усулҳои худро дорад. Ба сабаби он, ки ҷарайёни ташаккулёбии кори иҷтимоӣ давом дорад ва оид ба ҳаряк истилоҳи кори иҷтимоӣ фикрҳои гуногун баён карда мешаванд, мо бояд баҳсҳои мавҷударо муайян кунем ва ақидаи худро дошта бошем. Дар адабиёти махсус қонуниятҳои кори иҷтимоиро ба ду гурӯҳ ҷудо намудаанд.

1) Қонуниятҳои мавҷудият ва рушди субъекти кори иҷтимоӣ;

2) Робитаҳои муҳим байни субъект ва объекти фаъолияти иҷтимоӣ ва диалектикаи онҳо.

Дар маводҳои семинарӣ-методологӣ оид ба дастгоҳи категорияҳои кори иҷтимоӣ нишон дода шудаанд:

- алоқамандии ҷараёнҳои иҷтимоӣ дар ҷомеа, сиёсати иҷтимоӣ ва кори иҷтимоӣ;
- вобастагии мундариҷа, шаклҳо ва усулҳои кори иҷтимоӣ аз ҳолатҳои мушаххаси ҳаёту фаъолияти умумиятҳо ва фардҳои гуногун:

• ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ ба воситаи қаноатманд намудани талаботҳо ва манфиатҳои мизоҷон:

• принсипҳои умумифалсафавӣ (масалан, таърихӣ, вобастагии иҷтимоӣ ва аҳамиятнокии иҷтимоӣ);

• принсипҳои илмҳои махсус (масалан, таърихи, вобастагии иҷтимоти ва аҳамиятнокии иҷтимоӣ);

• принсипи мундариҷавӣ (масалан, гуманизм, адолатпарварӣ, алтуризм, тавозуни манфиатҳои ҷамъиятӣ, гуруҳӣ ва шахсӣ, худтаъминсозӣ);

• принсипҳои методӣ (масалан, тафриқабандӣ, пайдарҳамӣ, бефосилагӣ, салоҳиятмандӣ);

• принсипҳои ташкилӣ (масалан, умумият, маҷмӯӣ, ҳамръйи, воситашавӣ, кӯмакрасонӣ ва ғайра)

Кори иҷтимоӣ ҳамчун низом. Муносибати системавӣ чунин равияи методологии маърифати илмӣ ва амалияи иҷтимоӣ мебошад, ки асоси онро объект ҳамчун низом ташкил медиҳад.

Ҳангоми тавсифи кори иҷтимои ҳамчун низом бояд мавҷуд будани низомҳои гуногунро ба ҳисоб гирем. Бахусус, мафҳуми “низоми иҷтимоӣ” гурӯҳҳо, ташкилотҳо, ниҳодҳо, умумиятҳои иҷтимоӣ, инчунин кори иҷтимоиро ҳамчун кор бо одамон ва муносибатҳои пайдошудаи байни онҳо (мизоҷон ва кормандони иҷтимоӣ) фаро мегирад [3. С.44].

Кори иҷтимоиро низоми бузург ҳисоб кардан мумкин аст, зеро он аз зернизомҳо иборат мебошад. Кори иҷтимоӣ ҳамчун низоми бузург аз қисммҳои зерин иборат аст:

✓ Кори иҷтимоӣ ҳамчун илм

✓ Кори иҷтимоӣ ҳамчун ҷараёни таълимӣ

✓ Кори иҷтимоӣ ҳамчун фаъолияти амалӣ

Дар навбати худ ҳар як ин ҷанбаҳо (зернизомҳо) -ро ҳамчун низоми муаян тавсиф додан мумкин аст. Яъне кори иҷтимоӣ ҳамчун илм низом аст, барои он ки :

1. Кори иҷтимоӣ характери байнифаннӣ дорад, донишҳои илмҳои ҷамъиятшиносӣ, табиатшиносӣ ва техникиро дар бар мегирад, ки объекти асосии ин илм инсон қамчун мавҷуди биопсихоиҷтимоӣ мебошад;

2. Кори иҷтимоӣ аломатҳои илмиро доро аст;

3. Кори иҷтимоӣ ҳамчун низоом усулҳои илмии худро дорад (қонуниятҳо, принсипҳо ва усулҳо);

4. Кори иҷтимоӣ аз ду ҷисми ба ҳам алоқаманд: назариявӣ ва амалӣ (ёрирасон) иборат мебошад.

Усулҳои номбаршударо низ ҳамчун низом дида баромадан мумкин аст. Мисол, кори иҷтимоӣ дар доираи кишвар, вилоят, шаҳр, ноҳия ё ягон ҳудуди дигар аз нуқтаи назри фарогирии ҳамаи табақаҳо ва гурӯҳҳои аҳолӣ, ки мӯҳтоҷи ҳимоя, ёрӣ ва дастгириянд, низом маҳсуб мешаванд; аз нуқтаи назари зарурияти ташкил кардан ва фаъолияти ҳамаи намудҳои муассисаҳои иҷтимоӣ, якҷояшавии нерӯи ҳамаи ташкилотҳо, муассисаҳо, корхонаҳо давлатӣ ва ғайридавлатӣ, шахсони алоҳидаи бо кори иҷтимоӣ машғулро ҳамчун низом дида мебароем; аз нуқтаи назари истифодабарии ҳамаи воситаҳои дар назария ва амалия маъмул, вазифаҳо, шаклҳо ва усулҳои идоранамои, ҳамаи равияҳои корӣ иҷтимоӣ, ки бо роҳи ҳифзи иҷтимоии одамон самараноканд ҳамчун низом, дида баромада мешаванд [2. с.100].

Кори иҷтимоӣ аз нуқтаи назарӣ пайванди фаъолияти касбӣ ва ғайрикасбӣ низом мебошад, усулҳои он дар кори иҷтимоӣ нақш ва мавқеи гуногунро ишғол менамояндд. Дар замони ҳозира дар кори иҷтимои фаъолияти касбӣ бартарӣ дорад, ҳарчанд ҷанбаи ғайрикасбӣ ҳам ҷой дорад. Дар инҷо мо фаъолияти ҳар гуна ташкилотҳо, муасисаҳо ва корхонаҳоро дар назар дорем, ки бо одамон бо амалҳои

ғайрикасбӣ кӯмакҳои ҳархела мерасонанд. Чунин равияҳои кори иҷтимоӣ ҳастанд, ки омодагии зиёди касиро талаб мекунанд (ташкили хурду хурок, ба хонаи мизоҷ расонидани хӯрокворӣ, хариди доруворӣ, молҳои талаботи ҳаррӯза, ҳамроҳӣ то муассисаи тиббӣ, ташкили хизматҳои иҷтимоӣ – майшӣ, нигоҳдории ҳолати беҳдошти зисти кӯҳансолон ва ғайра).

Кори иҷтимоӣ (дар ҳамаи се ҷанбааш) як намуди низоми иттилооти мебошад, зеро бе иттилоот амалишавии ҳадафҳо ва вазифаҳои он номумкин аст.

Кори иҷтимоӣ аз як тараф низоми статикӣ аст (дар тӯли давраи муайян аломатҳои доимӣ дорад), аз тарафи дигар низоми динамикӣ мебошад (сифатҳои тағйирёбанда буда, намудҳо, шаклҳо ва усулҳои кори иҷтимоӣ ривоҷу равнақ ва таукмил меёбанд).

Кори иҷтимоӣ низоми кушода аст, зеро дигар низомҳои ҷомеа (иқтисодӣ, сиёсӣ, маънавӣ ва экологӣ) ба мазмун ва мундариҷаи кори иҷтимоӣ таъсир мерасонад ва дар навбвти худ кори иҷтимоӣ низ ба ин соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ таъсири мутақобила дорад (дигар шудани сиёсати иҷтимоӣ, сиёсати иқтисодӣ, ва манфиати одамон ҳал шудани масъалаҳои иҷтимоии ҷомеа ва ғайра).

АДАБИЁТ

1. Кори иҷтимоӣ (фарҳанги мухтасари энсиклопедии тоҷикӣ- русӣ) Душанбе-2010.
2. Костина Е.Ю. История социалньная работа- Владивасток, 2003.
3. Муқаддимаи кори иҷтимоӣ (маводи таълимӣ барои донишҷӯёни ихтисоси кори иҷтимоӣ). Душанбе-2011.
4. Основы социальной работы. Учебник/Отв. Ред, П.Д Павленек. - М., 2006 хз. С.6.
5. Социальная работа. Введения в профессиональную деятельность. Учебное пособие.

МАФҲУМ ВА МОҲИЯТИ КОРИ ИҶТИМОӢ

Кори иҷтимоӣ – воситаи амалӣ гардонии сиёсати давлатӣ, фаъолияти гуногунҷабаи касбӣ, ихтисос, тавассути хизматрасонии иҷтимоӣ ба шахсони дар ҳолати бӯҳронӣ ва вазъи мушкили ҳаётӣ гирифтор шуда кӯмак расонидан, фаҳмида мешавад. Вазифаи асосии кори иҷтимоӣ ҳамчун намуди фаъолияти ҷамъиятӣ беҳтар намудани ҳолати инсон, беҳтар гардонидани шароитҳои ҳаётии ӯ, таъмин намудани фаъолияти самаранок ва амали иҷтимоӣ, ҳамоҳангсозии низоми муносибатҳои иҷтимоӣ дар оила, коллектив ва умуман ҷомеа ба ҳисоб меравад. Сохтори корҳои иҷтимоӣ ҳамчун намуди фаъолияти амалӣ аз субъект ва объект иборат аст. Субъектҳои кори иҷтимоӣ- муассисаҳои давлатӣ, ташкилотҳои иҷтимоӣ ва шахсони ҷисмоние мебошанд, ки сиёсати иҷтимоиро амалӣ гардонида, ба категорияҳои гуногуни аҳолӣ кӯмак мерасонанд. Объектҳои кори иҷтимоӣ – гурӯҳои иҷтимоӣ ва шахсони алоҳида ба ҳисоб мераванд, ки дар раванди иҷтимоишавӣ (сотсиализатсия) ба ёрӣ ва дастгирӣ мӯҳтоҷанд. Ба маънои васеъ объекти кори иҷтимоӣ кулли шаҳрвандон мебошанд. Гуфтаҳои болоӣ аз он гувоҳи медиҳад, ки ҳаёту фаъолияти ҳамаи табақаҳои аҳолӣ аз шароитҳои муайянкунандаи сатҳи инкишофи ҷомеа, ҳолати доираҳои иҷтимоӣ, мазмуни сиёсати иҷтимоӣ ва хусусиятҳои амалигардии он вобастагии зиёд дорад. Хулоса дар мақола мо кӯшиш намудем то ба андозае ҳам набошад моҳияти кори иҷтимоиро баррасӣ намоем.

Калидвожаҳо: кори иҷтимоӣ, корманди иҷтимоӣ, кори иҷтимоӣ ҳамчун фаъолият, кори иҷтимоӣ ҳамчун касб, кори иҷтимоӣ ҳамчун низом, мизоҷи кори иҷтимоӣ,

ПОНИЯТИЕ И СУЩНОСТЬ СОЦИАЛЬНОЙ РАБОТЫ

Социальная работа понимается как инструмент реализации государственной политики, различных видов профессиональной деятельности специальностей, посредством предоставления социальных услуг людям, которые переживают кризис и сложные условия жизни. Основной задачей социальной работы как социальной деятельности является повышение статуса человека, улучшение условий его жизни, обеспечение эффективных и социальных действий, координация системы социальных отношений в семье, коллективе и обществе в целом. Структура социальной работы как практической деятельности состоит из субъектов и объектов. Субъекты социальной работы – государственные органы, общественные организации и частные лица, которые проводят социальную политику и помогают различным группам населения. Объект социальной работы – социальные группы и отдельные лица нуждающиесия в помощи и поддержке в процессе социализации. Объектами социальной работы являются социальныегрупы и отдельные лица, которые нуждаются в помощи и поддержке в процессе социализации. В широком смысле объектами социальной работы являются все граждане. Вышесказанное свидетельствует о том, что жизнь и работа всех слоев населения зависит от

факторов, определяющих уровкнь социального развития, социальный статус, срциальный контекст и егор практические особенности. Подводя итог, мы попытались прпоанализировать сутьт социальной работы.

Ключевые слова: социальная работа, социальный работник, социальная работа как деятельность, социальная работа как профессия, социальная работа как система, клиенты социальной работы.

THE CONCEPT AND ESSENCE OF SOCIAL WORK

Social work is understood as a tool for implementing state policy, various professional activities, specialties, through the provision of social services to people who are experiencing a crisis and difficult living conditions. The main task of social work as a social activity is to raise the status of a person, improve his living conditions, ensure effective and social actions, coordinate the system of social relations in the family, the team and the community in general. The structure of social work as a practical activity consists of subjects and objects. The subjects of social work – government agencies, public organizations and individuals who carry out social policies and help different groups of the population. The objects of social work are social groups and individuals who need help and support in the process of socialization. In broad sense, all citizens are objects of social work. The above indicates that the life and work of all segments of the population depends on the factors determining the level of social development, social status, social context and its practical features. Summing up, we tried to analyze the essence of social work.

Key words: social work, social worker, social work as activity, social work as a profession, social work as a system, clients of social workers:

Сведения об авторе: ***Туймамадов Салим Олимбекович*** – Таджикский национальный университет, магистр второго курса. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, пр.Рудаки 17. Телефон: **501-07-53-61**.

Information about the author*: Tuymamadov Salim Olimbekovich* – Tajik National University, Master of the second course. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki Ave. 17. Phone***: 501-07-53-61***.

ХУДКУШӢ- МУШКИЛОТИ НОАЙЁН ДАР ТӮЛИ ТАЪРИХ

Бобоев А. С.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

«Шахси худкуш аз марг наметарсад - ӯ аз зиндагӣ метарсад». (В.Франкл)

Бояд гуфт, ки дар бораи худкӯшӣ чизе гуфтан ё маълумот додан на онқадар осон аст. Зеро худкушӣ зуҳуротест, ки сабабҳои гуногун дорад. Махсусан, замоне, ки таҳдид ва мушкилоти зиёде дар зиндагӣ пеши рӯй меояду мо бошем ҳайратзада шуда дарк намекунем, ки ҳаёт бебаҳо ва хеле зебост. Дар ин ҳол моро мебояд дар мавриди бархурд бо шахсоне, ки яъсу ноумедӣ дар дил доранд ва дар бораи марг чун илоҷи ягонаи халоси аз нокомиҳо меандешанд. Моро мебояд дар мавриди пешгири ва пайдо намудани роҳи ҳал барои ин мушкилоти ҷомеа чорачӯи намоемем.

Худкушӣ чӣ падидаест чӣ ҳолатест? Ин чо бамаврид аст, ки каме, иттилоот барои шумо дар бораи мафҳуми «худкушӣ» пешниҳод намоем.

Мафҳуми худкушӣро файласуф ва ҷомеашиносӣ фаронсавӣ Эмиль Дюркгейм ба арсаи илм кашиду оиди худкушӣ андешарони кард. То ки дар ҷомеаи инсони то тавонадроҳи ин амалро бигирад ва барои шахсони худкуш моънеа эҷод созад, ки онҳо ин кори хатоӣ худро дарк наомянду аз инкори номатлуб даст кашанд: «Худкушӣ амалест, ки инсон мақсаднок худро ба қатл мерасонад» [1с.57].

Чӣ гӯна? Чӣ хел? Чӣ тарз?

Чӣ хеле ки аз гуфтаи мутаффакир бармеояд, шахсе ки даст ба худкушӣ мезанад. Ӯ нақшаи муайяни худро дорад ва пеш аз даст задан ба худкушӣ онро мақсаднок ва бо фикронии мукаммали худ истифода мекунад. Дар ин мақола мо каме ҳам бошад ба саволи ба кадом сабабҳо инсонҳо даст ба худкушӣ мезананд ё чӣ гуна ба ин ҳодиса рӯ ба рӯ мешаванд ҷавоб хоҳем гуфт. Аммо мо бо ин масъалаи барасӣ намудаи худ ҷавоб пурра дода наметавонем, ки мо тамоми сабабҳои ба худкушӣ даст задани инсонҳоро пайдо намудем ё ин ки муайян кардем зеро ҷомеаи инсон ҳар лаҳза дар тағирот аст ва ҳар лаҳза ҳодисаҳое рух медиҳанд, ки инсонро дар ҳайрат мегузоранд.

Агар тасвири умумии худкуширо пешниход созем маълум мешавад, ки ба ақидаи бештари олимони ҷомеашиноси дунё худкушӣ ин рафторест, ки аз натиҷаи номутобиқии равонию ичтимоии шахс бо ҳолатҳои номусоиди зиндагӣ бармеояд. Ҳамчунин лозим ба ёдоварист, ки дар ҳар ҷое, ки инсон вуҷуд дорад ва зиндагӣ мекунад, пас дар онҷо ҳатман ин рафтор ва ин падидаи номатлуби ҷомеаи инсонӣ яъне худкушӣ вуҷуд дорад.

Сабаб дар чист, ки мардум даст ба худкушӣ мезананд? Доир ба ин савол ҷавоби ягона вуҷуд надорад, зеро ҳар як инсони худкуш барои даст ба худкушӣ задан ва ё аз зиндагӣи худ даст кашидан сабаби шахсӣихудро дорадва он сабаби шахсӣ вай аз сабабҳои даст ба худкушӣ задани дигарон ба куллӣ фарқ мекунад, вале ҷавобе ҳаст, ки мо метавонем дар шакли умум ба ин саволи тамоман ҳайратангез, ки сабабҳои худкуширо дар худ метавонад ҷой диҳад гуйем: инсон, дар ҳоле ки ба вазъияти душворе рӯ ба рӯ мегардад ва роҳи ҳалли оддитарини онро надорад, умеди беҳбудии вазъияти бавуҷудомадаро аз даст медиҳад ва гумон мекунад, ки ин ҳолат дигар роҳи беҳбудӣ надорад ва ҳаргиз тағйир намеёбад. Аз ин рӯ роҳи ягонаи халосӣ аз ин вазъиятро ӯ танхо дар марг мебинад ва даст ба худкушӣ мезанад. Дар ин холатхо ба шахсони худкуш танхо равоншиносҳо вакормандони иҷтимоӣ метавонанд кӯмак кунанд. Чӣ тавре, ки аз бархе ҳодисаҳо маълум мегардад аз як давои хонаводагӣ

шахсони зиёд даст ба худкушӣ мезананд. Дар байни занҳо бошад шавҳарашон каме ба онҳо аҳмият надиҳад онҳо даст ба худкушӣ мезананд, ки ин кор аз надоштани маърифат оиладорӣ ва кам саводии онҳо мебошад. Чӣ тавре, ки ҳодисаҳои худкушӣ нишон медиҳанд қисми зиёди шахсони худкуш нафароне ҳастанд, ки аз мушкилотҳои иҷтимоӣ мегурезанд ба мушкилоти дар пешашон истода муқовимат нишон дода наметавонанд ва инчунин дар назди мушкилот худро заифу нотавон меҳисобанд на тавонову қудратманд дар тамоми мушкилоти ҷомеа рӯҳафтода набояд шуд зеро тамоми мушкилотро роҳест, ки мо аз он халосӣмеёбем.

Як сабаби дигари худкушӣ дар он аст, ки инсон аз тарафи дигар инсонҳо мавриди таҳқир қарор мегирад ё ба шаъну эътибори шахсиаш халал ворид менамоянду ӯро дар назди аъзоёни ҷомеа рӯҳафтода менамояд. Ин ҳолат шахсро дар байни ҷомеа ноҳинҷор месозад ва ин кор дар бархе ҳолатҳо даст ба худкуш мерасонад. Хушбабахтона дар бораи пешгири ва роҳои ҳали ин мушкилот дар моддаи 109 Кодеси Ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба худкушӣ расондан ба шахси ин ҷиноятро содиркунанда чунин ҷазоҳоро пебинӣ карда шудаанд.

1) Бо рохи тахдид, муомилаи берахмона ё пастзании мунтазами шаъну эътибори шахси чабрдида ба худкушӣ ё сӯикасди худкушӣ расонидани шахси бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз се то панҷ сол чазо дода мешавад.

2) Ҳамин кирдор нисбати шахсе, ки аз чихати моддӣ ё аз ҷиҳати дигар тобеи гӯнаҳкор мебошад ё ин ки дар ҳаққи ноболиғ содир шудааст, бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати аз панҷ то ҳашт сол ҷазо дода мешавад.

Сабаби дигари даст ба худкушӣ задани инсонҳо ин дар пардохт карда натавонистани қарзҳояшон мебошад, инро иброз дошт як коргари радиёи Би-би-си ва чунин мисолро дар давом овард: «Зане дар ҷануб ва шарқи Ҳиндустон аз сабаби надоштани имконият барои баргардонидани қарзаш, ки ба 840 доллари ИМА баробар буд, даст ба худкушӣ задааст.

Ба андешаи Дюркгейм «ҳар як фард вазифаҳои касбӣ ва ҷамъиятии махсусро дар ҷомеа иҷро мекунад, ки аз рӯи дараҷаи мушкилӣ аз ҷониби ҳамаи аъзоёни ҷомеа иҷро шуда наметавонанд». Ҳамин тавр, ӯ дар китоби худ «Самоубийство» (Худкушӣ) якчанд навъи худкуширо пешниҳод кардааст.

Навъи худкушӣ аз дараҷаи ҳамгирои (якчояшави)-и иҷтимоӣ, яъне ворид будани фард ба гурӯҳҳо ва умумиятҳои иҷтимоӣ вобастагӣ дорад. Паст шудани дараҷаҳои ҳамгироии иҷтимоӣ ба боло рафтани шумораи худкушиҳои эгоистӣ (худпарастӣ) бурда мерасонад. Сабаби ин дар он аст, ки меъёрҳои иҷтимоӣи ҷомеа ба фардҳо таъсири суст дорад, ки риояи онҳо ҳаёти фардиро ба танзим медарорад ва ба он маънои хоса медиҳад. Ба ақидаи Дюркгейм маҳз аз рӯи дараҷаҳои ҳамгироии иҷтимоӣ худкушӣ дар шаҳр нисбат ба деҳот, дар байни нафарони танҳо нисбат ба нафарони оиладор, дар байни протестантҳо нисбат ба католикҳо зиёдтар аст.

Мутафаккир дар китоби худ оиди ин масъала чунин менависад, худкушиҳое ки солҳои 1873 ва 1875 дар Фаронса рӯх дода буд шумораи шахсони худкушӣ оиладор нисбат ба шахсони танхо зиёд буд. Мисол, худкушӣ дар миёни шахсони оиладор 16264 ва дар байни шахсони маҷаррад бошад танҳо 11 709 худкушӣ [2 с.104]. Фарк байни худкушихои шахсонӣ оиладор ва шахсонӣ мучаррад чӣ қадар аст яъне шахсони оиладор аз шахсони танхо дида мушкилотхои зиёд доранд.

Инчунин аз ҳад зиёд будани дараҷаи ҳамгироии иҷтимоӣ ба боло рафтани шумораи худкушиҳои алтруистӣ (ғайркомӣ) бурда мерасонад, чунки фардият дар шуури коллективӣ фурӯ меравад (манфиатҳои ҷомеа (гурӯҳи иҷтимоӣ) аз манфиатҳои фард боло меистад). Навъи сеюми худкушӣ ин худкушии аномиягӣ мебошад. Дюркгейм мафхуми аномияро ҳамчун номуайянии меъёрҳо маънидод карда буд. Набудани самт ва қоидаҳои мушаххаси рафтор ба зиёд шудани ҳисси бегонашавӣ аз ҷомеа ва ба паҳн шудани рафтори низоъҷӯёна ва худвайронкунӣ (ҳатто то ба худкушӣ) бурда мерасонад.

Алишер Эҳсанов директори яке аз марказҳои тиббӣ шаҳри Турсунзода дар мақолаи худ оиди шахсони худкуш ва сабабҳои он чунин андеша баён намуд: «Қариб ҳамаи шахсон дар бораи худкушӣ фикр мекунанд. Лекин аксарияти одамон ба зуди худро аз ин ҳолат бароварда метавонанд аммо нисфӣ онҳо дар ин ҳодиса қурбон мегарданд.»

Шахсоне, ки даст ба худкушӣ мезананд хоҳу нохоҳ нияти худро бо рафтори худ ба атрофиён ошкор месозад. Ба андешаи ин табиб дар «байни шахсони, ки қасди худкушӣ кадраанд, аз 70% то 75%- и онҳо ба ҳар роҳе андешаи худро баён мекунанд аммо ин кори онҳо ба оилаҳо, хешутабор ва дигар шахсони наздикашон ноаён мемонад»

Хулоса сабабҳои худкушӣ зиёдмебошанд ва дар инҷо ба маврид аст, ки онҳоро номгир намоем. Мушкилотҳо дар ҳаётӣ шахсӣ: ҷанҷол, ҷудошавӣ, ишқи нобарор, бевафоӣ аз як тараф, фавти шахсӣ наздиктарин, танҳои, беаҳмияти аз тарафи шахсони атрофбуда, нобаробариҳо дар корва таҳдиди аз даст додани пӯли калон,ғамбемории вазнин, худмаҳкумкуни барои рафтори нодуруст, тарс аз муҷозот шудан, бемории вазнин ба монанди (ВИЧ-СПИД) (вақте, ки шахс ба ин гуна бемори гирифтора мегардад дунё барояш торик мегардад ва дар ин ҳол метавонад даст ба худкушӣ занад), технологияи муосир(ин пешрави барои ташвиқу тарғиби тамоми ҳодиса муфид мебошад), худкушӣ барои ҳимояи номуси худ ва ичунин кушӣши тақлид намудани пас аз марги ягон шахсӣ обурӯманд.

«Падидаи сиёх» - номгузори кардаанд ин мушкилоти актуалӣ ҷаҳонро дар дунё худкушӣ, ки дар аксари кишварҳо дарди сар барои ҷомеа гардидааст. Созмонҳои махсуси ҷамъиятие дар кишварҳои мутараққи мавҷуданд, ки масоили вобаст ба худкушӣро зери назари доимии олимони соҳаҳои мухталиф мегузоранд. Мо дар тамоми давраҳо аз байн рафтани ҷавононро қазои Худо гуфтему ба тақдир ҳавола кардем. Шояд қазову қадар ҳам бошад, вале бояд икрор кунем, ки бепарвоии мо аз зулми тақдир басе бадтар аст. Ҳанӯз аз замонҳои хеле қадим дар ҷомеа одамоне пайдо мешуданд, ки худро ба қатл мерасонданд. Давлат, дин, оила ва умуман аҳли ҷомеа онҳоро сахт маҳкӯм мекарданд. Ин як гуноҳи азим ба ҳисоб мерафт ва кӯшиш ба харҷ медоданд, то алайҳи он бо роҳҳои мухталиф муборизо баранд. Масалан, дар як ривояти юнони омадааст, ки замоне дар яке аз шаҳрҳо ходисаҳои худкушӣ миёни юнони духтарҳо зиёд гардида буд. Ҳокими шаҳр аз ин кор дар ташвиш афтодм ва ҳукм баровард, ки минбаъд агар касе ин амалро анҷом диҳад, тани урёни ӯро дар майдони асоси ба намоиши ҳама гузоранд. Ачиб, вале баъди он худкушӣ миёни занон аз байн рафт. Ҳамин тавр ҳамеша ҷомеа дар мукобили ин амал талошҳои зиёде кардааст ва имрӯз ҳам аксари мардум нисбати он назари манфӣ дошта, онро маҳкум мекунанд.

Аксари олимон бар он ақидаанд, ки худкушӣ падидаи равонист (психологӣ) ва барои дарки он зарур аст ҳолатӣ рӯҳии инсонеро, ки даст ба ин амал задааст, дарк кард. Худкушӣ дар лаҳзаҳои ҳассостарини ҳаёт рӯй медиҳад, замоне, ки мавҷҳои сиёҳ рӯҳи инсонро пахш мекунанд ва хеҷ умеде ба нур боқи намемонад. Чанбаи равонии худкушӣ пеш аз ҳама ин ҳолати маъюси ва ноумедист. Ноумеди ин маҳдудияти хомуш гардидани шукуҳу ҳашамати дунёи Офаридгор, замоне ки хуршед нурпошӣ намекунаду ситораҳо ҷилло намедиҳанд, ҳаёт фақат ба як нуқтаи сиёҳ пайваст аст, роҳи баромад аз он гум шудааст. Вақте ки умед аст, метавон ҳар нокомии азимеро паси сар кард, вале аз даст додани умед фақат ба худкушӣ мебарад.

Шахсӣ худкуш побанди «ман» аст ва дар гирди як нуқта чарх мезанад. Дар ин холат он инсон танҳо дар мавриди як чиз фикр менамояд нест кардани худ. Аз инрӯ шахс ихтиёри худро низ аз даст медиҳад. Масалан, инсон аз ишқи ноком мутаассир аст. Ин нуқтаро фақат зулмот фаро гирифтааст ва рангорангии ҳаётродигар маъное надорад. Дар ин маврид шахс танҳо беохирии ишки нокомро мебинад. Зиндагӣ бо тамоми бебаҳоги ва зебо буданаш барои ӯ маъно надорад ва ӯ танҳо роҳи халосиро дар нест сохтани ҳамон «ман» мебинад, ки «ман»-и ноком аст.

Зиндагӣ зебост махсусан, замоне, ки таҳдиди мушкилоти зиёди зиндагӣ пеш меояд ва ҳайратангезона дарк мекӯни, ки ҳаёт бебаҳо ва хеле зебост инро бояд дар вучуди ҳар як шахс чунон ҷонамуд, ки ба ин кори номатлуб дар ҳолати яъсу ноумеди даст назананд. Сабабҳои зиёде вуҷуд дорад, ки мардум даст ба худкушӣ мезананд. Аз он ҷумла низоъҳои шахсӣ ва хонаводагӣ (вайроншавии оилахо), вазъи саломатӣ (касалии рӯҳи, майзадагӣ, нашъамандӣ), низоъҳо дар ҷойи кор ва таҳсил, мушкилоти моддӣи рӯзгор ва м.

Одатан худкушӣ рад кардани се накӯкории инсонист: боварӣ, умед ва муҳаббат, ки онҳоро шахсӣ худкуш барои худ намехохад.

Худкуш касест, ки эътиқоди худро гум кардааст. Худованд барои ӯ дигар хақиқат, қувваи фавқуттабиие, ки ҳаётро равшани медиҳад вуҷуд надорад. Хулоса ӯ касест, ки умеде дар дилаш намондааст. Дар охир ӯ ба як шахсе мубаддал мегардад, ки вуҷудаш холӣ аз муҳаббат аст. Дар ин гуна ҳолат ӯ танҳо дар бораи худ андеша дорад, дар фикри ӯ каси дигар намеояд танҳо дар фикр ҳамон «ман»-и ноком ҳасту халос.

Муносибати динҳои мавҷуда нисбати ин падида қариб як аст аксари онҳо ин корро маҳкум мекунанд.

Агар мо худкуширо аз нигоҳи дин шарҳ диҳем дар инҷо гуфтан ба маврид аст, ки худкушӣ кардан ин рад кардани худованд аст. Зеро худкушӣ амали номатлуб ва сазовори ҷазои сахтарин эълон шудааст. Худкушӣ кардан дар дини мубини ислом ба ягон шаклу тарз ҷоиз нест барои он, ки ҷоне ки дар вуҷуди мо аст онро мо бо дасти худ гирифта наметавонем. Дини мубини Ислом ин корро амали ҳаром ва зишт шумурда аст ва оёти Қуръони ва аҳодиси набави бар зишти ва нодуруст будани ин амал далолат мекунанд. Дар бисёре аз динмухталифи ҷаҳон худкушӣ рафтори гӯноҳомезу мамнуъ ва ҳаром эълон шуда ва ин омилест, ки афродро аз даст задан ба ин амал боз медорад. Дар Куръони шариф чунин ояте дар сураи мубораки Нисо вуҷуд дорад: “Эй касоне, ки имон овардаед! Амволи якдигарро ба ботил (ва аз роҳҳои номашрӯъ), нахӯред, магар ин ки тиҷорате бо ризояти шумо анҷом гирад. Ва худкушӣ накунед. Худованд нисбат ба шумо Меҳрубон аст.” [3 с. нисо. ояти 29].

Ҳадиси Расули акрам (с) аст, ки мефармояд: «Ҳар касе бо ҳар роҳе худро кушт, бо хамон шакл ҷазо мегирад. Захрхӯрда фақат захр мехӯрад, бадоровехта ҳамеша дар дор аст». Инчунин инсон ба ихтиёри худ ба олам наомадааст ва ҳамчунин ба ихтиёри худ рафтан, ин саркашӣ ва бархестан алайҳи фармони худост.

Худкушӣ аз нигоҳи ман эътироз ба худо, эътироз ба муҳит аст. Ба ин восита нафаре, ки худкушӣ кардааст, мехоҳад диққати дигаронро ба мушкилоти худ ҷалб намояд, ё қасос гирад, ё водор созад, ки нафаре ҷазо гирифта бошад, аққалан ба азоби виҷдон гирифтор шавад. Дар байни нафароне, ки ба худкушӣ даст задааанд, гирифторони бемории рӯҳӣ низ ҳастанд.

Лекин шаклҳои худкушӣ аз якдигар фарқ мекунанд аз он ҷумла худкушии мардон ва занон ки ба куллӣ аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Марде, ки худкушӣ кардан мехоҳад, таҷрибаҳо нишон медиҳад, ки кам аз қасди худ бармегардад ва нияти худро то ба охир мерасонад. Шакли интихоб кардааш ба натиҷа нигаронида шудааст ва маъмулан худро меовезад. Дар бораи худушиҳои ба шакли худсӯзиву дорухурӣ ё дигар амали худкушии мардон маълумот дарҷ нагаштааст. Мутаассифона, мушоҳида нишон медиҳад, ки вақтҳои охир худкушӣ дар байни ҷавонмардони 16-35 сола афзудааст. Барои мард душвор аст, ки ба заифии худ икрор гардад. Мардро муҳит ва ҷомеа тарзе тарбия карда аст, ки бояд ҳатман пурқувват ва ҷасур бошад. Зеро ки ягона таъминкунанда ва такягоҳу устувории хонадон мебошад. Агар чунин шуда натавонад, ӯ худро ноумед ва ноӯҳдабаро эҳсос мекунад ва атрофиён низ ба ӯ чунин муносибатро раво мебинанд. Дар оилаҳои тоҷик ва инчуни тамоми ҷаҳон имрӯзҳо падару модар фарзандеро дуст медоранд, ки ӯ дорои даромади хуб аст. Ин андешаро психологҳо низ исбот намудааанд, ки волидайн имрӯз танҳо фарзандони комёби

худро дӯст медоранд. Заифӣ, ки ба занон бештар нисбат дода мешавад, аслан ба ҳардуҷинс хос аст, таффовут дар он аст, ки заифии мардон оқибатҳои сахт дорад.

Аслан қабули қарор барои анҷоми амале ки дар зан ва мард таффовут дорад. Ин дар он аст, ки зан сад бор меандешад ва танҳо дар лаҳзаҳои душвортарин, ки дигар барои худ роҳе намебинад ба худкушӣ даст мезанад, лекин ӯ боз дар ҳамон лаҳзаҳо низ умед ба касе дорад то ӯро аз ин роҳаш бар мегардонад. Мард бошад тез қарор қабул мекунад ва дар ҳолати пушаймонӣ низ ба он иқрор намешавад.

Муаммои дигар мушкилоти хонаводагӣ кам андар кам мардро ба худкушӣ оварда мерасонад, дар ҳоле ки бештари сабаби худкушии занон хушунати хонаводагист. Занон бештар ба эҳсос дода шуда гиря мекунанд, асабӣ мегарданд ва дар баробари ин тез мебахшанд. Худкушӣ ё сӯиқасд ба он даст задани занон ва ҷавондухтарон яке аз масоили доғи рӯз ба ҳисоб меравад ва шӯъбаи кор бо занон ва оила дар ин самт корҳои худро амалӣ намуда истодааст. Давоми шаш моҳи соли 2011 танҳо дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд шумораи умумии ба ин ҳодиса даст задагон 121 нафарро ташкил медод, ки аз ин шумора нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 55 ҳодиса кам шудааст. Аз ҷумла, байни занону духтарон 66 нафар занон ба ин ҳодиса даст зада, аз ин ҳисоб 16 нафарашонро духтарони ноболиғ ташкил медиҳанд. Аз 121 ҳодисаи ба қайд гирифта шуда, 31 ҳодиса сӯиқасд ба худкушӣ ва сабабҳои худкушӣ бо касалии руҳӣ – 16; шароити вазнини зиндагӣ – 11; муноқишаҳои оилавӣ – 22; дигар намудҳо– 32; бо сабабҳои номаълум– 22; нафар мебошанд. Бинобар сабаби надоштани маълумоти омори солҳои наздик худкушиҳои соли 2011-ро мисол овардем.

Ба андешаи ман сабаби худкушии мардон ин на хушунатҳои хонаводагӣ балки он масъалаҳои дигаро дар бар мегирад, аз ҷумла қарздоршудан ё ҳодисаҳое, ки барои инсон ҳолати ногувор аст мардро ба худкушӣ водор месозад. Ба гуфтаи як ходими дин дар байни нафароне, ки намоз мехонанд ва масҷиди ҷомеъа меоянд, ба худкушӣ даст задани онҳо ба назар намерасад. Лекин аз ҷиҳати дигар дар илми ҷомеашиносӣ ва муҳити мардсолорӣ худкушии мардон мавриди тадқиқ низ қарор нагирифтааст. Одатан, марде, ки худкушӣ кардааст, хешу табор ин падидаро пинҳон медоранд, ба хотири айб, номуси хонавода ва ё дигар сабабҳо ҳол он ки худкушии зан аз мард дида овозаву гапи зиёдро дар бар мегирад. Ҳатто баъди марг ҳам муносибати инсон нистбат ба ҷисми зан ва мард тафовут дорад.

Як чизро бояд фаромуш накунем, ки дар зиёди ҷомеаҳо ташкилотҳо ва кумитаҳои кор бо занон мавҷуд аст, ки метавонад дар ҳолати душвор рӯ ба рӯ гардидани занон ба онҳо кӯмак расонанд, аммо барои мардон чӣ ягон гуна ташкилоту кумитаи нест, ки ба мардон машварат диҳад ҳолати рӯҳии онҳоро дарк кунад. Инро аз он сабаб қайд намудам ки нақши мард дар таъмини оила зиёд аст тамин намудани оила ин як мушкили аст, худкушиҳое ҳастанд ки сабабашон вазъи модди оила мебошад. Мо фикр мекунем, ки мардон худашон мустақилона аз уҳдаи бартараф намудани ин ҳолат мебароянд не ин нодуруст аст ҳолати душвор барои ҳама якранг аст. Ҳарчанд мард худро нисбати зан зиёдтар дошта метавонад, лекин зан бо баъзе корҳо худашро ором месозад (Аз қабили гиря кадан, ғамашро ба касе гуфтан ва ба инҳо монанд). Аммо мардро мушкилоташ дар дохили худаш мемонад ва ӯро танҳо ба як роҳ мебарад инҳам бошад даст ба худкушӣ задан ва ё ин ки талоқ кардани ҳамсар хулоса бо ҳар роҳе набошад халос шудан аз ин мушкилот дар пеши рӯи ӯст. Бархеҳо андеша доранд, ки мард аз зандида дар ҳолати душвор гирфтор шудан пур сабртар аст не инҳо ҳарду инсонан дар мавриди гирифтор шудан ба ҳолати душвор дар зиндагӣ чӣ мард бошад, чӣ зан бояд ба он ҳамчун як шахс машварат дод то аз ин роҳ баргардад. Ё ин ки вақти он расидааст, ки гуйем мардон низ заиф мегардан. Шояд онҳо низба марказҳои зидди бӯҳронии мардона ниёз доранд то барои онҳо созмон диҳему телефонии бовариро барои мардон ташвиқу тарғиб намоем. Зеро мардон низ як инсонанд барои онҳо низ шояд ягон нуқтаи

машват додан ва фаҳидани мушкилоташон лозим бошад. Зеро инсон вақте, ки мушкилоти худро нақл мекунад озодтар мешавад занон ин кор бо дугонаҳояшон модарашон ва ё дигар касон мегӯянд, мард бошад ин ҳолатро ба ҳеҷ кас гуфта наметавонад. Ин мушкилот дар ҷомеаи мо яке аз мушкилотҳои актуалӣ мебошад барои бартараф намудани ин мушкили дар ин ҷода кормандони иҷтимои ва психологҳоро мебояд то бо мардум дар ҳамкори бошанд ба мардум машваратҳои муфид диҳанд то дар вақти ба ин ҳол гирифтор шудани ягон аъзоӣ оилаи онҳо то тавонанд кӯмаки авлиндаҷаро ба ӯ расонанд ё нишонаҳои ин ҳолатро дарк намуда ӯро ба назди кормандони иҷтимоӣ ё ин ки ба назди равоншиносон барад.

АДАБИЁТ

1. Баҳромбеков Д. Миров Ф. Асосҳои сотсиология. Душонбе 2015. 326с
2. Э. Дюркгейм. Самоубиства. Мысль, 1994. - 399с
3. Қуръони карим

ХУДКУШӢ- МУШКИЛОТИ НОАЙЁН ДАР ТӮЛИ ТАЪРИХ

Агар ба ҷои он ки ҳақиқатро мушоҳида кунем, пеш аз ҳама, бояд дар бораи пешгирии худкушӣ фикр кунем.Агар тасвири умумии худкуширо пешниход созем маълум мешавад, ки ба ақидаи бештари олимони ҷомеашиноси дунё худкӯшӣ ин рафторест, ки аз натиҷаи номутобиқии равонию ичтимоии шахс бо ҳолатҳои номусоиди зиндагӣ бармеояд. Ҳамчунин лозим ба ёдоварист, ки дар ҳар ҷое, ки инсон вуҷуд дорад ва зиндагӣ мекунад, пас дар онҷо ҳатман ин рафтор ва ин падидаи номатлуби ҷомеаи инсони яъне худкушӣ вуҷуд дорад. Сабаб дар чист, ки мардум даст ба худкушӣ мезананд? Доир ба ин савол ҷавоби ягона вуҷуд надорад, зеро ҳар як инсони худкуш барои даст ба худкушӣ задан ва ё аз зиндагӣи худ даст кашидан сабаби шахсӣи худро дорад ва он сабаби шахсӣ вай аз сабабҳои даст ба худкушӣ задани дигарон ба кулли фарқ мекунад, вале ҷавобе ҳаст, ки мо метавонем дар шакли умум ба ин саволи тамоман ҳайратангез, ки сабабҳои худкуширо дар худ метавонад ҷой диҳад гуйем: инсон, дар ҳоле ки ба вазъияти душворе рӯ ба рӯ мегардад ва роҳи ҳалли оддитарини онро надорад, умеди беҳбудии вазъияти бавуҷуд омадаро аз даст медиҳад ва гумон мекунад, ки ин ҳолат дигар роҳи беҳбуди надорад ва ҳаргиз тағйир намеёбад.

Калидвожаҳо: худкушӣ, худкуш,ҷомеа, шахс

СУИЦИД – НЕВИДИМАЯ ПРОБЛЕМА НА ПРОТЯЖЕНИИ ИСТОРИИ

Если посмотреть правде в глаза, сначала мы должны подумать о предотвращении самоубийства. Если мы представим общую картину самоубийства, станет ясно, что мнение многих обществ мира является саморазрушительным поведением, которое характеризуется непредсказуемостью психосоциального статуса человека при неблагоприятных обстоятельствах. Также важно помнить, что в каждом месте, где живут люди, существует тенденция такого поведения и неизбежного явления человеческого общества. В чем причина самоубийства людей? На этот вопрос нет однозначного ответа, потому что у каждого человека, совершившего самоубийство, есть личная причина отказа совершить самоубийство или иметь собственную жизнь, и эта индивидуальная причина отличается от причин попытки самоубийства, что мы можем вообще сформировать эту удивительно сомнительную проблему, которая может стать причиной самоубийств.

Ключевые слова: самоубийство, суицид, общество, человек

SUICIDE IS AN INVISIBLE PROBLEM FOR HISTORY

If you face the truth, we must first think about preventing suicide. If we present the general picture of suicide, it will become clear that the opinion of many societies in the world is self-destructive behavior, which is characterized by the unpredictability of a person's psychosocial status under adverse circumstances. It is also important to remember that in every place where people live, there is a tendency for such behavior and the inevitable phenomenon of human society. What is the reason for the suicide of people? There is no definite answer to this question, because each person who committed suicide has a personal reason for refusing to commit suicide or have his own life, and this individual reason differs from the reasons for attempting suicide, that we can form this surprisingly dubious problem, which can become cause of suicide.

Keywords: suicide, suicide, society, person

Сведения об авторе: ***Бобоев А.С.*** – магистр второго курса Таджикского национального университета

Information about the author: ***Boboev A.S.*** – second course graduate student of Tajik National University

АҚИДАИ ОЛИМОНИ ҶАҲОН ОИДИ “АУТИЗМ”

Салимова Р.К.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Назария ва методҳои тадқиқи проблемаҳои кӯдакони гирифтори синдроми аутизм дар замони муосир дар аксарият мамлакатҳои хориҷӣ дар соҳаҳои илми психология, педагогика, тибб омӯхта шудааст, зеро проблемаи ин кӯдакон омӯзиши бисёрҷабҳаҳоро талаб менамояд, имкониятҳои таълимӣ ва маърифатии ҳар як кӯдак бо назардошти хусусиятҳои фардӣ зоҳир мегардад.

Дар омӯзиш ва таҳқиқи проблемаи кӯдакони гирифтори синдроми аутизм олимони хориҷӣ Л.Коннер, Г.Аспергер, Б.Беттелхейм, Б.Римланд, К.С.Лебединская, О.С. Никольская, Л.А.Булахова, С.Н. Зинченко ва дигарон саҳми бузург гузоштаанд.

Самтҳои алоҳидаи ҳаёт ва таълими кӯдакони имконияти маҳдуддошта аз тарафи олимони тоҷик низ мавриди таҳқиқ қарор дорад. Аз ҷумла дар назди кафедраи таҳсилоти томактабии факултети педагогикаи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ дар зери роҳбарии профессор Маҷидова Б. Маркази захиравии таҳсилоти инклюзивӣ амал менамояд, ки дар он проблемаҳои кӯдакони имконияти маҳдуддошта таҳқиқ карда мешавад.

Аз тарафи Ҳукумати Тоҷикистон бо мақсади беҳтар намудани кори таълиму тарбияи кӯдакони имкониятии маҳдуддошта Консепсияи Миллии таълими инклюзивӣ қабул. Дар асоси Консепсия барои таҳқиқи масъалаҳои илмӣ, тайёр намудани дастурҳои илмӣ-методӣ, маводҳои таълимӣ таҳия мегардад, муассисаҳои таълимӣ ва тарбиявии махсус, марказҳои махсус ташкил мегардад.

Амалӣ намудани тадқиқотҳо барои инкишофи назария ва амалияи таълим ва тарбияи кӯдакони имконияти маҳдуддошта саҳми бузург гузоштанд.

Дар Тоҷикистон аз тарафи шахсони алоҳида бо дастгирии ташкилотҳои байналхалқӣ марказҳои махсуси таълимӣ-тарбиявӣ ва табобатӣ бо номи «Ирода», «Киштӣ» , «Маркази дастгирии оила Умед» барои кӯдакони гирифтори аутизм ташкил карда шудааст, ки дар он бо истифодаи методҳои коркардшуда таълим ва тарбия ва табобати кӯдакон ба роҳ монда мешавад. 1

Асоси сарчашмавии назарияи Л.Коннер, Г.Аспергер, Б.Беттелхейм, Б.Римланд, К.С.Лебединская, О.С. Никольская ташкил мекунад, ки аз нуқтаи назари онҳо дар муносибат бо кӯдакони синдроми аутизм дошта методҳои махсуси таълимро истифода бурдан зарур дониста мешавад.

- инкишофи кӯдакони гирифтори синдроми аутизм;
- дарки аҳамияти ҳамкории педагогҳо, психологҳо ва падару модарон дар амалӣ намудани кори таълимӣ-тарбиявӣ бо ба назар гирифтани хусусиятҳои фардии кӯдакони синдроми аутизм;
- дараҷаи тайёрии касбии мутахассисоне, ки бо кӯдакони синдроми аутизм кор мекунанд ва истифодаи малака маҳорати эҷодкоронаи онҳо дар рафти кори таълиму тарбия ва кӯмак расонидан ба иҷтимоишавии кӯдакон;

Асоси назариявӣ-методии тадқиқот аз инҳо иборат аст: корҳои илмии нав ва муҳими олимони хориҷӣ, аврупоӣ, рус, мавқеи методологӣ ва тадқиқотҳои ҳангоми омӯзиши таърихи таълим ва тарбияи кӯдакони имконияташон маҳдуддошта хусусияти ташаккули нигоҳи одамон дар муносибат нисбат ба чунин кӯдакон се давраро мушоҳида кардан мумкин аст:

Давраи якум. Мувофиқи нишондоди сарчашмаҳо дар Юнони қадим, аз ҷумла Спарта, ки солҳои дурудароз ба инкишофи ҷисми солим эътибори махсус медоданд ва кӯдаконе, ки бо ягон нуқсони намоёни ҷисмонӣ ба дунё меомаданд онҳоро несту

нобуд мекарданд. Чунки Спарта давлати ҳарбӣ буд ва бачагони нуқсондошта барои Спарта нонхурони зиёдатӣ ҳисоб мешуданд.

Муносибати ҷамъият ҳам ба одамоне, ки нуқсонҳои психикӣ ва ҷисмонӣ доштанд дар Аврупои асри миёнагӣ ҳам ғайригуманистӣ буд. Бинобарин бисёр одамони гирифтори бемории рӯҳи дошта, аз тарафи муассисаҳои динӣ дар оташ сӯзонда мешуданд. Ин амалро ҳамчун амали пок намудани ҷамъият аз қувваҳои нопок ҳисоб мекарданд. Чӣ тавре мебинем то асри миёна тақдири ин бадбахтон бо роҳҳои несту нобуд кардан ҳал карда мешуд. Ҳатто баъзеи онҳоро фарзандони шайтон меномиданд, қисми дигарро мушбачаҳо ва ғайра. Яъне ба онҳо ба назари таҳқир менигаристанд [19].

Давраи дуюм. Баъди асри миёна дар ҳаёти онҳо баъзе тағйиротҳо ба вуҷуд омад. Дар ин давраи аз тарафи гуманистон нисбати кӯдакони имконияти маҳдуддошта ҳамдардӣ ва дастгирӣ зоҳир мешуд, инчунин ҷудо кардан ва эътирофи онҳо шӯҳрат ёфт.

Аз ҷумла аввалин ёрӣ ба ин гурӯҳи бачагон, хусусан бачагоне, ки нуқсонҳои онҳо хеле равшан намоён буд, хусусан нуқсонҳои психикӣ ва нуқсонҳои зеҳнӣ ба монанди камзеҳнӣ дар асрҳои ХУШ ба миён омад. Чунки камақлон аз ҷиҳати инкишофи зеҳнӣ аз бачагони инкишофи муътадил дошта хеле қафо мемонданд.

Аввалин кушишҳои инсондӯстона нисбат ба бачагони нуқсони психикидошта ва кушишҳои муносибати илмӣ нисбат ба онҳо дар Франция ба вуҷуд омад. Ба ин кор духтур-психиатр – яъне руҳшиноси франсуз Филип Пинель (1745-1826) машғул гашт.

Фаъолияти Филип Пинелро шогирди ӯ Пинел Жан-Этьен-Доминик Эскироль (1772-1840) идома дод. Ӯ мафҳумҳои «аменция» (модарзодӣ) ва «деменция» (пайдошударо) бо мақсади муайян намудани иллатҳои модарзодӣ ва ё пайдошуда ҷорӣ намуд.

Ҳамин тавр тахқиқотҳои Эскироль моро ба чунин хулосаи муҳим овард, ки одамон на танҳо аз ҷиҳати инкишофи зеҳнӣ ба ду гуруҳи калон ҷудо мешаванд - муътадил ва номуътадил, ё худ нуқсондошта, ё надошта балки дар дохили нуқсондоштаҳо боз як гуногунрангии дигаре низ ба назар мерасад, ки ин ба ҷиддияти нуқсон вобаста аст. Бо сабаби аз меъёр берун будани нуқсони зеҳнӣ, ки пеш аз ҳама дар муомилаи байни ҳамдигарии одамон зоҳир мегардад дарҳол ба чашм мерасад [6].

Давраи сеюм. Аввалин маротиба дар роҳи таълиму тарбияи бачагони иллати зеҳнидошта, ки онҳоро «ваҳшиёни Аверонӣ» номида буд, психиатри фаронса Жан Итар (1775-1835) қадам гузошт. Бо ҳамин дар бобати ба бачагони иллатҳои зеҳнӣ дошта ёрии тиббӣ-педагогӣ расондан асос гузошт. Ҷиҳати характерноки ин равия аз он иборат буд, ки муносибати тиббиро аз педагогӣ бартар медонист.

Бо сабаби ба вуҷуд омадани таҳқиқотҳои фундаменталӣ дар соҳаи илмҳои табиатшиносӣ дар нимаи асри Х1Х ба педагогика ва психология таъсири ниҳоят калон расонид. Ба ивази мушоҳида ва хулосаҳои назариявӣ баровардан методҳои таҳқиқотҳои эксперементалӣ-озмоишӣ ба вуҷуд омаданд. Ин сабаби ба вуҷуд омадани ду тарзи фаҳмиш дар соҳаи характер ва моҳияти кундзеҳнӣ гардид:

1) фаҳмиши анатомӣ-физиологӣ, ки дар ин бобат Д. Бурневил, Б. Морель, Э. Крепелин, С.С. Корсаков, В.П. Сербский, А.Н. Берштейн, Г.И. Росолимо, Г.Я. Трошин ва дигарҳо ҳисса гузоштанд.

2) равияи психологӣ-педагогӣ, ки дар ин соҳа хизмати А. Бинэ, Т. Симон, Санкте де Санкти ва дигарон чашмрас аст.

Вале бояд эътироф намуд, ки доир ба таҳқиқи кундзеҳнӣ аз ҷиҳати анатомӣ-физиологӣ, психиатри немис Э.Крепелин (1856-1926) бештар ҳисса гузоштаат. «Соли 1915 ӯ тамоми шаклҳои кундзеҳниро дар як гурӯҳ муттаҳид намуда ба он «Маъқуф ёфтани инкишофи психикӣ» ном гузошта ба истилоҳи «Олигофренӣ» асос гузошт. Ин

истилоҳ аз забони юнонии Oligas-камтар ва Phren-фикр гирифта шудааст. Одатан дар зери ин истилоҳ гурӯҳҳои гирифтори нуқсонҳои модарзодӣ фаҳмида мешуд. Ин равияро, яъне ҳолати нуқсони модарзодиро соли 1996 Х.С.Замский пешниҳод кард. [6, 32]

Психиатри бельгиягӣ Ж.Демор (1867-1941) аввалин маротиба кӯшиш намуд, ки дар этиология (муайян кардани сабабҳои иллатнокӣ) компонентҳои биологӣ ва иҷтимоии иллатнокиро дохил намояд.

Дар боби таълимот дар бораи кундзеҳнӣ психиатрии рус П.Я. Трошин (1874-1938) ҳиссаи муҳим гузоштааст. У фарқияти байни шакли аз ҷиҳати психикӣ инкишоф наёфтаро аз асабоният ва хашмгинӣ ҷудо кард.

Педагоги фаронса Ж. Филипп ва духтур П. Бонкур равияи психологӣ-педагогиро инкишоф дода ҳайати ҳамон хонандагонеро ҷудо кард, ки аз уҳдаи иҷрои барномаҳои таълимии мактабҳои маълумоти умумӣ дар шароити ин мактабҳо баромада наметавонистанд, ва муайян гардид, ки онҳо дорои шакли нуқсони ҷиддии зеҳнӣ мебошанд.

Духтур ва педагогӣ белгиягӣ, Овид Декролӣ доир ба проблемаҳои ёрӣ ба бачагони аз ҷиҳати зеҳнӣ қафомонда ба тарзи хос рафтор намуда кӯшиш намуд, ки ду равияи мавҷуд бударо, яъне анатомӣ-физиологӣ ва психологӣ-педагогиро муттаҳид намуда, системаи гурӯҳбандии худро доир ба бачагони аз ҷиҳати зеҳнӣ қафо мондаро ба вуҷуд оварад.

Ҳамин тавр баъзе кушишҳоро дар боби ба бачагони имконияти маҳдуддошта ёрӣ расонданро дар охири асри XVIII ва аввали асри Х1Х мушоҳида мекунем. Ин пеш аз ҳама кӯшиши ҷудо намудани бачагони ба дараҷаи кофӣ аз ҷиҳати зеҳнӣ қафомонда мебошад. Ба таҳқиқи ин проблема пеш аз ҳама духтурҳо, психиатрҳо машғул шуда дар роҳигурӯҳбандии бачагони аз ҷиҳати зеҳнӣ қафомонда (ноқисулақл, камақл) ва ёрии педагогӣ ба ин гурӯҳи бачагон саҳм гузоштаанд. Аз рӯи гурӯҳбандие, ки аз тарафи Лапшин В.А. ва Пузанов Б.П. пешниҳод карда шудааст, ба гурӯҳ ё худ категорияи асосии кӯдакони имконияти маҳдуддошта инҳо дохил мешаванд:

1. бачагони иллати шунавоӣ дошта;
2. бачаҳои иллати биноӣ дошта;
3. бачаҳои иллати нутқӣ дошта;
4. бачаҳои иллати аппарати такягоҳи-ҳаракаткунанда дошта;
5. бачаҳои аз ҷиҳати инкишофи ақлӣ қафомонда;
6. бачаҳои инкишофи психикиашон боздошташуда;
7. бачаҳои рафтор ва муошираты нодурустдошта (аутизм);
8. Бачаҳои нуқсонҳои инкишофи психоҷисмонии комплексӣ дошта, яъне соҳиби нуқсони мураккаб - куру кару гунг, кар ё нобинои аз ҷиҳати инкишофи ақлӣ қафомонда [1, 25].

Иллатҳои инкишоф мумкин аст, ки дар натиҷаи вайрон шудани кори ягон узви бадан яъне функсионалӣ ба вуҷуд омада бошанд.

Намуди инкишофи номуътадил аз рӯи гуфтаи Б.П.Пузанова бо системаи муайян пайдо шуда онҳо ба ду гурӯҳ ҷудо карда мешаванд, аввалин ва дуйумин.

Чунончи, ба сифати иллати аввалин одатан халалдор гардидани қишри майнаи сари ҳамаро фарогиранда дохил мешавад. Ба сифати дуйум ин халалдор гардидани ҷараёни инкишофи психоҷисмонӣ ва ба сифати сеюмин-аз меъёр берун баромаданисибаромаданисифатҳои эҳсосотӣ-иродавӣ ташаккули шахсият дохил мешаванд. Сохти иллати дуюмин азхарактери иллати баранда ва онҳоро бавуҷуд меовардагӣ вобаста аст. Чунончӣ, дар бачагони иллати шунавои дошта нафаҳмидани муроҷиати нутқи ба онҳо равона карда шуда, суст ташаккул ёфтанӣ нутқӣ фаъол ва нутқи бо ҳам алоқаманд, ба назар мерасад, яъне нокифоя будан

захираи луғавӣ ва нутқи бо ҳам алоқаманд. Иллатҳои дуйумин дар инкишоф, пеш аз ҳама ба функсияҳои психикии дар синни томактабӣ ниҳоят тез инкишоф меёфтагӣ вобаста аст. Ба монанди нутқи муҳаррикҳои хурд, дарки фазо, худсарона идора намудани ҳаракат ва ғайраҳо.

Иллатҳои зиддигенетикии кашф карда нашуда ба монанди иллатҳои сенсории равшан ифода наёта пеш аз ҳама суръати инкишофи психикии кӯдакро нигоҳ дошта, инчунин метавонад ба ташаккули эҳсосоти дуюмин ва дигар иллатҳои шахсии кӯдакон мадад расонад. Ин гурӯҳи кӯдакон вақте, ки ба мактабҳои умумӣ дохил мешаванд, аксар вақт дар вазъияти ноқулай меафтанд. Ба онҳо ба назари паст менигаранд, ва худи онҳо ҳам ба имкониятҳояшон нодуруст баҳо медиҳанд ва аз боҳам баҳсу мунозира кардан дида хомӯширо авлотар медонанд.

Вобаста ба характери иллат, як иллатро дар рафти инкишоф, таълим ва тарбия аз байн бурдан мумкин аст. Аз ҷумла: бачаҳои иллати нутқӣ дошта; бачаҳои рафтор ва муошират нодуруст дошта (аутизм); бачаҳои инкишофи психикиашон боздошташударо то андозае дигар кардан ва ё барқарор кардан мумкин аст. Мураккабӣ ва характери иллат инкишофи кӯдакро муайян мекунад, яъне муътадил, ё номуътадил. Аз ин рӯ, хусусияти иллат, тарзи ташаккул додани донишҳои зарурӣ, маҳорат ва малакаҳо, шаклҳои гуногуни кори педагогӣ ва дигарҳо кор карданро муайян мекунад. Як гурӯҳи кӯдакони инкишофашон аз меъёр берун танҳо метавонанд, ки доир ба маълумоти умумӣ донишҳои элементарӣ гиранд.

АДАБИЁТ

1. Аутизм / Под.ред. проф. Э.Г. Улумбекова. - М.: Гэотар-мед, 2002.
2. Башина В. М. Аутизм в детстве. -М.: Медицина, 1999
3. Богдашина О.Аутизм: определение и диагностика. -Донецк, 1999
4. Богдашина О. Расстройства аутистического спектра: введение в проблему аутизма. – Красноярск, 2012.
5. Бычкова Е. Дети дождя: все об аутизме // Няня. - 2001. - № 12.
6. Журенков, К. Аутизм - болезнь XXI века? [Текст] / К. Жураленко // Огонек. – 2001. – № 22.
7. Зайнышев, И. Г. Технология социальной работы [Текст] : учеб. пособие для студ. вузов / И. Г. Зайнышев.– М. : Владос, 2000.
8. Карвасарская И.Б.В стороне. Из опыта работы с аутичными детьми. -М., 2003
9. Лебединская, К. С. Диагностика раннего детского аутизма [Текст]: Учеб. метод. пособие / К. С. Лебединская, О. С. Никольская. – М.: Просвещение, 1991. С. 6.
10. Зайнышев, И. Г. Технология социальной работы [Текст] : учеб. пособие для студ. вузов / И. Г. Зайнышев.– М. : Владос, 2000. С. 36

АҚИДАИ ОЛИМОНИ ҶАҲОН ОИДИ “АУТИЗМ”

Аутизм мушкилоти ҷиддии ҷаҳони имрӯза буда, ислоҳ ва бартараф намудани ин падида дар шароите, ки аз шахс шуур, маданият, муошират васеъ ва реализмро талаб мекунад, хеле муҳим мебошад. Кормандони,иҷтимоиро лозим меояд, ки сабабҳои пайдоиш ва нишонаҳои зоҳиршавии онро омӯхта, ба мизоҷони худ кӯмакҳои заруриро дареғ надоранд.Дар ин мақола фикри олимон оварда шудааст.Аутизм ин як намуди вайроншавии спектори мебошад ,ки то имрӯз олимони ҷаҳон онро меомӯзанд ва ба ашхоси гирифтори ин бемори усулҳои нави кор бароимутобиқ намудани онҳо ба ҷомеъаро тавсия медиҳанд Офиятбахшии иҷтимоии гирифторони аутизм ва методҳои асосии он дар кори иҷтимоӣ аз тарафи кормандони иҷтимоӣ васеъ истифода мегарданд. Ин методҳо барои иҷтимоишавии такрории гирифторони аутизм мусоидат менамоянд.

Калидвоҷаҳо: аутизм, кудакони имконияташон маҳдуд, психика, педагогика, иллат, равия, офиятбахш

МНЕНИЕ УЧЁНЫХ МИРА ОБ АУТИЗМЕ

Аутизм – это серьёзная проблема сегодняшнего мира. В этой статье собраны мысли и высказывания учёных всего мира. Аутизм – это нарушение акустического спектра, который до сих пор изучается и людям с аутизмом предоставляется новые методы для реабилитации и адаптирования их социальной среде. Освещены особенности и трудности психического развития и социализация, социальная реабилитация аутистов и основные методы социальной работы со стороны социальных работников широко используется для вторичной социализации аутистов. Рассматриваются проблемы

диагностики детей раннего возраста, предлагаются подходы к оказанию помощи как сравнительно лёгких, так и в достаточно тяжёлых случаях детского аутизма.
Ключевые слова: аутизм, ограниченные возможности, психико-педагогические методы, реабилитация, диагностика.

THE SCIENTISTS OF THE WORLD ABOUT AUTISM

Autism is a serious problem in today's world. This article contains the thoughts and statements of scientists around the world. Autism is a violation of the acoustic spectrum which is still being studied and people with autism are provided with new methods for rehabilitation and adaptation to their social environment. The features and difficulties of mental development and socialization of Social rehabilitation of autistic people and the main methods of social work by social workers are widely used for secondary socialization of autistic people. Considered the problem of diagnostics of children early age, are offered approaches to assistance is relatively easy and in quite severe cases of childhood autism.
Key words: autism, limited opportunities, psycho-pedagogical, methods, rehabilitation diagnostics.

Сведения об авторе: ***Салимова Рафоат Кароматовна*** – Таджикский Национальной Университет магистр второго курса. Адрес: Душанбе ул. Маяковского 75. Телефон – 919 87 07 62

Information about the author: ***Salimova Rafoat Karomatovna*** – Second course graduate student of Tajik National University. Address: Dushanbe Mayakovskiy Str.75. Phone: 919 87 07 62.

АЛОҚАМАНДИИ ТАФАККУР ВА ХУДБАҲОДИҲИИ ХОНАНДАГОН

Тоҳиров Ш.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Имрӯзҳо дар ҷараёни таълиму тарбияи насли наврас як қатор мушкилиҳо ба чашм мерасад. Илму техника бо суръати баланд пеш рафта истодаасту ҳар рӯз технологияи навтарини иттилоотӣ мазмун ва мундариҷаи омӯзиши фанҳои лозимаро сифатан осонтар карда истода, талаботи навро ба миён оварда истодааст. Талаботи нав ҳамин аст, ки барои истифода бурда тавонистани технологияи навтарини иттилоотӣ аз насли наврас маҳорат ва малакаҳои баланди азхуднамудани технологияи компютериро металабад. Дар навбати худ барои аз худ намудани технологияи навтарини иттилоотӣ аз насли наврас дараҷаи баланди инкишофи тафаккур талаб карда мешавад. Насли наврасе, ки дорои маҳорати баланди истифодабарии технологияи навтаринини иттилоотиро надорад, дараҷаи баланди тафаккурро нишон намедиҳад, аз талаботи имрӯза ақиб монда, қодир намешавад, ки ба таври бояду шояд фанҳои заруриро азхуд намояд. Дар натиҷа мутахассиси соҳибкасб ҳам шуда наметавонад. Талаби замони имрӯза пеш аз ҳама дараҷаи баланди инкишофи тафаккур мебошад, то ин ки шахс бо навтарин технологияи иттилоотӣ кор ва фаъолият карда тавонаду аз онҳо ба таври бояду шояд истифода барад.

Бояд қайд намуд, ки барои ташаккул додани дараҷаи баланди тафаккур дар насли наврас мебояд ба таври зарурӣ аз ҷараёни таълим ва тарбия истифода барем. Чараёни дурусти таълиму тарбия мувофиқи ақида олимони машҳури соҳаи психологияи синну солӣ ва педагогӣ Давидов В.В., Элконин Д.Б. ва шогирдони онҳо метавонад дар насли наврас дараҷаи баланди инкишофи тафаккуро ба роҳ монад. Ба ақидаи Л.С. Виготский ва С.Л. Рубинштейн ҳам танҳо ҷараёни таълим ва тарбияи насли наврас қодир аст, ки дар навҷавонон зинаҳои назтиктарини инкишофро пайдо намоем, зеро ҷараёни таълим ва тарбияи насли наврас фаъолияти пешбаранда дар ҳамин синну сол ба ҳисоб мераваду дар насли наврас бояд имконияти баландтари дарки олами иҳотакардашуда ба роҳ монда шавад.

Як гурӯҳи олимон ба мисли Жан Пиаже ва шогирдони ӯ ақида доранд, ки агар хонанда дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ таҳсил намояд бо мурури замон дар ӯ зинаҳои баланди тафаккур ташаккул меёбанд ва мазмун ва мундариҷаи

ҷараёни таълим ва тарбияи насли наврас ба ин протсесс ягон таъсире намерасонад. Тадқиқоти олимони дигари собиқ Иттифоқи Шӯравӣ Давидов В.В., Элконин Д.Б. ва шогирдони онҳо нишон медиҳанд, ки мазмун ва мундариҷаи ҷараёни таълиму тарбияи насли наврас ба ҷараёни инкишофёбии тафаккур таъсири ҷиддӣ мерасонад.

Афсӯс, ки мазмун ва мундариҷаи китобҳои дарсии имрӯза дар мактабҳои имрӯза ба инкишоф додани тафаккури насли наврас равона карда нашудааст. Баръакс, мазмун ва мундариҷаи китобҳои дарсии имрӯза дар мактабҳои имрӯза ба инкишоф додани қобилияти пасти фикрии насли наврас равона аст. Ба воситаи ин қобилияти пасти фикрӣ ба насли наврас ниҳоят мушкил аст, ки донишҳои зарурии омӯзиши технологияи навтарини иттилоотиро аз худ намоянд. Хонандагони дорои қобилияти пасти фикрӣ дар ҷараёни таълиму тарбия ба аломатҳои зоҳирӣ ва камаҳмияти ашё ва ҳодиса эътибор дода масъалаҳои таълимиро бо роҳи хатто ҳал менамоянд ва ё тамоман аз уҳдаи ҳалли онҳо намебарояд.

Барои дар насли наврас ташаккул додани қобилияти пасти фикрӣ мебояд мазмун ва мундариҷаи китобҳои дарсӣ ва маҳорати педагогии омӯзгоронро тағир бидиҳем. Дар чунин ҳолат дар насли наврас қобилияти пасти фикрӣ метавонад ташаккул ёбад.

Қобилияти фикрии насли наврасро таҳлил намуда, психологи машҳури рус Элконин Д.Б., Давидов В.В. ва шогирдони онҳо типҳои тафаккури эмпирикӣ ва назариявиро ошкор намуданд. Тафаккуре, ки дар асоси таҳлилу таркиб кардани аломатҳои зоҳирии предмету ҳодисаҳо ҳосил мешавад, ба ақидаи В.В. Давидов, тафаккури ақлӣ-эмпирикиро ташкил медиҳад. Ҷараёни фикр дар ин гуна тафаккур дар атрофи мафҳумҳои «умумӣ» сурат мегирад. Вазифаи ин типи тафаккур аз таснифоти «маълумотномаҳо» иборат мебошад [4]. Ин типи фаъолияти фикрӣ соҳаҳои васеи фаъолияти одамонро фаро гирифтааст: вай ба одамон имконият медиҳад, ки онҳо чӣ дар олами маъмули предметӣ, чӣ дар олами гуногунии серсоҳаи фарқкунандаи аломатҳо як предметро бо предмети дигар муқоиса намуда, онҳоро ба гурӯҳҳо тақсим намоянд. Мисли онро ҳаёти ҳаррӯза тақозо мекунад. Типи эмпирикии фаъолияти фикрӣ ба ҷудо кардани аломату хосиятҳои сатҳӣ, номуҳими предмету ҳодисаҳо меоварад ва имконияти онро дорад, ки масъала бо роҳи ҳолатҳои хусусӣ ҳал карда шавад.

Типи назариявии фаъолияти фикрӣ бошад, аломату хосиятҳои муҳими предмету ҳодисаҳоро ҷудо мекунаду имконият медиҳад, ки ҳангоми дида баромадани масъалаи додашуда на ҳалли хусусии он, балки ҳалли барои ҳамаи ҳолатҳои якҷинса мувофиқбуда ёфта шавад. Фаъолияти фикрии назариявӣ дар асоси таҳлили маъногӣ сурат гирифта, роҳу усул, яъне занҷири ҳалли проблемаҳоро мекушояд. Типи назариявии фаъолияти фикрӣ дар ҷараёни ҳалли масъалаҳо пурмаҳсул буда, бо ёрии қисматҳои зерин амалӣ мегардад: таҳлили назариявӣ, банақшадарорӣ ва рефлексия.

Қайд кардан зарур аст, ки амали фикрии таҳлили назариявӣ воситаи ҷустуҷӯ ва ошкор намудани қонуният ва алоқамандиҳои муҳими байни объектҳои муоинашаванда мебошад. Амали банақшадарорӣ фикран муайян карда тавонистани пайдарпайии амалҳое мебошад, ки ба ҳалли дурусти масъалаи додашуда оварда мерасонад. Амали рефлексия-ин асоснок карда тавонистани амалиёти фикрии худ ва худназоратнамоӣ дар ҷараёни фикронӣ мебошад. Агар одам дорои ин се унсурҳои таркибии тафаккури назариявӣ бошад, гуфтан мумкин аст, ки ӯ дорои типи назариявии фаъолияти фикрӣ аст.

Психологи тоҷик Атахонов Р. дар тадқиқотҳои худ ошкор кардааст, ки «…дар синну соли бачагӣ типи эмпирикии фаъолияти фикрӣ хеле пештар аз тафаккури назариявӣ зоҳир мешавад ва фаъолияти фикрии шахс зина ба зина инкишоф ёфта метавонад. Дар сурати дуруст ба роҳ мондани ҷараёни таълиму тарбияи насли наврас, фаъолияти фикрии онҳо метавонад аз зинаи пасти эмпирикӣ то ба зинаҳои баланди аналитикӣ, банақшадарорӣ ва рефлексивӣ инкишоф ёбад» [2, с. 28-29].

Зинаи аналитикии фаъолияти фикрӣ дар одамоне мушоҳида карда мешавад, ки дар ҷараёни ҳалли масъала амали таҳлили назариявиро зоҳир менамоянд. Масалан, беҳтарин духтурони ташхисгари бемории одамон дорои зинаи аналитикии тафаккуранд. Зинаи банақшадарорӣ дар одамоне дида мешавад, ки дар ҷараёни ҳалли масъала амалҳои таҳлили назариявӣ ва банақшадарориро зоҳир менамоянд. Ин зинаи фаъолияти фикрӣ дар шоҳмотбозони соҳибтаҷриба ва барномасозони компютерӣ хуб мушоҳида мешавад. Зинаи рефлексивӣ дар одамоне мушохида мешавад, ки дар ҷараёни ҳалли масъала амалҳои таҳлили назариявӣ, банақшадарорӣ ва рефлексияро зоҳир менамоянд. Зинаи рефлексивии фаъолияти фикрӣ дар фаъолияти олимон дар лаҳзаи исботи теоремаҳои математикӣ, техникӣ ва ғайраҳо хуб ба чашм мерасад.

Вобаста ба он ки амалҳои фикрии тафаккури назариявӣ (таҳлили назариявӣ, банақшадарорӣ ва рефлексия) дар маводи кадом предмет ва фан амалӣ мешаванд, фаъолияти фикрии назариявӣ мазмуни гуногуни предметиро мегирад. Дар асоси мазмуни предметии фаъолияти фикрӣ чунин намудҳои тафаккури назариявиро фарқ намудан мумкин аст: математикӣ, физикӣ, химикӣ, техникӣ, лингвистӣ ва ғайраҳо. Дар ин намудҳои тафаккури назариявӣ алоқамандии тафаккур ва донишҳои фаннӣ мушоҳида карда мешавад. Донишҳои предметӣ ба фаъолияти фикрии назариявӣ имконият медиҳанд, ки бо истифода аз онҳо дар ин соҳа амалҳои фикрии гуногунро ичро намояд. Масалан, фаъолияти фикрии физикӣ дар хонандае мушоҳида карда мешавад, ки дорои фаъолияти фикрии назариявӣ асту оид ба фанни физика дониши хуб дорад. Дар сурати надоштани дониши хуби физикӣ фаъолияти фикрии хонанда наметавонад, ки амалҳои таҳлили назариявӣ, банақшадарорӣ ва рефлексияро дар маводи фанни физика истифода барад, яъне хонанда фаъолияти фикрии физикиро зоҳир намекунад.

Барои дар толибилмон ташаккул додани тафаккури математикӣ, физикӣ, химикӣ, техникӣ, лингвистӣ ва ғайраҳо зарур аст, ки ба онҳо донишҳои предметиро омӯзонида, фаъолияти фикрии назариявиашонро ташаккул диҳем. Тадқиқотҳо нишон медиҳанд, ки дар шароити таълими анъанавӣ танҳо дар толибилмони фаъол зина ба зина фаъолияти фикрии назариявӣ ташаккул меёбад. Ба ақидаи В.В. Давидов, барои дар ҳамаи толибилмон ташаккул додани фаъолияти фикрии назариявӣ зарур аст, ки толибилмон аввал донишҳои умумиро аз худ намуда, баъд ба донишҳои хусусӣ гузаранд. Агар хонанда тарзи ҳалли умумии мисолу масъалаҳоро дарк намуда бошад, пас ӯ метавонад барои ҳолатҳои хусусӣ низ ин амалро ичро намояд [4]. Ҳамин тавр толибилмон метавонанд на барои ҳолатҳои алоҳида, балки барои ҳамаи ҳолатҳо масъалаи фикриро ичро намояд, ки чунин хусусият ба шахсони фаъолияти фикрии назариявӣ дошта хос мебошад. Масалан, агар толибилмон бо забони англисӣ қоидаи тартиб додани ҷумларо донад, ӯ метавонад бехато дар ҳар мавзӯъ ҷумлаҳоро тартиб дода, фикрашро баён намояд.

Кӯшиши он ба назар мерасад, ки хусусиятҳои психологии типҳои эмпирикӣ ва назариявии фаъолияти фикрӣ дар як қатор тадқиқотҳои солҳои охир шарҳ дода шаванд. Агар кӯшишҳои нахустини зуҳуроти тафаккури эмпирикӣ ва назариявӣ алоқаманд бошанд, дар тадқиқотҳои минъбада хусусиятҳои инкишофи фаъолияти фикрии назариявӣ вобаста ба дараҷаи ташаккулёбии қисмҳои таркибии он – таҳлили назариявӣ, банақшадарорӣ ва рефлексия омӯхта мешуданд.

Тавассути тадқиқотҳои психологи тоҷик Р. Атахонов ошкор гардида буд, ки дар синну соли бачагӣ фаъолияти фикрии эмпирикӣ хеле пештар аз тафаккури назариявӣ зоҳир мешавад, чунки масъалаҳоеро, ки доир ба санҷиши мавҷудияти таҳлили назавриявӣ, банақшадарорӣ ва рефлексия ба онҳо пешниҳод мекарданд, аз синф ба синф шумораи зиёдтари толибилмон дуруст ҳал мекарданд. Дар тадқиқотҳои Ле Тхи Кхан Тхо, В.В.Давидов, А.З. Зак ошкор карда шуда буд, ки дар бачаҳои синни хурди мактабӣ гузариш аз зинаи эмпирикии инкишофи фаъолияти фикрӣ ба зинаи назариявии фаъолияти фикрӣ ва дар дохили тафаккури назариявӣ гузариш аз

зинаи аналитикӣ ба зинаи банақшадорӣ ва ба зинаи рефлексивӣ мушоҳида карда мешавад. Илова бар ин, далелҳои эътимодноки он фикрҳо мавҷуд буданд, ки масалан, маҳорати иҷро карда тавонистани амали фикрии банақшадорӣ имконияти иҷро карда тавонистани амали фикрии рефлексияро ба вуҷуд меорад, вале онро пурра таъмин наменамоянд. Баръакс, дуруст иҷро карда шудани рефлексия чунин маъно дорад, ки одам амали фикрии таҳлили назариявӣ ва банақшадарориро иҷро карда метавонад, иҷро кардани амали фикрии бапландарорӣ иҷро карда тавонистани амали фикрии таҳлили назариявиро дар назар дорад.

Ҳамин тавр, мавҷудияти чунин пайдарпайии ташаккул ва зуҳуроти таҳлили назариявӣ, банақшадарорӣ ва рефлексия дар фаъолияти фикрии назариявӣ имконият медиҳад, ки онҳо ба сифати зинаҳои асосии инкишофи фаъолияти фикрӣ қабул карда шаванд.

Иҷро карда тавонистани таҳлили назариявӣ аломати эмпирикӣ будани фаъолияти фикрӣ мебошад. Аз ҳамин сабаб зинаҳои зерини инкишофи фаъолияти фикрӣ мавҷуданд: зинаи эмпирикии инкишофи фаъолияти фикрӣ (Э), зинаи аналитикии инкишофи фаъолияти фикрӣ (А), зинаи банақшадарории инкишофи фаъолияти фикрӣ (АП), ва зинаи рефлексиви инкишофи фаъолияти фикрӣ (АПР), ки он аз ташаккули тафаккури навзариявӣ шаҳодат медиҳад.

Мебояд ба чунин ҳолат бояд эътибори ҷиддӣ дода шавад, ки гузариш аз зинаи эмпирикӣ ба назариявӣ бисёр маҳдуд аст. Аз зинаи аналитикӣ ба банақшадарорӣ ва аз банақшадарорӣ ба рефлексивӣ нисбатан бештар мушоҳида мешавад.

Дорандаи зинаи эмпирикии инкишофи фаъолияти фикрӣ толибилмоне дохил мешаванд, ки аз иҷрои супориш барои амалигардонии амали фикрии таҳлили назариявӣ набаромаданд. Шумораи ин гуна толибилмон бисёр мебошад. Сабаби сершумор будани намояндагони зинаи фаъолияти фикрӣ дар он аст, ки мактабҳои миёнаи мукаррарӣ (ҷараёни таълим дар онҳо) ба ташаккули фаъолияти фикрии эмпирикӣ равона карда шудааст.

Ҳамин хел, тадқиқотҳои психологии Р. Атахонов нишон медиҳанд, ки «…дар мактабҳои маҳалҳои дурдасти Тоҷикистон шумораи толибилмони зинаи эмпирикии инкишофи тафаккурдошта 80- 90%-ро дар бар мегирад ва дар баъзе толибилмони дигар, ки нисбат шароити беҳтари таълим доранд, 70-80% мебошад. Мактабҳои шаҳр, ки дар онҳо нисбатан ҷараёни дурусти таълим ва тарбия ба роҳ монда шудааст, имкон медиҳанд, ки дар 60-70 фоизи толибилмон зинаи эмпирикии инкишофи фаъолияти фикрӣ мушохида шавад» [2, с. 69-70].

Вобаста ба он, ки хонандагони зинаи эмпирикии инкишофи тафаккурдошта, қисми бисёри толибилмонро ташкил медиҳанд, омӯзгорон низ мазмуни дарсии худро ба имкониятҳои пасти онҳо мувофиқ намуда, дарс мегузаронанд. Дар байни толибилмони зинаи эмпирикии инкишофи тафаккурдошта толибилмони сустхон, миёна ва аълочӣ низ вомехӯранд. Сустхон барои он мешаванд, ки ба болои қобилияти пасти азхуднамоии дониш, онҳо боз танбалӣ карда, дарс тайёр намекунанд. Толибилмони аълочӣ, имконияти пасти азхуднамоии дониш дошта бошанд ҳам, меҳнатдӯст мешаванд ва аз тарафи волидонашон назорат мушоҳида мешаванд. Онҳо бо азобу машақат вақти бисёри худро ба дарстайёркунӣ сарф намуда, соҳиби дониш мешаванд, аммо дар онҳо мустақилӣ мушоҳида намешавад.

Дорандаи зинаи аналитикии инкишофи тафаккури назариявӣ толибилмоне мебошанд, ки имконияти иҷрои амали фикрии таҳлили назариявиро доранду аз иҷрои супориш барои амали фикрии банақшадарорӣ набаромадаанд. Имкониятҳои азхуднамоии дониш дар ин гурӯҳи толибилмон беҳтар аст. Онҳо нисбат ба эмпирикҳо ба осонӣ ба мазмун ва мундариҷаи супоришҳои дарси сарфаҳм рафта, онҳоро ҳал менамоянд ва ҳатто тарзи ҳалли як супоришро дар иҷро намудани масъалаҳои якҷинсаи дигар истифода мебаранд. Қобилияти аз худ намудани донишҳои абсрактиро доранд.

Толибилмони ба гурӯҳи банақшадароранда воридшуда (яъне, дорандаи зинаи банақшадарории инкишофи тафаккури назариявӣ) онҳое мешаванд, ки аз иҷрои супориши амали фикрии банақшадарорӣ баромада, супориши амали фикрии рефлексияро иҷро карда наметавонад. Ин толибилмон нисбат ба хонандаҳои зинаи эмпирикӣ ва аналитикии тафаккури назариявӣ имкониятҳои васеъдоранд. Онҳо ҳар як амали худро аввал фикран иҷро намуда, сонӣ дар амалия нақшаи фикри худро татбиқ менамоянд. Онҳо қобилият доранд, ки фикран роҳи оптималии иҷрои амалро муқаррар намуда, сонӣ амал намоянд. Чунин имкониятҳои банақшадарории ақлӣ, ба ин толибилмон замина мешаванд ки ба осонӣ супоришҳои мактабиро иҷро намуда, бо баҳои хубу аъло хонанд.

Ба шахсони зинаи рефлексивии инкишофи тафаккури назариявӣ толибилмоне дохил мешаванд, ки супориши барои амалигардонии амали фикрии рефлексияро иҷро карда тавонистанд. Агар толибилм зинаи рефлексивии инкишофи тафаккурро доро бошад, пас дар вай тафаккури назариявӣ ба пуррагӣ ташаккул ёфтааст.

Дар тадқиқотҳои Р. Атахонов толибилмоне вомехӯрданд, ки «…дар зинаи эмпирикии инкишофи тафаккур қарор доштанд, вале масъалаҳоро бо ёрии омӯзгор ҳал карда метавонистанд. Чунин толибилмон одатан ба маънои луқмадиҳӣ сарфаҳм мерафтанд, масъалаҳои барои синну соли аз худашон хурдтар мувофиқбударо ҳал карда метавонистанд» [2, с. 96-97].

Дар ин гурӯҳи толибилмон заминаи ба зинаи аналитикии инкишофи тафаккури назариявӣ гузаштан мавҷуд буд ва аз ҳамин сабаб ин зинаи инкишофи тафаккур зинаи тоаналитикӣ (то Ан) номида шуд. Дигар хел карда гӯем, «минтақаи наздиктарини инкишофи тафаккури» ин толибилмон зинаи аналитикии тафаккур ба ҳисоб меравад. Дар ин зинаи инкишофи тафаккур толибилмон барои ҳал карда тавонистани масъалаҳои ба синни соли хурдтар мувофиқбуда қодиранд ва метавонанд, ки дараҷаҳои аналитикӣ, банақшадарорӣ ва рефлексивиро зоҳир намоянд. Ин маълумотҳои бадастовардашуда нишон медиҳанд, ки методикаҳои ташхиси зинаҳои инкишофи тафаккур бояд ба синну соли толибилмон мувофиқ бошанд.

Ин зинаҳои инкишофи тафаккур, ки ба қайд гирифта шуданд, дар як вақт зинаҳои пай дар пайи ташаккули тафаккур мебошад.

Аз таравфи дигар барои ташаккули шахсияти дурусти насли наврас муҳити солим бояд пеш аз ҳама дар оила, дар мактаб ва дар ҷомеа вуҷуд дошта бошад. Муҳити мувофиқ боиси ташаккулёбии хислатҳои олии шахсияти кӯдакон шуда, метавонад худбаҳодиҳии мувофиқро дар онҳо пайдо намуд. Зеро худбаҳодиҳи шахс дар навбати худ яке аз қисматҳои таркибии шахсияти насли наврас аст.

Баҳодиҳӣ ва худбаҳодӣ яке аз унсурҳои муҳими сохти психологии шахсияти насли наврас ба шумор мераванд, ки нисбат ба дигар масъалаҳои он бештар мавриди тадқиқ қарор ёфтаанд. Хонандагони синну соли калони томактабӣ тавассути дар системаи муносибатҳои ҷамиятӣ иштирок намудан ва бо одамон муошират карданаш, худро чун субъекти ҳолат, амал ва протсессҳои психикии худ эҳсос мекунад ва нисбат ба худаш чун «Ман»-е баромад мекунад, ки ба «дигарон» муқобил аст ва дар айни замон алоқаи зич дорад. Мафҳуми «Ман» онро ифода мекунад, ки насли навраси хурдсол айнияти худро ба худаш дар гузаштаю ҳозира ва оянда мефаҳмад. «Ман» қатъӣ назар ба дигаргуниаш дар вазъиятҳои гуногуни ҳаётӣ, новобаста аз тағйирёбии шуур, ақидаю мақсадҳо барои хурдсолон ҳамон «Ман» аст, ки дирӯз буд, айни замон ҳаст ва дар оянда ҳамон хел хоҳад буд.

Баҳодиҳии «Ман» натиҷаи муқоисаи доимии чизи дар худ дидаи кӯдакони синну соли хурди томактабӣ бо чизи дар дигарон дидаи ӯ мебошад. Хурдсолон дар бораи худ маълумот ҷамъ намуда, онро бо маълумотҳои дар бораи дигарон доштааш муқоиса мекунад, ин гувоҳи он аст, ки ӯ нисбати сифатҳои шахсӣ, рафтор ва зӯҳуроти худ бепарво нест. Ба ибораи дигар - хурдсолон соҳиби гурӯҳи реферантӣ (реалӣ ё идеалӣ) мебошад, ки ба он доимо аҳамият медиҳад ва дар он нишондиҳандаҳои

арзишноки ҳаётӣ, шавқу ҳавас ва идеалҳоеро пайдо мекунад, ки ба худи ӯ низ дахл доранд. Хурдсолон дар рафти муқоиса кардани худ бо эталони (намуна) муқоисашаванда аз натиҷаи санҷиш қаноатманд мешавад ё қаноатманд намешавад.

Дар насли наврас ду намуди худбаҳодиҳӣ: худбаҳодиҳии мувофиқ ва худбаҳодиҳии номувофиқ мушоҳида мешавад. Худбаҳодиҳии номувофиқ дар навбати худ ба ду намуд: худбаҳодиҳии дарҷааш баланд ва худбаҳодиҳии дарҷааш паст ҷудо мешавад.

Худбаҳодиҳии баланд нишонаи ба имкониятҳои худ аз будаш зиёд баҳо додани хурдсолон мебошад. Ин намуди худбаҳодиҳӣ одатан хурдсолонро ба зиддияти атрофиён дучор гардонида, барои ӯ ташкили муносибатҳои солимонаи байнишахсиро мушкил мегардонад.

Худбаҳодиҳии паст нишонаи ба қобилияту имкониятҳои худ боварӣ надоштани хурдсолон мебошад. Вобаста ба он насли наврас дар иҷрои фаъолият ташаббусро аз даст дода, нисбати худ қадрношиносӣ мекунад.

Худбаҳодиҳии мувофиқ ба насли наврас имконият медиҳад, ки ба худ аз нуқтаи назари танқидӣ муносибат карда, қувваю имкониятиҳои худро барои ҳалли масъалаҳои гуногун ва талаботҳои атрофиён мувофиқ гардонад. Ин намуди худбаҳодиҳӣ шарти зарурии ташаккули шахсияти насли наврас мебошад.

Дар ин тадқиқот кушиши зоҳир намудани алоқамандии тафаккур ва худбаҳодиҳии насли наврас карда шуд. Барои ин аз методи ташхисии зинаи аналитикии тафаккури назариявӣ, ки бо номи “Квадратҳо” шинохта мешавад ва аз ҷониби психологи тоҷик Н.Қ. Амонов коркард шудааст, истифода шуд [1, с. 76-79]. Бо истифода аз ин методика дарҷаи инкишофи тафаккури хонандагони синфи 8 ташхис карда шуд. Аз тарафи дигар, барои ошкор намудани алоқамандии тафаккур бо худбаҳодиҳии наврасон аз методикаи худбаҳодиҳии шахс истифода бурдем [5, с.15-17].

Натиҷаҳои ба дастоварда чунин буданд, ки аз 25 нафар хонандаи дар тадқиқот иштирокдошта, 7 нафарашон зинаи аналитикии инкишофи тафаккурро доро буданд, ҳамагӣ 30 фоизро ташкил медоданд. Тавассути методикаи худбаҳодиҳии шахс ошкор гардид, ки аз 7 нафар хонандагони зинаи аналитикии инкишофи тафаккур нишондода, 4 нафар зинаи баланд, 3 нафар зинаи муътадили худбаҳодиҳиро доро будан. Дар хонандагоне, ки дорои зинаи аналитикии инкишофи тафаккур буданд, дарҷаи пасти худбаҳодиҳӣ мушоҳида нагардид. Пас, дар асоси маълумотҳои бадастоварда, гуфтан мумкин аст, ки хонандагони дорои зинаи аналитикии инкишофи тафаккур асосан дарҷаи баланди худбаҳодиҳиро ё ақалан зинаи муътадили худбаҳодиҳиро зоҳир менамоянд. Пас, онҳо ба худ бештар боварӣ дошта, хусусиятҳои мусбии шахсияти худро бештар мушоҳида менамоянд. Дар ҳалли масъалаҳои фикрӣ низ ба худ ва имкониятҳои фикронии худ боварӣ дошта, кушиш мекунанд, ки супоришҳоро мустақилона иҷро намоянд.

АДАБИЁТ

1. Амонов Н.К. Тафаккур: ташхис ва инкишоф – Душанбе, 2014. - 176 с.
2. Атаханов Р. Математическое мышление и методики определения уровня его развития / Под научной ред. Действительного члена РАО, профессора В.В. Давыдова – Москва- Рига, 2000, 208 с.
3. Выготский Л.С. Мышление и речь // Собрани сочинений: в 6-ти т. Т.2. /Под ред. В.В. Давыдова. – М.: Педагогика, 1982. – 504 с.
4. Давыдов В.В. Проблемы развивающего обучения: Опыт теоретического и экспериментального психологического исследования. – М.: Педагогика, 1986. – 240 с.
5. Шахс ва муносибатҳои байни шахсҳо / Тартибдиҳанда Р. Атохонов – УДТ. - Душанбе, 1986. – 44с.
6. Рубинштейн С.Л. О мышлении и путях его исследования. – М.: Изд-во АН СССР, 1958. – 148 с.

АЛОҚАМАНДИИ ТАФАККУР ВА ХУДБАҲОДИҲИИ ШАХСИИ ХОНАНДАГОН

Дар мақолаи мазкур сухан дар бораи тафаккур, худбаҳодиҳии насли наврас ва алоқамандии байни онҳо меравад. Имрӯзҳо суръати баланди тараққиёти илму техника талаб менамояд, ки дар насли навраси имрӯза маҳорату малакаи баланди фикронӣ ташаккул дода шавад. Тадқиқотҳои

психологон нишон медиҳанд, ки қобилияти баланди фикрони дар насли наврасе мушоҳида мешавад, ки дорои типи назариявии тафаккур мебошанд. Типи назариявии тафаккур худ дорои зинаи аналитикӣ, банақшадарорӣ ва рефлексия аст. Барои ташаккул додани зинаҳои баланди тафаккур, яъне зинаи аналитикӣ, банақшадарорӣ ва рефлексия дар насли наврас мебояд мазмун ва мундариҷаи таълимро тағир диҳем. Дар барорбари ин, дар муаллимон маҳорати баланди педагогӣ, роҳҳои ташаккули қобилияти баланди фикронӣ омӯзонида шавад. Дар мақолаи мазкур кӯшиш ба харҷ дода мешавад, ки алоқамандии маҳорати баланди фикронии насли наврас худбаҳодиҳии онҳо зоҳир карда шавад.

Калидвожаҳо: муаллим, насли наврас, қобилияти фикронӣ, методикаи ташхисӣ, тафаккур, эмпирикӣ, аналитикӣ, банақшадарорӣ, рефлексия, худбаҳодиҳӣ.

ВЗАИМОСВЯЗЬ МЫШЛЕНИЯ И САМООЦЕНКИ ЛИЧНОСТИ УЧАЩИХСЯ

В данной статье рассматривается мышление, самооценка и их взаимосвязь у подрастающего поколения. В эти дни высокая скорость развития науки и техники требует от подрастающего поколения высокий уровень умения и навыки мышления. Психологические исследования показывают, что высокий уровень умения и навыки мышления наблюдаются у школьников, которые имеют теоретический тип мышления. Теоретическое мышление имеет аналитический, планирующий и рефлексирующие уровни. Для формирования высокого уровня теоретического мышления необходимо изменить суть и содержание обучения подрастающего поколения. Наряду с этим, необходимо у педагогов развивать педагогическое мастерство и умение развивать мышление у учащихся. Поэтому в данной статье делаются попытки выявления взаимосвязи между мышлением и самооценки подрастающего поколения.

Ключевые слова: преподаватель, подрастающее поколение, умственные способности, диагностические методы мышления, эмпирический, аналитический, планирующий, рефлексия, самооценка.

THE RELATIONSHIP BETWEEN STUDENT THINKING AND SELF-ESTEEM

This article discusses thinking, self-esteem and their relationship in the younger generation. These days, the high rate of development of science and technology requires a high level of skill and thinking skills from the younger generation. Psychological studies show that a high level of skill and thinking skills are observed in students who have a theoretical type of thinking. Theoretical thinking has analytical, planning, and reflective levels. To form a high level of theoretical thinking, it is necessary to change the essence and content of training for the younger generation. Along with this, it is necessary to develop teachers 'pedagogical skills and the ability to develop students' thinking. Therefore, this article attempts to identify the relationship between thinking and self-esteem of the younger generation.

Keywords: teacher, younger generation, mental abilities, diagnostic methods of thinking, empirical, analytical, planning, reflection, self-assessment.

Сведение об авторе: ***Тохиров Шаҳбоз*** – Таджикский национальный университет, магистр кафедры психологии философского факультета Таджикского национального университета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. Телефон: **919-03-10-40**

Information about the author: ***Tohirov Shahboz*** - Tajik National University, magistor of the Department of Psychology, Faculty of Philosofy, Tajik National University. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **919-03-10-40**

КАЛИМАҲОИ СОХТАИ ИФОДАГАРИ РАНГҲО ДАР ЭҶОДИЁТИ ФАРЗОНА

Баротов Д. А.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Тамоюли гуногуни ифодаи тобишҳои хелҳои рангро гурӯҳи дуюми вожаҳои ифодакунандаи ранг калимаҳои сохтае ташкил медиҳанд, ки мафҳуми рангро дар заминаи қиёс ифода мекунанд. Барои қиёс одатан ашёи хосе интихоб мешаванд, ки ин ё он ранг дар онҳо равшан акс ёфтааст ва ранги онҳо табиатан устуворанд. Ин калимаҳо тобишҳои ҷудогонаи рангҳои алоҳидаи гурӯҳи якум – калимаҳои аслиро ифода мекунанд. Масалан, барои ифодаи тобишҳои дигари ранги зард калимаҳои **норинҷ, турунҷ, заъфарон** барин истифода мешаванд, ки бо илова намудани пасванди –ӣ ба номи ранг табдил меёбанд. Вожаҳои номбурда ҳарчанд ба гурӯҳи воҳидҳои луғавии ифодакунандаи ранги зард дохил шаванд ҳам, вале онҳо ранги махсуси аз аслии зард фарқкунандаро далолат мекунанд. Масалан, норанҷӣ ранги зарди сурхчатоб мебошад ва ё турунҷ ҳам зард аст, аммо сиёҳтоб ва ғайра. Аксари ин навъи рангҳо ҳам собиқаи тӯлонии ба садсолҳо пешро доранд, ки дар лӯғатномаҳои пешину имрӯз номи рангҳоро ифода мекунанд. Дар адабиёти ба хусусияти рангҳо бахшидашуда ташхиси этимологии онҳо ба ҳукми анъана даромадааст. Аз ин рӯ, барои муайян кардани тобишҳои рангҳои алоҳида онҳоро ба гурӯҳҳои ҳамранг ҷудо карда, то дараҷае ҷиҳати этимологиашонро низ ба этибор гирифтан зарур мешавад. Чунин заруратро иқтибосӣ будани миқдоре аз вожаҳои ифодакунандаи рангҳои гурӯҳи дуввум ва дар тӯли ҳазор сол аз таркиби луғати забон хориҷ шудани баъзе аз онҳо низ тақозо дорад.

Силсилаи вожаҳои номи рангҳои сохта, ки дар эҷодиёти Фарзона ба кор рафтаанд, ба гурӯҳҳои зерин ҷудо кардан мумкин аст:

Нилӣ ранге аст аз навъи кабуд, ки сиёҳтоб мебошад. Вожаи мазкур аз калимаи **нил** ба вуҷуд омадааст, ки дар луғатҳо аз ҷумла омадааст:

НИЛ ҳ. 1 نیل. бот. гиёҳест дар мамлакатҳои гарм, ки аз шираи он ранги нилӣ мегиранд; индиго. 2. ранги кабуди баланди сиёҳтоб, ранги лоҷувардӣ, нилӣ.

Аммо дар эҷодиёти Фарзона дар ин шакл (нил) истифода нагардидааст. Дар шакли нилӣ, ки зикраш дар боло рафт, зиёд ба кор рафтааст. Дар ФТЗТ ин вожа ба тариқи зер шарҳ ёфтааст:

НИЛӢ نیلی ба ранги нил, ранги кабуди сиёҳчатоб, нилгун; гунбади нилӣ *кин.* Осмон.

Фикри худро баъд аз ин боло чаронам боз, боз,
Ҳафт ҷилди нилии қомуси гардун во кунам.

Дар баёти боло нилӣ ранги осмонро ба маънои «кабуди баланд, сиёҳтоб» омадааст.

Дар мисраъҳои зерин бошад вожаи номгирифта ба ҷойи ранги сабз истифода шудааст:

Байни чашмони ману чашмони нилии баҳор
Айнаке девори шаффофи булӯрӣ мегузорад.

Дар баёти дигар бошад, ба назари мо, «гунбади нилии мино» киноя аз осмон ё, умуман дунё мебошад:

Чун туро дндам, таманно чаппа шуд,
Гунбади нилии мино чаппа шуд.
***
Вале ба хогири ин як дона
Бигӯ, бигӯ, ки чаро осиёбаки нилӣ

бетанаффус моро гирд мегардонад.

Дар пораи боло ҳам калимаи нилӣ бо вожаи осиёбак ҳамнишин шуда маънои «дунё, гардун»-ро ба вуҷуд овардааст.

Калимаи нилгун низ пурра он рангро медиҳад, ки дар бораи нилӣ гуфта шуд ва ин вожа низ дар ашъори шоира истеъмол гардидааст. Дар луғатҳо низ ба ҳамон маъноҳо дарҷ шудааст:

НИЛГУН نیلگون ба монанди ранги нил кабуд; нилобӣ: осмони нилгун:

Эй барқ, биё, ки барфурӯзӣ

Оинаи нилгуни дилро.

Дар порчаи болоӣ нилгун маънои «сиёҳтоб»-ро додааст ва дар байти минбаъд ҳам айнан ҳамин маъноро медиҳад – «тумани нилгун», маълум аст, ки туман нилгун намешавад, балки кабуди сиёҳранг шуданаш мумкин:

Тумани нилгун, бигӯ, хонад

Дар сарам ояҳо хамӯш –хамӯш.

«Нуҳ гунбади нилгуна» киноя аз нуҳ сайёраи осмонист:

Ҳафтоду ду миллати ҷаҳон ёри ту буд,

Нӯҳ гунбади нилгуна дастори ту буд.

Аммо дар байти зер бошад, нилгун вожаи сабзро иваз кардааст, ки дар мавридаш дар шарҳи «сабз» гуфта гузаштем: «**бахти сабз**»:

Ҷонам фусурдаоҳ, чашмам тиҳинигоҳ,

Эй **бахти нилгун**, шабҳои ширмоҳ.

***

Бо чашмҳои боз бар нилгун само

Ту мекунӣ хитоб: Эй раъд, марҳабо!

ТИРА I تیره 1. торик, тор; сиёҳ. 2. гилолуд, ғайрисоф (об); бахти тира бахти сиёҳ, бахти бад, бахти шум; хоки тира хоки сиёҳ; чашми тира чашми хира; чашми қувваи биноияш кам; ҳавои тира ҳавои гирифта (абрнок); тира гаштан (шудан) а) торик (хира) шудан; б) гилолуд шудан; в) бад шудан, шиддат пайдо кардан (муносибат, робита); тира гаштани ақл халал пайдо намудани ақл, ошуфтагии ақл; тира кардан торик кардан; гилолуд кардан; тираву тор сахт торик, торику сиёҳ.

Дӯст, таъзирам бикун.

Эй пуропур аз фурӯғи эзидӣ,

як бор таъсирам бикун.

Дӯст, бо анвори полояндаат

тирагиҳои маро ислоҳ кун.

Дар пораи шеърие, ки дар боло қарор дорад, «тира» ё «тирагӣ» ба кор бурда шудааст, ки ба фикри мо маънои «гуноҳ, хато»-ро дорад, ки ин маънӣ дар фарҳангҳо қайд нагардида. Дар мисраъҳои зер низ вожаи мазкур ба маънои «одами мағруру худписанди нодон» омадааст, ки ғайр аз худаш дар дигарҳо айбе ё гуноҳеро пайдо мекунад ва ин маъно низ сохтаи хонум Фарзона аст:

Эй **тира**, залолат аст кибре, ки турост,

Дар хулқи ту сояи накӯӣ анқост.

Беҳуда накун қазовати кори касон,

Чун довари ростини мо дар болост.

Дар порчаи шеърии зерин шоира Фарзона вожаи зери назарро ба маънои «тарс, ҳарос» ба кор бурдааст:

Аз т**ирагии** кобус,

Аз ҳузну безиёӣ.

Бо партави ниёиш,

Пайғамбаро, раҳоӣ.

Дар байтҳои зайл воҳиди луғавии тира дар шакли тирафом омада бо ҳамнишинӣ бо калимаи захм маънои маҷозии «гуноҳ кардан»-ро додааст:

Инак, ин захми **тира**фоми маро
Бо ҳарири сиёҳи шом бипӯш.

Дар умум, маънои байт ба назари мо, «вақти хондани намози шом расидааст ва мо омурзиши гуноҳхоро таманно дорем», мебошад.

Аз куҷо тори нуқрагун пайваст
Ба сафи мӯйи **тирафоми** ман.

Дар ин байт **тирафом** ба маънои аслии худ – **сиёҳ** ба кор рафта, байт чунин маъно дорад: «Аз куҷо дар байни мӯйҳои сиёҳи сар «тори нуқрагун», яъне мӯйи сафад пайдо шудааст».

Як туӣ, андалеби беовоз,
Огаҳ аз сӯзи нотамоми ман.
Балки танҳо бод, боди асри санг
Мезанад дарвозаҳои **тира**ранг.

Вожаи **тира** ба маънои «бад» низ омада метавонад:

Мехӯрад бухлу ҳасад ҷони туро,
Дар сарат ғайр аз хаёли **тира** нест.
***
То як сухане гӯяд, сад тарҳ диҳад рӯро,
Абрӯ ба хиром орад он тираниҳоди дун

Дар пораҳои зерини ашъори Фарзона калимаи тира дар таркиби калимаҳои сотаву мураккаб омада маъноҳои мухталифи торик, тор; сиёҳ, бахти тира **бахти сиёҳ, бахти бад, бахти шум**; хоки тира **хоки сиёҳ;** чашми тира **чашми хира; чашми қувваи биноияш кам;** ҳавои тира **ҳавои гирифта (абрнок);** тира гаштан (шудан) а) **торик (хира) шудан; б) гилолуд шудан; в) бад шудан, шиддат пайдо кардан (муносибат, робита)**; тира гаштани ақл **халал пайдо намудани ақл, ошуфтагии ақл;** тира кардан **торик кардан**; **гилолуд кардан;** тираву тор **сахт торик, торику сиёҳ** ва ғайраро додааст:

Гоҳе аз марди паҳлавон рӯяд
Писаре ганҷдузду **тира**хаёл.
***
Халқи ман бисёр халқи тундгӯст,
Ҷавҳари маънои ҳарфаш **тира**аст.
***
Ба рағми **тира**гиҳои ҷаҳолат
Каломи оташинро теғ кардам.
***
Андар сараш кулоҳи сафеди барф,
Барфиву сарду **тира** нафасҳояш.
***
Само аз абрҳои **тира** пур шуд,
Қирав мегустарад домони намнок.

АРҒУВОНӢ ارغوانی ба ранги арғувон, сурхи баланд, сурхи моил ба бунафш, суп-сурх; сурх; майи арғувонӣ **шароби сурх**; (ба) ранги арғувонӣ (ба) **ранги сурх**.

Чунонки дар фасли ранги сурх зикр карда будем, шоира Фарзона ба баъзе вожаҳои ифодакунандаи мафҳуми ранг (сабз, сурх) маъноҳои дигари хос илова намудааст. Ранги арғувонӣ, ки як навъи сурх аст, ба монанди он калима (сурх) адиб ба вожаи аргӯвонӣ низ маънои «дил»-ро додааст:

Ало, эй **арғувони** осмонӣ,
Бирӯй аз ман, бирӯ, дасти маро гир.

Дар порчаи зерин бошад, калимаи мазкур ба маъноии аслии худ корбаст шудааст:

Дар зодрӯзи сабзаи салому алайк
Гамбуски **арғувони** сияҳҳоле
бо номи шоиронаи «пар – пар»,
фархундамақдаму башоратовар,
зеботар аз кабӯтар
ногаҳ фуруд омад

«Субҳҳои арғувонӣ» дар порае аз таронаи хонум Фарзона маънои «тулуи Офтобро» медиҳад:

Кош, бо чашмони чун чашми
ту сода мешитобидам
ба табрики баҳор,
бар муборакбоди боғи сабздидор,
бар тавофи зиндагонӣ,
бар дуруди **субҳҳои арғувонӣ**.
***
Арғувонӣ шуд
Меваи зайтун.
Заъфаронӣ шуд
Боғи бемаҷнун.

Дар порашеъри боло вожаи арғувонӣ ба маънои «пухта расидани меваи зайтун» ба кор бурда шудааст, ки дар луғатҳо ин маънӣ дарҷ нагардидааст.

Бар димоғи муштоқам ин шамими ҷон табрик,
Нози нозгул табрик, шарми арғувон табрик.

Бояд тазаккур дод, ки рангҳо дар ҳар миллату халқият ва дину мазҳаб ифодакунандаи рамзҳоянд. Масалан, рангҳои миллии тоҷикон чун дигар мардуми ориёинажод ва эронитабор сурху сафеду сабз ҳастанд, ки аз гаҳи бостон то кунун замон расидаанд.

Дар ҷомеаҳои ориёӣ (ҳиндуэронӣ) табақаҳои сегонаи аслӣ бо ранги вижаи худ таъбир ва шинохта мешудаанд. Дар забони ҳиндии бостон varna- (аз решаи var- «пӯшидан») ҳам ба маънои ранг ва ҳам ба маънои табақаи иҷтимоӣ будааст. Дар забони эронии бостон низ pištra- ҳам мафҳуми ранг дошта ва ҳам маънии табақаи иҷтимоӣ. Вожаи пеша ба маънои шуғл дар забони форсӣ-тоҷикӣ аз ҳамин вожа аст.

Дар он рӯзгор ранги сафед вижаи рӯҳониён, сурх вижаи размиён ва кабуд вижаи мардум (кишоварзон ва чорводорон) будааст. Ду ранг аз он се ранг ҳануз ҳам дар дирафши Эрон ҳастанд: сурху сафед. Аммо ранги севум ба ҷои кабуд сабз гаштааст ва иттифоқан ба кори кишоварзон наздиктар аст.

Дар Эрон пеш аз густариши Ислом табақаҳои суннатии ҷомеа бино бар суннат ҷомаҳое мепӯшиданд, ки аз назари ранг бо якдигар мутафовит ва муаррифи шахсияти табақотии соҳиби ҷома буданд. Рӯҳониён, ки онҳоро осрунон меҳонданд, ҷомае сафед мепӯшиданд ва мазҳари осмонии онҳо Ҳурмузд буд. Рӯҳониёни зардуштӣ ҳануз ҳам ҷомаи сафед бар тан доранд. Ҷанговарон ё артишторон ҷомае мепӯшиданд ки сурх ва арғувонӣ дар таркиби он саҳми бисёр дошт ва мазҳарии осмонии онҳо Вой буд. Вострюшон ки дар давраи Сосониён бештар деҳқонони соддаи рустоҳоро бад-он ном меҳонданд, ҷомае нилӣ ё кабуд мепӯшиданд ва мазҳари осмонии онҳо Сипеҳр буд. Ҷомаи нилиранги деҳқонон то чанд даҳа пеш дар Эрон ҳануз ривоҷ дошт.

Ранги сурх – рамзи муборизаву ҷоннисории халқ барои озодӣ ва истиқлол, ранги сафед – нишони бахту саодат, умеду орзу ва ранги сабз – нишонаи сарсабзиву шукуфоӣ, сарбаландиву хуррамӣ ва абадият мебошад. Дар байни парчам тасвири тоҷ ва ҳафт ахтар ҷой гирифтааст, ки он ишора ба решаҳои таърихии давлатдории Тоҷикистони соҳибистиқлол мебошад.

АДАБИЁТ

1. Маҷидов Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик.Ҷ.1. Луғатшиносӣ/ Ҳ.Маҷидов - Душанбе: Деваштиҷ 2007. - 244 с.
2. Музофиршоев М. О. Наввожаҳо ва усули тавлиди онҳо дар забони адабии муосири тоҷик/М.Музофиршоев –Душанбе: Эр-граф, 2013. –172 с.
3. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Мураттибон С.Назарзода, А. Сангинов, Р Ҳошим, Ҳ. Рауфзода. – Иборат аз ду ҷилд. – Душанбе, 2008. –Ҷ.2. – 945 с.
4. Ҷаъфаров М. Тарзи ифодаи мафҳуми ранг дар як асари тиббӣ // Забоншиносии тоҷик. Маҷмӯаи мақолаҳоМ.Ҷаъфаров – Душанбе: Дониш, 1980. –280с.
5. Фарзона. Мӯҳри гули мино. –Хуҷанд: Ношир, 2006, – 400 с.
6. Фарзона. Себарга. – Хуҷанд, 2008, –300 с.

КАЛИМАҲОИ СОХТАИ ИФОДАГАРИ РАНГҲО ДАР ЭҶОДИЁТИ ФАРЗОНА

Дар мақолаи мазкур хусусият ва сохтори семантикиву функсионалии калимаҳои норинҷ, нилгун, нил, тира, арғувонӣ дар эҷодиёти Фарзона мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Ҳамчунин навовариҳои фалсафӣ-эстетикӣ ва бадеӣ-методологии вай инъикос гаштааст. Дар ин замина муаллиф таркиби луғавии ашъори Фарзонаро таҳлилу баррасӣ намуда, калимаи сафед ҳамчун калимаи умумиистеъмол вижагиҳои хосро ба худ касб менамояд. Тавре муаллиф арз менамояд, азбаски вожа сафед аз лиҳози доираи истеъмолаш ба қатори калимаҳои умумиистеъмол дохил мешавад, он ҳамчун воҳиди сермаъно барои адибу нависандагони боистеъдод имкониятҳои васеъу фаровони эҷодӣ фароҳам оварда метавонад. Бисёр вақт адибони хушсалиқа онҳоро бо тобишҳои нав ба нав ба кор мебаранд, ки давоми мантиқии ҳамон маънои умумиистеъмоли чунин калимаҳо мебошанд. Инро ба хубӣ дар эҷодиёти Фарзона мушоҳида карда метавонем. Масалан, агар дар байти зерин ин вожа ба маънои аслии ифодаи ранг корбаст шуда бошад. Махсусан инъикоси мафҳуми «норинҷ» дар асари «Мухри гули мино» бештар во мехурад ва тобишҳои гуногуни маъноӣ медиҳад. Калимаи норинҷ дар асарҳои дигари Фарзона низ ба таври васеъ истифода гаштааст.

Калидвожаҳо: рангҳо, норинҷ, нил, нилгун, тира, арғувонӣ, маъноҳои иловагӣ, воситаҳои калимасозӣ.

ПРОИЗВОДНЫЕ СЛОВА, ВЫРАЖАЮЩИЕ ЦВЕТА В ПОЭЗИИ ФАРЗОНЫ

В статье рассматриваются структурно-семантические и функциональные особенности слова норинҷӣ (оранжевый), тира (тёмный, хмурый), нилгун (небесно голубой), аргувонӣ (багровый), зафиксированный в поэтических текстах Фарзоны. Исследуются узуальные, потенциальные и окказиональные способы создания авторских инноваций с учетом философско-эстетических и художественно-методологических установок символизма. Для усиления мысли использованы примеры и образцы, и они закреплены научными доводами. Также автор пытается исследовать различные аспекты слово арғувонӣ (багровый) с точки зрения и других исследователей. Его можно отнести ко многим историческим и мистическим произведениям, которые рассказывают нам Фарзона. Следует отметить, что сотни исследователей и ученых писали тезисы и научные статьи об этом. По сути, автор статьи пытается представить свои идеи о структурно-семантическом и функциональном особенностях слова «аргувонӣ (багровый)». В связи с этим следует отметить, что слово аргувонӣ (багровый) по значению выполняет различные синтаксические функции. Статья написана на должном научном уровне, она интересна, информативна и научно обоснованна.

Ключевые слова: цвета, оранжевый, небесно голубой, тёмный, мрачный, багровый, дополнительное значение, способы словообразования.

DERIVED WORDS EXPRESSING COLORS IN FARZONA'S POETRY

The article deals with the structural-semantic and functional features of the word Norin (orange), Tira (dark, gloomy), nilgun (sky blue), arguvoni (purple), recorded in the poetic texts of Farzona. The author explores the usual, potential and occasional ways of creating author's innovations taking into account the philosophical-aesthetic and artistic-methodological installations of symbolism. Examples and samples are used to strengthen the thought, and they are fixed by scientific arguments. The author also tries to explore different aspects of the word aravon (purple) from the point of view and other researchers. It can be attributed to many historical and mystical works that tell us Farzona. It should be noted that hundreds of researchers and scientists have written theses and scientific articles about it. In fact, the author of the article tries to present his ideas about the structural-semantic and functional features of the word "arguvon" (crimson). In this regard, it should be noted that the word arguvan (crimson) on the value of performing various syntactic functions. The article is written at the proper scientific level, it is interesting, informative and scientifically sound.

Keywords: colors, orange, crimson, gloomy, additional meaning, word-formation methods.

Сведение об авторе: ***Баротов Далер Абдусаломович*** – Таджикский национальный университет, магистр кафедры современного литературного языка Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 17. Телефон: **989-13-77-61**

Information about the author: ***Barotov Daler Abdusalomovich*** – graduate student of the Department of Modern Literary Language of the Tajik National University. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **989-13-77-61**

ОМИЛҲОИ БА АДАБИЁТИ АСРИ XIX РӮ ОВАРДАНИ Р. ҲОДИЗОДА

Исанов Субҳиддин
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Кадом омил устод Расул Ҳодизодаро водор кард, ки ба омӯзиши адабиёти асри XIX даст занад? Абдусамади Мулло ақида бар он дорад, ки “С. Айнӣ симои ҳунарӣ ва рисолати иҷтимоии мутафаккири бузурги халқи тоҷик Аҳмади Донишро дар ҳафт боби “Ёддоштҳо” тасвир намуда, нияти доштааст, ки оид ба сарнавишти ибратомӯзи ӯ асари алоҳидаи бадеӣ эҷод намояд. Дар асарҳои С.Айнӣ “Таърихи инқилоби Бухоро” ва “Ёддоштҳо” характери комил, пурғунҷоиш ва симои дурахшони Аҳмади Дониш пурра, комил ва ҳаматарафа инъикос наёфтааст. Устод Айнӣ иҷрои нияти эҷодиашро ба оянда мавқуф гузошт. Мутаассифона, ба ин умр вафо накард. Ин мақсади нақибро шогирдонаш Р. Ҳодизода ва С. Улуғзода ҷомаи амал пӯшониданд ва дар як қатор асарҳои хеш чеҳраи дурахшони Аҳмади Донишро инъикос намуданд” [1, с.14].

Пайванди Гулмуродзода дар пешгуфтори “Китобномаи устод Расул Ҳодизода” бо номи “Сафаҳоте чанд аз рӯзгори устод Расул Ҳодизода” сабаби ба таҳқиқи адабиёт даст задани Расул Ҳодизодаро устод Садриддин Айнӣ маънидод намуда, чунин қайд намудааст: “Ӯ аз рӯзҳои нахустини таҳсилаш дар аспирантураи Институти забон ва адабиёти АУ Тоҷикистон ба кори илмиву эҷодӣ бо ҷиддияти том оғоз намуд. Аввалин мақолааш дар маҷаллаи «Шарқи сурх» – нашрияи Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон дар асоси маводи рисолаи дипломиаш таҳти унвони «Тадқиқоти илмии Садриддин Айнӣ оид ба таърихи адабиёти тоҷик» ба чоп расид... Дар ганҷинаи дастнависҳои Китобхонаи давлатии Тоҷикистон ба номи Фирдавсӣ ба омӯзиши дастхатҳои нодир машғул шуд. Дар сар хаёли таҳқиқи осори Ҷомиро мепарварид, ки устод Айнӣ ӯро ба сӯйи мавзӯи нав – адабиёти тоҷики садаи XIX ҳидоят кард. Ин давра яке аз даврахои муҳимми адабу фарҳанги мардуми тоҷик ба шумор меравад, ки ба туфайли алломаи замон Аҳмади Дониш адабиёти маорифпарварӣ пайдо шуд ва дар бедориву худшиносӣ, инқилоби фикрии мардуми тоҷик дар оғози садаи бистум заминаи қавие гузошт” [2, с.10-11].

Баъдтар устод Р. Ҳодизода дар мақолаи ёддоштии худ бо номи “Дар ёди устод Айнӣ” батафсил сухан ронда, чунин қайд намудааст: “Дар солҳои аввали таҳсили аспирантура аз бетаҷрибагӣ ва камдонишӣ намедонистам ба кадом роҳи таҳқиқи адабиёт дохил шавам, гоҳ мавзӯъҳои аз қудрату тавонам берунро интихоб мекардам, гоҳ ягон масъалаи ҷузъии камфоидае фикри маро банд мекард. Устод аз ин «такудавҳои» ман огоҳӣ ёфтанд. Бо маслиҳати он кас аз тамоми мавзӯъҳои дигар сарфи назар намуда, ба таҳқиқи сарчашмаҳои адабиёти асри XIX шурӯъ намудам.

Дар ин кор роҳбалад, машваратчии бебаҳо худи устод буданд. Охир, он кас адабиёти ин даврро на танҳо бо пастиву баландиҳояш медонистанд, балки худашон шоҳиди зиндаи ҷараёни адабии ин давр, бо бисёр намояндагони ин адабиёт шинос ва мусоҳиб буданд” [3, с.132].

Устод Р. Ҳодизода барои рисолаи номзадиаш «Маъхазҳои адабиёти нимаи дувуми садаи XIX» дар ганҷинаи осори хаттии Тошканд кор кард. Бисёр асарҳои нав, номҳои навро аз доираи адабии Бухоро пайдо намуд. Ҳар бор ки ба Самарқанд меомад, аз ин бозёфтҳои наваш назди устод Айнӣ нақл мекард. Устод бо хомӯшии таҳсиномез нақли шогирдашро аз саҳифаҳои нави адабиёти асри XIX гӯш мекард. Р. Ҳодизода ҳис мекард, ки устод аз самараи корҳои илмии шогирдаш қонеъ ва хурсанд аст.

Ӯ баъдтар бо тавсияи шодравон А. Мирзоев ба омӯхтани ганҷинаи дастхатҳо машғул шуд. Самараи ҳамин омӯзиш буд, ки Р. Ҳодизода осори номаълум ва каммашҳури шоиру нависандагони асри XIX-ро аз ганҷинаи дастнависҳо ба даст овард. Дар асоси ин дастнависҳо шогирдонаш ҳаёти адабии ин давраро, ки одатан замони сукут мегуфтанд, дар рисолаву китобҳо барқарор намуданд.

Баробари ҳамин Р. Ҳодизода ба омӯхтани рӯзгору осори алломаи замон Аҳмади Дониш шурӯъ намуд. Вай пеш аз ҳама саҳифаҳои нави рӯзгори Донишро аз рӯи маводи архивҳои Русия кашф намуд. Вай дар ин мавзӯъ мақолаву ахбори муҳимме ба чоп расонд. Ӯ нахустин олиме буд, ки соли 1957 порчаҳои «Наводир-ул-вақоеъ»-ро бо шарҳу луғат нашр кард. Бо боварӣ метавон гуфт, ки ӯ дар риштаи таҳқиқ кори устоди худ Айниро идома додааст.

Дар аввали солҳои 60 бо тавсияи академик Абдулғанӣ Мирзоев роҳбарии проблемаи омӯзиши таърихи адабиёти форсу тоҷик ба уҳдаи Р. Ҳодизода гузошта шуд. Ӯ ҳамчун роҳбари Шуъбаи таърихи адабиёт нахуст дар Институти шарқшиносӣ ва осори адабӣ ва сипас аз соли 1972 дар Институти забон ва адабиёти Рӯдакӣ фаъолият дошт. Ин солҳо давраи ниҳоят пурмаҳсули Р. Ҳодизода дар риштаҳои гуногуни илмиву ташкилӣ буд. Пас аз ҳама ӯ корҳои илмии таҳқиқотиашро дар омӯзиши аҳвол ва осори Аҳмади Дониш ва доираи адабии Бухоро ҷамъбаст намуда, соли 1969 дар мавзӯи «Аҳмади Дониш ва адабиёти маорифпарварии тоҷик» дар Институти шарқшиносии Москва рисолаи докторӣ ҳимоя намуд.

Дар таҳқиқи рӯзгор, таҳлили осори пуарзиш, бозтоби симо ва шахсияти тавонои мутафаккири бузург – Аҳмади Дониш хизмати Расул Ҳодизода дар адабиёти тоҷик бузург мебошад.

Расул Ҳодизода аз зумраи донишмандон ва нависандагони пуркори тоҷик аст, ки дар рушди адабиётшиносӣ, нақди адабӣ ва насри муосир нақши бориз дорад. Як идда осори илмию бадеии эшон, ки ба таҳқиқи давраҳои муайяни таърихи адабиёти муосири тоҷик, шахсиятҳои адабию таърихӣ, ҷараёнҳои мафкуравию адабӣ бахшида шудаанд, арзиши баланди илмӣ доранд ва заминаи мусоиде барои таҳқиқи масъалаҳои алоқаманд ба мабоҳиси мазкур барои адабиётшиносони наслҳои баъди ӯ гардидаанд. Бахусус, таҳқиқоти эшон дар заминаи адабиёти асри XIX ва шахсиятҳои адабии ин давра аз аҳамияти вижа бархурдор аст, ки дар ин замина чанд рисолаи арзишманд таълиф ва нашр кардааст[2] [4, 12].

Расул Ҳодизода ҳанӯз аз ибтидои солҳои панҷоҳум дар навбати аввал ба омӯзиш ва ҷамъоварии сарчашма ва маводҳои таърихию адабӣ шурӯъ намуд. Натиҷаи ин буд, ки чанде аз мақола ва рисолаҳои илмии ӯ симои Аҳмади Донишро дар адабиёти тоҷик равшан сохта, саҳифаҳои ибратомӯзи ҳаёти иҷтимоию адабии садаи XIX аморати Бухороро муайян намуд.

Омӯзиши Аҳмади Дониш аз тарафи Р. Ҳодизода аз солҳои 50-уми асри XX оғоз гардидааст. Аввалин мақолаи ба табъ расонидаи устод Р. Ҳодизода доир ба мавзӯи зикргардида соли 1954 дар шумораи чоруми маҷаллаи адабии “Шарқи Сурх” буд. Ин мақола “Баъзе масъалаҳои омӯхтани таърихи адабиёти нимаи дуввуми асри XIX”

[2] Дар ин замина китоби пуарзише ҳам доранд, бо номи “Адабиёти тоҷик дар нимаи дувуми асри XIX”. Қисми аввал.–Душанбе: Дониш, 1968. – 294 саҳ.

ном дошта, дар бахши “Таҳқиқоти илмӣ–адабӣ”–и маҷаллаи мазкур ба табъ расида буд.

Дар мақолаи мазкур устод Р.Ҳодизода дар бораи нодуруст таҳлил кардани адабиёти асри XIX сухан гуфта, қайд менамоянд, ки “Нуқсони аввалине, ки дар омӯхтани таърихи адабиёти нимаи дуввуми асри XIX роҳ ёфтааст, аз он иборат аст, ки дар асарҳои таҳқиқотӣ ва китобҳои дарсӣ шароитҳои таърихие, ки ҳодисаҳои адабии он даврро ба вуҷуд овардаанд, нодуруст ва номукаммал шарҳ дода шудаанд” [5, 109].

Сипас муҳаққиқ ба равияи маорифпарварӣ дар ин давра руҷӯъ намуда, қайд менамояд, ки “Ба гӯрӯҳи маорифпарварон касони тасодуфии шахсан ба Аҳмади Дониш хайрхоҳро (монанди Садри Сарир, Исо-Махдум, Ширин, Садри Зиё ва м. ин) дохил намудан асоси мустаҳками илмӣ надорад ва тасдиқи рӯякист. Мо бояд чуқур ва ҳаматарафа таҳқиқ намоем, ки идеяҳои далеронаи маорифпарварии Аҳмади Дониш дар эҷодиёти пайравон ва хайрхоҳони ӯ то чӣ андоза дуруст ва ҳаматарафа инъикос ёфтаанд. Таҳқиқоти пешакӣ гувоҳӣ медиҳад, ки он идеяҳои маорифпарварӣ, ки дар асарҳои Аҳмади Дониш бо чунин далерӣ ва ҷасорат зоҳир гардидаанд, дар эҷодиёти пайравони ӯ нисбатан суст ва тиратар акс шудаанд. Ин, бешубҳа, ба шароити объективии таърихӣ вобаста аст, ки равшан намудани он вазифаи асосии адабиётшинос аст” [5, 111].

Дар мавриди дигар ба ин масъала хеле бомулоҳиза сухан ронда, қайд кардааст, ки “Пайрави Аҳмади Дониш будан чунин маъно дорад, ки ин ё он шоир на танҳо дӯст ё мусоҳиби наздики Дониш буд, балки дар асарҳои худ идея ва нуқтаи назарҳои сиёсӣ–иҷтимоии ӯро инъикос намудааст. Ба ибораи дигар гӯем, эҷодиёти он шоир аз идеяҳои пешқадами маорифпарварии замонаш ғизо мегирифт ва фақат аз ҳамин сабаб маҳсули адабии вай имрӯз барои мо қимат ва дорои завқи эстетикӣ мебошад. Вале оё мо метавонем тасдиқ кунем, ки идеяҳои пешқадами он давр дар эҷодиёти пайравони Дониш баробар дар як дараҷа акс гардидаанд? Ҳаргиз не! Ин хулосаи беасос ба идеализатсияи эҷодиёти он шоирон ва ба вулгаризатсияи ҳодисаҳои адабӣ мерасонад. Аз ин сабаб дар вақти омӯхтани эҷодиёт ва муқаррар намудани қимати маҳсули адабии ин ё он шоире, ки ба пайравии Аҳмади Дониш нисбаташ медиҳем, сараввал мазмуни идеявии асарҳои ӯро вобаста бо идеологияи пешқадами он давр таҳқиқ намудан лозим аст” [5, 18].

Инчунин, Р. Ҳодизода дар бораи ашъори Бедил аз назари Аҳмади Дониш сухан гуфта, андешаи ҷолибе дар ин бора ба миён овардааст: ”Дар вақти хислати таъсири эҷодиёти Бедил мо бояд махсусан қайд намоем, ки Аҳмади Дониш ба муқобили вайронкуниҳои эҷодиёти шоир далерона муборизе мебурд. Ин, албатта, муборизе бо «услуби бедилӣ» набуд. Шарҳу эзоҳоти Дониш бештар ба шеърҳои идеалистӣ – тасаввуфии Бедил дахл доштанд; зеро мутаассибони исломӣ аксаран ба чунин шеърҳои Бедил тақлид намуда, онҳоро ба таври худ маънидод мекарданд ва ба мақсади истисмори маънавии омма ба кор бурданӣ мешуданд. Аз тарафи дигар, баромади Дониш эҳтиромӣ калон ва ғамхории самимии шоирони пешқадамро нисбат ба осор ва ҷаҳонбинии ин мутафаккири бузург ифода менамуд” [5, 115].

Устод Р. Ҳодизода дар хотимаи мақола қайд менамояд, ки: “Мо дар ин ҷо наметавонем дар хусуси фаъолияти ҳарҷонибаи ин муҷассамаи барҷаста таваққуф намоем” [5, 118]. Аммо ба адабиётшиносоне, ки ба таҳқиқи рӯзгор ва осори Аҳмади Дониш сару кор мегаранд, маслиҳати судмане дода, гуфтааст, ки: “Дар вақти характеристикаи эҷодиёти адабии Аҳмади Дониш чунин масъалаҳо ҳатман дар навбати аввал ба адабиётшинос пеш меоянд: муносибати Аҳмади Дониш ба ҳаёти адабии он давр; муборизаи Дониш ба муқобили вайронкуниҳои эҷодиёти Бедил; мероси назмӣ, махсусан шеърҳои ҳаҷвии ӯ ва таъсири он ба эҷодиёти шоирони дигар; таъсири идеявии асарҳои Дониш; забон ва воситаҳои тасвири асарҳои Дониш ва

таъсири он ба забони асарҳои нависандагон ва шоирони пешқадам. Мутаассифона, дар мақолаҳои хеле камшуморе, ки ба Дониш, ҳамчун шоир ва нависанда бахшида шудааст, ба ҳеҷ яке аз ин масъалаҳо ҷавоб пайдо карда наметавонем” [5, 118].

Мақолаи дувуми устод соли 1955 дар шумораи ҳаштуми маҷаллаи мазкур бо номи “Равияи пешқадам дар адабиёти дувуми асри XIX” мебошад.

Мақолаи сеюми устод Р. Ҳодизода соли 1957 дар шумораи дуюми маҷаллаи “Шарқи Сурх” бо номи “Чанд саҳифаи нав дар тарҷимаи ҳол ва эҷодиёти Аҳмади Дониш” чоп шудааст. Агар дар мақолаҳои пешин устод Р. Ҳодизода ба адабиёти асри XIX ва муҳити адабии ин давр руҷӯъ карда бошанд, дар мақолаи мазкур бештар ба Аҳмади Дониш ва, махсусан, ба тарҷимаи ҳол ва эҷодиёти ӯ дахл намудаанд.

Фаъолияти Расул Ҳодизода дар ин ҷода ду самтро фаро мегирад. Вай, пеш аз ҳама, ҳамчун олим ва донишманди шинохтаи адабиёти гузашта ва сипас нависандаи соҳибзавқи афкори бадеист.

То нимаи дуюми солҳои шастум тадқиқотҳои вай бештар хусусияти илмиро соҳиб буданд ва баъд илмию бадеиро пайдо карданд, ки повести илмию бадеии “Аҳмади Дониш” (1967), ҳикояҳои таърихии “Танбӯри дилкаш” (1967), киноповести “Сапедадам” (1970, 1976), очерк, ҳикоя ва қиссаҳои таърихии “Парвози шоҳин” (1981), “Бӯи ҷӯи мӯлиён” (1986) ва сенарияи “Ситорае дар зулмот” (1971, 1983), “На ситораҳо мерезанд” (1990) заминаи дарки бадеии воқеаҳои замони зиндагии Аҳмади Донишро нишон дода, таҳаввулоти чеҳраи бадеии ӯро ба миён овард. Ин мақсади некро Расул Ҳодизода дар охирсухани китоби “Аҳмади Дониш” (1967) воқеъбинона чунин шарҳ додааст: «Барои баёни ҷараёни зиндагонии пурталотум ва қаҳрамононаи Аҳмади Дониш хеле фикр кардам, ки як жанри мувофиқ ва тарзи ифодаи муносибе ёбам. Факту санадҳои хушку холиро биайниҳӣ овардан ва онҳоро ба ибораи дигар гуфта додан аз рӯҳи зиндагӣ ва эҷодиёти Аҳмади Дониш дур буд. Бинобар ин, хостам, ки дар баёни қиссаи зиндагии ин марди бузург ба манзараи ҳаёт ва эҷодиёти худи ӯ пайравӣ кунам. Кӯшиш намудам, ки ин шахсро, чи тавре ки аз ҷараёни зиндагӣ ва маънии чуқури асарҳояш ба худ тасаввур мекунам, ба хонандагон ба ҳамон тарз тасвир намоям» [6, 155].

Солҳои 60-уми асри гузашта таҳқиқ ва омӯхтани ҳаёт ва фаъолияти ин симои бузурги маданияти халқи тоҷик авҷ гирифта, нашри асарҳои он беҳтар гардид. Хонандагони тоҷик «Наводир–ул–вақоеъ» ва «Асарҳои мунтахаб»–и Донишро дар нашри Р. Ҳодизода бо мароқи баланд мутолиа мекарданд. Бояд гуфт, ки дар бобати ба чоп тайёр намудани ин китобҳо хизмати адабиётшиноси боистеъдод, номзади фанҳои филологӣ Р. Ҳодизода калон аст. Китоби «Аҳмади Дониш» – ро, ки ҳоло дастраси хонандагони сершумор гардида буд, Р.Ҳодизода навиштааст.

Чунон ки муаллифи китоби мазкур менависад, «зиндагӣ ва эҷодиёти Аҳмади Дониш дар давраи ниҳоят муҳимми халқҳои Осиёи Миёна, яъне дар давраи ба Россия ҳамроҳ шудани ин кишвар ҷараён дошт. Ин воқеаи сиёсӣ бошад, дар таърихи халқҳои Осиёи Миёна роли пешқадамонае бозид. Аз тарафи дигар, Россияи нимаи дувуми асри XIX маркази ҳаракати равнақи инқилобӣ буд ва афкори инқилобӣ дар он ҷо назар ба мамлакатҳои дигари Европаи Ғарбӣ ниҳоят инкишоф ёфта буд. Ба ҳамин тариқ, сарфи назар аз сиёсати мустамликавии карихтизм, афкори пешқадамонаи рус ба торикистони феодалии аморати Бухоро роҳ ёфта, дар бисёр касони пешқадами он замон бедории фикрӣ ба вуҷуд меовард» [7, 3].

Ҳаминро бояд гуфт, ки якчанд саҳифаҳои китоб ба сафарҳои ба Россия анҷомдодаи Аҳмади Дониш, муҳити адабӣ ва таҳлили асарҳои он бахшида шудаанд.

Муаллиф дар бораи ҳаёт ва фаъолияти Аҳмади Дониш сухан ронда, менависад, ки “ба такомули афкори тараққипарваронаи Аҳмади Дониш шиносоии ӯ бо ҳаёт ва маданияти рус роли калон бозид. Дуруст аст, ки ӯ бо сохти иҷтимоии Россия ва қувваҳои инқилобии он муфассал ва чуқур ошно набуд. Вай дар бораи афкори

пешқадамонаи инқилобӣ-озодихоҳӣ, ки дар ҷамъияти онвақтаи рус ниҳоят инкишоф ёфта буд, тасаввуроти комиле надошт. Аммо ӯ пешрафти техникӣ ва маданияти Россияро медид ва боварӣ дошт, ки дар сохти давлатии мувофиқ кишвари вай низ метавонад ба чунин пояи тараққиёт бирасад. Вай пай мебурд, ки сохти ҷамъиятӣ ва давлатии Россия ба тартиби муайяне қарор гирифтааст" [7, 3].

Муҳаққиқ дар мақолаи дигараш нисбат ба андешаҳои Аҳмади Дониш дар муқоиса бо ҳаёти халқи рус ва Бухоро қайд намудааст, ки "Аҳмади Дониш тамоми риштаҳои ҳаёти Россияро бо воқеияти Бухорои ақибмонда ва асримиёнагӣ муқоиса мекард ва боварӣ дошт, ки агар мутаассибони рӯҳонӣ ва амалдорони ҷоҳил ба ҳар як навигарӣ мамоният накунанд, бисёр ҷиҳатҳои хуби маданият ва икомёбиҳои техникии халқи русро дар Бухоро низ ҷорӣ кардан мумкин аст" [8, 3].

Р. Ҳодизода барои навиштани китоби мазкур аз бисёр маъхазҳои таърихӣ истифода бурдааст. Муҳаррири китоб номзади илмҳои филологӣ Камол Айнӣ мебошад.

Китоби мазкур барои омӯхтани мероси классикии адабиёти тоҷик ба хонандагон аҳамияти калон дорад.

Устод Р. Ҳодизода соли 1957 дар мақолаи пуррарзиши хеш "Чанд саҳифаи нав дар тарҷимаи ҳол ва эҷодиёти Аҳмади Дониш" дар бораи омӯзиши тарҷумаи ҳол ва аҳамияти ин мавзӯъ сухан гуфта, қайд намудааст, ки "Тафсилоти тарҷимаи ҳол барои равшан намудани баъзе лаҳзаҳои эҷодиёти шоир ва нависандагони гузаштаи мо аҳамияти ниҳоят калон дорад. Вақте ки мо эҷодиёти шоир ва нависандагони классики худро меомӯзем, ғайр аз сарчашмаҳои таърихӣ ва тазкираҳо, асарҳои худи онҳо барои пурра намудани тарҷумаи ҳоли онҳо маълумотҳои бисёре медиҳад" [3, 81]. Барои далели гуфтаҳои худ муҳаққиқ таҳқиқоти устод Айниро оид ба эҷодиёти Бедил мисол овардааст, ки дар он муаллиф бештар дар асоси асарҳои худи Бедил тарҷумаи ҳоли муфассали шоирро ба вуҷуд овардааст. Сипас қайд менамояд, ки "аммо ин хушбахтӣ барои таҳқиқотчӣ на ҳамеша дар вақти омӯхтани эҷодиёти ҳар як шоир ва нависанда муяссар мешавад. Гоҳо чунин воқеъ мешавад, ки таҳқиқотчӣ аз баъзе ишора ва рамзҳои ин ё он шоир оид ба тарҷумаи ҳоли ӯ танҳо баъзе тахминҳо мекунаду бас" [9, 81].

Аз таҳқиқотҳои доманадори Р. Ҳодизода маълум мегардад, ки тафсилоте, ки доир ба ҳаёти Аҳмади Дониш ба дасти адабиётшинос расидааст, мутаассифона, ба бисёр ва бисёр шоирони классикии мо насиб нагаштааст. Аммо Аҳмади Дониш дар ин бобат як истиснои хеле хуб аст. Чунончи, Р. Ҳодизода қайд мекунад: "Аҳмади Дониш, ки дар тасвири тафсилоти воқеаҳо маҳорати ҳайратангезе дошт, гузориши ҳаёти худро низ дар бисёр ҷойҳои асарҳояш муфассал навиштааст" [10, 11-12].

Муҳаққиқ дар ҷойи дигар ин масъаларо пурратар шарҳ додааст: "Вақте ки мо бо асарҳои ӯ шинос мешавем (махсусан, «Наводир-ул-вақоеъ» ва «Рисолаи танқидӣ ва таърихии ӯ») дар онҳо аз овони кӯдакӣ сар карда то вақти пирии Аҳмади Дониш маълумотҳои хеле пурқимматро пайдо мекунем. Дар асоси ин маводҳо ва маълумотҳои маъхазҳои дастнависи иловагӣ (хушбахтона–И.С.) мо имрӯз тарҷумаи ҳоли қариб мукаммали ӯро дар даст дорем" [9, 82].

Натиҷаи ҳамин ҷустуҷӯҳои пайваста ва серпаҳлӯ буд, ки Р. Ҳодизода дар аввали соли 1972 бо иштироки донишмандони Шуъбаи таърихи адабиёт ба таълифи силсилаи таърихи адабиёт шурӯъ намуд. Ин кори саҳл набуд. Аввал ин ки шахсоне буданд, ки ба амалӣ шудани ин кор бовар надоштанд ва аз ин рӯ, монеаҳо низ мегузоштанд. Аммо Р. Ҳодизода ва шогирдонаш дар ин кор камари ҳиммат сахт баста буданд. Натиҷаи заҳамоти чандинсола буд, ки 11 китоб дар таърихи давраҳои адабиёти тоҷик аз садаи XIV то ибтидои садаи XX таълиф гардид.

Зимни ин кори бузург чандин муаллифони таърихи адабиёт бо роҳбарии профессор Р. Ҳодизода рисолаҳои докторӣ ҳимоя намуданд: Садрӣ Саъдӣ, Усмон

Каримов, Аҳмад Абдуллоев, Амирбек Абибов ва дигарон. Ҳамчунин, Р. Ҳодизода дар тайёр намудани мутахассисони адабиёти классикӣ хидматҳои шоистае анҷом додааст. Зиёда аз 15 номзад ва 8 доктор рисолаҳои худро бо роҳбарии профессор Р. Ҳодизода дифоъ намудаанд. Ҳамаи ин донишмандон аз сахтгирӣ ва меҳрубонии устоди худ ба некӣ ёдовар шудаанд.

АДАБИЁТ

1. Муллоев, Абдусамад. Шахсияти эҷодӣ ва чеҳранигории ҳунарӣ / А. Муллоев. – Душанбе: Шуҷоиён, 2010. – 295 саҳ.
2. Ҳодизода, Расул. Аҳмади Дониш – махдум ибни Носир // Р. Ҳодизода / Энсиклопедияи советии тоҷик (Ҷ. 2). – Душанбе, 1980. – 640 саҳ. Саҳ, 946-958.
3. Ҳодизода, Расул. Танбӯри дилкаш: ҳикояҳои таърихӣ / Р. Ҳодизода – Душанбе: Ирфон, 1967. – 142 саҳ.
4. Низомов, М. Дурахши ситорае дар тирашаб//"Адабиёт ва санъат".- 15-уми марти соли 2018, №11 (1930). Саҳ, 12.
5. Ҳодизода, Расул. Баъзе масъалаҳои омӯхтани таърихи нимаи дуюми асри XIX / Р. Ҳодизода. – Шарқи сурх, №4, 1954. – 126 саҳ.
6. Ҳодизода, Расул. Аҳмади Дониш:Тарҷимаи ҳол ва мероси адабию илмӣ / Таҳти назари М. Осимӣ. – Душанбе: Ирфон, 1976. – 295 саҳ.
7. Ҳодизода, Расул. Аҳмади Дониш / Р. Ҳодизода. – Маориф ва маданият, 1960. –27 сентябр. Саҳ, 3.
8. Ҳодизода, Расул. Нависанда ва маорифпарвари барҷастаи тоҷик / Р. Ҳодизода. – Маориф ва маданият, 1960. – 24 декабр. Саҳ, 3.
9. Ҳодизода, Р. Чанд лаҳзаи нав дар тарҷумаи ҳоли Аҳмади Дониш / Р. Ҳодизода. – Шарқи сурх, №2, 1957. – 128 саҳ.
10. Камол, А // Қурбонов, А. Аз силсилаи Энсиклопедияи насри тоҷику форс (Наводир – ул – вақоеъ "порчаҳо", Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадори манғития, Ёддоштҳо "Китоби панҷ" ё Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро). Иборат аз як китоб. – Душанбе: СИЭМТ, 2010. – 240 саҳ.

РАСУЛ ҲОДИЗОДА - МУҲАҚҚИҚИ РӮЗГОР ВА ОСОРИ АҲМАДИ ДОНИШ

Дар таҳқиқи рӯзгор, таҳлили осори пурарзиш ва шахсияти тавонои мутафаккири бузург - Аҳмади Дониш хизмати Расул Ҳодизода дар адабиёти тоҷик бузург мебошад. Расул Ҳодизода аз зумраи донишмандон ва нависандагони пуркори тоҷик аст, ки дар рушди адабиётшиносӣ, нақди адабӣ ва насри муосир нақши бориз дорад. Як идда осори илмии эшон, ки ба таҳқиқи давраҳои муайяни таърихи адабиёти тоҷик, шахсиятҳои адабию таърихӣ, ҷарайёнҳои мафкуравию адабӣ бахшида шудаанд, арзиши баланди илмӣ доранд ва заминаи мусоиде барои таҳқиқи адабиётшиносони наслҳои баъди ӯ гардидаанд.

Калидвожаҳо: пурарзиш, шинохт, равшанфикр, тараққӣ, таназзул, файласуф, мутафаккир, аллома.

РАСУЛ ХОДИЗОДА – ИССЛЕДОВАТЕЛЬ ЖИЗНИ И ТВОРЧЕСТВА АХМАДА ДОНИША

Расул Ходизода является одним из ведущих ученых и писателей таджикского народа, которые играют важную роль в развитии литературной критики, литературных денег и современной прозы. Ряд научных работ, посвященных изучению определенных периодов истории таджикской литературы, литературно-исторических деятелей, идеологических и литературных процессов, имеют высокую научную ценность и стали благоприятной основой для изучения литературоведов своего поколения.

Ключевые слова: ценный, знакомство, просветитель, развитие, упадок, философ, мыслитель, ученый-энциклопедист.

RASUL HODIZODA RESEARCHER OF THE LIFE AND WORK OF AHMAD DONISH

Rasul Hodizoda is one of the leading scientists and writers of the Tajik people who play an important role in the development of literary criticism, literary money and modern prose. A number of scientific works devoted to the study of certain periods of the history of Tajik literature, literary and historical figures, ideological and literary processes have a high scientific value and have become a favorable basis for the study of literary critics of their generation.

Keywords: valuable, acquaintance, educator, development, decline, philosopher, thinker, scientist-encyclopedist.

Сведения об авторе: ***Исанов Субхиддин*** - магистрант второго курса факультета таджикской филологии Таджикского Национального Университета. Тел:**(+992) 93–600–14–90.**

Information about the author: ***Isanov Subhiddin*** - 2nd year graduate student of the Department of Tajik Philology of Tajik National University. Phone: **(+992) 93-600-14-90**.

КОРБУРДИ САНЪАТҲОИ БАДЕӢ ДАР ҒАЗАЛИЁТИ АБДУРРАҲМОНИ МУШФИҚӢ

Асалиев А.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар корбурди санъатҳои бадеӣ дар ашъори Абдурраҳмони Мушфиқӣ ду тарзи асосӣ, ки ҳамчун ду хусусияти хоси сабки эҷодии вай ба шумор меравад, равшан мушоҳида карда мешавад.

Тарзи аввал истеъмоли санъатҳои маънавӣ ва лафзии анъанавист, ки вобаста бо мавзӯъ ва мундариҷаи маъмулии ашъори шоир ба назар гирифта шууда, истеъмол ёфтаанд.

Тарзи дуюм, дар баробари давом додан ва такрор намудани обуранги бадеӣ, санъатҳои гуногуни истифода кардаи гузаштагон, ташаббуси то андозае тағйир додани як қисми муайяни воситаҳои ташбеҳ ва истиора, инчунин дар либоси нисбатан тозатаре ҷилва додани маъонӣ мебошад.

Дар ғазалиёти Абдурраҳмони Мушфиқӣ тавсифҳои дилгир, ташбеҳоти мураккаби душворфаҳм, истиороти дур, такаллуфоти вазнин ва як қатор мушкилписандиҳое, ки хоси намояндагони ҷараёни сабки Ҳиндӣ мебошад, дучор намегардад.

Дар кор фармудани санъатҳои бадеӣ Абдурраҳмони Мушфиқӣ маҳорати хеле баланд нишон додааст. Абдурраҳмони Мушфиқӣ дар осораш қариб аз ҳамаи санъатҳои бадеӣ фаровон истифода намудааст. Дар ашъори Мушфиқӣ мо бештар ба санъатҳои тавсиф, ташбеҳ, таносуби калом, истиора, киноя, муболииға, тазод, иҳом, нидо, ташхис, шумур ва талмеҳ вомехурем.

Ҳоло дар бораи он санъатҳое хоҳем истод, ки онҳо он қадар маъмулӣ ва забонзада набуда, то як ҳадди муайян аз тозахаёлии шоир дарак медиҳанд.

Мушфиқӣ барои барҷаста, таъсирбахш ва зебо воқеъ гардидани тасвири лавҳаҳои гуногуни зиндагӣ бештар аз ҳама санъати ташбеҳро ба кор бурдааст.

Дар ғазали “Дониста мегӯем мо” шоир даҳони маъшуқаро ба пистаи хандон ташбеҳ медиҳад:

Гуфтам, эй гул, он даҳанро пистаи хандон бигӯ,
Ин сухан гуфт аз даҳони писта мегӯем мо [3, 25].

Мушфиқӣ дар тасвирсозӣ воқеан ҳам дасти тавоно дорад. Ӯ инсон, манзара ва ё ҳолатро чунон моҳирона ба риштаи назм мекашад, ки матлаб дар зеҳни хонанда хеле равшан инъикоси худро меёбад.

Ҳунари тасвиргарии шоир дар аҳлаби ғазалиёти Мушфиқӣ ба хубӣ зуҳур кардааст.

Ғазалиёти Мушфиқӣ басо ширину намакин ҳастанд. Дар баъзе ғазалҳо шоир сар то ба по санъати ташбеҳро чунон моҳирона ба кор бурдааст, ки ба шеъри ӯ лаззати нотакроре ато намудааст:

Қадаҳ, ки ҳамдами ӯ ашки лолагуни ман аст,
Даме, ки лаъли ту бӯсад, шарики хуни ман аст.
Ба ғайри оҳ надорам рафиқи дилсӯзе,
Ки шаб ба рафтани кӯи ту раҳнамуни ман аст [3, 36].

Дар ин ғазал шоир майи даруни қадаҳро ба ашки чашмони худ ташбеҳ медиҳад, оҳу нолаи худро ба рафиқи дилсӯзе монанд мекунад.

Дар мисраи дигар шоир дили нолони худро ба андалебе ташбеҳ медиҳад, ки дар қафас аст ва орзуи парвоз дорад:

Ба захми нохун аз ғам, Мушфиқӣ, сад чок шуд сина,
Дили нолон бувад чун андалебе дар моро [3, 31].

Дар байти ғазали дигар Мушфиқӣ хиромидани ёрро ба дарахти санавбар ва рафтори маҳбубаро ба сарвро ташбеҳ медиҳад.

Ҳама болобаландон омаданд аз майли дил сӯят,
Санавбарро хирому сарвро рафтор боистӣ [3, 200].

Дар байти поёнӣ шоир рӯйи маъшуқаро ба хуршеду моҳ монанд кардааст:

Ба хуршеди рухаш, эй моҳ, кам бош аз сари даъват,
Ба ҷое мерасад охир, ки худро ҳеҷ месозӣ [3, 201].

Чашми паридаистодаро шоир ба мурғи бисмилкарда нисбат медиҳад:

Мепарад аз баҳри дидори ту чашми хунфишон,
Мурғи бисмилкардаро монад, ки болу пар зада [3, 196].

Мушфиқӣ оби диидаро ба соил-гадо нисбат медиҳад:

Омад ба хокбӯси дарат ашки Мушфиқӣ,
Соил бар остони ту омад, ҷавоб чист? [3, 95].

Баҳорон, чуноне маълум аст, боришҳо зиёд шуда, боиси пайдо шудани сел мегардад. Шоир аз доманаҳо кӯҳ ҷорӣ шуда омадани селро ба сипоҳи араб ва сангҳои дар миёни лоёби сурхранг ғелидаро ба шутурҳои сурхкӯҳон ташбеҳ мекунад, ки ин ташбеҳи хеле тоза мебошад:

Сел чун хели араб пайдо шуд аз домони кӯҳ,
Ноқаҳои сурхкӯҳон шуд сӯйи водӣ равон [2, 60].

Шоир дар байти дигар қатраҳои ашки хунини сари мижгонро ба тифлҳои зинсавори кӯчаи маъшуқ ташбеҳ мекунад:

Бар сари кӯи ту тифлонанд бар зинҳо савор,
Қатраҳои ашки хунин бар сари мижгон маро [2, 10].

Мушфиқӣ дар байти зерин бо роҳи таъкид, яъне бе зикри одоти ташбеҳ, ташбеҳи пӯшидаи аҷибе сохтааст, ки аз тозахаёлии ӯ хабар медиҳад:

Ба қабои сарв бингар, ки зи хидмати ту ӯро
Шуда ошёни булбул сари остини пора [3, 205]

Дар ин ҷо ошёни булбул ба сари остини порашуда ташбеҳ карда шудааст. Дар байти поён ташбеҳи боз ҳам тозатар дучор мешавем. Шоир новаки маъшуқро ба мурғи обӣ ва чашми гирёни худро ба гирдоб монанд мекунад:

Новаки ӯ дар саводи чашми гирёнам нишаст,
Мурғи обӣ ошён баҳри худ аз гирдоб сохт [3, 212]

Мушфиқӣ ба воситаи нисбат додани оби дида - донаҳои паси ҳам фуруӯ рехта истодаи ашки худ ба тор аз чашми гирёни худ ба қонун – асбоби мусиқӣ ташбеҳи пӯшида сохтааст. Вале бо вуҷуди пӯшида будан ҳам, хонанда бе душворӣ ба мақсади шоир пай бурда метаовнад:

Сиришкам тору қонуни бало шуд чашми гирёнам,
Бар ӯ мизроб хоҳам коҳи девори туро бинам [3, 212].

Дар ин байт таносуби сухан, алоқа ва ҳамрангии калимот диққатро ба худ ҷалб мекунад.

Байни калимаҳои тор, қонун, мизроб ва калимаҳои чашм, ашк, коҳ зоҳиран гӯё ҳеҷ алоқае вуҷууд надошта бошад. Вале шоири моҳир таовнистааст миёни онҳо муносибати хеле наздике пайдо кунонад, ки дар аснои мутолиа тафовути шаклӣ ва маънавии онҳо ба назар барнахӯрад.

Гули сумани бар лаби ҷӯй баромадаро шоир ба табхола нисбат медиҳад.

Азбаски, - мегӯяд шоир, - чаман аз латофати ҷамоли ёр ба таби рашк гирифтор омадааст, гули суман дар лаби ҷӯй мисли табхола баромада мондааст:

То чаман дар таби рашк аз рухи ӯ афтодаст,

Ҳамчу табхола уман бар лаби ҷӯ афтодаст [3, 100].

Ташбеҳи поён бо хусусиятҳои хоси ҳатии худ боз бештар шавқангез мебошад. Ҳамон шавқе, ки, - мегӯяд шоир, - кӯдаконро аз озод шудан аз мактаб рӯй медиҳад, қатраҳои оби дидаи аз ҳар чашм берун омадаи маро ҳам ба тмаошои ту (маъшуқ) ончунон шавқи тамом аст:

Зи ҳар чашме сиришкамро бувад баҳри тамошоят,

Ҳамон шавқу, ки тифлонро ба озодӣ зи мактабҳо [2, 3].

Дар байти дигар шукуфа ба мурғ нисбат дода шудааст:

Мурғест, ки борон диҳадаш байзаи кофур,

В-аз мева ниҳад байзаи зангор шукуфа [3, 237].

Мушкбедро ба ангушти шашум монанд мекунад:

Мушкбед омад чу ангушти шашум берун зи шох,

Ибрати атфол дар мадҳи дабистон гашт боз [3, 239].

Гардун ба сароб ва ҷигартаҳна ба офтоб ташбеҳ шудааст:

Гардун сароб гаштуу ҷигартанша офтоб,

Ҳар дам забони шӯъла бурун аз даҳон диҳад [2, 115].

Мушфиқӣ дар байти дигар донаҳои наврасидаи баландиҳои даштро ба рамаи барраҳои сурх нисба дода, як ташбеҳи тозаи дигар офаридааст:

Ҳашмати барф гузашту ҳашами сабза расид,

Лолаҳо чун рамаи барраи сурх аз сари тал [2, 110].

Мушфиқӣ, инчунин дар истифобарии санъати истиора низ устод аст. Барои мисол байтҳои поёнро мебинем:

Ҳама ҷо зи оташи май рхи ту арақфишон шуд,

Равише накард ҳаргиз ба муроди ман ситора [3, 295]

Ё худ:

Кашидам оҳу кардам гиря аз бахти сиёҳи худ,

Баромад абру пайдо гашт барқу рехт борон ҳам [3, 185]

Бояд қайд намуд, ки дар мероси адабии Мушфиқӣ санъати таносуби калом ҷойи хеле муҳимро ишғол мекунад. Шоир ба ин санъат ҳам, ки дар ороиши арӯси маънӣ хидмати калонеро адо карда меояд, бисёр диққат додааст. Илова ба он чизе гуфта шуд, намунаҳои поён ҳам маҳорат ва услуби дар ин соҳа пешгирифтаи ӯро маълум месозад. Чунончи,

Ту гулбарги тарӣ, мо чун гиёҳи хушк саргардон,

Туро аз лолаву гул сохтанд, аз хору хас моро [3, 31].

Дар ин ҷо таносуби тазодӣ воқеъ шудааст. Калимаҳои “гулбарги тар” ва “гиёҳи хушк”, “лолаву гул” ва “хору хас” ба таври таносуби тазодӣ оварда шудааст.

Ё ки:

Қадаҳ, ки ҳамдами ӯ ашки лолагуни ман аст,

Даме, ки лаъли ту бӯсад, шарики хуни ман аст [3, 36].

Дар ин байт миёни калимаҳои “қадаҳ” - киноя аз майи сурхи даар қадаҳ буда, “ашки лолагун”, “лаъл” киноя аз ашки хунин ошиқ ва лаби маъшуқ ва калимаҳои “ҳамдам”, “шарик” таносуби қавии маънавӣ ба вуҷуд омадааст.

Яке аз санъатҳои дигаре, ки дар ғазалиёти Мушфиқӣ ҷойи намоёнро ишғол мекунад, ташхис мебошад.

Чунончи, сарвро, ки аз ростӣ ва мавзунӣ дар адабиёт аксар қомати маъшуқро ба вай нисбат медиҳанд, шоир шахсонида, ҳамчун шахси зиндаи сухангӯ ба гап овардааст:

Сарв аз қади хубон хиҷилам, - мегӯяд,

Дилхаставу пой дар гилам, - мегӯяд.

Мурғони чаман зи ҳоли ӯ мепурсанд,

Гоҳе “сараму” гоҳ “дилам” мегӯяд [3, 223].

Мушфиқӣ дар ғазалиёти худ аз санъати таҷнис низ фаровон истифода намудааст. Шоир хусусан барои латофати сухан, нишон додани маҳорат ва қудрати сухандонии худ ин санъатро кор фармуда, калимоти ҷудогонаро дар маъниҳои мухталиф ба кор бурдааст. Таҷнис калимаи арабист, маънои луғавияш ҳамҷинс кардан мебошад. Дар илми бадеъи классикӣ номи яке аз санъатҳои маънавӣ ва лафзиро гӯянд. Шарти асосии ин навъи санъат он аст, ки шоир ё нависанда дар осори худ калимаҳоеро меорад, ки аз ҷиҳати шаклу талаффуз монанд ё яксонанд, аммо аз ҷиҳати маъно гуногун.

Чӣ суд аз нақши ширин кандани Фарҳод, чун бо ӯ,

Ҳанӯз аз бими Хусрав як сухан Ширин намегӯяд [3, 189].

Дар ин ҷо калимаҳои ширин ба ду маъно омадаанд, ки лутфи каломро бештар афзудаанд.

Ё:

Чун дар ин базм ба чанги аҷал афтад корат,

Гӯшае гир, ки қонуну шифо нест дар ӯ [2, 153]

Калимаҳои “қонун” ва “шифо” ҳам ба маънии асли худ ва ҳам ба ду китоби Абӯалӣ ибни Сино омадаанд.

Ё ки:

Имшаб ба хона он маҳ даромад,

Чандон нишастем, то маҳ баромад [3, 185]

Аз баррасию таҳлили ашъори Абдурраҳмони Мушфиқӣ ба назар мерасад, шоир бештар аз санъатҳои ташбеҳ, таҷнис ва талмеҳ истифода намудааст ва яке аз саноеи писандидаи тавсиф будааст. Шоир вожаву таркибҳои зоҳиран ҳаммонандро бо тобишҳои тозаву ғайриинтизор ба кор бурдааст.

Аз мутолиаи мунтахаби ашъори Мушфиқӣ ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки шоир дар ашъораш аз санъатҳои таҷнис, ташбеҳ, тавсиф, талмеҳ, ташхис, тазод, муқобала, таносуби калом ва ғайра фаровон истифода намудааст.

Воситаҳои бадеии истифода кардаи шоир бо воқеияти худ, равонӣ ва дилчаспиашон, бо вуҷуди гузаштани вақти зиёде ҳанӯз қимати адабии худро гум накардаанд ва имрӯз ҳам ба кас лаззати зиёди бадеӣ мебахшанд.

Аз баррасию таҳқиқи мавзӯъ аён гардид, ки Абдурраҳмони Мушфиқӣ дар кор фармудани саноеи гуногуни шеърӣ маҳорат ва сабки хоси худӣ дошта, ба воситаи истеъмол намудани санъатҳои гуногуни маънавию лафзӣ бадеияти ашъори худ, қувваи таъсирбахшии онро зиёдтар афзудааст.

Як хусусияти хоси услуби дар ин соҳа пешгирифтаи шоир, чи навъе ки аз намунаҳои боло маълум гардид, бо масъалаҳои зиндагонӣ, ҳодисаҳои ҳаррӯзаи ҳаёт алоқаманд намуда, ҳамчун як лавҳаи бадеӣ намоиш додани муносибаҳои лирикӣ, ҳодиса ва воқеаҳои гуногуни тасвир кардаи ӯ мебошад. Шоир хеле кӯшидааст, ки дар баробари нигоҳ доштани мавзӯоти анъанавӣ ва воситаҳои бадеии маъмулӣ, маъниҳои бикр, воситаҳои бадеии тоза низ биофарад. Ҳамин ҳолат ба эҷодиёти шоир хусусиятҳои хос ва таровати тоза бахшидааст.

АДАБИЁТ

1. Айнӣ, С. Намунаи адабиёти тоҷик / С. Айнӣ. – Теҳрон, 1385 ҳ, саҳ.67-68.
2. Мушфиқӣ, Абдурраҳмон. Куллиёт. нусхаи рақами 445 захираи дастнависҳои шарқии АИ Тоҷикистон.
3. Мушфиқӣ. Мунтахабот. Ба чоп тайёркунанда ва муаллифи сарсухан З. Аҳроров . – Сталинобод: Нашрдавтоҷик, 1958. – 303 с.

4. Мутрибӣ. Тазкират-уш-шуаро, нусхаи ганҷинаи дастнависҳои АУ Ҷумҳурии Тоҷикистон, рақ. 2253, вар.187а.
5. Аҳроров З. Абдурраҳмон Мушфиқии Бухороӣ ва Мушфиқиҳои дигар // Садои Шарқ, 1966. – № 3.
6. Аҳроров З. Мушфиқӣ / З.Аҳроров. – Душанбе: Дониш, 1978. – 273 с.
7. Зеҳнӣ, Тӯрақул. Санъати сухан / Т. Зеҳнӣ. – Душанбе: Маориф, 1992. – 301 саҳ.
8. Зеҳнӣ Т. Санъатҳои бадеӣ дар шеъри тоҷикӣ / Т. Зеҳнӣ. – Сталинобод, 1960.
9. Мусулмониён, Р. Назарияи адабиёт / Р. Мусулмониён. – Душанбе: Маориф, 1990. – 337 саҳ.
10. Шарифов, Худой. Каломи бадеъ / Х. Шарифов. – Душанбе: Маориф, 1991. – 199 саҳ.

КОРБУРДИ САНЪАТҲОИ БАДЕӢ ДАР ҒАЗАЛИЁТИ АБДУРРАҲМОНИ МУШФИҚӢ

Дар мақола санъатҳои бадеие, ки дар ғазалиёти Абдурраҳмони Мушфиқӣ мавҷуданд, мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтаанд. Муаллифи мақола кӯшидааст, ки санъатҳои ташбеҳ, таҷнис, тавсиф, таносуби калом ва ғайраро дар ғазалиёти Мушфиқӣ ҷамъоварӣ намояд. Аз баррасию таҳқиқи мавзӯъ аён гардид, ки Абдурраҳмони Мушфиқӣ дар кор фармудани саноеи гуногуни шеърӣ маҳорат ва сабки хоси худӣ дошта, ба воситаи истеъмол намудани санъатҳои гуногуни маънавию лафзӣ бадеияти ашъори худ, қувваи таъсирбахшии онро зиёдтар афзудааст. Дар ин макола тарзхои истеъмоли санъатҳои маънавӣ ва лафзии анъанави мавриди бахсу барраси карор гирифта, вобаста бо мавзӯъ ва мундариҷаи маъмулии ашъори шоир ба назар гирифта шуда аст.

Калидвожаҳо: Абдурраҳмони Мушфиқӣ, санъатҳои бадеӣ, ташбеҳ, таҷнис, истиора, ғазал, тавсиф.

ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ХУДОЖЕСТВЕННЫХ ПРИЁМОВ В ЛИРИКЕ АБДУРРАХМАНА МУШФИКИЙ

В статье анализируются некоторые художественные приёмы, которые можно найти в лирических работах Абдуррахмана Мушфикий. Автор статьи стремился собрать художественное, абстрактное, описательное, дословное и другое искусство в газелях Мушфикий. Из изучения и рассмотрения предмета стало ясно, что Абдуррахман Мушфики владел различными поэтическими ремеслами и собственным специфическим стилем и увеличивал свою литературную силу за счет использования различных духовных и словесных искусств. В этой статье обсуждаются способы использования художественных приемов и литературного искусства с акцентом на популярное содержание поэзии.

Ключевые слова: Мушфикий, Абдурахман Мушфикий, художественные приемы, газель, эталон, описание, поэзия.

THE USE OF ARTISTIC TECHNIQUES IN THE LYRICS OF ABDURRAHMAN MUSHFIKI

The article analyzes some artistic techniques that can be found in the lyrical works of Abdurrahman Mushfiqiy. The author of the article sought to collect artistic, abstract, descriptive, verbatim and other art in the gazelles of Mushfiqiy. From the study and consideration of the subject, it became clear that Abdurrahman Mushfiki possessed various poetic crafts and his own specific style, and increased his literary power through the use of various spiritual and verbal arts. This article discusses ways to use artistic techniques and literary art with an emphasis on the popular content of poetry.

Keywords: Mushfiki, Abdurahman Mushfiki, artistic techniques, Gazelle, model, description, poetry.

Сведения об авторе: ***Асалиев Аюбҷон*** – магистр второго курса факультета таджикской филологии ТНУ

Information about the author: ***Asaliev Ayubjon*** – second year graduate student of the faculty of Tajik Philology of TNU

АНАЛИЗ КОНЦЕПТА «ДУША/ДЖОН» ВО ФРАЗЕОЛОГИЗМАХ РУССКОГО И ТАДЖИКСКОГО ЯЗЫКОВ

Рахматуллаева Ф. А.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Изучение концепта «душа/джон» позволяет человеку взглянуть нам на мир глазами другого народа, понять их единство наций, их неповторимую индивидуальность. Таджикский и русский языки относятся к различным типам культуры, но, рассматривая значения слов, которые используются для вербализации концепта «душа/джон» в этих языках, можно увидеть универсальность культур, найти много общего.

Часто явления культуры, которые воплощаемы в концептах, не имеют непосредственную реальную материализованную основу (к примеру, «судьба», «совесть», «долг», «душа»). Изучение таких концептов с точки зрения лингвистики, культуры и психологии позволяет нам посмотреть вглубь, понять не своего, другого национального сознания, помогает пониманию и уважению народов. Для того чтобы раскрыть и понять о богатстве, широте и различных проявлениях внутреннего мира человека в различных культурах, последний исследуемый нами концепт является ключевым.

Рассматривая фразеологизмы русского и таджикского языков можно найти наличие мировоззренческих и культурных особенностей, т.к. фразеологизмам свойственно отражать различные специфические особенности языка. Фразеологические обороты обогащают язык, делая её ярче, красочней и анализируя фразеологизмы, становится возможным увидеть образ окружающей действительности, т.е. картину мира, который хранится в сознании представителя той или иной культуры.

Фразеологизмы – это неделимые по смыслу устойчивые словосочетания, которые состоят из двух или более слов. Как утверждает в своей работе Варданян Л. В. «… в некоторых случаях значения фразеологизмов не складываются прямо из значений слов, входящих в их состав, а приобретают некий новый смысл. Они существуют как готовые словесные блоки. Поэтому дословный перевод таких оборотов может исказить смысл высказывания». В таких случаях при переводе фразеологизмов допускается использование описательного перевода или контекстуальной замены, суть которой заключается в следующем: «... переводчик стремится найти такую фразеологическую единицу, которая, хотя и не соответствует по значению английскому фразеологизму, взятому отдельно, но с достаточной точностью передает его содержание в данном конкретном контексте» [2].

Чтобы раскрыть содержательное наполнение концепта «душа/джон» мы провели анализ значения слов, представляющих его во фразеологических единицах русского и таджикского языков. Нас интересовало в исследовании то, какие смыслы наполняют концепт, который мы исследуем в указанных языках, какими словами передаются те или иные внутренние состояния и чувства и как говорят о душе.

Сначала рассмотрим фразеологизмы со словом «душа» в русском языке и словом «джон» в таджикском языке: душа общества – *джони маъpака*, мертвые души – *джонхои мурда*, продать душу дьяволу – *джонро ба иблис фурӯхтан*, в чём только душа держится – *джонаш ба лаб омадааст*, вдохнуть душу (воодушевить, поднять настроение) – *джон дамондан*, душа висит на волоске – *джон дар болои кил истодааст* и т.д.

Существуют случаи, когда во фразеологизмах в русском языке слово «сердце» соотносится со значением слова «душа», а слово «дил» в таджикском языке – со значениями слова «ҷон». В таких случаях наблюдается следующее: в русских вариантах фразеологизмов употребляется слово «душа», а в таджикских – слово

«дил». Рассмотрим эти фразеологизмы: в глубине души – *дар замири дил, дар таҳти дил*, по душе – *дилхох, дилписанд*, от души сочувствовать кому-либо – *аз таҳти дил ба касе дилсӯзӣ кардан, аз тахти дил ба касе хамдарди кардан*, надрывать душу – *дилро пора кардан, дилро торс кардан*, кошки скребут на душе – *дилро гургон тала мекунанд*, быть бездушным – *бедил будан, сангдил будан*, для души – *барои дилхушӣ*, открывать душу – *рози дил гуфтан, дил холӣ кардан*, с открытой душой – *бо дили кушод* и т.д.

Также были найдены случаи, когда для передачи фразеологизмов со словом «душа» в русском использует в таджикском языке не только слово «джон», но и «дил»: от всей души – *аз дилу джон*, душа общества – *джону дили маърака*, души не чаять – *аз ҷон азизтар донистан, дилдода (дилбохта, дилшефта) будан*, трогать до глубины души – *то магзи ҷон таъсир кардан, то пардаи дил расидан, то замири дил расидан*, душа в пятки уходит – *покджон баромадан, дилкаф (гурдакаф, талхакаф, захракаф) шудан* и т.д.

Из вышеприведённого видно, что в таджикском языке для передачи фразеологизмов с компонентом «душа»

Распределим фразеологизмы в исследуемых нами языка в соответствии со значениями.

Первое значение слова «душа» – нематериальная часть, которая продолжает существовать в некой форме после его смерти телесной. Данное понимание является одной из ведущих значений слова «душа» в русском языке и слова «ҷон» в таджикском языке. Рассмотрим то, какими словесными компонентами передается истолкование «души/ҷон» как нематериального начала во фразеологизмах двух языков: продать душу дьяволу – *джонро ба иблис фурӯхтан, душа вышла – ҷон баромад, души усопших – джонхои гузаштагон, спасите наши души – джонхои моро наджот дихед.*

В первом примере под словами «душа» и «ҷон», используемыми в указанном значении, понимается продолжение существования после телесной смерти. В других примерах словами «душа» и «ҷон» выражается субстанция, которая покидает тело вовремя смерти.

Из приведённых примеров видно, что концепт «душа/ҷон» в значении «нематериальная часть человека, которая продолжает существовать в некой форме после его телесной смерти» репрезентируется в двух языках с помощью прямых соответствий номинативных значений слов «душа» и «джон».

«Внутренний мир человека» является вторым значением слова «душа». Это значение также имеет и слово «ҷон» в таджикском языке. Рассмотрим, какими словами передается данное значение во фразеологизмах русского и таджикского языков. Традиционно содержательное наполнение концепта «душа/ҷон» в исследуемых языках охватывает не только целостное обозначение внутреннего психического мира, а также проявление таких его составных компонентов как воля, чувство, характер, эмоции, и т.д.

Далее рассмотрим фразеологизмы со словами, которые вербализируют концепт «душа/ҷон» в значении *внутреннего психического мира человека*: поговорить с кем–либо по душам – *аз таҳти дил* (*самимона*) *бо касе гап задан*, заглянуть в душу кому–либо – *рози дили касеро фаҳмидан*, добрая душа – *ҷони одам*, расстроиться до глубины души – *то магзи джон гамгин шудан, бо тамоми вуҷуд* (*эҳсосот*) *гамгин* (*андухгин*) *шудан* и т.д.

Как видно, для обозначения фразеологизмов со значением «внутреннего мира человека» в русском языке употребляется слово «душа», тогда как в таджикском языке в данном значении наряду со словом «ҷон» используется и слово «дил».

В значении «внутренний мир человека» выделим его составляющие части и рассмотрим, какими словами передается исследуемый нами концепт в двух языках.

- Черты характера: быть бездушным – *бедил будан, сангдил будан*, с открытой душой – *бо дили кушод,* золотое сердце (человек с доброй душой) – *дили наджиб,*

каменное сердце – *дили бераҳм, сангдил, сахтдил,* добрая душа – *ҷони одам,* чистая душа – *дили соф,* прямодушный – *софдил,* душевный(чуткий) – *дилсӯз, меҳрубон.*

В русском языке для выражения исследуемого нами концепта в вышеуказанном значении (черты характера) используется как слово «душа», так и слово «сердце» (в переносном значении). В таджикском языке в данном значении концепт «ҷон» вербализуется больше словом «дил» нежели словом «ҷон».

- Нравственные качества личности: брать за душу – *дилро об кардан, ба ҳаяҷон овардан, мутаассир кардан,* от души сочувствовать кому–либо – *аз таҳти дил ба касе дилсузи кардан, аз тахти дил ба касе хамдарди кардан,* взять грех на душу – *гунохро ба гардан гирифтан,* кривая (мохнатая) душа – *ноодил*.

Исходя из анализа можно сказать, что в русском языке для передачи нравственных качеств используется слово «душа», тогда как втаджикском языке мерилом нравственности выступает слово «дил» в переносном значении.

- Волевая сфера: для души – *барои дилхуши,* от всей души – *аз дилу джон, аз тахти дил, аз самими калб,* душа не лежит к чему-либо – *ба чизе дил пур не, ба чизе дил об намехӯрад,* всё, что душа пожелает – *хар чизе ки дил хохад*, от души желать чего–либо – *бо джону дил чизеро хостан,* сколько душе угодно – *ба кадри дилхох*, от души хотеть что–либо сделать – *аз самими дил* (*калб*) *чизеро кардан хостан*, душа не удержалась – *джонам токат накард, дилам токат накард.*

В таджикском языке чтобы охарактеризовать *волевую сферу* для репрезентации концепта «джон» наряду со словом «ҷон» также применяется и слово «дил», и встречены случаи, где в одном фразеологизме используются оба слова: и «ҷон» и «дил». В русском языке, наоборот, в значении «волевые качества» применяется слово «душа».

- Чувства и эмоции.

В связи с тем, что мир *чувств и эмоций* довольно таки разнообразен и очень богат, они включают в себя *настроение, аффекты и страсти, а также чувство.* Рассмотрим каждые из них:

Настроения: по душе – *дилхоҳ, дилписанд, маъқул*, не по душе – *дилхоҳ не, номаъқул*, расстроиться до глубины души – *то магзи ҷон гамгин шудан,* как бог на душу положит – *пеш омад, хуш омад*, вдохнуть душу (воодушевить, поднять настроение) – *джон дамондан*, *рух бахшидан*,

Аффекты и страсти: выворачивать душу наизнанку – *дили худро кушодан, дилро холӣ кардан*, надрывать душу – *дилро пора кардан, дилро торс кардан*, душа болит у кого-либо – *дили касе месӯзад*, душа горит – *дил бекарор аст, дил дар тугён аст*, камень на душе – *дил пургам аст* и т.д.

Чувства (на примере чувства любви): западать в душу – *ба дил нишастан*, испытывать душевное влечение к кому–либо – *шавку рагбат ба касе хис кардан,* брать за душу – *дилро об кардан, ба хаяджон овардан, мутаассир кардан,* душа моя – *джони ман, джонакам*, души не чаять – *аз джон азизтар донистан, дилдода (дилбохта, дилшефта) будан.*

В значении *средоточие эмоций и чувств* из приведённых примеров видно, что для репрезентации концепта «душа» в русском языке используются не только слово «душа», но и слово «сердце» (*золотое сердце* (*человек с доброй душой*) – *дили наджиб*, *каменное сердце – дили берахм, сангдил, сахтдил*)

В ряде случаев слова «душа» и «сердце» используются как равнозначные: *душа ноет – сердце ноет, душа не на месте – сердце не на месте, душа моя – сердце моё, камень на душе – камень на сердце, легко на душе – легко на сердце, облегчить душу – облегчить сердце, западать в душу – западать в сердце.*

Так же, как и в русском языке в ряде случаев слова «джон» и «дил» используются как равнозначные: *джонам токат накард – дилам токат накард, джонам дард мекунад – дилам дард мекунад* и т.д.

Рассмотрим случаи, в которых репрезентация концепта «душа/джон» русского и таджикского языков идёт в значении «человек». Здесь необходимо выделить несколько подзначений:

А) «Человек» выступает как синоним слов «душа» и «джон»: живая душа – *ҷони зинда,* ни души – *джонзоде нест, касе нест*, ни одной живой души не встретили – *бо ягон джонзоде вонахӯрдан,* мертвые души – *джонхои мурда*.

В русском языке под выражением «мертвые души» понимается *мертвые люди*. Данная фраза хорошо разъяснена в «Мёртвых душах» Н. В. Гоголя и не имеет каких–либо отношений потустороннему миру, мистике. В царской России «душами» называли крепостных крестьян, т.е. людей низкого сословия. Под «мертвыми душами» подразумевали людей, умерших в промежутке двух народных переписей, но числящихся, по уплате податей, налицо [1]. «У него сто душ» говорилось о человеке, который является владельцем имения со ста крестьянами, а говоря «родовые души» – имелось в виду унаследованное имение, то есть крепостные крестьяне, которые передавались вместе с имением по наследству от одного поколения рода к другому. Так же существовало выражение «прописные души». Так, на Руси называли людей, которые были пропущены в народной переписи.

Исходя из вышесказанного можно сказать, что в обоих исследуемых языках речь идет о самих людях.

Для выражения концепта «душа/джон» в данном значении в русском и таджикском языках используются прямые соответствия слов: душа – джон.

Б) Во второй группе примеров *свойства объекта* уже *переносятся на сам объект*, то есть, чтобы охарактеризовать человека, обладающего различными качествами, используются сами названия этих качеств: добрая душа – *ҷони одам*, быть бездушным – *бедил будан, сангдил будан,* чистая душа – *дили соф*, прямодушный – *софдил,* кривая (мохнатая) душа – *ноодил.*

В данной группе во фразеологизмах русского и таджикского языков используются слова «душа» - «дил», «джон».

В) Характеристика человека в деятельности, в группе: быть душой чего-либо – *джони чизе будан*; душа общества – *джону дили маърака*.

Первый пример, выражающий значение «душа», совпадают в обоих языках: «душа» – «джон». Во втором примере выражение «ҷону дил» является неделимым компонентом и на русский язык передается словом «душа».

Анализ показывает, что значение «человек» раскрывается в исследуемых нами языках следующими соотнесениями слов; «душа» = «джон», «дил».

Также, в ходе исследования были обнаружены случаи, когда при поиске фразеологизма с компонентом «душа» в другом языке этот компонент отсутствовал: жить душа в душу – *дӯстона зиндагӣ кардан*, кривить душой – *дуруг гуфтан, бевиджони* (*виджонфуруши*) *кардан*, не иметь ни гроша за душой – ягон тин надоштан, загубить душу – *гуноҳи сахт кардан*, как бог на душу положит – *неш омад, хушомад*;

Аналогичное явление наблюдается и при поиске таджикских эквивалентов русских фразеологизмов: джон надоштан – *не иметь сил, быть слабым*, джони гап – *суть сказанного*, джон бахшидан – *оживлять, возвращать к жизни,* джон фидо кардан – *рисковать жизнью, жертвовать жизнью*, джон даромадан – *оживиться, укрепиться, восстановить здоровье (силы)*, джон джон гуфта – *с полной готовностью, с радостью, охотно*;

Вышеприведённые примеры говорят о том, что для передачи смысла, выраженного в этих фразеологизмах, использован описательный перевод, так как эквивалент в другом языке отсутствует.

Как отмечалось ранее для вербализации концепта «душа/джон» во фразеологизмах с компонентом «душа» в русском языке используются слова «ҷон», «дил», «дилу джон»/«джону дил». Считаем немаловажным отметить то, что слово

«дил» используется намного чаще, чем вышеуказанные слова. Для убедительного доказательства ниже приведена диаграмма (на основе русско-таджикского словаря с компонентом «душа» в нашей магистерской диссертации) счастотой употребления того или иного слова для вербализации исследуемого нами концепта.

Способы передачи русских фразеологизмов с компонентом "душа" на таджикский язык



ЛИТЕРАТУРА

1. Даль, В. И. Толковый словарь живого и великого русского языка /В.И. Даль. В 4 т. Т. I. А – 3. – М.: Русский язык, 1978. –1978. – 699 с.
2. Варданян Л. В. Этнолингвокультурный концепт "душа" в английской, русской и эрзянской языковых картинах мира: Дисс. канд. филол. Наук, - Москва: 2007. – С. 190.
3. Фразеологический словарь русского литературного языка. В 2–х т.Т. I: А – М. – Новосибирск: «Наука», 1995. – 390 с.
4. Фозилов М. Фарҳанги ибораҳои рехтаи забони ҳозираи тоҷик, в 2-х т. Душанбе: Нашриёти давлатии Тоҷикистон. – 1963. – С. 951

АНАЛИЗ КОНЦЕПТА «ДУША/ДЖОН» ВО ФРАЗЕОЛОГИЗМАХ РУССКОГО И ТАДЖИКСКОГО ЯЗЫКОВ

В данной статье даётся анализ концепта «душа/джон» во фразеологизмах русского и таджикского языков. В исследовании нас интересовало то, какие смыслы наполняют концепт, который мы исследуем в указанных языках, какими словами передаются те или иные чувства и как говорят о душе. В результате проведённого анализа в рамках одной статьи было выявлено, что фразеологизмы с компонентом «душа» в русском языке передаются на таджикский язык не только словом «джон», но и «дилу джон»/«джону дил» и чаще всего словом «дил».

Ключевые слова: душа, язык, фразеологизм, концепт, компонент, слово, фраза

ТАҲЛИЛИ КОНСЕПТИ «ДУША/ҶОН» ДАР ФРАЗЕОЛОГИЯҲОИ ЗАБОНҲОИ РУСӢ ВА ТОҶИКӢ

Дар мақолаи мазкур таҳлили консепти «душа/ҷон» дар фразеологияҳои занбонҳои русӣ ва тоҷикӣ дода шудааст. Дар тадқиқот мо манфиатдори он будем ки бифаҳмем: консептро чӣ гуна маъноҳо иҳота карда истодаанд, бо ёрии кадом калимаҳо ин ё он эҳсосотҳо ифода мегарданд ва дар бораи ҷон чиҳо мегӯянд. Дар натиҷаи таҳлил дар доираи як мақола ошкор гардида шуд, ки фразеологизмҳои дорои компоненти «душа» дар забони русӣ ба забони тоҷики натанҳо бо калимаи «ҷон» балки бо калимаҳои «дилу ҷон»/«ҷону дил» ва бештар бо калимаи «дил» ифода мегарданд.

Калидвожаҳо: чон, забон, фразеологизм, концепт, компонент, калима, ибора

ANALYSIS OF THE CONCEPT “SOUL / JON” IN THE PHRASEOLOGY OF THE RUSSIAN AND TAJIK LANGUAGES

This article analyzes the concept of "soul / jon" in the phraseologicalunits of the Russian and Tajik languages. In our study, we were interested in what meanings fill the concept, which we explore in these languages, what words convey those or other feelings and how they speak about the soul. As a result of the analysis carried out within the framework of one article, it was revealed that the phraseological units with the “soul” component in the Russian language are transmitted into Tajik not only by the word “jon”, but also from “dilu jon” / “jonu dil” and most often by the word “dil”.

Keywords: soul, language, phraseology, concept, component, word, phrase

Сведения об авторе: ***Рахматуллаева Фарзона Амритдиновна*** – Таджикский национальный университет, магистр 2-го курса кафедры общего языкознания и сравнительной типологии. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 917-56-26-16.** E-mail: **saro.felicee@bk.ru**

Information about the author: ***Rakhmatullayeva Farzona Amritdinovna*** -Tajik National University, 2nd-year graduate student in General linguistics and comparative typology. Address: 17 Rudaki Ave., Dushanbe, 734025, Republic of Tajikistan. Phone: **(+992) 917-56-26-16.** E-mail: **saro.felicee@bk.ru**

АНТОНИМҲОИ ИСМИИ МАТНӢ ВА ХУСУСИЯҲОИ ОНҲО

Сайдаҳмадов А. З.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар забони адабии ҳозираи тоҷик баъзе калимаҳои антонимӣ маъноҳои ба ҳам зидро танҳо дар матн ифода менамоянд. Берун аз матн онҳо чунин вазифаро адо карда наметавонанд. Адиб ҳангоми тасвири ҳодисаю воқеаҳо бо мақсадҳои муайяни услубӣ аз ин гуна антонимҳо ба таври фаровон истифода мебаранд. Ин ҳодисаи луғавиро дар забоншиносӣ “антонимҳои контекстуалӣ ё матнӣ меноманд. Дар забоншиносии тоҷик он муҳаққиқоне, ки оид ба забони нависандагони ҷудогона таҳқиқот бурдаанд, ин навъи мутазодҳоро “антонимҳои услубӣ-фардӣ” номидаанд. [1, с. 11]

Ҳақ бар ҷониби Л.А. Новиков аст, ки таъкид мекунад: “Дар омӯзиши антонимҳои чизи аз ҳама муҳим ва асосӣ дуруст фаҳмидани мафҳуми зиддият аст” [3, с.20].

Вожаҳои меш ва гург дар алоҳидагӣ, берун аз матн маъноҳои зидро ифода намекунанд, вале дар матни муайян бо якдигар зидмаъно мешаванд. Ин гуна мисолро мо дар достони “Лайлӣ ва Маҷнун” – и Низомӣ ба мушоҳида гирифтем:

Чун **гург** бара зи **меш** бибурд,
Фарёди шубон куҷо кунад суд? (7,140).
Афтода зи меш **гург**ро зӯр,
Бардошта **шер** панҷа аз гӯр (7,184).

Дар байни мардум **гӯсфанд** (гуспанд) ифодаи некӣ, хубӣ, покиро дорад, вале **гург** тимсоли бадӣ, бадкирдорӣ, бераҳмӣ аст. Ана ҳамин ду мафҳуми ба ҳам муқобил бо калимаи меш (гӯсфанд) ва гург дар байти овардашуда ифода карда шудааст.

Гӯсфандро барои покӣ ва ҳалолиаш дар солшуморӣ ба ҳисоб гирифтаанд.
Он кас, ки на одамист, **гург** аст,
Оҳукушӣ – **оҳу**и бузург аст [7,130].
Саг бо **харгуш** сулҳ карда,
Оҳубара шири **шер** хӯрда [7,184].
Оҳу ба дили ту меҳр дода,
Бар рони ту **шер** сар ниҳода [7,192].

Баъзан ҳайвонҳое ҳастанд, ки ҳам берун аз матн антоними якдигаранд ва ҳам дар дохили матн.

Ман ҷуз сари **дому дад** надорам,
На пои ту, пои худ надорам! [7,233]
Ӯ бар сари шуғлу меҳнати хеш,
В–он **дому дад**он фитода дар пеш [7,254].

Вожаи **дом дорои** маънии зайл аст: Ҷонвари ваҳшии гиёҳхури ғайри дарранда ҳамчу оҳу, гавазн ва ғ.; ҳайвонот; муқ. Дад (даду дом). [6 с. 386].

Дар ҷои дигар чунин шарҳ дода шудааст: дом бар вазни ром; *нақизи* дад бошад, ки он ваҳшии ғайри дарранда аст, умуман ва оҳу ва ғазол ва нахчирро гӯянд хусусан;

ва ҳашаротуларз ва паррандаро ҳам гӯянд; ва ҳар чиз ки ҷонварон дар он ба фиреб гирифтор шаванд; ва назди муҳаққиқин ба маънии захорифи дунявӣ ва он чи боиси бозмондагӣ аз мабдаъ бошад [2, с. 8].

Вожаи **дад** чунин шарҳ дода шудааст: ҳайвони дарранд; *муқ.* дом; даду дом ҳайвоноти дарранда ва ғайридаррандаи саҳроии гиёҳхӯр; *муқ.* дом [6, с. 314].

Дар "Бурҳони қотеъ" дигар хел шарҳ дода шудааст: 1) дад сабъро гӯянд, ки ҷонварони дарранда бошад, ҳамчу шер ва паланг ва гург ва монанди он; ва биёбони пур аз шикорро низ гӯянд; 2) **дада** ба маънии **дад** аст, ки ҷонварони дарранда бошад; ва қаландарро низ гӯянд [2, с.12].

Вожаи санг дар матни муайян бо калимаҳои **гуҳар/гавҳар**, лаъл хусусияти зидмаъной зоҳир мекунад. Санг киноя аз чизи беқадр, арзон, беарзиш, вале гуҳару лаъл ба маънои чизи қиматбаҳо меояд.

Мезист дар он шиканҷаи танг,

Чун донаи лаъл дар дили санг [7, 239]

Гоҳо дар забони адабии тоҷикӣ калимаи санг хусусияти сермаъной пайдо намуда, маъноҳои иловагӣ "ботамкин, боирода, ниҳоят сахт" – ро низ ифода мекунад. Ба ин маъноҳо он бештар дар таркиби зарбулмасалу мақолҳо ба кор меравад: санги вазнинро об намебарад; санг барин вазнин шудан ва ғайра.

Вожаҳои шеру рӯбоҳ дар матни адабиёти классикӣ, дар забони адабии муосир ва ҳам дар гӯйишҳои мардум маъноҳои муқобилро ифода кардаанд:

Афкандани сайд кори шер аст,

Рӯбаҳ зи шикори шер сер аст... [7, 35]

Чунин ифодаҳои антонимӣ, махсусан, дар ашъори ишқии шоирон бештар ба назар мерасанд.

Ҳамин тариқ, аз гуфтаҳои боло чунин хулоса бармеояд, ки баъзе номҳои ҳайвоноту паррандагон низ ифодагари мафҳумҳои зид ба сифати антонимҳо хизмат мекардаанд. Мисолҳои овардаамон, мушоҳидаҳои забони зиндаи мардум гувоҳӣ медиҳад, ки номҳои ҳайвоноту паррандагон ифодагари ҷузъҳои антонимӣ мебошанд. Ҷолиби таваҷҷӯҳ аст, ки номҳои ҳайвоноту паррандагон, ҳарчанд дар шакли луғавӣ хусусияти зидмаъной надоранд, гоҳо шоиру нависандагон дар матн онҳоро бо ҳамдигар муқобил мегузоранд ва дар натиҷа онҳо антонимҳои матниро ташкил мекунанд. Ин тарзи зидгузорӣ ба маҳорати эҷодкор вобаста мебошад:

Гулро натавон ба бод додан,

Маҳзода ба девзода додан [7, 108]

Дар ин байт антонимҳо дар шакли сохта истифода шуда, антонимҳои дорои маънои маҷозӣ мебошанд.

Вожаи маҳзода маънои шахси зеборо доро аст.

Калимаи девзода шахси девнажод, бадзод, бадсиришт, ноаҳл, бадкирдор, нокас, ноодам дар назар дошта шудааст.

Дар адабиёти бадеӣ ва дар забони зиндаи халқ низ аксар вақт шахсони зишт, безебро бо дев, касони хушрӯйро бо парӣ ташбеҳ медиҳанд. Дев рамзи безебӣ, зиштӣ, бадӣ, бадкирдорӣ, вайронкорӣ буда, парӣ – киноя аз зебой, хушрӯй, некӣ, некӯкорӣ ва ғайра мебошад. Аз ин рӯ, хоҳ нохоҳ ҳодисаи зидмаъной ба миён меояд.

Дар байни мардум калимаи дев ба ғайр аз маъноҳои мазкур боз ба маънои ниҳоят калон, азимҷусса низ ба кор бурда мешавад: дев барин калон, девсурат ё девсират ҳам мегӯянд.

Баъзан мардум шахси боқувват, пурғайратро низ ба дев нисбат медиҳанд: Дев барин кор мекунад. Ҳатто вожаи дев бо кор васл шуда, сифати мураккаби девкор сохтааст.

Дар байти зайл вожаҳои дев ва одам вазифаи антонимро ифода кардааст:

Девонаву дардманду ранҷур,

Чун дев зи чашми одамӣ дур [7, 79].

Дар забони адабӣ, махсусан, дар забони назм вожаҳои касону хасон, осмону остон дар матни муайян хусусияти зидмаъноӣ пайдо мекунанд:

Бикшод шакар ба заҳрханда,
К–эй бар ҷигарам намак фиканда [7, 194]!
Маҷнун, ки зи нӯш буд бебаҳр,
Мехӯрд наволаҳои чун заҳр [7, 78].

Аз ин баррасии иҷмолӣ ба натиҷае омадем, ки дар ба вуҷуд омадани антонимҳо нақши матни бадеӣ назаррас будааст. Бо эҷод гаштани матни бадеӣ адиби боистеъдод имкон дорад, ки чун устод Низомии Ганҷавӣ барои зебоӣ ва пуртафаннун гаштани фикр, ба вижа ифодаи бекамукости андеша ва тарғиби ғояҳои олии инсондӯстона аз ғановати забонӣ– карда, густариш диҳад.

АДАБИЁТ

1. Ғафуров Р. Забон ва услуби Раҳим Ҷалил/ Р. Ғаффоров. – Душанбе, 1966. – 169 с.
2. Муҳаммадҳусайни Бурҳон. Бурҳони қотеъ: иборат аз 2 ҷилд / Мураттиби матн бо пешгуфтор, гуфтор, мулҳақот, тавзеҳот ва феҳристи Амон Нуров. – Душанбе: Диб. Ҷилди 2. Дол –Коф. 2004. – 424 с.
3. Новиков Л.А. Основы иранского языкознание (Новоиранские языки). – М.: Наука, 1982. – 571 с.
4. Низомии Ганҷавӣ. Достони “Лайлӣ ва Маҷнун”. Сталинобод: “Нашр. Дав. тоҷ” 1947. – 312 с.
5. Фарҳанги забони тоҷикӣ (аз асри Х то асри ХХ). Иборат аз 2 ҷилд. Ҷилди 1. Москва: “Советская энциклопедия”, 1969. – 951 с. “А”
6. Фарҳанги забони тоҷикӣ (аз асри Х то асри ХХ). Иборат аз 2 ҷилд. Ҷилди 2. Москва: “Советская энциклопедия”, 1969. – 950 с. “Б”
7. Низомии Ганҷавӣ. Достони “Лайлӣ ва Маҷнун”. Сталинобод: “Нашр. Дав. тоҷ” 1947. – 312 с.
8. Хоҷаев Д. Гуфтои накӯ куҳан нагардад / Д. Хоҷаев – Душанбе, “Шуҷоиён”, 2011. – 230 с.

АНТОНИМҲОИ ИСМИИ МАТНӢ ВА ХУСУСИЯТҲОИ ОНҲО

Баъзе калимаҳои антонимӣ дар забони адабии тоҷик маъноҳои ба ҳам зидро танҳо дар матн ифода менамоянд. Онҳо берун аз матн чунин вазифаро адо карда наметавонанд. Ҳангоми тасвири ҳодисаю воқеаҳо нависанда ё шоир ба мақсадҳои муайяни услубӣ аз ин гуна антонимҳо ба таври фаровон истифода мебарад. Дар забоншиносӣ ин ҳодисаи луғавиро “антонимҳои контекстуалӣ ё матнӣ” номидаанд. Муҳаққиқоне, ки оид ба забони нависандагони ҷудогона таҳқиқот бурдаанд, ин навъи мутазодҳоро дар забоншиносии тоҷик “антонимҳои услубӣ – фардӣ” номидаанд. “Антонимҳои луғавӣ аз ҳодисаҳои ниҳоят инкишофёфтаи забони адабии тоҷик ба шумор мераванд, – қайд менамояд профессор Ҳомид Маҷидов. Онҳо ба раванди ҳодисаҳои ба ҳам зидди табиат ва ҷамъият робитаи ногусастанӣ дошта, инъикоси қонунияти ягона будани олам ва муборизаи ба ҳам зидҳои паҳлӯҳои мухталифи он мебошанд”. Дар ин мақола антонимҳои матнӣ ва баъзе вожагиҳои онҳо бар асоси маводи достони “Лайлӣ ва Маҷнун” – и Низомии Ганҷавӣ мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор гирифтааст. Натиҷа ин аст, ки ин навъи внтонимҳо маҳз дар матн ба вуҷуд оварда мешаванд, ки онҳо обуранги бадеӣ ва вижагиҳои услубии каломи манзуму мансурро таъмин месозанд. Маводи муҳаққақи ин мақола барои ҳаводорони каломи бадеъ муфид хоҳад буд.

Калидвожаҳо: антонимҳо, антонимҳои исмии матнӣ, Низомии Ганҷавӣ, достони “Лайлӣ ва Маҷнун”, забони адабӣ, луғат, вожа, нақш.

АНТОНИМЫ СУЩЕСТВИТЕЛЬНЫХ В ТЕКСТАХ И ИХ ОСОБЕННОСТИ

В настоящей статье автор рассматривает некоторые особенности антонимов существительных в текстах. Некоторые слова антонимы в таджикском литературном языке в тексте имеют противоположные значения. Во время представления, явлений и случаев писатель или поэт с целью стилья использует антонимов в широком объёме. В языкознании эти словари называются контекстуальными антонимами. Исследователи, которые работали над этими отдельными, такой вид антонимов в языкознании называется «стильно – пособые антонимы”. “Словарный антоним называется одным из распространённых в таджикском литературном языке – отмечает профессор Хомид Маджидов. В процессе противоположной природы и обществе взаимодействованы и имеют единое отражение закона вселенной и имеют между собой противоположные разнообразные стороны”. В этой статье обсуждаются антонимы существительного текста и некоторые их терминалы в основе эпоса «Лайли и Маджнун» Низомии Ганджави. В результате эти новые антонимы будут

появляться именно в этом тексте, что они дают особые значения в стиле поэмы и прозы (манзум и мансур). Материалы этого статья полезны для читателей литературного произведения.
Ключевые слова: антонимы, Низами Ганджави, антонимы существительного текста, эпос «Лайли и Маджнун», литературный язык, словарь, термин, роль.

ANTONYMS OF NOUNS IN TEXTS AND THEIR FEATURES

In this article, the author considers some features of noun antonyms in texts. Some words antonyms in the Tajik literary language have opposite meanings in the text. During the presentation, phenomena and cases, the writer or poet uses antonyms in a wide range for the purpose of style. In linguistics, these dictionaries are called contextual antonyms. Researchers who have worked on these separate, this type of antonyms in linguistics is called "stylish-familiar antonyms". "The dictionary antonym is called one of the most common in the Tajik literary language," says Professor Khomid Majidov. In the process of opposite nature and society, they interact and have a single reflection of the law of the universe and have opposite diverse sides". This article discusses the antonyms of the noun text and some of their terminals at the heart of the epic "Laili and Majnun" by Nizomi Ganjavi. As a result, these new antonyms will appear in this text, which they give special meanings in the style of poetry and prose (manzum and Mansur). The materials of this article are useful for readers of a literary work.
Keywords: antonyms, Nizami Ganjavi, antonyms of the noun text, epic "Laili and Majnun", literary language, dictionary, term, role.

Сведения об авторе: ***Сайдахмадов Агмалиддин Зулфикорович*** – магистр второго курса факультета таджикской филологии ТНУ. Тел.: **93 925 34 09**.

Information about the author: ***Saydahmadov Agmaliddin Zulfiqorovich*** – the second year graduate student of the faculty of Philology of TNU. Phone: **93 925 34 09**

ХУСУСИЯТҲОИ БАДЕИИ РОМАНИ “САРМАДДЕҲ”

Саидов М. Ш.
Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдулло Рудакии Академияи Илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон

Баҳманёр нависандаи соҳибкасби тоҷик аст. «Сармаддеҳ» аз муҳимтарин асарҳои Баҳманёр ба шумор меравад ва ин қиссаест, ки дар нимаи дуввуми даҳаи ҳаштоди милодӣ сабки ҷадиде аз насрнависиро муаррифӣ карданд, ки ба хонандаи тоҷики он солҳо, ки аз реализми сотсиалистӣ хаста ва ташнаи навоварӣ буд, рӯҳия ва умеди тоза бахшиданд ва дар муддати кӯтоҳ шӯҳрате фаротар аз марзҳои Тоҷикистони шӯравӣ пайдо карданд. Ба қавли Шаҳзодаи Самарқандӣ "Баҳманёр қиссагӯйест шабеҳи Шаҳрзоди «Ҳазору як шаб» хастагинопазир ва тахайюлоти ӯ ҳадшинос аст. Зарофати қиссагӯйии ӯ ин аст, ки дар марзи афсона ва воқеият қарор дорад" (1, 3).

Ӯ дар ин роман мушоҳидаҳои худ аз рӯзгори тоҷиконаро дар маҳдудаи як рустои хаёлӣ баён мекунад. Қиссаҳои ӯ на ҳамеша бо шодӣ ва хурсандӣ ба поён мерасанд, чун афсона нестанд, балки обхӯрда аз таърихи минтақаанд. Ҳарчанд Баҳманёр мегӯяд, ки Сармаддеҳ вуҷуд надорад ва ӯ худ ин деҳро офарида, хонандаи зирак мефаҳмад, ки ин деҳ шохисаҳои шарҳрҳо ва маҳалҳои Осиёи Миёнаро дар бар дорад. Ҷавонони худогоҳ ба адабиёт маъмулан бо мавзӯи худ, бо дарди худ, бо андешаи худ меоянд ва аз иқдоми аввал сайъ меварзанд,ки соҳибназар бошанд, оламро бо чашми худ бубинанд, бо кафши худ по гузоранд ва ба қавли шоиронаи сароянданди беназир Ахмади Зоҳир «бо гулӯи худ сароянд».

Ба шинохти Муҳаммадшарифи Рустам Баҳманёр аз ҷавонони тозанафас аст, аз ононест, ки аз қадами нахустпайроҳаи худро дар олами кӯҳани адабиёт меҷӯяд ва мекӯшад сухани худро бигӯяд [11, 47].

Мавзӯи баҳси «Ду мӯсафед», «Зови карафса», «Оҳуи дастомӯз», "Шикордузд" муносибати дилсӯзонаи инсон ба табиат мебошад. Дар ин ҳикояҳо мо ба ду дунё во

мехӯрем: Дунёи, ки ваҳдати худро бо табиат дарк мекунад, барои нигоҳдоштӣ талош меварзад ва дунёе, ки миёни худу табиат иртиботе намебинад на табиат гӯё олами бегонаест, ки онро метавонад худкомона истисмор карду валангор сохт. Дунёи аввал табиатро нигаҳбонӣ карда, риштаи пайванди замонҳоро барқарор медорад ва замон оянда ҳамеша дар мадди назарш аст, аммо дунёи сонӣ риштаи пайванди замонҳову наслҳоро меғусилад, барояш замони ҳозира вуҷуд дораду бас. Мӯйсафедон Бобокӯчак ва Гиёҳ намояндагони дунёи аавваланд, ба нафақа баромада бошад ҳам, иртиботи худро аз такопӯй хамарӯзаи мардум накандаанд, вуҷуди кӯҳро вуҷуди худ медонанд. Бори сӣ бар дӯш доранд, бинобар ин ҳар табардасте,ки бурзро аз реша меканад,ба дили онҳо низ беихтиёр табар мезанад. Аммо Дамдори Шикордузд таҷассумгари моҳияти дунёи сонист, ки бо фалсафаи «Дунё сӯзаду деги қаланадар ҷӯшаду умр мепаймояд ва нигоҳи ваҳшиёнае ба олами атроф дорад. Табиист ки ин нигоҳ бо нигоҳҳои оқилона бармехӯрад ва Дамдор ба ҳалокат мерасад. Албатта дарки ҳикояҳо бар ҷиддии ин ду ҷаҳон дида намешавад. Аз вақте ки табъозмой дорад, талаб кардан аз рӯи инсоф нахоҳад буд, аммо гузориши масъала дуруст ва ҷолиби диққат аст. Аз ҳикояҳои «Нозанини шӯх», «Аспи зарринёл» ва «Ишқи сайёд», ки обуранги романтикӣ дошта, ҳиссиётангез ба ба қалам омадаанд, садои дили Баҳманёри ошиқ ва шоир ба гӯш мерасад. Ба умуман ӯ ба тасвиркории романтикӣтаваҷҷӯҳ дорад ва чунин биниш дар ҳикояи минбаъдаи ӯ пешравӣ дод. Нашри «Ғӯли кӯҳӣ», «Аспи обӣ», дар рӯзномаҳо далолат ба пешрафти эҷодии нигорандаи ҷавон мекунанд. Баҳманёр бо ин ҳикояҳо собит кард, ки дорои фитратест, шоирона қудрат дорад, ки ҷаҳонро чун шоирон бубинад ва ба қалам бидиҳад. Миёни ҳафт ҳикояи китоб умумияте ба мушоҳида мерасад. Воқеияти тасвиршударо Сармаддеҳ ном рустои кӯҳистон ба вуқуъ мепайвандад, баъзе персонажҳо дар чанд ҳикоя фаъолият мекунанд, ки ин ба пиндошти мо бесабаб нест.

Баҳманёр бешубҳа, аз таҷрибаи бадеии ин суханварони пешин огоҳ ё барҳурдор аст, ки дар насри муосири тоҷик деҳаке бо номи Сармаддеҳ арзи вуҷуд кард. Дар ин деҳ мӯйсафед Гиёҳи сайёд ба нафақа баромада ,ҷангалбонӣ мекунад ва ҳар як пайраҳаи ин кӯҳсорро чун ҳар як захми баданаш хеле хуб медонад». Бобо кӯчаки собиқ дуредгар бошад,зови Карафсаро «барои як бурси пири яккаву танҳо» дӯст медорад ва чун шабе аз оташак бурс месӯзад, умри пирамард ҳам канда мешавад,бо игвои Дамдори шикордузд оҳуи дастомӯзеро ба шаҳр бура сар мебуранд.сайёди ҷавоне бо Моҳак ном духтаре ишқ меварзад ва аз ғояти ишқ аз вартаи дӯзахак раҳо меёбад. Кампири Зира аз калова шудани риштаҳои чиликаш «тавба» гӯён гиребон дошта, ба сари саги думбуридааш Шерафкан дӯғ мезанад. Ҳамин дастур ҳикояте аз достони Сармаддеҳ ошно мешавем, лекин ҳанӯзнамедонем, ки Сармаддеҳ дар куҷо воқест, ҳамсояи кадом рустову шаҳрҳост, чӣ рӯдаке онро миёнбур карда мегузарад,чӣ чашмаҳое дар кӯҳсори он ҷӯш мезананд таърихаш то ба куҷо дарозӣ мекашад ва муҳимтар аз ҳама одамаони аҷибхулқе дар он зиндагӣ мекунанд?

Худи нависанда мегӯяд «Сармаддеҳ дар харита нест. Умуман вуҷуд надорад. Ин деҳ бофтаву сохтаи ман аст. Дар адабиёти дунё назири он зиёд аст. Масалан, Уилям Фолкнер, нависандаи маъруфи амрикой, соҳиби Ҷоизаи Нобел як музофоти хаёлӣ дорад ба номи Йокнопатофа. Адиб харитаи ин музофотро кашида буд. Дар он харита маҳалли зисти сияҳпӯстон, сафедпӯстону сурхпӯстон, корхонаву ширкату ҷангал ва дарёҳоро ҳам мушаххас карда буд. Болои ин харита навишта буд: Ҳокими ягона Уилям Фолкнер. Дар адабиёти Шӯравӣ ҳам намунаҳо буданд, масалан, Сумикати Гран Матевосян, Чегеми Фозил Искандар. Габриэл Гарсиа Маркес ҳам як шаҳри хаёлӣ дошт ба номи Макондо. Сармаддеҳ ҳам чунин аст. Худам сохтам" [1, 2].

Баҳманёр дар Сармаддеҳ бо моҳиронатарин шева ва расму оинҳои ҷавонмардӣ, модархудой, ҳоксорӣ ва қаноатмандӣ ва рустой будани мардуми тоҷик мегӯяд ва бо ин роҳи зарифона ва пропагандаи даврони шӯравӣ ва ҷараёни русисозӣ муҷодала

мекунад. Сармаддеҳ рустоест бо мардумони шоду хушбахт, агар ҳамсояҳои бадбахт бигзоранд. Сармаддеҳ деҳи кӯчакест дар миёни кӯҳҳои баланд бо мардумони кам, аммо пойдор ва меҳмондӯст романтик ва хаёлпардоз. Сармаддеҳ барои тоҷикон «Шоҳнома»-и кӯчакест дар сабки қиссаҳои «Хазору як шаб», бахши аздастрафтаи қасидаи Рӯдакист ва афсонаҳое, ки модарбузургони тоҷик бо худ ба хок бурданд. Шояд хонандаиғайритоҷик аз ширинии баёни Баҳманёр натавонад баҳраи чандон бибарад ва лаззати омехтани лаҳҷаҳои имрӯзу дирӯзи минтақаро нашносад, зеро ин ширинихо ношӣ ва аз шаҳди лаҳҷаҳои маҳаллист ва пайдо кардани вожаҳои гумшуда ва ё тардшудае, ки Баҳманёр дубора онҳоро ба насри тоҷик баргардонидааст. Вожаҳое, ки шояд на ҳамаи он барои хонандаи имрӯзаи тоҷик низ фаҳмо ва маъмулист. Сармаддеҳиён забони порсиро пос медоранд, аммо бо вожаҳои арабӣ низ қаҳрӣ нестанд.

«Каромоту мӯъҷиза ба анбиё раво буда, бо амри борӣ амалӣ гаштааст,чун «ло набию баъдӣ шуда,мо,инсонҳои хокӣ,чӣ ҳам метавонем бикунем,...» [6, 299].

Ин ҷо ҳам Баҳманёр аз нависандагон ва шоирони даврони шӯравӣ дар даҳаи ҳаштод фосила мегирад, ки парҳез аз вожаҳои арабӣ доштанд ва бо ин кор эҳсос мешуд, ки нақши пойи суннат ва дониши ҷараёнҳо адабӣ ва иҷтимоии кӯҳанро барои хонандаи насли нав мезудоянд. Аммо Баҳманёр аз сӯфиёну ҷавонмардон ва шоҳону париёну девон ва худоёни маҳаллӣ дар қолаби имрӯза ва рустоии сармаддеҳиён баён мекунад ва ин аст,ки зарофати кори ӯро хонандаи ташна ва зираки тоҷик метавонад дарк кунад, хонандае,ки омӯхтааст маънои нуҳуфта ва печ андар печро кашф кунад ва дар хилвати худ аз ин ҷо тавониста аз панҷараҳои сангинсорсур бӯи ошнои ҳақиқатро бишамад,шодӣ кунад. худ биншинад ва худ ба дарди дили онҳо гӯш кунад. Аз ин ҷост, ки ӯ диққати бештаре дорад ба кӯчактарин эҳсосот ва андешаҳои тактаки корикатураҳои офаридаи худ. Баҳманёр гоҳе байни шахсиятҳои печидаи Сармаддеҳ ва хонанда пуле эҷод мекунад ва рамзу розҳои сармаддеҳиёнро тавзеҳ медиҳад, то саволе ба хонанда боқӣ намонад. Ҳарчанд падидаи романнависӣ дар қиссаҳои пайваста дар адабиёти ҷаҳон ва ҳатто шӯравӣ тоза нест, аммо забон ва сабки баёни Баҳманёр дар адабиёти навини тоҷикӣ гоме тоза ва шодибахш буд. Насри шеърҷунаи ӯ хонандаи шеърдӯст ва шеърпарасти тоҷикро водор кард, ки назари худро роҷеъ ба насри форсӣ тағйир диҳад ва ба тавоноиҳои дигар ба нависандаҳои муосири худ боз нигарад, чун Баҳманёр бо реализми ҷодуии худ ва насри ширу шакардораш хонандаи тоҷикро мафтун кард, Баҳманёр баъд аз «Сармаддеҳ» романи «Шоҳаншоҳ»-ро низ ба чоп расонид, аммо хонандаи ӯ, ҳамчунон ғарқи ҳаводиси «Сармаддеҳ» ва шахсиятҳои он буд, омодаи шунидани қиссаи дигареро аз Баҳманёр надошт. Мисли кӯдаконе, ки дӯст доранд, ҳамон афсонаи дӯстдоштаи худро такрор ба такрор аз модарбузург бишнаванд, хонандагони Баҳманёр пофишорӣ мекунанд, ки ӯ идомаи рӯзгори Сармаддеҳро бинависад ва вақти худро талафи достонҳои дигар накунад, аммо Баҳманёр дар навиштаҳояш шабеҳи орифест дар миёни мардуми оддӣ ва бо баёни ҳаммафаҳм ва ҳамагиру сода ва паёми амиқе аз ҳуввияти қадимӣ ва бостонии тоҷик ва хастагинопазиронаву ором ва рисолати ҳеҷ ва подоше идома медиҳад.

Дигар ин, ки дар романи «Шоҳаншоҳ» ба ҳам омезиш додан ё ба таврепайванди қиссаи таърихӣ бо қиссаи муосир ба назар мерасад.

Нависанда бо қаҳрамононаш Сито ва Чисто хонандаро ошно месозад, ба нақлаш таваққуф мегузорад, ба нақли қиссаи таърихӣ мегузарад: «Хайр, қисса кӯтоҳ, ҳамин тур гапҳо ...Хуб, дигар ки Сито «нависандаи зиндаро» дидан мехосту бидид ва ман ҳам як нигоҳ ба дафтари кориат андохтан мехостам, андохтам-ҳар ду ба мурод расидем. Ҳарчанд қаҳваи таърифиатро нанӯшидем, вақт аст,ки ғазали Ҳофизро бихонем.

—Чӣ кунам?!

—Худоҳофизӣ.

Ман саросема аз ҷой меҷаҳам, узр пеш меорам, ки суҳбат басе шавқовар буду ёди қаҳва аз сар рафт,ана, ҳозир, дар ду дақиқа омода месозам. Аммо онҳо гӯш кардан намехоҳанд.

—Ташвиш накаш, дафъаи дигар, насиб бошад, менӯ- шем.

—Шумоён боз меоед?

—Ман меоям, вай ба Сито ишора мекунад, - рағбаташ аз нависандаи зиндаву мурда баргашт, гумон аст, ки биёяд.

—Ту ба ҷои ӯ ҳарф мезанӣ?

—Охир, ман ӯро хеле хуб мешиносам,

—Ман хеле маъзарат мехоҳам, ки шумоёнро бо қаҳва зиёфат накардам, - ба Сито рӯ меорам, - Бисёр мехоҳам, ки ҳар дуигуморо ба хона, агар мақбул наафтад, ба бар даъват бикунам ва қусури ҷурми имрӯзаро барорам,

— ӯ бар рафтанро хуш надорад, - Чисто ба Сито ишора мекунад, - ба хонаҳои дигарон рафтанро тем более. Ман имрӯзу пагоҳу фардо банд ҳастам, умуман ин нишастро ба ягон рӯзи ба ману худат мувофиқ вопас мегузорем....

- Ба ҳар шарти шумо ман розиам, бифармоед!

- Ба шарте ки қиссае нависед [13, 18-19].

Ҷолибияти дигари насри Баҳманёр он аст, ки дар ин жанр назари таърихӣ тақвият меёбад. Адиб аз тасвирҳои қолабӣ, ки дар гузаштаи начандон дур маъруф буд, ба куллӣ даст кашида, бештар ба зиндагии воқеии инсонҳои оддӣ, тазодҳои зиндагӣ, зиддиятҳои рӯҳию равонии шахс таваҷҷӯҳ мекунад.

Насри муосири тоҷик дар давраи Истиқлол ҳамчун як бахши пурмояву пурбори тафаккури бадеии миллат рушд намуда, ба марҳилаҳои нав, ба зинаҳои болотар расид. Нависандагони тоҷик дар ин давра бештару амиқтар муаммоҳои рӯзгори ҳамзамонон сар фурӯ мебаранд. Имрӯз онҳо имкон доранд, ки бидуни монеае зиндагиро ба тасвир гиранд.

Мутолиаи асарҳои Баҳманёр чандин вижагиҳои ҳунари нигорандагии ӯро бозгӯ месозад.Вижагии аввал ин аст, ки ба мисли носирони аҳди Шӯравии тоҷик маҳдуди мафкураи қолабӣ нашуда, боҷуръатона дар эҷоди бадеӣ қолабшиканӣ менамояд. Вай дар таҷрибаи достоннависии худ аз доираи суннатҳои маъмулӣ берун рафта, аз анъанаҳои волои насри садаи ХХ - и Амрикои лотинӣ, Ҷопон, Олмон, Чин ва соири кишварҳои пешрафта ба хубӣ истифода намуд. Махсусан саҳми ӯ дар эҳёи суннатҳои достоннависӣ қиссапардозии насри классикии форсии тоҷикӣ, насри омиёна аз қабили «Самаки айёр», «Ҳазору як шаб», «Чор дарвеш» ва ғайра хеле калон аст. Баҳманёр дар тамоми даврахои эҷодиёташ ба осори суханварони бузурги эронӣ аз қабили Содиқи Ҳидоят, Содиқи Чӯбак, Маҳмуди Давлатободӣ, Ҷамолзода ва дигарон таваҷҷӯҳи хоса дорад ва аз онҳо назокати сухани форсиро меомӯзад.

Вижагии дуввуми ҳунари нависандагии Баҳманёр дар он аст, ки ӯ тасаввури хонандаро дар бораи шахсиятҳои достонӣ тағйир дод. Вай тафаккуру андеша, эхсосу отифаи шахсиятҳои достониашро ба хонанда наздик намуд. Образҳои мавриди тасаввури нависанда дар муқоиса бо симоҳои бадеии адабиёти аҳди шӯравӣ хеле андешаманд буда, ҳуввияти миллии хешро ҳифз менамоянд. Арзишҳои миллӣ, тарзи зиндагӣ ва кирдору гуфтори тоҷикӣ асоси маънавиёти мардуми Сармаддеҳро ташкил медиҳад. Сармаддеҳ як қарияи руъёии дорои одамони аҷоибу зиндагидӯст, хайрхоҳу нексиришт аст, ки Баҳманёр хаёлан дар байни онҳо зиндагӣ мекунад. Ва аз қиссаҳои ибратангези зиндагӣ ва саргузашти онҳо достонҳо меофарад. Дар ин деҳи хаёлӣ одамони оддиву муқаррарӣ чун Фармони Мурод, Яздони Малла, Кампири Осуда, Момои Майса ва чун Ғӯли Кӯҳистон, Бевамард, Бевазан, Парисо, Шошои девона падидаҳои нотакрори зиндагӣ, ки ҷанбаи сумбулию асотирӣ доранд, кору пайкор менамоянд. Имрӯз тавассути сеҳри хомаи ин нависанда дар фазой насри ҷаҳонӣ дар

қатори Маконлои Гарсиа Маркеси колумбиягӣ ва "Шаҳри гурбаҳо"-и Лао Шэи чинӣ, «Сармаддеҳ»-и Бахманёр низ арзи ҳастӣ менамояд, ки мусофирини ин дунёи рангин аз сӯҳбату нақлҳои хотирмони Холдори Чилдурӯғ ва кароматҳои ҳайратангези Мулло Бухоризода, тамошои каткистонҳои Ангато ва манзараҳои дилфиреби Шанобурзу Шеданзо як ҷаҳон лаззат мебардоранд. Баҳманёрро дар як ҷумла мешавад чунин шарҳ дод: аз он нависандаҳоест, ки метавонад достонҳо барои хонандаи аз 10 сола то садсола ҳамзамон ва бо ҷаззобтарин шева таъриф кунад. Ҳатто агар лозим шуд ба матн ғӯтта занад ва дар пойи қаҳрамонҳои офаридаи ӯ.

АДАБИЁТ

1. Абдуллоҳ С. Шоире аз Сармаддеҳ // Адабиёт ва санъат. -2014. - 23-уми июл.
2. Абдуҷаббор Раҳмонов. Назария ва сайри таърихии устурасозии форсӣ-тоҷикӣ. -Душанбе: Дониш, 1999. -220 саҳ.
3. Абдуллоев Ф. Воқеияти ҳаррӯза ва назари нависанда // Маориф ва маданият. — 1978, 4 -уми май.
4. Амонов Р. Ҳақиқати зиндагӣ ва ҳақиқати бадей- Душанбе: Ирфон, 1984. -352 саҳ.
5. Антонов С. Читаю рассказ из беседы с молодыми писателями. Москва: Молодая гвардия, 1985. -318 стр.
6. Апухина В. А. Современная советская проза. -Москва: Высшая школа, 1977,176 стр.
7. Аскин Я. Ф. Проблемы времени. -М.: Мысль, 1966. -200 стр.
8. Асозода Х. Адабиёти форсӣ ва сешохаи он. - Душанбе: Маориф, 1991. -128 саҳ.
9. Афсаҳзод А.Пайванди қарнҳо. - Душанбе: Адиб, 1989. -144 саҳ. Ю.Ахундов М. Д. Концепции пространства и времени: истоки, эволюции, перспективы. -М.: Наука, 224 стр.
10. Н.Баҳманёр. Сармаддеҳ (китоби аввал) -Душанбе: Деваштич, 2002. -394саҳ.
11. Баҳманёр. Сармаддеҳ. (китоби дуввум) - Душанбе: Истеъдод, 2014. -240 саҳ.
12. Баҳманёр. Шоҳаншоҳ. -Душанбе: Эҷод, 2007. -264 саҳ.
13. Демидчик Л.Н. «Насри солҳои 30. Таърихи адабиёти советии точик.Ҷ.2. - Душанбе: Дониш, 1978, -310 саҳ.

ХУСУСИЯТҲОИ БАДЕИИ РОМАНИ “САРМАДДЕҲ”

Баҳманёр нависандаи соҳибкасби тоҷик аст. «Сармаддеҳ» аз муҳимтарин асарҳои Баҳманёр ба шумор меравад ва ин қиссаест, ки дар нимаи дуввуми даҳаи ҳаштоди милодӣ сабки ҷадиде аз насрнависиро муаррифӣ карданд, ки ба хонандаи тоҷики он солҳо, ки аз реализми сотсиалистӣ хаста ва ташнаи навоварӣ буд, рӯҳия ва умеди тоза бахшиданд ва дар муддати кӯтоҳ шӯҳрате фаротар аз марзҳои Тоҷикистони шӯравӣ пайдо карданд. Ӯ дар ин роман мушоҳидаҳои худ аз рӯзгори тоҷиконаро дар маҳдудаи як рустои хаёлӣ баён мекунад. Қиссаҳои ӯ на ҳамеша бо шодӣ ва хурсандӣ ба поён мерасанд, чун афсона нестанд, балки обхӯрда аз таърихи минтақаанд. Ҳарчанд Баҳманёр мегӯяд, ки Сармаддеҳ вуҷуд надорад ва ӯ худ ин деҳро офарида, хонандаи зирак мефаҳмад, ки ин деҳ шохисаҳои шарҳрҳо ва маҳалҳои Осиёи Миёнаро дар бар дорад. Ҷавонони худогоҳ ба адабиёт маъмулан бо мавзӯи худ, бо дарди худ, бо андешаи худ меоянд ва аз иқдоми аввал сайъ меварзанд,ки соҳибназар бошанд, оламро бо чашми худ бубинанд, бо кафши худ по гузоранд ва ба қавли шоиронаи сароянда беназир Ахмади Зоҳир «бо гулӯи худ сароянд».

Калидвожаҳо: Баҳманёр, Сармаддеҳ, нависанда, асар, адабиёт, роман, рӯзгори тоҷикон, мавзӯъ.

ХУДОЖЕСТВЕННЫЕ ОСОБЕННОСТИ РОМАНА «САРМАДДЕХ»

Бахманёр – талантливый таджикский писатель. «Сармаддех» - одно из самых важных произведений Бахманьяра, и эта история, которая ввела новый стиль прозы во второй половине восемнадцатого века, который таджикскому читателю тех лет дал отдохнуть от социалистического реализма. За короткое время слава обрела далеко за пределами Советского Таджикистана. В этом романе он выражает свои наблюдения таджикской диаспоры в пределах одной деревни. Его истории не всегда имеют счастливый конец, так как они не сказка, а реальность истории того региона. Хотя Бахманёр говорит, что Сармаддеҳ не существует, и он сам создал эту деревню, проницательный читатель понимает, что такая деревня существует где-то в регионах Средней Азии. Обычно молодые люди проявляют интерес к литературе имея свою боль, свои цели и свои собственные идеи и делают первый шаг, чтобы быть осведомленными, увидеть мир своими глазами.

Ключевые слова: Бахманер, Сармаддех, писатель, произведение, литература, роман, таджикский писатель, сюжет.

ARTISTIC PECULIARITIES OF THE NOVEL "SARMADDEH»

Bahmanyar is a talented Tajik writer. "Sarmaddeh" is one of Bahmanyar's most important works, and it is a story that introduced a new style of prose in the second half of the eighteenth century, which gave the Tajik reader of those years a break from socialist realism. In a short time has gained fame far beyond the borders of the Soviet Tajikistan. In this novel, he expresses his observations of the Tajik Diaspora within a single village. Its stories do not always have a happy ending, since they are not a fairy tale, but the reality of the history of that region. Although Bahmanyar says that Sarmaddeh does not exist, and he created this village himself, the astute reader understands that such a village exists somewhere in the regions of Central Asia. Usually young people show interest in literature having their own pain, their own goals and their own ideas and take the first step to be aware, to see the world with their own eyes.

Keywords: Bahmanyar, Sarmaddeh, writer, artwork, literature, novel, Tajik writer, the plot.

Сведения об авторе: ***Саидов М. Ш.*** – магистр института языка и литературы имени Абуабдулло Рудаки Академии Наук Республики Таджикистан, Тел: **907-54-19-43**

Information about the author: ***Saidov M. Sh.*** – graduate student of the Institute of language and literature named after Abuabdullo Rudaki of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan, Phone: **907-54-19-43**

РЕКЛАМАИ ПӮШИДА ДАР ВАО-и ТОҶИК

Ҳасанов М.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Имрӯз тамоми ВАО радио, телевизион, матбуот ва сайтҳои махсуси интернетӣ низ бидуни реклама буда наметавонанд. Ҳатто ҳаёти ҳаррӯзаи мо либоспӯшиву қадам гузоштан, ороиши мӯю ҷавоҳироте, ки ба гӯшу дасту гардан меовезанд, як навъ реклама низ ҳаст. Таҷҳизоте, ки ҳамарӯза мо онро дар пеши наздикон истифода мебарем (блокнот, ручка, компютер, планшет, телефон, мошин ва дигар таҷҳизоти рӯзгор) ягон ширинӣ ё нӯшокии дӯстдоштае, ки онро ҳамарӯза истеъмол мекунем ва ба дигарон таъриф мекунем, ки гӯё пас аз истеъмоли он худро орому бароҳат эҳсос мекунем , ё атри хушбӯйкунандае, ки аз он истифода мебарему дигарон бо шамидани он номи атр ва аз куҷо дастрас карданро пурсон мешаванд [9, 320]. Ин албатта як лаҳзаи ҳаёт аст, ки мо аз чизҳои доштаамон дар назди дигарон бо ифтихор ҳарф мезанем, лек мо бояд донем, ки ин рекламаи ройгонест, ки аз тарафи ягон рекламадиҳанда фармоиш нашудааст , аммо худи фурӯшандагони молу маҳсулот ҳамин ҳадафро доштанд ва ин кори мо қадамест барои боз намудани роҳи тиҷорати онҳо.

Ҳамин тавр, бошуурона агар фикр кунем ва моҳияти рекламаро дарк намоем, ҳаёти ҳаррӯзаи моро рекламаҳое иҳота кардаанд, ки худи мо дар мадди аввал реклама будани онро намефаҳмем.

Реклама аз калимаи лотинӣ гирифта шуда, маъноaш «баланд фарёд задан» аст. Он таърихи тӯлонӣ дошта, дар Мисру Юнони қадим 2000 сол пеш асосан барои баргузории фурӯши ғуломон истифода мешуд.Умуман, ҳар кишвари соҳибтамаддун, ки дар он тиҷорат равнақ дошт, реклама низ инкишоф меёфт.Имрӯз реклама тамоми соҳаҳои ҳаёти моро фаро мегирад ва барои пешрафти ҳаёти иқтисодӣ саҳми муносиб дорад.

Дар ҳоли ҳозир реклама ва ВАО- ро аз ҳамдигар ҷудо кардан имкннопазир аст, зеро мо метавонем танҳо бо ин воситаҳои таъсиррасон рекламаи худро ба мизоҷони худ бо тамоми бартариҳояш пешниҳод кунем ва молу маҳсулоти худро пурра муаррифӣ намоем [2, 84]. Реклама ягона хизматрасонест, ки барои васеъ намудани тиҷорат ва ҷалби харидорон истифода мешавад.Аз ин рӯ, мебояд он ҳар чӣ қадар сареҳ ва фарогири маълумоти амиқ дар бораи маҳсулот бошад .

Реклама бо ВАО пайвасти ногусастанӣ дорад, ҳар як дақикаи он барои пешниҳод маблағи муайянро аз рекламадиҳандагон талаб дорад.Дар навбати дигар дар ВАО барои пахши реклама соатҳои муайяне низ ҷудо карда шудааст, ки инро Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи реклама» ба танзим медарорад.

Иҷрои ин қонун, албатта, аз ҳамаи ВАО хоҳ давлатӣ бошад, хоҳ ғайридавлатӣ ҳатмӣ аст ва пахши реклама тавассути шартномаи дуҷониба бо нишон додани вақт ва маблағи муайян ба расмият дароварда мешавад.Албатта, ин гуфтаҳои мо барои рекламаҳое дахл доранд, ки дар соати муайян пахш мешаванд ва барои ин маблаҳ пардохт карда шудааст [7, 138].

Рекламаҳо асосан мӯъҷаз, кӯтоҳ навишта шуда, маълумоти асосиро дар бораи моли тарғибшаванда дар бар мегирад ва ҳар чӣ қадар кӯшиш бояд кард дар эфир он 30 сония ва ё як дақиқаро ташкил диҳад, лек аксарият ВАО ин вақтро ба инобат намегиранд.Албатта, ин паҳлуи дигари масъала аст...

Рекламаи пӯшида аз тарафи журналист ва ё мусоҳиби ӯ ҳангоми пахши барномаи мустақим ва ё ғайримустақим аз рӯи ҳадаф сурат гирифта, он ногоҳ ва ё бо мақсади муайян (яъне пешакигуфташуда) ба амал меояд.Акнун мо намунаҳои онро дар алоҳидагӣ дар ВАО-и гуногун бо шарҳу мисолҳо дида мебароем:

Рекламаи пӯшида андаруни реклама. Ин навъи рекламаи пӯшидаро мо он вақт дарк намудем, ки шунаванда рекламаи асосиро гузошта, ба дигар ҷузъи он эътибор додааст [8, 93]. Мисол аз радиои “Авис плюс”:

“Шумо дар ҳама ҳолат чизҳои зебою босифат меҷӯед? Ҳамин тавр не... Он касоне, ки мехоҳед, охир куҷоед? Ба маркази хизматрасонии компютерии “Давлат “ биёед.

Таклифномаҳои зебою рангоранг бо ҳаҷми гуногун ва нархи нисбатан арзон мувофиқи табъу диди шумо, ҳамчунин барои либосҳои занона намудҳои гуногуни вийшифка, қолабҳои зебои гулдӯзиҳои компютерӣ барои бонувон аз маркази хизматрасонии компютерии “Давлвт” пешниҳод мегардад.

Суроға: даромадгоҳи чойхонаи миллии Ҳоҷӣ Муҳаммадӣ. Тамос бо рақамҳои 918 16 17 58”

Шунавандаи донои мо ба рақамҳои Маркази хизматрасонии “Давлат” занг зада, аз ӯ на ин ки таклифнома, балки намудҳои таомҳое, ки дар чойхонаи миллии Ҳоҷӣ Муҳаммадӣ омода карда мешавад, мепурсад ва хоҳиш мекунад, ки суроғаи аниқи онро диҳад. Ин як навъи рекламаи пӯшида андаруни релама аст. Ин гуна рекламаҳо зиёданд, бештараш ҳангоми пешниҳоди суроға маълум аст.Суроғаро бояд гуфт, лек он ҷоеро набояд гуфт, ки худи он ба реклама ниёз дошта бошад.Ин ба тиҷорати рекламаву радио низ халал мерасонад.

Рекламаи пӯшида дар телевизион. Дар телевизион реклама хеле зиёд ҷой дода мешавад ва воситаҳои таъсиррасониаш ҳам ба инсон хеле зиёд аст, зеро тавассути телевизион ҳам мешунавем, ҳам мебинем, гоҳо мехонем. Агар рекламадиҳандагон қудрати бештар дошта бошанд, албатта аз телевизион истифода мекунанд, аммо худи низоми ҷамъиятӣ нишон медиҳад, ки аксарияти рекламадиҳандагон имкони сарф кардани маблағро барои реклама надоранд ё раво намебинанд [4, 181]. Аз ин рӯ, онҳо воситаи қулай ва камхарҷро барои реклама кардани маҳсулоти худ интихоб мекунанд. Рекламаи пӯшидае, ки дар вақти пахши барнома дар телевизиони “Сафина” мушоҳида шудааст:

Мавзӯи барнома дар бораи табобати дандон аст, ба хотири мувофиқат кардани сухани наттоқ ва кадри телевизионӣ, албатта, дар кадр духтур ва бемор бояд бошад, лек барнома он чуноне омода карда шудааст, ки аз ҷониби наттоқ муаррифӣ нагардад ҳам дар он лавҳаи “Беморхонаи Ибни Сино” ва ҳуҷраҳову роҳравҳои он нишон дода мешавад.Гӯё ки журналист ва роҳбарияти беморхона мақсади таблиғ дошта бошанд.

Мисоли дигар нӯшидани қаҳва ва таъриф кардани он дар барномаи солинавии телевизиони “Сафина”.Барандагони ин барнома Талабшо Муқимов ва Таҳмина Рачабова ба ҳар як сарояндае, ки даъват карда шудааст, қаҳва пешкаш мекунанд ва қаҳваро таърифу тавсиф карда аз сароянда хоҳиш мекунанд, ки онро нӯшад. Ҳамчунин дар ин барнома дигар бозичаҳои солинавӣ таблиғ карда мешавад, лек манфиат аз ин реламаҳои ройгон барои телевизион чизе набуд.

Рекламаи пӯшида дар радио. Вобаста ба дастрасӣ ва паҳншавии мавҷҳои яке аз ВАО ва навъҳои реклама, ҳамчунин аз рӯи маблағ рекламаи радиоӣ барои тарғиботи ҳама гуна истеҳсолот хеле мувофиқ аст, хоса дар фазои иттилоотии Тоҷикистон, ки мисоли ин зиёд будани радиоҳои хусусӣ дар кишвар ва асосан аз рӯи реклама фоидаву музди меҳнат ба даст овардани кормандони онҳо мебошад.

Баъзан, дар барномаҳои мустақими радиоӣ рекламаи пӯшида ба назар мерасад. Мисол дар барномаи мустақими радиои “Ховар “ барномаи “Мухлис”: Меҳмони барнома Зиёвиддиини Нурзод сароянда ва журналист муаррифӣ карда шуда, ҳангоми суҳбат меҳмон даъват мекунад, ки дар “Кохи Ҷомӣ” санаҳои 21, 22, 23юми март соати 15: 00 3 рӯз консерт баргузор мегардад ва дар он танҳо таронаҳои навэҷод пешкаш мегардад.Ҳамчунин таъкид мешавад, ки барномаи Зиёвиддини Нурзод бо номи “Ҳамроз” аз радиои Тоҷикистон ҳар рӯзи ҷумъа соати 13:00 пахш мегардад. Ин рекламаи пӯшида дар ин барнома буд, лек мақсади барнома танҳо сӯҳбат дар бораи ҳаёту фаъолияти сароянда буду халос, ҳол он ки дар бораи ин ҳеҷ кас аз меҳмон ва ё аз баранда пурсон нашуда буд.

Ба монанди ин мисолҳо зиёданд.

Рекламаи пӯшида дар матбуот. Матбуот низ яке аз воситаҳои муҳими таблиғотӣ ба шумор меравад ва орӣ аз реклама буда наметавонад.Саҳифаҳои махсус барои реклама ҷудо карда шуда тарзи нигоришаш низ дигаргуна аст ва рекламаи матбуот дар баробари кӯтоҳ, мӯҷаз, фаҳмо будан бояд чашмрас низ бошад. Истифодаи ранги чоп низ муҳим аст.

Дар саҳифаҳои рӯзномаҳо ба ғайр аз рекламаҳои фармоишӣ рекламаҳои пӯшида низ ба чашм мерасад.Мисол: Дар рӯзномаи “Садои мардум” дар бораи равондармонӣ ва маслиҳати психологон барои бунёди оила мавод чоп шуда буд. Ҳадаф ва мақсади нигорандаи матлаб дигар бошад ҳам аксҳое, ки дар он чоп шудааст, як навъ таблиғи муассисаҳои равондармонист ва психологони алоҳида аст. Дар акс психолог ба бемор маслиҳат медод, сари ӯро дошта чизе мегуфт ва ё аз ҳар гуна бозиҳо истифода мебурд, ки кори ӯ барало маълум буд.

Ҳамин тавр, рекламаи пӯшида мақсади як тараф буда, муфид ба худи рекламадиҳанда аст, на ба воситае, ки онро нишон медиҳад, ба истиснои ҳоҳатҳое, ки “шартнома” бо худи муаллифи барнома ва ё мавод бошад.

АДАБИЁТ

1. Богомолова Н.Н. Социальная психология печати, радио и телевидения. М., 2004. – 420 с.
2. Гермогенова Л. Ю. Эффективная реклама в России. – М., 1994. – 156 с.
3. Глушакова Т. И., Кагиянц Л. С., Беклемишева О. И. Особенности восприятия и интерпретации россиянами рекламных сообщений, отражающих западную культуру // Тез. докладов Международного конгресса по рекламе. – М., 1994.
4. Гуревич П.С. Психология рекламы. М., 2005. – 287 с.
5. Джоэл Джей Д. Исследования в рекламной деятельности. Теория и практика. – 2003. – 864 с.
6. Картер Г. Эффективная реклама. – М., 1991. – 244 с.
7. Лебедев А. Н. Особенности психологического воздействия в российской рекламе. – М., 2005. – 250 с.
8. Росситер Дж. Р., Перси Л. Реклама и продвижение товаров. – СПб., 2001. – 656 с.
9. Харрис Р. Психология массовых коммуникаций. – М., 2004. – 448 с.

РЕКЛАМАИ ПӮШИДА ДАР ВАО-и ТОҶИК

Реклама аз калимаи лотинӣ гирифта шуда, маъноаш «баланд фарёд задан» аст. Он таърихи тӯлонӣ дошта, дар Мисру Юнони қадим 2000 сол пеш асосан барои баргузории фурӯши ғуломон истифода мешуд.Умуман, ҳар кишвари соҳибтамаддун, ки дар он тиҷорат равнақ дошт, реклама низ инкишоф меёфт.Имрӯз реклама тамоми соҳаҳои ҳаёти моро фаро мегирад ва барои пешрафти ҳаёти иқтисодӣ саҳми муносиб дорад. Рекламаҳо асосан мӯъҷаз, кӯтоҳ навишта шуда, маълумоти асосиро дар бораи моли тарғибшаванда дар бар мегирад ва ҳар чӣ қадар кӯшиш бояд кард дар эфир он 30 сония ва ё як дақиқаро ташкил диҳад, лек аксарият ВАО ин вақтро ба инобат намегиранд.Албатта, ин паҳлуи дигари масъала аст. Рекламаи пӯшида аз тарафи журналист ва ё мусоҳиби ӯ ҳангоми пахши барномаи мустақим ва ё ғайримустақим аз рӯи ҳадаф сурат гирифта, он ногоҳ ва ё бо мақсади муайян (ясне пешакигуфташуда) ба амал меояд. Мо дар ин мақола намунаҳои онро дар алоҳидагӣ дар ВАО-и гуногун бо шарҳу мисолҳо дида мебароем.

Калидвожаҳо: рекламаи пӯшида, маҳсулоти рекламашаванда, баланд бардоштани имиҷ, маҳорати рекламасозӣ, бренди чашмрас тавассути рекламаи пӯшида.

СКРЫТАЯ РЕКЛАМА В ТАДЖИКСКИХ СМИ

Скрытая реклама - это уникальная технология управления массовым сознанием и покупательским поведением. Это технология мгновенной раскрутки брендов при помощи художественных произведений. Это технология создания и молниеносной раскрутки торговых марок. Это - очень быстрый и эффективный способ внедрения брендов в подкорку потребителя раз и навсегда! А вот происходит это внедрение с отрицательным или с положительным имиджем - зависит от мастерства и одаренности творцов, взявшихся за это прибыльное дело.

Ключевые слова: скрытая реклама, покупательское поведение, отрицательный и положительный имидж, мастерство и одаренность творцов, внедрения брендов.

THE EMBEDDED ADVERTISING IN TAJIK MEDIA

The embedded advertizing - is a unique technology of management of mass consciousness and consumer behavior. It is technology of instant promotion of brands by means of works of art. It is technology of creation and lightning promotion of trademarks. It is very fast and effective way of introduction of brands in the consumer's sub cortex once and for all! And there is this introduction to negative or with positive image - depends on skill and endowments of the creators who undertook this profitable business

Keywords: the embedded advertizing, consumer behavior, negative, positive image, skill and endowments of creators, introductions of brands.

Сведения об авторе: ***Мехрубон Хасанов*** **-** магистр второго курса факультета журналистики Таджикского национального университета. Телефон: **(+992) 92 613 43 33**, E-mail: **oyandasoz@mail.ru**

Information about the author*: Mehrubon Hasanov* - second-year graduate student of journalism at the Tajik National University. Phone: **(+992) 92 613 43 33**, E-mail: **oyandasoz@mail.ru**

МАҲОРАТИ ЖУРНАЛИСТӢ ДАР ТЕЛЕВИЗИОН (ДАР МИСОЛИ БАРНОМАҲОИ ОРЗУ ИСОЕВ ДАР ТЕЛЕВИЗИОНИ «САФИНА»)

Шарифов Ш.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар соҳаи воситаҳои ахбори омма, фарҳанги касбӣ –ин на танҳо махзани намунаҳо, қолибҳо, «одатҳо»-и ҷомеаи рӯзноманигорӣ аст, балки ҳамчунин асолати созандагӣ, фардияти косиб, қобилияти шикастани қоидаҳои муқаррарӣ ва офаридани чизи нав низ мебошад. Фарҳанги касбӣ бо ҳаёти шахсии рӯзноманигор, тарзи муносибат, рафтори ӯ гудохта мешавад, чун ки ӯ нақши асосии иҷтимоиро дар тартиботи сохторҳои иттилоотӣ иҷро менамояд.

Касбият малакаи ҳунармандиро ифода мекунад, ясне муваффақ шудан ба чунин сатҳи камолот, ки ба иҷрои вазифаҳои мушаххас дар соҳаи муайяни таҷрибаи ҷамъиятӣ имкон медиҳад. Касбият ва малакаи шахсӣ дар навбати худ метавонанд ҳам шахсӣ ва ҳам иҷтимоӣ бошанд. Онҳо дар вақт ва фазо амалӣ шуда, бо пур кардани мазмуни мушаххас дар вобастагӣ ба шароитҳои мушаххаси таърихӣ, ҳолатҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ, омилҳои миллӣ-этникӣ дар бораи хусусияти шахсияти

беназири мутахассис ба вуқуъ меоянд. Бардавомӣ ва навоварӣ дар рӯзноманигорӣ дар ҳолати гузариши якҷоя, ҳамкории дуҷониба қарор доранд.

Саъю кӯшиши мунтазами эҷодӣ чизи нав ва нодир аз иҷрои уҳдадориҳои қатъӣ, супоришҳо, ки дар доираи муайяни замонӣ тарҳрезӣ шудаанд, ҷудонашаванда аст, батаври мисол: -Ҳоло дар ин майдон шоҳ Исмоили Сомонӣ ва боэътимоду эътиқод ба пеш нигаҳ мекунанд, гӯё зери лаб ба гӯши ҳар фард мегӯяд: «Сабур бош, сабур. Сабур бош ки он ҳама ҳаводиси бад аз носабурӣ сар зад- дар ин матн ва намо Шоҳ Исмоили Сомонӣ ҳам аз ҷониби муаллифи барнома ном гирифта мешавад ва ҳамзамон муҷассамаи Исмоили Сомонӣ нишон дода мешавад. Камбудии кадриро мо ин ҷо аз таърих бояд ҷӯем ва камбудии муаллиф дар он аст, ки агар ӯ дар ин раванд гӯрхонаи Сомониёнро аз Бухоро, ки дар филми «Тоҷикони ҷаҳон»-и Саёҳат Неъматова ҳаст ва ҳамзамон «Чор сӯ»-и Бухороро нишон медод ва онро ба кадрҳои авала пайваст менамуд, намоҳо меҳандории тоҷиконро пурра дар бар мегирифт ва шакли бутунро мегирифт.

Пас аз ин кадр ва суханҳои зерини журналист меояд: «Носабурон корашонро карданд, тоҷикҳое ки як умр дунёро бо чашми нек ниҳоди беоллоиши кӯдакона доштанд, мағлуби зиндагии ҷангомехта шуда, аз сарзамини худ фирор намуданд. Дарёи Панҷ онҳоро аз хоки гиромии Ватан ҷудо сохт. Аммо сахтии ғурбат ба ҳеҷ будан дар чашми мардуми бегона хотима ёфт». Дар ҷумлаи охир рӯзноманигор чӣ мехоҳад гӯяд, муайян нест. Мубтадои ҷумла вожаи «носабурон», киҳоянд номаълум буда, шакли калимасозӣ ва ҷо ба ҷо гузории калимаҳо, талаффузи онҳо он қадар дилчасп ва ба навор мувофиқ набуд. Навор табиатро нишон медод ва он табиат низ на табиати ҷангзада, балки табиати бикри кадом гӯшаи берун аз шаҳри Душанбе. Хабари ҷумла ба мубтадо ва аъзоёни дигари дар ҷумла буда, созгор набуда, пайвандии ҷумласозии тоҷикӣ ба назар намерасад. Бардавомӣ ва навоварӣ дар рӯзноманигорӣ дар ҳолати гузариши якҷоя, ҳамкории дуҷониба дар кадр низ дида намешавад ва сухан дар ин ҷо ба кадрҳои коргардон пешниҳоднамуда мувофиқат намекунад.

Пас аз ин О. Исоев ба таърифу тавсифи худ ва барномаи худ мепардозад, ба ин восита мехоҳад «ман»-и журналистиро ба вуҷуд оард: «Ҳар як кас кушиш мекард, ки барномаро тавре омода кунад то тавонад мардум ба ӯ бовар кунад ва бояд барнома, ман дигар муҳариронро намедонам, лекин ман кӯшиш кардам, чанд бор хат мезадам, ман чӣ хел даъват кунам, ки ба ман бовар кунанд. Ва ростӣ ман бисёр вақт зора мекардам». Нотавонии журналист, ҷои «ман»-и журналистиро гирифтааст, шояд сабабҳои гуногун дорад, ки он ба мо маълум нест.

Ҷумлаи зер тарошаи аз бом афтодаро мемонад: «Таронаи хонандаи маҳбуб мисли самимитарин даъват фосилаҳо бурида ба гӯши ватандорони ғарибафтода расид». Супоришҳо, ки дар доираи муайяни замонии тарҳрезӣ шудаанд, ҷудошаванда ба назар мерасанд, ки ин аз он шаҳодат медиҳад, ки муаллифи барнома ҳамкории дуҷонибаро, яъне донишиҳо доир ба ҷанги шаҳрвандӣ, китобҳои доир ба ин давра иншошуда ва ҳатто гуфтан мумкин аст, ки ба ҷуз чанд филми мустанадӣ якҷониба ин равандро матраҳ менамуда, аз рӯзнома ва барномаҳои радиоии «Хоки Ватан», барномаҳои гуногуни телевизионии он вақти Тоҷикистон ва берун аз он бехабар аст.

Аз ин рӯ хусусияти рӯзноманигорӣ дар он аст, ки он ва бинобарин ҳамаи онҳое, ки дар ВАО фаъолият мекунанд, дар соҳаи эҷодӣ ва иҷтимоӣ-фарҳангӣ фаъолона ширкат меварзанд. Вазифаи муҳимтарини рӯзноманигор - тағйирдиҳӣ, рушди унсурҳои фарҳангӣ, таъсиси арзиши меъёрии координатаҳои он, "таҷҳизотонидани фарҳангӣ»-и равандҳои иҷтимоӣ мебошад, ки инро дар барномаи Орзу Исоев кофта ёфтан зарур аст, ки бинандагони телевизион аслан ононе, ҳастанд, ки ба кофтану хондан хеле ками онҳо сару кор мегирад.

Ин аст, ки инҷо саволе пайдо мешавад, оё рӯзноманигорӣ ба гурӯҳи касбҳои «зиёиёна» медарояд, ё ин афсонаи тафаккури суннатии собиқ шӯравиҳост, ки

исроркорона фикри онро, ки рӯзноманигорӣ ва зиёиён робитаҳои генетикӣ доранд аст? Барои ҳалли ин баҳс фарҳангшиносии муосир кӯмак менамояд: он зиёии маъмурӣ, илмӣ, бадеӣ ва ҳарбӣ ва инчунин фанҳои гуманитариро, ки ба он муаллимон, духтурон ва хабарнигорон дохил мешаванд, фарқ дорад.

Ҳангоми муайян кардани хусусиятҳои кори таҳрир, зарур аст фарзияи ягонагии муошират ва фаъолият, ки дар соҳаи психологияи ватанӣ коркард шудааст, ба ҳисоб бояд гирифта шавад. Муносибат мазмуни муоширати оммавиро ташкил мекунад, ки он аз нуктаҳои зерин иборат мебошад:

- дар доираи гурӯҳҳои иҷтимоии бузург иҷро карда мешавад;

(О. Исоев хостааст барномаи худро ба доираи гурӯҳҳои иҷтимоии бузург созгор намояд ва дар барнома, ба ин муваффақ шудааст, аммо тамошобини асосии телевизион, яъне андешаи мардум дар барнома ҷой надорад. Пас Исоев ба нақшаи кашидааш муваффақ шудааст гуфтанамон мумкин аст).

- дорои шабакаҳои махсус аст;

(доираи шабакаҳои телевизионии дохили кишвар, махсусан телевизионҳои давлатӣ махсус буда, дар онҳо на ҳамаи барномаҳо нишон дода мешавад. Дар ин ҷо айб ба дӯши рӯзноманигор набуда, балки сабаб набудани телевизионҳои алтернативӣ дар кишвар аст).

- бо тартиботҳои аломатии муайяне амал мекунад;

(Ҳамаи телевизионҳои давлатӣ ва ҳатто ягона телевизиони хусусӣ СимоиМустақили Тоҷикистон тартиботҳои аломатии муайяни худро доранд ва он ба ҳукматдорон вобаста аст, О. Исоев ҳамчун як корманди Телевизиони фарҳангии Тоҷикистон «Сафина» наметавонад аз қоидаву қонуни ин телавизион берун гом ниҳад).

- аз рӯи хусусияти "мавқуф"-и васоити баргарданда фарқ мекунад.

(Барномаи сиёсии Орзу Исоев ба ҷуз чанд лаҳзаи бадеиятдор, ки он ҳам моли санъат ва адабиёт аст чун дигар барномаҳои сиёсии шабакаҳои телевизионии тоҷик буда, хусусияти «вақфӣ» дорад ва ҳеҷ фарқе аз дигар барномаҳои сиёсӣ надорад).

Барои рӯзноманигорӣ, муоширати оммавӣ- ин майдони асосии фаъолияти он мебошад. Дурии фазоӣ-вақтии каму беши муаллиф аз хонанда, шунаванда, тамошобин - хусусияти фарққунандаи муоширати рӯзноманигорӣ бо шунавандагон мебошад, ки бо вуҷуди маънии ин амал ба инсононҳо ниагронида шудааст онро аз маъно **маҳрум намесозад**. Минбаъд ҳамчун як ҷузъи фарҳанг ВАО ҳамчун ёрирасони ҳамдигарфаҳмӣ байни инсонҳо ва муошират миёни одамон фаҳмида мешавад ва расонаҳо ҷомеаҳои инсониро ба ин амал даъват кардаанд ва имрӯз низ аз паи ин кор ҳастанд.

Чӣ тавр муошират ба тариақи ВАО сурат мегирад? Биёед ду тарҳро ба ҳам муқоиса мекунем. Тамсилаи системаи васоити ахбори омма дорои манбаъҳои иттилоот, рӯзноманигор, паёмҳо, шабакаҳои интиқоли иттилоот, аудиторияҳо мебошад. Тамсилаи ҷараёни муоширатӣ чунин аст: воқеияти иҷтимоӣ – коммуникатор-ҳайати таҳририя- матн - аудитория – воқеият - дигаргункардашуда. Мутобиқати ҷузъҳои асосӣ бараъло дида мешаванд. Нақши асосиро дар ҳар ду тамсила рӯзноманигор (ҳайати таҳририя) ва аудитория (хонандагон, тамошобинон ва шунавандагон) бозӣ мекунанд, ки муоширати онҳо бе матн, сухан ва дар телевизион бе намои видиоӣ имконнопазир аст.

Мафҳуми матн дар робита ба рӯзноманигорӣ метавонад интишорот дар матбуот, телевизион ва радио, паёме, ки тариқи шабакаи компютерӣ фиристода шудааст, бошад. Дар ибтидо, рӯзноманигорӣ бо матни хаттӣ, ки хусусиятҳои лафзиро доро буд, алоқаманд буд. Дар охири асри 20 дар он тағйироти сифатии амиқе сурат гирифт. Чунин ба назар мерасад, ки он ба даври навбатии илтиво (спирал), ки дар як намуди нав синкретизми он замони дурро, вақте ки равандҳои иттилоотӣ танҳо нав бо мазмуну маънои иҷтимоӣ ва инсониро фарогир шуда истода буданд ва онро бевосита инъикос мекард, ворид шуд. Имрӯзҳо массмедиа на танҳо

каломро, балки ҳамчунин тасвирҳо ва аломатҳоро - яъне, навъи аломатҳоро, ки дар фазои муоширатии тамаддунҳои қадим афзалият дошт бознашр мекунад.

Воқеияти матн, сухан, тасвири рӯзноманигории муосир мураккабтар гардидааст. Он фақат ба интиқоли маълумоти шифоҳӣ маҳдуд карда намешавад. Имрӯзҳо мо бо матнҳои калоне, ки паёмҳои шифоҳӣ, акустикӣ ва визуалиро муттаҳид месозад рӯ ба рӯ мешавем. Матни шифоҳӣ, замоне як қисми махсуси илми суханпардозӣ ба ҳисоб мерафт ба ВАО баргашт. Дар бораи аксҳо ҳамчун нақл кардан дар доираи нақшҳои бинишӣ сухан меравад. Матни «мулоими» компютерии доимо барои табдилдиҳӣ тайёри ба шайъияти «бори дуюм», яъне ба ҷаҳони шабакаҳои компютерӣ, махзани маълумотҳо ва ғайраҳо равонашуда низ ба равандҳои истеҳсолӣ-эҷодӣ васоити ахбори омма таъсирпазир мегардад. Дар шабакаҳои интернетӣ мафҳуми сетератураҳо, ки аз гиперматн асос ёфтаанд, ки метавонад бисёр муаллифонро, ки дар офаридани асар ҳуқуқҳои баробарро дороанд арзи вуҷуд карданд.

Сарфи назар аз гуногунии навъҳои матнҳо, ҳамаи онҳо монандиии умумиеро доро мебошанд. Ин матнҳо ҷаҳони воқеияти иҷтимоӣ ва «ман»-и эҷодии рӯзноманигорро инъикос мекунанд, монандӣ: «Хонум Афзал як духтар дошт ва табибон ба ӯ гуфта буданд, ки ин охири фарзанди ту дигар хеҷ вакт тавалуд намекунӣ ва у вақте гуреза мешавад аз Шаҳритӯс ба Афғонистон, ки онҳо аз болои як тахтае нишаста мехостан обро убур намоянд, он чаппа мешавад ва модару духтар ва ҳамаи дар болои тахтабудаҳо ба дарёи Панҷ меафтанд, ҳама ғарқ мешаванд.

Баъд модар буттаи ё чизеро медорад ва чанд бор духтари панҷсолаи ӯ аз гирдоб болову поён мешавад ва мегуяд, ки оча маро халос кун баъд ин Афзал гуфт, агар ман духтарамро халос мекардам мо ҳарду ғарқ мешудем чунки ӯ дар буд. Ва ӯ гиря мекард ва мегуфт, ки дуруғ аст вакте ки мегуянд: «Фарзанд аз ҷон ширин аст, ҷон аз фарзанд ширинтар аст.

Ҷанг марз надорад, ҷанг сарҳад надорад, даҳшати ҷанг аввалан ба тани одамҳои хаста мерасад. Даҳшати ҷанг ин ашки ятимҳост ва даҳшати ҷанг, бадбахтии миллионҳо духтарони бесаробон монда аст. Пеши ҷанг сиёсат хеҷ нест. Пеши ҷанг фарҳанг- зебоӣ хеҷ аст. Ҳатто қонун пеши ҷанг қурбашро аз даст медиҳанд, яъне қонун ҳам пеши ҷанг ҳеҷ аст. Тасаввур кунед, барангшехтани ҷанг чандон кори мушкил нест, байни як ё ду моҳ ҷангро барангехт, аммо сулҳсозӣ кори басо мушкил аст, сулҳсозӣ созгорро талаб мекунад, ақлро талаб мекунад. Сулҳсозӣ донишро талаб мекунад. Умуман, сулҳсозӣ табибиро талаб мекунад, яъне табобати он қалбҳои шикастаро, табобати он ҷонҳои захмиро, табобати ақлҳои маъюбшудаву маҷрӯҳро.

Хушбахтона саривақт чунин табибон дар ҷумҳурии мо пайдо шуданд ва ин ҷароҳатро табобат карданд.

Мо ҳамагон пароканда шудем, лекин ин парокандагиҳо кишварҳои ҳамҷивори мо ҳамқисмати мо авзбаски кадрҳои маслаке доштанд, онҳо истиқлолро тезотез ба даст гирифтанд. Аммо дар ҳамин лаҳза ҳаминҳо боиси он гардид, ки мо натавониста бошем, ки сари вақт соҳиби озоди иродаи хеш бошем». Дар матн «ман»-и эҷодии журналист ба назар мерасад, аммо он пур аз ишора ба дигарон аст, ки моро ҷанг андохтанд, аммо киҳо ин корро кардаанд номаълум мондааст, ба ғайр аз ин гуфтаи хушку холӣ ва лаҳзаи аввали матн, воқеаи бо хонум ва духтараш рӯйдода матн диққати касро ҷалб наменамояд ва як матни лирикии ба тафаккури инсон таъсир намерасондае пешкаш гашта, ба ҳама кору амал шахсони саввуме, ки вуҷуд надоранд гунаҳгор дониста шудааст. Ҳатто матн аз нигоҳи мантақ қисмҳояш ба ҳам пайваст набуда, дар он баҳамоӣ, ки ба забони арабӣ ваҳдат аст ва номи барнома низ «ваҳдати миллӣ» номгузорӣ шудааст, шунавандаро ҷалб намуда наметавонад. Дар матни «ман»-и рӯзноманигор, ки тавассути Телевизиони фарҳангии «Сафина» нишон дода шуд, ба ҷуз сӯроби муаллиф ва студияву берун аз студия, навори диққатҷалбкунандаи пайвасткунандаи сухан ва навор вуҷуд надошт.

Аз баён рафтани Ҳукумати Шӯравӣ ин як ҳодисаи табии таърихӣ буд, аммо барои онҳое, ки дар ин мулк зиндагӣ мекарданд, аз ҷумла худи ман, ин бисёр ҳодисаи ногувор ва бадбахтона буд ва ҳеч кас омода набуд, тайёр набуд, ки як ватанро ки бо меҳр СССР мегуфтем, ватанамон сокинони ин хона ҳамааш аз дар берун мемонанд ва барои сохтани ин хона на хишт доранд на ранг доранд на қувват доранд.

Зиёиҳо ҳар хел буданд, лекин мафҳуми зиёиро ҳар хел мефаҳманд. Лекин зиёии асил касест, ки ба мардум манфиат биёранд, касе ки барои мардум зарар меорад вай аслан сазовори зиёӣ гуфтан нест.

Касе бовар надошт, касе ҳатто тасаввур намекард, ки яке дигареро бикушад, ҳайкали сангин ба замин фурӯ рехт ва замин тамъи хуни одамро чашад.

Қурбонии ҷанг аст, ки чи касе ки дар як ҷамъияти нафриншуда сиёсатҳову бозиҳои бардурӯғро пушти по мезанаду ашк мерезад, чӣ касест ки мартабаи малоикро дораду зери по Биҳишт модар. Бале модар аст. Наход, ки ҳаммаи мавҷудоти зинда дар назди бузургии модар имон ораду ҷанг пас беимонист. Пас ҷанг душмани модарҳои мост. Қурбонии аслии ҷанг модарҳоянд ва захмҳои ҷангро аз қалбҳои модарон шояд танҳо рудбори ваҳдат бо самимияташ метавонад, шифо бахшад.

Дар ин раванд аз сарчашмаҳое, ки дастрасамон буд истифода намуда, ба мафҳуми касб, касбият ва фарҳанги касбӣ ва ба ҳам вобаста будани ононро, ки дар ҷамъ ташкилаи маводҳои моддӣ ва маънавӣ ва ҳамаи он чизҳое, ки технологияи меҳнат номида мешаванд ва дар улумӣ гуманитарӣ, махсусан дар ВАО истифода гаштааст сару кор гирифта, ба ин восита зарур будани аҳмияти мавзӯъро баррасӣ намудем.

АДАБИЁТ

1. Азимов, А Маҳорати журналистии таҳлилгари телевизион / А. Азимов. – Душанбе 2013. – 90 с
2. Багиров Э.Г. Очерки теории телевидения / Э. Г. Багиров. – М., 1978, 1991. – 271 с
3. Гуревич С.М. К. Маркс и Ф. Энгельс – основоположники теории коммунистической публицистики. М., 1973. С. 63.
4. Дзялошинский И.М. Указ. соч. С. 67–69.
5. Засурский, Я. Н. Телерадиоэфир: История и современность / Я. Н. Засурский. – М. Издательство: Аспект Пресс 2005.
6. Корконосенко С.Г Основы теории журналистики. СПб, 1995. С. 44.
7. Каган М.С. Философия культуры СПб., 1996. С. 404–405.
8. Михалкович, В. И. О сущности телевидения / В. И. Михалкович. – М., 1998.
9. Соколов В.С., Михайлов С.А. Периодическая печать США. СПб., 1998. С. 61.
10. Свитич Л.Г. Профессия: журналист. М., 1991. С. 39–40.

МАҲОРАТИ ЖУРНАЛИСТӢ ДАР ТЕЛЕВИЗИОН (ДАР МИСОЛИ БАРНОМАҲОИ ОРЗУ ИСОЕВ ДАР ТЕЛЕВИЗИОНИ «САФИНА»)

Дар мақолаи мазкур муаллиф дар бораи маҳорати журналистӣ дар телевизион, дар мисоли барномаҳои Орзу Исоев дар телевизиони «Сафина» сухан рондааст. Хусусияти рӯзноманигорӣ дар он аст, ки он ва бинобарин ҳамаи онҳое, ки дар ВАО фаъолият мекунанд, дар соҳаи эҷодӣ ва иҷтимоӣ-фарҳангӣ фаъолона ширкат меварзанд. Вазифаи муҳимтарини рӯзноманигор - тағйирдиҳӣ, рушди унсурҳои фарҳангӣ, таъсиси арзиши меъёрии координатаҳои он, "таҷҳизотонидани фарҳангӣ»-и равандҳои иҷтимоӣ мебошад, ки инро дар барномаи Орзу Исоев кофта ёфтан зарур аст, ки бинандагони телевизион аслан ононе, ҳастанд, ки ба кофтану хондан хеле ками онҳо сару кор мегирад. Мафҳуми матн дар робита ба рӯзноманигорӣ метавонад интишорот дар матбуот, телевизион ва радио, паёме, ки тариқи шабакаи компютерӣ фиристода шудааст, бошад. Рӯзноманигорӣ бо матни хаттӣ, ки хусусиятҳои лафзиро доро аст, алоқаманд мебошад.

Калидвожаҳо: маҳорати журналистӣ, унсурҳои фарҳангӣ, барномаи телевизионӣ, равандҳои иҷтимоӣ, матбуот.

ЖУРНАЛИСТСКОЕ МАСТЕРСТВО НА ТЕЛЕВИДЕНИИ (НА ПРИМЕРЕ ПЕРЕДАЧ ОРЗУ ИСАЕВА НА ТЕЛЕВИДЕНИИ «САФИНА»)

В этой статье автор рассказывает о журналистских навыках на телевидении на примере программ Орзу Исаева на ТВ Сафина. Особенность журналистики заключается в том, что она и, следовательно, все, кто работает в СМИ, активно вовлечены в творческое и социокультурное поле. Будущим журналистам надо понимать, что данная профессия – это не только творчество, но и большая ответственность за каждое написанное и сказанное слово. Каждый профессиональный журналист должен уметь доносить объективную информацию до аудитории. Считается, что основная функция журналистской деятельности – создание информационного канала между государством и обществом, а также формирование общественного мнения.

Ключевые слова: журналистские навыки, элементы культуры, телевизионные программы, социальные процессы, пресса.

JOURNALISTIC SKILLS ON TELEVISION (ON THE EXAMPLE OF ORZU ISAEV'S BROADCASTS ON SAFINA TV»)

In this article, the author talks about journalistic skills on television using the example of Orzu Isaev's programs on Safin's TV. The peculiarity of journalism is that it and, consequently, all those who work in the media are actively involved in the creative and socio-cultural field. Future journalists should understand that this profession is not only creative, but also a great responsibility for every written and spoken word. Every professional journalist should be able to convey objective information to the audience. It is believed that the main function of journalism is to create an information channel between the state and society, as well as to form public opinion.

Keywords: journalistic skills, cultural elements, television programs, social processes, press

Сведения об авторе: ***Шарифов Шохин*** – магистрант второго курса факультета журналистики Таджикского национального университета.

Information about the author*: Sharifov Shohin* - second-year graduate student at the faculty of journalism of the Tajik National University.

НБО “РОҒУН” ДАР РАСОНАҲОИ ХОРИҶӢ ВА ДОХИЛӢ

Асомиддин Ғиёсзодаи Камол
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Неругоҳи барқи обии «Роғун» яке аз иншооти бузурги энергетикии Тоҷикистон мебошад, ки бо сохта шудани он ояндаи наздик дар кишварамон истиқлолияти энергетикиро таъмин менамояд. Ин неругоҳ аз ҷониби расонаҳои хориҷи ҳамчун иншооти бузурги аср эътироф гаштааст ва ба даҳгона бузургтарин неругоҳҳо дунё шомил аст.

Миллати тоҷик барои сохтани ин неругоҳ камари ҳиммат бастаанд ва талошу заҳмати шабонарӯзи мекашанд то тавонанд ҳарчи рӯз зудтар онро ба итмом расонда бошанд бунёду барқарорсозии ин иншооти муҳиму стратегӣ барои таъмини зиндагии сазовори наслҳои имрӯзу оянда хизмат мерасонад. Он барои рушди иқтисодиёт ва дар маҷмуъ барои пешрафти тамоми соҳаҳои хоҷагии халқи мамлакат заминаи мусоид фароҳам меорад. Баъди ба истифода додани нерӯгоҳ имкон аст, ки дар кишвар даҳҳо корхонаҳои хурду бузурги саноатӣ ифтитоҳ ва ҳазорҳо ҷойҳои нави корӣ таъсис ёбад.

Нерӯгоҳи барқи обии Роғун дар силсилаи неругоҳҳои руди Вахш аз боло нӯҳум буда, дар минтақаи 110 километр дуртар аз шаҳри Душанбе ҷойгир аст. Неругоҳ аз 6 чарха иборат аст, ки қудрати ҳар кадом 600 мегаваттро ташкил медиҳад. Сарбанди нерӯгоҳи «Роғун» бо баландии 335 метр баландтарин садди заминӣ (гиливу сангӣ) дар ҷаҳон ба ҳисоб рафта, бо иқтидори 3600 мегаватт (беш аз 17 миллиард киловатт - соат) калонтарин нерӯгоҳи барқи обӣ дар минтақа хоҳад буд, ки ин рақам нисбат ба иқтидори истеҳсолии нерӯгоҳи барқи обии «Норак» якуним баробар зиёд мебошад. Барқи аз ҷиҳати экологӣ тозаи нерӯгоҳ имконият медиҳад, ки эҳтиёҷоти ба барқ

доштаи Тоҷикистонро комилан қонеъ карда, барои инкишофи иқтисодиёти кишвар такон бахшад.

Соли 1930 нақшакашии бунёди иншооти гидроэнергетикӣ Роғун оғоз гардида соли 1960 шурӯи корҳои омӯзишӣ сар шуд. Соли 1974 Лоиҳаи техникии НБО-и «Роғун», ки аз ҷониби шуъбаи осиёимиёнагии Институти «Гидропроект»-и шаҳри Тошканд омода шуда буд, аз тарафи Госстройи СССР тасдиқ карда шуд . Соли 1976 шурӯи корҳои омодагӣ ба оғози сохтмони НБО-и «Роғун». Сентябри соли 1976 оғози бунёди НБО-и «Роғун». Соли 1987 оғози бунёди дарғоти ин неругоҳ. 27 декабри соли 1987 маҷрои дарёи Вахш баста шуд. Соли 1990 интиқоли ду гидротурбин ба макони сохтмон. Соли 1993 сохтмони сарбанди неругоҳ ба 40 метр расонида шуда, қариб 21 километр нақб канда шуд. 8 майи соли 1993 сарбанди бунёдёфта дар натиҷаи обхезии шадид хароб шуд ва қисме аз нақбҳои кандашуда зери об монданд.

Пас аз пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ сохтмони НБО-и «Роғун» барои муҳлати номуайян боздошта шуд. Соли 2004 байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ширкати «Русал» ҷиҳати анҷоми сохтмони НБО-и «Роғун» шартнома имзо карда шуд. 26 сентябри соли 2005 оғози расмии корҳои сохтмонӣ дар НБО-и «Роғун». Сентябри соли 2007 бинобар ҳосил нашудани мувофиқа дар масъалаи баландии сарбанди НБО-и «Роғун» шартнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ширкати «Русал» бекор карда шуд.

30 майи соли 2008 сафари кории Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба шаҳри Роғун, боздид аз иншооти сохташаванда ва мулоқоташон бо коргарони НБО-и «Роғун».

28 октябри соли 2009 сафари навбатии Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба шаҳри Роғун ва шиносой бо рафти корҳои сохтмонӣ, суҳбат бо бинокорони Неругоҳи барқи обии Роғун. Соли 2010 – бунёди НБО-и «Роғун» аз нав шурӯъ гардид.

Соли 2010 байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки ҷаҳонӣ барои гузаронидани ташхиси байналмилалии лоиҳаи НБО-и «Роғун» шартнома ба имзо расид. Декабри соли 2010 – анҷоми корҳои барқарорсозӣ дар нақби аввали иншооти сохташаванда. Феврали соли 2011 – Пудратчии баргузории ташхис ширкати швейтсарии «Poyry Energy Ltd» интихоб гардид.

10 июли соли 2012 сафари кории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шаҳри Роғун ва боздид аз НБО-и «Роғун».

15 июли соли 2015 сафари навбатии Пешвои миллат ба шаҳри Роғун, шиносой бо ҷараёни корҳои барқарорсозии НБО-и «Роғун» ва ифтитоҳи Озмоишгоҳи марказии сохтмонӣ.

4 августи соли 2016 сафари кории Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Неругоҳи барқи обии «Роғун» ва шиносой бо ҷараёни корҳои барқарорсозӣ дар неругоҳ.

05 августи соли 2016 боздиди Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аз мавзеи сохтмони Неругоҳи барқи обии «Роғун» ва мулоқот бо роҳбарону мутахассисони неругоҳ.

29 октябри соли 2016 тағйири маҷрои дарёи Вахш ва оғози бунёди сарбанди Неругоҳи барқи обии Роғун бо иштироки Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон.

10 майи соли 2017 сафари кории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Неругоҳи барқи обии «Роғун», мулоқот бо роҳбарон ва кормандони муҳандисиву техникии неругоҳ, шиносой бо ҷараёни корҳои сохтмонӣ дар бинои дастгоҳи пӯшидаи тақсимкунандаи элегазӣ.

26 июли соли 2018 сафари кории навбатии Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Неругоҳи барқи обии «Роғун», боздид аз толори мошинҳо ва бинои

трансформаторҳои НБО-и «Роғун», шиносоӣ бо ҷараёни корҳои сохтмонӣ дар нақбҳои сохтмонии СТ-1 ва СТ-2-и неругоҳ.

Мавзӯи бунёди кохи нури Тоҷикистон бо шиори рӯз табдил ёфтааст. Ҳар сокини кишвар новобаста аз миллату нажод ба ин масъалаи ҳаётан муҳими диёр таввоҷҷӯҳи хоса дорад. Роғун манбаи адонашавандаи нур аст, ки Тоҷикистонро дар оғӯши шарқи куҳан ба ахтари ҳамешатобон хоҳад дод.

Ин аст, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба суръату сифати корҳои сохтмонӣ баҳои баланд дода, аз масъулон ва бунёдгарони неругоҳ даъват ба амал оварданд, ки минбаъд низ ҳангоми иҷрои корҳо ба сифати масолеҳи сохтмонӣ аҳамияти аввалиндараҷа диҳанд ва иншоотро ҷавобгӯ ба талаботи имрӯза бунёд намоянд то садсолаҳо ба мардум хизмат расонад.

Ёдовар бояд шуд, ки 16-ноябр Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон агрегати якуми Неругоҳи барқи обии “Роғун”-ро дар фазои тантанави мавриди истифода қарор доданд. Дар Неругоҳи барқи обии Роғун беш аз нуҳ ҳазор сохтмончиёну меҳмонон шоҳиди ин руйдоди муҳими таърихи гардида, ҷараёни ба кор андохтани агрегати якуми он тавассути шабакаҳои телевизиони радиои ва сомонаҳои интернети мустақиман пахш карда шуд. 16-ноябр дар таърихи навини Тоҷикистони соҳибистиқлол ҳамчун рӯзи музаффарияту бунёдкори ва саодату сарбаланди бо ҳарфҳои заррин сабт гардид.

Дар марҳилаи аввали ба истифода додани агрегати аввалини НБО-и «Роғун» рузҳои ба шумор боқи монда буд, аз як тараф корҳои бетонрезиву арматурхобони сурат мегирифт, аз тарафи дигар кормандонии Кумитаи Телевизион ва Радио барои мавриди ба истифода додани ин агрегат ва нишон додани он ба таври мустақим ба мардуми сарбланди тоҷик ва ҷаҳон омодаги мегиранд, ки ин орзуҳои деринтизори мардуми тоҷикро дар амал татбиқ менамояд.

Журналистони тоҷик бо забонҳои гуногун, рӯси, англисӣ ва чандин забонҳои дигар хабару барномаҳо омода мекарданд.

Воқеан ҳам даврони истиқлолият барои мо имкони воқеӣ фароҳам овард, ки роҳи имрӯзу ояндаи миллат ва пешрафти минбаъдаи кишвари азизамонро ба сӯи ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ интихоб намоем, зеро тар роҳи таъмини истиқлолияти энергетикӣ натиҷаҳои нек ба даст оварда шудаанд.

Дар он вақт мардуми кишвари мо асосан дар боби Роғун ҳарф мезаданд, зеро ҳамагӣ чанд рӯзе то рӯзи таърихии баистифодадиҳии ин неругоҳи азим боқӣ монда буд.

Роғун нангу номус ва ифтихори миллати мо аст. Ин имконияти бузурги энергетикӣ метавонад дар ояндаи наздик Тоҷикистонро нурафкан созад. Дар ин маврид Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз баромадҳои худ чунин қайд намуда гузаштанд: “Роғун - манбаи адонашавандаи нур аст, ки Тоҷикистонро дар оғӯши Шарқи куҳан ба ахтари ҳамеша тобон табдил хоҳад дод”.

Бояд гуфт Неругоҳи барқи обии Роғун яке аз иншооти бузурги энергетикии Тоҷикистон мебошад, ки ояндаи наздик дар кишварамон истиқлолияти энергетикиро таъмин менамояд, ки алакай бо ба кор даромадани агрегати аввали ин неругоҳ мардуми сарбаланди тоҷик дарк сохтанду ояндаи дурахшони кишварро аз пурра сохтани он медонанд.

Чун санаи ба кор даромадани чархаи аввали неругоҳи барқи обии Роғун ҳарчанд, ки рузи таърихи асту мардум ин рӯзро ҳамасола бо тантана талил мекарданд 16 ноябри имсол аз солҳои қабли куллан фарқ дошт, зеро маҳз дар ҳамин рӯз Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон агрегати якуми Неругоҳи барқи обии “Роғун”-ро дар фазои тантанави мавриди истифода қарор доданд. Дар Неругоҳи барқи обии Роғун беш аз нуҳ ҳазор сохтмончиёну меҳмонон шоҳиди ин руйдоди муҳими таърихи гардида, ҷараёни ба кор андохтани агрегати якуми он тавассути шабакаҳои телевизиони радиои ва сомонаҳои интернети мустақиман пахш карда шуд. 16-ноябр дар таърихи навини Тоҷикистони соҳибистиқлол ҳамчун рӯзи музаффарияту бунёдкори ва саодату сарбаланди бо ҳарфҳои заррин сабт гардид.

Воқеан ҳам ин санаи таърихи орзуву омоли чандинсолаи мардуми тоҷикро ба сафҳои таърих бурду он бо ҳарфҳои заррин сабт гардид. Маросими баистифодадиҳии агрегати якуми ин иншооти бузурги гидроэнергетикӣ дар сархати хабарҳои воситаҳои ахбори оммаи ватаниву хориҷӣ қарор дошта, аз ҷониби агентиҳои иттилоотии бонуфузи байналмилалӣ аз Амрико, Италия, Германия, Россия, Япония, Британияи Кабир, Чин, Покистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Ӯзбекистон ва дигар давлатҳо васеъ инъикос гардид.

Аз ҷумла, агентии «Рейтер» зери сарлавҳаи Тоҷикистон агрегати якуми сарбандеро, ки дар ҷаҳон баландтарин мегардад, ба кор даровард» гузориш нашр кардааст. Дар он хабарнигори агентии мазкур доир ба ин иншооти азим ва аҳамияти он дар рушди минбаъдаи Тоҷикистон иттилоъ дода, чунин навиштааст: «Рӯзи ҷумъа, 16 ноябр Тоҷикистон агрегати якуми НБО «Роғун»-ро, ки қисме аз лоиҳаи сарбанд мебошад, ба кор даровард. Ин иншоот истиқлолияти энергетикии давлатҳои Осиёи Марказиро таъмин хоҳад кард.

САРЧАШМАҲОИ ИТТИЛООТӢ

1. [Захираи электронӣ] Tajikistan: Italians Picked for Rogun Dam Contract
2. [Захираи электронӣ] "Tajikistan starts building world's tallest dam for hydro plant" // Reuters. – 2016. 29 Ноябр.
3. [Захираи электронӣ] "Rogun Web-site"// Rogun Web-site. – 2010. 26 Мат.
4. [Захираи электронӣ] "Techno-Economic Assessment Study for Rogun Hydroelectric Construction Project" // Coyne et Bellier. -2014. – 17 Июл.
5. [Захираи электронӣ] "Fifth Information-Sharing and Consultation Meeting on the Assessment Studies of the Proposed Rogun Hydropower Project (HPP)" // World Bank.
6. [Захираи электронӣ] "Fifth Information-Sharing and Consultation Meeting on the Assessment Studies of the Proposed Rogun Hydropower Project (HPP)" // World Bank. – 2018. 17 Июл.

НБО “РОҒУН” ДАР РАСОНАҲОИ ХОРИҶӢ ВА ДОХИЛӢ

Мавриди зикр аст, ки нақши Президенти кишвар дар бунёди Неругоҳи барқи обии Роғун дар даврони соҳибистиқлолии мамлакат ба хотири таъмини зиндагии шоиста барои мардуми шарафманди тоҷик се самти асосию стратегиро дар сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб карданд, ки бо татбиқи пурраи онҳо Тоҷикистон ба яке аз кишварҳои пешрафтаву тараққикарда мубаддал мегардад. Неругоҳи барқи обии Роғун яке аз иншооти бузурги энергетикии Тоҷикистон мебошад, ки ояндаи наздик дар кишварамон истиқлолияти энергетикиро таъмин менамояд, ки алакай бо ба кор даромадани агрегати аввали ин неругоҳ мардуми сарбаланди тоҷик дарк сохтанду ояндаи дурахшони кишварро аз пурра сохтани он медонанд.

Калидвожаҳо: Рогун, неругоҳи барқи обӣ, истиқлолияти энергетикӣ, агрегат, энергетика, халқи тоҷик.

РОГУНСКИЙ ГЭС В ЗАРУБЕЖНЫХ И ОТЕЧЕСТВЕННЫХ СМИ

Следует отметить, что роль Президента Республики Таджикистан в строительстве Рогунской ГЭС в период независимости страны с целью обеспечения достойной жизни славному таджикскому народу определила три основных стратегических направлений в политике Правительства Республики Таджикистан, в результате которых наша страна превратится в одних из развивающихся стран мира. Рогунская ГЭС является одним из крупнейших энергетических объектов в Таджикистане, который обеспечит энергетическую независимость в стране в ближайшем будущем даже после запуска первого блока ГЭС.

Ключевые слова: Рогунская ГЭС, гидроэнергетика, энергетическая независимость, агрегат, энергия, таджикский народ.

ROGUN HPS IN FOREIGN AND DOMESTIC MEDIA

It should be noted that the role of the President of the Republic of Tajikistan in the construction of the Rogun HPS during the country's independence in order to ensure a decent life for the glorious Tajik people has defined three main strategic directions in the policy of the government of the Republic of Tajikistan, as a result of which our country will become one of the developing countries of the world. Rogun HPS is one of the largest energy facilities in Tajikistan, which will ensure energy independence in the country in the near future even after the launch of the first HPS block.

Keywords*:* Rogun HPS, hydropower, energy independence, aggregate, energy, Tajik people.

Сведения об авторе: ***Асомиддин Гиёсзодаи Камол*** – магистрант второго курса факультета журналистики, специальности журналист-переводчик. Таджикский национальный университет. Телефон: **901 33 28 98**

Information about the authors: ***Asomiddin Ghiyoszodai Kamol*** – second-year graduate student of the faculty of journalism, specialty journalist-translator. Tajik National University. Phone: **901 33 28 98**

ПАЙДОИШИ МАТБАА ДАР КИШВАРҲОИ АРАБ ВА НАҚШИ ОН ДАР БЕДОРИИ ҶОМЕА

Исоев Б. Ф.
Институт изучения проблем стран Азии и Европы АН РТ

Чоп дар забони арабӣ“ат-тибоатун” ва чопхона бошад “ал- матбаа, дору тибоатин” ном дорад. Дар поёни асри 19 дар бозёфтҳои шаҳри бостонии Қоҳира, наздики Фаюми Миср матнҳое марбут дар ҳудуди 50 китоб ба даст омад, ки байни солҳои (900 – 1350) бо қолабҳои чӯбӣ ба чоп расиданд. Ҳамаи ин китобҳо бо забони арабӣ ва дар мавзӯъҳои динӣ буданд. Чунин ақидае вуҷуд дорад, ки ин китобҳоро мардум тавлид кардаанд, ҳамчунин ингуна китобҳо на фақат дар Миср, балки дар тамоми сарзаминҳои арабӣ ва исломӣ низ ба чоп мерасиданд. Ҳавои хушки Миср боиси маҳфуз мондани ин осор шудааст, вагарна онҳо кайҳо бояд аз байн мерафтанд. Забони арабӣ пас аз забони ибрӣ дувумин забони шарқӣ аст, ки бо он китоб ва дигар ашёҳои хониш ба чоп расидааст. Бояд зикр намоем, ки таърихи рӯзномаю рузноманигорӣ аз ин ҳам фаротар меравад. Аз рӯи маълумотҳои таърихӣ гуё пеш аз милоди Масеҳ (а) рӯзномаҳо вуҷуд доштааст, ки муҳаққиқон баъзе онҳоро чунин овардаанд:

1. Аввалин рӯзномае, ки дар олам нашр шудааст “Кин Бон” ном дошта, дар Чин, пеш аз таваллуди ҳазрати Исо (а) чоп шуда, барои ҳукумати Чин рӯзномаи расмӣ буда аст ва то ҳол ин рӯзнома аз байн нарафта, дар як рӯз се маротиба: саҳар бо ранги зард, нисфирӯзӣ бо ранги сафед ва бегоҳ бошад бо ранги сурх нашр мешавад.
2. Дар Аврупо бошад аввалин рӯзнома рӯзномаи“Аъмол-ул-явм” (Ҳодисаҳои рӯз), (Корҳои рӯз) мебошад, ки дар аҳди Императур Юлиус Кайсарӣ дар миёнаҳои асри таваллуди ҳазрати Исо (а) нашр шудааст.
3. Инчуни дар пойтахти Чин шаҳри Пекин рӯзномае бо номи “Канбу” нашр шуд, ки яке аз аввалинҳо мебошад.
4. Аввалин рӯзномае, ки дар замони муосир интишор шуд: “Ғазта”мебошад. Ин рӯзнома соли 1566 дар шаҳриБундуқияи Итолиё нашр шудааст.
5. Аввалин маҷаллаи илмӣ соли 1665 бо номи “Маҷалли илмӣ”дар Фаронса чоп шудааст [9, с.3].

Рӯзнома саноати чопкунӣ мебошад, ки рӯзноманигорон барои арзи вуҷуд кардани ин соҳа бисёр кӯшишҳо кардаанд. Мурод аз рӯзнома саҳифаҳои навиштае мебошад, ки дар тамоми соҳаҳои кишвар хабарҳо, хоҳ дохилӣ бошад хоҳ хориҷӣ, дастовардҳои соҳаи тиҷорат, иқтисодиёт ва иҷтимоиётро ба мо мерасонад. Ба ҳамин

хотир бузургон ва олимон кӯшиш намуданд, ки ин фанро ба дараҷае расонанд, ки мардуми машриқ аз мардумони дигари кураи замин қафо намонанд.

Аммо рӯзномаҳои арабӣ таърихи дуру дарозе надоранд ва мардум дар аввали пайдо шуданаш ба он аҳамияти ҷиддӣ намедоданд. Аввалин шахсе, ки дар ин фан бо ҷиддият фаъолият кардааст, ин, Ҳенри Ғилёрд мебошад. Ӯ ҳангоми дар вазифаи тарҷумониаш дар Қоҳира соли 1884 гузорише бо забони фаронсавӣ навишт, ки таърихи пайдоиши рӯзномаи арабиро дар бар мегирифт. Ҳамон замон ин рӯзнома дар водии Нил нашр мешуд. Аз ин гузориши навиштаи ӯ ду нусха вуҷуд дорад, ки яке аз онҳо дар бойгонии вазорати хориҷӣ, дар шаҳри Париж ва дигараш бошад, дар Миср маҳфуз аст. Ҳамчунин аввалин шахсе, ки рӯзномаробатаври олӣпаҳнунашрнамудааст, император Бонапарт Наполеон мебошад. Ин шахсият аврупойбуда, аз шаҳри Париж аст. Аммо аввалин шахсе, ки аз мардуми араб, бо забони арабӣ чопи рӯзномаро ташкил намудааст, Ҷурҷӣ Зайдон мебошад. Ҷурҷӣ Зайдон мақолае бо номи “ал-Ҷароидал- арабия фи-л-олам” навишт, ки дорои ҳашт саҳифа буд ва инро дар маҷаллаи “Ҳилол” нашр намуд. Баъд аз ин соли 1893 Муҳаммад Комили Буҳайрӣ рӯзномае бо номи “Тараблус” нашр намуд, ки дар баргирандаи таърихи пайдоиши рӯзнома, буда фоидаву аҳамияти рӯзномаҳои дар олам нашршударо, хабар медод. Ин рӯзноманигор, вақте ки ба зикри рӯзномаи арабӣ пардохт, аз рӯзномаи “Ҳадиқат-ул-ахбор” дар Бейрут ва “Роиди тунисӣ” дар Тунис, ёдовар шуд. Ин рӯзномаҳо дар навбати худ аз хусуси дувоздаҳ рӯзномаи дигаре хабар медоданд, ки то онҳо чоп мешуд. Он рӯзномаҳо инҳо мебошанд.

1. “ Ҳаводис-ул-явм”.
2. “ Вақоиъ ал-мисрия”.
3. “ал-Мубашшар”.
4. “Маҷма-ул фавоид”
5. “Аъмол-ул-ҷамъияти-с-Сурия”
6. “Миръот-ул-аҳвол”
7. “ас-Салтанат”
8. “Ҳадиқат-ул-ахбор”
9. “Аторид”
10. “Бирҷиспарижӣ”
11. “ал-Ҷавоиб”
12. “Роиди тунисӣ”

Дертар ривояте паҳн шуд, ки шумораи рӯзномаҳое, ки дар ҳамин таърихи зикршуда ба нашр расидаанд, тақрибан чиҳил ададро ташкил медиҳад. Абдуллои Ансорӣ, устоди забони арабӣ дар Дору-л-улум, дар шаҳри Қоҳира, соли 1893 китоби “Ҷомиъ-ут-тасонифал-мисрийятиал-ҳадисати”-ро аз соли 1301 то соли 1310-и ҳиҷрӣ нашр намуд. Дар аввали соли 1895 Наҷиб Ғурурӣ дар Искандария маҷаллаи “Олам-ул-ҷадидро” махфиёна зери номи “Ҳоҷибу-л-фузулӣ”, ки дар ӯ таърихи муҳимтарин рӯзномаҳои мисрӣ бо тарҷумаи ҳол ва намоиши акси соҳибаш, ки дар ёздаҳ саҳифа гирд оварда шуда буд, аз нашр баровард. Баъдан соли 1910 дар ин мавзӯъ мақолае навишт, ки дорои 12 саҳифа буд. Унвони ин рӯзнома “ас-Саҳофату фи салосина оман” (Матбуот дар си сол) ва онро дар саҳифаҳои рӯзномаи “Иттиҳоди Миср” ба муносибати си сола шудани матбаааш нашр кард. Соли 1907 Муҳаммад Содиқи Маҳмудӣ рӯзномаи “Маориф”-ро соз мондод. Ин рӯзнома дар Тунис нашршуда, дорои шаш саҳифа буда, унвони ин рӯзнома “Таърих-ус-саҳофа” мебошад, ки дар баргирандаи ахбори мухтасари рӯзномаҳобуд.

Аввалин шахсе, ки лафзи “саҳофа” яъне рӯзноманигориро ба маънои ҳозираашистифоданамудааст, Наҷиб-ул-Ҳаддод [9, с.3] мебошад. Наҷиб писари шайх Носиф Ёзиҷӣ мебошад, ки рӯзномае дар Искандария бо номи “Лисон-ул-араб” чоп намудааст. Баъд аз ин дигар рӯзноманигорон ба ӯ тақлид менамуданд. Яке аз

донишмандон гуфтааст:“ Кишваре, ки соҳаи рӯзноманигорӣ надорад, номаш бояд бо оби тилло навишта шавад, зеро он сарзамин тандуруст нест” [9, с.9]. Аз ин гуфтаҳо чунин бармеояд, ки матбуот ё рӯзноманигорӣ яке аз соҳаҳои муҳимми ҳар кишвар ба шумор меравад. Ба хусус ин омил дар густариши адабиёт ва бинои “Наҳзат” дар мамолики араб нақши босазоеро бозидааст. Ҳоло барои исботи ин, гуфтаҳои баъзе олимонро меоварем:

Попи Итолёӣ, Лиои савум мегӯяд“Рӯзнома рисолаи абадист” [9, с.9] ба ин гуфтаҳо бингаред, ки чи қадар маонии бузург доранд, рӯзномаро ҳамчун як осори ҷовидона баён намудааст. Инчунин яке аз императорони фаронсавӣ Наполеон дар бораи рӯзнома чунин гуфтааст: “Рӯзнома пояе аз бузургтарин пояҳоест, боонфарҳангумаданиятбадастомада, ба арсаи боло мерасанд”. Наполеон яке аз императорони фаронсавӣбуда, дар густариш ва бунёди рӯзноманигорӣ дар Миср кӯшишу талоши зиёде намудааст, ки ба ин масъала баътар мепардозем. Бо вуҷудикам будани маош, рӯзноманигоронро аз ин роҳ чизе боз намедошт, ҳамчун оне ки хӯрок бо сабаби кам буданаш инсонро аз идомаи ҳайёт боз намедорад. Адади рӯзноманигорон ва ҳаводорони ин соҳа бо суръат зиёд мешуд ва навигариҳои илму маориф торафт дар миёни мардум интишор меёфт. Аз ин рӯватаненест, кибар ватани илм бартарӣ дода шавад. Ҳусайн Комил Пошшоҳ дар бораи рӯзнома гуфтааст: “Барои ҳар як уммати соҳибмаданият лозим аст, ки қадру манзалати рӯзномаро донад ва барои таълиму истифода аз он даст ба дасти ҳам ниҳанд, чунки аз ин дастоварди замони муосир барои мардум фоидаи зиёде мерасад” [3, с.20]. Ҳамчунин зарур аст, ки фаъолият кунандаи ин ҷода содиқ, далеру шуҷоъ бошад, чуноне ки Лард Разбирӣгуфтааст: Қоидаирӯзноманигорӣ ин аст: “Содиқ бошу аз чизе натарс [9, с.10]”.

Дар аввал рӯзномаро дар кишварҳои араб бо номи “Ҳодисаҳо” ном мебурданд, ба монанди рӯзномаи “Ҳодисаҳои мисрӣ”, Рафоатбек Таҳтовӣ низ иддао дорад, ки рӯзномаҳо дар ибтидо чунин ном доштаанд. Баъдтар бо номи “Ғазта” низ шинохта шуд, ки он аз номи пуле гирифта шуда буд, ки дар бозор онро мефурӯхтанд. Инчунин далелҳое мавҷуд аст, ки аввалин рӯзнома дар Бундуқия соли 1566 пайдо шудааст ва ин рӯзномаро бо номи “Ғазта” ном мебурданд. Ин номро ҳар як саҳифаи рӯзноманигорӣ бе истисно истифода мебурд. Замоне ки рӯзноманигорӣ дар мамолики араб густариш меёфт, ин лафзро зиёд истифода менамуданд, зеро саноти рӯзнома дар ин замон дар миёни арабҳо нав ба вуҷуд омада буд. Замоне ки Халили Хувайрӣ рӯзномаи “Ҳадиқату-л-ахборро” (Боғи хабарҳо)-ро дар Бейрут соли 1858 ба табъ расонд, лафзи “журнал”-ро ба он нисбат дод. Ин калима калимаи фаронсавӣ буда, ба монанди рӯзномаи “Ҳафта” маънои “ҳаррӯзаро”дорад. Аз номаш маълум мешавад, ки ин рӯзнома ҳар рӯз чоп ва нашр мешудааст. Дар он замон миёни журнал ва рӯзнома тафовути зиёде вуҷуд надошт, аввал рӯзномаро ҳам журнал медонистанд. Баъдан бо лафзи “рӯзномаи ҳаррӯза” ё бо номҳои дигар шинохта шуд. Дар Бейрут ва дигар кишварҳо нашрияҳое ба монанди “Нашрияҳои моҳона” ва “нашрияҳои ҳафта” пайдо шуданд. Боз яке аз номҳое, ки ба рӯзномаҳо гузошта мешуд, “Варақаи хабарӣ” ё “Рисолаи хабарӣ” буд. Ҳамаи ин номҳоро рӯзномаи “المبشر" ва дигар рӯзномаҳо дар кишварҳои ғарбӣ, ки дар тобеъи ҳукумати Фаронса ва дар шимоли Африко ҷойгир буданд, истифода мебурданд. “Авроқ-ул-ҳаводис” низ номе буд, ки Наҷиб Нодир ба рӯзнома гузоштааст. Ин шахс ғайр аз ин маҷаллае бо номи “Ситораи илм” дар Қустантания чоп намудааст. Рӯзноманигорон дар он замон чи хеле ки пештар гуфтем, миёни журнал ва маҷалла тафовутеро намедиданд. Мардуми Ғарб маҷалларо ошкоро бар рӯзномае, ки ба шакли дафтар нашр мешуд, итлоқ мекарданд. Ҳангоме ки шайх Иброҳим Ёзиҷӣ идораи маҷаллаи “ат-Табибро” дар Бейрут соли 1884 бо иштироки докторон, монанди Халилбек ва дигарон бино намуд, ишора ба истифодаи лафзи “маҷалла” намуда буд [9, с.7]. Ин саҳифа, илмӣ, динӣ, адабӣ, таърихӣ ё чизе ба

монанди инҳо мебошад, ки дар вақти муайян ба фурӯш бароварда мешуд. Баъдан ин лафзро дар ин аср бисёр истифода мебурдагӣ шуданд, то ҷое ки ҳар маҷаллае, ки баъдан ба нашр бароварда мешуда, бо ин лафз ишора мекарданд. Лекин касе аз нависандагон ин лафзро, яъне маҷалларо, бар ягон саҳифае, ки дар он ҳикмате бошад, нисбат намедоданд. Аммо аз замоне, ки ба фурӯш бароварда шуд, чунин лафзро ба он нисбат медодагӣ шуданд. Агар китобҳои луғатнигориро назар кунем, хоҳем дид, ки ин лафз ба маънои ҳозирааш истифода намешавад, балки ба маънои қадимиаш истифода мешавад. Арабҳо ҳамин гуна бо номгузории рӯзномаҳо ба тавофуқ расиданд.

Рӯзнома ё маҷалла вобаста ба гуногун табиии мардум аз якдигар фарқ мекард. Онҳо гоҳо динӣ ё сиёсӣ ё адабӣ мешуданд. Ба ҳамин хотир рӯзномаҳоро ба чанд гурӯҳҳо ба монанди илмӣ, адабӣ, шартномаҳои байнидаватӣ, ҳазлӣ, ахбори омма, меъморӣ, ахлоқӣ, таърихӣ ва ғайра тақсимбандӣ мекунанд. Ва ҳар як аз ин гурӯҳҳо ба худ соҳаи бузургу муайянеро дорад. Рӯзнома вобаста ба шохаҳои маорифи башарият, якчанд навъ мешавад, дар баъзе ҳолатҳо хурдтарин навъи ин фан шохае аз шохаҳои илм башумор меравад. Дастрасӣ ба он аз муҳим будани он ва муҳаббати мардум барои баланд бардоштани қадру манзалати илм аст. То ҷое ки фоидаҳои илм аз тариқи рӯзнома дар тамоми маконҳо дастраси тамоми аҳли маърифат мегардад.

Азбаски рӯзномаҳо дар мавзӯъҳои гуногун нашр мешуданд, аврупоиҳо онҳоро бо номи “Рӯзномаи даврӣ” ишора мекарданд. Зеро онҳо ҳар моҳ ё ҳар ҳафта ё ҳар рӯз ба чоп мерасиданд. Инчунин боз рӯзномаҳое буданд, ки дар як моҳ ду бор ё дар як ҳафта ду бор ё дар як рӯз ду маротиба аз нашр мебаромаданд [9, с.8].

Замоне ки рӯзнома дар кишварҳои арабӣ рӯ ба пешрафт намуд, рӯзноманигорон ва нависандагон хостанд, ки ба рӯзнома ва маҷаллаҳои худ номҳои нав, мутобиқ ба асри муосир гузоранд. Сипас рӯзномаҳои худро бо беҳтарин номҳо ва номҳое, ки пурмаънӣ мебошанд, номгузорӣ карданд. Ба монанди “Ҳадиқату-л-ахбор”(Боғи хабарҳо), “Миръот-ул-аҳвол” (Оинаи аҳволҳо), “Нузҳат-ул-афкор” (Нузҳаи фикрҳо). Ҳамингуна кам-кам арабҳо дар номгузории номҳои рӯзномаҳо ба ғарбиён наздик шуданд. Сипас арабҳо рӯзнома ва маҷаллаҳои худро номҳои гуногун мемонданд. Арабҳо рӯзномаҳои худро дар аввал бо номҳои рӯзномаҳои мардуми Ғарб ташбеҳ менамуданд, мисли вақт, рӯз, шом, саҳар, маданият, фарҳанг, тамаддун, меъморӣ, пешрафт, комёбӣ, наҳзат, ислоҳ ва ғайра. Инчунин рӯзномаҳоро бо номҳои шаҳрҳо ба монанди Қоҳира, Искандария, Танто, Хуртум, Қудс, Бейрут, Димашқ, Миср, Тароблус, Бағдод, Басра, Париж ва ба монанди инҳо. Баъдтар бо номҳои баҳрҳо, дарёҳо, гиёҳҳо мисли: Кавсар, Фурот, Амазон, Нил ё номҳои кӯҳҳо мисли: Лубнон, Арафот, Муздалифа, Мақтам ё номҳои ҷиҳатҳо монанди: шарқ, ғарб, ҷануб, шимол инчунин номҳои қитъаҳо “Қораи Амрико”, “Қораи Африқо”, “Қораи Осиё”, “Қораи Аврупо” ва “Харитаи ҷаҳон” ва ғайраҳо мегузоштагӣ шуданд. Ҳамин тариқ рӯзноманигорони араб аз нависандагони аврупоӣ дар истифодаи баъзе аз номҳо пайравӣ менамуданд, монанди: номҳои ситорагон, мошинҳо ва ҳар гуна номҳоро дар рӯзномаҳояшон ба монанди рӯзномаи “Офтоб”, “Заҳро”, “Ҳилол” мегузоштагӣ шуданд. Арабҳо ин се калимаи дастурӣ, (рӯзнома, баробарӣ, бародарӣ)-ро низ аз онҳогирифтабуданд.

Ҳамчунин номҳое, ки ба равшаниҳо далолат мекунад монанди: чароғ, фонус, шамъ ё ба фаслҳои сол далолат мекунад монанди: маҷаллаи зимистон ва баҳор баъдан ба рӯзномаҳо ва маҷаллаҳои худ номҳои илмҳо ва саноатҳо монанди: зироаткорӣ, тиҷорат, иқтисод, баён, балоғат, адабиёт ва ғайраро мегузоштанд. Баъзе рӯзноманигорон рӯзномаҳои худро бо номҳои динӣ ё дар китобҳои динӣ омада монанди: Салиб, Калисо, Инҷил номгузорӣ мекарданд. Баъзе дигаре аз онҳо дар гузоштани номҳои ҷавондухтар, арус, аниса, духтари шарқӣ, латифа ва ғайра шавқу муҳаббати зиёд доштанд. Гурӯҳи дигари онҳо номҳои рӯзномаҳоро ба номҳои

наботот ва ҳар чизе, ки ба табиат рабт дорад, монанди: боғ, райҳона, боғча, ҷаннат, фирдавс, мева иваз намуданд.

Дар ибтидо рӯзнома ва маҷаллаҳои арабӣ на дар кишварҳои араб, балки дар давлатҳоиғарбӣчопмешуданд, ҳамчунинбаъди ноил шудан ба матбааҳоҳам гоҳоинвоқеарухмедод, яъне рӯзнома ё маҷалла дар кишварҳои ғарбӣ чоп мешуд. Зеро дар кори матбаа ва чоп ғарбиён таҷрибаи бештар доштанд. Ва дар кишварҳои араб бошад дертар ин кор шакли омавиро гирифт.

АДАБИЁТ

1. Ал-Фохурӣ Ҳано. “Таърихи адабиёти забони арабӣ аз асри ҷоҳилӣ то асри муосир”. Тарҷумаи Абдул Муҳаммад Оятӣ. Теҳрон 1361
2. Аль-Энези Атаулло Хумуд. “Журналистика королевства Саудовской Аравии”. Душанбе, 2012. 142 С.
3. Баркон Довуд. “Саҳофату-л-арабӣ, мозиҳо, ҳозируҳо ва мустақбалуҳо”. //Ҳилол, 28 (1917). 91 С.
4. Васильев А.М. “Египет и египтяне”. М. 1986.
5. Глебова Н.С. “Арабские СМИ: актуальные проблемы развития//Ближний Восток и современность. Сборник статей. Выпуск 33. –М, 2007. –С. 20.
6. Зайдон Ҷурҷӣ. “Ториху-л-наҳзати-с-суҳуфи-л-луғати-л-араб”. //Ҳилол 17. 1909 . 483 Саҳ.
7. Маълуф Исо Искандар. “Ас-Саҳофа фи-л-Ғарбва-Шарқ”// Маҷаллаи“Осор” 2. С. 131
8. Нуралиев А. “Таърихи журналистикаи кишварҳои хориҷӣ.-Душанбе. Сурушан, 2001.-С. 154.
9. Таррозӣ Филип. “Таърихи рӯзноманигории араб”. Бейрут:Матбааи адабӣ, 1913.
10. Ҷундӣ Анвар. “Татаввур-ус-саҳофату-л-арабийятифи-л- Миср” //Матбааи “Рисола”. Қоҳира. 2015
11. Саркисӣ Юсуф ибни Илён ибни Мусо. “Муъҷаму-л-матбуъоти-л-арабиятива-лмуърабати” //Матбааи“Саркис. Миср. 1928
12. РафоъӣАбдулҷаббор. “Муъҷаму-л-матбуъоти-л-арабияти фи-л Ирон” //Муассисаи табъу нашр/ вазорати фарҳанг ва иршодоти исломӣ/ Теҳрон. 1414 ҳиҷрӣ

ПАЙДОИШИ МАТБАА ДАР КИШВАРҲОИ АРАБ ВА НАҚШИ ОН ДАР БЕДОРИИ ҶОМЕА

Соҳаи матбуот ва рӯзноманигорӣ яке аз соҳаҳои асосӣ барои давлату миллат ба шумор меравад, зеро мардум ба воситаи ин дар байни дигар миллатҳо ҷойгоҳи хоссаеро пайдо мекунанд. Аз ҷониби дигар, китобҳо аз сабаби гаронӣ на барои ҳамаи табақаҳои ҷамъият дастрас шуда метавонист. Бинобарин бо пайдоиши маҷаллаву рӯзномаҳо, ки хеле арзон буданд, табақаҳои гуногуни ҷамъият метавонистанд, аз он баҳравар гарданд ва аз воқеаҳои дохилию берунӣ огаҳӣ пайдо намоянд. Огоҳӣ ёфтан аз ҳаводиси ошкору ниҳон, боиси бедории оммаи мардум шуда метавонист. Яке аз муҳимтарин офаридаҳои сеҳрии донишмандону нависандагон бузург, соҳаи “Матбуот ва рӯзноманигорӣ” мебошад, ки аз чандин нигоҳ қобили баррасии ҳамаҷониба мебошад.

Калидвожаҳо: матбуот, рӯзноманигорӣ, миллат, ҳодисаву рӯйдодҳо, хабар, маҷалла, рӯзнома.

ПРОИСХОЖДЕНИЕ АРАБСКИХ ИЗДАНИЙ И ИХ РОЛЬ В ПРОБУЖДЕНИИ ОБЩЕСТВА

Пресса и журналистика являются одной из ключевых направлений для государств и нации и находят это особое место среди других наций. С другой стороны, книги могли быть доступны для всех общественных групп из-за затрат в издании. Таким образом, с появлением журналов и газет, которые были очень дешевыми, различные сегменты сообщества могли наслаждаться этим и находить изнутри и снаружи информацию. Предупреждение от открытых и тайных проявлений может привести к массовым убеждениям людей. Одним из наиболее важных научных и литературных произведений ученых и писателей является «Пресса и журналистика», которая находится в центре внимания ученых.

Ключевые слова: пресса, журналистика, нация, происшествия, новости, журнал, газета.

THE ORIGIN OF ARABIC PUBLICATIONS AND THEIR ROLE IN THE AWAKENING OF SOCIETY

Press and journalism are one of the key areas for states and nations and find this special place among other nations. On the other hand, books could be available to all public groups due to costs in the publication. Thus, with the advent of magazines and newspapers that were very cheap, different segments of the community could enjoy it and find information from inside and outside. Prevention from overt and covert manifestations can lead to massive persuasion of people. One of the most important scientific and literary works of scholars and writers is the "Press and Journalism", which is in the center of attention of scientists.

Keywords: press, journalism, nation, incidents, news, magazines, newspapers

Сведения об авторе: ***Исоев Бехрузджон Фатхуллоевич*** **–** магистрант 2 курса Института изучения проблем стран Азии и Европы АН РТ. Телефон: **935-152-152**

Information about the author: ***Isaev Behruzjon Fathullaevich*** – the graduate student of the 2 course of the Institute for the study of problems of Asia and Europe of the Academy of sciences of RT. Phone: **935-152-152**

ЗАБОНИ ОСОРИ ПУБЛИТСИСТИИ ЎРУН КЎҲЗОД

Кўчаров А., Каримова Ҳ.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар раванди такомул, инкишоф ва инъикоси пурраи бойгарии забон дар баробари адабиёти бадеӣ публитсистика низ нақши бузурге мебозад, зеро ки дар маводи публитсистӣ ҳамагуна фикр, ҳис ва ҷараёни зиндагиву фаъолияти одамон бояд дар сатҳи комил сурат гирад.

Ҳар як нависанда кўшиш дорад, ки осори публитсистӣ ба дараҷае бояд сода ва оммафаҳм нависад ва ҷолиб бошад, то ки хонанда гуфтаҳои ўро ҳарчи возеҳу равшан дарк намояд. Устоди бузурги сухан Садриддин Айнӣ менигорад, ки: “Бояд нависанда аз ҷиҳати забон дар ҷое истад, ки дасти халқ ба вай расад ва бо як ишорат ва ҳимояти ў халқ ба паҳлуи ў баромада тавонад” [10, с.106]. Метавон гуфт, ки нависанда агар дар осораш аз забони меъёр ва забони зиндаи халқ самаранок истифода карда тавонад, он гоҳ асари хуби публитсистӣ ва бадеӣ меофарад.

Дар забони асарҳои публитсистӣ кор фармуда шудани калима ва иборҳои халқӣ – гуфтугўӣ танҳо вобаста ба хусусиятҳои мавзўъ, жанр, метод, услуб ва тарзи ифода муносиб ва мувофиқ меафтад. Бинобар ин дар интихоб ва истеъмоли ин гуна амалҳо маҳорат ва забондонии нависанда нақши асосӣ мебозад, ки инро мо дар таҷрибаи эҷодии Ў. Кўҳзод басо равшан мушоҳида мекунем.

Дар давоми тасвири воқеаву ҳодисаҳо дар очерки “Саттори роҳбалад” мафҳумҳо ва амалҳои бисёре дучор мешаванд, ки дар ифодаи онҳо шаклҳои гуногуни забонӣ мавҷуданд. Қисме аз мафҳумҳо дар забони адабӣ синонимҳои худро доранд, ки нависанда бо мақсади табиӣ ва пурмуҳтаво баромадани очерк аз онҳо кор гирифтааст, монанди: пашша, боб, уреб, дунг, ҷар, фук, луч, киса, ёзондан, ғелидан, из, анча, дос, қуллоб, буздилӣ ва ҳоказо.

Қиммат ва аҳамияти калимаҳои мазкур на фақат дар он аст, ки нависанда онҳоро ҳамчун унсури зарурии масолеҳи забон истифода кардааст, балки дар он ҳам мебошад, ки онҳо барои ба вуҷуд овардани манзараи табиат ва зиндагӣ чун ҳиссае аз воқеият нақши муҳимеро адо намудаанд. Ўрун Кўҳзод барои табиӣ баромадани воқеаи тасвирнамудааш калимаи “боб” – ро истифода намудааст. Адиб ин калимаро дар чанд ҷо бамаврид кор фармудааст. Дар забони адабӣ ва гуфтугў калимаи номбурда синонимҳои зиёдро дорост. Дар фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ калимаи “боб” ба чанд маънӣ омадааст, аз қабили; 1) падар; 2) шоиста, лоиқ, муносиб; 3) роҳ, тариқ; 4) дар, дари хона, дарвоза. “Онҳо мавқеи худро ҷои боб медонистанд ва дар ҳолати муҳофизат меистоданд” [6, с.237].

Нависанда калимаи мазкурро чун муродифи калимаи “муносиб” кор фармудааст. Ба ин монанд дар очерки “Саттори роҳбалад” ҳангоми тасвири воқеаҳо калимаҳои гуфтугўйи “анча” ва “ёзондан” кор фармуда шудааст. Ин калимаҳо аслан хоси шеваи мардуми шимоли Тоҷикистон мебошанд. Синоними калимаи “анча” “хеле”, “зиёд”, “бисёр” аст, ки дар нутқи китобӣ истифода мегардад. Дар осори адибони классики форсу тоҷик бошад, баъзан муродифи он “хайле” кор фармуда шудааст. Масъалан, дар осори Шайх Саъдӣ чунин омадааст: Андак – андак хайле шавад ва қатра – қатра саҳле гардад.

Нависанда калимаҳои анча – хеле, ёзондан – дароз карданро дар шакли гуфтугўӣ моҳирона ва бамаврид истифода намудааст: “Ҷанговарон дурустакак арақ

карданд ва якта – нимтаҳо анча ақиб ҳам монданд. Михаил ба тарма расида истод. Ақибмондаҳо низ расида омаданд. Командир “дамгирак” эълон кард. Як аскар даст ёзонида, каф зада барфаки рӯи тармаро гирифт” [6, с.239].

Дар забон маънои маҷози гирифтани феълҳо ба тарзи истеъмол, шароити кор фармуда шудани онҳо вобаста аст. Феълҳо чун қоида вақте маънои маҷозӣ мегиранд, ки дар иҳотаи калимаҳои нав, алоқаҳои нави наҳвӣ оянд. Хусусияти барҷастаи маҷозҳои феълӣ дар он аст, ки бо иштироки онҳо тамоми матн тобиши маҷозӣ ва киноявӣ пайдо мекунад.

Феълҳои муқаррарӣ дар услуби гуфтугӯӣ вобаста ба алоқаи нави наҳвӣ бо калимаҳои ҳампаҳлуи худ тобишҳои маҷозӣ гирифта, ҳамчун унсури гуфтугӯӣ ифода меёбанд. Ин хусусияти феълҳоро дар баробари асари бадеӣ, дар асарҳои публитсистӣ низ мушоҳида кардан мумкин аст. Ӯрун Кӯҳзод ин гуна феълҳоро барои бо тамоми ҷузъиёташ тасвир намудани воқеаҳо фаровон ба кор бурдааст. Масъалан: феъли “задан”-ро дар мисолҳои “Михаил Шишкин бо ҳамин мақсад ҷеғ зад”, “зуд роҳгум задан ҳам мумкин”, “чашмони суғдиёнааш барқ заданд”, “худ ба худ гап мезад” ва ғайра, чунон устувору мустаҳкам кор фармудааст, ки ҳатто бо наздиктарин муродифаш иваз намудани он ба тамоми матн таъсири манфӣ мерасонад. Феъли “задан” дар ин маврид бо тамоми мундариҷаи матн, ғояи асар ва мақсади эҷодии муаллиф дар алоқаи мустаҳкам аст, ба дараҷае ки ҳеҷ яке аз синонимҳои адабии он дар адои ин вазифа мувофиқ ва қодир нестанд. Чунончи, “Яке аз ҷанговарон, ки ҳамин ҳозир қариб ба фук зада буду дароз – дароз нафас мекашид, ба Михаил шунавонида гуфт” [6, с.239], ”Баданаш гӯё чандиртар шуд, чашмони суғдиёнааш барқ заданд”[6, с.237], “Лекин дар ин хел ҷоҳо зуд роҳгум задан ҳам мумкин”[6, с.235].

Таркибҳои фразеологӣ монанди гурӯҳҳои ҷудогонаи луғавӣ ба соҳаҳои гуногуни зиндагонӣ дахлдор буда, хусусият, рӯҳия, ғоя ва амалиёти гуногуни одамонро ифода мекунанд. Таркибҳои фразеологии очерки “Саттори роҳбалад”, асосан, аз таъбирҳое, ки ҳамчун феълҳои номӣ кор фармуда мешаванд, иборатанд. Чунин таъбирҳо ба гурӯҳи феълҳои таркибӣ дохил мешаванд. Бо вуҷуди ин, онҳо танҳо ба туфайли маънои маҷозиашон ифодаи идиоматикӣ (ифодаи маҷозие, ки ба забони дигар айнан тарҷума карда намешавад) гирифта метавонанд: лоф задан, хун ошомидан, ба табъи дил омӯхтан, даҳон ба даҳон гаштан, чашм давондан, ҷигар сӯхтан, чашмак задан ва ғайра. Дар таркиби ин навъи ибораҳои фразеологӣ, одатан, узвҳои бадан: даҳон, ҷигар, дил, чашм ва амсоли инҳо дохил мегарданд:

“Нахӯр, - гуфт Саттор, - роҳгардӣ душвор мешавад. Ҷигарам сӯхт”. “Фалғариро зинда мегирем, хунашро меошомем”. “То омадани онҳо Михаил мавқеъро табъи дил омӯхта, як даҳ қадам росттар аз ҷои баромадаашон косагие дид”. “Дар ҷангҳои Фарғона, дар мушкилтарин мавридҳо мардонагӣ нишон дода буд, ки шуҳрати корнамоиҳояш даҳон ба даҳон мегашт”. “Командир чашмони зардчаи на он қадар калони андаке фурӯрафтаашро боз ҳам тангтар кард ва номаълум аз по то сари Саттор, ки дар паҳлӯи харсанг меистод, чашм давонид”. “Саттор дар ҳамин ҷо истод – онҳо дам рост карданд”. “Роҳи уреб, баъди рост баромадани роҳи сахт, то дараҷае ба назарашон дамгирӣ барин намояд ҳам, дилу бедилон қадам мепартофтанд”[6, с.235 - 252].

Ибораҳои “ҷигар сӯхтан” – ба маънои ташна шудан, “хунро ошомидан” – азоб додан, лату кӯб кардан, куштан, “даҳон ба даҳон гаштан” – овозадор шудан, шуҳрат пайдо кардан, соҳиби иззату эҳтиром шудан, “чашм давондан” – нигоҳ кардан, “дам рост кардан” – истироҳат кардан, “панҷ панҷа барин донистан” – аз уҳдаи кор баромадан, корашро аз дигарон беҳтар донистан, “дилу бедилон қадам партофтан” – норизоёна роҳ гаштан, нахостан ва мисли инҳоро мефаҳмонанд.

Дар забони “Саттори роҳбалад” ибораҳои фразеологие, ки истеъмол ёфтаанд, мувофиқи ифодаи мақсад дар матн, асосан, ба ду маъно кор фармуда мешаванд:

а) Агар дар таркиби онҳо узвҳои бадани инсонӣ: дил, ҷигар, панҷа, даҳон, чашм ва ғайра бошанд, онҳо бештар барои ифодаи ҳолат хизмат мекунанд: “дилу бедилон қадам партофт” – нахост, “чашм давонд” – нигоҳ кард, “ҷигараш сӯхт” – ташна шуд.

б) Агар таркиби чунин ибораҳо аз дигар хел калимаҳо иборат бошад (“шаб пухт” – шаб шуд, “ба оғӯши торикӣ даромад” – шаб фаро расид ва ҳоказо), бештар барои ифодаи амал ва натиҷаи он кор фармуда мешаванд.

Таркибҳои фразеологие, ки дар очерки номбурда дида мешаванд, мисли маънояшон устуворанд. Масъалан, “ҷигар сӯхтан” маҳз ба як маъно хос шуда мондааст. Агар ба ҷои калимаи “ҷигар” дигар калима гузошта шавад, маънои аввалаи ибора тамоман маҳв мегардад: ҷигар хун шудан – азоб кашидан, ранҷу машақат кашидан. Аз ҳамин сабаб ҳам, ин гуна таъбирҳоро таъбирҳои фразеологии устувор номидан мумкин аст.

Устод Кӯҳзод барои пуробуранг ва хотирмон гардидани асарҳои публитсистии хеш аз зарбулмасалу мақолҳо низ васеъ истифода намудааст, ки онҳо қимати асарҳоро афзун гардонидаанд. Нависанда зарбулмасалу мақолҳоро дар мавридҳои зарурӣ ва лозимӣ истифода мебарад, ки он ба ду тарз сурат мегирад.

1. Ҳангоми нақл ва ё тасвири ҳодисаву воқеа, барои таҳвияти андеша, хулосаи фикр, ороиши сухан ва ғайра. Баҳри ба хонанда мукаммал шиносонидани нақши яке аз қаҳрамони роҳи озодӣ дар деҳаи Ҳамакон – Исломи Холиқ нависанда андешаи хешро дар як матни кӯтоҳ бо якчанд зарбулмасалу мақол таҳвият бахшида, гуфторашро зебо гардонидааст. “Одам дар чӣ хаёлу фалак дар чӣ хаёл”, “Заҳри одамро одам мегирад” ва “Замин сахту осмон баланд”.

Дар асарҳои публитсистии Ӯрун Кӯҳзод зарбулмасалу мақолҳои “Сад бор хуни пою як бор хуни сайд”, “Хонаи гург бе устухон намешавад”, “Ба аспи нағз як қамчин”, “Аз сад гулатон яктоаш нашукуфтааст”, “Моли мумсик – хӯроки ҷавонмард”, “Гӯшти хару дандони саг”, “Пеш омад, хуш омад”, “Одате, ки бо шир даромадааст, бо ҷон мебарояд” барои ороиши сухан ва хулосаи фикри муаллиф истифода шудаанд.

2. Дар гуфтори иштирокчиёни асар мақолу зарбулмасалҳо барои хубтар дарк кардани олами маънавию ҷаҳонбинӣ, кушодани олами ботинии эшон, инчунин барои баҳо додан ба ҳамдигар, яъне тавсифу ситоиш ва мазаммати якдигар хизмат мекунанд. “Дурӯғи маслиҳатомез беҳ аз панди фитнаангез” (“Дар ҷустуҷӯи бахти ман”), “Як гул ҳанӯз баҳор нест” (“Достони муаллим”), Ҳам лаъл ба даст ояду ҳам ёр наранҷад”, “Даҳони пӯшида сад тилло” (“Зиёфат”) зарбулмасалу мақолҳоеанд, ки аз забони иштирокчиёни асарҳо гуфта шудаанд ва асарро дучанд обуранг медиҳанд. Ба ин монанд зарбулмасалу мақолҳо дар осори публитсистии нависанда хеле зиёд ва моҳирона кор фармуда шудааст. Муҳаққиқ Гулпарӣ Шарипова дар боби маҳорати нигорандагии нависанда чунин нигоштааст: “Адиб бо истифода аз важаҳои мардумӣ ва мақолу зарбулмасалҳо салосату фасоҳат ва балоғати суханро ба олами кибриё баровардааст. Он вежагие, ки Ӯрун Кӯҳзод дар асарҳояш санъаткоронаву ҳунармандона пешкаши хонандаи закитабъ намудааст, на ба ҳар кас даст медиҳад” ” [11, с.7].

Ӯрун Кӯҳзод дар осори публитсистии хеш аз ифодаҳои қолабӣ ва забонзада парҳез мекунад, зеро камбағалии корбурди луғат ва такрори нолозими ин ё он калима, ифода ва таркибҳои граматикӣ ба камзарфии мазмун, нопурагии маълумоту далелҳо, хулосаҳои номақбул ва маҳдудии таъсири матн боис мегардад.

Саррофи сухани ноб аст нависанда, ки бо истеъдоди фавқулода балоғату фасоҳати суханро нашикаста, вожаҳои аз байн рафтаистодаи мардумиро дар осори публитсистиаш умри дубора бахшидаву сухани халқро бо корбасти устокорона пешкаши хонандагонаш месозад.

АДАБИЁТ

1. Айнӣ, С. Забони тоҷикӣ // Куллиёт. – Ҷ.11 (китоби 2). – Душанбе: Ирфон, 1964. С.361 – 369.
2. Ғаффоров, Р. Забон ва услуби Раҳим Ҷалил/ Р.Ғаффоров.– Душанбе: Дониш, 1966. – 223 с.
3. Ғаффоров Р. Ибораҳои фразеологӣ дар забони тоҷикӣ // Маориф ва маданият. – 1962. – 19 март.
4. Камолиддинов Б. Сухан аз баҳри дигарон гӯянд. – Душанбе, 2001. – 162 с.
5. Кӯҳзод Ӯ. Як сару сад хаёл/ Ӯ. Кӯҳзод – Душанбе: Ирфон, 1983. – 256 с.
6. Қурбони ту эй диёри ишқам. – Душанбе: 1984. – С.231 – 353.
7. Маҳмудов М., Ҷӯраев Ғ. Луғати шеваҳои забони тоҷикӣ. – Ҷ.1. – Душанбе: Дониш, 1997. – 290 с.
8. Маъсумӣ Н. Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик. – Душанбе, 2011. – 249 с.
9. Рустамов Ш. Забон ва замон. – Душанбе: Ирфон, 1981. – 256 с.
10. Табаров С. Дар бораи баъзе масъалаҳои забони адабии ҳозираи тоҷик // Шарқи Сурх. №12. 1950.
11. Шарипова Г. Мавқеи зарбулмасалу мақол дар осори Ӯрун Кӯҳзод// Адабиёт ва санъат. – 2013. – 28 феврал.

ЗАБОНИ ОСОРИ ПУБЛИТСИСТИИ ӮРУН КӮҲЗОД

Махсусияти осори публитсистии нависандаи халқии тоҷик Ӯрун Кӯҳзод аз он иборат аст, ки забони навиштаҳои ӯ бурро ва равону оммафаҳм аст. Маҳз ана ҳамин махсусияти навиштаҳояш аст, ки асарҳои ҷолибу хондани таълиф намудааст. Забони публитсистикаи Ӯ. Кӯҳзод бой, рангоранг ва ҷолиб мебошад. Адиб дар ифодаи фикр аз матнҳои классикӣ, ҳам аз забони зиндаи халқ ва ҳатто аз ифодаҳои лаҳҷаву шевагӣ фаровон истифода мебарад. Аз ҷумла, дар очерки “Саттори роҳбалад” муаллиф аз калимаҳои шевагии “анча”, “ғелидан”, “из”, “ёзондан” фаровон истифода кардааст. Муаллиф, дар мақола забони осори публитсистии Ӯрун Кӯҳзодро чун воситаи муҳим ва зарурии баёни андешаҳои муассир ва сафарбаркунанда ба мушоҳида гирифта онро баррасӣ намудааст.

Калидвожаҳо: забон, осори публитсистӣ, калимаҳои гуфтугӯӣ, ибораҳои халқӣ, маҷоз, феъл, ҷумлаҳои сода, луғат, сухан.

ЯЗЫК ПУБЛИЦИСТИЧЕСКОГО НАСЛЕДИЯ УРУНА КУХЗОДА

Особенность публицистического наследия Народного писателя Таджикистана Уруна Кухзода заключается в том, что язык его творчества всем ясен и понятен. Именно это особенность позволяет соченять яркие и запоминающиеся произведения. Язык публицистики У. Кухзода очен богат, разноцветен и интересен. Литератор активно пользуется классическими текстами, живым языком народа, а также говорома и диалектами в изложении своего мнения. В том числе, в очерке “Саттори рохбалад” (“Саттор-проводник”) автор широко использует такие слова из диалекта как “анча” (“очень”), “ғелидан” (“катиться”), “из” (“след”), “ёзондан” (“растянуть”). В данной статье анализируется язык публицистического наследия Уруна Кухзода как важное и необходимое средство изложения современных взглядов.

Ключевые слова: язык, публицистическое наследие, разговорные слова, народные выражения, аллегория, глагол, простые предложения, энциклопедия, слово.

THE LANGUAGE OF PUBLICISTIC HERITAGE OF URUN KUHZOD

The feature of the publicistic heritage of the people's writer of Tajikistan Urun Kuhzod is that the language of his work is all clear and understandable. It is this feature that allows you to compose bright and memorable works. The language of publicistic of Urun Kuhzod is very rich, colorful and interesting. The writer actively uses classical texts, the living language of the people, as well as dialects in the presentation of his opinion. In particular, in the essay "Sattori rohbalad" ("Sattor-Explorer"), the author uses such words of the dialect, "Ancha" ("very"), "ghelidan" ("roll"), "yozondan" ("stretch"). This article examines the language of publicistic heritage of Urun Kuhzod as an important and necessary means of presenting contemporary looks.

Key words: language, journalistic heritage, colloquial words, folk expressions, allegory, verb, simple sentences, encyclopedia, word.

Сведения об авторах: ***А. Кучаров*** - профессор кафедры теории новейшей персидско-таджикской литературы Таджикского национального университета. Тел.: **+992 905 50 79 80**.

Х. Каримова - магистр кафедры теории новейшей персидско-таджикской литературы Таджикского национального университета. Тел.: **+992 906 55 56 63**.

Information about the authors: ***A. Kucharov*** - professor of the department of the theory of the latest Persian-Tajik literature of the Tajik National University. Tel.: **+992 905 50 79 80**

H. Karimova – graduate student of the department of the theory of the latest Persian-Tajik literature of the Tajik National University. Tel.: **+992 906 55 56 63**.

ХУСУСИЯТҲОИ УСЛУБИИ ЖАНРИ ИТТИЛООТӢ-РӮЗНОМАВИИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ ВА УСУЛҲОИ ТАРҶУМАИ ОНҲО

Қурбонова Ш.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Хусусиятҳои услубии жанри иттилоотӣ-рӯзномавии забони тоҷикӣ ва усулҳои тарҷумаи онҳоро ба таври зерин дида мебароем.

Ба маводҳои рӯзномаҳои англисӣ ва амрикоӣ, ҳатто дар матнҳои дорои мавзӯи ҷиддӣ истифодаи унсурҳои гуфтугӯйӣ хос аст. Мисол:

What is the meaning of the North Korean Foreign Ministry's strange statement on Thursday that it now had «nukes»? - Ба ҳар ҳол чӣ вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии халқӣ-демократии Кореяро водор намуд, ки рӯзи панҷшанбе силоҳи ҳастаӣ доштани кишварашро эълон кунад?

Дар мисоли мазкур калимаи гуфтугӯйии забони англисӣ (nuke – гуфт. Силоҳи ҳастаӣ – луғати Мюллер) бо калимаи умумиистеъмоли забони тарҷума баргардонида шудааст. Ҳамаи чунин таркибу калимаҳои омиёнаву гуфтугӯйӣ бахонандаи англис як амри маъмулӣ гашта, барои ӯҳолати махсуси чашмрас ва ба вуҷудорандаи тасаввуроти хавфангез ва ё шухиомез маҳсуб намешаванд.

Агар онҳоро хонандаи забони бегона тавассути тарҷума мутолиа кунад, хеле мутаассир хоҳад гашт. Бар замми ин ҳангоми, тарҷума обуранги услубии матни асл коста гардида барои хонандаи тоҷик низ ҳамчун як матни ғалат ва бениҳоят омиёна менамояд. Бинобар ин дар чунин мавридҳо ба хотири тарҷумаи комил ва умуман ба хонанда расонидани иттилооти қобили қабул аз хусусиятҳои жанрии чунин мавод даст кашидан беҳтар аст.

Мисоли зерин намунаи гуфтаҳои болост:

He says his job as a Moscow gumshoe is right out of the movie…

Ӯ мегӯяд, ки кори ӯ ба ҳайси муфаттиши хусусӣ дар Москва ба мисли киност…

Дар матни мазкур gumshoe – калимаи гуфтугӯйии англисӣ буда, ба маънои ҷосус, гумошта, полис истифода мегардад. Азбаски дар услуби рӯзноманигории тоҷик калимаҳо и шевагию гуфтугӯйӣ камтар истеъмол мешаванд, тарҷумон онро бо калимаи мӯътадилмаъно иваз намудааст.

Дар баробари калимаҳои гуфтугӯйӣ-омиёнаи маводҳои ин жанр, баъзе тамоюлҳои мусбатро низ қайд кардан мумкин аст. Дар матнҳои иттилоотӣ-таҳлилии рӯзномаҳои англисию амрикоӣ ҳамеша ишора кардани унвони ходими сиёсӣ маъмуласт, ҳатто агар ӯ мавриди танқиди шадид қарор дошта бошад:

Chancellor Angela Merkel and the nation's biggest businesses have been mounting a vocal campaign to get migrants into jobs as a way of quickly integrating them into German society (INYT, Thur., Sept., 2015, p.1).~Садри аъзам Ангела Меркел ва миллати корчаллони Олмон ба кор ҷалб кардани муҳоҷиронро ҳамчун роҳи осони мутобиқ шавии онҳо баҷомеаи Олмон шуморида, барои он чорабинии пурсарусадоеро ба роҳ мондаанд.

Агар насаби ходими сиёсӣ беунвон ва ё вазифаи ишғолнамудааш зикршуда бошад, ҳамеша пеш аз он ихтисораи Mr. (Mister) ё Mrs. (Mistress) гузоштамешавад. Чунончи:

Ms. Merkel and many German companies say change is possible (INYT, Thur., Sept., 2015, p.20).~ Хонум Меркел ва бесёре аз ташкилотҳои Олмон иброз медоранд, ки тағйири авзоъ имконпазир аст.

Ҳамаи унвонҳо дар забони англисӣ хусусияти расмӣ касб кардаанд ва эҳтиромиҳосаи муаллифи мақоларо нисбат ба шахси мавсуф ифода намекунанд. Аз ин рӯ ҳангоми тарҷума ба истиснои матнҳои махсуси расмӣ ин унвонҳо сарфи назар шуда,

Mr. ва Mrs. – ҷаноб ва хонум тарҷума мешаванд, на мистер ва миссис. Шакли охирӣ барои нигоҳ доштани обуранги миллӣ танҳо дар вақти тарҷумаи асарҳои бадеӣ истифода мегардад.

Дар услуби публисистӣ бештар метафораҳо - калимаҳои дар асоси маҷоз сохташуда ва як қатор ибораҳои ифодакунандаи ҳолати воқеӣ, ки онҳоро бо маънои духӯра дар соҳаи дигар истифода мекунанд, ба корбурда мешавад:

Which of the two men is more likely to conduct a steady and steadfast foreign policy? And which of them has the asbestos backbone to stick it out in the four-year heat of the White House Kitchen?

The president's aide takes his place at the big table leaving the presidential counsel to preside, but the aide's presence spills beyond his chair. He is recognized as the ascendant power.

Дар тарҷумаи мисоли якум тавассути ифодаи вазъияти тезу тунд қисман ҳифзшудани образ мумкин аст, зеро ибораҳои маҷозии дигар, аз қабили "ошхонаи қасри сафед" ва ё "хислати оташмиҷоз" ба мазмуни мақола мувофиқ нест (ошхона гоҳо ба маънои маҷозии "дасиса, найранг, "корҳои нопок" истифода мешавад, ки муаллиф инро дар назар надорад).

Дар матни асл фикр тавассути ҷойивазкунии луғавӣ дар шакли муҷаз ифода ёфтааст (four-years heat of the White House Kitchen), вале барои пурра ифода кардани он дар тарҷума иловасозии калимаҳо зарур лозим аст:

Кадоме аз ҳарду қобилияти бештари ба роҳ мондани сиёсати хориҷии устувор ва мӯътадилро дорад? Ва кадоме азонҳо барои таҳаммул кардани вазъияти тезутунде, ки тӯли чор соли президентӣ дар Қасри сафед бояд бубинад, ҷуръату матонати кофӣ дорад?

Дар мисоли дуюм истифодаи феъли spill –пошидан, пош хӯрдан, парешон кардан дар қолаби ибораи ғайриодӣ образнокиронигоҳ доштааст. Ифодаи the aide's presence spills beyond his chair бояд бо унсурҳои дигари забонӣ ба забони тоҷикӣ тарҷума карда шавад.

Ёвари президент дар паси мизи калон нишаста, роҳбарииҷаласаро ба ихтиёри мушовири президент мегузорад. Аммо нуфузи аввалӣаз чорчӯбаи мақоми ӯ дар ҷаласа берунбаромада, ин нуфуз афзоиш ёфта истодааст.

Ба услуби рӯзноманигорӣ истилоҳоти сиёсӣ хос буда, ба мисли истилоҳоти илмӣ-техникӣ доираи истеъмоли махсус доранд. Бо вуҷуди ин дар истифодаи онҳо каме фарқият мушоҳида мегардид. Истилоҳоти сиёсӣ бештар дар мақолаҳои фарогири соҳаи сиёсию иҷтимоӣ корбаст гардида, вобаста ба консепсияҳои идеологӣ шарҳу маънидод мешаванд.

Дар маводҳои иттилоотии рӯзномаҳо истилоҳоти сермаъно, истилоҳоти синонимӣ, истилоҳоти ихтисор-шуда ва унвонҳо бештар ба назар мерасанд. Истилоҳи state дар истилоҳгузинии сиёсии ИМА маънои ҳам давлат ва ҳам иёлатро ифода мекунад:

Both the state and Federal authority are bent on establishing a police state.

Дар ҳолати аввал истилоҳи state бо муайянкунандаи "федералӣ" баробармаъно буда, на ҳукумати тамоми кишвар, балки ҳукумати иёлатҳоро ифода мекунад. Дар ҳолати дуввум state ба маънои давлат истифода шудааст.

Истилоҳи Congressman ба маънои васеи–“аъзои конгресси Амрико” ва ё ба маънои маҳдудтари–“аъзои палатаи намояндагон (конгресси ИМА)” истифода мешавад: Last year a number of American Senators and Congressmen visited Russia. Дар баробари маънои маҳдуди Congressman муродифион Representative низ истеъмол мегардад.

Дар забони англисӣ номи низомномаҳои ташкилотҳои гуногун бо калимаҳои Regulations, Rule Constitution, Statutes ва ё Charter ифода меёбад. Истилоҳоти маъруф дар матн бештар дар шакли ихтисор шуда меоянд:

Youth also virtually excluded from Congress, the average age of member of the Senate being 56 years and of the House 51 years.

Дар мисоли мазкур шакли ихтисоршудаи House ба ҷойи истилоҳи пурраи House of Representatives корбаст гардидааст.

АДАБИЁТ

1. Арнольд И. В. Стилистика. Современный английский язык. Учебник для вузов. – 4-е изд., испр. и доп.- М.: Флинта: Наука, 2002.
2. Бархударов Л. С. Язык и перевод. - М.: Высшая школа, 1975.
3. Гальперин И. Р. Очерки по стилистике английского языка. - М., 1981. - 97с.
4. Гальперин И. Р. Текст как объект лингвистического исследования. – М.: Наука, 1981.
5. Жлуктенко Ю.А., Березинский В. А. Английские неологизмы. - Киев.: Наука, 1983. – 154 с.
6. Комисаров В. Н., Рецкер Я. И., Тархов В. И. Пособие по переводу с английского языка на русский. – М.: Высшая школа, - 1965.

ХУСУСИЯТҲОИ УСЛУБИИ ЖАНРИ ИТТИЛООТӢ-РӮЗНОМАВИИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ ВА УСУЛҲОИ ТАРҶУМАИ ОНҲО

Дар мақолаи мазкур муаллиф баъзе хусусиятҳои услубии жанри иттилоотӣ-рӯзномавии забони англисӣ ва усулҳои тарҷумаи онҳоро баррасӣ намудааст. Дар услуби публисистӣ бештар метафораҳо - калимаҳои дар асоси маҷоз сохташуда ва як қатор ибораҳои ифодакунандаи ҳолати воқеӣ, ки онҳоро бо маънои духӯра дар соҳаи дигар истифода мекунанд, ба корбурда мешавад. Ба услуби рӯзноманигорӣ истилоҳоти сиёсӣ хос буда, ба мисли истилоҳоти илмӣ-техникӣ доираи истеъмоли махсус доранд. Бо вуҷуди ин дар истифодаи онҳо каме фарқият мушоҳида мегардид. Истилоҳоти сиёсӣ бештар дар мақолаҳои фарогири соҳаи сиёсию иҷтимоӣ корбастгардида, вобаста ба консепсияҳои идеологӣ шарҳу маънидод мешаванд.

Калидвожаҳо: жанри иттилоотӣ-рӯзноманигорӣ, услуби публицистӣ, рӯзноманигорӣ, консепрсияи идеологӣ, забони англисӣ.

ОСОБЕННОСТИ ИНФОРМАЦИОННОГО ГАЗЕТНОГО ЖАНРА В АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКЕ И МЕТОДЫ ИХ ПЕРЕВОДА

В этой статье автор рассматривает некоторые особенности англоязычного информационного газетного жанра и способы его перевода. В публицистическом стиле большинство метафор используются в образных словах и ряде фраз, в которых используется реальная двусмысленность. Журналистика характеризуется политическими терминами, а также научно-техническими терминами с определенным объемом использования. Тем не менее, были некоторые различия в их использовании. Политические термины часто интерпретируются в статьях, написанных политическими и социальными сетями об идеологических концепциях.

Ключевые слова: информационно-журналистский жанр, журналистский стиль, журналистика, идеологическая концепция, английский.

FEATURES OF INFORMATION NEWSPAPER GENRE IN ENGLISH AND METHODS OF THEIR TRANSLATION

In this article, the author considers some features of the English-language news and newspaper genre and ways to translate it. In the journalistic style, most metaphors are used in figurative words and a number of phrases that use real ambiguity. Journalism is characterized by political terms, as well as scientific and technical terms with a certain amount of use. However, there were some differences in their use. Political terms are often interpreted in articles written by political and social networks about ideological concepts.

Keywords: information and journalistic genre, journalistic style, journalism, ideological concept, English.

Сведения об авторе: Қурбонова Шаҳноза – магистрант второго курса факультета журналистики, специальности журналист – переводчик ТНУ. Телефон: 93-880-30-12

Information about the author: Qurbonova Shahnoza – second-year graduate student of the faculty of journalism, specialty journalist-translator of TNU. Phone: 93-880-30-12

ОДОБИ МУОШИРАТ - ЗЕБИ ИНСОН

Низамидинова О. А.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Одоби муошират - зеби инсон аст. Бузургон одобро гавҳари аклу хирад гуфтаанд. Инсон аз махлуқоти дигар бо ақлу хиради худ фарқ мекунад. Касе, ки онро надорад, зоҳиран намуди инсони дошта, ботинан аз ин сифат маҳрум аст. Ақлу хирад модарзод бошад, ҳам дар ташаккули он аҳамияти тарбия ниҳоят калон аст. Шахсе, ки ақли солим дораду вале тарбия надида бошад, одобу фаросатеро нахоҳад дошт, ки онро ҳаёти имрузаи чомеа, муносибату муошираты одамон тақозо менамояд. Воқеан, ақлу хирад қобилияти андешаронии мантиқи эчодкоронаи фард, асосу дарачаи олии идрок ва ояндабини мебошад. Одоб, рафтор, гуфтори нек бошад, маҳсули хирад ва тарзи иҷрои амал маҳсуб мегардад. Шахсе, ки аз аклу хирад муфлис аст, барои фикру андешаи оқилонаву шоиста қобилият надорад. Дар хусуси чунин афрод Мавлоно Ҷомӣ гуфтаанд: Чашми мушаббаҳ, зи ҷамоли ту кӯр, Ақли муназзаҳ, зи камоли ту дур. Одоб чамъи калимаи адаб буда, маънии он хулқу атвор ва рафтору гуфтори нек аст. Ҳамчунин мачмуи меъёру ақидаҳои рафтори одамон дар чомеа ва нисбати якдигар, яке аз шаклҳои шуури чамъияти мебошад. Одобу ахлоқ омили муҳими танзимгари рафтору кирдори фард, дар ҳаёти чомеа ба шумор меравад. Хислатҳои беҳтарини инсон - софдили, вафодори, поктинати, ҳақгуйи, некиродаги ва амсоли инҳо, маҳз аз чашмаи ақлу хирад ва фаҳму фаросат об мехуранд. Одам дар заминаи ақлу хирад, вичдони пок ва одоб беҳтарин ва накутарин амалҳои инсонии хешро зоҳир месозад. Фирдавсии бузург чунин гуфтаанд:

Хирад афсари шаҳриёрон бувад,
Хирад зевари номдорон бувад.

Шахси боодоб, нексиришт аст. Вай ба худписанди, ҳавобаланди, бадахлоқи роҳ намедиҳад. Ҳар калому иқдоми худро ҳамачониба ва амиқ андеша мекунад, мекушад, ки бо рафтору кирдори беэҳтиётона ва нопокаш дили дигаронро наранчонад, ба касе зарари моддиву маънави нарасонад, обрую эътибори худ ва каси некхохи дигарро нарезонад, номи некашро доғдор намекунад. Одоб, ахлоқ бунёди маънавии инсон ва жомеа мебошанд, саодатманди дар зивдаги, пирузи дар кору фаъолият, комёби дар таҳсилу хониш аз одоб ва фарҳанг бевосита вобастаанд. Ахлоқи писандида ва хушхуй аввалан дар муносибат ва одоби муошират зоҳир мегардад. Услубу адаби муомилаву одоби муошират паҳлуҳои хело гуногун доранд. Он одоби салом, одоби сухан, одоби роҳ рафтан, одоб бо волидайн, одоб бо устодон, одоб бо дустдорону ошноён, одоб бо ҳамсоягон, одоби хариду фуруш, одоби ба бозор рафтан одоб дар чойҳои чамъияти ва ғайраро дар бар мегирад. Қонуни қоидаҳои ахлоқи ҳамида ва одоби муоширатро ҳар як инсон, хоси зиёиён, толибилмону донишчуён донистану риоя карданашон зарур ва ҳатми, фарз ва суннат аст. Муаллими бузурги ахлоқҲусайн Воизи Кошифӣ, ки муаллифи китобҳои гаронбаҳои маънавӣ, «Футувватномаи султонӣ», «Ахлоқи муҳсини», «Анвори суҳайлӣ» мебошад, чунин фармудаанд: «Ахлоқи сутуда ва авсофи писандида аз ҳама афроди одамиён зебо ва мустаҳсан аст». Барҳақ аст, ки зебоиву ҳусну чамоли инсон аз ахлоқ ва одоби муошират аст.

Сухангуйи низ як этикаи инсонист. Қадру қиммат, одамияти инсон, қалб аз ҳама дар сухан ифода меёбад. Лекин базе инсонхо бо суханхои кабехи худ дар назди чомеа худро беобру ва дили инсонро нисбати худ хунук месозанд. Бе сухан муносибату муошираты байни одамон, изҳори ақида ва афкори эшон маҳол аст. Азбаски сухан воситаи муошират аст, вай пеш аз ҳама бояд маъно ва мантиқ дошта бошад. Фикри суханварро пурраю фаҳмо ифода намояд. Сухане, ки аз чунин

хусусият холист сухани номукаммал аст. Барои он, муошират нисбати инсонхо хуб гардад, сухан равону фаҳмо, мавзуну фасеҳ гуфта шавад. Сухангуй пеш аз ҳама бояд сухани худро ҳамачониба мулоҳиза кунад, санчад, калимаҳои мувофиқу суфта ва пурмаъно хоста гирад. Ҳангоми суханронии як шахс суханбурри кардан, ба баёни фикри халал расонидан аз одоб берун аст ва ин боиси качфаҳмии фикри суханрон шуда метавонад. Барои фаҳмою равон шудани сухан он бояд, ором ва ботамкин гуфта шавад. Ин одоб бояд ҳангоми рух додани ҳодисае, ки касро ба истироб меорад, низ риоя карда шавад, зеро аз сухани саросема аксаран маънои мукаммал намебарояд ва суханшунав ба моҳияти ҳодиса чандон сарфаҳм рафта наметавонад. Сухан бояд мухтасар ва пурмаъно гуфта шавад, моҳияти фикрро ифода намояд, аз мавзуъ дур нашавад. Одоби муошират тақозо менамояд, ки шахси нисбатан чавон сухани калонсолонро бо диққат гуш карда, аз маслиҳату насиҳатҳои муфиди онҳо баҳра барад. Қаҳру ғазаб ва чаҳл сухангуйро аз доираи одоб мебарорад. Боиси он мегардад, ки сухангуй ҳар чизи бо даҳон омадаашро беибо иброз менамояд. Чаҳл умуман душмани шахси солим аст. Ҳангоми чаҳл кас худро идора карда наметавонад. Гоҳо суханҳои гуфтаашро намедонад, донад ҳам, худро нигоҳ дошта наметавонад. Он ҳангоми муошират ва номувофиқатии ақидаҳо зоҳир мегардад. Нисбати шахси ғоиб суханҳои дағалу қабеҳ гуфтан, фавтидагонро ғайбат кардан аз руии одоб нест. Баръакс гузаштагони муътабарро бояд бо неки ба забон гирифт, руҳи онҳоро бо суханони шоиста шод гардонд. Гоҳо мо шоҳид мешавем, ки шахсони алоҳидаи мансабдор нисбати ҳамкори тобеъ суханҳои дағал мегуянд, қадр ва шаъну эътибори онҳоро паст мезананд. Ин албатта, ба иззати нафси он мерасад, уро меранчонад, дилашро аз кор хунук мекунад. Муддате аз ин ру муносибати у бо сардор бад шуда, билохир мумкин аз кор биравад. Воқеан корманди давлати, кооперативию чамъияти ҳангоми муошират бо шахси корафтода, инчунин бо кормандони худ, бояд маданияти муносибату муоширатро дошта башад, бо онҳо муомилаи хушу боодобона кунад. Некхоҳи, ширинсухани суннати на фақат точик, балки тамоми инсонияти мутамаддин мебошад. Бинобар ин халқ беҳуда нагуфтаанд: «Бо сухани нарм мор аз лонааш мебарояд». Сухани бади ношоиста дар дил захми абади хоҳад гузошт.

Сухан дар суръате пуртаъсир гардида, ба дил роҳ ёфта метавонад, ки агар асоснок ва ҳаққони бошад. Сухани дуруғу беасос сухани даҳлези аст, он умри дароз намебинад ва дере нагузашта ошкор мегардад:

Одоби сухан тақозо менамояд, ки сухан бе ғараз, бе киноя гуфта шавад. Шахсе, ки дили бекина дорад, ҳамеша хушгуфтор ва ширинсухан аст. Мутаасифона баъзеҳо, ки дар хунашон дуруғгуйи, хабаркаши чой гарифтааст, аз ин рафтору кирдори хеш даст кашида наметавонанд. Ин гуна одамон феълан байни мардум тухми низову адоват мекоранд ва худ аз дур тамошо мекунад. Хоча Ҳофиз чунин мегуянд:

Халқе забон ба даъвии ишқаш кушодаанд,

Эй ман ғуломи он ки дилаш бо забон якест.

Дар айни замон шахси сухангуй ҳеч гоҳ набояд фаромуш намояд, ки сарфи назар аз синну сол истифодаи чонишини "шумо" одоби ҳар як сухангуй аст. Аксарияти мардуми чаҳон ҳангоми муомила якдигарро "шумо" мегуянд, ки ин ифодаи эҳтиром, қадршиноси, одамият ва маданияти сухангуй аст. Инсон тавассути сухан бо якдигар муошират мекунад ва мақсаду маромиҳамдигарро мефаҳмад. Рози дил, ба воситаи сухан мекунад. Хушҳоливу фараҳманди ва ё қаҳру газаб бо сухан ифода меёбад. Гуяндаи сухан бояд донад, ки ҳар як масъалаи душвор дар сурати риояи одоби муошират ба осони ҳал мешавад.

Алфози қабеҳ - таъна, дашному бадгуфтори ба шаъни худи сухангуй намезебад ва уро аз аҳли чомеа дур месозад. Вале лафзи ширин ба дилҳо фараҳ бахшида, хотири одамонро шод мегардонад. Бо василаи сухани ширин хатто душманро дуст кардан

мумкин аст. Истифодаи ҳар гуна калимаю ибораҳои нопоки таънаомез ва носазо касро хор, нуфузашро паст мекунад. Вай ханчари заҳрноки захмовар аст. Инсони дурандеш дар ьар маврид дахонашро пок дошта, аз истифодаи дашном ва дигар суханҳои қабеҳ худдори мекунад, дилашро бе онҳо ҳам тасалло медиҳад.

Солҳои охир дар байни гуруҳи муайяни чавонон, инчунин калонсолони зоҳиран маданиятнок, кормандони масъули ба ном маърифатнок, аз чумла занон ҳам, истифодаи беҳудаи суханони қабеҳи русию точики, хусусан нисбати падару модарон одат шудааст. Пешгирии дашном ба маданият, ақлу хирад, одоб, фаросат ва вичдони поки ҳар як шахс вобаста аст. Кас бояд фаҳмад, ки аз даҳонаш чи мебарояд ва он баҳозирин чи хел таъсир мебахшаду чи гуна оқибат дорад. Илова бар ин шахсони ҳақиқатан покдаҳону поквичдон бояд нисбати суханони нопоку қабеҳ оштинопазир бошанд, ҳангоми зуҳуроти бадгуфтори, риоя нашудани одоби муошират гуяндаро маҳкум намоянд. Одам бояд, дарк намояд, ки покдаҳони аломати боадаби ва одамият аст. Беҳудаву баҳуда ба забон гирифтани калимаю ибораҳои зишту қабеҳ нишони беодоби, бемаданияти ва нисбати ҳамсуҳбати худ беҳурмати аст. Бад - ин маъни Шоҳин фармудаанд:

Гуфтиву рафти аз барам он чи ба ман хушам, вале,

Беш аз ин марав ғалат, беш аз ин магу сақат!

Якчанд қоидаҳои одоби муошират аз шоҳасари «Футувватномаи султони»-и Ҳусайн Воизи Кошифц: Агар пурсанд, ки ба чи забон сухан мегуи, бигуй; ба забони сидқ. Агар пурсанд, ки сухан ба кадом гуш мешунави, бигуй, ба гуши қабул. Агар пурсанд, ки сухан аз ту аст ё ту аз сухани, бигуй, ман аз суханам ва сухан аз ман аст, ки меваи дарахти инсони сухан аст. Агар пурсанд, ки сухани ноқис кадом аст, бигуй, он ки мувофиқи сухани худову Расул бошад. Агар пурсанд, ки сухани нек кадом аст, бигуй, ки аз он нафъ ба касе расад. Агар пурсанд, ки бад кадом аст, бигуй, он ки аз зараре ба касе оид шавад. Аломати аввалин ахлоқи ҳамида хушхуи дар одоби салому алейк зоҳир мегардад. Касе, ки дар оила, дар мактаб таълиму тарбияи хуб гирифтааст, худро шинохтааст, ҳатман шартҳои салому алейкро риоя мекунад. Бузургон дар китобҳои пурқиматашон, Имоми Аъзам дар пандномаҳои хеш, Муҳаммад Ғаззоли дар «Кимиёи Саодат», Насриддини Туси дар «Ахлоқи Носири, Чалолиддини Давони дар «Ахлоқи Чалоли», Воизи Кошифи дар «Футувватномаи Султони», Алии Сафи дар «Одоб - ул -асҳоб» Унсурмаолии Кайковус дар «Қобуснома» ба ахлоқ ва оину шатрҳои одоби муошират, аз чумла одоби салом ва қоидаҳои он андешаҳои чолиб баён намудаанд. Чунончи: дар «Футувватномаи Султони» ва «Одоб - ул - асҳоб» бисёр қоидаҳои салому алейк баён шудаанд, ки мазмуни онҳоро дар ин чо пешкаш мекунем. Воизи Кошифи таъин менамояд, ки дар чунин вазъу ҳолат бояд салом кард: Дар ҳоли дидани бародарон, ҳамкасбу ҳамсабақон; Дар роҳ ба онҳое, ки ру ба ру меоянд; Дар оли ба назди гуруҳи одамон ворид гаштан; Дар вақти ба дари хонае даромадан; Дар вақти ба назди мақбарае расидан; Дар вақти ба хонаи худ даромадан; Шахс дар вақти салом додан бояд покиза бошад; Бояд аввал шуда салом гуяд; Савора бар пиёда; Ростистода ба нишаста; Хурд ба калон; Ақал ба аксар; Салом гуфтан дар чавоби он низ на ба ишора, балки бо лафз гуфт, то ки шунаво бошад. Фазилати одоб зуд ва аввалин шуда салом додан аст. Салом мероси гаронбаҳои ниёгони ҳамаи миллату халқҳо, нишони хушахлоқиву поктинатии инсон буда, аз авлод ба ачдод накл мешавад. Дар ҳар мавриди вохури аз ҳама пеш ин калимаи муборак ба забон гарифта мешавад. «Салом» аслан истилоҳи араби буда, маънои «сулҳ», «амон», «осуда», «сиҳат», «хайрият», «таҳният», «дуруст» - ро дорад. Аммо шакли он намуди абстракт ва мучаррад хоҳад дошт. Аз ин ру, салом набояд бе нишони ва бе мухотаб, яъне дар шакли муаллақ гуфта шавад. Вақте, ки мо ба каси вохурдаамон салом медиҳем, хоҳони осудаги, ороми хушнуди, аммонии он мешавем. Салом қарзи инсон аст. Вай

ношиносонро шинос, дилмондаро нармдил карда, ранчиш, алам, кинаю адоватро тадричан аз байн мебарорад. Ин яке аз аломатҳои маданиятноки ва эҳтироми якдигар мебошад. Вақте ки саломдиҳандагон баъди салому чавоб аз якдигар аҳвол пурсон мешаванд, ин ҳалими, ширинсухании тарафайнро ифода мекунад.

Саломро дини мубини Ислом низ зарур медонад. Марде аз Муҳаммад (с) пурсидааст, ки аз таълимоти Ислом кадомаш беҳтар аст? Муҳаммад (с) чавоб доданд: «Ин ки ба шиносу ношинос таъом диҳи ва салом куни». Чавонон сарфи назар аз шиносо будан ё набудани пиронсолон, дар кучаву роҳ бо овози ба онҳо шунаво ё ба сари сина гузоштани дасти рост салом медиҳанд. Дар навбати худ, пиронсолон низ бо овози шунаво чавоб медиҳанд. Ин аз як тараф, аломати эҳтироми калонсолон, аз чониби дигар гувоҳи маданияти баланд ва одоби инсонии ҳам шахси саломдиҳанда ва ҳам калонсолон чавобгуй мебошанд. Дар урфият байни мардум саломи ишора низ хеле паҳн шудааст. Ин намуди салом дар шаклҳои мухталиф дар мавридҳое истифода мешавад, ки ашхоси шинос ҳамдигарро аз масофае дида, имкони якдигар наздик шудан надоранд ё ба ташвиши коре саросемаанд. Дар ин маврид саломи ба сари сина гузоштани даст, каме сари таъзим фуруд овардан истифода мешавад. Ба сари сина даст гузошта ишораи салом кардани ҳарду тарафи саломдиҳанда суннати қадими мардуми мо буда, он асосан бо дасти рост ба чо оварда мешавад. Салом бояд дар байни аъзоёни хурду калони оила мавқеи асоси дошта бошад. Тарбияи салом ва одоби он аз кудаки сар мешавад. Агар кас аз хурди ба салом гуфтан одат накунад ва одоби онро наомузад, дар синни калонсоли ба он одат кардан амри маҳол хоҳад гардид, зеро ки ин суннат барои у бегона шуда мемонад. Баъд - ин тариқ, салом қарзи инсони буда, риояи одоби он барои ҳар як шахси бомаърифату бомаданият ҳам фарз ва ҳам суннат аст. Салом, сарфи назар аз шароит ва аъзои ҳар кас, бояд ба чо оварда шавад. Яке аз камбудии оилаҳои мо дар паст будани сатҳи одоби муошират аст. Пеш аз ҳама волидайнро зарур аст, ки тарзи муоширатро ёд гиранд. Воситаи асосии муошират ин нутқ аст. Аз ин ру, зарур аст, ки илм омузем, то ки суханамон бе чо набошад.

Эй дил ту кунун ошики кистӣ?
Дилдодаи чистӣ, бандаи кистӣ?
Гуфто, ки манам ошии дунё.
Беш аз хама чиз, бандави як харфи тавоно.

Эй сохибдил, то мову ту дар зиндаги маъни мечуем, он мераваду боз бар мо муаммохои зиёдеро пеш меорад, чавоби муаммо мечуем, максад мечуем, адолат мехохем, вале боз ин суръати фиребандаи дунёи фони чашмамонро мепушад, вакте ки як чизеро мефахмем, акнун мебинем, ки дигар як лахзае нест, ки мо хатохои худро ислох намоем. Эй ошик то мову ту шеъреро бар васфи ёр замзама менамоем, ёр меравад, бале мераваду танхоямон мегузорад, бевафои мекунад, беадолати мепазирад, бале бале ин ёр – дунёи фонист, ки инсонро гохе фиреб медихад, гохе ганч, вале бо хамаи ин таъриф менамояд, ки ману туро тарбия менамояду имтихон. Пас биё барои ганчи дуррузаи ин олами вайрона худрову чони бебахои худро фирефтаи макри он насозем! Дар ин дунё факат як кувваи бузургест, ки инсонро боло месозад – ин ишк аст, ишку мухаббат нисбати якдигар. Бояд кушиш намоем хурмату эьтироми якдигарро нигох дорем ва хеч гох таълиму тарбияи Шаркиёнаи худро аз хотир набарорем, зеро аз азал ачдодони баобруи моён махз бо доштани ахлохи волою одоби пургановати худ машхур буданд. Шахсеро, ки бо як лабханду табассуми ширин ба атрофиён салому алейк мекунад, хамагон дусташ медоранд, хурматаш менамоянд, вале имрузхо бошад, ин таълимотхо то андозае распову кухна шуда истодаанд, ки албатта аввал решаи фархангу тамаддунамонро ба ларза меорад. Аз ин ру аз хама суханони боло ба хулоса омадан мумкин аст, ки одоби муошират – ин зеби хар як инсон аст. Этикаи авалин ин одоби муошират аст. Одоби муошират ин

сарлавхаи **Этика** бахисобмеравад Имруз чомеаи мо бояд кушиш ба харчдихад, ки анъанаи пургановати миллии худро пос дошта, бахри пойдории он кушиш намояд.

АДАБИЁТ

1. Анварӣ С. Ҷойгоҳи сухан дар осори форсӣ – тоҷикӣ. Д., 2005.
2. Зеҳни Т. Санъати сухан. Д., 1992.
3. Камолиддин Б. Ҳусни баён. Д., 1989.
4. Кузин Ф.А. Культура делового общения. М., 1986.
5. Маданияти сухан. Д., 1989.
6. Маҷидов Ҳ. Сеҳри сухани форсии тоҷикӣ. Д., 2014.
7. Маҳмадов А.Н. Риторика ва баҳсҳои сиёсӣ. Д., 2011.
8. Муҳиддинова Т.Ҳ. Одоби муошират дар забони англисӣ ва муқоисаи он бо забони тоҷикӣ. Д., 2014.
9. Основы социальной работы. Под.редакцией Н.Ф.Басова. М., 2008.
10. Панфилова А.Л. Деловая коммуникация и профессиональная деятельность. СМб, 1999.

ЭТИКА ОБЩЕНИЯ – ЖЕМЧУЖИНА УМА И МУДРОСТИ

В данной статье рассматривается этика общения. Этика общения – это внутренняя красота человека. Великие люди считали, что этика – это жемчужина ума и мудрости. Человек отличается от других существ своим умом и своей мудростью. Тот, кто лишён этих качеств, внешне имеет человеческую внешность, но внутри он пустой человек. Ум и мудрость достаётся человеку от рождения, но её развитие зависит от воспитания. Быть зрелым - отличная идея, даже в ее становлении важность обучения велика. Человек, обладающий здоровым умом, но не воспитанный, то у него не может быть этики, которая требует повседневная общественная жизнь и коммуникативная отношения людей. На самом деле, интеллект - это способность выражать тонкости ума человека, основа совершенства и взгляд на будущее. Этика она и есть норма поведения человека. Поведение и хорошая речь - результат мудрости и способа практики. Тот, кто разумно инвестирует, не может дать разумного объяснения. Люди Мавлоно Джами сказали: «Следите за своими глазами, своим телом, своим ртом. Это собрание литературных текстов, означающее, что это хорошее слово.

Ключевые слова: этика общения, поведения человека, образования и воспитание, ум и мудрость, лучшие качество человека.

ОДОБИ МУОШИРАТ – ЗЕБИ ИНСОН

Дар ин мақола оиди одоби муошират сухан меравад. Одоби муошират ин зебогии ботинии инсон мебошад. Бузургон одобро гавҳари ақлу хирад меҳисобиданд. Инсон аз дигар махлуқоти рӯи замин бо ақлу хирад ва одобаш фарқ мекунад. Инсоне, ки аз ин сифатҳо маҳрум мебошад, зоҳиран зебо буда, ботинан ақлу хирад надорад. Ақлу хирад ба одамизод аз рӯзи таваллуд дода мешавад, лекин инкишофи он аз тарбия вобаста аст. Инсони хирадманд будан ин хуб аст, вале барои ташаккули вай аҳамияти таълиму тарбия зарур аст. Инсони солиме ки тарбияи хуб надорад, одоб ҳам надорад. Одоб ин меъёри ахлоқии инсон мебошад. Ахлоқ ва нутқи хуб ин натиҷаи ақлу хирад аст. Дар ин мақола оиди одоби муошират, суханравонӣ, идроки инсон ва мазмуни ахлоқии инсон сухан меравад. Одоби муошират ин ахлоқи одамон дар ҷомеа аст,ки шуури онҳоро дарҷ месозад. Сифатҳои хуби инсон вафодорӣ, инсондӯстӣ, хубӣ ва дигар сифатҳо дар ин ҷо таҷассум шудаанд.Хулоса карда шуд ки инсон агар таълиму тарбияи хуб гирад, ба натиҷаҳои баланд ноил мешавад.

Калидвожаҳо: одоби муошират, ахлоқи инсон, таълиму тарбия, ақлу хирад, сифатҳои хуби инсон.

ETHICS OF COMMUNICATION – THE PEARL OF THE MIND AND WISDOM

This article is about communication ethics. Ethics of communication is the inner beauty of man. Great people believed that ethics is the pearl of mind and wisdom. Man is different from other beings in his mind and his wisdom. The one who is deprived of these qualities, apparently has a human appearance, but inside it is empty. Mind and wisdom goes to a person from birth, but its development depends on education. Being Mature is a great idea, even in its development the importance of learning is great. A person who has a healthy mind, but not educated, then he can not have an ethics that requires everyday social life and communicative relationships of people. In fact, intelligence is the ability to Express the subtleties of the human mind, the basis of perfection and a vision of the future. Ethics it is the norm of human behavior. Behavior and good speech are the result of wisdom and the way of practice. One who invests wisely cannot give a reasonable explanation. The people of mawlono Jami said, "Watch your eyes, your body, your mouth. It is a collection of literary texts meaning it is a good word. It is also the common sense of human behavior in society and, independently, one of the forms of public consciousness.

Keywords: ethics, good words, educated, wisdom, human behavior, public consciousness

Сведения об авторе: ***Низамидинова Олима Ахмедовна*** - магистр второго курса, Таджикский Национальный Университет.Адрес: Душанбе ул. Фирдавси 13 Телефон **915 28 19 77.**

Information about the author: ***Nizomidinova Olima Akhmadovna*** - Tajik National University, graduate student of second course. Address: Dushanbe Firdavsi st.,13. Phone: - **915 28 19 77**

НИЗОМИ БУҶЕТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА САМТҲОИ АСОСИИ ХАРОҶОТИ БУҶЕТӢ

Аминзода М.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Яке аз ниҳоди асосии низоми молиявӣ ин низоми буҷетӣ ба ҳисоб меравад. Дар тӯли ҳазорсолаҳои мавҷудияти давлат захираҳои молиявие, ки ба низоми буҷет ворид мегарданд, мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва маҳаллиро бо иҷрои вазифаҳои ба зиммаашон буда таъмин месозанд. Буҷет ин оинаи давлат, инъикоскунандаи ҳолати иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ мебошад.

Ташкили буҷети давлатӣ ва низоми буҷетии байни зинаҳои ба ҳам алоқаманд, асосҳои ҳуқуқии вазифаронии буҷетҳо, ки ба низоми буҷетӣ мансуб мебошанд, сохтор ва таркиби буҷетҳо, тартиби ташаккул ва истифодаи маблағҳои буҷетиро дастгоҳи буҷетӣ муайян менамояд. Дар баъзе адабиёт дастгоҳи буҷетӣ ҳамчун сохти буҷетӣ низ маънидод шудааст.

Қисми таркибии дастгоҳи буҷетиро низоми буҷетӣ ташкил медиҳад.

Дастгоҳи буҷетӣ принсипҳои ташкилии сохтани низоми буҷет, сохтори он, муносибати буҷетҳои ба он алоқаманд мебошад. Дастгоҳи буҷетиро дастгоҳи давлатӣ муайян мекунад.

Қисми асосии дастгоҳи буҷетии Ҷумҳурии Тоҷикистонро гайр аз принсипҳои низоми буҷетӣ ва таснифи буҷетӣ, инчунин низоми буҷетӣ ташкил менамояд.

Низоми буҷетӣ звенои асосии низоми молиявии давлат ва қисми муҳими дастгоҳи буҷетӣ ба шумор меравад.

Низоми буҷети давлат - маҷмӯи буҷетҳои давлат, мақомоти маъмурӣ-ҳудудӣ, муассисаҳои давлатӣ ва инчунин фондҳое, ки дар муносибатҳои буҷетӣ мустақил мебошанд, ба ҳисоб мераванд.

Дар давлатҳои унитарӣ низоми буҷети давлатӣ аз ду зина иборат мебошад: буҷети ҷумҳурияӣ ва буҷетҳои маҳаллӣ. Дар давлатҳои федералӣ - се сатҳ: буҷети федералӣ, буҷетҳои аъзои федератсия ва буҷетҳои маҳаллӣ.

Низоми буҷет маҷмӯи буҷетҳои давлат, воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ, муассисаҳо ва фондҳои мустақили буҷетӣ мебошад, ки ба муносибатҳои иқтисодӣ, сохтори давлатӣ ва меъёрҳои ҳуқуқӣ асос ёфтааст. Асоси сохтори буҷетро шакли идоракунии давлат, санадҳои асосии қонунгузории амалкунанда, нақши буҷа дар таҷдиди иҷтимоӣ ва равандҳои иҷтимоӣ муайян мекунанд.

Ҳама давлатҳо дорои низомҳои мушаххаси (махсуси) буҷетӣ мебошанд, ки бо ташкили дигари ин низомҳо хосанд.

Асосҳои сохтори буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистонро Конституцсияи кишвар ва сохтори давлатии онро ҳамчун чумҳурии ягона муайян мекунад.

Низоми буҷавии давраи ИҶШС ба се принсип асос ёфта буд: марказикунонии демократӣ, сиёсати миллӣ ва ваҳдат. Ҳар як буҷети тобеъ қисми ҷудонашавандаи буҷети воҳиди маъмурию ҳудудӣ буда, аз он вобастагии қатъӣ дошт. Бартарии марказикунонӣ дар он буд, ки маблағҳои асосии буҷа дар буҷаи Иттиҳод мутамарказ карда шуда буданд, дар ҳоле ки мақомоти ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ ба ҳуқуқҳои онҳо маҳдудиятҳои назаррас доштанд ва дар масъалаҳои андозбандӣ, тақсимот ва истифодаи маблағҳои буҷавии худ мустақил набуданд.

Бо пошхурии ИҶШС тағйироти принсипиалӣ дар низоми буҷетии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо шурӯи гузаштан ба муносибати бозорӣ ба миён омад. Соли 2002

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” кабул карда шуд, ки ба таҳкими минбаъдаи идораи молияи давлатӣ шароити заруриро фароҳам овард.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” соли 2011 аз нав қабул гардид, ки давраи нави ташаккули низоми буҷетии Ҷумҳурии Тоҷикистонро замина гузошт. Дар ҳуҷҷати мазкур мафҳумҳои асосӣ дар соҳаи буҷет оварда шуда, принсипҳои нави сохти буҷетии мамлакат муайян мегардад.

Мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” низоми буҷетии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ду сатҳ иборат мебошад:

Расми 1. **Низоми буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Дар солҳои охир ислоҳоти молиявӣ дар марҳилаи нави густариши худ карор гирифт. Шурӯъ аз соли 2007 ба буҷети давлатӣ лоиҳаҳои инвеститсионӣ, қарзҳои давлатӣ, грантҳо ва маблағҳои махсуси ташкилотҳои буҷетӣ якҷоя карда шуда, ҳаҷми умумии буҷети давлатӣ сол аз сол рӯ ба зиёдшавӣ овард. Аз ин рӯ вазифаи хазинадорӣ ҳам дигаргун шуд. Зарурат ба миён омад, ки ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи хазинадорӣ” тағйироту илова ворид карда шаванд. Азбаски тағйироту иловаҳо зиёда аз 50 фоизи матни Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хазинадорӣ»-ро, ки дар соли 2001 кабул шуда буд, ташкил медоданд, 18 июни соли 2008 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи хазинадорӣ” дар таҳрири нав кабул карда шуд.

Сиёсати буҷетии мамлакат – қисми асосии таркибии сиёсати молиявии давлатӣ мебошад, чунки он шарт ва принсипҳои ташкили муносибатҳои молиявиро ҳангоми ташаккули даромади заминавии буҷетҳо, дар раванди амалисозии хароҷоти буҷетӣ, ҳангоми ташкили муносибатҳои байнибуҷетӣ муайян менамояд. Сиёсати буҷетӣ ба андозаи захираҳои марказонидашудаи молиявии давлатӣ таъсир мерасонад, на танҳо сохтори ҷории хароҷоти буҷетӣ, балки дурнамои истифодаи захираҳои буҷетиро барои рушди иқтисодиёт ва соҳаи иҷтимоӣ муайян менамояд.

Асоси сиёсати буҷетиро самти стратегии сиёсати иқтисодӣ ва иҷтимоии давлат ташкил медиҳад.

Таҳияи сиёсати буҷетии ба инкишоф сафарбаргардида дар ҷойи холӣ ба вуҷуд наомадааст ва аз нигоҳи таърихӣ роҳи на он кадар дуру дарозро тай кардааст. Дар муддати кутоҳтарин сохтори молиявию буҷетии амалкунанда ба куллӣ тағйир дода шуд, ки сатҳи самаранокии маблағгузории буҷетиро то ба дараҷаи назаррас баланд бардошт.

Муносибатҳои буҷетии дар солҳои соҳибистиклолӣ ба миёномада дар асоси муносибатҳои таксимотию азнавтаксимотӣ фаъолияти хешро ба роҳ монда бошанд ҳам, вазифаи асосиашон ба бартараф кардани номутаносибии дар байни соҳаҳои истеҳсолию гайриистеҳсолӣ, таркиби дохилии хар як соҳаи иқтисодиёт, ҳавзаҳои фаъолияти ҷамъиятӣ байни минтакаҳою ноҳияҳо ва сатҳҳои гуногуни идораи мақомоти давлатию ғайридавлатӣ аз як тараф нигаронида шуда бошад, аз тарафи дигар ба ҳалли проблемаҳои иҷтимоӣ, яъне кам кардани сатҳи камбизоатии зиёд ва дарёфти захираҳои зарурии молиявӣ дар асоси афзоиши самаранокии фаъолияти соҳаҳои иқтисодиёт мебошад.

Дар роҳи ҳалли масъалаҳои ҷойдошта на танҳо навҷорисозии соҳавиро истифода кардан зарур гардид, балки сатҳу самараи фаъолияти идораи макомоти давлатиро аз як тараф ба талаботҳои стандартҳои байналхалкӣ ба мувофика овардан зарур гардида, аз тарафи дигар тарзу усули идораи молиявиро роҷеъ ба ташкил, таксим ва самаранокона истифодабарии захираҳои молиявиро ба талаботи стандартҳо ба мувофика овардан ҳатмӣ гардид.

Пеш аз ҳама бояд кайд намуд, ки хароҷоти буҷети давлатӣ ба иҷроиши вазифаҳои давлат вобаста мебошад. Бо ёрии таксими хароҷоти буҷети давлатӣ муттаҳидшавии захираҳои молиявӣ ба амал бароварда мешавад, ки онро барои ҳалли вазифаҳои аввалиндараҷаи давлат ба монанди молиякунонии хароҷоти соҳаҳои маориф, тандурустӣ, комплекси сузишворию энергетикӣ, таъмини молиявии ӯҳдадории ичтимоии давлат истифода карда мешавад.

Самтҳои муҳими хароҷоти буҷети давлатӣ дар давраҳои дуру наздик ба принсипҳои сиёсати ичтимоӣ такя менамояд, ки сиёсати имрӯзаи хароҷоти буҷетӣ давлатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба сиёсати ичтимоӣ равона карда шудааст, чунончи дар соли 2018 зиёда аз 50%-и хароҷоти буҷетӣ давлатӣ ба соҳаи иҷтимоии мамлакат сафарбар карда шуд.

Сиёсати давлатӣ оид ба хароҷоти буҷети давлатӣ дар самти иҷтимоӣ чунин мебошанд:

- Афзоиши сифати зисти иҷтимоии аҳолӣ, нафақа, кумакпулиҳо ва таъмини устувории низоми буҷети давлатӣ;
- паст кардани сатҳи фақр ва камбизоатӣ бо воситаи кӯмакпулиҳои иҷтимоии давлатӣ;
- нигоҳ доштани имтиёзҳо барои иштирокчиён ва маъюбони Ҷанги Бузурги Ватанӣ, иштирокчиёни ҷанги Афғонистон ва садамаи Чернобил;
- кӯмак барои кӯдакон (кӯдакони бепарастор, маъюб ва ғайра);
- баланд бардоштани музди меҳнати воқеии омӯзгорон, духтурон ва дигар кормандони давлатӣ;
- таъмини хароҷоти ҷории моддии ташкилоти буҷетӣ мувофики меъёрҳои пешбинишуда;
- барои сармоягузории зарурии давлатӣ дар сфераи иҷтимоӣ ва дигар хароҷоти иҷтимоӣ.

АДАБИЁТ

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” Қонуни амалкунанда. Санаи қабул: 2011.// Ахбори Мачлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон - 2011.
2. Давлатшоев О.Х. Совершенствование механизма бюджетно-налогового регулирования экономики // Вестник Таджикского национального университета. №2/4(114). - Душанбе, 2013. - С. 26-30.
3. Улугходжаева Х.Р., Давлатшоев О.Х. Государственное регулирование межбюджетных отношений. //Вестник Таджикского национального университета. – Душанбе, 2015,-№2(190), С.6-10.

НИЗОМИ БУҶЕТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА САМТҲОИ АСОСИИ ХАРОҶОТИ БУҶЕТӢ

Дар мақола моҳияти сохти буҷетӣ ва низоми буҷетӣ шарҳ дода шуда, самтҳои сиёсати давлатӣ оид ба хароҷоти давлатӣ оварда шудаанд. Ташкили буҷети давлатӣ ва низоми буҷетии байни зинаҳои ба ҳам алоқаманд, асосҳои ҳуқуқии вазифаронии буҷетҳо, ки ба низоми буҷетӣ мансуб мебошанд, сохтор ва таркиби бучетҳо, тартиби ташаккул ва истифодаи маблағҳои бучетиро дастгоҳи буҷетӣ муайян менамояд. Дар баъзе адабиёт дастгоҳи буҷетӣ ҳамчун сохти бучетӣ низ маънидод шудааст. Бо ёрии таксими хароҷоти буҷети давлатӣ муттаҳидшавии захираҳои молиявӣ ба амал бароварда мешавад, ки онро барои ҳалли вазифаҳои аввалиндараҷаи давлат ба монанди молиякунонии хароҷоти соҳаҳои маориф, тандурустӣ, комплекси сузишворию энергетикӣ, таъмини молиявии ӯҳдадории иҷтимоии давлат истифода карда мешавад. Самтҳои муҳими хароҷоти буҷети давлатӣ дар давраҳои дуру наздик ба принсипҳои сиёсати ичтимоӣ такя менамояд, ки сиёсати имрӯзаи хароҷоти буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба сиёсати иҷтимоӣ равона карда шудааст.

Калидвожаҳо: буҷети давлатӣ, низоми буҷетӣ, сохти буҷетӣ, муносибатҳои байнибуҷетӣ, хароҷоти буҷетӣ.

БЮДЖЕТНАЯ СИСТЕМА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН И ОСНОВНЫЕ НАПРАВЛЕНИЯ БЮДЖЕТНЫХ РАСХОДОВ

В статье разъясняется сущность структуры бюджета и бюджетной системы, а также намечаются направления политики государственных расходов. Организация государственного бюджета и взаимосвязанной бюджетной системы, правовые основы исполнения бюджетных ассигнований, структура и состав бюджета, а также порядок формирования и использования бюджетных средств определяются бюджетным устройством. При распределении расходов государственного бюджета консолидация финансовых ресурсов будет использоваться для решения приоритетных задач государства, таких как финансирование образования, здравоохранения, топливно-энергетического комплекса, финансовое обеспечение государственных социальных обязательств. Основные направления расходования государственного бюджета основаны на принципах социальной политики.

Ключевые слова: государственный бюджет, бюджетная система, бюджетная устройство, межбюджетные отношения, бюджетные расходы.

BUDGET SYSTEM OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN AND MAIN DIRECTIONS OF BUDGET EXPENDITURES

The article explains the main structure of budget and budget system, and also outlined the areas of public spending policy. The government budget organization and interconnected with budget system, legal basis performance budget allocation, structure and budget composition, and also formation order and using budget funds determined by the budget device. At the distribution government budget expenses consolidation financial recourses will be used for decision priority tasks of the state, like financial education, healthcare, fuel and energy complex, financial security of state social obligation. Main direction government budget expenses are based on the principal social politics.

Keywords: government budget, budgeting system, budget device, intergovernmental relations, budget expenses.

Сведения об авторе: ***Аминзода Мунира*** – Таджикский национальный университет, магистрант 2-го курса кафедры финансового менеджмента. Телефон: **989-00-37-05**

Information about the author*: Aminzoda Munira* - Tajik National University, 2nd year graduate student of the Department of financial management. Phone: **989-00-37-05**

НАЗОРАТИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯВӢ ДАР НИЗОМИ МОЛИЯИ ДАВЛАТӢ: ҲОЛАТИ ИМРӮЗА, ПРОБЛЕМАҲО ВА ДУРНАМО

Ғиёсова Марҷона
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Молия таърихи тулонӣ дошта, вай ҳанӯз дар давраи ҷамъияти ғуломдорӣ, дар баробари ташкил ёфтани давлати ғуломдорӣ пайдо шудааст. Бо баробари инкишоф ёфтану пешрафти ҷомеаи инсонӣ мафҳуми молия нисбатан васеъ паҳн шуд ва ба мафҳуми байналхалқӣ табдил ёфт ва ҳамчун мафҳуми бо системаи пулӣ алоқаманд, муносибатхои пулии байни аҳолию давлатро оид ба ташкили фондхои пулии давлат ифода менамояд.

Бӯҳрони иқтисодӣ, касри буҷет, камбизоатӣ, таваррум, маҳдуд будани имконияти сармоягузорӣ ба соҳаҳои муайянкунандаи пешрафти иқтисодиёт, воридшавии нисбатан сусти раванди сармоягузории хориҷӣ ва ғайра мустақиман бо мушкилоти молиявии мамлакат алоқаманд буда, сатҳ ва дараҷаи ташкил ва ташаккули онро муайян мекунад.

Ҷамъшавии чунин захираҳои назаррас дар дасти давлат, тақсимоти онҳо, истифодаи оқилона ва самарабахши онҳо назорати дурустро дар низоми буҷавӣ ва фаъолияти молиявии давлат талаб мекунад, ки бояд аз ҷониби мақомотҳои идоракунии давлатии молиявӣ амалӣ карда шавад [1:с-100]. Мавҷуд будани мақомотҳои давлатии молиявӣ ҳолати муҳими фаъолияти иқтисодии ҳар як давлат, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Бинобар ин зарур аст, ки фаъолияти молиявии тамоми мақомотҳои қудрати давлатӣ зери назорати қатъӣ қарор гирифта шавад. Бӯҳрони ҷаҳонии молиявию иқтисодӣ, ки солҳои охир ба амал омад, нишон дод, ки механизми идоракунӣ ва идоракунии маблағҳои давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ислоҳоти радикалиро талаб мекунад.

Қисми ҷудонашавандаи фаъолияти молиявии давлат ва минтақаҳо ин назорати молиявӣ мебошад. Назорати молиявӣ ин назорати мақомотҳои қонунгузор ва иҷроия дар ҳама сатҳҳо, ҳамчунин муассисаҳои махсуси ташкилшуда аз болои ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёт (давлат, корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо) бо истифодаи усулҳои махсус мебошад. Вай назорати риояи қонунгузории молиявӣ ва иқтисодӣ дар раванди ташаккул ва истифодаи маблағҳои пулӣ, баҳодиҳии самараноки иқтисодии амалиёти молиявӣ ва тиҷоратӣ ва дурустии хароҷотро дар бар мегирад.

Назорати молиявӣ назорати хароҷотӣ аст, бинобар ин, ба ғайр аз намудҳои дигари назорат (экологӣ, санитарӣ, маъмурӣ ва ғ.) вай дар ҳама соҳаҳои барқарорсозии иҷтимоӣ сурат мегирад ва тамоми ҷараёни пули нақдро, аз ҷумла марҳилаи дарки натиҷаи молиявиро дар бар мегирад. [4; с.35]

Шиддатнокии рушди иқтисодии Тоҷикистони муосир васеъ намудани усулҳои ҳуқуқиро ба тағйироти низомӣ дар низоми назорати давлатии молиявӣ пешбинӣ мекунад. Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сӯи мақоми устувори волоияти қонун ҳаракат карда истодааст, ки дар чаҳорчубаи он ҳаракати бемасъулияти захираҳои молиявӣ имконнопазир аст, вобаста ба он сиёсати қонунии давлат бо сатҳи баланди назорати давлатии молиявӣ муайян карда мешавад.

Тавре маълум аст, маблағҳои давлатӣ ҷойи махсусеро ишғол мекунанд ва дорои арзиши калон дар ҷомеаи шаҳрвандӣ доранд, чуноне ки аз он марҳилаҳои таърихии рушди иҷтимоии давлат ва ҳуқуқ далолат мекунанд. Асосҳои моддии ҳамагуна давлатҳо маблағҳо мебошанд, ва барои рушди самараноки онҳо давлат дар аввал низоми молиявиро ба тартиб мегузорад ва мақомотҳоро инкишоф медиҳад, ки фаъолияти ин низомро таъмин мекунанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон назорати давлатии молиявиро Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи назорати давлатии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” ба амал меорад. Чӣ тавре ки дар ин қонун омадааст: “Қонуни мазкур принсипҳои умумӣ, асосҳои ҳуқуқӣ ва иқтисодии ташкил ва амали намудани назорати давлатии молиявиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд. Он барои таъмини ташкили санҷишу тафтиши воридот ва истифодаи самарабахши маблағҳои буҷети давлатӣ, фондҳои давлатӣ, қарзҳое, ки аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳти кафолати он ҷалб карда мешаванд, грандҳо, кӯмаки башардӯстона ва амволи давлатӣ дар шароити инкишофи муносибатҳои бозорӣ ва ташаккули бахши хусуси нигаронида шудааст” [2, с.1].

Мақомотҳои назоратӣ аз ҷониби Ҳукумати Тоҷикистон таъин мегарданд ва ба Президент ва Ҳукумати кишвар тобеъанд. Ҳамин тариқ, тибқи қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи назорати давлатии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" (моддаи 4), Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми назорати давлатии молиявиро ташкил медиҳад, ки мақоми асосии давлатӣ дар ин соҳа мебошад, ва ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисобот медиҳад [2, с.2]. Дар Тоҷикистон имрӯз, мақомотҳои асосии молиявии давлатии назоратӣ инҳоянд: Палатаи ҳисоботии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар ташкилотҳои аудиторӣ.

Дар ҷараёни татбиқи вазифаҳои дар ин Қонун зикргардида ва мутобиқи санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти санҷишию тафтишотӣ, таҳлилӣ, итилоотӣ ва дигар намудҳои фаъолият анҷом дода шуда, низоми ягонаи назорати давлатии молиявӣ ба фаъолияти молиявию хоҷагии субъектҳои хоҷагидории давлатӣ, ташаккул ва иҷрои буҷети давлатӣ, истифодаи амволи давлатӣ дар ҷумҳурӣ таъмин карда мешавад.

Фаъолияти назоратӣ дар асоси нақшаҳои дусолаи тафтишотии маҷмӯӣ ва нақшаҳои солонаи санҷишҳои мавзӯӣ, ки бинобар зарурати таъмини назоратӣ-системавии ҳамаҷонибаи истифодаи воситаҳои давлатӣ ва амволи давлатӣ, бо назардошти ҳамаи самтҳои фаъолияти тафтишотӣ тартиб дода шудааст, ташкил карда мешавад. Банақшагирӣ дар асоси меъёрҳои техникию иқтисодӣ, стандартҳои назоратӣ ва тафтишотӣ, дастурҳои методӣ анҷом дода мешавад. Нақшаи тафтишот ва санҷишҳои мавзӯӣ аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад. Чорабиниҳои назоратии ғайринақшавӣ бо дастури Президенти ҶТ, ё ҳангоми дархости мақомоти ҳифзи ҳуқуқ аз рӯи парвандаҳои ҷиноятии оғозгардида дар асоси фармони роҳбарияти Мақомоти назорат гузаронида мешавад. Санҷиши мавзӯии соҳибкорони инфиродӣ ва шахсони ҳуқуқии ғайридавлатӣ оид ба гирифтан, гузаронидан ё истифодаи маблағҳои давлатӣ, фондҳои давлатӣ, қарзҳои аз тарафи Ҳукумати ҶТ ва ё бо кафолати ӯ ҷалбшаванда аз ҷониби мақомоти назоратии давлатии молиявӣ мутобиқи талаботи Қонуни ҶТ “Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” танҳо оид ба ҳамин маблағҳо ба амал бароварда мешавад.

Барои иҷро намудани функсияҳои ба зиммааш гузошташуда, Мақоми назорат ҳуқуқ дорад, ки тафтишот ва санҷишҳо доир намояд, инчунин самарабахшии истифодаи маблағҳо ва маводи давлатиро дар ҳамаи мақомоти давлатӣ, ташкилоту муассисаҳо ва корхонаҳои давлатии ҶТ анҷом диҳад. Ваколатҳои назоратӣ ҳамчунин нисбати мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар маҳаллҳо, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, сарфи назар аз шакли моликият, агар онҳо маблағҳоро аз буҷети давлатӣ гиранд, ба воситаи суратҳисобҳо гузаронанд ё истифода баранд, моликияти давлатиро истифода ё идора намоянд, татбиқ мегардад. Тафтишот на зиёда аз як бор дар ду сол ва санҷишҳои мавзӯи мутобиқи нақшаи солонаи тасдиқгардида дар маҳалли

ҷойгиршавии объекти тафтишшванда дар асоси фармони роҳбарияти Мақоми назорат дар бораи гузаронидани тафтишот ё санҷиш анҷом дода мешавад.

Санҷишҳои мавзӯии дигар субъектҳои хоҷагидорӣ, сарфи назар аз шакли моликияташон, дар қисмати гирифтан, ба воситаи суртаҳисобҳо гузарондан ё истифодаи маблағҳои буҷети давлатӣ аз ҷониби онҳо, иҷрои фармоиши давлатӣ ва истифодаи амволи давлатӣ, дар ҳолатҳое гузаронида мешавад, ки ин санҷишҳо бинобар зарурати доир намудани санҷиши мутаққобила аз рӯи далелҳои мушаххас ба миён омаданд. Монеа ба фаъолияти кормандони Мақоми назорат дар доираи ваколатҳои додашуда, таъсиррасонӣ ба онҳо бо мақсади қабули қарор ба манфиати ин ё он тараф, амали зӯроварӣ, ҳамчунин тӯҳмат ё паҳн намудани маълумоти таҳрифшуда оид ба иҷрои ӯҳдадориҳои хизматии онҳо тибқи қонунгузории ҶТ боиси ба ҷавобгарӣ кашидан мегарданд [2, с.4].

Бояд қайд кард, ки Пешвои миллат, асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 январи соли 2016 ба мақомотҳои давлатӣ дар ин соҳа супориши махсус дод: “Палатаи ҳисоботӣ ва Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия бо ҳамроҳии Вазорати молия бояд назорати шаффоф ва мақсаднокро оид ба истифодаи маблағҳои буҷетӣ дар фаъолияти корхонаҳои давлатӣ ва Ширкатҳои саҳҳомӣ, ки дар онҳо ҳиссаи давлат вуҷуд дорад, баланд бардошта, инчунин амалҳои коррупсионӣ пешгирӣ карда шаванд" [3].

Бояд таъкид кард, ки сарфи назар аз он, ки яке аз ҷузъҳои сиёсатгузории кишвар дар ин самт назорати давлатии молиявӣ мебошад, проблемаҳо дар ин соҳа ҳанӯз ҳам хеле маҳдуданд. То имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми ягонаи қонунӣ ва механизмҳои ягонаи муқарраршудаи муносибатҳои мақомотҳои идоракунии назорати давлатии молиявӣ вуҷуд надорад. Барои самаранокӣ, бехатарӣ, истифодаи ҳадафнок ва хароҷоти маблағҳои давлатӣ, баланд бардоштани сифати истифодаи онҳо, инчунин таъмини қонун дар соҳаи молиявӣ зарур аст, ки ба вазифаҳои мақомотҳои марказӣ, ки назорати давлатии молиявиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал меоранд, уҳдадориҳои дурусти ҳамоҳангсозии фаъолияти онҳоро ворид кард, то ки онҳо дар як самт ва дар як низоми ягона кору фаъолият кунанд.

АДАБИЁТ

1. Рустамов Дж. Ю., Гафуров А. Д. Развитие государственного финансового контроля в современном Таджикистане: проблемы, теория и практика /Дж. Ю. Рустамов, А.Д. Гафуров // Правовая жизнь. - Душанбе: ТНУ, - 2016. - №3(15) - с.100-107.
2. Чумхурии Точикистон. Конун.“Дар бораи назорати давлатии молиявӣ”. Аз 12.01.2010, №583, мод. 4 -С.1, 2, 3-4
3. Послание Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона Маджлиси Оли Республики Таджикистан в 2016 году. Режим доступа: www.prezident.tj/rus/novostee 2016.html (дата обращения: 20.11.2016.)
4. Зудилин А.П. Финансовый контроль: учеб. Пособие / А.П. Зудилин, Ф.Н. Ахмедов. - М.: Изд-во РУДН, 2000. - 35 с.

НАЗОРАТИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯВӢ ДАР НИЗОМИ МОЛИЯИ ДАВЛАТӢ: ҲОЛАТИ ИМРӮЗА, ПРОБЛЕМАҲО ВА ДУРНАМО

Муаллиф дар ин мақола нақши назорати давлатии молиявиро дар низоми молияи давлатии ҶТ баррасӣ намудааст. Муаллиф кушиш ба харҷ додааст, ки паҳлуҳои гуногуни назорати давлатии молиявиро аз ҷиҳати назаривӣ тасвир кунад. Ӯ қайд мекунад, ки бӯҳрони иқтисодӣ, касри буҷет, камбизоатӣ, таваррум, маҳдуд будани имконияти сармоягузорӣ ба соҳаҳои муайянкунандаи пешрафти иқтисодиёт, воридашвии нисбатан сусти раванди сармоягузории хориҷӣ ва ғайра мустақиман бо мушкилоти молиявии мамлакат алоқаманд буда, сатҳ ва дараҷаи ташкил ва ташаккули онро муайян мекунад, ва ҷамъшавии чунин захираҳои назаррас дар дасти давлат, тақсимоти онҳо, истифодаи оқилона ва самарабахши онҳо назорати дурустро дар низоми буҷавӣ ва фаъолияти

молиявии давлат талаб мекунад, ки бояд аз ҷониби мақомотҳои идоракунии давлатии молиявӣ амалӣ карда шавад. Албатта, қисми ҷудонашавандаи фаъолияти молиявии давлат ва минтақаҳо ин назорати молиявӣ мебошад.

Калидвожаҳо: назорат, молия, давлат, мақомотҳо, қонунҳо, қонунгузор, иқтисодиёт, корхонаҳо, муассисаҳо

ГОСУДАРСТВЕННЫЙ ФИНАНСОВЫЙ КОНТРОЛЬ В СИСТЕМЕ ГОСУДАРСТВЕННЫХ ФИНАНСОВ: СОВРЕМЕННОЕ СОСТОЯНИЕ, ПРОБЛЕМЫ И ПЕРСПЕКТИВЫ

Автор в этой статье рассматривает роль государственного финансового контроля в государственной финансовой системе. Автор стремился предоставить различные аспекты государственного финансового контроля с теоретической точки зрения. Она отмечает, что экономический кризис, дефицит бюджета, бедность, инфляция, ограниченные возможности инвестирования в конкретные сектора экономики, относительно слабый процесс включения иностранных инвестиций и другие, непосредственно связанны с финансовыми проблемами страны, определяют уровень и степень её организации и формирования, и сбор таких значительных ресурсов в руках правительства, их распределение, рациональное использование и эффективность требуют надлежащего контроля бюджетной системы и финансовых деятельности государства, которое должно осуществляться органами финансового государственного управления. Конечно, неотъемлемой частью финансовой деятельности государства и областей является финансовый контроль. Финансовый контроль - это надзор за законодательными и исполнительными органами на всех уровнях, а также за специализированными учреждениями во всех секторах экономики (государства, предприятия, учреждения и организации) с использованием специальных методов. Он контролирует финансово-экономическое законодательство в процессе формирования и использования денежных активов, включает в себе эффективную финансовую оценку финансовых и коммерческих операций и правильности расходов. Данная статья действительно является актуальной и соответствует современным требованиям.

Ключевые слова: контроль, финансы, правительство, органы власти, законы, законодательство, экономика, предприятия, управление

STATE FINANCIAL CONTROL IN THE SYSTEM OF PUBLIC FINANCE: CURRENT STATE, PROBLEMS AND PROSPECTS

The author in this article considers a role of the state financial control in the state financial system. The author sought to provide various aspects of the state financial control from the theoretical point of view. It notes that an economic crisis, budget deficit, poverty, inflation, limited opportunities of investment into concrete sectors of economy, rather weak process of inclusion of foreign investments and others, are directly connected with financial problems of the country, determine the level and degree of its organization and formation, and collecting such considerable resources in hands of the government, their distribution, rational use and efficiency demand appropriate control of the budgetary system and financial activity of the state which has to be carried out by bodies of financial public administration. Financial control is a supervision of legislative and executive bodies at all levels and also behind specialized institutions in all sectors of economy (the states, the enterprises, institutions and the organizations) with use of special methods. It controls the financial and economic legislation in the course of formation and use of monetary assets, includes in itself effective financial assessment of financial and commercial transactions and correctness of expenses. This article really is relevant and conforms to modern requirements.

Keywords: control, finance, government, authorities, laws, legislation, economy, enterprises, management

Сведения об авторе: - ***Ғиёсова Марджона*** – магистрант Таджикского Национального Университета. Телефон: **988-45-09-10**

Information about the author: - ***Giyasova Marjona*** – graduate student of Tajik National University. Phone: **988-45-09-10**

ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ ВА АЛОМАТҲОИ ОН

Аззизода Қудратулло Шералӣ
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Фаъолияти соҳибкорӣ яке аз намудҳои фаъолияти инсон буда, аз маҷмӯи амалҳои баҳамалоқаманде иборат мебошад, ки барои ноил шудан ба мақсади ягонаи натиҷаи ниҳоии фаъолияти соҳибкорӣ фоида равона карда шудааст. Вале бояд қайд намоем, ки ба даст овардани фоида мақсади ягонаи соҳибкор намебошад. Соҳибкор мақсадҳои дигарро низ дорад, аз ҷумла бизнеси худро ба роҳ мондан. Дар баробари ҳамин онҳо дар ҳалли мушкилоти иҷтимоии ҷомеа, ба монанди инкишофи маориф, тандурустӣ, ҳифзи муҳити зист ва ғ. иштирок менамоянд. Мафҳуми расмии (қонунии) фаъолияти соҳибкорӣ дар қ. 3, моддаи 1 Кодекси граждани , қ. 1, м. 8 Кодекси андоз оварда шудааст. Мувофиқи он соҳибкорӣ фаъолияти мустақил ва бо таваккали худамалишавандаи шахсони ба чунин сифат бо тартиби муқарраркардаи қонун бақайдгирифташудае мебошад, ки барои мунтазам ба даст даровардани фоида аз истифодаи молумулк, фурӯши мол, иҷрои кор ё расонидани хизмат равона карда шудааст.

Аз мафҳуми овардашуда маълум мегардад, ки фаъолияти соҳибкорӣ дорои аломатҳои зерин мебошад:

1. Мустақилияти соҳибкор.
2. Таваккали соҳибкор.
3. Мунтазам ба даст даровардани фоида аз истифодаи молумулк, фурӯши мол, иҷрои кор ё расонидани хизмат.
4. Фаъолият кардани шахсоне, ки ба сифати соҳибкор ба қайд гирифта шудаанд.

1. Аломати аввалини фаъолияти соҳибкорӣ мустақилияти соҳибкор мебошад. Вай хусусияти иродавӣ доштани фаъолияти соҳибкориро ифода менамояд. Зеро шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ ҳуқуқҳои худро бо салоҳдиди худ амалӣ ва ихтиёрдорӣ менамоянд (моддаи 9 КГ). Онҳо дар муқаррар намудани ҳуқуқ ва ухдадориҳо, инчунин ҳама гуна шартҳои шартнома, ки ба қонунгузорӣ зид намебошанд, озод ва мустақиланд. Ҳамин тавр, мустақилияти фаъолияти соҳибкорӣ озодии интихоби равиш ва тарзи кор, мустақилона қабул намудани қарор, бастани шартнома, интихоби шарик, тақсими фоидаи ба дастдаровардашуда, роҳ надодан ба ягон дахолати худсарона ба фаъолияти хусусӣ, зарурати бемамоният амалӣ намудани ҳуқуқ, таъмини ҳуқуқҳои вайронкардашуда ва ҳимояи судии онҳоро ифода менамояд. Мустақилияти соҳибкорро ба мустақилияти ташкилӣ ва молумулкӣ ҷудо намудан мумкин аст. Мустақилияти ташкилӣ дар ҷараёни фаъолияти соҳибкорӣ мустақилона қабул намудани қарори машғул шудан бо чунин фаъолият, интихоби намуди фаъолият, шакли ташкилии ҳуқуқӣ ва доираи муассисонро дар бар мегирад.

Мустақилияти молумулкӣ ин мавҷудияти молумулки муайянест, ки асоси иқтисодии фаъолияти субъектҳои соҳибкориро ташкил медиҳад. Молумулк бо соҳибкор дар асоси ҳуқуқи соҳибмулкӣ, ҳуқуқи пешбурди хоҷагӣ, ҳуқуқи идоракунии оперативӣ ё ҳуқуқи ухдадорӣ (ҳуқуқи иҷора) мавҷуд буданаш мумкин аст. Доираи мустақиляти молумулки соҳибмулке, ки ба сифати соҳибкори инфиродӣ ва ташкилоти тиҷоратӣ баромад мекунад, ниҳоят васеъ мебошад. Мустақилияти ташкилотҳое, ки молумулкашонро дар асоси пешбурди ҳуқуқи хоҷагӣ идора менамоянд, на чандон васеъ мебошад. Ташкилотҳое, ки дар асоси ҳуқуқи идоракунии оперативӣ амал менамоянд, мустақилияти молумулкиашон маҳдуд мебошад, вале дар чунин ҳолат онҳо ҳуқуқи доштан, истифода бурдан ва дар доираи маҳдуд ҳуқуқи ихтиёрдорӣ карданро (нисбати маҳсулоти тайёр) доранд. Ин ба онҳо имконият медиҳад, ки иштирокчиёни муносибатҳои соҳибкорӣ бошанд. Мустақилияти соҳибкорӣ (хоҷагидорӣ) маънои онро дорад, ки соҳибкор дар рафти фаъолияти

соҳибкорӣ мустақилона қарор қабул мекунад, доираи ин мустақилият низ ба шакли моликияте алоқаманд мебошад, ки дар асоси он ташкилот амал менамояд. Ташкилотҳои хусусӣ дорои мустақилияти васеи хоҷагидорӣ буда, мустақилияти корхонаҳои давлатӣ то дараҷае маҳдуд мебошад, агарчанде, ки корхонаҳои давлатӣ имконияти дар доираи қонунгузорӣ ва оиннома мустақилона қарори хоҷагӣ қабул карданро доранд. Маҳз характери мустақилона доштани соҳибкорӣ вайро аз фаъолияти меҳнатӣ, аз ҷумла кор тибқи қарордоди меҳнатӣ фарқ менамояд. Корманд ҳангоми дохил шудан ба муносибатҳои меҳнатӣ, бояд фаъолияти худро ба қоидаҳои тартиботи дохилии корхона мутобиқ намуда, интизоми меҳнатиро риоя намояд. Фарқияти мазкур ифодаи худро дар Кодекси андоз меёбад. Моддаи 99 ва 100 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон байни андозбандии даромадҳое, ки шахси воқеӣ дар натиҷаи иҷрои уҳдадориҳои меҳнатӣ ва дигар уҳдадориҳои ба он баробаркардашуда ба даст меорад ва дигар даромадҳо, аз ҷумла даромадҳое, ки шахси воқеӣ аз фаъолияти соҳибкорӣ ба даст меоварад, фарқ мегузорад. Ҳамзамон бояд зикр намоем, ки мустақилияти фаъолияти соҳибкорӣ дар доираи ҳудуди муқаррарнамудаи қонун ва бо мақсади ҳифзи маънавиёт, тандурустӣ, ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шахси дигар, таъмини амнияти ҷомеа ва давлат, ҳифзи муҳити зист дар асоси қонун амалӣ карда мешавад (қ.3 м. 3 КГ). Мисол, баъзе намудҳои фаъолияти соҳибкорӣ танҳо ҳангоми мавҷуд будани иҷозати махсус анҷом дода мешавад.

2. Соҳибкорӣ фаъолияти таваккалӣ мебошад. Аз ин ҷо таваккал аломати дуюми расман аз тарафи қонунгузор эътирофшудаи фаъолияти соҳибкорӣ мебошад. Вай давоми мантиқии мустақилияти соҳибкор буда, омили муҳими барори кори соҳибкор аст.

Таваккал бояд асоснок, оқилона, қонунӣ ва ба он чи, ки қонун манъ накардааст, асос ёбад. Ба он розӣ шудан мумкин нест, ки категорияи “ таваккали соҳибкории оқилона(дурандешона) ба ҳуқуқи ҷиноятӣ хос буда, ба ҳуқуқи граждани ва соҳибкорӣ татбиқ намешавад[1,10]. Ҳол он, ки худи муаллиф эътироф менамояд, ки ҳангоми таваккал кардан оқибати эҳтимолии оқибати қарори қабулкардаи худро соҳибкор бояд ба эътибор гирад [1,17]. Ҳамзамон амали соҳибкор оид ба таваккал кардан ихтиёрӣ, ташаббуснокона ва бошуурона мебошад. Барои ҳамин ҳам соҳибкоре, ки барои ба натиҷа ноил шудан ҳавасманд мебошад, эҳтимолияти натиҷаи манфии ба вуҷудмеомадаро низ бояд дар назар дошта бошад, вале он чунин ҳисоб менамояд, ки чунин натиҷа ба вуҷуд намеояд. Маҳз дар назар дорад, вале боварӣ надорад, ки натиҷа боварибахш мешавад. Новобаста аз он ки дар ҳолати нобарорӣ соҳибкор мумкин аст зарар бинад, таваккал сарчашмаи имконпазири фоидаи соҳибкор мебошад. Барои ҳамин ҳам аз нуқтаи назари А. Смит фоидаи соҳибкор, ҷуброни соҳибкор барои таваккали кардаш мебошад [2, 54]. Аз ин ҷо вазифаи асосии соҳибкор даст кашидан аз таваккал набуда, баръакс, интихоби қарори ба он вобастае мебошад, ки вай таваккал карда, то ба кадом ҳад амал карда метавонад. Барои соҳибкор таваккал кардан беҳтар аст нисбат ба оне, ки барои оқибати ба вуҷудмеомада бетафовутӣ зоҳир намояд. Маҳз ба воситаи таваккал кардан ба натиҷаи ниҳоӣ ноил шудан мумкин аст. Аз ин ҷо таваккал яке аз воситаҳои асосии ноил шудан ба натиҷаи ниҳоии фаъолияти соҳибкорӣ мебошад [3]. Ҳамзамон баробари рушди соҳибкорӣ таваккал ҳамрадифи фаъолияти соҳибкорӣ гардида, доираи он васеъ ва ҳолатҳои таваккал кардан меафзояд. Барои ҳамин ҳам таваккал дар фаъолияти соҳибкорӣ, эҳтимолияти ба даст даровардани фоидаи ба нақша гирифташуда ё натиҷаи мусбии дар назар дошташуда, ҳамзамон имконияти дарёфти оқибати манфии ин ё он амал мебошад.

Соҳибкор кафолат медиҳад, ки уҳдадориро иҷро менамояд, вале онро иҷро карда наметавонад, дар натиҷа зарар мебинад. Аз ин ҷо таваккал рафтори

бошууронаи соҳибкор оиди ба даст овардани натиҷа буда, на хатар, на таҳдид, на худи ҳодиса ва на зиён мебошад. Дар сурати ҳамаи онро ба ҳисоб гирифтан зарурат ба истифодаи калимаи таваккал намемонад. Ба ақидаи мо вақте, ки мо дар бораи таваккал дар фаъолияти соҳибкорӣ сухан меронем, мо бояд ҳолатеро дар назар дошта бошем, ки дар он ҳеҷ гуна рафтори пешакии зидиҳуқуқии ноил шудан ба натиҷа, инчунин зарурияти оқибати манфӣ дар назар дошта нашудааст, балки эҳтимолияти ноил шудан ба натиҷа ба инобат гирифта мешавад. Бо дарназардошти гузориши зикршуда аломатҳои таснифшавандаи таваккали соҳибкорӣ инҳо дохил мешаванд:

1). Ҳамрадифи фаъолияти соҳибкорӣ будан;

2). Эҳтимолияти ноил шудан ба натиҷа;

3). Ба ҳисоб гирифтани эҳтимолияти ба вуҷуд омадани оқибати манфӣ.

Мувофиқи моддаи 1015кг таваккалӣ ба даст наовардани даромади дар назардошташуда аз фаъолияти соҳибкорӣ вобаста ба вайрон кардани уҳдадориҳои худ аз ҷониби рақибони соҳибкор, ё тағйир додани шарти он фаъолият вобаста ба ҳолатҳое, ки ба соҳибкорӣ алоқаманд намебошад, таваккали соҳибкорӣ эътироф карда мешавад. Чунин мафҳуми қонунии таваккали соҳибкор эҳтимол аст, ки пурра ва кифоя бошад, зеро истилоҳоти мазкур “ худ ба воситаи худ”маънидод карда мешавад.

Масъалаи таваккал аз тарафи олими барҷастаи соҳаи ҳуқуқи граждании замони Шӯравии тоҷик, профессор Ойгензихт В. А. мавриди таҳқиқи ҳамаҷониба қарор дода шуда буд. Ба ақидаи ӯ таваккал категорияи субъективӣ мебошад. Вай таваккалро ҳамчун муносибати рӯҳии субъект ба натиҷаи амали шахсӣ, ё ба рафтори шахсони дигар, инчунин ба натиҷаи эҳтимолии воқеии объективӣ ва амали тасодуфан ғайриимкон, аз ҷумла оқибати молумулкии ҷубронашаванда ва интихоби фаъолияти муайяне, ки ба натиҷаи дилхоҳ ноил нашуданро истисно наменамояд ва ҳангоми бошуурона роҳ додани натиҷаи тасодуфии амалишаванда ва ба ҳамин вобаста имкони бавуҷудоии оқибати манфӣ маънидод менамуд [4,67].

3. Аломати сеюми фаъолияти соҳибкорӣ мунтазам ба даст овардани фоида аз истифодаи молумулк, фурӯши мол, иҷрои кор ё расонидани хизмат мебошад. Қонунгузор дар мафҳуми расмии фаъолияти соҳибкорӣ пеш аз ҳама мақсади тиҷоратӣ, яъне гирифтани фоидаро дар мадди аввал мегузорад. Қайд кардан бамаврид аст , ки фоида категорияи иқтисодӣ мебошад. Фоида барои резидент фарқи байни даромади умумии ба дастовардаи андозсупоранда ва маблағҳои тарҳшавандае мебошад , ки Кодекси андоз пешбинӣ намудааст. Даромади умумӣ аз даромадҳо, подошпулиҳо ва манфиатҳои андозсупоранда дар шакли пулӣ ва моддӣ (ғайримоддӣ), аз ҷумла тамоми воридоте, ки боиси афзоиши дороиҳои софи андозсупоранда мегардад, ба истиснои воридоте, ки аз андоз аз фоида озод аст, иборат мебошад (моддаи 106-и Кодекси андоз). Аз даромади умумӣ тамоми хароҷоти тасдиқшудаи воқеан анҷомдодаи марбут ба давраи ҳисоботии бо гирифтани чунин даромад алоқаманд тибқи Кодекси андоз ва (ё) дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ пешбинӣ гардида, ки ба Кодекси андоз мухолифат намекунанд, тарҳ карда мешаванд. Аз ҷумла, хароҷоти тасдиқшудаи уҳдадориҳои андоз, музди меҳнат, хароҷоти сафарҳои хизматии кормандон дар доираи меъёрҳои муқарраршуда, хароҷоти тасдиқшудаи вобаста ба хариди ашёи хом, мавод, энергияи воқеан дар давраи андоз истифодашуда, инчунин даромади умумӣ аз ҷарима, пушаймона(пеня), ноустуворона таъиншуда ё эътирофшудаи вобаста ба гирифтани даромади умумӣ, ки бояд аз ҳисоби андозсупоранда пардохт шаванд (шудаанд), ба истиснои хароҷотҳое, ки дар моддаҳои 112, 153 ва дигар моддаҳои дахлдори Кодекси андоз пешбинишудае, ки тарҳ карда намешаванд (моддаи 111. Кодекси андоз),ҳисоб карда мешавад.

Маҳз ба даст овардани фоида вачҳи (мотиви) асосии барангезандаи соҳибкорӣ буда, дар акси ҳол ҳама гуна соҳибкорӣ моҳияти худро аз ибтидо гум мекунад. Пас ба даст овардани фоида мақсади асосии фаъолияти соҳибкорӣ мебошад. Аз лиҳози ҳуқуқӣ "фоида" натиҷаи ниҳоии фаъолияти соҳибкор мебошад. Дар баробари ба он ноил шудани соҳибкор мақсад ба натиҷа табдил меёбад. Ҳамин тавр «мақсад» ва «натиҷа»-и фаъолияти соҳибкорӣ бо вуҷуди бо ҳам алоқаманд буданашон ҳаммаъно нестанд. Мақсади асосии соҳибкор танҳо бо ноил шудан ба натиҷа амалӣ мегардад. Соҳибкор ба ғайр аз мақсади асосии ба даст овардани фоида мақсадҳои дигар низ дорад. Вале барои соҳибкор муайян намудани мақсади асосӣ муҳим буда, барои ноил шудан ба он ӯро лозим меояд, ки ба мақсадҳои дигари мобайнӣ, аз ҷумла соҳиб шудан ба молумулки алоҳида, андӯхтани сармояи иловагӣ бо мақсади васеъ намудани доираи фаъолияти ташкилот ва ғайра низ сайъ намояд. Мақсадҳои мобайнӣ ҳамчун зинаҳои ноил шудан ба натиҷаи ниҳоии фаъолияти соҳибкорӣ хизмат намуда, барои расидан ба он мусоидат менамоянд ва баръакс, мақсадҳои мобайнӣ ба шарофати ба даст даровардани фоида амалӣ мегарданд. Бояд гуфт, ки ба натиҷаи ниҳоии фаъолияти соҳибкорӣ, яъне ба даст овардани фоида ноил шуданро қ. 3 м. 1 КГ танҳо ба истифодаи молумулк, фурӯши мол, иҷрои кор ва расонидани хизмат вобаста дониста, истеҳсоли мол ба назар гирифта намешавад. Масъалаи мазкурро мавриди таҳлил қарор дода, мо қайд карда будем, ки пеш аз истифода кардан ё фурӯхтани мол онро истеҳсол намудан зарур аст. Зеро қоидаи мазкур озодии фаъолияти соҳибкориро маҳдуд гардонда, ба инкишофи соҳибкорӣ мусоидат намекунад. Ҳамзамон истеҳсоли мол гувоҳи дараҷаи самаранокии истеҳсолот буда, мутобиқан бо фурӯши мол мустақилияти нисбиро дорост. Барои ҳамин ҳам қайд карда будем, ки дар мафҳуми фаъолияти соҳибкорӣ мунтазам ба даст даровардани фоида аз истифодаи молу мулк, истеҳсол, фурӯши мол, иҷрои кор ва расонидани хизмат ифода карда шавад [5, 16]. Ақидаи мазкур минбаъд дар Қонуни ҶТ "Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 23 апрели соли 2002 ва ҳангоми дар таҳрири нав қабул намудани қонуни мазкур, аз 26 июли соли 2014 дар фарқият бо Кодекси граждани ифодаи худро ёфт. Тибқи қонуни мазкур мунтазам ба даст даровардани фоида на танҳо аз истифодаи молумулк, фурӯши мол, иҷрои кор ё расонидани хизмат, балки аз "истеҳсоли мол" низ ба даст оварда мешавад(моддаи 6).

4. Аломати чаҳоруми фаъолияти соҳибкорӣ ба сифати соҳибкор ба қайд гирифтани шахсонест, ки азми ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул шуданро доранд. Ин гуна шахсон (шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ) бояд дар мақомоти андоз ба қайд гирифта шаванд (м. 5. Қонуни ҶТ " Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ). Бақайдгирии давлатӣ аломати ифодакунандаи фаъолияти соҳибкорӣ набуда, балки шарти қонунан эътироф намудани он мебошад. Вале бояд қайд намоем тибқи "Қоидаҳои андозбандии соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолият менамоянд" ва бо Қарори Ҳукумати ҶТ аз 3 августи соли 2013 қабул карда шудааст, бар хилофи тартиби муқаррарнамудаи бақайдгирӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул шудани шахси воқеӣ боиси ҳамчун соҳибкори инфиродӣ эътироф накардани чунин шахси воқеӣ бо мақсади андозбандӣ асос шуда наметавонад. Дар чунин ҳолат суд метавонад, ки онро ҳамчун фаъолияти соҳибкорӣ эътироф намуда, нисбати он қонунгузории соҳибкориро татбиқ намояд. Дигар хел шуданаш ҳам мумкин нест. Вагарна нишондоди моддаи 259 Кодекси ҷиноятиро оиди соҳибкории ғайриқонунӣ, ки бидуни бақайдгирӣ, бе иҷозатнома машғул шудан бо намудҳои манъшудаи фаъолияти соҳибкорӣ амалӣ карда мешавад татбиқ намудан ғайриимкон мегардад. Дар баробари ҳамин барои ин ё он фаъолиятро ҳамчун соҳибкории ғайриқонунӣ эътироф намудан, бояд ҳамаи аломатҳое, ки дар қ.3. м. 1 Кодекси граждани ва қ.1 моддаи 8 Кодекси андоз нишон дода шудааст дар якҷоягӣ мавҷуд бошад.

Ҳамзамон бояд қайд намоем, ки дар адабиёти ҳуқуқшиносии ватанӣ оид ба дигар аломатҳои фаъолияти соҳибкорӣ, ки дар мафҳуми расмии фаъолияти соҳибкорӣ мавҷуд нест, ибрози ақида карда мешавад. Ба чунин аломатҳо касбият[6, 49], инчунин мунтазам ва доимӣ будани фаъолияти соҳибкориро[7, 32] дохил менамоянд.

Бояд зикр намоем, ки касбият на ҳама вақт аломати муайянкунандаи фаъолияти соҳибкорӣ мебошад агарчанде, ки бисёр намуди фаъолиятро, аз ҷумла тиббӣ, бонкдорӣ ва ғайраро танҳо дар асоси касбият амалӣ намудан имкон дорад. Ҳамзамон дар аксарияти ҳолатҳои дигар касбияти шахс на аз рӯи диплом, балки аз муваффақият дар бозор ва ноил шудан ба натиҷаи ниҳоии самаранок муайян карда мешавад. Тибқи Кодекси граждани ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ бо мақсади амалӣ намудани нишондоди оинномавии худ метавонанд ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул шаванд (қ.1 моддаи 50 КГ). Дар ҳолати мазкур оид ба касбияти соҳибкории ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ сухан рондан дар гумон аст. Бояд қайд намоем, ки мафҳуми “фаъолияти соҳибкорӣ” ва “фаъолияти касбӣ дар бозори коғазҳои қиматнок “ як чиз намебошад. Аз рӯи мазмун “фаъолияти касбӣ дар бозори коғазҳои қиматнок “ аз “фаъолияти соҳибкорӣ “ маҳдудтар аст. Зеро иштирокчии касбии бозори коғазҳои қиматнок тибқи Қонуни ҶТ “Дар бораи коғазҳои қиматнок” шахси ҳуқуқие шуда метавонад, ки дорои иҷозатнома барои амалӣ намудани як ё якчанд намудҳои фаъолияти касбӣ дар бозори коғазҳои қиматнок мебошад (м.1). Зиёда аз он дар чунин ҳолат беназокатона аст, агар тасдиқ намоем, ки аломати асосии фаъолияти касбӣ дар бозори коғазҳои қиматнок, он аст ки фаъолияти мазкур соҳибкорӣ мебошад [8,43].

Ҳамзамон қайд кардан ба маврид аст, ки агарчанде дар мафҳуми фаъолияти соҳибкорӣ оиди мунтазамӣ ва доимигии он сухан нарафта бошад ҳам, худи калимаи “фаъолият” шаҳодати он аст ки соҳибкорӣ ҷараёни мунтазам ва доимӣ буда, дар доираи вақти муайян амалӣ карда мешавад. Мунтазамии фаъолият дар ду ҷабҳа ифода меёбад. Аввалан, мунтазам ба даст овардани фоида аз истеҳсол, фурӯши мол, иҷрои кор ва расонидани хизмат. Сониян, мунтазам содир намудани амал (амалиёт). Новобаста аз ба ҳам алоқамандияшон ҳолатҳои зикршуда на аз рӯи ҳаҷм ва на аз рӯи мазмун ба ҳамдигар мутобиқат намекунанд. Зикр кардан бамаврид аст, ки мунтазамӣ ва доимӣ як чиз намебошанд. Мунтазамӣ якчанд маротиба такрор ёфтани ягон амалро дар назар дорад. Вай ягонагӣ, баҳамалоқамандӣ ва мақсади ягона доштани фаъолияти содиркардаро ифода меёбад. Чунин мақсад дар фаъолияти соҳибкорӣ ба даст Овардани фоида мебошад. Доимӣ бошад, дар дурудароз ё ҳатто дар доираи вақти мушаххаси номуайян содир намудани ин ё он амал ифода меёбад. Аз ин рӯ омехта намудани онҳо боиси нофаҳмиҳо мегардад. Ҳамзамон дар таҷриба чунин шуданаш мумкин аст, ки аз содир намудани амали мунтазам як маротиба фоидаи зиёд ба даст оварда мешавад ва баръакс, аз содир намудани амали алоҳида мунтазам фоида ба даст овард.

АДАБИЁТ

1. Золотухин А. В. Правовое обеспечение страхования предпринимателйских рисков в гражданском праве Республики Таджикистан. Автореферат дисс, д-ра юрид. наук. Душанбе, 2015.
2. Смит А. Исследовании о природе и причинах богатства народов. М, 1962.
3. Рахимов М. З. Правовые проблемы достижения конечного результата препринимательской деятельности. Душанбе, 1998,саҳ. ; Предпринимательский риск./ Материалы международной научно- теоретической конференций, посвященной памяти В. А. Ойгензихта. Душанбе, 2004.
4. Ойгензихт В. А. Проблемы риска в гражданском праве. Душанбе.: Ирфон, 1972. .
5. Шонасридинов Н. Гражданский кодекс Республики Таджикистан (Часть первая): анализ и проблемы // Матерыали международной научно- теоретической конференций посвященной памяти В. А. Ойгензихта. Коммерческое законодательства Республики Таджикистан: становление и развитие. Душанбе, 2004.

6. Шонасруддинов Н., Нодиров Ф.Ҳуқуқи соҳибкорӣ. Душанбе, 2009; Исмоилов Ш. М., Нодиров Ф. М. Ҳуқуқи қитисодӣ, Душанбе, 2010.
7. Белых В. С. Прававое регулирование предпринимательской деятельности в России. Москва, 2013.

ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ ВА АЛОМАТҲОИ ОН

Дар маколаи мазкур муаллиф баъзе масъалаҳои фаъолияти соҳибкорӣ ва аломатҳои онро баррасӣ намудааст. Агарчанде дар мафҳуми фаъолияти соҳибкорӣ оиди мунтазамӣ ва доимигии он сухан нарафта бошад ҳам, худи калимаи “фаъолият” шаҳодати он аст ки соҳибкорӣ ҷараёни мунтазам ва доимӣ буда, дар доираи вақти муайян амалӣ карда мешавад. Мунтазамии фаъолият дар ду ҷабҳа ифода меёбад. Аввалан, мунтазам ба даст овардани фоида аз истеҳсол, фурӯши мол, иҷрои кор ва расонидани хизмат. Сониян, мунтазам содир намудани амал (амалиёт). Новобаста аз ба ҳам алоқамандияшон ҳолатҳои зикршуда на аз рӯи ҳаҷм ва на аз рӯи мазмун ба ҳамдигар мутобиқат намекунанд. Зикр кардан бамаврид аст, ки мунтазамӣ ва доимӣ як чиз намебошанд. Мунтазамӣ якчанд маротиба такрор ёфтани ягон амалро дар назар дорад. Вай ягонагӣ, баҳамалоқамандӣ ва мақсади ягона доштани фаъолияти содиркардаро ифода меёбад. Чунин мақсад дар фаъолияти соҳибкорӣ ба даст Овардани фоида мебошад.

Калидвожаҳо: фаъолияти соҳибкорӣ, мунтазамӣ, фоида, зарар, соҳибкор, фаъолият, аломат.

ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСКАЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ И ЕЕ ПРИЗНАКИ

В этой статье автор рассматривает некоторые вопросы предпринимательства и его особенности. Хотя это не относится к регулярности или стабильности предпринимательской деятельности, само слово «деятельность» указывает на то, что предпринимательство является непрерывным процессом и осуществляется в течение определенного периода времени. Регулярная активность выражается в двух направлениях. Во-первых, регулярное получение прибыли от производства, реализации товаров, выполнения работ и оказания услуг. Во-вторых, регулярные действия. Несмотря на их взаимосвязь, вышеупомянутые ситуации не являются ни согласованными ни по размеру, ни по контексту. Важно помнить, что регулярность и последовательность не совпадают. Регулярность предполагает повторные действия. Это обозначает единство, взаимозависимость и единственную цель незаконной деятельности. Цель состоит в том, чтобы заниматься бизнесом или заработать деньги.

Ключевые слова: предпринимательская деятельность, закономерность, прибыль, убыток, предприниматель, деятельность, характер.

BUSINESS ACTIVITY AND ITS FEATURES

In this article, the author examines some issues of entrepreneurship and its features. Although this does not refer to the regularity or stability of business activity, the word "activity" itself indicates that business is a continuous process and is carried out over a period of time. Regular activity is expressed in two ways. First, regular profit from the production, sale of goods, performance of works and provision of services. Second, regular actions. Despite their relationship, the above situations are neither consistent in size nor context. It is important to remember that regularity and consistency do not match. Regularity involves repeated actions. This denotes unity, interdependence, and the sole purpose of illegal activity. The goal is to do business or earn money.

Keywords: business activity, regularity, profit, loss, entrepreneur, activity, character.

Сведения об авторе: ***Аззизода Кудратулло Шерали*** – магистр второго курса факультета мировой экономики Таджикского национального университета

Information about the author: ***Azizzoda Kudratullo Sherali*** - second-year graduate student of the faculty of world economy of the Tajik National University

ОМИЛҲОИ АСОСИИ МУСОИДАТКУНАНДАИ СИЁСАТИ АНДОЗИЮ-БУҶЕТИИ ДАВЛАТӢ ДАР ШАРОИТИ ИҚТИСОДИЁТИ ГУЗАРИШ

Давлатшоев О.Ҳ. Мирзозода Д.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Сиёсати андозии давлатӣ зери таъсири муҳити мавҷудаи берунӣ ташаккул ва амалӣ қарор гирифта, дар заминаи он мавқеи мамлакат дар арсаи байналмиллалӣ, сохтор ва таркиби соҳавии иқтисодиёти миллӣ, шароити рақобатпазирӣ ва ҷараёнҳои инфилятсионӣ баҳогузорӣ карда мешаванд.

Ташаккули сиёсати андозии Ҷумҳурии Тоҷикистон таърихан дар асоси чунин муқаррарот ташаккул ва инкишоф ёфта истодааст:

1) ба сифати намунаи пурсамар низоми андозии давлатҳои мутараққӣ баромад менамуданд;

2) дар рафти азхудкунии таҷрибаи хориҷӣ низоми амалкунандаи дохили андозӣ метавонад самаранок арзёбӣ гардад;

3) натиҷаи ниҳоӣ ва мақсади олии ташаккули низоми андози ба ислоҳот ва қабули кодекси андоз оварда расонид.

Новобаста аз он ки дар низоми андози Тоҷикистон 3 маротиба ислоҳот гузаронида шуд ва ҳоло марҳалаи ислоҳоти охир то ба соли 2017 давом дорад, масъалаи мукаммалии он зери баҳсу мунозира қарор дорад. Бояд аз ду нуқтаи назар барои ҳалли ин масъала амал намуд.

Якум, мукаммалгардонии маъмурикунонии андоз ва таъмини шаффофияти он бо роҳи ҷорӣ намудани низоми ягонаи электронӣ, ки ҳоло дар ҷумҳурӣ давом дорад;

Дуюм, таъмини интизоми андозсупорӣ бо роҳи диверсификатсиякунонии базаи андозҳо бо таҳлили амиқ ва дастгирии соҳаҳои афзалиятноки кишвар.

Ба мазмуни дигар афзун гардонидани вазифаи ҳавасмандкунии андоз ва ташкили низоми устуворӣ ба рушди соҳаҳои афзалиятноки мусоидаткунанда аз вазифаҳои муҳими сиёсати андозӣ ба ҳисоб меравад.

Марказонидашудаи ваколатҳо дар соҳаи андозбандӣ дар сатҳи давлатӣ мустақилияти мақомотҳои ҳокимияти давлатиро дар самти мутамарказии захираҳо маҳдуд сохта, ҳамзамон иҷрои функсияҳои асосии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатиро мушкилтар месозад. Ҳамин тариқ, сиёсати минтақавии андозӣ инъикосгари фаъолияти системавии мақомотҳои давлатиро, ки ба: муаяйнкунии таркиби унсурҳои андозӣ дар доираи амалисозии ваколатҳои худ, таъмини ҳамоҳанги миёни иштирокчиёни муносибатҳои андозӣ, коркард ва қабули қонунгузории давлатӣ дар соҳаи андоз дар назар дорад. Вазифаҳои асосии сиёсати андози давлатӣ чунин муқаррарот ба ҳисоб мераванд:

- таносуби оптималии функсияи фискалӣ ва танзимии андозҳо (дар доираи ваколатҳои мақомотҳои марказии ҳокимияти давлатӣ);
- беҳсозии механизмҳои ҳавасмандсозии фаъолияти хоҷагидорӣ, ки ба васеъгардии базаҳои андозӣ оварда мерасонанд;
- истифодаи оқилонаи имкониятиҳои қонунгузории амалкунанда доир ба ҷамъоварии андоз ба хотири ба таври максималӣ афзоиш додани потенсиали андозии давлатӣ.

Дар шароити муосири иқтисодӣ масоили ташаккули сиёсати босамари андозӣ, ки таъмини устувории молиявӣ, иқтидори иқтисодӣ ва фазои сармоягузорӣ равона гардидааст нисбатан муҳим арзёбӣ мегардад.

Сиёсати андози аз нуқтаи назари иқтисодӣ асоснокгардида пайгирии мақсади муносиб гардонидани воситаҳои пули марказиро тавассути низоми андоз дар назар дорад. Ҳаракатҳои асосие, ки гузаронидани сиёсати андозро асоснок мекунанд:

1) раддабандӣ намудани мақсадҳои асосии сиёсати андоз, ки аз мақсадҳои тараққиёти сиёсати иҷтимоиву иқтисодии давлат бармеоянд;

2) коркарди восита ва усулҳо ва ҳамчунин шаклҳои ташкилии махсусе, ки тавассути онҳо амалисозии мақсадҳои мазкур амалӣ мегарданд;

3) амалисозии бечунучарои мақсадҳои мазкур.

Тавассути ташаккули сиёсати андози давлатӣ системаи андози минтақаи муайн созмон дода шуда, дар баробари он механизмҳои идоракунии он низ муаяйн карда мешаванд. Дар ниҳояти кор зарурати ворид намудани тағйироту иловаҳо ба сиёсати амалкунандаи андоз ва ё таҳияи сиёсати нави давлатӣ ба миён меояд.

Мумкин аст, ки ду марҳилаи сиёсати минтақавии андозро ҷудо намуд.

Ташаккул ва амалисозии сиёсати минтақавии андоз бевосита бо сиёсати давлатии андоз пайваст буда, инкишофи он бошад дар доираи бартариатҳои муаяйнамудаи давлат дар бахши иҷтимоиву иқтисодӣ таъмин мегардад.

Сохтори воридоти андоз таъсири асосиро ба дурнамои ҷамъоварии андозҳо дар минтақа мерасонад, яъне ҳар қадаре сохтори воридоти андоз гуногунранг бошад чӣ дар сатҳи соҳаҳо ва чӣ аз рӯи намудҳои асосии андозҳо ҳамон қадар воридоти андоз устувортару қавитар мегарданд.

Иқтидори андоз таъсири нисбатан волотарро ба тамоми нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоиву иқтисодии минтақа мерасонад. Аз ҷумла барои тақвияти ҳиссаи даромадҳои буҷетӣ ва боло бардоштани мустақилияти молиявӣ ва инчунин барои созмон додани низоми боэътимодӣ андоз.

Азбаски нишондиҳандаҳои иқтидори андоз, сарбории андоз ва ҷамъоварии андозҳо параметрҳои асосии сиёсати минтақавии андозҳо ба шумор мераванд, пас таҳлили онҳо саривақтӣ ва актуалӣ ба шумор меравад.

Дар раванди ташаккул ва арзёбии иқтидори андоз имконияти маънидокунии он ҳам ба таври васеъ ва ҳам ба таври маҳдуд мавҷуд аст. Ба таври васеъ «иқтидори андоз» ифодакунандаи маҷмуи захираҳое, ки мавриди андозбандӣ қарор мегиранд дар назар дошта мешавад. Дар маънои маҳдуд бошад «иқтидори андоз» маблағҳои ба таври максималӣ воридшавии андозҳо ва пардохтҳо мутобиқ ба қонунгузории амалкунанда мебошад.

Актуалӣ будани мафҳуми иқтидори андоз дар он зоҳир мегардад, ки он ба сифати воситаи сифати маъмурикунонии андоз ва ҳам ба сифати бунёди модели самараноки сиёсати андози давлатӣ баромад мекунад. Чанд гурӯҳи омилҳои асосии таъсиррасон ба иқтидори андоз вуҷуд доранд:

Гурӯҳи авали омилҳо зарурати ба инобат гирифтани хусусияти рушди минтақаро дар назар дошта, сиёсати андоз дар ин сатҳ бояд ба дастгирӣ ва рушди соҳаҳои алоҳидаи хоҷагии халқ равона карда шавад.

Гурӯҳи дуюми омилҳо бошанд ваколатҳои сохторҳои давлатии дар соҳаи андоз фаъолиятдошатро дар назар доранд.

Гурӯҳи сеюми омилҳо бошанд ҳавасмандии ҷолибии сармоягузори минтақаро дар назар доранд.

Нишондиҳандаи дигаре, ки самаранокии сиёсати андозро муаяйн мекунад, ин сарбории андозӣ мебошад. Маъмулан якчанд самтҳои асосии истифодаи нишондиҳандаи сарбории андозиро ҷудо менамоянд:

1) барои дурнамосозии даромадҳои буҷети минтақавӣ;

2) барои коркарди консепсияи сиёсати андоз;

3) барои баҳогузории вобастагии бузургии иқтидори андоз аз тағийрёбии муқаррароти сиёсати андоз.

Нишондиҳандаи саввуми инъикоскунандаи сифати андозҳо - ин сатҳи ҷамоварии андозҳо дар минтақа ба ҳисоб меравад. Ҳар қадаре ки ҷамъоварии андозҳо баланд бошад, ҳамон қадар функсияиҳои асосии худро низоми андози

давлат хубтар иҷро мекунад. Чораҳое, ки баҳри баланбардоштани ҷамоварии андозҳо равона гардидаанд, ба таҳкими низоми буҷету андоз мусоидат намуда, ҳар гуна таҳдидро дар бахшҳои мазкур аз байн мебаранд.

Мақсади Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ин аз аввал ҷори намудани андозбандии мувофиқ ва муътадил мебошад. То қабули кодекси андоз қариб 40-намуди андозҳо ҷой доштанд. Таҷриба нишон дод, ки мавҷуд будани ин номгуи андозҳо хело ҳам зиёд ба ҳисоб рафтанд, ки ин ба ҳолати иқтисодии субъектҳои хоҷагидорӣ, балки ба иқтисоди миллӣ таъсир мерасонад. Дар ин давра шумораи андозҳо аз 40 то ба 10 намуд кам шудааст. Аз соли 2013 сар карда, 10 намуди андоз ҷорӣ карда шудааст, ки он ба инкишофи иқтисоди миллӣ мусоидат намуд.

Расми 1.

Чорабиниҳои асосии ба таҳкими сиёсати андозию - буҷетӣ мусодаткунанда



То ҳол қариб 70% таркиби буҷети ҷумҳуриро пардохтҳои андозӣ ташкил медиҳад. Дар соли 2017 қариб 71% даромади воридоти буҷетро пардохти андоз ташкил карда буд. Ба ғайр аз ин зарур аст, ки аҳамияти аввалиндараҷа ба шароитҳои муаяйни минтақа, мавқеи ҷойгиршавӣ, самтгирии рушди минтақа, истифодаи усулҳои банақшагирӣ ва ояндабинии консепсияи сиёсати андоз дода шавад.

Дар рафти ташаккули сиёсати андоз мақомотҳои ҳокимияти давлатӣ бо як қатор муаммоҳо рӯ ба рӯ мегарданд. Ба монанди маҳдуд будани воситаҳои сиёсати андоз, масоили муаяйн намудани категорияҳои андозсупорандагон вобаста ба фаъолияти иқтисодии эшон баромад мекунад.

Ҳамин тариқ, тамоюли асосӣ ин афзоиш ёфтани даромадҳои андоз дар қисми даромади буҷети давлатӣ ба туфайли афзоиши майдони андозҳо арзёбӣ мегардад, ки дар ин радиф сиёсати андоз бояд ба самти такмилдиҳии низоми андозӣ дар қаринаи таъмини рушди устувори иқтисодӣ андешида шавад. Он бояд ҳавасмандии фаъолияти соҳибкориро дар соҳаҳои бартаридоштаи иқтисоди миллӣ тавассути пешниҳоди имтиёзҳо, сабукиҳо ва таътилҳои андозӣ пешбинӣ намояд.

АДАБИЁТ

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии ҶТ 23 декабри соли 2016. Газетаи «Ҷумҳурият»-2016. №2/1.
2. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон. Таҳрири 14.11.2016.
3. Бушинская Т. В. Региональная налоговая политика и особенности ее реализации: на примере Тульской области: дис. канд. эконом. наук / Т. В. Бушинская. – М., 2009. – С. 10.
4. Бобоев М Р., Мирпочоев Д.А Сущность и функции современной налоговой системы России // Экономика Таджикистана: стратегия развития Душанбе: ПИО НПИ, № 3, 2006 -[0,8п.л/0,4 п л.]
5. Бобоев М.Р., Мирпочоев Д А Совершенствование налоговой системы Таджикистана // Налоговая политика и практика - М Изд-во Экономико-правовой литературы, 2006, № 9 - [0,4пл./0,2пл]

6. Улугходжаева Х.Р. Налоговая политика в условиях обеспечения экономического роста. - Душанбе: «Ирфон», 2013. - 175с.
7. Налоговое регулирование предпринимательской деятельности. - Душанбе: «Ирфон»,2013. - 176 с.
8. Шомуродов Ф. Основы национальной налоговой системы Республики Таджикистан: Учебник для вузов. – первое издание. - Душанбе. «ЭР-граф», 2006. - 272с.
9. Юрзинова И. Л. Влияние налоговой политики на экономическое развитие регионов: дис. канд. эконом. наук / И. Л. Юрзинова. – М., 2004. – С. 28.

ОМИЛҲОИ АСОСИИ МУСОИДАТКУНАНДАИ СИЁСАТИ АНДОЗИЮ-БУҶЕТИИ ДАВЛАТӢ ДАР ШАРОИТИ ИҚТИСОДИЁТИ ГУЗАРИШ

Дар мақола тамоюлҳои ташаккул ва амалӣ шудани равандҳои сиёсати андози давлатӣ зери таъсири муҳити мавҷудаи берунӣ мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор гирифта, дар заминаи он мавқеи мамлакат дар арсаи байналмиллалӣ, сохтор ва таркибии соҳавии иқтисодиёти миллӣ, шароити рақобатпазирӣ ва ҷараёнҳои инфлятсионӣ баҳогузорӣ карда шудааст. Феълан шарти муҳими амалисозии стратегияи иҷтимоиву иқтисодӣ чӣ дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ва чӣ минтақавӣ ин татбиқи сиёсати босамари анзодию-буҷетӣ ба шумор меравад. Вобаста ба ин зарурати ташаккул ва такмили низоми муосири андозию буҷетӣ роҷеъ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста аз як қатор омилҳо сарчашма мегирад, ки пеш аз ҳама бо ташаккули низоми стратегии идоракунии давлатӣ дар сатҳи минтақаҳо ва таҳияи барномаҳои мақсадкноки миллӣ асос ёфта, заруратро ҷиҳати маънидодкунӣ ва асосноккунии сиёсати андозию буҷетӣ бодарназардошти амалисозии ҳадафҳои стретегии рушди иҷтимоиву иқтисодӣ ба миён меоварад. Иброзии ақида шудааст, ки ташаккули сиёсати андозии Ҷумҳурии Тоҷикистон таърихан дар асоси ба сифати намунаи пурсамар интихоб кардани низоми андозии давлатҳои мутараққӣ, азхудкунии таҷрибаи хориҷӣ ва гузаронидани якчанд ислоҳотҳо инкишоф ёфта, низоми амалкунандаи андозӣ баъд аз қабули Кодекси андоз самаранок арзёбӣ гардида, сол аз сол ташаккул ва инкишоф ёфта истодааст.

Калидвожаҳо: андоз, иқтисодиёти бозаргонӣ, сиёсати андоз, сиёсати андозию бучетӣ, ҳавасмандкунии андоз, маъмурикунонии андоз.

ОСНОВНЫЕ СПОСОБСТВУЮЩИЕ ФАКТОРЫ ГОСУДВРСТВЕННОЙ НАЛОГОВО-БЮДЖЕТНОЙ ПОЛИТИКИ В УСЛОВИЯХ ПЕРЕХОДА ЭКОНОМИКИ

Статья посвящена изучению и анализу тенденций формирования и реализации налоговой политики государства под воздействием внешней среды, на основании чего дана оценка положению страны на международной арене, отраслевой структуре национальной экономики, инфляционным колебаниям и конкурентоспособности страны. В настоящее время важным аспектом реализации социально-экономической политики как на республиканском, так и на местном уровнях считается эффективная реализация налогово-бюджетная политика государства. В связи с этим появляется необходимость модернизации действующей налогово-бюджетной системы в Республики Таджикистане, что обусловлено рядом факторов, прежде всего формированием системы стратегического государственного управления на местном уровне и разработкой целевых национальных программ, а также проведением налогово-бюджетной политики с учетом реализации стратегических целей социально-экономического развития страны. Выражено мнение касательно того, что действующая налоговая политика в Таджикистане исторически основана на изучении зарубежного опыта, выборе эффективной модели налоговой системы развитых стран, а также проведении нескольких реформ в этой сфере, что привело к положительному результату - к принятию налогового Кодекса в Таджикистане и проведению эффективной налоговой политики, которая совершенствуется ежегодно.

Ключевые слова: бюджет, рыночная экономика, налоговая политика, налогово-бюджетная политика, налоговые льготы, налоговое администрирование.

MAIN FAVORABLE FACTORS OF THE STATE TAX AND BUDGET POLICY IN THE CONDITIONS OF ECONOMIC TRANSITION

The article deal with a studying and the analysis of trends of formation and realization of tax policy of the state under the influence of the external environment on the basis of which is given an assessment to the position of the country on the international scene, industry structure of national economy, inflationary fluctuations and competitiveness of the country. Currently, the important aspect of the realization of social and economic policies both on republican and on local levels is considered the effective and efficient realization of tax and budgetary policy of the state. In this regard, there is need of modernization of the operating tax and budgetary systems in Tajikistan that is caused by a number of factors, the first of which is the formation of a system of strategic public administration at the local levels and development of target national programs and also carrying out tax and budgetary policy taking into account the realization of strategic objectives of social and economic development of the country. Also expressed an opinion that the operating tax policy in Tajikistan is historically based on studying foreign experience, the choice of effective

model of a tax system of the developed countries and also carrying out several reforms in this sphere that resulted into the adoption of the Tax Code in Tajikistan and carrying out effective tax policy which is improved every year.
Keywords: budgetary, market economy, tax policy, tax and budgetary policy, tax benefits, tax administration.

Сведения об авторах: ***Давлатшоев О.Х.*** - к.э.н. доцент кафедры финансового менеджмента ***Мирзозода Д.М.*** - магистр 2-го курса специальности 25010400 финансы и кредит**. dilrabo_m@inbox.ru**.

Information about the authors: ***Davlatshoev O.H.*** - candidate of Economic Sciences, Associate Professor of Financial Management department. ***Mirzozoda D.M.*** – the 2nd coursgraduate student of the specialty finance & credit (25010400) **dilrabom@inbox.ru**.

ТАМОЮЛҲОИ МУОСИР ВА ОҚИБАТҲОИ ИКТИСОДИИ МУҲОҶИРАТИ МЕҲНАТӢ

Саидмуродов Д.А.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Проблемаи муҳоҷирати байналхалқии қувваи корӣ, оқибатҳои иқтисодии он ба таври гуногун аз тарафи намояндагони самтҳои гуногуни афкори иқтисодӣ таҳлил карда мешаванд. Дар доираи модели рушди иқтисодӣ муҳоҷирати байналхалқии қувваи корӣ чун яке аз омилҳои истеҳсолот таҳлил карда мешавад, ки ба суръати рушди иқтисодӣ таъсир мекунад ва сабаби он фарқиятҳои байнисоҳавӣ дар дараҷаи музди кор мебошад. Тибқи назарияи неоклассикӣ, ҳар як корманд маҳсули ниҳоии меҳнати худро мегирад ва бинобар ин муҳоҷират ба болоравии некуаҳволии мамлакати воридкунанда меоварад. Дар ин ҳолат шароити иқтисодии тараққиёти давлате, ки аз он муҳоҷирати қувваи корӣ сурат мегирад бад нагардида, мисли пештара боқӣ мемонад.

Назарияи неокейнсионӣ имконияти бадшавии вазъи иқтисодии мамлакати содиркунандаи қувваи корӣ, хусусан агар кормандони соҳибмаълумот муҳоҷир шаванд, эътироф мекунад. Дар робита бо ин идеяи ҷорӣ кардани андоз ба «ҳиҷрати ақлонӣ» мавриди муҳокимаи васеъ қарор дода шуд, ки даромадҳо аз ҳисоби он ба ихтиёри СММ барои истифодабарӣ ба эҳтиёҷоти инкишоф гузошта шавад. Дар солҳои охир ҳангоми таҳлили муҳоҷират ҳамон чиз ба эътибор гирифта мешавад, ки нерӯи шункардашудаи инсонӣ заминаи муҳими инкишофи иқтисодиро ташкил мекунад. Дар доираи ин самт муҳоҷирати байналхалқӣ чун яке аз сабабҳои муайянкунандаи тафовут дар суръати рушди иқтисодии байни мамлакатҳо баромад мекунад.

Дар раванди муҳоҷирати захираҳои меҳнатӣ ба хорича моли хислати махсусдошта – қувваи корӣ мегузарад. Бар хилофи дигар молҳо қувваи корӣ омили истеҳсоли ҳамаи молҳо мебошад. Мамлакати содиркунандаи қувваи корӣ, одатан ҳаққи муайянро барои чунин содирот дар намуди интиқоли қисми даромадҳои эмигратҳо ба мамлакати худ мегирад. Дар шароити барзиёдии нисбии захираҳои меҳнатӣ дар аксаримамлакатҳо содироти қувваи корӣ ба кам кардани бекорӣ имконият дода, воридшавии даромадҳоро аз хорича таъмин мекунад. Аз тарафи дигар бошад, аз мамлакат рафтани қувваи кории баландихтисос иқтидори технологии мамлакатҳои содиркунандаи он, сатҳи илмӣ ва фарҳангии онҳоро паст мегардонад.

Чор манбаи мустақими даромадҳои асъорӣ аз содироти қувваи корӣ вуҷуд дорад: 1) андозҳо аз фоидаи фирмаҳои миёнарав; 2) интиқоли бевоситаи асъорҳо аз тарафи муҳоҷирон ба ватани худ; 3) инвеститсияи шахсии маблағҳои муҳоҷирон ба иқтисодиёти миллӣ (харидани коғазҳои қимматнок, молҳои ғайриманқул, замин); 4) сармояҳо аз мамлакатҳои воридкунандаи қувваи корӣ, ки ба такрористеҳсоли захираҳои меҳнатӣ, соҳаи иҷтимоиёт истифода карда мешавад [4].

Муҳоҷирати қувваи корӣ имконияти баланд бардоштани сифати касбии кормандонро медиҳад, ки баъди баргаштан ба ватан тайёранд чун ташкилотчии истеҳсолот фаълият намоянд ва метавонанд малакаи касбии гирфтаи худро ба дигарон ом.зонанд. Аз ин сармояи беҳамто, дар заминаи барои реэмигрантҳо ба вуҷуд овардани шароити мусоидаткунандаи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ахлоқӣ ва ҳатто сиёсӣ ҳаматарафа бояд истифода кард. Фоидаро аз содироти қувваи корӣ на фақат иқтисодиёт умуман, балки буҷети мамлакати содиркунандаи он мегирад. Ин, пеш аз ҳама андозҳо аз фирмаҳои миёнаравӣ ба кор таъминкунанда мебошад. Ба щайр аз ин дар баъзе мамлакатҳо эмигрантҳо ба буҷет, дар намуди андозҳо, агар ин дар қонун ё ки дар созишномаи байниҳукуматӣ пешбини шуда бошад, пардохтҳои мустақим мекунанд.

Муҳоҷирати байналхалқии қувваи корӣ бо сабабҳои иқтисодӣ ҳама вақт аз мамлакати музди кори пастдошта ба мамлакати музди кори баланддошта нигаронида шудааст. Инсон барои музди баланди кор ба хорича рафта, пеш аз ҳама метавонад раванди ибтидоии такрористеҳсолро барқарор намояд, малакаи нави истеҳсолиро соҳиб шавад, техника, аз ҷумла, таъиноти истеҳсолидоштаро харид намояд. Маҷрои доимии рафтаистодагон ва омадаистодагон имконияти ҷалби ҳаматарафаи қувваи кориро ба воситаи бозорҳои хориции меҳнат дода метавонад.

Муҳоҷират – раванди дар инкишофёбӣ қарордошта мебошад, ки ба он ҳам омилҳои дохилӣ ва ҳам берунӣ таъсир мекунанд.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ гувоҳи он аст, ки муҳоҷирати меҳнатӣ бартариятҳои бечунучароро ҳам ба мамлакатҳои қабулкунанда ва ҳам интиқолдиҳандаи қувваи корӣ таъмин мекунад. Вале вай қобилияти ба миён овардани проблемаҳои муҳими иҷтимоию иқтисодиро дорад.

Пеш аз ҳама бояд дар назар дошт, ки равандҳои муҳоҷирати меҳнатӣ ба пастшавии шароити бекорӣ, барои мамлакати содиркунандаи қувваи корӣ, пайдо шудани манбаи иловагии даромади асъорӣ дар шакли даромадҳо аз муҳоҷирон ва инчунин аз тарафи онҳо гирифтани донишҳо ва таҷрибаи кориро имконпазир мегардонад. Баъди баргаштан ба ватан онҳ, одатан, қатори синфи миёнаҳолро пур карда, маблащҳои коркардаи худро барои ташкил кардани истеҳсолоти хусусӣ ва ҷойҳои иловагии корӣ мегузоранд.

Ба оқибатҳои манфии муҳоҷирати меҳнатӣ, тамоилҳои афзоиши истеъмоли маблағҳои дар хорича коркардашуда, хоҳиши пинҳон кардани даромадҳои гирифташуда, «ҳиҷрати ақлонӣ» ва баъзан пастшавии тахассуси муҳоҷирон вадигарҳо дохил мешавад.

Барои безарар гардонидани оқибатҳои манфӣ ва тақвият бахшидани самараи мусбӣ, ки мамлакат дар натиҷаи муҳоҷирати меҳнатӣ мегирад, воситаҳои сиёсати давлатӣ истифода карда мешавад. Хатогиҳо дар интихоби ориентирҳои сиёсати муҳоҷират барои ба миён омадан, афзоиш ва минбаъд фаъолнокии иҷтимоии муҳоҷирони баргашта меоварад. Дар ин соҳа ғайрисамаранокии чораҳои қатъӣ, директивӣ амиқ аст ва зарурияти таъсири ғайримустақим, ҳамоҳангзозӣ аз тарафи давлат ва ҳукумат зарур мебошад [3].

Робитаҳои иқтисодие, ки дар байни давлатҳо вобаста ба муҳоҷирати қувваи корӣ барқарор мегардад, афзоиши табодули молҳо ва зиёдшавии ҳаракати сармояҳо, инчунин интиқоли маблағҳои пулии иммигрантҳоро ба ватани худ таъмин мекунад. Бо баробари ин зиёдшавии пардохти субсидияҳо ва ҷубронҳоро дар мамлакати содиркунандаи қувваи корӣ имконпазир мегардонад.

Ду масъалаи муҳиме, ки муҳоҷирони меҳнатии моро осебпазир мегардонад, бояд қайд намуд. Аввалан, муҳоҷирони меҳнатии ихтисосашон паст ё тамоман беихтисос маҷбуранд, ки дар бахши ғайрирасмӣ кор кунанд, зеро сатҳи салоҳиятҳои онҳо (пеш аз ҳама таҳсилот ва тахассус) барои бозори меҳнати расмӣ ҷавобгӯ нест. Онҳо амалан барои ҳама гуна шарти корӣ ва зист розӣ мешаванд. Ҳангоми қабулшавӣ ба кор ба шартномаи шифоҳӣ ҳам ризоят дода, дар натиҷа бисёр вақт

гирифтори фиреб мешаванд. Дуюм, муҳоҷирони меҳнатӣ дар бораи тартиби қонунии вуруд, зист ва қабул шудан ба кор аксар вақт огоҳ нестанд. Оқибати манфии чунин муносибат боиси беэҳтиётӣ нисбат бақонун аз ҷониби муҳоҷирони тоҷик мегардад. Бисёр вақт онҳо ҳуҷҷатҳои худро ба таври зарурӣ ё саривақт аз қайд намегузаронад, ба умеди он ки, ҳангоми зарурат пора дода, шиносҳоро истифода намуда ё бо қоидаҳои институтҳои ғайрирасмӣ кор карда халос мешаванд. Сатҳи пасти маълумот ва донишҳои ҳуқуқӣ муҳоҷирони тоҷикро ба ҳуқуқвайронкунӣ меорад, ки дар натиҷа аз кишвар депортатсия карда мешаванд.

Яке аз мушкилоти дигаре, ки бояд дар Тоҷикистон ҳалли худро ёбад ин сертификатсиякунонии малакаҳое, ки дар натиҷаи таҳсилоти ғайрирасмии муҳоҷирон дар давоми кор дар хориҷа гирифта шудаанд. Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон айни замон ба таври пилотӣ расмӣ кардани малакаҳоро ба роҳ мондааст. Мо бовар дорем, ки истифодаи таҷрибаи чунин барномаи пилотӣ, ки аз тарафи марказҳои машвараті ва омӯзиши муҳоҷирони меҳнатӣ пеш аз ба хориҷа рафтан дар назди Ҳадамоти муҳоҷират инчунин, метавонистанд мисли маркази таълими калонсолон, мунтазам сертификатсиякунонии малакаҳои ба ватан баргаштани муҳоҷиронро ба роҳ монанд.

Муҳоҷирати меҳнатии беруна дар охир метавонад боиси суръатбахшии рушд гардад, ки метавонад имконияти воқеиро барои пешгирии камбизоатӣ, баланд бардоштани шуғлнокии насли имрӯза ва ояндаи кишвар ва ҷойи намоёнро гирифтани Тоҷикистон дар ҷомеаи ҷаҳонӣ. Ҷалби диаспораҳо ба ин мавзӯъ мутобиқат карда, нақши катализатори равандҳои амалкунанда ва пешниҳоди имкониятҳои баҳснопазир, ки сиёсати макроиқтисодии таҳлилшуда, ки дар Стратегияи миллии рушд омадааст, дохил мешавад.

Яке аз омилҳое, ки муҳоҷирони баргаштаро барои таъсис ва густариши тиҷорати худ монеа мешаванд, ин набудани сармояи ибтидоӣ ва мушкилоти гирифтани қарзҳои имтиёзнок мебошад. Дар Тоҷикистон амалан фондҳои кафолатӣ вуҷуд надорад, ки метавонанд хатарҳои баргардонидани муассисаҳои молиявиро маблағгузорӣ кунанд.

Муҳоҷирон метавонанд ҳамчун роҳбаладони тағйиротҳо дар соҳаҳои иқтисодӣ, технологӣ ва иҷтимоӣ амал кунанд. Муҳоҷирон қобилияти тахассусии кофии баланд доранд ва онҳо метавонанд ташкилкунандагони раванди меҳнат шуда, малакаҳои дар хориҷа ба даст овардаашонро ба дигарон, ки метавонад дар аз байн бурдани фарқиятҳо дар сатҳи тахассусии аҳолии давлатҳои нисбатан рушдёфта ва камтар рушдёфта расонанд. Ин малакаҳо ва ғояҳои нав метавонанд ба кишварҳое, ки соҳибони муҳоҷирони меҳнатӣ мебошанд, дар ҳолате, ки шароит барои истифодаи чунин малакаҳо аст таъсири мусбӣ дошта бошанд.

Ҳузури муваққатии мутахассисони баландихтисос («гардиши мағзҳо»), ба монанди муаллимон, кормандони тиб, муҳандисон, олимон ва мутахассисони дигар метавонанд барои рушди маориф ва ташаккули умумии сармояи инсонӣ воситаҳои зарурӣ ва ҳавасмандиро таъмин намоянд [4].

Яке аз мушкилоти асосии муҳоҷирони меҳнатии баргашта он аст, ки онҳо ҳамчун бекорон дар хадамотҳои шуғли аҳолӣ ба қайдгирӣ ва ё номнавис намешаванд, ҳатто ҳангоми кор наёфтан низ. Сабабҳои асосиро, ки посухдиҳандагон бо хадамоти шуғл ба қайд нагирифтаанд, набудани иттилоот дар бораи хадамоти шуғл, инчунин дар бораи он, ки дар он ҷо ҷойҳои кории камдаромад пешниҳод карда мешаванд. Бисёре аз муҳоҷирони меҳнатӣ кӯмакпулӣ гирифта наметавонанд, чунки онҳо дар Агентии шуғли аҳолӣ ва Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қайд монда нашудаанд [7].

Таҷрибаҳои нисбатан бештари муваффақонаи байналхалқӣ барои мусоидат ба муҳоҷирати меҳнатӣ ба ҳеҷкас пӯшида нестанд: реинтегратсияи муваффақонаи муҳоҷирон имконпазир аст, танҳо агар бо камшудани миқёси он ва бартарафкунии минбаъдаи коррупсионӣ, фароҳам овардани шароит барои либерализатсия кунонии

бозор дар кишвар ва таҳияи қарзҳои махсуси имтиёзнок, барномаҳои андоз ва қарзҳо барои муҳоҷирони баргашта, ки мехоҳанд малакаҳо ва маҳоратҳои худро дар рушди иқтисодиёти миллӣ сармоягузорӣ кунанд.

Инчунин зарурати баррасии имконоти самти нави муҳоҷират аз Тоҷикистонро фикр кардан даркор. Масъалаҳои асосии диверсификатсияи ҷараёни муҳоҷират ба мавҷудияти монеаҳои забонӣ ва мавҷуд набудани шартномаҳои байнидавлатӣ барои рушди бозори меҳнати байналхалқии Ғарб ва Осиё мебошанд. Дар ин самт корҳо аллакай рафта истодаанд ва баъзе созишномаҳои байнидавлатӣ вуҷуд доранд, вале муҳоҷират ба ин кишварҳо ночиз аст.

АДАБИЁТ

1. Ачакосо Томас. Роль трудовой миграции в развитии Таджикистана. Доклад эксперта. Душанбе. 2010 г.
2. Вазъи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, 2018.-с 63-72
3. Влияние мирового финансового кризиса на трудовых мигрантов из Таджикистана: мнение мигрантов. Экспресс – опрос. НИЦ «Соц-сервис».
4. Дӯстбоев Ш. Муҳоҷирати меҳнатӣ: сабабҳои пайдоиш, вижагиҳои хос ва тамоюлҳои тағйирёбӣ // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ-амалӣ). №1. -Душанбе, 2011. – С. 17-26.
5. Статистический ежегодник Республики Таджикистан. Душанбе, 2017.
6. Таджикистан и страны СНГ. Статистический сборник. Душанбе, 2017.
7. Трудовая миграция и становление частных агентов занятости в Таджикистане: Обзор действующего законодательства и практики//Международная Организация труда (МОТ); Международная Организация по миграции. -Ж: МОТ, 2009. 136 с

ТАМОЮЛҲОИ МУОСИР ВА ОҚИБАТҲОИ ИҚТИСОДИИ МУҲОҶИРАТИ МЕҲНАТӢ

Дар мақолаи мазкур сабаб ва оқибатҳои муҳоҷирати муосири меҳнатӣ вобаста ба нобаробарии тараққиёти иқтисодӣ, аз як тараф, мамлакатҳои дорои рушди босуботи иқтисодӣ ва аз тарафи дигар, мамлакатҳои рӯбаинкишоф ва мамлакатҳои дар давраи гузариш қарордошта муайян карда мешавад. Дар шароити муосир ҷараёни муҳоҷират на фақат бо афзоиши микёс, балки бо барқароршавии ҳодисаҳои нав, ки дар гузаштаи наздик ҷой надошт, тавсиф дода мешавад. Ин, аз он ҷумла, дар он зоҳир шудааст, ки дар гузаштаи наздик мамлакати воридкунандаа қувваи кориро аз мамлакати содиркунандаи он фарқ кардан имконпазир буд. Ҳоло бошад ҳар чи зиёдтар миқдори мамлакатҳо ба ҷараёни муҳоҷирати чандтарафаи қувваи корӣ ҷалб карда мешаванд. Тамоюли зиёдшавии ҳиҷрати хориҷии меҳнатӣ, ки дар даҳсолаҳои охир хеле бараъло дар аксари мамлакатҳои ҷаҳон ба назар мерасад, аллакай дар тули зиёда аз даҳ соли охир дар Тоҷикистони муосир низ дида мешавад. Яке аз натиҷаҳои азнавсозии сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ дар Тоҷикистон аз он иборат аст, ки вай ба мамлакати содиркунандаи қувваи корӣ мубаддал шуд.

Калидвожаҳо: қувваи корӣ, бозори меҳнат, муҳоҷирати байналхалқии қувваи корӣ, интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ, сармояи инсонӣ.

СОВРЕМЕННЫЕ ТЕНДЕНЦИИ И ЭКОНОМИЧЕСКИЕ ПОСЛЕДСТВИЯ ТРУДОВОЙ МИГРАЦИИ

В этой статье описываются причины и последствия современной трудовой миграции в связи с экономическим неравенством, с одной стороны, при стабильном экономическом развитии, а с другой - для развивающихся стран и стран с переходной экономикой. В современных условиях миграционный процесс характеризуется не только ростом масштаба, но и восстановлением новых событий, которых не было в ближайшем будущем. В частности, в ближайшем будущем импортер сможет отличить власть от страны-экспортера. В настоящее время все больше и больше стран участвуют в многостороннем процессе трудовой миграции. Тенденция к увеличению интенсификации труда в последнее десятилетие наблюдается в большинстве стран мира, в последние десять лет в современном Таджикистане. Одним из результатов политической и социально-экономической реконструкции в Таджикистане является то, что она стала продуктом экспорта рабочей силы.

Ключевые слова: рабочая сила, рынок труда, международная миграция рабочей силы, денежные переводы трудовых мигрантов, человеческий капитал.

CURRENT TRENDS AND ECONOMIC CONSEQUENCES OF LABOR MIGRATION

This article describes the causes and consequences of modern labor migration due to economic inequality, on the one hand, with stable economic development, and on the other, for developing countries and countries with economies in transition. In modern conditions, the migration process is characterized not

only by an increase in scale, but also by the restoration of new events that were not in the near future. In particular, in the near future, the importer will be able to distinguish power from the exporting country. Currently, more and more countries are participating in the multilateral labor migration process. The trend towards an increase in labor intensification in the last decade has been observed in most countries of the world, in the past ten years in modern Tajikistan. One of the results of political and socio-economic reconstruction in Tajikistan is that it has become a product of the export of labor. led to the restoration of wider national and international regulation and intergovernmental labor migration.

Keywords: labor power, labor market, international migration of labor power, money transfers of labor power, human capital.

Сведения об авторе: ***Саидмуродов Дилшод*** – Таджикский национальный университет, магистр кафедры мировой экономики и международных экономических отношений. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **dilshod17_94@mail.ru** Телефон: **917 78 40 13**

Information about the author*: Saidmurodov Dilshod* - Tajik National University, graduate student of the Department of World Economy and International Economic Relations. E-mail**: dilshod17_94@mail.ru** Phone: **917 78 40 13**

МАСЪАЛАҲОИ УСТУВОРГАДОНИИ ТИҶОРАТИ МИНТАҚАВӢ ДАР ДОИРАИ ҲАМКОРИИ ИҚТИСОДИИ АВРУОСИЁ

Раҳматуллоев И.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё – созмони байналхалқии ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ, ки дорои шахсияти ҳуқуқи байналмилалӣ мебошад, аз ҷониби Созишномаи Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё муқаррар шудааст. Дар доираи ин иттиҳод озодии интиқоли мол, инчунин, хизматрасонӣ, сармоя, меҳнат, сиёсати ҳамоҳангшуда ва сиёсати ягонаи иқтисодӣ таъмин карда мешавад. Ин иттиҳод аз рӯи масоҳат (20 287 382 км кв) дар ҷаҳон ҷои аввалро мегирад ва аз рӯи маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (ММД) (дар соли 2017 – 4695,915 млрд. доллар) ҷойи панҷумро ишғол менамояд.

Аъзои ин иттиҳод Арманистон (аз 2 январи соли 2015); Белорусия (аз 1 январи соли 2015); Қазоқистон (аз 1 январи соли 2015); Қирғизистон (аз 1 январи соли 2015); Россия (аз 1 январи соли 2015) мебошанд. Раиси иттиҳод ҳар сол аз давлатҳои узви он интихоб карда мешавад, соли 2015 ба Белорусия пешниҳод шуда буд ва то моҳи декабри соли 2018 Россия роҳбарии ин иттиҳодро роҳбарӣ мекунад. Таъсири умумии макроиқтисодӣ аз ҳамгироии кишварҳои пасошӯравӣ ба якчанд нуқта ҷудо мешаванд:

- паст намудани нархи мол бо сабаби кам кардани хароҷоти интиқоли ашёи зарурӣ; содироти молҳои тайёр;
- баланд бардоштани арзиши музди меҳнат аз ҳисоби хароҷоти кам ва ҳосилнокии баланди истеҳсолот;
- афзоиши истеҳсолот бо сабаби зиёд шудани талабот ба молҳо;
- афзоиши ММД – и кишварҳои ИИА ҳадди аққал то 25 фоиз;
- аз сабаби васеъшавии ҳаҷми бозор бозгардонии технологияҳои такрор ва маҳсулот.

Тибқи талаботҳои ин ташкилот, аъзои он бояд қоидаҳои техникии онро риоя намоянд, ки истеҳсолкунанда метавонад барои истеҳсоли маҳсулот ҳар гуна стандарти дар талабот дохилшударо, яъне стандартҳои давлатӣ ё миллии давлатҳои аъзои Иттиҳоди гумрукбударо интихоб намояд. Масалан, ширкати русӣ ҳуқуқ дорад, ки маҳсулоти худро аз рӯи стандартҳои Белоруссия истеҳсол намояд ва онро бе розигии иловагӣ риоя намояд.

Инчунин, муҳоҷирони меҳнатие, ки шаҳрвандони давлатҳои аъзо мебошанд, гирифтани иҷозатнома (патент) оид ба кор дар ҳудуди Россия талаб карда намешавад, чуноне ки онҳо дар асоси ҳуқуқҳои меҳнатӣ бо шаҳрвандони Русия баробаранд [3].

Иттиҳоди гумруки ИИА яке аз қисмҳои асосии бозори умумӣ буда, давлатҳои аъзои он тарифҳои умумии гумрукӣ ва дигар тадбирҳои танзимро дар тиҷорат бо давлатҳои сеюм истифода мебаранд. Шартнома оид ба Иттиҳодияи гумрукӣ соли 1995 ба имзо расида, дар натиҷа ба Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё табдил ёфт. Аз 1 январи соли 2018 Кодекси гумрукии ИИА эътибори худро пайдо кард.

Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё ташкилоти навтаъсис буда, ҳамагӣ 3 сол фаъолияти худро пеш бурда истодааст. Дар тӯли ин сол сарони давлатҳои аъзо тавонистанд бо ҳам иттифоқи қавиро ба роҳ монданд. Аммо, ба ин муносибатҳои амиқи худ нигоҳ накарда, дар ин давлатҳо якчанд талафотҳои иқтисодӣ низ ба назар мерасад.

Масалан, Президенти Белорусия, А. Лукашенко 3 феврали соли 2017 дар яке аз нишастҳои матбуотӣ дар Минск оид ба ин иттиҳод чунин гуфт:

- Дар давоми ин муддат, аз сабаби нархҳои нобаробар ва шарту меъёрҳои нобаробар дар иттиҳод, Белорусия 15 млрд. доллари амрикой зарар дид. Ҳоло бошад, онҳо ба кишвар 5 млрд. доллари амрикоиро ба таври қарз пешниҳод намудаанд [3].

Бархе аз коршиносон бар он назаранд, ки узвият ба ин иттиҳод ба соҳибистиқлолии кишвар халал хоҳад расонд. Дар ин бора Президенти Қазоқистон Н. Назарбоев чунин гуфтааст:

- Як қатор иқтисодчиён ва сиёсатшиносон мегӯянд, ки Қазоқистон дар давоми дохилшавӣ ба Иттиҳоди Авруосиё, аз рӯи бахши иқтисод зарари калон дидааст. Қайд карда мешавад, ки бо рушди хамгирой бозори Қазоқистон барои истеҳсолкунандагони русӣ кушода шуда, аммо раванди баръаксро нишон намедиҳад. Масалан, соҳибкороне, ки дар доираи вориду содиротии молҳои хитой кор мекунанд, азият мекашанд, бахусус маҳдудиятро дар бозори молҳои спиртӣ, молҳои каннодӣ ба тундӣ ҳис мекунанд. Ин мамлакат бештар бо бозорҳои Русия, Ҷумҳурии Белорус ва дигар давлатҳои ИДМ харидуфурӯш мекунад, назар ба бозорҳои ҷаҳон, ки ин ба пастравии воридоти технология аз давлатҳои Иттиҳоди Аврупо ва давлатҳои дигари ҷаҳон мебарад.

Яке аз афзалиятҳои ҳамгироии Белорус дар Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё ин муҳофизати шароитҳои имтиёзҳо, кушодани роҳ дар молҳои хоми русӣ мебошад. Дигар аъзои Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё ин Арманистон мебошад, ки ҳамроҳи дигар давлатҳо баробар ба он шомил шудааст. Тавре сарвазир ва вазири иқтисодии байналмилалии ҳамгироии Ҷумҳурии Арманистон Вече Габриелян соли равон қайд кард, дар давоми ду соли охир содироти Арманистон афзуд ва нархҳо дар молҳои воридот арзон шуд, ки бо вуҷуди ин норасоии тавозуни пардохт ҳам кам шуд. Бояд гуфт, ки содироти Ҷумҳурии Арманистон соли 2016 ба давлатҳои Иттиҳоди Авруосиё ба ҳаҷми 53 фоиз афзуда, фурӯши молҳои арманӣ ба бозорҳои дохилии давлатҳои иттиҳодия аз 15,9 то 22 фоиз зиёд шуд. Дар баробари ин, Арманистон аз ҷиҳати суръати рушди ММД дар байни давлатҳои иттиҳод ҷои намоёнро ишғол менамояд.

Метавон гуфт, ки Қирғизистон таъсири бештари фоидаро назар ба дигар давлатҳои иттиҳод дидааст, ки дар ин масъала афзоиши ҷалби сармоягузорӣ дохил мешавад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки масъалаи узвияти Тоҷикистон ба Иттиҳоди Авруосиё мавриди баррасӣ қарор дода шуд ва дар навбати аввал таҷрибаи Қирғизистону Арманистон омӯхта мешавад, чунки иқтисодиёти ин кишварҳо аз нигоҳи сатҳ ба Тоҷикистон наздиктар аст.

Хулоса, пеш аз пайвастан ба ин ё он иттиҳоду созмон, шарту шароит ва қоидаҳои мавҷудаи онро омӯхтан зарур аст. Бояд донист, ки ба ин бозори ягона чӣ гуна маҳсулот пешниҳод карда шавад ва оё ин маҳсулоти пешниҳодшуда ба талабот ҷавобгӯ мебошанд ё не?!

Манфиатҳои кишварҳои аъзои Иттиҳодро дар шароити ҷаҳонишавии иқтисоди ҷаҳонӣ муаррифӣ ва ҳимоя намуда, Авруосиё барои баромадани кишварҳои аъзо ба бозорҳои ҷаҳонӣ ва суръатбахшӣ бо рафти ҳамгироии онҳо бо низоми иқтисодии ҷаҳонӣ мусоидат мекунад.

ИИ Авруосиё инчунин вазифадор аст барои наздикшавии бештар ва ба як шакл даровардани қонунгузории миллӣ, гузаронидани чорабиниҳое, ки барои зиёд кардани иқтидори иқтисодии кишварҳои аъзо ва бозсозии сохтории мувофиқашудаи иқтисоди онҳо равона шудаанд, кумак расонад.

Дар тули фаъолияти Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё 215 созишномаи байналмилалӣ қабул ва иҷро шуда истодааст, 23 шӯро ва комиссия созмон дода шудааст ва 33 меморандум оид ба ҳамкорӣ бо созмонҳои байналмилалӣ ва ташкилотҳои молиявию иқтисодӣ ба имзо расидааст. Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё мақоми нозирро дар Ассамблеяи Генералии СММ соҳибдор мебошад [4].

Коршиноси фонди «Евразийское содружество», доктори иқтисод, профессори Донишгоҳи давлатии Урали Ҷанубӣ Юлия Кузменко фикру мулоҳизаҳои худро дар бораи лоиҳаҳои ҳамроҳшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ИИА таҳлил намудааст. Мо ба арзёбии он таваҷҷӯҳ зоҳир менамоем.

Роҳбарияти Тоҷикистон якчанд сол инҷониб дар бораи аъзо шудан ба ИИА фикр мекунад. Бо вуҷуди ин, воқеиятҳои муосири иҷтимоию сиёсӣ чунинанд, ки ҷавоби пешакӣ дар солҳои оянда дода мешавад. Пас аз 8 сол, Тоҷикистон, бо вуҷуди ҳамаи шубҳаҳо, ҳоло метавонад узви Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё шавад, коршиносон боварӣ доранд.

Мақомоти давлатҳои ИДМ анъанаи стратегияи дарозмуддати иқтисодиро пешгӯӣ мекунанд ва пешгӯии он ки чӣ гуна давлат дар 5-7 соли оянда рушд хоҳад кард. Ҳукумат кӯшиш мекунад, ки хавфи молиявиро интизор шавад ва роҳҳои беҳтаринро барои пур кардани буҷа дар солҳои бӯҳронӣ интихоб кунад.

Барои бисёр кишварҳо дар фазои пасошӯравӣ, ин пешгӯиҳо вобаста ба ҳамкорӣ ё узвият дар ИИА вобаста аст. Дар бораи Осиёи Марказӣ сухан меравад, ин асосан ба ду аъзои Иттиҳод - Қазоқистон ва Қирғизистон вобаста аст. Роҳбарияти ҳарду кишвар ба таври муфассал ҳисобот медиҳанд, ки вазъи иқтисодии ИИА дар солҳои оянда чӣ гуна тағйир меёбад, чӣ фоидаи бозори тиҷорати озод ва чӣ қадар маблаг ба ҳабс аз ҷониби муҳоҷирони меҳнатӣ ба хориҷи кишвар меорад.

Аммо дар айни замон, кишварҳо вуҷуд надоранд, ки онҳо ҳанӯз дар роҳи Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё қарор надоранд. Ин, албатта, дар бораи Тоҷикистон аст, ки дар он ҳукуматҳо хавфҳо ва фоидаи ҳамгироӣ дар ИИА-ро барои як сол пешгӯӣ кардаанд.

Бо вуҷуди ин, коршиносон чунин мешуморанд, ки фоида аз ҳамроҳшавии ИИА роҳбарияти кишварро ба зарурати ба аъзои блоки иқтисодӣ табдил додан хоҳад гуфт.

Аввалан, ин ҳама афзалиятҳои муҳоҷират ба шумор мераванд, ки интихоби онҳо яке аз манбаъҳои асосии пур кардани хазинадории давлатӣ мебошанд.

Дуюм, мушкилоти амниятӣ дар ҳудуди Тоҷикистон. Аз ҷумла, фаъолияти афзояндаи давлати исломи, ки дар Русия манъ карда шудааст дар Афғонистони ҳамсоя қувват мебахшад. Ҳисобот оид ба дастгирии беруна дар муборизаи бар зидди террористӣ хеле муҳимтар аст, вақте ки дар пушти давлатҳои қавӣ ба эътидол ва бехатарии бозори дохилии шарики иқтисодии онҳо нигаронида шудаанд.

Ба андешаи мо, то соли 2021 Тоҷикистон ба ИИА ҳамроҳ хоҳад шуд. Диққат ба он далолат мекунад, ки барои намояндагони блоки энергетикии кишвар ба Иттиҳоди Авруосиё хеле осон аст, зеро Тоҷикистон аллакай узви блоки низомии СААД мебошад.

Дар хотима ёдовар мешавем, ки то имрӯз Тоҷикистон бо як дараҷа ё бо дигар кишварҳо алоқаманд месозад, ки қариб ҳамаи кишварҳои узви ИИА-ро дар алоҳидагӣ, ҳатто онҳое, ки аз минтақаи Осиёи Марказӣ дур ҳастанд, алоқа доранд. Пас, дар моҳи июни соли 2017 Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон бо сафари расмӣ ба Ҷумҳурии Арманистон сафар кард, ки дар он ӯ бо роҳбарияти ин кишвар ҷиҳати афзоиши гардиши савдо ва густариши равобити хориҷии кишвар розигӣ баён намуд.

АДАБИЁТ

1. Абдулатипов Р. Таджикистан становится ближе // Экспо Ведомости. -М., 21.09.05. №4.
2. Абдулло Р. Страны Центральной Азии и США: эволюция взаимоотношений // Центральная Азия и Кавказ. Швеция, 2005. - №6 (42). - С.27-36.
3. 16. Абдулло Р. Таджикистан и региональная интеграция в Центральной Азии // Центральная Азия и Кавказ. Швеция, 2007. - №2 (50). - С.41-48.
4. Информационно – аналитический бюллетень Центра проблем интеграции Института экономики РАН, 2016, №4 (8).

МАСЪАЛАҲОИ УСТУВОРГАДОНИИ ТИҶОРАТИ МИНТАҚАВӢ ДАР ДОИРАИ ҲАМКОРИИ ИҚТИСОДИИ АВРУОСИЁ

Ташкилёбии Иттиҳоди иқтисодии Аврупою Осиё ба вақти гузаштани давлатҳои Иттиҳод аз пастравии иқтисодиёт, ки сабабаш гузаштан аз як сохт ба сохти дигар, яъне аз иқтисоди планӣ ба иқтисоди бозоргонӣ ва пошхурдани Иттиҳоди Шӯравӣ рост меояд. Масъалаҳои асосие, ки сиёсати иқтисодии бархе аз мамлакатҳои аъзо дар ин ҳолати муътадилсозии макроиқтисодӣ ва бозсозии институтҳои базавии идоракунии иқтисодиёт ва боз пасткунии омилҳои барои фаъолияти тичоратие, ки дар он замон вучуд доштанд, дар бар мегирад. Дар ҳоли ҳозир ҳамаи давлатҳои Иттиҳод ба сатҳи нави пешрафти иқтисодӣ гузаштанд, дар ҳоле ки модели инкишофи иқтисодии онҳо таъғир меёбад. Дар амал ҳамаи давлатҳои аьзо барои барқароркунии рушд дороиҳои худро сарф карданд ва ба онҳо зарур аст, ки аз ин ҳолат ба рушди сармоягузорӣ гузаранд. Дар Беларуссия ва Қазокистон чунин рушд аллакай дар амал рафта истодааст ва бечуну чаро гуфта метавонем, ки Руссия ҳам дар ин ҷараён ворид аст. Дар Тоҷикистон ва Қирғизистон гузариш ба ин сатҳ ҳоло ба амал наомадаст.

Калидвожаҳо: сармоя, иттиҳод, мол, тиҷорат, хадамот, сиёсати иқтисодӣ, арзиш, рушди иқтисодӣ.

ПРОБЛЕМЫ РЕГИОНАЛЬНОЙ ТОРГОВЛИ В РАМКАХ ЕВРАЗИЙСКОГО ЭКОНОМИЧЕСКОГО СОТРУДНИЧЕСТВА

Создание Евроазиатского экономического союза (ЕАЭС) произошло во время перехода стран содружества к экономическому спаду из-за перехода от одной системы к другой, от плановой экономики к рыночной экономике и распаду Советского Союза. Основными вопросами экономической политики некоторых стран-членов в этом случае являются макроэкономическая стабилизация и перестройка основных институтов управления экономикой и снижение существующих экономических факторов. В настоящее время все страны Содружества вышли на новый уровень экономического развития, в то время как их модель экономического развития меняется. На практике все государства-члены инвестировали свои ресурсы в восстановление, и им необходимо двигаться в направлении развития инвестиций. В Беларуси и Казахстане такое развитие уже идет, и мы можем с уверенностью сказать, что Россия также находится в процессе. Таджикистане и Кыргызстан не перешли на этот уровень.

Ключевые слова: инвестиции, ассоциации, товары, бизнес, услуги, экономическая политика, стоимость и экономическое развитие.

PROBLEMS OF REGIONAL TRADE IN THE FRAMEWORK OF THE EURASIAN ECONOMIC COOPERATION

The creation of the Eurasian economic Union (EEU) occurred during the transition of the Commonwealth countries to an economic downturn due to the transition from one system to another, from a planned economy to a market economy, and the collapse of the Soviet Union. The main issues of economic policy in some member countries in this case are macroeconomic stabilization and restructuring of the main institutions of economic management and reduction of existing economic factors. Currently, all the countries of the Commonwealth have reached a new level of economic development, while their model of economic

development is changing. In practice, all member States have invested their resources in recovery, and they need to move in the direction of investment development. In Belarus and Kazakhstan, such development is already underway, and we can say with confidence that Russia is also in the process. Tajikistan and Kyrgyzstan have not moved to this level.

Keywords: investments, associations, goods, business, services, economic policy, cost and economic development.

Сведения об авторе: ***Рахматуллоев Исмоил*** – Таджикский национальный университет, магистр кафедры мировой экономики и международных экономических отношений. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **dilshod17_94@mail.ru** Телефон: **93 730 00 49**

Information about the author: ***Rahmatulloev Ismoil*** - Tajik National University, Graduate student of the Department of World Economy and International Economic Relations. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: ***dilshod17_94@mail.ru*** Phone: ***93 730 00 49***

ВНУТРЕННИЕ И ВНЕШНИЕ ФАКТОРЫ, РЕАЛИЗАЦИИ ПЕРСПЕКТИВ СНИЖЕНИЯ УРОВНЯ БЕДНОСТИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

Собиров Х.Р
Таджикский национальный университет

Экономические реформы, происходящие в нашей стране в течение последних лет, серьезно изменили социальную структуру общества. Произошло стремительное социальное расслоение, появились слои очень богатых и крайне бедных граждан. Подавляющее большинство людей лишились социальной защиты государства, и оказались перед необходимостью приспосабливаться к жизни в условиях рыночной нестабильности. В этих условиях появление большого количества бедных людей оказалось неизбежным. Приведем цифры официальной статистики: в настоящий момент около 32% граждан проживает за чертой бедности. Все это и обусловило выбор темы и ее актуальность.

Бедность - одна из острейших социальных проблем современной национальной экономики. Данная проблема весьма сложна, обширна, противоречива и трудноразрешима. С одной стороны, она стара как мир, ее изучали во все периоды истории человеческого общества с древнейших времен. В то же время в каждую эпоху она имеет свои характеристики, специфические проявления, особенности. Оказалось, что в настоящее время, несмотря на значительный прогресс в развитии производительных сил, проблема бедности не менее весома, чем в прежние эпохи. И актуальность изучения данной проблемы обусловлена тем, что сейчас значительная часть населения находиться за чертой бедности или близко к границе «социального дна». Это особенно заметно на фоне расслоения, когда разница в доходах бедных и богатых составляет десятки, сотни и тысячи раз. Бедные становятся беднее, а богатые еще богаче. И сегодня, по оценке ООН, проблема бедности носит динамический, общемировой, глобальный характер.

Ограничение распространения бедности, прежде всего в ее наиболее опасной, хронической, форме, важно не только из гуманитарных соображений, но также с точки зрения сохранения и улучшения физического, трудового, интеллектуального потенциала будущих поколений. Именно бедность определяет ограниченность доступа значительной части населения нашей страны к ресурсам развития: высокооплачиваемой работе, качественным услугам образования и здравоохранения, возможности успешной социализации детей и молодежи.

Интерес к бедности вполне объясним - она считается одной из самых глубоких социальных проблем и имеет двухсотлетнюю историю. Проблемой бедности интересовались многие видные ученые - А. Смит, Т. Мальтус, Д. Рикардо, Г. Спенсер, Ж. Прудон, Э.Реклю, К. Маркс, Ф. Энгельс. С восемнадцатого века до первой половины двадцатого столетия за рубежом господствовали два основных

подхода в изучении бедности: первый представлен социал-дарвинистской концепцией бедности. Бедность рассматривалась как неизбежное следствие борьбы за выживание, бедные считались лично ответственными за свои материальные трудности. В основе второго подхода - эгалитаристского лежал принцип уравнительности, бедность рассматривалась как форма и мера эксплуатации трудящихся, было выделено два типа бедности: абсолютная и относительная.

Анализ бедности в середине двадцатого века показал неоднозначность и сложность данной проблематики. Признание многомерности явления предопределило системный подход к изучению бедности.

В начале 90-х годов к научному поиску в данной области подключились отечественные социологи. За короткий промежуток времени были проведены эмпирические исследования и сделаны попытки теоретического осмысления данной проблем, и все же систематического подхода к изучению бедности отечественная социология не имеет.

Полностью искоренить проблему бедности невозможно, но для того чтобы избежать тех последствий, к которым она может привести в социальной, экономической и культурной сферах жизни общества, необходимо значительно снизить степень ее остроты.

Многие годы после обретения независимости, из-за гражданской войны и последующей тяжелой социально-экономической ситуации, прожиточный минимум в Таджикистане вообще не рассчитывался, как в других странах СНГ. Лишь в мае 2009 года был принят закон «О прожиточном минимуме». Спустя год Минздрав республики утвердил «Нормы физиологических потребностей в веществах и энергии». Еще 3,5 года ушло на разработку методики и порядка определения минимальной стоимости потребительской корзины.

(*Потребительская корзина* – это минимальный набор продуктов питания, непродовольственных товаров и услуг, необходимых для сохранения здоровья человека и обеспечения его жизнедеятельности, а *прожиточный минимум* – стоимостная оценка потребительской корзины).

В соответствии с документом Минздрава, потребительская корзина на месяц содержит всего 11 наименований продуктов питания, причем с минимальным объемом еды в килограммах. В одном из выпуском журнала «Экономика Таджикистана» за 2016 год (издается Институтом экономики и демографии Академии наук республики) доктор экономических наук, профессор Нуриддин Каюмов указывает, что рекомендуемые в нем нормы продуктов питания, в частности, хлеба и хлебопродуктов, овощей и бахчи, фруктов, ягод и винограда, молока и молочных продуктов намного меньше их фактического потребления Согласно данным проведенного исследования Всемирного банка и госструктур республики уровень бедности с 81% в 1999 году снизился до 72,4% в 2003 году, 53,5% 2007 году и 46,7% 2009 г. и на основе роста валового внутреннего продукта на душу населения в 2010 г. этот показатель составил 45%, в 2011 г. 42% и 2017 г. показатель уровня бедности составил 29,5%. В рисунке 2.2.1. приведены данные по снижению уровня бедности в Таджикистане в период 2003 по 2017 годы данный рисунок показывает, что как уровень бедности снижается после внедрение стратегических документов в Республике Таджикистан.

Динамика снижения уровня бедности в Республики Таджикистан



Согласно статистическим данным, уровень бедности в стране имеет тенденцию к снижению. Если данный показатель в 2003 году составлял 72,4%, то в 2017 году снизилось до уровня 29,5 %. Этому способствовало, прежде всего, внедрение стратегического плана по сокращению бедности со стороны правительства. На наш взгляд на снижение уровня бедности в стране, кроме целевых программ правительства, также повлияли и денежные переводы мигрантов, увеличивая доходную часть бюджета домохозяйств.

После первого этапа внедрения ДССБ - 1, ДССБ - 2, по официальным данным 2010 г. доля населения, живущего за чертой бедности, была снижена до 45,0%. Однако, по мнению некоторых экспертов, «результаты этих обследований не вполне сопоставимы сразу по нескольким причинам. Во-первых, эти обследования проводились по различным выборкам. Выборка обследования 2003 г. основывалась на данных переписи населения 2000 г., которая лучше отражает структуру современного таджикского общества в отличие от подсчетов 1999 г. Помимо этого, с постановлением Правительства РТ №497 от 1 октября 2008 года количество обследуемых д/х увеличилось до 3000 д/х. Начиная с 1 января 2018 года количество обследуемых д/х выросли до 4000. На сегодняшний день, (2017г) согласно официальной статистике, доля бедного населения в республике составляет 29,5%.

Однако после 2014 года и по настоящее время объем денежных переводов в Республику Таджикистан резко сократилось. И это, прежде всего, связанно с ухудшением политических условий на Украине и ее последствие на экономику РФ. Также этому послужили миграционное законодательства РФ, что способствовало к снижению ВТМ из Республики Таджикистан.

ЛИТЕРАТУРА

1. Гараева Д. Ф. Бедность как фактор снижения качества жизни населения // Экономические науки. - №2(87). – 2012. – С.220.
2. Григорьев Н.О. Экономика 21 века // Компьютер в бухгалтерском учете и аудите. - 2012. - № 12. - С. 2-4.
3. Доклад о человеческом развитии в Центральной Азии. В будущее без барьеров. ПРООН. Братислава, 2005.
4. Женщины и мужчины Республики Таджикистан. Ст. сб. Душанбе, 2010.
5. Ксения Якубовская «Бедные, но свободные» // Аргументы и факты 2012 г., №7 с. 23
6. Николаева И.П/ Экономическая теория: словарь-справочник – М.: Проспект, КНОРУС, 2011 г.- 160 с.
7. Данканич С.А «Неравенство доходов населения: виды и последствия»/ Проблемы современной экономики, 2011 г., №3., с. 39

ВНУТРЕННИЕ И ВНЕШНИЕ ФАКТОРЫ, РЕАЛИЗАЦИИ ПЕРСПЕКТИВ СНИЖЕНИЯ УРОВНЯ БЕДНОСТИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

В статье рассмотрено понятие бедности, причины возникновения бедности в РТ, представлено три концепции измерения бедности, отметив какая применима в РТ. Так же рассмотрела понятие прожиточного минимума и потребительской корзины. Проанализирована динамика уровня доходов населения в РТ в современных условиях и динамика уровня бедности. Все характеристики бедности тесно взаимосвязаны. Неполноценность по одним критериям неизбежно ведёт к ущемлённости по другим критериям. Так, низкий доход не даёт возможности получить хорошее образование и эффективно заботиться о здоровье, осложняет внутрисемейные отношения, затрудняет налаживание социальных связей. Как следствие плохие здоровье и образование в свою очередь не позволяют получить высокооплачиваемую работу, полноценно участвовать в жизни общества и т.д. В результате бедность превращается в особое, устойчивое состояние индивида, образ жизни, изменить который невозможно просто путем увеличения доходов. Уровень доходов отдельно взятого человека зависит от экономики страны, в которой он проживает.

Ключевые слова: бедность, прожиточный минимум, потребительская корзина, доходы населения, образ жизни.

ОМИЛҲОИ ДОХИЛӢ ВА БЕРУНИИ ТАТБИҚИ ДУРНАМОИИ ПАСТ КАРДАНИ САТҲИ КАМБИЗОАТӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақолаи мазкур консепсияи камбизоатӣ, сабабҳои камбизоатӣ дар Тоҷикистон муҳокима мешавад, ки се усули муайян кардани камбизоатӣ, ки дар Тоҷикистон истифода мешавад, оварда шудааст. Ҳамчунин консепсияи музди меҳнат ва сӯзишвории истеъмолиро баррасӣ намуд. Динамикаи даромади аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир ва динамикаи сатҳи камбизоатӣ таҳлил карда шудааст. Ҳамаи хусусиятҳои камбизоатӣ бо ҳам алоқаманданд. Бадбахтӣ дар як меъёри ногузир ба дигарон поймол карда мешавад. Ҳамин тариқ, даромади пасти ба даст овардани маълумоти хуб ва ба таври самарабахш нигоҳ доштани саломатӣ имконнопазир аст, муносибатҳои оиларо душвор мегардонад ва барои сохтани робитаҳои иҷтимоии онҳо душвор мегардад..

Калидвожаҳо: камбизоатӣ, хароҷоти зиндагӣ, сабади истеъмолӣ, даромади аҳолӣ, тарзи ҳаёт.

INTERNAL AND EXTERNAL FACTORS, THE IMPLEMENTATION OF THE PROSPECTS FOR REDUCING POVERTY IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

The article discusses the concept of poverty, the causes of poverty in Tajikistan, presents three concepts for measuring poverty, noting which is applicable in Tajikistan. Also considered the concept of a living wage and a consumer basket. The dynamics of incomes of the population in the Republic of Tajikistan in modern conditions and the dynamics of the level of poverty are analyzed. All characteristics of poverty are closely interrelated. Inferiority on one criteria inevitably leads to infringement on others. Thus, low income makes it impossible to get a good education and effectively take care of health, complicates family relations, and makes it difficult to build social ties. As a result, poor health and education, in turn, do not allow to get high-paying jobs, to fully participate in society, etc. As a result, poverty turns into a special, sustainable state of the individual, a way of life that cannot be changed simply by increasing incomes. The income level of a single person depends on the economy of the country in which he lives. The main feature of our poverty is that the majority of persons from this category are families of able-bodied, usually working citizens. In a society absolute poverty can be eliminated, but relative will always remain. After all, inequality is the constant companion of complex societies.

Keywords: poverty, cost of living, consumer basket, incomes, lifestyle.

Сведения об авторе: ***Собиров Ҳабиб*** – Таджикский национальный университет, магистр кафедры мировой экономики и международных экономических отношений Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 17. E-mail: **Sobirovx@inbox.ru** Телефон: **93 488 40 45**

Information about the author: ***Sobirov Habib*** - Tajik National University, Graduate student of the Department of World Economy and International Economic Relations Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. E-mail: **Sobirovx@inbox.ru** Phone: **93 488 40 45**

ТАҲЛИЛ ВА АРЗЁБИИ МЕХАНИЗМИ БУҶЕТИИ МОЛИЯВИЮ-ҚАРЗӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Олимов Н.Э.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Аз сабаби он ки мо дар саволи пешина оид ба андозҳо суханронӣ намудем, ва маҳз онҳо қисмати даромади буҷети давлатиро ташкил медиҳанд, он гоҳ дар саволи мазкур мо ба таҳлили вазъи кунунии сафарбарнамоии хароҷотҳои буҷети давлатӣ мепардозем. Ҳамин тавр, динамикаи хароҷотҳои буҷети давлатӣ ба соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, ки сарчашмаи дохилии ташаккулёбии захираҳои молиявӣ ба ҳисоб меравад, дар ҷадвали 1, оварда шудааст.

Баҳри маълумоти пурратар пайдо намудан, оид ба вазъи кунунии хароҷотҳои буҷети давлатӣ ба таҳлили соҳаҳои алоҳидае, ки хароҷотҳои буҷети давлатӣ равона карда мешаванд мепардозем. Хароҷотҳои буҷети давлатӣ ба соҳаи сохтори ҳокимият ва идоракунии давлатӣ дар солҳои 2010-2018 ба 4,3 маротиба афзоиш ёфта, ҳиссаи он дар ҳаҷми умумии хароҷотҳои буҷети давлатӣ аз 5,72% то 7,1% рафта расидааст, ки оид ба афзоиш ёфтани хароҷоти буҷети давлатӣ ба ин самт шаҳодат медиҳад.

Хароҷотҳо ба соҳаи маориф дар давраи таҳлилшаванда ба 3,6 маротиба афзоиш ёфта, ҳиссаи он дар ҳаҷми умумии хароҷотҳои буҷети давлатӣ аз 14,7% то 15,3%

рафта расидааст, ки оид ба афзоиш ёфтани хароҷоти буҷети давлатӣ ба ин самт шаҳодат медиҳад. Хароҷотҳои соҳаи тандурустӣ дар ин давра ба 3,9 маротиба афзоиш ёфта, ҳиссаи он дар ҳаҷми умумии хароҷотҳои буҷети давлатӣ 5,3% дар соли 2010 ташкил дода, баъдан дар солҳои 2011 – 6,3%, дар соли 2012 – 7,1 ва баъдан коҳишёбии он ба назар мерасад, ки он дар соли 2017 то ба 5,9% рафта расидааст, ки оид ба коҳиш ёфтани хароҷоти буҷети давлатӣ ба ин самт шаҳодат медиҳад. Хароҷотҳо ба соҳаи суғуртаи иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ дар ин давра ба 3,5 маротиба афзоиш ёфта, ҳиссаи он дар ҳаҷми умумии хароҷотҳои буҷети давлатӣ 12,8% дар соли 2010 ташкил дода, дар соли 2012 ба 18,4% расида баъдан тамоюли коҳишёбии он ба чашм мерасад, ки он дар соли 2017 ба 13,1% рафта расидааст, ки оид ба коҳиш ёфтани хароҷоти буҷети давлатӣ ба ин самт шаҳодат медиҳад.

Ҷадвали 1. Хароҷотҳои буҷети давлатӣ ба соҳаҳои иҷтимоию-иқтисодии

Нишондиҳандаҳо	2010	2011	2012	2013	2014	2015	2016	2017	2017/16 бо %
Хароҷоти буҷети давлатӣ	67 12,6	893 7,9	9 673,5	122 76,6	144 27,4	6586,5	8483, 8	3307, 3	47,2
Сохтори ҳокимият ва идоракунии давлатӣ	38 4,3/ 5,7%	691, 8/ 7,7%	7 01,5/ 7,2%	941, 0/ 7,6%	108 3,2/7,5%	521,1/ 9,2%	556,8/ 8,4%	651,2/ 7,1%	29,7
Маориф	99 0,0/ 14,7%	144 3,1/ 16,1%	1 540,6/ 15,9%	211 1,6/ 17,2%	235 3,9/ 16,3%	539,3/ 15,3%	093,8/ 16,7%	572,7/ 15,3%	60,9
Тандурустӣ	35 4,9/ 5,2%	564, 0/ 6,3%	6 83,4/ 7,1%	836, 5/ 6,8%	974, 8/ 6,7%	037,2/ 6,25%	159,5/ 6,27%	385,2/ 5,9%	90,3
Суғуртаи иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ	86 0,2/ 12,8%	112 9,7/ 12,6%	1 782,0/ 18,4%	208 9,0/ 17,02%	244 4,3/ 16,9%	637,4/ 15,9%	734,0/ 14,8%	057,6/ 13,1%	55,4
Хоҷагии манзилию коммуналӣ	37 7,4/ 5,6%	686, 8/ 7,6%	5 85,4/ 6,05%	108 3,2/ 8,8%	133 1,3/ 9,2%	183,3/ 7,1%	286,4/ 6,9м	22,5/ 3,9%	44,4
Чорабиниҳо и фарҳангӣ – оммавӣ, солимгардонӣ ва динӣ	29 7,3/ 4,4%	376, 2/ 4,2%	4 43,6/ 4,5%	469, 2/ 3,8%	476, 1/ 3,3 %	74,3/ 3,4%	91,6/ 3,2%	53,5/ 3,23%	53,4
Комплекси сӯзишворию – энергетикӣ	69 1,9/ 10,3%	113 8,8/ 12,7%	1 120,2/1 1,5%	114 9,8/9,3%	149 2,1/ 10,3%	923,1/ 17,6%	722,6/ 20,14 %	280,4/ 26,9%	08,1
Кишоварзӣ, хоҷагии ҷангал, моҳидорӣ ва шикор	92 ,6/ 1,38%	300, 3/ 3,36%	2 35,4/ 2,4%	247, 8/ 2,02%	274, 1/ 1,9%	53,4/ 2,1%	51,0/ 2,4%	89,4/ 2,9%	44,5
Истихроҷ ва коркарди канданиҳои фоиданок, саноати истеҳсоли маъдани куҳӣ, сохтмон	49 ,3/ 0,73%	82,5 / 0,92%	8 9,5/ 0,93%	92,7 / 0,76%	134, 3/ 0,93%	29,2/ 2,59%	17,6/ 1,18%	58,0/ 0,68%	20,5
Нақлиёт ва коммуникатсия	10 9,6/ 1,63%	104 5,8/ 11,7%	4 64,2/ 4,8%	861, 8/ 7,02%	754, 6/ 5,23%	87,0/ 5,9%	48,3/ 5,13%	074,9/ 4,61%	80,7
Дигар корҳои иқтисодӣ ва хизматрасонӣ	44 ,8/ 0,67%	30,3 / 0,34%	3 1,5/ 0,33%	35,8 / 0,29%	37,7 / 0,26%	5,3/ 0,15%	3,9/ 0,13%	0,6/ 0,17%	90,6

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2010-2017 (млн.сом)

Хароҷотҳо ба соҳаи хоҷагии манзилию коммуналӣ дар ин давра ба 2,4 маротиба афзоиш ёфта, ҳиссаи он дар ҳаҷми умумии хароҷотҳои буҷети давлатӣ 5,6% дар соли 2010 ташкил дода, дар солҳои баъди афзоиш ёфта то 9,2% дар соли 2014 рафта расида, баъдан дар солҳои минбаъда коҳиш ёфта дар соли 2017 ба 3,9% рафта расидааст. Хароҷотҳои чорабиниҳои фарҳангӣ – оммавӣ, солимгардонӣ ва динӣ дар давраи таҳлилшаванда ба 2,5 маротиба афзоиш ёфта, ҳиссаи он дар ҳаҷми умумии хароҷотҳо аз 4,4% то 3,2% рафта расидааст. Хароҷотҳои буҷети давлатӣ ба соҳаи комплекси сӯзишворию – энергетикӣ бошад, дар давраи мазкур ба 9,1 маротиба афзоиш ёфта, ҳиссаи он дар ҳаҷми умумии хароҷотҳо аз 10,3% то ба 26,9% рафта расидааст. Хароҷотҳои соҳаи кишоварзӣ, хоҷагии ҷангал, моҳидорӣ ва шикор бошад дар давраи мазкур ба 7,4 маротиба афзоиш ёфта, ҳиссаи он дар ҳаҷми умумии хароҷотҳо аз 1,4% то ба 2,9% рафта расидааст. Ҳиссаи соҳаи истихроҷ ва коркарди канданиҳои фоиданок, саноати истеҳсоли маъдани куҳӣ, сохтмон дар ҳаҷми умумии хароҷотҳо аз 0,73% то ба 0,67% рафта расидааст, дар давраи мазкур он ба 3,2 маротиба афзоиш ёфтааст. Хароҷотҳои буҷети давлатӣ ба соҳаи нақлиёт ва коммуникатсия дар давраи таҳлилшаванда ба 9,8 маротиба афзоиш ёфта, ҳиссаи он дар ҳаҷми умумии хароҷотҳо аз 1,6% то ба 4,6% рафта расидааст. Хароҷотҳои соҳаи дигар корҳои иқтисодӣ ва хизматрасонӣ дар давраи таҳлилшаванда ба 1,1 маротиба коҳиш ёфта, ҳиссаи он дар ҳаҷми умумии хароҷотҳо аз 0,7% то ба 0,2% рафта расидааст.

Расми 1. Динамикаи хароҷотҳои буҷети давлатӣ ба соҳаҳои иҷтимоию-иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2010-2017

Бояд, тазаккур дод, ки буҷети ҷумҳуриявӣ низ яке аз сарчашмаҳои дохилии захираҳои молиявӣ ба шумор рафта, аз ҳисоби он ҳамасола дар намуди хароҷотҳои буҷети ҷумҳуриявӣ соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиву иҷтимоӣ дастгирӣ меёбанд. Дар мувофиқа аз маълумотҳои ҷадвали 2, метавон чунин хулосабарорӣ намуд, ки ҳаҷми хароҷотҳои буҷети ҷумҳуриявӣ дар умум дар давраи солҳои 2010-2017, ба 2,7 маротиба афзудааст.

Дар мувофиқа бо Қонуни ҶТ дар бораи буҷети давлатӣ барои соли 2018 ҳаҷми хароҷотҳо ба соҳаи мазкур дар ҳаҷми 9856,9 млн. сомонӣ тасдиқ гардидааст. Ҳиссаи хароҷотҳои буҷети ҷумҳуриявӣ нисбат ба ММД бошад дар давраи таҳлилшаванда аз 17,5% то ба 18,9 рафта расидааст.

Ҷадвали 2. Хароҷотҳои буҷети ҷумҳуриявӣ ба соҳаҳои иҷтимоию-иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2010-2017(млн.сом)

Нишондиҳандаҳо	2010	2011	2012	2013	2014	2015	2016	2017	2017/ 2010, бо %
Хароҷоти буҷети ҷумҳуриявӣ	4325,2	4325,2	5251,3	5239,5	6283,9	7188,3	7555,1	11573,3	267,6
Сохтори ҳокимият ва идоракунии давлатӣ	277,6/ 6,4%	406,1/ 9,3%	427,4/ 8,1%	525,1/ 10,02%	676,5/ 10,77%	877,0/ 12,2%	811,8/ 10,7%	924,7/ 7,99%	333,1
Маориф	251,1/ 5,8%	315,5/ 7,2%	361,6/ 6,8%	427,4/ 8,1%	547,9/ 8,7%	549,1/ 7,6%	571,6/ 7,5%	636,2/ 5,5%	253,4
Тандурустӣ	99,5/ 2,3%	99,5/ 2,3%	124,2/ 2,37%	148,1/ 2,83%	182,1/ 2,9%	195,7/ 2,7%	194,6/ 2,5%	229,6/ 1,98%	230,8
Суғуртаи иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ	265,5/ 6,1%	253,8/ 5,8%	347,2/ 6,6%	433,7/ 8,2%	449,5/ 7,1%	479,9/ 6,6%	365,6/ 4,8%	387,0/ 3,3%	145,8
Хоҷагии манзилию коммуналӣ	30,9/ 0,7%	38,0/ 0,8%	50,3/ 0,9%	76,8/ 1,4%	80,0/ 1,2%	66,0/ 0,9%	84,2/ 1,1%	69,4/ 0,6%	224,6
Чорабиниҳои фарҳангӣ – оммавӣ, солимгардонӣ ва динӣ	207,0/ 4,7%	198,3/ 4,5%	220,2/ 4,1%	261,4/ 4,9%	346,3/ 5,5%	363,3/ 5,05%	257,9/ 3,4%	288,0/ 2,4%	139,1
Комплекси сӯзишворию – энергетикӣ	691,6/ 15,9%	925,4/ 21,4%	1027,2/ 19,5%	870,6/ 16,6%	1162,8/ 18,5%	1598,3/ 22,23%	2048,6/ 27,12%	5383,3/ 46,5%	778,4
Кишоварзӣ, хоҷагии ҷангал, моҳидорӣ ва шикор	81,0/ 1,8%	95,4/ 2,2%	112,3/ 2,14%	122,3/ 2,3%	117,6/ 1,8%	106,4/ 1,48%	111,2/ 1,47%	164,3/ 1,42%	202,8
Истихроҷ ва коркарди канданиҳои фоиданок, саноати истеҳсоли маъдани куҳӣ, сохтмон	46,6/ 1,08%	73,7/ 1,7%	91,6/ 1,74%	92,7/ 1,77%	137,6/ 2,19%	139,7/ 1,94%	119,9/ 1,59%	131,1/ 1,13%	281,3
Нақлиёт ва коммуникатсия	87,2/ 2,02%	115,2/ 2,66%	96,5/ 1,8%	153,8/ 2,94%	183,6/ 2,92%	188,1/ 2,6%	125,4/ 1,6%	235,1/ 2,03%	269,6
Дигар корҳои иқтисодӣ ва хизматрасонӣ	44,8/ 1,04%	29,0/ 0,67%	30,3/ 0,58%	34,1/ 0,6%	36,6/ 0,58%	22,8/ 0,32%	23,9/ 0,32%	41,3/ 0,36%	-92,2

Баҳри маълумоти пурратар пайдо намудан, оид ба вазъи кунунии хароҷотҳои буҷети ҷумҳуриявӣ ба таҳлили соҳаҳои алоҳидае, ки хароҷотҳои буҷети ҷумҳуриявӣ равона карда мешаванд мепардозем. Хароҷотҳои буҷети ҷумҳуриявӣ ба соҳаи сохтори ҳокимият ва идоракунии давлатӣ дар солҳои 2010-2018 ба 3,3 маротиба афзоиш ёфта, ҳиссаи он дар ҳаҷми умумии хароҷотҳои буҷети ҷумҳуриявӣ аз 6,4% то 8,1% рафта расидааст, ки оид ба афзоиш ёфтани хароҷоти буҷети ҷумҳуриявӣ ба ин самт шаҳодат медиҳад. Хароҷотҳо ба соҳаи маориф дар давраи таҳлилшаванда ба 2,5 маротиба афзоиш ёфта, ҳиссаи он дар ҳаҷми умумии хароҷотҳои буҷети ҷумҳуриявӣ аз 5,8% то 5,5% рафта расидааст, ки оид ба коҳиш ёфтани хароҷоти буҷети ҷумҳуриявӣ ба ин самт шаҳодат медиҳад. Хароҷотҳои соҳаи тандурустӣ дар ин давра ба 2,3 маротиба афзоиш ёфта, ҳиссаи он дар ҳаҷми умумии хароҷотҳои буҷети ҷумҳуриявӣ 1,3% дар соли 2010 ташкил дода, дар соли 2017 он ба 2,1% рафта расидааст, ки оид ба афзоиш ёфтани хароҷоти буҷети ҷумҳуриявӣ ба ин самт шаҳодат медиҳад. Хароҷотҳо ба соҳаи суғуртаи иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ дар ин давра ба 1,4 маротиба афзоиш ёфта, ҳиссаи он дар ҳаҷми умумии хароҷотҳои буҷети

ҷумҳуриявӣ дар соли 2017 он ба 3,3% рафта расидааст, ки оид ба афзоиш ёфтани хароҷоти буҷети давлатӣ ба ин самт шаҳодат медиҳад.

Хароҷотҳо ба соҳаи хоҷагии манзилию коммуналӣ дар ин давра ба 2,2 маротиба афзоиш ёфта, ҳиссаи он дар ҳаҷми умумии хароҷотҳои буҷети ҷумҳуриявӣ 0,7% дар соли 2010 ташкил дода, дар соли 2017 ба 0,6% рафта расидааст. Хароҷотҳои чорабиниҳои фарҳангӣ – оммавӣ, солимгардонӣ ва динӣ дар давраи таҳлилшаванда ба 1,4 маротиба афзоиш ёфта, ҳиссаи он дар ҳаҷми умумии хароҷотҳо аз 4,8% то 2,5% рафта расидааст. Хароҷотҳои буҷети ҷумҳуриявӣ ба соҳаи комплекси сӯзишворию – энергетикӣ бошад, дар давраи мазкур ба 7,8 маротиба афзоиш ёфта, ҳиссаи он дар ҳаҷми умумии хароҷотҳо аз 16,1% то ба 46,5% рафта расидааст. Хароҷотҳои соҳаи кишоварзӣ, хоҷагии ҷангал, моҳидорӣ ва шикор бошад дар давраи мазкур ба 2 маротиба афзоиш ёфта, ҳиссаи он дар ҳаҷми умумии хароҷотҳо аз 1,9% то ба 1,4% рафта расидааст. Ҳиссаи соҳаи истихроҷ ва коркарди канданиҳои фоиданок, саноати истеҳсоли маъдани куҳӣ, сохтмон дар ҳаҷми умумии хароҷотҳо аз 1,07% то ба 1,13% рафта расидааст, дар давраи мазкур он ба 2,8 маротиба афзоиш ёфтааст. Хароҷотҳои буҷети ҷумҳуриявӣ ба соҳаи нақлиёт ва коммуникатсия дар давраи таҳлилшаванда ба 2,7 маротиба афзоиш ёфта, ҳиссаи он дар ҳаҷми умумии хароҷотҳо аз 2,01% то ба 2,03% рафта расидааст. Хароҷотҳои соҳаи дигар корҳои иқтисодӣ ва хизматрасонӣ дар давраи таҳлилшаванда ба 1,1 маротиба коҳиш ёфта, ҳиссаи он дар ҳаҷми умумии хароҷотҳо аз 0,6% то ба 0,3% рафта расидааст.

Бояд, тазаккур дод, ки буҷети маҳаллӣ низ яке аз сарчашмаҳои дохилии захираҳои молиявӣ ба шумор рафта, аз ҳисоби он ҳамасола дар намуди хароҷотҳои буҷети маҳаллӣ соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиву иҷтимоӣ дастгирӣ меёбанд. Дар ҷадвали 3, аз ҷониби мо динамикаи хароҷотҳои буҷети маҳаллӣ мавриди таҳлил ва арзёбӣ қарор гирифта шудааст. Дар мувофиқа аз маълумотҳои ҷадвали 3, метавон чунин хулосабарорӣ намуд, ки ҳаҷми хароҷотҳои буҷети маҳаллӣ дар умум дар давраи солҳои 2010-2017, ба 3,4 маротиба афзудааст.

Ҳиссаи хароҷотҳои буҷети маҳаллӣ нисбат ба ММД бошад дар давраи таҳлилшаванда аз 13,7% то ба 9,7 рафта расидааст.

Баҳри маълумоти пурратар пайдо намудан, оид ба вазъи кунунии хароҷотҳои буҷети маҳаллӣ ба таҳлили соҳаҳои алоҳидае, ки хароҷотҳои буҷети маҳаллӣ равона карда мешаванд мепардозем. Хароҷотҳои буҷети маҳаллӣ ба соҳаи сохтори ҳокимият ва идоракунии давлатӣ дар солҳои 2010-2018 ба 2,1 маротиба афзоиш ёфта, ҳиссаи он дар ҳаҷми умумии хароҷотҳои буҷети маҳаллӣ аз 6,1% то 3,9% рафта расидааст, ки оид ба коҳиш ёфтани хароҷоти буҷети маҳаллӣ ба ин самт шаҳодат медиҳад.

Ҷадвали 3. Хароҷотҳои буҷети маҳаллӣ ба соҳаҳои иҷтимоию-иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2010-2017 (млн.сом)

Нишондиҳандаҳо	2010	2011	2012	2013	2014	2015	2016	2017	2017/2010, бо %
Хароҷоти буҷети маҳаллӣ	1759,9	2293,4	2660,6	3762,2	4799,4	4517,6	5083,8	5962,5	338,8
Сохтори ҳокимият ва идоракунии давлатӣ	106,8/ 6,07%	131,2/ 5,72%	146,0/ 5,4%	160,2/ 4,2%	219,3/ 4,5%	206,6/ 4,5%	215,9/ 4,2%	231,1/ 3,8%	216,4
Маориф	738,9/ 41,9%	867,8/ 37,8%	1091,5 / 41,02%	1562,8 / 41,5%	1849,3 / 38,5%	1912/ 42,3%	2135,7 / 42,01%	2563,7 / 43%	347,0
Тандурустӣ	294,7/ 16,7%	397,0/ 17,3%	527,4/ 19,8%	690,7/ 18,3%	826,6/ 17,2%	847,3/ 18,76%	951,4/ 18,71%	1127,9 / 18,9%	382,7
Суғуртаи иҷтимоӣ ва ҳифзи	26,1/ 1,4%	28,3/ 1,2%	31,5/ 1,1%	33,9/ 0,9%	37,6/ 0,7%	41,8/ 0,93%	39,2/ 0,7%	40,1/ 0,6%	153,6

иҷтимоӣ									
Хоҷагии манзилию коммуналӣ	346,5/ 19,6%	549,8/ 23,9%	460,8/ 17,3%	875,3/ 23,2%	1121,5 / 23,3%	926,4/ 20,5%	1022,6 / 20,1%	692,2/ 11,6%	199,8
Чорабиниҳои фарҳангӣ – оммавӣ, солимгардонӣ ва динӣ	90,3/ 5,13%	129,7/ 5,6%	198,3/ 7,4%	160,0/ 4,2%	141,1/ 2,9%	208,5/ 4,6%	261,3/ 5,14%	443,3/ 7,4%	490,9
Кишоварзӣ, хоҷагии ҷангал, моҳидорӣ ва шикор	11,6/ 0,66%	13,5/ 0,59%	16,2/ 0,61%	22,0/ 0,58%	35,7/ 0,74%	58,5/ 1,29%	80,2/ 1,58%	87,1/ 1,46%	750,9
Истихроҷ ва коркарди канданиҳои фоиданок, саноати истеҳсоли маъдани куҳӣ, сохтмон	2,7/ 0,15%	8,7/ 0,38%	1,0/ 0,04%	0,9/ 0,02%	0,8/ 0,02%	60,3/ 1,33%	93,2/ 1,83%	9,7/ 0,16%	359,3
Нақлиёт ва коммуникатсия	22,4/ 1,27%	32,8/ 1,43%	51,8/ 1,95%	47,7/ 1,27%	68,5/ 1,43%	73,9/ 1,64%	69,9/ 1,37%	76,6/ 1,28%	342,0

Хароҷотҳо ба соҳаи маориф дар давраи таҳлилшаванда ба 3,5 маротиба афзоиш ёфта, ҳиссаи он дар ҳаҷми умумии хароҷотҳои буҷети маҳаллӣ аз 41,9% то 42,9% рафта расидааст, ки оид ба коҳиш ёфтани хароҷоти буҷети маҳаллӣ ба ин самт шаҳодат медиҳад. Хароҷотҳои соҳаи тандурустӣ дар ин давра ба 3,8 маротиба афзоиш ёфта, ҳиссаи он дар ҳаҷми умумии хароҷотҳои буҷети маҳаллӣ 16,7% дар соли 2010 ташкил дода, дар соли 2017 он ба 18,9% рафта расидааст, ки оид ба афзоиш ёфтани хароҷоти буҷети маҳаллӣ ба ин самт шаҳодат медиҳад. Хароҷотҳо ба соҳаи суғуртаи иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ дар ин давра ба 1,5 маротиба афзоиш ёфта, ҳиссаи он дар ҳаҷми умумии хароҷотҳои буҷети маҳаллӣ дар соли 2017 – 0,7% ташкил додааст.

Хароҷотҳо ба соҳаи хоҷагии манзилию коммуналӣ дар ин давра ба 1,9 маротиба афзоиш ёфта, ҳиссаи он дар ҳаҷми умумии хароҷотҳои буҷети маҳаллӣ 19,7% дар соли 2010 ташкил дода, дар соли 2017 ба 11,6% рафта расидааст. Хароҷотҳои чорабиниҳои фарҳангӣ – оммавӣ, солимгардонӣ ва динӣ дар давраи таҳлилшаванда ба 4,9 маротиба афзоиш ёфта, ҳиссаи он дар ҳаҷми умумии хароҷотҳо аз 5,1% то 7,4% рафта расидааст. Хароҷотҳои соҳаи кишоварзӣ, хоҷагии ҷангал, моҳидорӣ ва шикор бошад дар давраи мазкур ба 7,5 маротиба афзоиш ёфта, ҳиссаи он дар ҳаҷми умумии хароҷотҳо аз 0,6% то ба 1,5% рафта расидааст. Ҳиссаи соҳаи истихроҷ ва коркарди канданиҳои фоиданок, саноати истеҳсоли маъдани куҳӣ, сохтмон дар ҳаҷми умумии хароҷотҳо аз 0,15% то ба 0,16% рафта расидааст, дар давраи мазкур он ба 3,6 маротиба афзоиш ёфтааст. Хароҷотҳои буҷети маҳаллӣ ба соҳаи нақлиёт ва коммуникатсия дар давраи таҳлилшаванда ба 3,4 маротиба афзоиш ёфта, ҳиссаи он дар ҳаҷми умумии хароҷотҳо аз 2,01% то ба 2,03% рафта расидааст. Хароҷотҳои соҳаи дигар корҳои иқтисодӣ ва хизматрасонӣ дар давраи таҳлилшаванда ба 1,1 маротиба коҳиш ёфта, ҳиссаи он дар ҳаҷми умумии хароҷотҳо аз 1,3% то ба 1,3% рафта расидааст.

АДАБИЁТ

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ. 23 декабри соли 2016. Газетаи «Ҷумҳурият»-2016. №2/1.
2. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон. Таҳрири 14.11.2016.
3. Джусоева, Л.Х. Теоретические и практические аспекты использования налогового потенциала региона в планировании налоговых поступлений [Электронный ресурс] - Режим доступа: http: //www.uecs.ru/uecs40- 402012/item/1291 -2012-04-26-07-44-40
4. Бобоев М Р., Мирпочоев Д.А Сущность и функции современной налоговой системы России // Экономика Таджикистана: стратегия развития Душанбе: ПИО НПИ, № 3, 2006 -[0,8п.л / 0,4 п л.]
5. Бобоев М.Р., Мирпочоев Д.А. Совершенствование налоговой системы Таджикистана // Налоговая политика и практика - М Изд-во Экономико-правовой литературы, 2006, № 9 - [0,4пл./0,2пл]
6. Налоги и налогообложение: Учебник / Черник Д.Г. и [др.]. –М.: Инфра-М, 2003. – С. 55.
7. Улугходжаева Х.Р. Проблемы совершенствования налогового механизма в условиях обеспечения экономического роста. -Душанбе: Ирфон, 2011. -175 с.

ТАҲЛИЛ ВА АРЗЁБИИ МЕХАНИЗМИ БУҶЕТИИ МОЛИЯВИЮ-ҚАРЗӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақолаи мазкур муаллиф баъзе масъалаҳои таҳлил ва арзёбии механизми буҷетии молиявию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ намудааст. Динамикаи хароҷотҳои буҷети давлатӣ ба соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, ки сарчашмаи дохилии ташаккулёбии захираҳои молиявӣ ба ҳисоб меравад, дар ҷадвалҳо нишон дода шудааст. Буҷети маҳаллӣ яке аз сарчашмаҳои дохилии захираҳои молиявӣ ба шумор рафта, аз ҳисоби он ҳамасола дар намуди хароҷотҳои буҷети маҳаллӣ соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиву иҷтимоӣ дастгирӣ меёбанд. Аз ҷониби муаллиф динамикаи хароҷотҳои буҷети маҳаллӣ низ мавриди таҳлил ва арзёбӣ қарор гирифта шудааст. Дар мувофиқа аз маълумотҳои ҷадвалҳо, метавон чунин хулосабарорӣ намуд, ки ҳаҷми хароҷотҳои буҷети маҳаллӣ дар умум дар давраи солҳои 2010-2017, ба 3,4 маротиба афзудааст.

Калидвожаҳо: буҷет, молия, қарз, маълумотҳо, хароҷоти буҷети давлатӣ, хароҷоти буҷаи маҳаллӣ.

АНАЛИЗ И ОЦЕНКА ФИНАНСОВО-КРЕДИТНОГО БЮДЖЕТНОГО МЕХАНИЗМА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

В данной статье автором рассмотрены некоторые вопросы анализа и оценки финансово-кредитного бюджетного механизма Республики Таджикистан. Динамика расходов государственного бюджета по экономическим и социальным секторам, являющимся внутренним источником формирования финансовых ресурсов, представлена в таблицах. Местный бюджет является одним из внутренних источников финансовых ресурсов, и ежегодно он поддерживается отдельными экономическими и социальными секторами в виде расходов местного бюджета. Автор также анализирует и оценивает динамику расходов местного бюджета. Исходя из данных таблиц, можно сделать вывод, что общие расходы местного бюджета увеличились в 3,4 раза в период 2010-2017 гг.

Ключевые слова: бюджет, финансы, кредит, данные, расходы государственного бюджета, расходы местного бюджета.

ANALYSIS AND EVALUATION OF THE FINANCIAL AND CREDIT BUDGET MECHANISM IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

In this article, the author considers some issues of analysis and evaluation of the financial and credit budget mechanism of the Republic of Tajikistan. The dynamics of state budget expenditures for economic and social sectors, which are an internal source of financial resources, is presented in the tables. The local budget is one of the internal sources of financial resources, and it is supported annually by individual economic and social sectors in the form of local budget expenditures. The author also analyzes and evaluates the dynamics of local budget expenditures. Based on these tables, it can be concluded that the total expenditures of the local budget increased by 3.4 times in the period 2010-2017.

Keywords: budget, Finance, credit, data, state budget expenditures, local budget expenditures

Сведения об авторе: ***Олимов Нушервон Элчибекович*** **–** Таджикский национальный университет, магистр. Адрес 734025, Республика Таджикистан, проспект Рудаки 17. Телефон: **883-08-00-11**

Information about the author: ***Olimov Nushervon Elchibekovich*** - Tajik National University, Graduate student, Address: 734025, Republic of Tajikistan, Rudaki ave. 17. Phone: **883-08-00-11**

ТАЪРИХИ ПАЙДОИШИ САҲМИЯ ВА МОҲИЯТИ ОН

Рачабов А. А.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Аввалин маротиба мафҳуми саҳмия дар оинномаи ширкати Ҳолландии «OST INDIA» сабт шуда, дорандагони он саҳмдор номида мешуданд. Маҳз ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳое, ки вобаста ба иштирок дар ҷамъияти саҳомӣ бармеоянд аз лаҳзаи соҳиби саҳмия шудан шӯруъ мегардад. Яъне сатҳи иштирок дар ҷамъияти саҳомӣ бо саҳмия шаҳодат дода мешавад.

Саҳмия ҳамчун категорияи иқтисодӣ дар натиҷаи инкишофи муносибатҳои иқтисодӣ такмил ёфта, хусусиятҳои хос ва намудҳои гуногунро соҳиб гаштааст.

Мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ» саҳмия коғази қиматнокест, ки ҷамъияти саҳомӣ мебарорад ва он вобаста ба намуд ва категорияҳо ҳуқуқҳои зерини саҳмдоронро муайян мекунад:

А) ҳуқуқ барои гирифтани суди саҳмия;

Б) ҳуқуқи иштирок дар идораи ҷамъияти саҳомӣ;

В) ҳуқуқи соҳиб шудан ба як қисми молу мулки ҷамъияти саҳомӣ, ки баъди барҳамдиҳӣ боқӣ мондааст.

Баъзе мутахассисон меъёри ҳуқуқҳои мазкур ва дараҷаи амалисозии онро ба номинали саҳмия, яъне арзиши он мансуб медонанд. Бояд қайд намуд, ки номинали саҳмия он нақши муҳимеро, ки ба он мансуб медонанд, иҷро намекунад. Номинали саҳмия ҳеҷ гунна иртибот бо маҷмӯи ҳуқуқҳои дорандааш надорад. Маҷмӯи ҳуқуқҳои саҳмдор аз ҳаҷми ҳиссаи ӯ дар сармояи оинномавӣ вобаста аст, яъне саҳмдоре, ки 50% + 1 саҳмия дорад, ҷамъияти саҳомиро идора менамояд, новобаста аз он, ки номинали саҳмия ҳазор ва ё як сомонӣ аст.

Вобаста ба ҳуқуқҳо ва меъёрҳои муайян саҳмия ба намудҳои алоҳида ҷудо карда мешавад.

Вобаста аз шакли эмитент, яъне ҷамъияти саҳомӣ, саҳмияҳои ҷамъияти саҳомии кушода ва пӯшидаро фарқ мекунанд. Саҳмияҳои ҷамъияти саҳомии кушода метавонанд бе розигии дигар саҳмиядорон бегона карда шаванд. Саҳмияҳои ҷамъияти саҳомии пӯшида бошад танҳо дар байни муассисон ва нафарони пешакӣ муайянгардида паҳн карда мешаванд.

Вобаста ба хусусиятҳои пардохти суди он, яъне дивиденд ҷамъияти саҳомӣ саҳмияҳои *оддӣ* ва *имтиёзнок* мебарорад.

Саҳмияи *оддӣ* ба дорандааш ҳаҷми баробари ҳуқуқҳоро фароҳам меорад. Саҳмдорон – соҳибони саҳмияҳои оддии ҷамъияти саҳомӣ ҳуқуқ доранд дар Маҷлиси умумии саҳмдорон ҳангоми ҳалли ҳамаи масъалаҳои барои овоздиҳӣ пешниҳодшуда иштирок намоянд. Саҳмияи оддӣ, ҳамчунин, ба саҳмдор барои гирифтани суди саҳмияҳо, ба даст овардани қисми молу мулки ҷамъияти саҳомӣ, ки баъди барҳамдиҳии он боқӣ мондааст, ҳуқуқ медиҳад. Инчунин, дивиденде, ки аз рӯи саҳмияҳои оддӣ пардохт карда мешавад, бузургии тағйирёбанда дорад, ин дар ҳоле, ки ҳаҷми суди саҳмияҳои имтиёзнок муқарраршуда аст. Қонунгузорӣ мавҷудияти категорияҳои гуногуни саҳмияҳои оддиро пешбинӣ наменамояд. Яъне саҳмияҳои оддӣ танҳо як намуд мешаванд.

Ҷамъиятҳои саҳомӣ, инчунин, ҳуқуқ доранд як ва ё якчанд навъи саҳмияҳои имтиёзнокро нашр намоянд.

1. Саҳмияҳои имтиёзноки ҷамъшаванда (кумулятивӣ), яъне аз рӯи чунин саҳмияҳо ҷамъшавии суди гирифтаи он амалӣ мешавад.

2. Саҳмияҳои имтиёзнок бо ҳиссаи иштирок, ки ба дорандааш ҳуқуқ медиҳад, аз ҳаҷми пешакӣ эълоншудаи суд, суди иловагӣ гирад.

3. Саҳмияҳои имтиёзноки ивазшаванда, ки ба саҳмияҳои оддӣ бо меъёри мувофиқашуда иваз карда мешаванд.

Дорандагони саҳмияҳои имтиёзнок нисбат ба дорандагони саҳмияҳои оддӣ барои гирифтани суди саҳмияҳо дар ҳаҷми пешакӣ муайянгардидаи кафолатнок, ки эъломияи бароришӣ муқаррар намудааст, инчунин ба қисми молу мулки баъди барҳамдиҳии ҷамъияти саҳомӣ боқимонда ҳуқуқи афзалиятнок доранд.

Табдили саҳмияҳои имтиёзнок ба вомбаргҳо иҷозат дода намешавад. Танҳо дар ҳолатҳои Оиннома пешбиникунанда саҳмияҳои имтиёзнок ба саҳмияҳои оддӣ ва саҳмияҳои имтиёзноки навъҳои дигар, инчунин ҳангоми азнавташкилдиҳии ҷамъияти саҳомӣ иҷозат дода мешавад. Саҳмияҳои имтиёзноки ҷамъияти саҳомӣ арзиши номиналии якхела дошта ба дорандагонаш ҳуқуқҳои якхела медиҳад.

Азбаски суди саҳмияҳои имтиёзнок муқарраршуда мебошад, яъне пардохти он ҳатмӣ аст, ҳиссаи саҳмияҳои имтиёзнок дар ҳаҷми умумии сармояи оинномавии ҷамъияти саҳҳомӣ набояд аз 25 фоиз зиёд бошад. Манзуран агар ҷамъият дар охири сол фоида нагирад, он ӯҳдадор аст суди саҳмияҳои навъи мазкурро пардохт намояд. Дар ин ҳолат масъалаи пайдо намудани сарчашмаи молиявӣ душвор мегардад. Бинобар ин қонун меъёри барориши саҳмияҳои имтиёзнокро маҳдуд менамояд.

Саҳмдорон-дорандагони саҳмияҳои имтиёзнок дар ҳолатҳои зерин дар Анҷумани умумии саҳмиядорон ҳуқуқи овоз пайдо мекунанд:

- дар ҳолати муайян ё зиёд кардани ҳаҷми суди саҳмияҳо;
- ҳангоми муайян ё зиёд кардани арзиши барҳамдиҳӣ, ки тибқи саҳмияҳои имтиёзноки навбати аввал пардохта мешавад;
- ҳангоми ба саҳмдорон- соҳибони саҳмияҳои имтиёзноки намуди дигар фароҳам овардани имтиёз дар мавриди навбати пардохти суди саҳмияҳо ва ё арзиши барҳамдиҳии саҳмияҳо.

Вобаста ба меъёри соҳибият саҳмияҳои ***исмӣ (номӣ)*** ва ***беномро*** (манзуршавандаро) фарқ мекунанд. Саҳмияҳои исмӣ чунин навъи саҳмияҳо мебошанд, ки ба номи шахси муайян дода шуда, дар феҳрасти ҷамъияти саҳомӣ дар сутуни ин саҳмдор ба қайд гирифта мешавад. Дар сурати ба шахси дигар фурухтан ё ба тарзи дигар бегона кардани саҳмия саҳмдор бояд дар феҳрист имзо гузорад, ки ин маъноро дорад, ки вай аз ҳуқуқи соҳибии ин саҳмия даст кашидааст. Саҳмияҳои манзуршаванда бошанд озодона бегона карда шуда, амалиёти мазкури аз қайдгузариро тақозо наменамояд. Яъне дар саҳмияҳои манзуршаванда номи дорандаи он сабт карда намешавад, қиёсан бо осонӣ аз даст ба даст мегузаранд.

Дар мавриди хусусигардонии моликияти давлатӣ тариқи табдилдиҳи ба ҷамъияти саҳомӣ мафҳуми "саҳмияи тиллоӣ" истифода карда мешавад, ки дар ташкили фонди оинномавӣ ва тақсими дивиденд иштирок намекунад. Танҳо дорандаи "саҳмияи тиллоӣ" ҳуқуқ дорад, ба қабули баъзе қарорҳои маҷлиси умумӣ, раёсат ва шӯрои нозирон доир ба масъалаҳои дар оиннома муайяншуда розигӣ надиҳад (вето гузорад). Саҳмияи тиллоӣ қоғази қимматнок набуда, арзиши номиналӣ надорад ва аз рӯи он дивиденд пардохт карда намешавад. Саҳмияи тиллои танҳо ҳуқуқи иштироки мақомоти давлатиро дар идоракунии ҷамъияти саҳомӣ медиҳад.

Инчунин дар амалия саҳмияҳои дугона, саҳмияи дорои ҳуқуқи маҳдуди овоз ва ғайраро фарқ мекунанд.

Саҳмия метавонад дар бозори коғазҳои қиматнок объекти хариду фурӯш бошад, ҳамчун моликият ба мерос гузошта шавад, тӯҳфа карда шавад, ба гарав гузошта шавад.

Саҳмия ҳамчун ҳуҷҷати тасдиққунандаи ҳуқуқи моликият дорои нишонаҳои хос, яъне реквизит мебошад [11]. Ҳарчанд дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон реквизитҳои ҳатмии саҳмия нишон дода нашудааст, вобаста ба таҷрибаи хориҷӣ ва қоидаҳои умумии нашр, саҳмия дорои чунин реквизитҳо бояд бошад: номи фирмавии ҷамъияти саҳомӣ ва суроғаи он; номи қоғази қимматнок- «САҲМИЯ» («АКЦИЯ»), рақами тартибии он, санаи барориш, навъи саҳмия (оддӣ ва ё имтиёзнок) ва арзиши номиналии он; номи доранда; ҳаҷми сармояи оинномавӣ дар санаи барориши саҳмия, шумораи саҳмияҳои нашршуда, мӯҳлати пардохти дивидендҳо, имзои Раиси

раёсати ҷамъияти саҳомӣ, ҷои мӯҳр, корхонае (чопхонае), ки қоғази қимматнокро чоп намудааст.

Ғайр аз ин, як қатор талаботҳои техникӣ нисбат ба барориши саҳмия пешниҳод карда мешавад, аз он ҷумла: бланкаи саҳмия бояд шакли (формати) А4 (210х297мм) ва ё А5 (148х210мм) дошта бошад; реквизитҳои чопӣ (расмҳои асосӣ, портрет, пардаи ҳифозӣ, рақами силсилавӣ) бояд амиқ, сохти якхела дошта бошанд. Ранг, андозаи ҳар як саҳмияи (экземпляр) ба як тираж дахл дошта, бояд якхела бошанд. Тақсимкунии расм дар саҳмия иҷозат дода намешавад, нақшаҳои махсус (масалан дар шакли чоркунҷаҳои пайдарпай ва ё ягон расми хос) бояд бетанаффус дарҷ карда шаванд. Хатҳои тасвиршуда ва ҳамдигарро бурранда бояд як андоза дошта бошанд.

Дар амалия, инчунин, як қатор талаботҳои техникии дигар нисбати чопи саҳмияҳо мавҷуданд, ки раванди мазкурро пурра мушаххас ва назорат менамоянд.

Саҳмияҳо дорои арзиши исмӣ, интишорӣ ва бозорӣ мебошанд.

Дар рӯи варақаи саҳмия арзиши исмии вай ифода карда мешавад. Асосан, арзиши исмии саҳмияро бо роҳи тақсими сармояи оинномави ба миқдори саҳмияҳои баровардашуда муайян менамоянд. Агар сармояи оинномавии ҷамъияти саҳоми 500 ҳазор сомони буда, 250 ҳазор саҳмияи одди бароварда бошад, он гоҳ арзиши исмии як саҳмия ба 2 сомони баробар мешавад (500.000 / 250.000).

Арзиши исмии саҳмия асоси муайян намудани арзиши эмиссионию бозории саҳмияҳо ва ҳисоб намудани дивиденд мебошад. Вобаста ба арзиши исмии саҳмия, ҳиссаи саҳмдор ва пардохти маблағ дар мавриди муфлисшавии ҷамъияти саҳомӣ муайян карда мешавад. Он нархе, ки интишордиханда саҳмияро ба маблағгузор мефурӯшад, нарх ё арзиши интишории саҳмияро ташкил медихад. Нархи интишор е барориш метавонад аз арзиши исми паст, баланд ва баъзан ба он мувофиқ бошад.

Саҳмияҳо дар биржахои фонди ва бозорҳои ғайрибиржави бо нархи бозори харидаву фурӯхта мешаванд.

Ба талаботу пешниҳод ва нархи бозории саҳмия чунин омилҳо: таблиғ (реклама), вазъи бозор, ҳаҷми дивиденди саҳмия, меъери фоизи бонк таъсир мерасонанд. Ҳар қадар ҳаҷми дивиденд баланд бошад, ҳамон қадар нархи бозории сахмия баланд ва баръакс, ҳар қадар фоизи бонк баланд бошад, нархи бозории саҳмия паст мешавад.

Барои муайян намудани қурби саҳмия нархи бозории саҳмияро ба арзиши исмии вай тақсим намуда, ҳосили онро ба 100 зарб мезананд.

Масалан, сахмияи 2 сомони арзиши исми доштаро бо нархи бозори ба 2 сомонию 50 дирам мефурушанд. Он гоҳ қурби саҳмия 2с50д / 2 * 100 = 125 аст.

Нархи бозори аз арзиши исми 1,25 маротиба зиёд аст.

Қурби нисбии саҳмияро чунин муайян менамоянд; нархи бозории саҳмияро ба маҷмӯи фоидае, ки ба як саҳмия рост меояд, тақсим мекунанд. Чунин қурбро зариби қурби фоида меноманд.

Болорави ва пастравии зариби қайдшуда дар биржаҳои фонди аз қимату арзоншавии арзиши саҳмия вобаста ба дигаргуншавии ҳолати иқтисодиёт, сатҳи фаъол будани биржаҳою мёъерхои баҳисобгирии бонки ва дигар омилҳо шаҳодат медиҳад.

Чун қоида саҳмдорон саҳмияҳоро дар ихтиёри худ нигоҳ намедоранд. Ба ивази саҳмия ба онҳо як ё якчанд тасдиқномаи саҳмия дода мешавад.

Тасдикномаи (сертификат) саҳмия ҳуҷҷатест, ки ҳуқуқи саҳмдорро ба моликият тасдиқ менамояд.

Як тасдиқнома дар мавриди созмондиҳи ба саҳмдор бепул ба ивази ҳамаи саҳмияҳои дар ҷамъияти саҳоми харидааш дода мешавад. Мувофиқи дархост тасдиқномаҳҳои иловагиро ба саҳмдорон ба пул мефурӯшанд, ки нархи онро шӯрои мудирон муайян менамояд.

Тасдиқномаи саҳмияҳо дорои чунин мушаххасот мебошад:

- номи ҳуҷҷат;

- ном ва маҳалли ҷойгиршавии ҷамъияти саҳоми;

- дараҷаи силсилаи саҳмияҳо, ки ба саҳмдорон тааллук доранд, ҳуқуқ ва маҳдудияти онро бояд тасдикнома шаҳодат диҳад;

- арзиши исмии як саҳмияи дараҷаи мазкур;

- миқдор ва рақамҳои саҳмия, ки ба саҳмдор тааллук доранд;

- ном ва ҷои истиқомати саҳмдор;

- меъёри дивиденд;

- имзои ду шахси мутасаддии ҷамъият;

- муҳри ҷамъият.

Агар яке аз мушаххасоти дар боло қайдшуда набошад, тасдикномаи саҳмия беэътибор дониста мешавад.

Категорияи дигари марказии низоми муносибатҳои саҳомӣ ин суди саҳмия ва ё ин ки дивиденд мебошад. Суди саҳмияҳо (дивиденд) (аз лот. dividend барои тақсимнамоӣ) қисми фоидаи ҷамъиятҳои саҳомӣ, ки дар байни дорандагии саҳмияҳои он тақсим карда мешавад. Соли 1609 аз тарафи ширкати Голландии «OST INDIA», бори аввал дар таърихи фаъолияти ҷамъиятҳои саҳомӣ дивиденд пардохт карда шуд, ки то соли 1699 шакли ғайринақдиро дошт [8].

Мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ» ҷамъияти саҳомӣ вазифадор аст, ки соле на кам аз як маротиба оид ба пардохи суди саҳмия қарор қабул кунад. Суди саҳмияҳои эълонгардида аз рӯи ҳар намуди саҳмия пардохт карда мешавад. Суди саҳмияҳо аз фоидаи софи ҷамъияти саҳомӣ бо пули миллӣ пардохта мешавад. Дар мавриди саҳмияҳои имтиёзнок бошад суди онҳо бояд аз ҳисоби сармояи махсуси барои он таъингардида пардохта шавад. Қарор оиди пардохти суди саҳмия аз рӯи ҳамаи намуди саҳмияҳо аз ҷониби Анҷумани умумии саҳмиядорон қабул карда шуда, маблағи он аз ҳаҷми пешниҳоднамудаи шӯрои нозирон зиёд буда наметавонад.

Мӯҳлати пардохти суди саҳмияҳо мувофиқи нишондоди Оиннома ва ё бо қарори Анҷумани умумии саҳмиядорон муайян карда мешавад. Агар санаи дақиқи пардохти саҳмияҳо дар Оиннома ва қарори Анҷумани умумии саҳмиядорон нишон дода нашуда бошад, мӯҳлати пардохти он набояд аз рӯзи қабули қарор дар хусуси пардохти суди саҳмияҳо беш аз 90 рӯз бошад.

Ҷамъияти саҳомӣ ҳуқуқ надорад дар ҳолатҳои зерин оид ба пардохти суди саҳмия қарор қабул кунад:

- То пурра пардохтани тамоми сармояи оинномавии ҷамъият;

- Агар дар ҷамъият нишонаҳои муфлисшавӣ мушоҳида шаванд;

Агар ҳаҷми сармояи оинномавӣ кам бошад ва ё дар натиҷаи қабули қарори мазкур кам гардад.

Дивиденд - даромадест, ки ба саҳмиядорон аз ҳисоби қисми фоидаи софи ҷамъияти саҳоми пардохт карда мешавад. Дивиденд байни саҳмдорон вобаста ба ҳар як саҳмияе, ки онҳо доранд, дода мешавад.

Дивидендро дар шакли мутлақ бо сомони ва ё дар шакли зариб ифода менамоянд. Зариб ва ё меъери фоизии дивиденд ҳамчун даромаде, ки дивиденд бо ифодаи пули нисбати арзиши исмии саҳмия таъмин менамояд, муайян карда мешавад. Меъери фоизи дивиденд таъмини даромади саҳмияро исбот менамояд.

Мувофиқи қарордоди оинномаи ҷамъияти саҳоми дивидендро на танҳо дар шакли пули, балки дар шакли моли низ ба саҳмдорон пардохт менамоянд.

Дивиденди саҳмияҳои паҳнгаштаро мувофиқи қарори саҳмдорон ва ё оинномаи ҷамъияти саҳоми дар ҳар як семоҳа, ё ҳар шаш моҳ як маротиба ва ё дар як сол пардохт намудан мумкин аст.

Сарчашмае, ки аз ҳисоби он дивидендҳо пардохта мешаванд, фоидаи софи дар давоми сол бамиёномадаро ташкил медиҳад.

Қобили қайд аст, ки ҳаҷми дивиденди солона набояд аз маблаҒи дивиденди фосилави (промежуточные) кам ва аз маҷмӯи дивидендҳое, ки Шӯрои мудирон муайян кардааст, зиёд бошад.

Тартиби пардохти дивидендҳо вобаста ба навъи саҳмия муқаррар мегардад. Дар навбати аввал дивиденди саҳмияи бартаридошта пардохт мегардад.

Дар кишварҳои пешрафта қонун дар бораи ҷамъиятҳои саҳоми ба маҷлиси умумии саҳмдорон ҳуқуқ медиҳад, ки дар бораи пардохт накардани дивиденди баъзе дараҷаҳои саҳмияҳо қарор қабул намоянд. Дивиденди саҳмияҳои бартаридошта ё имтиёзнок дар холати ҷой доштани фоидаи софи озод низ пурра пардохта намешавад.

Қабули чунин қарор аз тарафи маҷлиси умумии саҳмдорон дар ҳолате бамаврид аст, ки воситаҳои ҷамъияти саҳоми барои маблаҒгузорие, ки инкишофи соҳибкориро таъмин менамояд, равона гардида бошад.

Пардохти дивидендҳо вобаста ба навъи саҳмия аз рӯи навбати муқарраршуда ба анҷом расонида мешавад.

Дар навбати аввал дивиденди саҳмияҳои бартаридошта ё имтиёзнок пардохта мешаванд. Мувофиқи қарори дар Русия амалкунанда ба дивиденди саҳмияҳои имтиёзноки навъи А ва Б чунин тарзи ҳисоб кардани дивиденд пешбини гаштааст. Ба ҳар як саҳмияи навъи А дивиденд дар ҳаҷми 10 фоизи фоидаи софи ҷамъияти саҳоми, ки вобаста ба ҷамъбасти соли молиявии охирон ба ҳар як саҳмия тақсим карда шудааст, ва 25 фоизи сармояи оинномавии ҷамъиятро ташкил медиҳад, ҳисоб карда мешавад.

Ба ҳар як саҳмияи навъи Б дивиденд дар ҳаҷми 5 фоизи фоидаи софи ҷамъияти саҳоми, ки вобаста ба ҷамъбасти соли охирони молияви муқаррар гаштаасту 25 фоизи фонди оинномавии ҷамъиятро ташкил медиҳад, муқаррар карда мешавад.

Агар дивиденд ба ҳар як саҳмияи имтиёзноки навъи А ва Б нисбат ба дивиденди саҳмияҳои одди камтар рост ояд, он гоҳ маблаҒи дивиденди саҳмияҳои имтиёзнок то ба маблаҒи дивиденди саҳмияи одди баланд бардошта мешавад.

Минбаъд дивиденди сахмияҳои имтиёзнок пайваста бо навъҳояшон бо роҳи паст намудани ҳуқуқи имтиёзиашон пардохта мешаванд. Дар охир дивиденди саҳмияҳои бартаридошта, ки ҳаҷми дивидендашон дар оинномаи ҷамъияти саҳоми қайд нашудааст, пардохта мешаванд.

Баъд аз пурра пардохта шудани дивидендҳои ҳамаи навъи саҳмияҳои бартаридошта дивиденди саҳмияҳои одди пардохта мешаванд.

Дивиденди саҳмияҳои ба муомилот бароварда ва ё дар қайди тавозуни ҷамъияти саҳомӣ буда пардохта намешаванд. Дивиденд то пурра иҷро нашудани шартҳои хариди саҳмия аз тарафи сахмдорони ҷамъият пардохта намешавад.

АДАБИЁТ

1. Ашуров Н., И. Лалбеков. Муомилоти пулӣ, карз ва бонк. – Душанбе- 2002 сол. 274 с.
2. Азимов Х., Раҳмонов А.М., Робитаҳои асъорию қарзӣ ва молиявии байналмилалӣ, Душанбе-Ирфон-2012 сол. 341 с.
3. Улугходжаева Х.Р., Уроков Д.У. Развитие рынка ценных бумаг в Республике Таджикистан. Душанбе, -2002с. 234 с.
4. Улуғхоҷаев Х.Р. «Финансы» Душанбе -2009. 318 с.
5. Колтынюк Б.А. Ценные бумаги. Санкт Петербург – Михайлова В.А. -2002г. 324 с.
6. Уильям Ф. Шарп, Гордон Дж. Александр, Джеффри В. Бэйли Инвестиции. Москва, -Инфра - М. - 2003 г.
7. Криничанский К. В. Рынок ценных бумаг: учебное пособие - М.: Дело и Сервис, 2007. - стр.10.
8. Колтынюк Б.А. Ценные бумаги. Санкт Петербург – Михайлова В.А. -2002г. 324 с.
9. Комаров В.В. Инвестиция и лизинг в СНГ. – М.: «Финансы и кредит», 2001. – С. 134-142.
10. Мэрфи Джон Дж. “Технический анализ фьючерских рынков: теория и практика”, М., Сокол, 2006.
11. Соболев Д. “Технический анализ рынка ценных бумаг. Возможность применения методов технического анализа к российскому фондовому рынку”, Монография, 2016. - 184 с.

ТАЪРИХИ ПАЙДОИШИ САҲМИЯ ВА МОҲИЯТИ ОН

Дар мақолаи мазкур муаллиф аз таърихи пайдоиш ва моҳияти саҳмия сухан гуфтааст. Саҳмия ҳамчун категорияи иқтисодӣ дар натиҷаи инкишофи муносибатҳои иқтисодӣ такмил ёфта, хусусиятҳои хос ва намудҳои гуногунро соҳиб гаштааст. Баъзе мутахассисон меъёри ҳуқуқҳои мазкур ва дараҷаи амалисозии онро ба номинали саҳмия, яъне арзиши он мансуб медонанд. Бояд қайд намуд, ки номинали саҳмия он нақши муҳимеро, ки ба он мансуб медонанд, иҷро намекунад. Номинали саҳмия ҳеҷ гунна иртибот бо маҷмӯи ҳуқуқҳои дорандааш надорад. Саҳмия ҳамчун ҳуҷҷати тасдиққунандаи ҳуқуқи моликият дорои нишонаҳои хос, яъне реквизит мебошад. Ҳарчанд дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон реквизитҳои ҳатмии саҳмия нишон дода нашудааст, вобаста ба таҷрибаи хориҷӣ ва қоидаҳои умумии нашр, саҳмия дорои якчанд реквизитҳо бояд бошад, ки дар мақолаи мазкур ҳамаи онҳо ҳаллу фасл карда шудаанд.

Калидвожаҳо: саҳмия, реквизит, моҳият, муносибатҳои иқтисодӣ, таърихи пайдоиш, номинали саҳмия, моликият, қонунгузорӣ.

ИСТОРИЯ ПРОИСХОЖДЕНИЯ АКЦИИ И ЕЕ СУЩНОСТЬ

В этой статье автор рассматривает происхождении и сущность акции. Как одна из экономических категорий акция усовершенствовалась в результате развития экономических отношений и приобрела отличительные черты и типы. Некоторые эксперты ссылаются на степень этих прав и степень их реализации в номинальной стоимости акций. Важно отметить, что номинальная стоимость акции не играет в этом важной роли. Номинальная стоимость акции не имеет отношения к правам владельца. Акция как документ, подтверждающий право собственности, имеет свои особенности, то есть реквизиты. Хотя обязательные биржевые реквизиты не указаны в законодательстве Республики Таджикистан, в зависимости от зарубежного опыта и общих правил публикации, акция должна иметь несколько деталей, все из которых рассматриваются в этой статье.

Ключевые слова: акция, реквизиты, сущность, экономические отношения, история возникновения, запас, собственность, законодательство.

HISTORY OF THE STOCK'S ORIGIN AND ITS ESSENCE

In this article, the author examines the origin and essence of the stock. As one of the economic categories, the action has improved as a result of the development of economic relations and has acquired distinctive features and types. Some experts refer to the extent of these rights and the extent to which they are exercised in the nominal value of the shares. It is important to note that the nominal value of the stock does not play an important role in this. The nominal value of the share is not related to the rights of the owner. The action as a document confirming the ownership right has its own characteristics, that is, details. Although mandatory exchange details are not specified in the legislation of the Republic of Tajikistan, depending on foreign experience and General rules of publication, the promotion must have several details, all of which are discussed in this article.

Keywords: action, details, essence, economic relations, history of origin, stock, property, legislation.

Сведения об авторе: ***Раджабов Амирджон Азизджонович*** – магистр второго курса специальности финансы и кредит факультета мировой экономики ТНУ. Телефон: **918-56-22-22**

I

nformation about the author: ***Rajabov Amirjon Azizjonovich*** - second-year graduate student of the specialty of Finance and credit of the faculty of world economy of TNU. Phone: **918-56-22-22**

САМАРАНОКИИ ҶАРАЁНИ ИДОРАКУНИИ ИННОВАТСИОНӢ ДАР ШАРОИТИ БӮҲРОН

Толиби Т.

Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Натиҷахои фаъолияти инноватсионӣ (навоварӣ) дар шакли махсулоти навоварӣ, ки мумкин аст шакли мушаххаси ашёӣ ё шакли ғайриашёӣ дошта бошад, ифода меёбад.

Ихтироъкорони навоварӣ ба онхо хуқуқи муаллифӣ ё хуқуқҳои бо онҳо ҳамшафатро ба даст меоранд. Ҳуҷҷатҳои муҳофизатии ихтироъ патент ва шаҳодатномаи муаллифӣ мебошанд. Патент муаллиф буданро афзалият ва хуқуқи истисноӣ барои истифодаи ихтироъ доштанро дар муддати амали патент, тасдиқ мекунад. Патентҳоро ба патентҳои миллӣ ва минтақавӣ чудо менамоянд. Патентҳо ҳамчун манбаи иттилоот дар бораи дастовардҳои навтарини илмию техникӣ хизмат

мекунанд, ки донистани онхо барои менеҷери навовариҳо фавқулодда муҳим мебошад.

Маҳсулоти навоварӣ бояд дорои нишонаи инфиродӣ бошад, ки дар Руссия он нишони молӣ ба шумор меравад. Ҳуқуқи истифодабарӣ аз нишонаҳои молиро ба воситаи ба қайд гирифтани онҳо ба даст меоваранд. Нишони молӣ хамчун самтнамо хангоми интихоби мол хизмат карда, дорои сифати муносиб будани молро нишон медихад, молро аз молхои ба он монанди истехсолкунандагони дигар фарқ мекунонад, манбаи пайдоиши молро нишон медихад, зеро маълумот дар бораи сохибони нишони молӣ дар фехристи нишонахои молӣ, ки дар идораи патент сабт шудааст, ворид гардидааст, молро реклама мекунад, азбаски шӯхрати истехсолкунандаро таъмин месозад, талабот ба молро ташвиқ намуда онро нигох медорад, ба истехсолкунанда ё фурӯшандаи мол имконият медихад, ки дар бозор ба туфайли эътироф ёфтани нишони молӣ мавқеи муайян пайдо кунад.

Ноу-хау аз донишхо, таҷриба, малакахои комилан ё қисман махфие иборат мебошад, ки маълумоти хусусияти техникӣ, иқтисодӣ, маъмурӣ, молиявӣ ва ғайра доштаро дар бар мегирад. Истифодабарии ноу-хау бартариятхои муайян ва манфиати тиҷоратиро барои шахси ба онҳо соҳибгардида фароҳам месозад [1, С.187].

Натиҷаҳои фаъолияти навоварӣ метавонад таслимхои бадеию конструктории нави марбут ба маснуот – намунахои саноатие гарданд, ки ягонагии хислатхои техникӣ, функционалӣ, забоншиносии маснуотро инъикос намуда дар таркиби дороихои ғайри моддӣ дохил шуда, мавзӯи созишномахои литсензионӣ ва объекти хифзи моликияти саноатӣ қарор мегиранд.

Натиҷаҳои ашёии фаъолияти навоварӣ дар шакли мошинхо, таҷхизот, дастгоҳҳо, асбобҳо ва воситаҳои автоматикунонии нав ихтироъкарда, арзи ҳасти мекунанд, ки сиёсати давлатии фаъолияти инноватсионӣ дар расми 1. дарҷ гардидааст.

Расми 1. Сохтори танзими давлатии фаъолияти инноватсионӣ[2,С.370]

Натиҷаҳои асосии фаъолияти навовариро дар бозрхои дохилӣ ва хориҷӣ аз тариқи интиқол додани донишу таҷрибахои илмию техникӣ барои адо намудани хизматрасонихои илмию техникӣ ва технологияхои нав пешниход намудан мумкин аст. Савдои литсензионӣ шакли асосии тиҷорати байналмиллалӣ мебошад, ки муомилахо бо ноу-хау ва патент барои ихтироъро дар бар мегирад. Ба ғайр аз ин додани литсезияхои тахвили хуқуқи истифодабарии патентхо бе ноу-хау-и дахлдор низ имконпазир аст.

Даромаднокии баланди амалиётхои литсезионӣ ба инкишофи босуръати савдои литсензионӣ мусоидат мекунад. Шаклхои ташкилӣ ва амалияи фурӯши литсензияхо дар бозори хориҷӣ метавонанд гуногун бошанд.

Дар тиҷорати байналмилалӣ созишномаҳои литсензионие интишори васеъ пайдо кардаанд, ки интиқол додани як ё якчанд патент ва ноу–хау-и ба он алоқамандро пешбинӣ менамоянд. Созишномахои литсензионӣ илова бар интиқоли донишхои техникӣ инчунин метавонанд аз тарафи литсензиядиханда адо намудани хизматрасонихои мухандисиро дар ташкили истехсолоти литсезионӣ, тахвил додани таҷхизот ва ғайраро пешбинӣ намояд. Онхо як қатор муносибатхои байнихамдигариеро баён менамоянд, ки бо ташкили истехсолоти махсулоти литсензияшаванда ё истифодабарии раванди литсензияшаванда алоқаманд мебошад.

Натиҷаҳои фаъолияти навоварӣ, ки мавзӯи муомилаҳои литсензионӣ ва фурӯши ғайрилитсензионии «ноу - хау» қарор мегиранд, ин моли махсуси бозори ҷахонӣ буда бо дарназардошти арзиши истеъмолӣ, мехнати дар эҷоди вай сарфшуда, раванди истеъмолӣ ва донишҳои технологӣ арзёбӣ мегардад. Самарабахшии фаъолияти навоварӣ, инчунин бо рақобатпазирии дастовардҳои техникӣ муайян карда мешавад.

Се сатҳи ақидарониро метавон қайд намуд. Ба ҳайси донише, ки инноватсияҳоро тавлид мекунад, донишҳои консептуалӣ арзёбӣ карда мешаванд: бизнес, фалсафа ва идеологияи корпоративӣ (Расми 2.) [3, С.313]. Ин қисматҳои менеҷменти муосир мебошанд, ки ақидаи дурусти соҳибкориро ба вуҷуд меоранд.



Расми 2. Механизми пайдошавии навовариҳо

Ба амал баровардани фаъолияти навоварӣ бо хароҷоти дохилӣ ва хориҷӣ алоқамандӣ дорад.

Ба хароҷоти дохилӣ маблағхои худи ташкилот, маблағхои буҷетӣ, маблағхои фондхои ғайрибуҷетӣ, маблағхои ташкилотхои бахши сохибкорӣ мансуб мебошанд.

Тамоми хароҷотхои ҷории дохилӣ барои тадқиқот ва тарҳрезӣ аз рӯи намуди корҳо ва бахшҳои фаъолият, хусусан дар шароити бӯҳрони молиявӣ тақсим карда мешаванд. Аз рӯи бахшҳои фаъолият ва бахшҳои давлатӣ, соҳибкорӣ, бахши маълумоти олӣ, бахши фоидаоварии хусусиро аз хамдигар фарқ мегузоранд [4, С.85].

Самарабахшии хароҷоти фаъолияти навовариро аз ҷихати мансубият ба истехсолкунандагон ва харидорон бояд фарқ гузошт.

Хароҷоти умумӣ барои ба вуҷуд овардани техникаи нав хамчун сарфи миёнаи хароҷот барои як намунаи миқдори намунахои сохташуда хисоб карда мешавад.

Самарабахшии хароҷотро барои истифодаи навоварӣ аз тариқи нишондихандахое аз қабили хароҷоти азхудкунии навоварӣ, хароҷоти умумӣ барои истехсол ва фурӯши махсулот, даромад аз фурӯши махсулоти бо истифодаи навоварӣ истехсолгардида, фоида аз фурӯши махсулоти бо истифодаи навоварӣ истехсолгардида, даромад аз фурӯши тамоми махсулот, арзиши дороихои ғайримоддӣ, арзиши фондхои асосӣ, фоидаи соф, миқдори миёнаи хайати дар рӯйхатбудаи кормандон идора кардан мумкин аст.

Самарабахшии хароҷот дар асоси навоварӣ дар кохиш ёфтани арзиши аслии махсулот, афзоиши таъмин будан бо фондхо, афзоиши махсулнокии мехнат, зиёд гардидани хаҷми махсулоти ба фурӯшрафта, баланд шудани фоиданокии фурӯш ва нишондихандахои дигари истехсолӣ ва молиявӣ зоҳир мегардад.

Хулоса барои беҳтар гардонидани самарабахшии ҷараёни инноватсионӣ, хусусан дар шароити бӯҳрони муосир тавсияҳои зерин пешниҳод мегарданд:

- даст кашидан аз гузаронидани корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва таҷрибавӣ-конструктории моли наве, ки дар шароити бӯҳрон шубҳанокии зиёд дорад;
- аз истеҳсолот хориҷ кардани молҳое, ки дар шароити бӯҳрон фоиданокии коста доранд ва беҳтаргардонии қисматҳои алоҳидаи он молҳо;
- ҷалби мутахассис ва ихтироъкорони ҷавон баҳри беҳтаргардонии раванди инноватсионӣ ва таҳқиқотии молу хизматрасониҳо;
- хориҷкунии зерсохторҳои рушднаёфтаи инноватсионӣ ва ташкили техно паркҳои фаъол.

АДАБИЁТ

1. Гринёв В.Ф. Инновационный менеджмент: Учебное пособие. - К.: МАУП, 2007. – 187 с.
2. Бозоров Ш., Қосимова С.И., Назарамонова Д.М., Хасанова Г.Ф., Хомидов А.Х. Учебник «Менеджмент» –Душанбе: Ирфон, 2015. 370 с.
3. Инновационный менеджмент: Учебник/под ред. С.Д. Ильенковой. – М.: ЮНИТИ-ДАНА, 2007. – 313 с.
4. Хамидов А.Х. Влияния внешней трудовой миграции и финансово-экономического кризиса на неформальный занятость в сфере услуг // Вестник Таджикского национального университета - Душанбе: СИНО-2019. №2\4(204) 85 с.

САМАРАНОКИИ ҶАРАЁНИ ИДОРАКУНИИ ИННОВАТСИОНӢ ДАР ШАРОИТИ БӮҲРОН

Дар мақолаи мазкур масъалаҳои самаранокии ҷараёни инноватсионӣ, раванди ихтироъкорӣ, ҳуқуқи муаллиф, навъҳои патент ба ихтироот ва литсензиякунонии навовариҳо дар шарити бӯҳрон дида баромада шудааст. Масъалаҳои сиёсати инноватсионии давлатӣ низ дида баромада шуда Сохтори танзими давлатии фаъолияти инноватсионӣ, механизми бавуҷудоии инноватсияҳо дар шакли расм таҷассум гардонида шудааст. Инчунин хароҷотҳои дохилӣ ва берунии сармоягузорӣ ба фаъолияти инноватсионӣ, самарабахшии он, буҷетҳои ташкилотҳои алоҳида ва дав лат ва саами онҳо дар руди инноватсияҳо дар шарити бӯҳронӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Самарабахшии хароҷотро барои истифодаи навоварӣ аз тариқи нишондихандахое аз қабили хароҷоти азхудкунии навоварӣ, хароҷоти умумӣ барои истехсол ва фурӯши махсулот, даромад аз фурӯши махсулоти бо истифодаи навоварӣ истехсолгардида, фоида аз фурӯши махсулоти бо истифодаи навоварӣ истехсолгардида, даромад аз фурӯши тамоми махсулот, арзиши дороихои ғайримоддӣ, арзиши фондхои асосӣ, фоидаи соф, миқдори миёнаи хайати дар рӯйхатбудаи кормандон идора кардан мумкин аст.

Калидвожаҳо: инноватсия, патент, литсензия, буҷет, бӯҳрон, ҳуқуқи муаллиф, самарабахшии хароҷот.

ЭФФЕКТИВНОСТЬ ПРОЦЕССА УПРАВЛЕНИЯ ИННОВАЦИЯМИ В УСЛОВИЯХ КРИЗИСА

В данной статье рассмотрен вопрос по эффективности процесса инновации, процесс изобретения, авторское право, виды патента на изобретение и лицензирование инновации в условиях кризиса. В том числе, рассмотренны задачи инновационной политики, структура государственного регулирования инновационной деятельности, механизм возникновения инновации и это все изображено в рисунках. Также, анализированы внутренние и внешние затраты финансирование на инновационной деятельности, его эффективности, бюджет отдельных организаций и государств и их вклад на развитие инновации в условиях кризиса. Эффективность затрат для использования инновации посредством таких показателей, как затрата освоения инновации, общие затраты для производства и реализации товара, доходы от реализации и использование производственных инноваций, прибыль от реализации товара с использованием инновации, стоимость нематериальных активов, стоимость основных фондов, чистая прибыль, средняя численность персонала в списке работников, которыми можно управлять.

Ключевые слова: инновация, патент, лицензия, бюджет, кризис, авторское право, эффективность затрат.

EFFECTIVENESS OF THE INNOVATION MANAGEMENT PROCESS IN A CRISIS

This article discusses the effectiveness of the innovation process, the process of invention, copyright, types of patent for invention and licensing of innovation in a crisis. In particular, the problems of innovation policy, the structure of state regulation of innovation, the mechanism of innovation emergence are considered, and all this is shown in the figures. Also, the internal and external costs of financing for innovation, its effectiveness, the budget of individual organizations and States and their contribution to the development of innovation in a crisis are analyzed. Cost effectiveness for the use of innovation through indicators such as the cost of mastering the innovation, total costs for the production and sale of goods, income from the sale and use of production innovations, profit from the sale of goods using innovation, the cost of intangible assets, the cost of fixed assets, net profit, the average number of employees in the list of employees that can be managed.

Keywords: innovation, patent, license, budget, crisis, copyright, cost effectiveness.

Сведения об авторах: ***Наджмиддинов Абдусаттор*** – старший преподаватель кафедры менеджмента Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: Таджикистан, 634067, г. Душанбе, ул. Нахимова 64/14. Тел: **98 712 12 21**. E-mail: tolib199494@mail.ru.

Толиби Тоири – магистрант 2-го курса по специальности менеджмент Таджикский государственный финансово-экономический университет. **Адрес:** Таджикистан, 634067, г. Душанбе, ул. Нахимова 64/14. Тел: **98 712 12 21**. E-mail: **tolib199494@mail.ru**

Information about the authors: ***Najmiddinov Abdusattor*** – Senior Lecturer, Department of Management, Tajik State Financial and Economic University. Address: Tajikistan, 634067, Dushanbe, Nakhimov str. 64/14. Tel: 987121221. E-mail: **tolib199494@mail.ru.**

Tolibi Toiri **-** 2nd year undergraduate student in management at the Tajik State University of Finance and Economics. Address: Tajikistan, 634067, Dushanbe, Nakhimov str. 64/14. Tel: **987-12-12-21**. E-mail: **tolib199494@mail.ru**

ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ ҲИФЗИ МОЛИКИЯТИ ЗЕҲНӢ ТАРТИБИ ҲИФЗИ МОЛИКИЯТИ ЗЕҲНӢ

Давлатзода Эҳсон
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Замони муосир давраи афзоиши ҳуқуқвайронкунӣ дар соҳаи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобастаро мемонад. Зеро теъдоди нашриётҳои хусусӣ, нуқтаҳои сабти овоз, нуктаҳои таҷдиди фонограмма, видеотолорҳо, ташкилотҳои гуногуни хусусию давлатии ВАО, шабакаҳои радио ва телевизион, ширкатҳои мобилӣ, интернетӣ ва монанди инҳо назаррас афзуда, риояи ҳуқуқи муаллифӣ ва ҳуқуқҳои вобастаро дар фаъолияти худ пурра таъмин намекунанд. Асардуздӣ (плагиат) васеъ паҳн шудааст. Махсусан, ҳуқуқҳои баъзе муаллифон ва ташкилотҳои хориҷӣ даҳалона поймол карда мешаванд. Дар чунин шароит донистани шаклу тарзҳои ҳимояи ҳуқуқҳои муаллифӣ ва ҳуқуқҳои вобаста мухимияти хоссаро касб менамояд.

Дар давраи ҳаёт будани офарандаи объектҳои ҳуқуқи муаллифӣ ва ҳуқуқҳои вобаста, ҳимояи ҳуқуқҳои мазкурро худи онҳо ё намояндаи ваколатдори онҳо таъмин менамоянд. Пас аз марг, ҳимояи ҳуқуқҳои шахсии ғайриамволиро меросгирон, шахсе, ки тибқи васиятнома чунин амал ба зиммааш вогузор гардидааст, ташкилотҳои махсус ё прокурор таъмин менамоянд. Масалан, ҳуқуқи муаллифият, ҳуқуқи ба ном ва дахлнопазирии асар дар ҳуқуқи муаллифӣ маҳз бо ҳамин тартиб ҳимоя мешаванд. Ҳимояи ҳуқуқҳои молумулкиро шахсе ба амал мебарорад, ки барои истифодаи онҳо салоҳият дорад.

Агар муаллиф, меросгири ӯ, соҳиби ҳуқуқҳои вобаста, ҳуқуқи комили худро тибқи шартномаи комил барои истифодаи истифодабаранда таҳвил дода бошанд, ҳимояи ҳуқуқҳоро истифодабаранда таъмин менамояд. Дар ҳолати аз ҷониби истифодабаранда таъмин нагардидани ҳимояи ҳуқуқҳо, муаллиф, меросгири ӯ, соҳиби ҳуқуқҳои вобаста ҳимояи зарурии ҳуқуқҳоро шахсан амалӣ намуда метавонанд. Ҳангоми бастани шартномаи ғайрикомил, тартиби амалӣ ҳуқуқи ҳимояро шартнома тағйир дода метавонад.

Ҳуқуқҳои амволии муаллифон ва соҳибони ҳуқуқи вобаста, ки ба ташкилотхои махсусгардонидашуда супорида шудаанд, аз чониби чунин ташкилотҳо ҳимоя карда мешаванд.

Ҳуқуқи муаллифӣ ва ҳуқуқҳои вобаста аз ҷониби дилхоҳ шахси воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки талаботҳои муқаррарнамудаи қонуни муаллифии амалкунандаи ҶТ- ро риоя наменамоянд, вайрон шуда метавонад. Қонуни муаллифии амалкунандаи ҶТ дар м. 47 чанде аз намудҳои ҳуқуқвайронкунии ҳуқуқи муаллифӣ ва ҳуқуқҳои вобастаро пешбинӣ менамояд, алалхусус: 1) бе иҷозати соҳибҳуқуқ таҷдид, паҳн кардан ва тарзи дигари истифодаи объектҳои ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он; 2) паҳн, тайёр, ворид намудан бо мақсади паҳн кардани таҷҳизот ё пешкаш кардани хизмат, ки барои сарфи назар кардан ё ба сарфи назар намудани ҳар як васоити техникии ҳифзи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он пешбинӣ гардидааст, имкон медиҳад ё мусоидат мекунад; 3) бе иҷозати соҳибҳуқуқи барҳам ё тағйир додани ҳар гунна иттилоъ дар бораи идоракунии ҳуқуқҳо.

Мувофиқи муқаррароти ҳамин модда, нусхаҳои асар ва фонограммае, ки таҳия ва паҳн намудани онҳо боиси вайрон кардани ҳуқуқҳои муаллифӣ ва вобаста ба он мешавад, нусхаҳои ғайриқонунӣ ҳисоб меёбанд. Ба ҶТ аз давлате, ки дар он ин асару фонограммаҳо ҳифз намешаванд ё ҳифзи онҳо қатъ гардидааст, бе розигии соҳиб ҳуқуқ ворид намудани нусхаҳои асарҳо ва фонограммаҳое, ки дар ҶТ тибқи қонуни

муаллифии ҶТ ҳифз мешаванд, низ вайрон кардани ҳуқуқи муаллифӣ ва ҳуқуқҳои вобаста ҳисобида мешавад.

Тартиби умумии шакли юрисдиксионӣ ва ҳимояи ҳуқуқи муаллифӣ ва ҳуқуқҳои вобаста, инчунин манфиатҳои қонуниро бо тартиби судӣ дар назар дорад. Тартиби судии ҳимоя хусусияти универсалӣ дошта, дар амалия бештар мавриди истифода қарор гирифта, паҳн шудааст. Воситаи ҳимояи тартиби мазкур даъво мебошад, ки тавассути он мавзуи адолати судӣ муайян мегардад, талаботи моддӣ ҳуқуқиро нисбати ҷавобгар баён менамояд, эътирофи мавҷуд будан ё набудани муносибати ҳуқуқиро талаб менамояд.

Тартиби махсуси ҳимояи ҳуқуқи муаллифи ва ҳуқуқҳои вобаста тавассути муроҷиат ба мақомотҳои маъмурӣ ба амал бароварда шуда, аз ин лиҳоз, ин тартибро маъмурӣ низ меноманд. Тартиби маъмурӣ танҳо дар ҳолатҳои бевосита бо қонун пешбинишуда татбиқ кард.

Назарияи ҳуқуқҳои зеҳнӣ ин ҳуқуқҳоро ҳуқуқҳои sui generis, яъне ҳуқуқҳои махсус баррасӣ мекунад (асосгузораш Пикард – олими белгиягӣ мебошад). Ин мавқеъ аз низомҳои мавҷудаи ҳуқуқи граждани тафовут дорад. Ду низом мавҷуд аст: 1) Низоми институтсионӣ – аз «Институтсияҳо»-и Гай маншаъ гирифта, дар Кодекси Напалеон (соли 1804) таҷассум ёфтааст: шахсон, ашё ва даъво; 2) Низоми пандектӣ (ҳамаро фарогиранда) аз Дигестҳои Юстиниан маншаъ гирифта, дар Маҷмӯаи қонунҳои граждании Олмон (соли 1896) таҷассум ёфтааст: қисми умумӣ, тафовути ҷиддии ҳуқуқи молу мулкӣ аз ҳуқуқи ӯҳдадорӣ. (Баъдан ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ ва ҳимояи неъматҳои шахсии ғайримолумулкӣ).

Дар асл моликияти зеҳнӣ мисли моликият аст, вале тафовут дорад (масалан, ҳуқуқи муаллифият бегонанашаванда аст). Вале тафовут маънои онро надорад, ки мо ин мафҳумро истифода бурда наметавонем. Шартан, ҳамчун истилоҳи мувофиқ (чун мафҳуми «шахси ҳуқуқӣ») ибораи моликиятро истифода кардан мумкин аст.

Бояд қайд кард, ки дар масъалаи ҳимояи ҳуқуқҳои поймолшуда субъектони моликияти зеҳнӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аксаран бетафовутона муносибат мекунанд. Дар ин хусус аз рӯи мақолаҳои дар рӯзномаю маҷаллаҳо нашршуда ба хулоса омадан мумкин аст. Масалан, дар яке аз рӯзномаҳо василаи поймолгардии ин ҳуқуқҳо ба таври ошкоро тасвир шудааст ва беҳаракатии соҳибҳуқуқон зери танқид қарор гирифтааст. Муаллифи мақола менависад, ки ин гуна қонуншиканиҳо бештар аз ҷониби ширкатҳои хизматрасонии провайдерӣ, махсусан ширкатҳои «Контент-провайдер», «Zervana» ва «Voice-Interactive» ба назар мерасад. Ҳадафи ширкатҳои мазкур ҷамъоварии сурудҳо ва истифодаи онҳо ба ҷои занги телефон ва SMS-хабарҳои телефонҳои мобилӣ бо тариқи пардохти маблағи иловагии мизоҷон мебошад. Маълум мешавад, ки тибқи шартномаи ҷой дошта, маблағи аз ин ҳисоб ҷамъшуда байни ширкатҳои мобилӣ (30%) ва ширкати ташкилкунанда (70%) тақсим мегаштааст.

АДАБИЁТ

1. Бобоҷонов И.Ҳ., Бадалов Ш.К. Шартномаҳои ҳуқуқии граждани (намуна бо тафсир). Душанбе, 2009;
2. Брагинский М.И., Ветринский В.В. Договорное право: в 4-х кн. М. 1997,2000, 2002, 2004.
3. Гражданское право. Учебник// под ред. Е.А. Суханова. М., 2000; 2004;
4. Гражданское право. В 3-х томах. Учебник/ Под ред. А.П. Сергеева, Ю.К. Толстого. М., 2000; 2004;
5. Гражданское право// под ред. А.Г. Калпина, А.И. Масляева. М., 1997;
6. Ҳуқуқи граждани. Қисми 1. / зери таҳрири М.А. Маҳмудов. Душанбе, 2007
7. Ҳуқуқи граждани. Қисми 2. / зери таҳрир М.А. Маҳмудов. Душанбе, 2007

ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ ҲИФЗИ МОЛИКИЯТИ ЗЕҲНӢ
ТАРТИБИ ҲИФЗИ МОЛИКИЯТИ ЗЕҲНӢ

Дар мақолаи мазкур муаллиф танзими ҳуқуқӣ ва тартиби ҳифзи моликияти зеҳниро баррасӣ намудааст. Теъдоди нашриётҳои хусусӣ, нуқтаҳои сабти овоз, нуктаҳои таҷдиди фонограмма, видеотолорҳо, ташкилотҳои гуногуни хусусию давлатии ВАО, шабакаҳои радио ва телевизион,

ширкатҳои мобилӣ, интернетӣ ва монанди инҳо назаррас афзуда, риояи ҳуқуқи муаллифӣ ва ҳуқуқҳои вобастаро дар фаъолияти худ пурра таъмин намекунанд. Асардуздӣ (плагиат) васеъ паҳн шудааст. Махсусан, ҳуқуқҳои баъзе муаллифон ва ташкилотҳои хоричӣ даҳалона поймол карда мешаванд. Дар чунин шароит донистани шаклу тарзҳои ҳимояи ҳуқуқҳои муаллифӣ ва ҳуқуқҳои вобаста мухимияти хоссаро касб менамояд. Дар баъзе рӯзномаҳо василаи поймолгардии ин ҳуқуқҳо ба таври ошкоро тасвир шудааст ва беҳаракатии соҳибҳуқуқон зери танқид қарор гирифтааст.
Калидвожаҳо: ҳуқуқи муаллиф, танзими ҳуқуқӣ, моликияти зеҳнӣ, тартибот, соҳибҳуқуқ, ҳимояи ҳуқуқҳо.

ПРАВОВОЕ РЕГУЛИРОВАНИЕ ЗАЩИТЫ ИНТЕЛЛЕКТУАЛЬНОЙ СОБСТВЕННОСТИ

В данной статье автор обсудил правовое регулирование и процедуры защиты интеллектуальной собственности. Количество частных издательств, звукозаписывающих станций, точек записей фонограмм, видеоклипов, различных государственных и частных средств массовой информации, радио и телеканалов, мобильных, интернет-компаний и т.п. Существенно не увеличило авторские и смежные права в их деятельности. Плагиат широко распространен. В частности, права некоторых авторов и иностранных организаций нарушаются с применением насилия. В этих условиях знание авторского права и смежных прав имеет первостепенное значение. Некоторые газеты сообщают, что открыто нарушают эти права и критикуют неотъемлемость их прав.
Ключевые слова: авторские права, правовое регулирование, интеллектуальная собственность, порядок, права, защита прав.

LEGAL REGULATION OF INTELLECTUAL PROPERTY PROTECTION

In this article the author has discussed the legal regulation and procedures for the protection of intellectual property. The number of private publishing houses, recording stations, record points for phonograms, video clips, various public and private media, radio and TV channels, mobile and Internet companies, etc. did not Significantly increase copyright and related rights in their activities. Plagiarism is widespread. In particular, the rights of some authors and foreign organizations are violated with violence. In these circumstances, knowledge of copyright and related rights is of paramount importance. Some newspapers report that they openly violate these rights and criticize the inviolability of their rights.
Keywords: copyright, legal regulation, intellectual property, procedure, rights, protection of rights.

Сведения об авторе: ***Давлатзода Эхсон*** – магистр второго курса юридического факультета Таджикского Национального университет

Information about the author: ***Davlatzoda Ehson*** – second-year graduate student of the faculty of law of the Tajik National University

ПЕШГИРИИ ЗУРОВАРИИ ХОНАВОДАГӢ АЗ ДИДГОҲИ ТАЪЛИМОТИ ИСЛОМ

Маҳзумов Дилшод
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пайваста кушиш менамояд, ки ҳуқуқ ва ухдадориҳоеро ба роҳ монад, ки дасти хушунат ва зуровариро маҳдуд намуда, узви осебпазири ҷомеаро, ки қисмати онро занон ва кудакон ташкил медиҳад, зери ҳимоя ва дастгирии пайваста қарор диҳад.

Хушунат ва зуроварӣ аз диди таълимоти ислом як амали бад ва хеле зишт ба ҳисоб меравад. Вақте, ки мард ва ё зан аз сӯй ҳамсари худ беэҳтиромӣ, саркашӣ ва ё ҳар амали номақбули дигареро мушоҳида мекунанд, ӯ набояд дар аввалин маротиба бо ӯ бархурди шадид намуда, ӯро озор диҳад ва ё талоқ диҳад, балки мард бояд ба таври ором ва бо камоли эҳтиром ба зан фаҳмонад, ки ин амали ӯ дуруст нест барояш хушоянд намебошад. Дар чунин мавридҳо мард ба занаш аз қуръону ҳадис фармудаҳои аз бузургони дину ахлоқ ва ғайра мисол оварда, ӯро ба сӯи ахлоқи нек ҳидоят намояд. Албатта, мард набояд ба таври мудовим ва аз ҳад беш ба гуши зан насиҳат хонад, зеро он натиҷаи баръакс хоҳад дод. Вале бо риояти ҳудуд ва дар лаҳзаҳои таъсирбахш ба зан фаҳмонидани ҳуқуқу вазифаҳои ӯ ва ҳидояти ӯ ба ахлоқи нек аз вазифаҳои аввалиндарачаи мард аст. Ин марҳилаи ҳалли низоъ дар оила

аҳамияти бисёр ҷиддӣ дорад, зеро басе заноне, ҳастанд, ки дар сурати шунидани насиҳати дуруст ва муассир рафтори худро ислоҳ мекунанд ва ба ин восита ихтилофи байни зану шавҳар рафъ мешавад [2.ҷ.2.71].

Худованд дар қуръони карим мардону занонро ба рафъи ихтилофот ва оштиву таҳаммули ҳамдигар даъват намуда, аз ҷумла чунин мефармояд: «ва агар зане аз шавҳараш хавфи саркашӣ ё ругардонӣ дошта бошад, пас бар онҳо боке нест, ки дар миёни худ ба навъе сулҳ оранд; ва сулҳ кори беҳтар аст» [1.129].

Бо ҳамсари худ муомилаи нек доштан дар таълимоти исломӣ яке аз аломатҳои имон ва яке аз сабабҳои асосии дар назди Худо беҳтар дониста шудани бандаи муъмин ба ҳисоб меравад. Паёмбари ислом ахлоқи нек ва рафтори некро нишонаи имону имондорӣ хонда, шахсонеро, кибо оилаҳояшон муносибати хубу нкеӯ доранд чунин тавсиф кардааст: «АбУҳурайра (р) гуфтааст: Паёмбари Худо (с) фармудаанд: «Муъминоне имонашон комилтар аст, ки ахлоқашон беҳтар бошад. Ва беҳтарини шумо онҳое ҳастанд, ки бо ҳамсарони худ беҳтарин рафторро дошта бошанд» [4.ҳ.9725].

Дар ҳуқуқи исломӣ оварда шуда аст, ки ҳуқуқи шавҳар нисбат ба ҳуқуқи падару модари зан болотар аст. Мард вазифадор аст, ки оилаи хешро ҳурмату эҳтиром намояд, хушунат кардан нисбати занро надонад. Ин вазифаи оиладорӣ аст.

Оиша (р) гуфтааст: паёмбари Худо (с) фармудаанд: «Беҳтарини шумо онҳое ҳастанд, ки бо зан ва фарзандони худ беҳтарин рафторро дошта дошта бошанд. Ва ман бо хонаводаам аз ҳамаи шумо рафтори беҳтарро дорам».

Таълимоти ҳусни муошират (рафтори некӯ) –ро бар якдигар дар оила беҳтарин амр медонад. Дар ин бобат ҳадиси муборакі пайғамбар (с) ба ривояти Имом Бухорӣ ва муслим ҳаст, ки онҳо дар «саҳеҳайн» овардаанд ва дар он гуфта мешавад: «беҳтарини шумо касест, ки бо ҳамсараш ба некӯй рафтор мекунад».

Зуроварӣ алайҳи фарзанд як шакли тарбия?

Муҳимтарин вазифаи волидон таълим ва тарбияи фарзандон аст. Ба ҷиҳати назофату покӣ, иффат ва истиқомати ҷомеа, нақши модар дар боби тарбияи фарзандон ва ба воя расони насли неруманду солим муассир ва салоҳу истиқомати ҷомеа ва саодати афрод ба он вобаста мебошад, ки гувоҳи нақши меҳвари доштани мавқеи зан дар маркази доираи иҷтимоъ аст. Аз сӯи дигар, тарбияи дурусти фарзандон дар ҳаёти минбаъдаи хонадон аҳаммияти махсус дорад, ки бисёре аз изтироботи фикри, парешонии аҳли хонадон ба иллати хуб ба роҳ намондани тарбияи онон мебошад. Ҳамчунин фарзандон бар падару модар ҳуқуқ доранд. Падарро нашояд, ки фарзандонро зоеъ намоянд, дар тарбияи онҳо сустӣ ва тасоҳул намояд ва ба масолеҳи онҳо қоим набошад. То ҷое, ки агар байни падару модар ҳамдигарнофаҳмӣ бошад, ҳаққи фарзандон ҳаргиз ва ба ҳеч ваҷҳ соқит нагардад.[2.75.]

Масъулияти фарзандонро бояд мавриди таваҷҷуҳ қарор дод, зеро фарзанд амонати Худои таолост назди падару мода рва Худованд адои ҳуқуқи ин амонатро дар маҷмааи қиёмат дархост хоҳад кард: «Эй муъминон, хештан ва аҳли хонаи худро аз оташе, ки оташафрузи он мардум ва сангҳо (бутҳо) бошанд, нигоҳ доред! Фариштагони дуруштхӯ, сахтрӯ ба он оташ маваккаланд, Худоро дар он чӣ ба онҳо фармудааст, нафармонӣ намекунанд ва он чи ро мекунанд, ки ба онҳо ҳукм мешавад» [1. 560].

Зуроварӣ нисбати зан ва кудак танҳо аз шаллоқ задан ва таҳқир кардан иборат набуда, якчанд шаклҳои дигарро низ дар бар мегирад.

1. Хушунат ва сӯи истифода
2. Таҷовузи ҷисмонӣ ва ҷинсӣ
3. Истисмори иқтисодӣ
4. Бепарвоӣ ва саҳлангорӣ
5. Рӯи турш кардан ва пайваста сарзаниш кардан
6. Истифодаи алфози носазо

7. Диққат надодан ба суханони кудак ва камарзиш шуморидани фикру андешаи ӯ
8. Маҳрум кардани кудак аз иртиботот бо дигарон – амале, ки ба хусус кудакони маъюб дар маърази он қарор дода мешаванд.

Дар робита ба ин масала ректори донишгоҳи Ал-азҳари миср Шайх Муҳаммад Саиди Тантовӣ чунин мефармоянд: таҷовузи равонӣ ва отифии кудакон нақзи ҷиддии ҳуқуқие мебошад, ки ислом барои кудак муқаррар намудааст. Падару модарон ва онҳое, ки бо кудакон сару кор доранд, барои бо меҳрубонӣ, муҳаббат ва раҳму шафқат фаро гирифтани онҳо, дур кардани онҳо аз даҳалӣ ё сарзаниши каломӣ ва ҷисмонӣ, масъул мебошанд. Паёмбар (с), ки барои мо олитарин намуда иборат аст, дар робита ба муомила бо кудакон мефармояд: «аз мо нест касе, ки ба кудакон раҳму шафқат зоҳир накунад»

Зуроварии хонаводагӣ ба маънии томаш падидидаи печида, ки зулми ҷисмонӣ, таҷовузи ҷисмӣ, озори каломӣ, зулми равонӣ, маҳрумияти отифӣ, беэътиноӣ, ба эҳтиёҷоти моддӣ ва маънавии занон ва кудакон вогузории кӯдакон бидуни диққат ба шахсе, ки бояд онҳоро нигоҳу бин намояд, ё супоридани онҳо ба шахс ё муассисаи маълумро дар бар мегирад. Дар доираи васеи худ, хушунат метавонад дар хона ё мактаб, дар куча, кор ё муассисаҳои ҳифзи иҷтимоӣ сурат гирад.

Сӯстӣ дар муқобилият бо хушунати оилавӣ ва иҷтимоӣ алайҳи кудакон ва бе парвоӣ нисбат ба ухдадории оиди муҳофизати онҳо аз чунин хушунат метавонад боиси оқибатҳои нохуш гардад. Бояд ба ду нуқта диққат дод:

Аввалан, меъёрҳои ҳукмфармои ҷомеа метавонанд ба ин чашм пушанд, ё ҳадди ақал чизи нодурустеро дар ҳама ё баъзе одатҳои хушунатомез, ки пай дар пай в азур-зур рух медиҳанд, пайдо накунанд. Вақте, ки чунин ҳодиса рух медиҳад зан ё кудаки қурбонии хушунат наметавонанд дар бораи хушунат нисбат ба худ хабар диҳад. Сабаби он бовариест, ки ҳеч касс ба онҳо хоҳиши кумак кардан надорад, чунки ҳар ончӣ рух медиҳад, метавонад ҳамчун як падидаи қобили қабул пиндошта шавад.

Баъдан, таъсири манфии ин одатҳо ба ғайр аз мавридҳое. ки мустақиман боиси худкушии занон, марги кудак ё расонидани осеби ҷиддӣ ба онҳо мегардонанд, метавонад ноаён ё ғайри қобили эҳсос боша два пай бурдани он метавонад мушкил бошад. Чунин таъсирҳо ба ҷуз дар муддати тӯлонӣ метавонанд зоҳир нашаванд. Зарари равонӣ метавонанд бо ноумедӣ, набудани боварӣ ба худ, хониши нақандон хуб дар мактаб, инзиво ва набудани шавқ ба иштирок дар ҳеч гунна машғулият, чӣ дар оила, чӣ дар мактаб ё чӣ дар ҷомеа шиддат гирад. Кудаконе, ки мавриди чунин хушунат қарор мегиранд, имкон дорад ба одатҳои бад майлу рағбат пайдо намоянд, аз хона гурезанд ё ҳатто қасди худкушӣ кунанд.

Баъди мушоҳидаҳо ва таҷрибаҳои аёнии зиндагӣ ва барасии китобҳои марбут ба таълимоти исломӣ ва ғайра. Чунин натиҷа бояд гирифт, кидар ҳар хонадоне хушунат ва зуроварӣ ҳамчун «қоидаи зиндагӣ» қабул гаштааст, кудакон бештар зарар мебинанд, зеро аз як тараф шоҳиди зарбу лати модар аз ҷониби падар ва аз тарафи дигар «қурбон»-и аламгирии модар мегарданд.

Фарзанде, ки дар чунин муҳит ба воя мерасад, аввалан маъюс ва руҳафтода гашта, дар оянда як шахси беҷуръат ва тарсӯ мегардад. Сониян, чун ба воя бирасад дар ҳаёти оилавии худ аз ҳамон принсипҳое истифода менамояд, ки худ дар хурдӣ мушоҳида менамуд, яъне зӯроварии хонаводагӣ барои ӯ «қоидаи зиндагӣ», яъне як амали муқаррарӣ маҳсуб меёбад.

Имрӯз дар ҷомеаи мо чунин қабул шудааст, ки задании кӯдак як шакли тарбия аст.

Бояд дар хотир дошт, ки аз ҳама гунна ҷазои ҷисмонӣ ҳамчун воситаи одобомӯзии кудакон бояд дурӣ ҷуст. Падару модари кӯдак, муаллим ё корманд ҳеч гоҳ набояд ба он рӯ оранд. Усулҳои зиёди дигари омузонидани одоб даст кашидан аз додани ҳадяҳо, машварат додан ва насиҳат кардан, муваққатан инзиво кардан, ё шартан маҳрум кардан аз фароғат ва вақт барои бозиро дар бар мегиранд. Ин ва дигар усулҳо, ки кудак онҳоро ҳамчун як шакли одобомӯзӣ ё ҷазо мепиндорад, дар

муқоиса ба ҷазои ҷисмонӣ барои расонидани матлаб ба кӯдак, ба монанди таъкиди анҷоми амале ё дури ҷустан аз он, самараи бештар доранд. Таҳқиқотҳои муосир алайҳим оқибатҳо ва таъсири манфии шаллоқзанӣ ҳамчун усули тарбиявӣ ҳушдор медиҳад, чунки он метавонад хоҳиши бо хушунат ва зӯровариро вокуниш нишон доданро ба миён орад. Таҳқиқотҳо ба он далолат мекунад, ки бештари калонсолоне, ки ба таълими одоб ба кудакон ё муносибат бо онҳое, ки аз худашон заъифтаранд, ба хушунату зӯроварӣ рӯ меоранд, умуман дар кӯдакӣ худашон қурбонии хушунат буданд.

Қайд намудан зарур аст, ки масъулият ва тарбияи фарзандонро бояд амри муҳим шуморид, зеро фарзанд амонати Худои таолост назди падару модар инчунин Бо ҳамсари худ муомилаи нек доштан чун худованд адои ҳуқуқи ин амонатро дар маҷмааи қиёмат дархост хоҳад кард: «Эй муъминон, хештан ва аҳли хонаи худро аз оташе, ки оташафрузи он мардум ва сангҳо (бутҳо) бошанд, нигоҳ доред! Фариштагони дуруштхӯ, сахтрӯ ба он оташ маваккаланд, Худоро дар он чӣ ба онҳо фармудааст, нафармонӣ намекунанд ва он чи ро мекунанд, ки ба онҳо ҳукм мешавад» [1.560].

Кобили зикр аст, ки мо бояд дар атрофии пешвои миллат муттаҳид шуда, ҳама аз як гиребон сар барорем, ҷиҳати ободии ватан, ободии оила, тарбияи фарзандон саъйу кушиши худро дареғ надорем.

АДАБИЁТ

1. Қуръони карим ба тарҷумаи тоҷикӣ. Душанбе. 2011.
2. Китоби мавъизаҳо. Душанбе 2013.
3. Муваффақият дар издивоҷ. Муҳаммад Ҳасан ибни Абдурраҳмон.2003.
4. Маснади Имом Аҳмад. Берут. 2009.
5. Раҳимов Х. Нуров А. Педагогика. Душанбе, 2007.
6. Сунани Тирмизӣ. Миср. 2008.

ПЕШГИРИИ ЗУРОВАРИИ ХОНАВОДАГӢ АЗ ДИДГОҲИ ТАЪЛИМОТИ ИСЛОМ

Дар маҷмуъ аз ин мақола метавон чунин натиҷа гирифт, ки таълимоти ислом ҳусни муошират (рафтори некӯ)–ро бар якдигар дар оила беҳтарин амр медонад. Инчунин бо ҳамсари худ муомилаи нек яке аз аломатҳои имон ва яке аз сабабҳои асосии дар назди Худо беҳтар дониста шудани бандаи муъмин ба ҳисоб меравад. Паёмбари ислом ахлоқи писандида ва рафтори некро нишонаи имону имондорӣ хонда, ҷамъиятро ба он таъкид менамуд. Ба ин хотир дар мавриди масъулият ва тарбияи фарзандон набояд бетаваччуҳӣ изҳор намуд, чунки дар ҳар хонадоне хушунат ва зуроварӣ ҳамчун «қоидаи зиндагӣ» қабул гаштааст, кудакон бештар зарар мебинанд, зеро аз як тараф шоҳиди зарбу лати модар аз ҷониби падар ва аз тарафи дигар «қурбон»-и аламгирии модар мегарданд.

Калидвожаҳо: зуроварӣ ьдар оила, таҷовуз, оила, хушунат, ҳамсар, таълимоти ислом.

ПРЕДОТВРАЩЕНИЕ НАСИЛИЯ В СЕМЬЕ ПОСРЕДСТВОМ ОБУЧЕНИЯ ИСЛАМУ

В целом, эта статья может быть настолько эффективной, насколько учение ислама создает наилучшую связь между добром и добром друг друга в семье. Кроме того, хорошее отношение к своей жене является одним из символов веры и одной из главных причин того, чтобы быть хорошо известным Богу. Пророк Мухаммед имел обыкновение прощаться и хорошо вести веру и верования Корана с обществом. В этом отношении ответственность и ответственность детей не должны быть перевешены, потому что каждое бытовое насилие было принято в качестве «правила жизни». Дети, скорее всего, пострадают от того факта, что, с одной стороны они становятся свидетелями избиения матери со стороны отца, а с другой стороны, станут жертвой «мести» матери.

Ключевые слова: семейное насилие, насилие, непослушание, семья, ислам.

PREVENTION OF DOMESTIC VIOLENCE BY THE TEACHING OF ISLAM

In General, this article can be as effective as the teachings of Islam create the best connection between the good and the good of each other in the family. In addition, being good to your wife is one of the articles of faith and one of the main reasons for being well known to God. The prophet Muhammad used to say goodbye and lead the faith and beliefs of the Qur'an well with society. In this regard, the responsibility and responsibility of children should not be outweighed, because every domestic violence was accepted as a "rule of life". Children are more likely to suffer from the fact that, on the one hand, they witness the beating of the mother by the father, and on the other hand, they become a victim of the "revenge" of the mother.

Keywords: family violence, violence, disobedience, family, Islam.

Сведения об авторе: ***Магзумов Дилшод*** - магистр 2-го курси Таджикского национального университета. Тел: **985-32-22-38**

Information about the author: ***Magzumov Dilshod*** – graduate student of the 2nd course of Tajik National University. Phone: **985-32-22-38**

МУШКИЛОТИ МУҲОҶИРАТИ МЕҲНАТӢ

Муродалиев Ф.Н.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Муҳоҷирати меҳнатӣ ин раванди ногузир ва табии рушди ҷомеаи ҷаҳонӣ буда, солҳои охир ба нишондодҳои баланди худ расидааст. Муҳоҷирати меҳнатӣ раванди объективӣ ва натиҷаи пешрафти босуръати иқтисоди ҷаҳонӣ, раванди глобализатсия, таъсисёбии ҷомеаҳои кушод, тағйиротҳои технологияи саноатӣ, коммуникатсионӣ ва пешрафти истеҳсолот мебошад. Дар Ҷумҳурии мо муҳоҷирати меҳнатӣ аҳамияти стратегӣ дошта, инкишофи иқтисодии кишварамонро таъмин менамояд. Бо қабули Эъломияи Умумии Ҳуқуқи Башар, озодӣ ба ҷойивазкунии эътирофи ҷаҳонӣ пайдо кард. Имрӯзҳо муҳочирати меҳнатӣ яке аз масъалаи мубрами одамият ба ҳисоб меравад. Сабаби ба вуҷудоии ин падидаи иҷтимоӣ майл ба некуаҳволии иҷтимоӣ , суботи иҷтимоӣ ва бехатарӣ ба ҳисоб меравад [4, 35].

Муҳоҷирати аҳолӣ (аз калимаи лотинии Migratio- кучонидан)- ҳаракати одамон аз як минтақа (кишварҳои ҷаҳон) ба дигар, дар баъзе мавридҳо, гурӯҳҳои калон ва масофаҳои тулонӣ мебошад. Олими рус Д. А. Воробев дар як рисолаи худ қайд менамояд, ки муҳоҷират – ин ҳама гуна ҳаракати аҳолӣ аз ҳудуди вобастабуда, новобаста аз оне ки дохила ва ё беруна дар як истиқомат ва ё барои итиқомати доими ё мувақатӣ барои таҳсил ва ё кор, ки бо таъсири баъзе омилҳо сурат мегирад бо роҳи ҷалб намудан ё ронда. [3.36]

Муҳоҷирати байналхалқӣ ду тараф дорад:

1) эмигратсия (ҷилои ватан) – кучидаравии аҳолии қобили мехнат аз мамлакати истиқомат барои зисти дарозмуддат ва ё доимӣ ба мамлакати дигар;

2) иммигратсия – ворид шудани (одатан муваккатӣ) қувваи корӣ ба ин мамлакат аз хорича.

Фаркияти байни иммигратсия аз мамлакат ва эммигратсия ба мамлакат бақияи (салдои) муҳоҷират номида мешавад.

Панҷ категорияи муҳоҷиронро фарқ мекунанд:

- ❖ - муҳоҷирони расмӣ,
- ❖ - муҳоҷирони ғайрирасмӣ,
- ❖ -коргарон аз руи шартнома,
- ❖ -гурезахо.
- ❖ -шахсоне, ки паноҳгохи сиёсӣ меҷӯянд

Дар муносибатҳои иқтисодии байналхалқӣ давлатҳо ҳамасола муҳоҷирон ва эмигрантҳоро, дар кумитаи омори давлатӣ ва ё муассисаҳои ба ин соҳа махсусгардонидашуда ба қайд мегиранд. Аз рӯи нуқтаи илмӣ ба ҳар яки мо аллакай пеш аз оне ки калимаи муҳоҷирро мегирем, пеши назар шахсе намоён мегардад, ки камбудии иқтисодиро ба худ доро аст. Барои баррасӣ намудани ин камбудии худ у сафар ба давлатҳои гирду атроф ва ё аз деҳот ба шаҳр сафар ва ё кӯч мебандад. Албатта дар ҷаҳони муосир ин гунна камбудиҳое, ки дорои паҳлӯҳои иқтисодӣ ҳастанд дар байни аҳолӣ ва ё давлатҳо кам нестанд.

Ҳамаи намуди муҳоҷират ё ба таври дигар гӯем ҳиҷрат дар худ таҳдидҳоро доро мебошад, аз қабили фишор овардан ба инкишофи иқтисодӣ ва иҷтимоии кишварҳое ки муҳоҷирон аз он берун мераванд, ва кишварҳое, ки муҳоҷиронро қабул мекунад.

Таъсири муҳоҷирати меҳнатӣ ба оила ҳамчун мушкилоти иҷтимоӣ: Чуноне, ки ба мо маълум аст - оила ин гуруҳи хурди иҷтимоӣ аст, ки аъзоёни он якдигарро аз ҷиҳати иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва психологӣ дастгирӣ намуда, кӯшиш менамоянд то ин гуруҳи хурди иҷтимоиро устувор нигоҳ доранд [1.34]. Аз таърифи оила чунин хулоса намудан мумкин аст, ки дар оиладорӣ нақши ҳам падар ва ҳам модар калиди ба ҳисоб меравад, мутасифона оилаҳое, ки яке аз аъзоёни он ба муҳоҷирати меҳнатӣ сафар кардаанд нақши он дида намешавад, ки ин аъзоёни оиларо ба мушкилиҳои иҷтимоӣ психологӣ рӯ ба рӯ менамояд. Аслан шаҳрвандон дар ҷумҳурӣ шуғле наёфта, барои таъмини талаботи моддии оилаи худ ба хориҷи кишвар. Дар мадди аввал ба Руссия сафар менамоянд. Айни замон аксарияти мардони қобилияти меҳнатидошта дар муҳоҷирати меҳнатӣ қарор доранд, дар шароити вазнин ба “меҳнати сиёҳ” машғуланд. Ҳатто баъзе шаҳрвандон бо аъзои оилаи худ рахти сафар бастанд. Аксарияти оилаҳои тоҷик аз ҳисоби маблағи муҳоҷирати меҳнатӣ зиндагиашонро пеш мебаранд. Оилаҳое, ки ягон аъзои оилаашон дар Руссия ё хориҷи кишвар кор мекунанд пули заруриро барои таъмини оила равон мекунанд, оилаҳое, ки ягон аъзои он дар муҳоҷирати меҳнатӣ нестанду дар дохили кишвар низ барои худ шуғле пайдо накардаанд дар ҳоли қашоқии мутлақ зиндаги мекунанд, ки ин боиси он мегардад;фарзандони чунин оилаҳо аз таҳсили хуб, саломатии хуб, хурокҳои фоиданок, ва инчунин аз худбаҳодии мувофиқ бенасиб мегарданд [2.172]. Ҳар чанд муҳоҷирати меҳнатӣ фоидаи иқтисодӣ оварда, шиддати бекорӣ ва буҳрони иқтисодиро паст мекунад, аммо оқибатҳои ногувореро ба бор меорад. Бисёре аз мардони қобили меҳнат ба муҳоҷиратӣ меҳнатӣ рафта, солиёни зиёд ба оила бар намегарданд, инчунин аз ҷиҳатӣ молиявӣ оилаҳои худро дастгирӣ намекунанд, ҳатто баъзе аз мардон ба хориҷи кишвар сафар кадрда, пас аз вақти муайян дар он ҷо оиладор шуда, дигар ёди оила ва зану фарзандони худро намекунанд. Дар натиҷа аксарияти фарзандони ин оилаҳо аз тарбияи оилавӣ, ки нақши падар ё модар бениҳоят бузург аст, бенасиб монда, дуруст сотиализатсия намешаванд. Вазъият то дараҷае ташвишовар аст, ки наврасони то синни 18 аз таҳсил даст кашида, рӯ ба муҳоҷират меоранд, онҳо дар он ҷо ғайр аз ихтисоси сохтмончӣ ва бардоштани замбар дигар шуғли замонавие намеомӯзанд, ки ин ба худмуайянкунӣ ва худмуайянкунии касбии наврасону ҷавонони тоҷик зарби “марговар” мезанад.

Муҳоҷирати меҳнатӣ барои аксари оилаҳои тоҷик стратегияи муҳими зидагӣ ба ҳисоб рафта, кафолати суботи иҷтимоӣ мебошад. Бо вуҷуди рушди нисбатан баланди демографӣ афзоиши миқдори ҷойҳои кори таъсисёфта ҳанӯз маҳдуд аст. Маблағҳое, ки муҳоҷирони меҳнатӣ ба ҷумҳурӣ ворид менамоянд барои аксари оилаҳои мӯҳтоҷ манбаи асосии даромад ба ҳисоб рафта, барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти асоси равона карда мешавад. Маблағгузаронӣ қобилияти харидории шахсони камбизоатро афзун намуда, барои оилаҳо ҳамчун системаи ҳифзи иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад. Махсусан ин маблағҳо барои зиндагии оилаҳои деҳот, ки дар он ҷо сатҳи камбизоатӣ ниҳоят баланд аст, тақдирсоз аст.

Аксарияти мутахассисон, муҳаққиқон ва донишмандони алоҳида ба ин андешаанд, ки муҳоҷирати меҳнатии беруна барои нигоҳ доштани устувории сиёсии ҷомеа, паст намудани шиддати бекорӣ ва вазъи ногувори меҳнат, баланд гаштани ихтисосмандии кормандон, аз худ намудани ихтисосҳои замонавӣ, ворид гаштани асъори хориҷӣ ба ҷумҳурӣ, истифодаи он дар иқтисоди миллӣ ва нигоҳдошти устувории қурби асъори миллӣ, баланд гаштани сатҳи некӯаҳволии оила, таъмини аҳоли бо манзил, воситаҳои нақлиётӣ ва технологияи замонавии маишӣ ва коммуникатсионӣ, баланд гаштани ҷаҳонбини ва сатҳи маданияти шаҳрвандон

мусоидат менамояд, аммо дар баробари ҳама оқибатҳои ногуворӣ муҳоҷиратӣ меҳнатии берунаро ба инобат нагирифтан мумкин нест, зеро муҳоҷирати меҳнатӣ барои дарёфти кори сердаромад аз баҳри зану фарзанд, оила мегузаранд, қурбонии фиреб мегарданд, ба корҳои вазнин ва ғайрисанитарӣ машғул мебошанд, мавриди ғорат ва пулситонии сохторҳои давлатӣ ва ҷиной қарор мегиранд, то хеле вақт кор наёфта дар ҳолатӣ оворагардӣ рӯз мегузаронанд, ба шароитҳои тоқатфарсои ҳаётӣ ва маишӣ таҳаммул менамоянд. Аз сабаби надонистани маданият ва забони давлати қабулкунанда мавриди фишороварӣ ва зӯроварии мақомоти қудратӣ ва шахсони алоҳида дучор мегарданд ва ё сари вақт кори мвофиқро пайдо наметавонанд. Муҳоҷирони меҳнатӣ дар хориҷи мамлакат аз ҳама табақаи осебпазир, эҳтиёҷманд, беҳуқуқ ва аз ҷиҳати иҷтимоӣ ҳифзнашавандаи аҳолӣ мебошанд. Ҳарчанд муҳоҷирати меҳнатӣ фоидаи иқтисодӣ оварда, шиддати бекорӣ ва буҳрони ийтисодиро паст мекунад, аммо оқибатҳои ногувореро ба бор меорад [6. 13].

Таъсири муҳоҷирати меҳнатӣ ба саломатии аҳолӣ: - дигар оқибати хатарнок ва таъсири манфии муҳоҷирони меҳнатӣ ба оила ва ҷомеа ин аст, ки аксарияти муҳоҷирони меҳнатии тоҷик ба меҳнатӣ тоқатфарсо ва шароити ғайрисанитарию вазнин машғул шуда, бо бемориҳои гуногун мубтало мегарданд. Мушоҳидаҳои солҳои охир нишон медиҳад, ки аксарияти муҳоҷирон ба ватан бо бемориҳои гуногун бар мегарданд, ки базеъи ин бемориҳо ба менталитети миллати мо тамоман бегонаанд. (масалан воридшавии баъзе аз муҳоҷирон бо бемории ВИЧ/СПИД). Дигар оқибати манфии муҳоҷират маргинализатсияи қисми зиёди муҳоҷирони меҳнатӣ мебошад. Ба болои ин рӯзе нест, ки аз Руссия 2-3 тобути ҳамватанони моро ба ҷумҳурӣ наоранд, ки аз дасти неофашистон ё скинхедҳои рус ба қатл расидаанд. Яъне фоидаи муҳоҷирати меҳнатӣ агар ба самти иқтисодии оила ва ҷомеа равона карда бошад, зарараш тамоми соҳаҳои фаъолияти инсониро фаро мегирад. Барои пеши роҳи муҳоҷирати меҳнатиро гирифтан ва обод кардани диёри биҳиштосоямон барои мо зарур аст то ҳамагон камари ҳимматро бандем. Хуб мешуд агар нархи молу маҳсулоти дар бозор бояд то ҳадди имкон ба маоши ҳадди ақали зиндагӣ мувофиқ гардад то ки одамон тавонанд зиндагиашонро пеш баранд ва дар ободгардонии диёрамон саҳми худро гузоранд. Дар акси ҳол ин гуна мушкилиҳо метавонад ба генофонди миллатамон зарбаи марговар занад [2. 184].

Нарасидани ҷойҳои нави корӣ барои аҳолӣ ба он оварда мерасонд, ки шаҳрванд ва ё шахс барои дарёфти ризқу рӯзии хеш рӯ ба мамлакати пешрафта ва ё шаҳрҳои саноатӣ орад. Ба ин нигоҳ накарда давлатҳои саноатии пешрафта аз қувваи кории арзон истифода бурда фоидаи дар маротиб зёд ба даст меоранд. Бо шиддат афзудани аҳолии курраи замин дар 10-солаи охир нишон медиҳад, ки аксарияти мардум аз сабаби қонеъ нагаштани ниёзи аввалиндараҷаи худ яъне сабабҳои иқтисодӣ дошта рӯ ба муҳоҷират меоранд. Мамлакатҳое ки истеҳсолкунандаи бевоситаи қувваи кории арзон ҳастанд ин давлатҳои Осиё, Ҳиндустон, Чин, Африқо, Уқёнуси Ором ба шумор мераванд ки дар ҷаҳон дар ҷои аввал қарор доранд. Аз шумораи дар боло қайд намудани муҳоҷирон 62 фисадашон ба ин давлатҳо рост меояд. Сол то сол таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки ин шумора бо суръат ба пеш рафта истодааст. Давлатҳо дар конфронсҳои байнидавлатии худ ин масъаларо масъалаи аввалиндараҷаи худ шуморида, роҳҳои ҳалли онро ҷуста истодаанд. Лозим ба ёдоварист, ки давлатҳо бояд маоши ҳадди аққалро каме баланд бардоранд то оилаҳо тавонанд ниёзҳои аввалини худро дастрас намонд. Инчунин кам кардани сатҳи оилаҳои серфарзанде, аз ӯҳдаи фарзандонашон намебароянд. Ва тамоман маниторинг эълон кардан нисбати бисёрникоҳи, дар чунин ҳолатҳо сатҳи оилаҳои қашоқ каме коҳиш меёбад ва муҳоҷирати аҳолӣ низ камтар ба назар мерасад.

АДАБИЁТ

1. Антонов А., Медков В. Социология семьи.-М., 1996,- С. 69
2. Баҳромбеков В.А., Зеваров Х., Миров Ф., Шоинбеков Ҳ., Худододов Х. Муқаддимаи кори иҷтимоӣ (маводи таълимӣ барои донишҷӯёни ихтисоси кори иҷтимоӣ).
3. Воробьёва О. Д. Миграционные процессы населения : вопросы теории и государственной миграционной политики // Проблемы правового регулирования миграцонных процессов на теории Россиской федерации // Атлантический сборник Совета Федерации ФС РФ – 2003. №-9(202),-С,-36
4. Всеобщая декларация прав человека// Резолюция 217 А (III) Генеральной Ассамблеи ООН от 10 декабря 1948 года.
5. Закон Республики Таджикистан «О миграции», №881, от 11.12.1999, Маджлиси Оли РТ и о внесении изменений и дополнении к Закону РТ «О миграции», №3 I. от 10.05.2002 г. Закон РТ.
6. Шоисматуллоев Ш., Шоисматуллоева З.Ш. трудовая миграция в жизненных планах населения Таджикистана: результаты исследования. Масъалаҳои муҳоҷирати мҳнатӣ: мушкилот ва дурнамо//Маводи конфренсияи илмию амалӣ - Душанбе. 2013 саҳ 232.

МУШКИЛОТИ МУҲОҶИРАТИ МЕҲНАТӢ ДАР ҶАҲОНИ ИМРӮЗА

Муҳоҷирати аҳолӣ дар таърихи башарият нақши барҷаста дошта ва он аз равандҳои сокиншавӣ, мавриди истифода қарор додани заминҳо, рушди қувваҳои истеҳсолӣ, ҳамгироии қавму миллатҳо ва ғайра ба амал меояд. Баррасии масъалаҳои муҳоҷират дар давраи ҳозира вобаста ба ҳолатҳои гуногун, мавзуи доғи рӯз аст. Дигаргуниҳои азими иҷтимоӣ ва сиёсии даҳсолаи охир вазъи ҷомеаи моро дар фазои пасошӯравӣ комилан тағйир дода, ҳазорҳо шаҳрвандонро муҳоҷирони иҷбори гардонд. Дар тафовут бо кишварҳои пешрафта, ки замони авҷи муҳоҷиратро сипарӣ карданд ва ба муҳоҷирати доимӣ вобаста нестанд, Тоҷикистон ба анбӯҳи мутаасили муҳоҷират дар шароите рӯ ба рӯ гардидааст, ки иқтисоди он баъди ҷанги шаҳрвандӣ дар вартаи бӯҳронӣ қарор дорад. Дар мақолаи мазкур мо ба мушкилиҳое, ки муҳоҷирон ва оилаҳои онҳо рӯҳ ба рӯҳ мешаванд матраҳ намудем. Масалан: қашшоқӣ, ҷудошавии оилаҳо, ба ҳар гуруҳи ифроти гаравидани муҳоҷирон, таҳти фишори мақомотҳои қудрати ва аҳвбошон қарор гирифтани муҳоҷирон инчунин таъбиз ва ғайра.

Калидвожаҳо: мигратсия, иммигратсия, мушкилоти иҷтимоӣ, оилаҳои муҳоҷир, намудҳои муҳоҷират, саломатии аҳолӣ, кӯдакони оилаҳои муҳоҷир.

ПРОБЛЕМЫ ТРУДОВОЙ МИГРАЦИИ В СОВРЕМЕННОМ МИРЕ

Миграция населения играет уникальную роль в истории человечества и осуществляется через процессы расселения, землепользования, развития производительных сил, интеграции наций и т.д. Рассмотрение проблем миграции в современных условиях в зависимости от различных ситуаций является актуальная тема дня. Крупные социальные и политические перемены за последнее десятилетие изменили наше общество на постсоветском пространстве, тысячи мирных жителей были вынуждены мигрировать. В отличие от развитых стран, которые прошли пик миграции и не зависят от постоянной миграции, Таджикистан столкнулся с массовыми миграционными процессами в контексте после гражданской войны в условиях экономического кризиса. В этой статье мы описали проблемы, с которыми сталкиваются мигранты и их семьи. Например, такие проблемы, как бедность, развод семей, присоединение к экстремистским группам мигрантов, нахождение мигрантов под давлением властей и хулиганов и т.д.

Ключевые слова: миграция, иммиграция, социальные проблемы, семьи мигрантов, типы мигрантов, здравоохранение, дети мигрантов.

PROBLEMS OF LABOR MIGRATION IN THE MODERN WORLD

The population migration plays a unique role in the history of mankind and is carried out through the processes of settlement, land use, development of productive forces, integration of nations, etc. Consideration of the problems of migration in modern conditions depending on different situations is the actual topic of the day. Major social and political changes over the past decade have changed our society in the post – Soviet space, thousands of civilians were forced to migrate. Unlike the developed countries, which have passed the peak of migration and do not depend on permanent migration, Tajikistan has been confronted with massive migration processes in the context after the civil war in the conditions of the economic. In this article, we described the problems faced by migrants and their families. For example, such problems as poverty, divorce of families, joining extremist groups of migrants, finding migrants under pressure from authorities and hooligans, etc.

Keywords: migration, immigration, social problems, migrant families, types of migrants, public health, children of migrants.

Сведения об авторе: **Муродалиев Фарид Наимхонович** – Таджикский Национальной Университет, магистр второго курса. Адрес: Душанбе ул. Радишев 17. Телефон: **-992 501 84 84 71**

Information about the author: ***Murodaliev Farid Naimkhonovich*** - Tajik National University. second course graduate student. **Address:** Dushanbe, Radishev st.,17. Phone: **992 501 84 84 71**

ГЕОЛОГИЧЕСКОЕ СОСТОЯНИЕ НУРЕКСКОГО ГЕОДИНАМИЧЕСКОГО (ГДП) ПОЛИГОНА

Мараджабов И., Эмомалиев С.М., Окилшоев Х.С., Махмадалиев М.
Институт геологии, сейсмостойкого строительства и сейсмологии АН РТ

Нурекский ГДП располагается в передовой части Таджикской депрессии, несколько южнее ее сочленения с Гиссаро-Каратегинским поднятием. Для его территории типично развитие систем разрывных нарушений взбросо-надвигового характера со смятыми в линейные складки мезозойскими и кайнозойскими отложениями. Характеризуется высокой сейсмической активностью, сопровождаемой проявлениями сопутствующих экзогенных процессов. Складки ориентированы главным образом в северо- восточном направлении и слагают хребты Тианский, Сурх, Вахшский, а также Сангалское и Сарсарякское поднятия, имеющие субмеридиональную ориентировку [1].

Поверхность консолидированного основания по геофизическим данным здесь погружена на глубину около 5 км. В сопряженных районах Гиссаро-Каратегина она обнажается на поверхности и предст**авле**на преимущественно гранитоидами каменноугольного возраста. Мезозойские и кайнозойские отложения сложены юрскими, меловыми, палеогеновыми и неогеновыми отложениями. Они обладают отчетливой слоистостью и хорошо распознаются на дистанционных фотоматериалах [2].

В Гиссаро-Каратегине юрские отложения лежат на гранитоидах с глубоким размывом и содержит в основании латеритовскую кору выветривания (первые метры). Нижняя часть разреза юры сложена угленосной терригенно-глинистой пачкой, средняя в основном красноцветными и серо цветными глинами, а в верхней **присутствуют** известняки и реже гипсы. Мощность ближайших разрезов юры составляет 100-200 м. В депрессии полныйразрез юрских отложений неизвестен. Лишь по крупным разломам, в основании тектонических чешуй выходят соляно-гипсовые породы верхнеюрского возраста. На полигоне наиболее крупные выходы образуют диапировые структуры, приуроченные к Ионахшскому (два) и Гулизинданскому разломам. Крупнейшим из них является Нурекский соляной куполрасположенный в северо-восточнее г. Нурека, где соли и гипсы наблюдаются среди аллювиальных и делювиальных отложений позднего четвертичного и современного возраста. Непосредственные взаимоотношения галогенных и четвертичных отложении здесь не установлены. Однако если принять во внимание, что в сае Шурак, на северном склоне хр. Петра I, крупное тело галогенных пород образует своеобразный соляно-гипсовый глетчер в эрозионной долине, залегающий на 2-й надпойменной террасе, то можно предположить, что и здесь соляной тектогенез мог иметь голоценовый возраст.

Галогенные породы на аэрофотоснимках отличаются от других осадочных образований по фототону и своеобразной пятнисто-ячеистой структуре фотоизображения (рис.1), обусловленной развитием карстово суффозионных воронок [3].



Рис.1 (Аэрофотоснимок Нурекского ГДП снимок из отчета Главного управления геодезии и картографии при совете министров СССР. Душанбе, 1990 г) [3].

Нижнемеловые отложения (700-1000 м), представленные бассейновыми, преимущественно песчано-глинистыми красно цветами, характеризуются более массивным вложением по сравнению с вышележащими пестро цветными породами (800-900 м) - позднемелового возраста. Нередко в меловых породах можно дешифрировать и более дробные стратиграфические подразделения, в которых отдельные пачки пород образуют маркирующие горизонты, отчетливо выделяющиеся в рельефе.

Палеогеновые, в основном морские отложения, опознаются наиболее просто в силу четкой литологической дифференцированности карбонатных, глинистых, песчано-глинистых и галогенных пород. Устойчивые к выветриванию карбонаты образуют в рельефе характерные крупные треугольники, угловатые куэстовые формы. Глинистые породы представлены сглаженными формами рельефа, а гипсы, залегающие в основании палеогенового разреза, обуславливают развитие суффозионных форм рельефа в виде западин и воронок. Породы неогенового возраста широко развиты в пределах территорий, в особенности в Тианской и Вахшской зонах, образующих сглаженные формы рельефа, в которых трудно установить хотя бы общее направление слоистости. Представлены красноцветными и сероцветными песчаниками с прослоями галечников (мощность 1600 м).

Четвертичные отложения представлены в основном мощной толщей лессов, лессовидных суглинков, лессовидных супесей, нередко подстилаемых галечниками. Лессы и лессовидные суглинки (30-150 м) имеют значительно большое распространение и с резким несогласием залегают на выровненной поверхности коренных пород, либо вскрывают сохранившиеся уступы нижнеплейстоценовых и среднеплейстоценовых педиментов. Они, как правило, образуют сглаженные формы рельефа.

Верхнеплейстоценовые аллювиальные отложения представлены двумя аккумулятивными террасами, относительные высоты которых колеблются в пределах 5-20 м над урезом воды, в данном случае от реки Вахш. Голоценовые аллювиальные поверхности имеют в плане четковидное строение и образуют низкие 5-7 м аккумулятивные террасы. Это узкие почти горизонтальные поверхности, выработанные в галечниках, часто перекрытые конусами выноса. Они встречаются вдоль русла основной реки Вахш и отдельных крупных водотоков.

ЛИТЕРАТУРА

1. Кулагин В.К. О строении земной коры центральной части Таджикской депрессии и южного склона Гиссарского хребта. В сб. «Глубинное строение и землетрясения Таджикистана». Изд-во «Дониш», Душанбе, 1968 г.
2. Бельский В.А, Лозиев В.П. Структурная характеристика верхнеплиоценого – четвертичных отложений Юго-Западного Таджикистана. В сб. «Глубинное строение и землетрясения Таджикистана». Изд-во «Дониш», Душанбе, 1968 г.
3. Отчет: Рекомендации, по комплексной оценке, динамических тенденций и прогнозирование опасных явлений на основе аэрокосмического мониторинга геологической среды и высокоточных геодезических измерений в пределах Нурекского геодинамического (ГДП) полигона. Главное управление геодезии и картографии при совете министров СССР. Душанбе, 1990 г.

ГЕОЛОГИЧЕСКОЕ СОСТОЯНИЕ НУРЕКСКОГО ГЕОДИНАМИЧЕСКОГО (ГДП) ПОЛИГОНА

В статье описано геологическое состояние Нурекского геодинамического (ГДП) полигона. Приведена характеристика геологических отложений. Нурекский геодинамический полигон располагается в передовой части Таджикской депрессии, несколько южнее её сочленения с Гиссаро-Каратегинским поднятием, где слагают хребты Тианский, Сурхский, Вахшский, а также Сангалское и Сарсарякское поднятия, характеризующий высокой сейсмической активностью, сопровождаемой проявлениями сопутствующих экзогенных процессов. Одновременно с речными террасами широкое развитие в районе получили аллювиально-пролювиальные и пролювиальные конусы выноса, формирующиеся в устьях боковых притоков в результате падения кинематической энергии водных потоков при выходе из боковых саев. Пролювиальные поверхности голоценового периода сохранились значительно лучше и развиты в северо-восточной части территории в пределах Джангоуской и Бахшской зонах.

Ключевые слова: взброс, надвиг, складка, мезозойские и кайнозойские отложения, гранитоид, разлом.

ҲОЛАТИ ГЕОЛОГИИ МАЙДОНИ ГЕОДИНАМИКИИ НОРАК

Дар мақола ҳолати геологии майдони геодинамикии (Норак) тасвир карда шудааст. Хусусияти конҳои геологӣ оварда шудааст. Майдони геодинамикии Норак дар сафҳои пешини депрессияи тоҷикон, каме ҷанубтар аз шоҳроҳи баландкӯҳи Ҳисору Қаротегин ҷойгир аст, ки дар он ҷо қуллаҳои Тиян, Сурх, Вахш ва баландии Сангал ва Сарсарияк ҷойгиранд, ки бо фаъолияти баланди сейсмикӣ бо зуҳуроти ҳамҷояшавии экзогенӣ хос мебошанд. Дар баробари қаторкӯҳҳои дарё, конусҳои аллювиалӣ-пролувиалӣ, ки дар даҳони ҳавзаҳои паҳлуии пайдошуда дар натиҷаи кам шудани энергияи кинематикии ҷараёнҳои об ҳангоми тарк кардани соҳили паҳлӯ ба вуҷуд омадаанд, ба таври васеъ рушд карда буданд. Қабатҳои пролувиалии давраи гологенӣ дар қисми шимолу шарқии минтақаҳои Ҷанг ва Бахш хеле инкишоф ёфта, хуб нигоҳ дошта шудаанд.

Калидвожахо: кандакорӣ, банд, кони мезозой ва кайнозой, гранитоид, шикастагӣ, деформатсия, фишори механикӣ, таъсир.

THE GEOLOGICAL CONDITION OF THE NUREK GEODYNAMIC POLYGON (GDP)

The article describes the geological state of the Nurek geodynamic polygon (GDP). It is given the characteristic of geological deposits. The Nurek geodynamic polygon is located in the advanced part of the Tajik depression, slightly to the South of its junction with the Hissar-Karategin uplift, where the Tian, Surkh, Vakhsh and Sangal and Sarsaryak uplifts are composed, which is characterized by high seismic activity accompanied by manifestations of accompanying exogenous processes. Along with river terraces, alluvial-proluvial and proluvial discharge cones that form in the mouths of side tributaries as a result of falling kinematic energy of water flows at the exit from the side lakes have been widely developed in the area. The proluvial surfaces of the Holocene period were much better preserved and developed in the North-Eastern part of the territory within the Jangu and Bakhsh zones.

Keywords: uplift, overshoot, fold, Mesozoic and Cenozoic deposits, granitic, fault.

Сведения об авторе: ***Мараджабов Искандар Исматович*** – магистрант II-го курса по направлению инженерная-геология и гидрогеология Института геологии, сейсмостойкого строительства и сейсмологии АН РТ. Адрес: 734019, Таджикистан, г. Душанбе, Айни, 267. E-mail: **iskandar.ismatov@bk.ru.** Телефон: **+99291892326.**

Information about the author: ***Marajabov Iskandar Ismatovich*** - Institute of geology, earthquake engineering and seismology of Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan. Master`s degree in engineering Geology and hydrogeology. Address: Tajikistan, 734019, Dushanbe City, Ayni Street 267. E-mail: **iskandar.ismatov@bk.ru.** Telephone: **+992 918 92 32 56.**

ХУСУСИЯТҲОИ ТЕКТОНИКӢ-СЕЙСМИКИИ ШИКАСТАГИИ ЖАРФОИИ МУҚУР- ЧАМАН ВА НАҚШИ ОН ДАР БА ВУҶУД ОМАДАНИ КОНҲОИ МАЪДАНӢ

Муҳаммад Ф.А.
Донишгоҳи милии Тоҷикистон

Таърихи инкишофи геологии блоки тектоникии Кобул бахше аз таърихи инкишофи геологии дигар блокҳои тектоникии Афғонистон аст. Мутобиқ ба маълумотҳои илмии пажуҳишгарони Фаронсавӣ Лопрон, Корбунил ва Касену, қисми шимоли кишвар дар давраҳои гуногуни геологӣ ба плитаи АвруОсиё нисбат дода шудааст.

Дар ҷараёни таърихи инкишофи геологии Афғонистон блоки Фаро оҳиста-оҳиста дар замони триас ба сохторҳои шимоли кишвар пайваст гардида, пас аз он дар замони юра ва бур блоки Ҳилманд ба он пайваст гардид, ки бо пайвастшавии он ҳавзаи баҳрӣ палеотетис баста мешавад. Боқимондаҳои пӯстлохи уқёнуси палеотетис аз комплекси офиолитӣ иборат аст, ки дар ҳудуди сарҳади плитаҳо ва макроплитҳо қарор гирифта, муаллифҳо офиолитхои зикршуда ва робитаи конҳои канданиҳои фоиданок бо онҳоро дар блоки тектоникии Кобул мавриди пажуҳиш ва баррасӣ қарор доданд, ки натиҷаҳои таҳқиқотҳои онҳо низ дар ин асари илмӣ оварда мешавад [1].

Мақсад аз навиштани ин мақолаи илмӣ арзёбии хусусиятҳои тектоникӣ-сейсмикии шикастагии жарфоии Муқур-Чаман ва нақши он дар ба вуҷуд омадани конҳои маъданӣ, омилҳо ва пайдошавии онҳо, чигунагии самти шикастагии мазкур бар асоси баррасии маълумотҳои сейсмикӣ, анализи аксҳои ҳавоӣ, таъсири шикастагии мазкур дар болои блоки тектоникии Кобул ва блокҳои тектоникии ҳамсояи он ва ҳамчунон конҳои маъдании монанди комплекси ултрабазитҳои Мутун, Лугар ва кони бузурги миси Айнак, ки ба дарозии шикастагии мазкур ҷо ихтиёр намудааст, иборат мебошад ва эҳтимол пайдоиши ин конҳо бо вайронаи тектоникии Муқур-Чаман робита доранд.

Омӯзиши таърихии инкишофи геологии ва тектоникии минтақаҳои гуногуни пӯстлохи замин ба вижа структураҳои тектоникии марбут ба онҳо ба асоси методҳои муайян сурат мегирад. Дар навиштани ин асари илмӣ аз дишефронии аксҳои ҳавоӣ ва адабиётҳо истифода гардидааст.

Ин асар арзиши хосеро дар робита бо “Хусусиятҳои тектоникӣ-сейсмикии шикастагии жарфои Муқур-Чаман ва нақши он дар ба вуҷуд омадани конҳои маъданӣ”дорад. Зеро то ҳанӯз пажуҳишҳои муносиб дар бораи шикастагии мазкур сурат нагирифта аст. Бинобар ин, ниёз аст то дар бораи хусусиятҳоии номбаршуда ва конҳои металлӣ, ки дар ин зона ҷойгир шудаанд ва эҳтимол аз назари пайдоиш робитаи генетикӣ доранд ба таври дақиқ пажуҳиш сурат бигирад.

Пажуҳиш дар бораи “Хусусиятҳои тектоникӣ-сесмикии шикастагии жарфои Муқур-Чаман ва нақши он дар ба вуҷуд омадани конҳи маъданӣ” аҳамияти хоси заминаҳои геологӣ, пешгӯӣ ва ҷустуҷӯи ККФ-ро дорад, зеро дақиқ будани маълумоти пурра дар бораи шикастагии мзкур ва робитаи конҳои маъданӣ бо он шароитро барои ошкори конҳои маъдание, ки дар жарфои наздик ба рӯи замин қарор доранд низ омода месозад.

Блоки тектоникии Кобул ва блокҳои тектоникии ҳамсояи он таърихи инкишофи геологии дерина дошта ва ба манзур омӯзиши бештар ва шинохти дақиқ аз хусусиятҳои тектоникӣ-сейсикии шикастагии жарфои Муқур-Чаман ва сохторҳои марбут ба он пажуҳишгарони пешин корҳои бо арзиш ва судмандеро анҷом доданд. Зеро ба шикастагии мазкур мутахассисини дохилӣ ва хориҷӣ ҳамеша таваҷҷӯҳи хоса

доранд. Миқдори бештари маводҳои нави геологӣ перомуни сохтори блоки тектоникии Кобул дар солҳои охир гирдоварӣ ва арзёбӣ шудааст [1].

Аз ҷумлаи сохтори печидаи минтақа банди Афғонистон аз назари магматизм, муйян сохтани син ва соли чин ва тобхӯрдгиҳо, яке он танаи Муқур, Ҳилманд ва Арғандоб аст, ки аз тарафи ҷанубу шарқи тавассути шикастагӣ Муқур-Чаман ва аз тарафи шимол ва шимолу ғарб тавассутии шикастагӣ Ҳилманд маҳдуд шудааст. Ин тана шомили сангҳои зерасос, ки таркиб ёфта аз қисми поёнӣ ва болоӣ ва пӯш болоӣ мебошад. Сангҳои зерасос, ки сохторҳои печидаи хаттӣ ва моил доранд, дорои дарозии шимолу шарқӣ буда, аммо рупӯш болоӣ ба таври номувофиқ болои сангҳои зер асос воқеъ буда, дорои сохторҳои одии хаттӣ, ки дарозии шимол шарқиро ихтиёр намудааанд, мебошад.

Дар ноҳияҳои кишвар қабатҳои чин ва тобхӯрдаи давраи алпӣ дарозии тақрибан шимолро доранд, ба сурати номувофиқ болои зерасос қарор гирифта, аз қабтҳои полеозойи болоӣ ва мезозоӣ мебошад, ки шикастагӣ Муқур-Чаман низ дар ҳамин сохторҳои геологӣ ҷойгир шудааст.

Натиҷаҳои пажуҳишҳои ибтидоӣ нишон додааст, ки зиминҷунбиҳои Афғонистон бо сохторҳои тектоникии кишвар робитаи мустақим доранд. Чунон чӣ гипосентрҳои бештари зиминҷунбиҳои дар болои вайронаҳои тектоникӣ ба хусус дар шикастагӣ Муқур-Чаман қарор дошта ва ё наздик ба он мебошанд. Бо дарназрдошти ин, ки дарозии сохторҳои тектоникӣ ва шикастагиаҳои кишвари хориҷӣ аз сарҳадҳои Афғонистон ба назар мерасад, тавре ки нақшаҳои isoseismal ва danger zone seismic Покистон нишон медиҳад, ноҳияи Кувита ва Мурдорғар, ба шимоли минтақаҳои Чатрол ва Гилгит аз ҷумлаи минтақаҳои сейсмогенӣ ба шумор мераванд. Зиминҷунбиҳои бисёр сахт дар ноҳияҳои Кувита сурат гирифтааст, ки гипосентрии такони онҳо камтар аз 50 километр ва магнитуди он байни 7 то 8,5 мебошад. Дар ин ҷо бештар гипосентри таконҳои заминҷунбӣ дар жарфҳои байни 70 то 300 километр ҷо гирифтаанд ва шумораи дигари онҳо дар жарфи камтар аз 70 километр қарор доранд. Пажуҳишҳо нишон дода аст, ки заминҷунбиҳои Покистон бо шикастагиҳо робита дорад, ба хусус бо шикастагии Муқур-Чаман [2].

Дар дохили Афғонистон ноҳияҳои ҷанубу шарқи он махсусан ноҳияи Спинбулдак ва бахше аз Регистон сейсмогенӣ буда, гипосентри заминҷунбиҳои сахти Чаман, Кувита дар солҳои 1975-1992 дар наздики шикастагии Муқур-Чаман воқеъ буда, ки таъсири баъзе аз онҳо ба шаҳри Қандаҳор низ расидааст, ки марбути ҳаракатҳои тектоники ҷавон аст.

Минтақаи заминҷунбиҳои миёна шомили ноҳияҳои ҷануби шарқи Афғонистон аст. Шикастагии Муқур-Чаман аз ғарби ин зона убур карда мегузарад ва дарозии шимолу шарқро дорад. Зичии гипосентри заминҷунбиҳо дар наздики шикастагии Муқур-Чаман, Гардрез (Алтимур) бештар буда, ба тарафи шарқ дар дохили зонаи Гардрез кам мешавад. Мавқеияти гипосентри таконҳои заминҷунбӣ дар ин зона камтар аз 60 километр аст.

Бояд ёдовар шуд, ки аз анализи робитаи заминҷунбиҳое, ки дар дарозе шикастагии Муқур-Чаман ва атрофи он қарор дорад, чунин натиҷагирӣ мешавад, ки қонуниятҳои мушаххас дар мавриди хусусияти ҷойгузин шудан ва тақсимбандии нуқтаҳои пайдоиши сейсмекӣ дар жарф ва гипосентрҳо дар рӯи замин вуҷуд дорад. Сохторҳои тектоникии печидаи Афғонистон бо зонаи шикастагиаҳои асосӣ ва бузург ва ҳам чунин бо шикастагиҳое, ки сохторҳои тектоникии чин ва тобхӯрдаи давраи алпӣ, сохторҳои ҷойгиршударо ҷудо мекунад, робита дорад. Дар ҷое, ки шикастагиаҳои паралелл ва кундаланг ба сохторҳои тектоникӣ пайванд мешаванд, гипосентрҳои зиёди заминҷунбиҳо дида мешаванд. Бар асоси назари идае аз геофзикдонҳо ва геологҳо пайдоиш ва омили жарфо будани заминҷунббиҳое, ки дар

дарозии ва атрофи шикастагии Муқур-Чаман қарор дорад, марбут ба фурӯ рафтани плитаи Ҳиндустон зери плитаи АвроОсиё мебошад.

Шикастагии жарфоии Муқур-Чаман аз ҷумлаи шикастагиаҳое аст, ки аз минтақаҳои чинхӯрда убур менамояд. Паҳноии он дар ҳудуди 85 километр буда, масофаи кучиши блокҳои тектоникӣ нисбат ба он камтар аз 83 километр мебошад.Дарозии ин шикастагӣ аз шаҳри Чорикор ба тарафи ҷануб то сарҳади Покистон 650 километр буда, аз он ҷо садҳо километри дигар дар дохил Покистон идома ёфта [3], характери регионалӣ дорад.

Шикастагии жарфоии Муқур-Чаман, ки дорои дарозии мередионалӣ мебошад, тавассути ҳайати геологии олмонӣ муайян ва сипас тавассути мутахассисони русӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Шикастагии мазкур пас аз шикастагии Ҳарируд, дувумин шикастагии тектоникии бузург дар қаламрави Афғонистон ба шумор меравад.[4]

Зонаи шикастагии жарфои Муқур-Чаман як бахше аз сарҳади муштараки плитаҳои АвруОсиё ва Ҳинд аст, ки ба идомаи силсилакӯҳҳои Сулаймон, (дар тарафи шарқи шикастагии Муқур-Чаман ҷо гирифтааст) қарор дошта, дар лаби шимоли плитаи континеталии Ҳинд ҷо дорад. Аз асари як рӯтохте (надвиг), ки аз бархӯрди плитаҳои АвроОсиё ва Арабистон рӯи сарҳади трансформи плитаҳои Ҳинд ва АвроОсиё рух дода буд, шикастагии Муқур-Чаман ба вуҷуд омад. Сарҳади байни плитаҳои Арабистон ва АвроОсиё, ки як зонаи субдуксионӣ мебошад ва дар қисми ҷануби минтақаи "Макрон" зери (зер фишор) уқёнус қарор дорад. Ҷинсҳои кӯҳии таҳшинӣ (маводи майдадонаи гилӣ), ки аслан дар бистари баҳр таҳшин шуда буданд, бо ғарқ шудани плитаҳои Арабистон дар зери плитаи АвроОсиё ба рӯи замин намоён шудаанд. Пайдоиши ёдшуда, дар ҷараёни бархӯрди плитаҳо як ҷо бо силсилаикӯҳҳои Макрон ва чину тобхӯрда шудаанд. Бо бе ҷо шудани плитаи Ҳинд ба тарафи шимолу шарқи чинхӯрдагии Макрон, ки дар плитаи АвроОсиё аст ба тарафи ҷануб кашонда шуда ба дарозии зонаи шикастагӣ Муқур-Чаман қарор дорад.



Расми 1. Акси кайҳонии сохти структараи плитаҳои Арабистон, АвруОсиё ва Ҳинд

.

Сохтҳои структурӣ дар гирехе, ки аз якҷоя шудани плитаҳои Арабистон, АвроОсиё ва Ҳинд ба вуҷуд омадаанд дар қисми шимолӣ ҷойгир шудаанд (расми 1), ки дар акси кайҳонӣ ба хубӣ дида мешаванд. Структураи мазкур дар дарозии уқёнуси Ҳинд дар кишварҳои Эрон, Покистон ва Афғонистон ҷойгир шудааст. Силсилакӯҳҳои Макрон (M) дар асари бархӯрди плитаҳои Арабистон, АвроОсиё ва Ҳинд ба вуҷуд омадааст ва дар ин ҷо сарҳади байни плитаҳо зери уқёнус (зери фишор) қарор дорад. Зонаи шикастагии Муқур-Чаман (C) ва силсилакӯҳҳои Сулаймон (S) бозтоб диҳандаи амал бар зиди плитаҳои Ҳинд ва АвроОсиё мебошад.

Дар майдони ҳамвории таҳшониҳои блоки тектоникии Ҳилманд (H) се вулкани барҷаста(V) занҷири вулканҳоро ба вуҷуд оварда, таърихи фаъоляти тектоникӣ ва вулканизми зонаи тектоникии омӯзиширо нишон медиҳад.

Дар ду расми поён характеристики хамидагии эрозионии силсилакӯҳҳои Макрон ва рушди зонаи шикастагии жарфои Муқур-Чаман равшан сохта шудааст.



Расми 2. Намои акси кайҳонии рӯтохти (надвиг) шикастагӣ жарфои Муқур-Чаман ба тарафи ҷануб.

Шикастагии Муқур-Чаман як рӯтохтест, ки (расми 2, T) дар дарозии қабатҳои ҷинсҳои кӯҳи, ки дар тарафи ҷануб ба боло равона шудааст, қарор дорад. Дар қисми шимолу шарқи шикастагии мазкур ба тарафи шимол тоб хурда ва боиси ба вуҷуд омадани шикастагии зонаи трансформӣ мегардад (S). Блоке, ки дар тарафи шарқи шикастагӣ ҷо гирифтааст дар болои блоки ғарбӣ он ба самти шимол ҳаракат мекунад. Хамидагии қисми ҷанубии шикастагии Муқур-Чаман баробар бо бе ҷошавиҳои кӯчак дар масофаи кам қарор гирифтааст ва монанди як хамидагие аст, ки дар лаби як бастаи қоғаз ҳангоми хам додани он ба вуҷуд меояд.



Расми 3. Намои акси кайҳонии сарҳади трансформии байни плитаҳои Ҳинд ва АвроОсиё.

Расми 3, ки қисми шарқии расми №1 мебошад шикастагии Муқур-Чаман (C) як зонаи бориз (strike slip - лағжиш-зарба) мебошад, ки баёнкунандаи сарҳади трансформӣ байни плитаҳои Ҳинд ва АвроОсиё мебошад. Шикастагии мазкур дар ҳудуди 900 километр тақрибан то Кобул идома дорад. Чи тавре аз расми 3 дида мешавад плитаи Ҳинд (IP) дар рӯи плитаи АвроОсиё ба тарафи шимол дар ҳаракат аст. Дар ин ҷойҳои ҷудошуда, кундалангиҳо (шикастагии кундаланг) бо шикастагии мазкур баёнгари ҳаракати ҳамзамон мебошад. Сарҳади ибтидоии плитаи аслӣ дар дараи паҳновар дар қисми поёни рости расм ҷойгир шудааст. Тӯдаҳои ҷисмҳои сиёҳ

дар ин камарбанд осори пӯстлохи базалтии уқёнусӣ аст, ки бо ҷинсҳои кӯҳии таҳшонӣ омехта шуда, офиолитҳоро ба вуҷуд овардаанд.

Расми 4. Акси кайҳонии шикастагии жарфои Муқур-Чаман дар зонаҳои чинхӯрдаи Сулаймон ва Макрон.

Дар ин расм аз қисми шимоли Макрон то шикастагии Муқур-Чаман (C) ва то камарбанди чинхӯрдаи Сулаймон (S), пешхамидагии таҳшониҳои Макрон (F) дар тарафи чапи расми 4 қарор доранд, ки сохтори камоншакл ва тобхурдаро ба вуҷуд овардаанд. Шикастагии жарфои омӯзишӣ (C) дар зонае ҷойгир шудааст, ки он аз як шикастагии рӯтохтӣ (рост) ба дар сарҳди плитаи Ҳинд ба шикастагии трансформӣ (чап) иваз мешавад. Чунон чӣ дар намои вертикалии расми қаблӣ дида мешавад. Расми баъдӣ минтақаи шимолии (тарафи чап) ин расмро нишон медиҳад.



Расми5. Намои акси кайҳонии блоки Ҳилманд бо шикастагии жарфоши Муқур-Чаман.

Расми 5 қисми шарқии блоки Ҳилмандро нишон медиҳад, ки дар дарозии шикастагии Муқур-Чаман қарор дорад. Кӯҳи Сулаймон (S) як қисме аз занҷири вулканҳо аст, ки дар асари пешрафти бистари Уқёнуси Ҳинд ба вуҷуд омадааст ва дар ҳудуди 406 километр ба тарафи шимол аз ҳошияи плита қарор дорад, гувоҳӣ бар жарфи бисёр ками субдиксияи плита аст. Дар қисми поёни самти чап кул аст, ки охири системаи (шабакаи) обии дарёи Ҳилмандро нишон медиҳад, ки сарчашмаи он дар кӯҳҳои Помир дар қисми болоии расм дар зер абрҳо мебошад. Ҳам чунон дар

расм дида мешавад, ки вулкани ҷудогона (V) дар дарозии хамидагии дарё қарор гирифтааст.



Расми 6. Акси кайҳонии қисми ҷанубу шарқии шикастагии жарфои Муқур-Чаман.

Шикастагии Муқур-Чаман дар зонаи чинхӯрдаи ҷанубу шарқӣ (расми 6), дар дарозии шимолу ғарби силсилакӯҳҳои Сулаймон, сарҳади тектоникӣ дорад. Дар идомаи блоки Ҳилманд кулҳои Систон ҷойгир шудаанд, ҷое ки шабакаи дарёи Ҳилманд аз дохили блоки Ҳилманд убур карда ба онҳо хотима пайдо мекунад ва дар ин ҷо занҷири вулканҳо низ дар як фосилаи дур дида мешавад.



Расми 7. Акси кайҳонии чинҳои чапи шикастагии жарфоши Муқур-Чаман.

Дар қисми ҷануби расми 7, дар дарозии шикастагии Муқур-Чаман (ҷинҳои чапи он) ва дар нимаи шарқи блоки Ҳилманд, майдони Қандаҳор (Q) ба назар мерасад, ки дар қисми охири ҷануби силсилаикӯҳҳо қарор дорад. Дар хотир бояд дошт, ки дарёи Ҳилманд дар қисми шимоли дюни бузурги регӣ, ки қисми зиёди ҳамвориҳоро дар бар гирифтааст ба охир мерасад. Дар ин ҷо дарё интиқолкунандаи реги дюн мебошад. Яъне, регҳо аз дарё ба дюн интиқол дода мешаванд. Ҳам чунон дар хотир бояд дошт, ки хамидагии шадиди (нугдор) дарё аз нуқтае иборат аст, ки дарё шикастагии Муқур-Чаманро ҷудо мекунад [5].

Анализи маводҳои сейсмеикӣ, ки тавассути пажуҳишгарон сурат гирифта аст нишон медиҳад, ки шикастагии мавриди омӯзиш фаъол буда дар дарозии он структураҳои тектоникӣ дар ҳаракат мебошанд.

Назар ба ҷойгиршавии ҳозираи структураҳои тектоникӣ метавон гуфт, ки шикастагии мазкур дорои хусусиятҳои лаґжиш (сдвиг) мебошад, зеро дар дарозии он структураҳои тектоникии зонаи Сулаймон-Картор ба тарафи шимол ва структураи Афғонистони ҷанубӣ ба тарафи ҷануб ҳаракат карда, бе ҷо шудаанд.

Гумон меравад, ки блоки тектоникии Кобул дар дарозии ин шикастагӣ дар асари фишори плитаи Ҳинд-Австралия як ҷо бо фурӯхмидагӣ Катавоз ба тарафи шимол бе ҷо гардида, зонаи чинхӯрдаи Афғон-Помири ҷануби (Афғонистони Марказӣ)-ро мепӯшоанд ва ё ҷудо менамояд. Ин масъаларо метавон тавассути тадқиқотҳои геофизикӣ дар сарҳадҳои шимолии блок муайян намуд, ки албатта масрафҳои зиёдеро дар пай хоҳад дошт.

Бояд ёдовар шуд, ки аз анализи робитаи заминҷунбиҳое, ки дар дарозе шикастагии Муқур-Чаман ва атрофи он қарор дорад, чунин натиҷагири мешавад, ки қонунманди мушаххас дир мавриди хусусияти ҷойгузин шудан ва тақсимбандии нуқтаҳои пайдоиши сейсмекӣ дар жарф ва гепосентрҳо дар рӯи замин вуҷуд дорад. Сохторҳои тектоникии печидаи Афғонистон бо зонаи шикастагиаҳои асос ва бузург ва ҳам чунин бо шикастагиҳое, ки сохторҳои тектоникии чин ва тобхӯрдаи давраи алпӣ, сохторҳои ҷойгиршударо ҷудо мекунад, робита дорад. Дар ҷое, ки шикастагиаҳои паралелли ва кундаланг ба сохторҳои бо ҳам васл мешаванд, гипосентри зиёди заминҷунбиҳо дида мешавад.

Бар асоси назари иддае аз геофзикдонҳо ва геологҳо пайдоиш ва омили жарфо будани заминҷунбиҳое, ки дар дарозӣ ва атрофи шикастагии Муқур-Чаман қарор дорад, марбут ба фурӯ рафтани плитаи Ҳиндустон зери плитаи АвроОсиё мебошад.

Конҳои маъдание, ки бо ин шикастагии тектоникӣ робита доранд то ҳол ба сурати пура мавриди омӯзиш қарор нагирифтаанд, аммо бояд хотир нишон сохт, ки аввал ултрабазитҳои комплекси Мутун, Лугар ба дарозии шикастагии мазкур ҷойгузин шуда, эҳтимоли аз нигоҳи пайдоиш бо он робита доранд. Конҳои хромит, асбест, некл, кобалт, платина ва мис илова бар он кони смектит ва полигорскит дар ноҳияҳои вилояти Лугар низ дар натиҷаи қишри фарсоиши ибтидоии ултрабизитҳои мазкур ба вуҷуд омада, ки аз 0.8 то 1 % дорои некел ва аз 0.03 то 0.01 % кобалт мебошад [1].

Тавре ки аз маводҳои нашршудаи тадқиқотчиён бар меояд, шикастагии жарфои Муқур-Чаман то ҳол ба таври кам омӯзиш гардидааст ва ба асоси маводҳои дар даст дошта, тамоми шикастагиҳо ба хусус шикастагиҳои асосии ҷанубу шарқии Афғонистон аз нигоҳи зонаи фишордиҳанда, самти ҳаракати блокҳои пӯстлохи замин дар минтақа ва ҷойгиршавии ибтидоии блокҳои ҳамсояи блоки Кобул, Ҳилманд ва Катавоз ба таври кам муяйян ва омӯзиш гардидааст.

Кӯшиш карда шуд, ки дар асоси вижагиҳои тектоникӣ ва дар асоси анализи пайдоишоти гуногун сохторҳои геологии блокҳои ҷанубу шарқи Афғонистонро бо таърихи инкишоф ва сохторҳои ҷудогонаи онҳо муайян ва равшан гардонем. Барои якум аст, ки тағйири макони блокҳои тектоникии Кобул, Ҳилманд ва Катавоз ба хусус шикастагии жарфои Муқур-Чаманро бо дарназардошати ҳаракатҳои тектоникии горизонталӣ, ки сарчашмаи он фишори плитаҳои Ҳинд-Австралия мебошад, ба тарафи шимол муайян карда шуд.

Пештар мавҷудияти офиолитҳо сирф барои муайян сохтани конҳои канданиҳои фоиданок омӯзиш мегардид, ҳоло бар асоси омӯзиши ҳаракатҳои тектоникӣ муайян карда шуд, ки мавҷудияти офиолитҳо на танҳо барои муайян кардани конҳои канданҳои фоиданок омӯзиш мегардад, балки мавҷудияти он дар дарозии шикастагии жарфои Муқур- Чаман намоёнгари шикастагии жарфо мебошад.

Натиҷагирӣ ва пешниҳодҳо. Бо дарназардошти анализ ва омӯзиши ҳаматарафаи вижагиҳои шикастагии жарфои Муқур-Чаман ва нақши он дар ба вуҷуд омадани

конҳои маъданӣ ва блокҳои тектоникии ҳамсояи он, ки дарбаргирандаи маводҳои ин мақола мебошад, метавон чунин натиҷагирӣ намуд:

1- ба кӯмаки вижагиҳои тектоникӣ ва шикастагиҳои асосии зонаи ҷанубу шарқи Афғонистон, ба хусус шикастагии жарфои Муқур-Чаман, зонаи фишордиҳанда, самти ҳаракати блокҳои қишри замин дар минтақа ва ҷогиршавии ибтидоии блокҳои ҳамсояи блоки тектоникии Кобул, Ҳилманд ва Катавоз муайяин гардидааст.

2- таҒйири маҳал ё бечошавии блоки тектоникии Кобул, Ҳилманд ва Катавоз бо дарназардошти ҳаракатҳои тектоникии горизонталӣ, ки пайдоиши он аз фишори плитаҳоии Ҳинд-Австралия мебошад, ба тарафи шимол сурат гирифта, то кунун идома дорад.

3- шикастагии жарфои Муқур-Чаман ва блокҳои тектоникии атрофи он жарфо ва фаъол буда, дар дарозии он дар ҳаракат мебошанд.

4- мавҷудияти офиолитҳо дар дарозии шикастагии Муқур-Чаман намоёнгари шикастагии жарфо буда, конҳои бузург монанди хром, платина, некел, кобалт, асбест, талк, конҳои пошхӯрда, смектит, палигорскит ва ғайра ба он робита доранд.

5- Лозим ба ёдоварӣ аст, ки кони бузурги миси Айнак дар наздики шикастагии Муқур-Чаман қарор дошта, маҳлулҳои гидротермалии мисдор, ки эҳтимолан ба дарозии шикастаги мазкур аз жарфҳои замин ба тарафи боло омадааст дар ба вуҷуд омадани ин кон нақши босазоеро бозӣ намудаанд.

Шикастагии тектоникии Муқур-Чаман двумин шикастагии бузурги тектоникӣ пас аз шикастагии Ҳарируд дар Афғонистон ба шумор меравад. Дарозии шикастагии мазкур 650 км ва паҳнои он тахмин 85 км-ро дар мегирад ва садҳо километри дигар дар дохили хоки Покистон идома ёфтааст.

Гипосентрҳои заминчунбӣ дар зонаи тектоникии мазкур зиёд буда, фаъол ва сейсмогенӣ будани онро нишон медиҳад ва ҳамчунон метавон гуфт, ки конҳои бузурги миси Айнак, Ҷавҳар ва Дарбанд дар наздики шикастагии Муқур-Чаман қарор дошта, маҳлулҳои гидротермалии мисдор, ки эҳтимолан ба дарозии шикастаги мазкур аз жарфҳои замин ба тарафи боло омадааст дар ба вуҷуд омадани ин конҳо шароити мусоид ва нақши босазоеро бозӣ намудаанд. Мавҷудияти офиолитҳо дар дарозии шикастагии Муқур-Чаман намоёнгари шикастагии жарфо буда, конҳои бузург монанди хром, платина, некел, кобалт, асбест, талк, конҳои пошхӯрда, смектит, палигорскит ва ғайра ба он робитаи генетикӣ доранд.

АДАБИЁТ

1. Алиёвар М.Ф. Шикастагии амиқи Муқур-Чаман ва нақши он дар ташкили маъдан / М.Ф . Алиёвар // Ҷавзҷон: Дустон, 1391 (2012). – 51 **с.**
2. Раҳмонӣ А. Ҷиҳатгирии структурҳои тектоникӣ дар блоки Кобул: диссертатсияи номзади илмҳои г. ва м./ А. Раҳмонӣ. –К, 1372 (1993).
3. Росих С.А. Инкишофи геологии ҷанубу шарқи Афғонистон дар давраи юра / С.А Росих //. Маҷаллаи илмӣ ва технолоҷии донишгоҳи политехникии Кобул - . 1369 (1990). – №15. – С. 53-64.
4. Сафдарӣ Н.А. 1369. Такомули геологии соҳаи Афғонистон дар давраи триас ва шроити ташкили маъданҳои маводи муфидаи он / Н.А. Сафдарӣ// Маҷалаи илм ва технолоҷии донишгоҳи политехникии Кобул - . 1369 (1990).). – №14. – С. 74-83.
5. (http://earth.jsc.nasa.gov/handbooks/arabianpages/chaman-title.htm).

ТЕКТОНО-СЕЙСМИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ МУКУР-ЧАМАНСКОГО РАЗЛОМА И ЕГО РОЛЬ В ФОРМИРОВАНИЕ РУДНЫХ МЕСТОРОЖДЕНИЙ

Тектоническое нарушение Мукур-Чаман по размеру является вторым крупным разломом, после Харируда в Афганистане. Длина этого разлома в пределах республики составляет 650 км, а ширина - примерно 85 км, который протягивается вглуб соседней республики Пакистан. Гипоцентр землетрясений в пределах этой тектонической зоны значительны. Крупные медные месторождения, таких как Айнак, Гавхар (Джавхар) и Дарбанд, а также месторождений хрома, платины, никеля, кобальта, асбеста, талька и другие генетически связаны с этим разломом.

Ключевые слова: Мукур-Чаманский разлом, Айнак, платина, разлом.

ХУСУСИЯТҲОИ ТЕКТОНИКӢ-СЕЙСМИКИИ ШИКАСТАГИИ ЖАРФОИИ МУҚУР- ЧАМАН ВА НАҚШИ ОН ДАР БА ВУҶУД ОМАДАНИ КОНҲОИ МАЪДАНӢ

Шикастагии тектоникии Муқур-Чаман двумин шикастагии бузурги тектоникӣ пас аз шикастагии Ҳарируд дар Афғонистон ба шумор меравад. Дарозии шикастагии мазкур 650 км ва паҳнои он тахмин 85 км-ро дар мегирад ва садҳо километри дигар дар дохили хоки Покистон идома ёфтааст. Гипосентрҳои заминҷунбӣ дар зонаи тектоникии мазкур зиёд мебошанд. Конҳои бузурги миси Айнак, Гавҳар (Ҷавҳар), Дарбанд ва инчунин конҳои хром, платина, никел, кобалт, асбест ва ғайраҳо бо шикастагии Муқур-Чаман робитаи генетикӣ доранд.

Калидвожаҳо: шикастагии Муқур-Чаман, Айнак, платина, жарфоӣ.

TECTONIC-SEISMIC FEATURES OF THE MUKUR-CHAMAN FAULT AND ITS ROLE IN THE FORMATION OF ORE DEPOSITS

The tectonic disturbance of Mukur-Chaman is the second largest fault after Harirud in Afghanistan. The length of this fault within the country is 650 km, and the width is approximately 85 km, which extends deep into the neighboring republic of Pakistan. The hypocenter of earthquakes within this tectonic zone is significant. Large copper deposits such as Ainak, Gavhar (Javhar), Darband, as well as deposits of chromium, platinum, nickel, cobalt, asbestos, talc and others are genetically associated with this fracture.

Keywords: Muqur-Chaman fault, Ainak, platinum, hypocenter.

Сведения об авторе: ***А. М. Фарид*** - магистрант Таджикского национального университета. E-mail**: farid.ali1356@gmail.com**. Телефон: **(+992) 880-08-42-47**

Information about the author: A.M. Farid – graduate student of Tajik National University. Email: **farid.ali1356@gmail.com.** Phone: **(+992) 880-08-42-47**

СЕЙСМИЧЕСКОЕ МИКРОРАЙОНИРОВАНИЕ ТЕРРИТОРИИ Г. ДУШАНБЕ

Эмомалиев С.М., Мараджабов И.И., Окилшоев Х.С., Махмадалиев М.
Институти геология, сохтмони ба заминҷумбӣ тобовар ва сейсмологияи АИ ҶТ

В условиях Таджикистана при строительстве инженерных сооружений необходимо учитывать сейсмическое воздействие, т.к. республика Таджикистан находится в зоне активных сейсмических проявлений [8].

Следует отметить, что каждое сооружение, согласно строительным нормам надо рассчитывать на сейсмические нагрузки. В 1937 году первое сейсмическое микрорайонирование территории г. Душанбе было выполнено профессором Цшохером В.О. и был составлен генеральный проект планировки города. Основные положения этой работы составляет следующее (рис 1).

-наиболее безопасной с точки зрения антисейсмической профилактики должна быть признана третья терраса, представляющая собой мощную толщу сухого, однообразного по сложению и составу грунта и находящаяся вне влияния каких-либо грунтовых подземных вод.

-вторая терраса, представляющая собой сравнительно твердые породы, перекрытые маломощным слоем рыхлых пород, должна быть признана с сейсмической точки зрения менее благоприятной.

-первая надпойменная терраса, периодически затопляемая и увлажняемая, должна быть признана подлежащей исключению из площади, отведенной под застройку.

-опасными надлежит признать линии примыкания первой и второй террасы, с одной стороны, второй и третьей - с другой. В первом случае - вследствие смены разнородных по строению грунтов; во втором случае - вследствие неблагоприятного рельефа, сказывающегося в резком повышении одной террасы над другой.

-следует приписать второй террасе VIII баллов сейсмической опасности, третьей террасе и делювиальному шлейфу – VII баллов.

-полосы шириной в 50 м по линии примыкания первой и второй террас и шириною 100 м по линии примыкания второй и третьей террас должны быть отнесены к VIII-балльной степени сейсмической опасности. Эти полосы рациональнее всего исключить из строительной площадки, отведя их под бульвары, сады и прочее.

-«надлежит административные, общественные и бытовые здания располагать в пределах третьей террасы и предгорного делювиального шлейфа. Для фабрично-заводских зданий было бы целесообразно отвести площади второй террасы».

При составлении Генплана эти рекомендации были учтены – основная часть застройки в виде четырехэтажных зданий была запланирована на третьей террасе левобережья, промышленные здания (текстиль комбинат, мясокомбинат и др.) были расположены на второй террасе левобережья. Застройка правобережной части города в первом Генплане не предусматривалась.

Необходимо отметить, что в то время район Душанбе на карте сейсмического районирования СССР был отнесен к 7-балльной зоне.



Рис. 1. Схема сейсмического микрорайонирования территории Душанбе по В.О. Цшохеру: 1 - не подлежит застройке; 2-7 баллов; 3-8 баллов.

Второе сейсмическое микрорайонирование левобережной части территории Душанбе было выполнено в 1948 г, проф. С.В. Медведевым для Московского Горстройпроекта перед разработкой второго генерального проекта города.

Приращение балльности на одном грунте по отношению к другому определялось по полуэмпирической формуле1) где: - приращение балльности на грунтах, с плотностью в которых сейсмические волны распространяются со скоростью , по сравнению с эталонными грунтами, имеющими соответственно скорость и плотность ; h- глубина уровня грунтовых вод; - коэффициент (для гравия 0,5, для супесей, суглинков и песков 1.

Так как грунты второй и третьей террас-лессы с близкими свойствами, сейсмичность их установлена одинаковой и равной средней балльности района Душанбе на карте сейсмического районирования СССР, а именно - 8 баллам. При этом отмечалась несколько пониженная (на 0,2 балла) сейсмичность второй террасы.

Сотрудники сектора инженерной сейсмологии бывшего Института сейсмостойкого строительства и сейсмологии АН Таджикской ССР в 1970 -1974 гг (Л.А Коган, В.А Нечаев, Романов О.А. исследовании проявления сейсмического эффекта на территории г. Душанбе, усовершенствовали методы прогнозирования сейсмической опасности и одновременно уточнили карту сейсмического микрорайонирования столицы республики г Душанбе [8].

Таким образом, вторая карта сейсмического микрорайонирования значительно отличалась от первой карты В.О. Цшохера и была во многом противоположна ей (табл.1).

Таблица I

Сравнение сейсмичности второй и третьей террас Душанбе покартам сейсмического микрорайонирования В.О. Цшохера и С.В. Медведева

Авторы карты	Сейсмичность в баллах	
	2-й терассы	3-й терассы
В.О.Цшохер	8	7
С.В.Медведев	7,8	8,2

ЛИТЕРАТУРА

1. Ликвидация последствий Ташкентского землетрясения. Ташкент ФАН, 1973.
2. Б.Б. Бегиев, В.А.Нечаев Инженерно-сейсмометрическая служба г.Душанбе в 1967-1970 гг. Душанбе, «Дониш», 1971.
3. В.И. Бунэ, Ю.А. Мамадалиев, В.Н. Агафонов Сейсмический режим Гиссарской долины. Глубинное строение и землетрясения Таджикистана. Душанбе 1968. С.56-67.
4. А.А. Мусаэлян Инженерно-геологическое и сейсмическое районирование г.Душанбе. Сб. «Механика грунтов», вып. 1 (14), ТИССС, Душанбе, 1966.
5. В.О. Цшохер Сейсмическое районирование городов и нормы антисейсмического строительства. Тр. СИ АН СССР, №85, 1938.
6. П.И. Полевой. Некоторые данные о японском землетрясении 1 сентября 1923 г. Изв. физ.-мат. ин-та Российской АН, т.1, 2, Ленинград, 1924.
7. И.В. Мушкетов, А.П. Орлов Каталог землетрясений Российской империи. Зап. Рус. географ. о-ва, Петербург, 1893.
8. Л.А. Коган, В.А. Нечаев, О.А. Романов Сейсмическое микрорайонирование в Таджикистане. Душанбе, 1974. 380с.

СЕЙСМИЧЕСКОЕ МИКРОРАЙОНИРОВАНИЕ ТЕРРИТОРИИ г. ДУШАНБЕ

В статье описаны этапы проведения работ по сейсмическому микрорайонированию г. Душанбе. На этой основе показаны возможности строительства жилищных и производственных зданий и сооружений на различеных участках г. Душанбе. В условиях Таджикистана при строительстве инженерных сооружений необходимо учитывать сейсмическое воздействие, т.к. республика Таджикистан находится в зоне активных сейсмических проявлений. Следует отметить, что каждое сооружение, согласно строительным нормам надо рассчитывать на сейсмические нагрузки. В 1937 году первое сейсмическое микрорайонирование территории г. Душанбе было выполнено профессором Цшохером В.О. и был составлен генеральный проект планировки города.

Ключевые слова: сейсмическое микрорайонирование, город, градостроительство, сооружение, строительство, территория.

ЗИНАҲОИ ЗИЛЗИЛАСАНҶИИ СЕЙСМИКИИ Ш. ДУШАНБЕ

Дар мақола зинаҳои зилзиласанҷии сейсмикии шаҳри Душанбе тасвир карда шудааст. Дар ин замина, имкониятҳои сохтани манзил ва биною иншооти истеҳсолӣ дар бахшҳои гуногуни шаҳри Душанбе нишон дода шудаанд. Дар Тоҷикистон сохтмони иншооти муҳандисӣ бояд таъсири

сейсмикиро ба назар гирад, зеро Ҷумҳурии Тоҷикистон дар минтақаи зуҳуроти фаъоли сейсмикӣ қарор дорад. Бояд қайд кард, ки ҳар як сохтор мувофиқи меъёрҳои сохтмон бояд ба бори сейсмикӣ ба назар гирифта шавад. Соли 1937 аввалин зинаҳои зилзиласанҷии сейсмикии шаҳри Душанбе аз ҷониби профессор Сшохер В.О. гузаронида шуда, нақшаи умумии банақшагирии шаҳр тартиб дода шуд.

Калидвожаҳо: Микроноҳиясозии сейсмикӣ, шаҳр, шаҳрсозӣ, бино, сохтмон, қаламрав.

SEISMIC MICRODISTRICTING OF DUSHANBE CITY

The article describes the stages of work on seismic micro districting in Dushanbe. On this basis, the possibilities of construction of residential and industrial buildings and structures in various parts of Dushanbe are shown. In Tajikistan, when building engineering structures, it is necessary to take into account the seismic impact, since the Republic of Tajikistan is located in the zone of active seismic manifestations. It should be noted that each structure, according to construction standards, should be counted on seismic loads. In 1937, the first seismic micro districting of the city's territory took place. Dushanbe was performed by Professor Shoher V. O. and was made a General draft plan of the city.

Keywords: seismic micro districting, city, urban planning, construction, building, territory.

Сведения об авторах: ***Эмомалиев С.М., Мараджабов И.И., Окилшоев Х.С., Махмадалиев М.*** – магистры Института геологии, сейсмостойкого строительства и сейсмологии Академии наук Республики Таджикистан. Телефоны: **918-41-01-61; 904-25-73-43**

Information about the authors: ***Emomaliev S. M., Marajabov I. I., Okilshoev H. S., Mahmadaliev M.*** – graduate students of the Institute of Geology, earthquake resistance construction and seismology of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan. Phones: **918-41-01-61; 904-25-73-43**

БИНОКОРӢ ВА МЕЪМОРӢ ДАР АСРҲОИ XI-XII

Кахоров И. М.
Таджикский национальный университет

Аз асрҳои XI-XII миқдори зиёди осори меъмории мӯҳташам то замони мо омада расидааст. Ин албатта, бесабаб нест. Агар теъдоди ин биноҳои таърихӣ бо маълумоти роҷеъ ба сохтмони қасрҳо, масҷидҳо, ҳаммомҳо ва ғайра муқоиса карда шавад, овони авҷи бинокорӣ будани давраи мавриди тадқиқи мо маълум мегардад. Зимнан, ин яке аз тазоҳурот ва далелҳои рушди шаҳрҳо, истеҳсолоти молӣ, тиҷорат, инкишофи қувваҳои истеҳсолкунанда, пешрафти умумии иқтисодиёт мебошад. Вале ин давра на танҳо бо миқдори иморатҳо, балки бо пешрафти минбаъдаи афкори меъморӣ, усулҳои нави нақшакашиву тарҳрезӣ ва комёбиҳои соҳаи ороиши биноҳо шоёни таваҷҷӯҳ аст. Дар сохтмони бошукӯҳи ин давра хишти пухта нисбат ба пештара мавқеи муҳимро касб менамояд. Дар айни замон, масолеҳи бинокории пешина, аз қабили похса ва хишти хом, билхусус дар иморати қалъа, кӯшк ва қасрҳо ба таври васеъ истифода мешавад. Гоҳо дар бинокорӣ ҳам хишти хом ва ҳам хишти пухтаро дар як вақт ба кор мебаранд. Девори биноро аз хишти хом ва гунбади онро аз хишти пухта месозанд ва ё девори аз хишти хом сохташударо бо хишти пухта рӯкаш мекунанд.

Намунаи хеле ҷолиби чунин сохтмон Қалъаи болои райони Исфараи Тоҷикистон мебошад [1]. Ин кӯшккалъа, ки дар асрҳои VI-VIII бино ёфта, дар асри X хароб гардида буд, дар асрҳои XI-XII дубора таъмир ва хеле мустаҳкам карда шуд. Ҳангоми таъмир хишти хом ва похсаро истифода намуда, бо хишти пухтаи дар маҳлули гаҷ хобондашуда рӯкаш кардаанд. Системаи мудофиавии аввала (асрҳои VI–VIII) бо сохтани ду манораи росткунҷа дар тарафи даромадгоҳи шарқии қалъа боз ҳам қавитар карда шуд. Дар асрҳои XI-XII он аз як хонаи калони расмӣ, ҳавлича ва ду қатори хонаҳои дарун ба даруни ҳамдолон иборат буд. Болои хонаҳоро гунбазҳои аз хишти хом сохташуда мепӯшиданд. Инро метавон инкишофи эҷодии

тарҳи меъмории замони гузашта номид. Долони иморат ҳамчун ҳавличаи чароғон ба равшаной таъмин кардани хонаҳоро ҳал менамуд ва ҳар хона аз панҷараи дар ё худ аз тирезаи болои он равшан мешуд. Бояд қайд кард, ки аз қалъа шишаи мусаттаҳи тирезаи мансуб ба он замин ёфт шудааст. Он вақтҳо дигар васила ва заруроти зист низ вуҷуд доштанд, дар саҳни суфа чоҳҳои амиқе барои рехтани ахлот ва партовҳо канда, болои онҳоро бо хишти хом мустаҳкам мекарданд ва рӯи онро бо сарпӯши чӯбии гиландуд мепӯшиданд. Дар ин давра сохтмони қасрҳо хеле вусъат ёфт. Қасрҳои ҳокимони Хатлон, Тирмиз ва амирони ғазнавӣ, ки аз тарафи бостоншиносон дар Ҳулбук (ҷануби Тоҷикистон), Тирмиз, ҳаволии Ғазна ва Лашкари Бозор кашф шудаанд, дар ин бора гувоҳӣ медиҳанд.

Қасри Ҳулбук [2] дар даруни арки шаҳр воқеъ гардидааст. Ин мавқеъ бисёр хусусиятҳои онро муайян менамояд. Қаср дар рӯи суфаи баланде сохта шуда, аз маҷмӯи мураккаби биноҳои расмӣ иқоматӣ ва хоҷагӣ иборат аст. Вай асосан аз похса ва хишти хом сохта шуда, дар баъзе ҷойҳо, дар рӯкаши току деворҳо ба кор бурда шудааст. Аз васоити зист ташноб ва чоҳи хокрӯбаи гунбазчадор (монанди Қалъаи Боло) ва системаи гармкунандаи манзилро, ки аз зери иморат гузаронида шудааст, метавон ном бурд. Қаср ороишоти фаровоне дорад. Хусусан ҷойҳои кандакории он, ки аз нақшу нигори ҳандасиву наботӣ ва катибаҳои аҷоибе фароҳам омадааст, хеле ҷолиб мебошад. Дар бисёр қисматҳои ин нигоришот рангубори он маҳфуз мондааст. Ба ҷойҳои кандашуда рангҳои нилобӣ ва сурх додаанд, ки хеле назаррабо буда, аз завқи баланди ҳунармандони он замон гувоҳӣ медиҳад. Устоҳои гулдаст дар вақти ба фарши хона «паркетвор» чидани хиштҳои пухта низ хеле ҳунарнамой кардаанд. Ин қаср мавҷудияти худро дар давоми асрҳо нигоҳ дошта, борҳо таъмир ва тармим ёфтааст. Дар асри XI қисми ҷанубии нисбатан баландтари он аз маҷмӯи иморатҳое иборат буд, ки бо ду долони васеи тоқдор чор тақсим мешуд. Гурӯҳи иморатҳои шимолии қаср қадре поинтар воқеъ гардида, онро роҳраве, ки ба яке аз долонҳои тоқдори қисми ҷанубӣ мебурд, бурида мегузашт. Системаи мудофиавии қалъаи Ҳулбук маҳфуз намондааст. Маълум, ки ҳам Қалъаи Боло ва ҳам қасри Ҳулбук дар як вақт ду вазифаро адо мекарданд: ҳам қаср ва ҳам қалъа буданд, ки ин масоҳат ва намуди онҳоро муайян кардааст.

Дигар се қасре, ки мо дар боло ном бурдем, аз ин қасрҳо фарқ доранд. Онҳо озодона дар майдони васеъ ҷой гирифта, ягон вазифаи мудофиавиро адо намекарданд. Қасри берунишаҳрии дар наздикии Ғазна воқеъгардида, [3] ки қароргоҳи Масъуди Ғазнавӣ (Масъуди III, 1099-1115) буда, сохтмони он тибқи яке аз катибаҳо, соли 1112 анҷом ёфтааст, хеле бошукӯҳ ва олист. Майдони қаср ба шакли зузана буда, бо девор иҳота шудааст. Дар миёнҷои майдони қаср ҳавлии калоне воқеъ гардидааст, ки дарозиаш 50,6 метр ва бараш 31,9 метр мебошад. Қисми марказии онро ба масоҳати 40,4 X 23,5 метр мармар фарш намуда, дар гирди он низ аз тахтасангҳои мармарӣ роҳрави васеъ сохтаанд. Дар чор тарафи ҳавлӣ чор айвон сохта шудааст. Яке аз ин айвонҳо дарозрӯя буда, ҳамчун даҳлези даромадгоҳ хизмат мекард ва айвони рӯбарӯи он ба толори салтанатӣ мебурд. Дар ин айвонҳо 32 тоқи вуруд мавҷуд аст, ки ба утоқи манзилҳои гуногуни қаср роҳ мекушояд. Нақшу нигорҳои тарафи беруни ин тоқҳо бисёр зебост. Қисми поинтари онҳо мармаркорӣ шуда, бо нақшҳои ҳаккокии ҳандасию наботӣ ва катибаҳои куфӣ ороиш ёфтааст. Ҳусни хати навиштаҷот хеле ҷалӣ ва нафис буда, мазмунан қасидаҳои тоҷикиву форсианд, ки дар мадҳи ҳокимони Ғазнавӣ гуфта шудаанд. Ин яке аз қадимтарин осори катибаи форсӣ ба шумор меравад. Қисми болои девор ва гунбади тоқҳо бо гилгул ва сафолҳои кандакоришудаи зарду сурху кабудранг зинат ёфтааст. Қасри берунишаҳрии дигар дар шаҳристони қадимаи Тирмиз кашф гардид **[4].** Ин ҷо дар миёни ҳавлӣ, рӯ ба рӯи айвоне, ки вазифаи даромадгоҳи толори қабулро адо мекард, ҳавзе вуҷуд дошт. Толори қабул аз бинои калони ростқунҷае иборат буд, ки ду қатор

сутунҳои ғафси росткунҷа онро ба се қисмат ҷудо менамуд. Девору сутунҳо бо хиштҳои пухтаи нақшин ва кандакоришуда чунон рӯкаш гардида буданд, ки дар пеши назар нақшу нигори барҷаста ва хеле зеборо намоён мекарданд. Дар асри XII тамоми ин ороишоти хиштӣ бо гулгаҷ пӯшида шуд. Нақшу нигори рӯи гаҷ ба лавҳаҳои васеи росткунҷа тақсим гардида, ҳар як лавҳа бо шаклҳои гуногуни ҳандасию наботӣ, тасвирҳои асотирии ҳайвонот ва катибаҳо зебу зинат пайдо менамуд. Мо дар хусуси тарҳи маҷмӯи мураккаби осори меъмории Лашкари Бозор **[5]** таваққуф накарда, фақат фаровонӣ ва гуногунии ороишоти онро хотирнишон месозем. Дар ин ҷо хусусан намунаҳои ҳунари нақкошӣ ва суратгарӣ ҷолиб аст. Дар девори толори қабул қариб 50 сурати сарбозони мусаллаҳ аз гвардияи подшоҳони Ғазнавӣ боқӣ мондааст. Сурат ва нақшу нигорҳои деворӣ дар толори дигар ҳам, ки, зоҳиран базмгоҳ будааст, маҳфуз мондаанд. Дар лавҳаҳои инҷо дарбориёни воломақом тасвир ёфтаанд ва дар яке аз сутунҳо сари хамидаи ҷавоне кашида шудааст. Нақшҳо ҳама сатҳианд. Бар тибқи маълумоти сарчашмаҳо, дар аҳди Ғазнавиён ин сабки ҳунари нақкошӣ хеле интишор ёфта буд.

Яке аз беҳтарин осори меъмории асри XI Работи Малик мебошад. Даруни ҳавлиро манзилҳои камбари якхела иҳота кардаанд, девори атрофи он аз кулӯх, вале рӯйкаши он сардарӣ ва болои манораҳои кунҷӣ аз хишти пухта сохта шудааст. Девори даромадгоҳи асосӣ, ба тақлиди қалъа андаке нишеб буда, бо нақшҳои рахдор, ки нимсутунҳои фурӯнокро пеши назар меоранд, ороиш ёфтааст. Дар ороиши сардарӣ ҳар гуна нақшҳои барҷаста аз хишт, гил сафолҳои кандакоришуда ва катибаҳои аз қасри Ғазна қадимтари форсӣ истифода шудааст. Дар Работи Малик анъана ва падидаҳои навин чунон мутаносибан ба ҳам омехтааст, ки махлути унсурҳои гуногун будани нақшҳои девор ва ороишоти сардарӣ ҳеҷ эҳсос намегардад. Осори динию парастишӣ, аз қабили масҷид, манора, хусусан мақбараҳо нисбатан бештар боқӣ мондаанд. Масҷиди Деггарони деҳаи ҳазора (наздикии Бухоро) бинои мукаабшаклест бо гунбази мобайнӣ, ки ба чор пояи мудаввар устувор аст ва дарҳои паҳлуии вай қуббачаҳо дорад. Масҷиди Тирмиз аввалҳо ба намуди айвони кушоди сегунбаза буд, баъдтар миқдори сутунҳо ва гунбазҳои болои онҳо зиёдтар карда шуда, он ба бинои пӯшида мубаддал гардид. Масҷиди Маҳоки Аттори Бухоро (асри XII) шаш сутунпоя, дувоздаҳ қубба ва тоқи вуруд дорад. Гунбази марказии масҷиди Лашкари Бозор рӯи чор сутун қарор гирифта, паҳлударҳои он бо якчанд қуббачаҳо пӯшида шудааст. Манораҳои онзамон аз ҷиҳати шакл ва таносуб хеле гуногунанд: манораи Бухоро мудавваршакл, бузург ва мӯҳташам аст, манораи Вобканди наздикии Бухоро таносуби тамоман дигари бисёр мавзун ва муназзам дорад. Сари манораи Ҷарқӯрғон (воҳеъ дар вилояти Сурхондарёи Ӯзбекистон) бо раҳҳои чин-чин зинат ёфтааст. Манораи Масъуди III дар наздикии Ғазна ба шакли ситора сохта шудааст. Манораи Ҷом дар асоси худ ҳаштрӯя аст ва се қисмати мудаввари он торафт борик шуда, то боло мерасад. Мақбараҳои онвақтаи ашхоси динӣ ва омӣ ё тамоман аз хишти пухта ва ё аз омехтаи хиштҳои пухтаву хом бино ёфтаанд. Мақбараҳо гунбазнок буда, дар доштанд ва гоҳо бедар ҳам мешуданд. Яке ба дигаре монанд набуд, ҳар кадом шаклу намуди махсуси худро дошт, ҳамон як марому мақсад дар ҳар яке ба таври худ таҷассум меёфт. Мақбараҳои султон Санҷар дар Марв ва Абӯсаид дар Майхона (Туркманистон), мақбараи Қарохониён дар Ӯзганд (Қирғизистон), мақбараҳои деҳоти Сайёд ва Хоҷа Нақшрон дар наздикии шаҳри Турсунзода, сохтмонҳои меъмории Чоркӯҳ (Тоҷикистон) ва ғайра саҳифаҳои махсус ва дурахшони таърихи санъати меъмории Осиёи Миёна аст, ки меъморон ва бинокорони асрҳои XI-XII музайян намудаанд. Дар ин давра ҳунари амалӣ ҳам ба пояи баланди такомули худ мерасад. Намунаҳои ҳаккокии рӯи гаҷ, чӯб ва мармар, инчунин сафолҳои кандакоришуда хеле олӣ ва бошукӯҳанд. Устоҳои гулдаст дар сохтани нақшҳои ҳандасию наботӣ ва тасвири асотирии ҳайвонот ҳунарнамоии

ҳайратангезе кардаанд. Хусусан катибаҳои гулхатти куфӣ ва насх диққати ҳар бинандаро ба худ мекашад. Нақшу нигори хеле ҷолиб ва дилчасп гоҳо бо оддитарин воситаҳо ба ҳар шакл чидани хиштҳо ва дар нақшҳо истифода намудани хиштрезаҳои тарошида ва суфта ба вуҷуд оварда мешуд. Дар сабк ва тариқи ороишоти сохтмонҳои бошукӯҳи ин замон анъанаи давраҳои гузашта давом ва инкишоф ёфта, дар айни вақт навоварии устоҳои бинокор низ ба назар мерасад. Омезиши анъана ва навпардозӣ дар зебу зинат ва ороиши ёдгориҳои меъмории асрҳои XI-XII ҷиҳатҳои ба худ хос ва такрорнашавандае бахшидааст.

АДАБИЁТ

1. Археологический очерк Исфаринского района [Текст] / Е. А. Давидович, Б. А. Литвинский. - Сталинабад: Изд-во Акад. наук Таджик. ССР, 1955. - 231 с., 2 л. план: ил.; 25 см. - (Труды/ Акад. наук Таджик. ССР. Ин-т истории, археологии и этнографии; Т. 35).
2. Археологический очерк Исфаринского района [Текст] / Е. А. Давидович, Б. А. Литвинский. - Сталинабад: Изд-во Акад. наук Таджик. ССР, 1955. - 231 с., 2 л. план: ил.; 25 см. - (Труды/ Акад. наук Таджик. ССР. Ин-т истории, археологии и этнографии; Т. 35).
3. Ходжакулиева Б. А. Значение Южно-Туркменистанская археологическая комплексная экспедиция в деле изучения истории Парфии // Молодой ученый. - 2013. -№4. - С. 463-465. - URL https://moluch.ru/archive/51/6514/ (дата обращения: 02.03.2019).4. Жуков В.Д. Материалы к изучению Баш-тепин - (200/201)
4. Пугаченкова Г.А. Элементы согдийской архитектуры на среднеазиатских терракотах // Тр. Ин-та истории и археологии АН УзССР. Материалы по археологии и этнографии Узбекистана. Т. 2. Ташкент: Изд-во АН Уз ССР, 1950.

БИНОКОРӢ ВА МЕЪМОРӢ ДАР АСРҲОИ XI-XII

Дар мақолаи мазкур муаллиф дар бораи бинокорӣ ва меъморӣ дар асрҳои XI-XII сухан рондааст. Миқдори зиёди осори меъмории мӯҳташам аз асрҳои XI-XII то замони мо омада расидааст. Ин албатта, бесабаб нест. Агар теъдоди ин биноҳои таърихӣ бо маълумоти роҷеъ ба сохтмони қасрҳо, масҷидҳо, ҳаммомҳо ва ғайра муқоиса карда шавад, овони авҷи бинокорӣ будани давраи мавриди тадқиқоти мазкур маълум мегардад. Зимнан, ин яке аз тазоҳурот ва далелҳои рушди шаҳрҳо, истеҳсолоти молӣ, тиҷорат, инкишофи қувваҳои истеҳсолкунанда, пешрафти умумии иқтисодиёт мебошад. Вале ин давра на танҳо бо миқдори иморатҳо, балки бо пешрафти минбаъдаи афкори меъморӣ, усулҳои нави нақшакашиву тарҳрезӣ ва комёбиҳои соҳаи ороиши биноҳо шоёни таваҷҷӯҳ аст. Дар сохтмони бошукӯҳи ин давра хишти пухта нисбат ба пештара мавқеи муҳимро касб менамояд. Дар айни замон, масолеҳи бинокории пешина, аз қабили похса ва хишти хом, билхусус дар иморати қалъа, кӯшк ва қасрҳо ба таври васеъ истифода мешавад.

Калидвожаҳо: бинокорӣ, меъморӣ, иморат, нақшакашӣ, тарҳрезӣ, шаҳр, ороиши биноҳо, тиҷорат.

